Т. Н. ЗИЁЕВ

# ТАЪРИХИ УМУМӢ



7


1492


1498


1507


1519


1532-1535


1566-1609


1640-1649


1773


1776


1776


1789


1792


1792-1793


1799


1700-1721


1709


1812-1813


1812

Т. Н. ЗИЁЕВ

# ТАЪРИХИ УМУМӢ

## Таърихи нав, давраи аввал
## (аз нимаи дуюми асри XV то миёнаи асри XIX)

**Китоби дарсӣ барои синфи 7**

*Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

Кыргыз Республикасы
Лейлек райондук
билим берүү бөлүмү
АНДАРАК
ОРТО МЕКТЕБИ
Республика
СРЕДНЯЯ ШКОЛА
АНДАРАК
«......» .............. 19 ..... ж.г.
№ 4914

ДУШАНБЕ
МТЛ ОРЕС
2003

ББК 63.3 (2) я 72
З-57

Китоби мазкур аз ҷониби Маркази татбиқи лоиҳа доир ба нашри адабиёти таълимӣ тавассути маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

*Т.Н. Зиёев.* **Таърихи умумӣ**. Китоби дарсӣ барои синфи 7. — Душанбе: МТЛ ОРЕС, 2003. 328 саҳ.

Муҳаррирон:
***Худойдодов А., Нуруллоев М., Назаров С.***

Муқарриз:
*доктори улуми таърих, профессор*
***Шарофиддин Имомов***

© Зиёев Т.Н., 2003.

# МУҚАДДИМА

Хонандагон аз таърихи дунёи кадим ва асрҳои миёна оид ба пайдоишу ташаккули давлат ва ба табақаҳои ҷамъиятӣ ҷудо шудани одамон аллакай маълумот доранд. Он вақт олоти меҳнат такмил ёфта, маданияти моддию маънавии ҷомеа хеле пеш рафта буд. Чунин маълумотҳоро хонандагон ба таври мушаххас ҳангоми омӯзиши таърихи давлатҳои дунёи қадим — Сумеру Аккад, Бобулу Ошур, Ҳиндустону Чин, Мисру Хеттҳо, Финикияю Фаластин, Ҳахоманишиёну Бохтар, Хоразму Урарту, Юнону Рим, давлатҳои қадими Америка ва асримиёнагии Фаронсаю Англия, Ҳоландияю Руси Киев, Эрону Арабистон, Олмону Итолиё, Византию Туркия ва давлатҳои дигар ба даст оварда, барои омӯзиши таърихи нав замина гузоштаанд.

Дар фарорасии давраи нави таърихи башар маданияти Эҳё, кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ, Реформатсияи Аврупо, империяи Византия, инқилоби буржуазии Нидерландия ва инқилоби буржуазии Англия саҳм гузоштаанд. Лекин сабабгори асосии пайдоиши давраи нав маданияти Эҳё мебошад. Давраи Эҳё имконият дод, ки муносибатҳои сармоядорӣ ба вуҷуд оянд. Пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ ба инсоният кашфиётҳои бузурги ҷуғрофиро ҳадя намудааст. Китоби дарсии мазкур аз пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ, кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ва инқилоби буржуазии Нидерландия оғоз ёфта, дар миёнаи асри XIX хотима меёбад.

Ҳар як давраи таърихӣ нишонаю хусусиятҳои хоси худро дорад. Аз он ҷумла давраи нав низ. Дар охири асрҳои миёна ва оғози давраи нав мардуми Аврупо ба тарафи маданияти атика рӯ оварданд. Дар ин қитъа давлат аз тобеияти калисо ва дин озод мешавад. Аз асрҳои XV–XVII сар карда оҳиста-оҳиста ҷои истеҳсолоти сеҳӣ-косибиро истеҳсолоти мануфактурӣ ишғол мекунад. Дар асри XVIII мошинҳои механикии пурмаҳсули корӣ ихтироъ ва дар истеҳсолот ҷорӣ карда шуданд. Дар нимаи дуюми ин аср бошад, дар мамлакатҳои пешқадами Аврупо, пеш аз ҳама, дар Англия табаддулоти саноатӣ ба амал меояд, ки он ба ҳаёти ҷомеа таъсири калон мерасонад. Дар натиҷаи ин раванд гурӯҳҳои иҷтимоии нав — корчаллонҳо, соҳибкорон, бонкдорон, коргарони кироя ва зиёиёни буржуазӣ ташаккул меёбанд.

Пешрафти нерӯҳои истеҳсолкунанда қариб дар ҳамаи давлатҳои пурқуввати феодалӣ бӯҳрони иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Тарзи феодалии идораи давлат ва муносибатҳои истеҳсолӣ ба нерӯҳои истеҳсолкунандаи нав ва табиати табақаҳои ҷадиди

ичтимоӣ мувофиқат намекарданд. Акнун дар муқобили ҳокимияти истибдоди асримиёнагӣ нерӯҳои ҷадиди ҷомеа меистоданд. Онҳо дар истеҳсолот, тиҷорат ва маънавиёт озодии шахсро талаб мекарданд.

Дар асрҳои XVI-XVIII дар Америкаи Лотинӣ, Осиё ва Африқо нерӯҳои истеҳсолкунанда ниҳоят суст пеш мерафтанд. Дар ин давра, махсусан, дар таркиби ичтимоии ҷомеа ва низоми идораи давлатии мамлакатҳои Осиё ва Африқо қариб тағйироте ба амал наомад. Ин ҳолат ба давлатҳои абарқудрати Аврупо ва ИМА бартарии комил муҳайё сохт. Онҳо метавонистанд давлатҳои сустро бе мушкилии зиёд ба мустамликаҳои худ табдил бидиҳанд.

Баъди табаддулоти саноатии нимаи дуюми асри XVIII нерӯҳои истеҳсолкунандаи давлатҳои абарқудрати Аврупо ва ИМА чунон пеш рафтанд, ки майдони фаъолияти онҳо дар дохили давлат тангӣ кард. Ин ҳолат ба сиёсати хориҷии онҳо таъсири бевосита мерасонид. Ба иттиҳодияҳои инҳисорӣ (монополистӣ) муяссар гардид, ки барои ба даст даровардани бозорҳои молфурӯшӣ, манбаъҳои ашёи хом ва захираҳои қувваи арзони корӣ сиёсати хориҷии давлатро тағйир диҳанд. Ҳамин тариқ, давлатҳои абарқудрат ба хизматгори сармояи инҳисорӣ мубаддал гашта, манфиатҳои давлатҳои империалистӣ ва ширкату бонкҳоро ҳимоя мекарданд.

Барои давлатҳои империалистӣ Америкаи Лотинӣ, Осиё ва Африқо ҷои сердаромад буд. Англия, Фаронса, Олмон, Италиё, Ҳоланд, Русия ва баъзе давлатҳои дигар дар ин қитъаҳо ба забти мустамликаҳо шурӯъ карданд. Агар дар асрҳои XV-XVIII баъзе давлатҳои Аврупо, ба монанди Испониё, Португалия, Ҳоланд ва Англия ба як қатор давлатҳои Осиё ва Африқо сар даровард бошанд, дар асри XIX ба мустамлика табдилёбии мамлакатҳои қитъаҳои мазкур ба таври оммавӣ сурат гирифт.

Дар натиҷаи фаъолияти ширкатҳо ва бонкҳои хориҷӣ дар мамлакатҳои мустамлика қувваҳои истеҳсолкунанда то як андоза пеш рафта, нерӯҳои сиёсии миллиро ташаккул доданд. Ғорати боигариҳои миллӣ ва истисмори бемислу монанди мамлакатҳои мустамлика, ҳисси бедории миллӣ ва шуури истиқлолиятхоҳии мардумро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа халқҳои мустамликаҳо ба муборизаи миллию озодихоҳӣ бархостанд.

# ФАСЛИ I
# МАМЛАКАТҲОИ АВРУПО ВА АМЕРИКА ДАР АСРИ XV –НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

## БОБИ I
## ПОЙДОР ШУДАНИ СОХТИ САРМОЯДОРӢ

### §1. ПАЙДОИШИ МУНОСИБАТҲОИ САРМОЯДОРӢ

**Таназзули сохти феодалӣ.** Давраи Эҳё дигаргуниҳои пешқадамро на танҳо дар фарҳанг ба вуҷуд овард, балки ба пешрафти нерӯҳои истеҳсолкунанда ҳам кӯмак расонида, ҷомеаи феодалиро ба бӯҳрон дучор намуд.

Дар асрҳои XV-XVI ба ҷои хоҷагиҳои натуралӣ хоҷагиҳои ба бозор робитадошта ба вуҷуд омаданд. Дар истеҳсолоти саноатӣ ҳокимияти инҳисорӣ доштани сехҳо, шаклҳои нави иқтисодӣ - муносибати иҷоравӣ дар деҳот, рушди саноати ғайрисехӣ, тобеияти он ба соҳибкор ва ҷудоӣ дар дохили сехҳо пайдо мешаванд. Ин навгониҳои иқтисодӣ аз тавлиди тарзи нави истеҳсолот – сармоядорӣ дарак медоданд.

Тарзи сармоядории истеҳсолот самараноктар баромад. Аз ин рӯ, вай оҳиста-оҳиста ҷои хоҷагиҳои кӯҳнаи каммаҳсули феодалиро мегирифт. Дар Фаронса, Англия, Олмон, Итолиё ва баъзе давлатҳои дигари Аврупо сохти сехӣ бемайлон таназзул кардан гирифт. Болоравии истеҳсолот ва васеъшавии бозор баробарии косибонро аз байн бурд. Ин баробарӣ дар байни косибон низ рӯ ба таназзул ниҳод. Сехҳои нисбатан бой сехҳои камбағалро ба худ тобеъ мекунониданд. Баъзе сехҳо ба пуррагӣ дар зери таъсири савдогароне монданд, ки молҳои онҳоро бо нархи арзон харида, ба бозорҳои дурдаст бурда, бо нархи қиммат мефурӯхтанд. Қисме аз сехҳо ба тоҷироне, ки онҳоро бо ашёи хом таъмин мекарданд, вобаста мешуданд, яъне аксарияти сехҳо ба коллективҳои меҳнатии тоҷирон табдил меёфтанд.

Дар охири асрҳои миёна тиҷорат дар шаҳрҳои Аврупо ривоҷ ёфт. Ба иттиҳоди Ганза ғайр аз шаҳрҳои Любек, Гамбург ва Бремен боз қариб 80 шаҳрҳои дигари Олмон дохил буданд. Дар ин шаҳрҳо муносибатҳои тиҷоратӣ ривоҷу равнақ ёфтанд. Ғайр аз ин дар шаҳри Лион ва шаҳрҳои музофоти Шампани Фаронса, шаҳрҳои Лейпсиг ва Франкфурти лаби Майни Олмон, Венетсияи Итолиё

ва дар як катор шаҳру мамлакатҳои дигари Аврупо бозорҳои калон –**ярмаркаҳо** кушода шуданд. Тоҷирон аз гӯшаю канорҳои Аврупо ва баъзе шаҳру давлатҳои дигар, аз он ҷумла Осиёи Марказӣ молҳои худро барои фурӯш ба ин ярмаркаҳо оварда, аз он ҷо молҳои барои шаҳру мамлакатҳои худ сермасрифро харидорӣ мекарданд..

Дар кори ярмаркаҳо фаъолияти **саррофон** аҳамияти калон дошт. 0нҳо ашхоси хеле даркорӣ ва асосӣ ба шумор мерафтанд. Бе саррофон кори хариду фурӯши тоҷирон пеш намерафт. Саррофон **қурб** ва **сифати пули** ин ва ё он давлатро муайян карда, маблағи тоҷиронро бо пули барои онҳо зарурӣ иваз намуда, бо ҳамин хариду фурӯши онҳоро осон мегардониданд. Дар натиҷаи фаъолияти саррофон бонкҳо ба вуҷуд омаданд. Бонкҳо ҳам амалиётҳои пулии дохилидавлатӣ ва ҳам тиҷорати байналхалқиро ба низом медароварданд.

Бонкдорони аввалини Аврупо итолиёвиҳо буданд. Вожаҳои **«бонк»**, **«банкир»**, **«кредит»**, **«ломбард»**, **«банкнот»**, **«банкрот»** ва истилоҳҳои бисёри дигаре, ки ҳамон вақт мавриди истифода қарор гирифта буданд ва феълан ҳам дар амалиёти корҳои бонкӣ ва **молия** истифода мешаванд, аз забони итолиёвӣ гирифта шудаанд.

Навгониҳои дар саноат, тиҷорат ва муносибатҳои пулию молӣ баамаломада, сабабгори таназзулёбии **истеҳсолоти феодалӣ** шуданд. Ин раванд танҳо мамлакатҳои пешқадами Аврупоро фаро гирифта буд. Мамлакатҳои дигари ҷаҳон, аз он ҷумла мамлакатҳои Шарқ ҳанӯз дар хоби ғафлати асримиёнагӣ буданд.

**Корхонаҳои сармоядорӣ.** Ҳамин ки ба **истеҳсолоти сармоядорӣ** шароит фароҳам омад, истеҳсолоти майдаи косибӣ ҷои худро ба он иваз намуд. Шакли аввали истеҳсолоти сармоядорӣ **манафактура** буд. Бо сабаби ба техника мусаллаҳ набудан он танҳо аз **меҳнати дастӣ** истифода мебурд. Дар баробари ин, манафактура нисбат ба косибӣ истеҳсолоти калонтар ба шумор мерафт. Дар байни **истеҳсолкунандагони** он **тақсимоти меҳнат** вуҷуд дошт. Дар ҷараёни истеҳсолот ҳар як корманд танҳо ҳиссаи меҳнати барои ӯ муайян кардашударо иҷро менамуд.

Истеҳсолоти манафактурӣ маҳсулнокии меҳнат ва сифати маҳсулотро хеле баланд кард. Дар чунин корхонаҳо коргарони кироя кор мекарданд. Баъзе аз онҳо бо мурури замон соҳиби манафактура мешуданд.

Ду намуди манафактураҳо мавҷуд буданд. Намуди якумро **манафактураи марказонидашуда** меномиданд. Дар чунин корхона тамоми корҳои истеҳсоли маҳсулот дар худи манафактура иҷро карда мешуданд. Манафактураи марказонидашуда аз рӯи баъзе



1. Манафактураи моҳутбарории англисии асри XVI

хусусиятҳои худ ба **фабрикаи** оянда шабоҳат дошт. Шакли дигари онро **манафактураи пароканда** меномиданд. Манафактураҳои пароканда нисбат ба манафактураҳои марказонидашуда сершумортар буданд. Шумо бо онҳо аллакай дар мисоли манафактураҳои моҳутбарории англисӣ, ки дар китоби дарсии «Таърихи асрҳои миёна» инъикос гардидааст, шинос шудаед. Дар чунин манафактураҳо косибон, кишоварзони камзамин ва ё безамин ба коргарони манафактураи хонагӣ табдил меёфтанд. Соҳиби манафактураи пароканда коргарони хонагиро аз ашёи хом таъмин мекард. Ин коргарон маҳсулоти тайёркардаашонро ба соҳибкор супорида, музди меҳнат мегирифтанд. Корҳои марбут ба тайёркунии ниҳоии мол дар бинои манафактура ба анчом мерасиданд.

Дар асрҳои XVI-XVII теъдоди манафактураҳо хеле афзуд ва дар байни онҳо рақобат ҳам оғоз ёфт. Ин раванд соҳибони манафактураҳоро маҷбур менамуд, ки маҳсулнокии меҳнатро зиёд ва арзиши аслии маҳсулотро кам кунанд. Аз ин рӯ, ҳаракат менамуданд, ки дар корхонаи худ аз **техникаи сермаҳсули механикӣ** истифода баранд. Олоти меҳнати пештараро такмил дода, ба самаранокии истеҳсолот муваффақ мешуданд.

Дар асри XV дар саноати бофандагӣ, металлургӣ ва кӯҳканӣ як дараҷа такмили техникӣ ба амал омад. Ихтирои муҳимтарин **дастгоҳ- чархи ресмонресӣ** ва татбиқи он дар саноати бофандагӣ ҳанӯз дар оғози пайдоиши саноати манафактурӣ - солҳои 80-уми асри XV ба амал омада буд. Ин олоти корӣ дар як вақт ду кор - ресидани нах ва калобакунии риштаро иҷро менамуд. Истифодаи чархи ресандагӣ дар манафактураҳои Англия, Нидерландия, Италиё ва Олмон қариб дар як вақт ҷорӣ гардида, баъд дар давлатҳои дигари Аврупо низ паҳн мешавад.

Дар ин давра дар кори кӯҳканӣ низ навигариҳои техникӣ пайдо шуданд. Чархи бо об ҳаракаткунанда ихтироъ карда шуд.

Об ба воситаи қубур ва новаҳои махсуси нишебрӯ ҷорӣ шуда, ба парраҳои чарх бархӯрда, онро маҷбур месохт, ки давр занад. Чархи бо об ҳаракаткунанда механизми ба он васлшударо ба ҳаракат медаровард, ки барои иҷрои кори муайян таъин гардида буд. Ин системаи механикӣ имконият фароҳам овард, ки маъдани дар чуқурии зиёд хобидаро канда, ба рӯи замин барорад. Истифодаи ин чарх истеҳсоли маъданро зиёд намуд.

Ихтирои **кураи домнагӣ** ҳаҷми гудозиши маъданро зиёд намуд. Бо ёрии чархи бо об ҳаракаткунанда ҳарорати кураҳои маъдангӯдозӣ зиёд карда шуд. Усули домнагии истеҳсоли маъдан дар нимаи дуюми асри XV аввалин маротиба дар Фаронса, Италиё ва Олмон истифода шудааст.

**Пайдоиши унсурҳои сармоядорӣ дар кишоварзӣ.** Дар кори кишоварзӣ ҳам баъзе унсурҳои сармоядорӣ тавлид меёбанд. Дар Англия, Фаронса, Итолиё, Олмон ва баъзе давлатҳои дигари Аврупо **хоҷагиҳои калони кишоварзӣ** ташкил карда шуданд. Масалан, дар Англия хоҷагиҳои **ленлордҳо** ба вуҷуд омаданд. Худи ленлордҳо бевосита ба кишоварзӣ машғул набуданд. Барои ин кор деҳқонони безамин ва ё камзаминро истифода мебурданд. Заминдорони калон аз заминҳои худ ба таври дигар ҳам даромад мегирифтанд. Заминҳояшонро ба **фермерҳои иҷоракор** ба иҷора дода, даромади соф ба даст медароварданд. Ҳамин тариқ, дар асрҳои XVI-XVII дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ **хоҷагиҳои фермерӣ** ба вуҷуд омаданд.

Фермерҳо дар зироаткорӣ аз **тухмпошак ва ғаллакӯбакҳои аспӣ** истифода мебурданд. Барои хушконидани ботлоқ заҳбурҳо мекофтанд. Ба заминҳои кишт натанҳо порӯи чорво, балки порӯҳои маъданӣ низ мепошиданд, ки маҳсулнокии зироатро зиёд мекарданд.

Дар чорводорӣ ҳам баъзе навигариҳо пайдо шуданд. Фермерҳо зоти говҳоро бо роҳҳои сунъӣ беҳтар ва саршумори ин гуна чорворо афзун мегардониданд. Фермерҳо ба миқдори зиёд пашм, гӯшт, чарм, равған, панир ва маҳсулоти дигари чорводорӣ истеҳсол карда, ба бозорҳо мебароварданд.



2. Хоҷагии фермер

Ин гуфтаҳо маънои онро надоранд, ки гӯё дар мамлакатҳои Аврупо хоҷагиҳои калони фермерӣ хоҷагиҳои хурду миёнаи деҳқониро танг карда,

чои онҳоро ишғол намуда бошанд. **Хоҷагиҳои калони фермерӣ** дар баробари **хоҷагиҳои хурду миёнаи кишоварзӣ** вуҷуд доштанд. Қисми зиёди маҳсулоти кишоварзиро ҳанӯз ҳам хоҷагиҳои майда ва миёнаи деҳқонӣ истеҳсол мекарданд. Онҳо маҳсулоти изофаро ба бозор бароварда, талаботи худро бо пул ва молҳои дигар қонеъ менамуданд.

Дар ҳамин давра дар аксарияти мамлакатҳои Шарқ хоҷагиҳои калони кишоварзӣ вуҷуд доштанд. Соҳибони онҳо заминҳои худро ба хоҳишмандон ба иҷора медоданд. Лекин чунин усули истифодаи замин он қадар маъмул набуд. Дар Шарқ асрҳои зиёд аз меҳнати кироя дар зироаткорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ истифода мебурданд. Чунин коргаронро **«чоряккор»**, **«панчяккор»**, **«шашяккор»** меномиданд. Андозаи музди меҳнати шахси кирояшуда чӣ қадаре, ки бо соҳиби замин маслиҳат шуда бошад, ҳамон тавр пардохта мешуд. Вале ин усули хоҷагидорӣ дар Шарқ ба кишоварзӣ унсурҳои сармоядориро ворид насохт. Кишоварзӣ дар Шарқ бо ин навгонӣ моҳияти натуралии худро гум накард ва аз доираи муносибатҳои истеҳсолоти феодалӣ берун набаромад.

**Пайдоиши буржуазия.** Тағйирёбии тарзи истеҳсолот ва гузариш аз сохти феодалӣ ба сохти сармоядорӣ буржуазияро тавлид сохт. Буржуазия дар муддати кӯтоҳ ба табақаи обрӯманди ҷомеа табдил ёфт. Дар радифи табақаҳои дигари ҷомеа буржуазия ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар доираи умумимиллии як қатор давлатҳои Аврупо ташаккул ёфта, барои пешрафти ҷомеа хизмати калон кардааст. Масалан, дар ташаккулёбии миллатҳои гуногуни Аврупои асрҳои XVI-XVII мақоми муҳимро иҷро намуд. Истеҳсолотро **мутамарказ** кард, **мубодилаи молро** ба роҳ монд, **робитаҳои иқтисодиро** дар миқёси мамлакати худ васеъ ва мустаҳкам кард, дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа мақоми торафт баландтарро иҷро менамуд. Вале бо вуҷуди ин дар ин давра дар Аврупо ҳокимият дар дасти феодалҳо ва сохти **истибдоди мутлақи** дворянӣ буд. Дар он шоҳ (корол) дворяни аввали мамлакат ва роҳбари дворянҳо, ҳимоятгари манфиатҳои ин табақа ба ҳисоб мерафт. Буржуазияи нав тавлидёфта ба ҳокимияти дворянии королҳо нафъовар буд. Королҳо аз сармоядорони буржуазӣ андоз ситонида, ҳокимияти худро то андозае мустаҳкам мекарданд. Аз ин сабаб корол нисбат ба буржуазияи ҷавон муносибати нек дошт. Буржуазия низ дар аввал нисбати корол даст ба зуроварӣ намезад.

Феодалҳои калон рақибони буржуазия буданд, чунки ҳар кадоми онҳо шакли истеҳсолоти бо ҳамдигар муқобилро ифода мекарданд.

**Сармояи буржуазия** бемайлон меафзуд. Ин ҳолат диққати ҳокимияти королро бештар ба худ ҷалб менамуд. Робитаҳои нави давлати мутамаркази феодалӣ бо буржуазия мустаҳкамтар мешуданд. Ин робита дар баровардани **вомбарги** давлатӣ, ҷорӣ намудани низоми андози **фиддиягӣ**, сиёсати пуштибонии буржуазия, ёрӣ ба буржуазия дар масъалаи кушодани манафактураҳо, васеъкунии тиҷорат ва ғайра ифода меёфтанд. Вале дар нимаи дуюми асри XVI ва асри XVII вазъият тағйир ёфт. Буржуазияи акнун сарватмандшуда барои васеъкунии фаъолияти иқтисодӣ ва дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ширкат варзидан кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ин ба манфиати табақаи феодалӣ мухолиф буд. Бинобар ин дар байни ин ду неру низоъ ба амал омад. Баъзе хусусиятҳои ин мухолифат дар **реформатсияи Олмон** ва **Ҷанги бузурги деҳқонии оғози асри XVI** дар Олмону Англия ва баъзе давлатҳои дигар баамаломада, ки моҳияти умумимиллӣ доштанд, ифода ёфтаанд. Яке аз чунин **ҳаракатҳои миллию озодихоҳона** (дар нимаи дуюми асри XVI) дар Нидерландия ба амал омад, ки оқибат ба ғалабаи **инқилоби буржуазияи миллӣ** анҷом ёфт. Натиҷаи ин ғалаба дар Аврупо ташкилёбии давлати аввалини буржуазӣ – Ҷумҳурии Ҳоландия мебошад. Ғалабаи инқилоби буржуазии Нидерландияи солҳои 1566-1609 нишон дод, ки буржуазия ҳамчун неруи пурзӯри сиёсӣ ба майдони мубориза баромадааст. Инқилобҳои буржуазии оянда низ дар ин бора шаҳодат медиҳанд.



3. Табақаҳои аҳолии Англия

Ҳамаи тағйиротҳои сиёсӣ, ки дар сохти давлатҳои қадим ва асрҳои миёна ба амал меомаданд, вазъи ҳуқуқии ҷомеаро мувофиқи талаботи аҳолӣ танзим карда натавонистанд. Оё буржуазия ба ин кор қодир аст? Оё вай метавонад, ки ҷомеаи ҳуқуқбунёд ташкил намояд ва ба ваҳдати сиёсии ҷомеа муваффақ шавад? Ба ин саволҳо натиҷаи фаъолияти буржуазия дар садсолаҳои оянда – асрҳои XVII-XIX ҷавоб медиҳад.

**Савол ва супоришҳо:** **1.** Тавассути кадом далелҳо исбот карда метавонед, ки дар асрҳои XV-XVI дар Аврупо сохти феодалӣ рӯ ба таназзул ниҳодааст? **2.** Дар байни сех ва манафактура чӣ фарқият вуҷуд дорад? **3.** Дар бораи ярмаркаҳо ва мақоми онҳо нақл кунед. **4.** Саррофон кистанд ва онҳо кадом вазифаро иҷро мекарданд? **5.** Чаро дар кори бонкҳо ва молия истилоҳҳо бо забони итолиёвӣ бисёранд? **6.** Корхонаҳои аввалини сармоядорӣ чӣ ном доштанд? **7.** Дар бораи манафактураҳои марказонидашуда ва пароканда маълумот диҳед. **8.** Коргарони кироя кистанд? **9.** Дар асрҳои XV-XVI дар истеҳсолот кадом навигариҳои техникӣ ҷорӣ гардиданд? **10.** Чархи ресмонресӣ чӣ вазифаҳоро иҷро мекард? **11.** Дар кӯҳканӣ ва маъдангудозӣ кадом асбобҳои нав истифода мешуданд? **12.** Исбот кунед, ки дар кишоварзӣ низ унсурҳои сармоядорӣ ба вуҷуд омаданд. **13.** Муносибати байни король ва буржуазия дар ибтидо чӣ хел буд? **14.** Фарқи байни феодал ва буржуазияро муайян кунед. **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §2-3. КАШФИЁТҲОИ БУЗУРГИ ҶУҒРОФӢ

**Сабабҳои кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ.** Давраи Эҳё ва оғози муносибатҳои сармоядорӣ ба пешрафти тиҷорати аврупоиён такони бузург дод. Тоҷирони аврупоӣ ба тиҷорати дохилӣ қаноат накарда, ба мамлакатҳои хориҷа рӯ оварданд. Аз давлатҳои Шарқ диққати онҳоро пеш аз ҳама Ҳиндустони афсонавӣ ҷалб намуда буд. Онҳо гумон доштанд, ки дар Ҳиндустон соҳиби тиллою нуқра ва дурру ҷавоҳироти зиёд мегарданд. Вале ба тиҷорати Ҳиндустон ва Чин кайҳо боз арабҳо ихтиёрдорӣ мекарданд. Онҳо молҳои аз мамлакатҳои Шарқ бо нархи арзон харидаашонро ба тоҷирони итолиёвӣ бо нархи гарон фурӯхта, даромади калон ба даст медаровrecovered.

Баъди он, ки соли 1453 туркҳо шаҳри Константинополро ишғол намуданд, тиҷорати аврупоиён бо давлатҳои Шарқ боз ҳам мушкилтар гардид. Туркҳои Усмонӣ роҳҳои тиҷоратиро ба Шарқ зери назорати худ гирифтанд. Аз ин рӯ, тоҷирони аврупоӣ маҷбур буданд, ки ба Туркия боҷи калон диҳанд. Бо воситаи ин роҳҳо кашонидани мол ба онҳо фоидаи калон намеовард.

Роҳи ягона ба Ҳиндустон аз Миср ва баҳри Сурх мегузашт. Вале арабҳо ин роҳро низ ба рӯи тоҷирони аврупоӣ бастанд. Ин тоҷирон акнун мета-



4. Португалиҳо оламро чунин тасаввур мекарданд.



5. Маллоҳи португалӣ бо асбоб ҷои исти киштиро муайян мекунад.

вонистанд танҳо то шаҳри Искандарияи Миср омада, хариду фурӯш кунанд. Лекин онҳо аз ин тиҷорат фоидаи ночиз мегирифтанд.

Аз тарафи арабҳо ва туркҳо бастани роҳҳои тиҷоратии аврупоиён королҳои давлатҳои феодалии мутараққии Аврупоро маҷбур сохт, ки роҳҳои дигари ба Ҳиндустон рафтани тоҷиронро ҷустуҷӯ намоянд.

Барои ба Ҳиндустон рафтан ба тоҷирони аврупоӣ лозим меомад, ки Африқоро давр зада, ба уқёнуси Ҳинд бароянд ва ё ки ба самти Ғарб ҳаракат карда, ба Ҳиндустон аз Шарқи Дур дохил шаванд. Вале ин роҳҳо ҳанӯз кашф нашуда буданд.

Олимони Аврупо донишҳои асримиёнагиро дар бораи сохти замин омӯхта, ба хулосае омаданд, ки он монанди шакли тухм аст ва агар ба тарафи Ғарб ҳаракат кунӣ, пас аз муддате аз тарафи Шарқ боз ба ҳамон нуқтаи аввала омада мерасӣ. Акнун барои аврупоиён вақти он расида буд, ки аз ин донишҳо истифода баранд. Пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ дар давлатҳои Аврупо бозори фурӯши мол ва сарчашмаҳои ашёи хомро тақозо мекарданд. Ин ҳолат ҷустуҷӯи роҳҳои нави ба Ҳиндустон рафту омад кардани тоҷиронро боз ҳам заруртару таъхирнопазир мегардонид.

**Кӯшишҳои аввали сафар ба Ҳиндустон.** Аз баҳри Миёназамин қад-қади соҳилҳои Португалия ба баҳри Шимолӣ ва Балтика роҳи муҳиме мегузашт. Дар бандарҳои Португалия киштиҳои зиёде лангар мепартофтанд. Тиҷорати баҳрӣ ва моҳигирӣ машғулияти асосии сокинони маҳалҳои назди соҳили бандар буданд. Дар шаҳрчаҳои ин ҷо баҳрнавардони далеру пуртаҷриба ба камол мерасиданд.

Аз асри XV сар карда королҳои Португалия мунтазам қад-қади соҳилҳои ғарбии Африқо ба уқёнуси Атлантика сафарҳо ташкил мекарданд. Соли 1445 онҳо «Димоғаи Сабз»-ро кашф карданд. Сафари дигари онҳо соли 1471 то Гвинея расид. Португалиҳо дар он ҷо зангиҳоро фиреб дода, газворҳои пастсифату

марҷонҳои шишагӣ ва оиначаҳоро бо тиллою нуқра ва устухони фил иваз менамуданд. Дар баъзе ҷойҳое, ки имконият буд, аз қувва истифода бурда, зангиҳоро зӯран ғулом мегардониданд. Бинобар ин қисматҳои алоҳидаи соҳилҳои ғарбии Африқоро «Соҳили Ғулом», «Соҳили Тиллоӣ» ва «Соҳили Устухони Оҷ» номгузорӣ кардаанд.

Кӯшишҳои нахустини ёфтани роҳи баҳрии Ҳиндустон бебарор анҷом ёфтанд.

**Сафари Бартоломео Диас.** Соли 1486 экспедитсияи португалӣ, ки ба он Бартоломео Диас сардорӣ мекард, соҳилҳои ҷанубии Африқоро давр зада, ба уқёнуси Ҳинд ворид шуд. Вале баҳрнавардон, ки ба сабаби муддати чандин моҳ роҳи пурмашаққати дуру дарозро тай кардан беҳолу бемадор шуда буданд, аз давом додани сафар ба Ҳиндустон даст кашида, ба ватан баргаштанд.

Португалиҳо димоғаеро, ки дар ҷануби Африқо ба дохили хушкӣ даромада буд, «Димоғаи Умед» ном гузоштанд. Онҳо умед доштанд, ки дере нагузашта роҳи Ҳиндустонро кашф хоҳанд кард.

**Саёҳати Васко да Гама**. Короли Португалия яке аз манфиатдорони асосии кашфи роҳи Ҳиндустон буд. Ӯ соли 1497 бо сардории Васко да Гама экспедитсияи нав ташкил намуд. Киштиҳои ӯ баҳрнавардони ботаҷриба доштанд ва барои шинокунии дарозмуддат бо харита ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ муҷаҳҳаз буданд.

Баъди чору ним моҳ португалиҳо Африқоро давр зада, аввалин шуда ба соҳилҳои шарқии он рафта расиданд. Бӯрони шадид муқобили ҷараён шинокунии киштиҳоро мушкил мегардонид. Баҳрнавардон аз гармии сӯзони офтоб азоб мекашиданд. Бисёрии онҳо аз касалӣ вафот карданд. Аз 168 нафар танҳо 55 нафар зинда монданд. Ба Васко да Гама муяссар шуд, ки роҳбаладн пуртаҷрибаи баҳрӣ пайдо кунад. Ӯ киштиҳои португалиҳоро аз уқёнуси Ҳинд гузаронида, то соҳилҳои Ҳиндустон расонид.

Моҳи майи соли 1498 киштиҳои португалӣ дар шаҳри Калкуттаи Ҳиндустон лангар партофтанд. Васко да Гама ба баҳрнавардон амр кард, ки ба соҳил баромада, доруворӣ харанд. Лекин роҷаи Калкутта португалиҳои ба соҳил фаромадаро ҳабс кард. Ҷавобан ба ин Васко да Гама якчанд ҳиндуи ашрофе, ки киштиҳоро тамошо мекарданд, дастгир намуд. Он гоҳ роҷа маҳбусонро озод карда, барои халос кардани ҳиндуҳо заврақ фиристод. Вале Васко да Гама ин заврақҳоро бо гулулаборонкунӣ аз тариқи тӯпҳо «пешвоз» гирифта, аз баргардонидани асирон саркашӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, аврупоиён воридшавии худро ба Ҳиндустон бо тӯппарронӣ хабар доданд.

Баъди чанде португалиҳо киштиҳоро аз доруворӣ пур карда, ба ватан баргаштанд. Маблағи аз ин доруворӣ ба даст омада нисбат ба хароҷоти ташкили экспедитсия қариб 60 маротиба зиёдтар буд.

**Мустамликаҳои аввалини португалиҳо.** Португалиҳо соҳилҳои ғарбӣ ва қисми соҳилҳои шарқии Ҳиндустонро забт карданд. Короли Португалия дар заминҳои ишғолкарда адмирал Алмейдаро ноиби корол (1505-1508) таъин кард. Пойтахти заминҳои ишғолшудаи Ҳиндустон шаҳри Гоа, воқеъ дар қисмати шимолии Калкутта буд. Ноиби корол дар ҳамин шаҳр қароргоҳ дошт.

Истилогарони португалӣ баъди забти қисми шарқии Ҳиндустон дар Африқои Шарқӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ҳинд ҳам заминҳои зиёдеро ба даст даровroutанд, аз он ҷумла дар халиҷи Форс, дар баромадгоҳи баҳри Сурх ба уқёнуси Ҳинд ва дар нимҷазираи Арабистон. Истилогарони португалӣ аҳолии шаҳрҳоро қир карда, дар он ҷойҳо барои худ қалъаю истеҳкомҳо месохтанд. Дар Ҳиндустон нисбати истилогарон мегуфтанд: «Хушбахтона, португалиҳо чун палангу шерҳо камшуморанд, вагарна тамоми насли инсонро қир мекарданд».

Баъди ба даст даровардани ҳавзаи уқёнуси Ҳинд ва як қисми шарқии Африқо португалиҳо киштиҳои арабҳо ва ҳиндуҳоро ғорат ва ғарқ мекарданд. Баҳрнавардони асир гирифтаашонро мекуштанд ва ё ба ғуломӣ мефурӯхтанд. Дар уқёнуси Ҳинд ягон киштӣ бе иҷозати португалиҳо шино карда наметавонист. Португалиҳо аз бартарии яроқу аслиҳа ва флоти худ истифода бурда, арабҳоро аз уқёнус танг карда, роҳҳои баҳрии Ҳиндустонро ба даст даровварданд. Баъд онҳо ҷазираҳои Зонд ва Молукро низ ишғол намуданд. Сокинони ин ҷазираҳо навъҳои беҳтарини гиёҳҳои шифобахшро парвариш мекарданд. Истилогарони португалӣ аз аҳолии маҳаллӣ гиёҳҳои шифобахшро бо нархи ниҳоят арзон харидорӣ мекарданд.

Мустамликадорон аҳолии маҳаллии Ҳиндустон ва ҷойҳои ишғолкардаи худро маҷбур мекарданд, ки андоз ва боҷро бо доруворӣ пардозанд. Бо ин роҳ онҳо аз мулкҳои шарқӣ даромади калон ба даст медароварданд.

Португалиҳо ҳаракати худро ба Шарқ давом дода, то ба соҳилҳои шарқии Чин ва Ҷопон рафта расиданд. Заминҳои забткардаашонро ба мустамлика табдил доданд.

**Кашфиётҳои Христофор Колумб.** Вақте ки туркҳо ва арабҳо пеши роҳи тиҷорати аврупоиҳоро ба Ҳиндустон ва Чин гирифтанд, масъалаи ба ин мамлакатҳо аз тариқи Ғарб сафар кардан аҳамияти калон пайдо намуд. Онҳо исбот кардани шуданд, ки бо

ин самт ҳам шино карда, ба Ҳиндустону Чин расидан мумкин аст. Ҳатто ин роҳро нисбат ба роҳҳои шарқӣ кӯтоҳтар мешумориданд. Ин тахмин ба ҳақиқат рост меомад.

Баҳрнаварди нахустини аврупоӣ, ки бо роҳи ғарбӣ ба Ҳиндустон сафар намуд, Христофор Колумб (1451-1506) буд. Ӯ дар наздикии шаҳри Генуяи Итолиё дар оилаи бофанда таваллуд ёфтааст. Колумб дар ҷавонияш дар якчанд саёҳатҳои баҳрӣ иштирок карда, баъд ба тартиб додани харитаҳои ҷуғрофӣ машғул мешавад. Колумб то сафар ба Ҳиндустон таҷрибаи бои баҳрнавардӣ ва дониши хуби ҷуғрофӣ дошт.



6. Христофор Колумб

Колумб ба Испониё кӯчида, барои ба воситаи уқёнуси Атлантика ба Ҳиндустон сафар намудан аз корол иҷозат мепурсад. Баъди интизории зиёд, ки он 8 сол тӯл кашид, бо сардории Христофор Колумб тобистони соли 1492 се киштии начандон калон бо 90 нафар баҳрнавардон аз Испониё ба роҳ баромаданд. Боди мурод киштиҳоро бо суръати том ба тарафи ҷанубу ғарби Атлантика ҳаракат мекунонид. Ҳафтаҳо паи ҳам мегузаштанд, лекин аз пеш хушкие намебаромад. Мисли пештара дар пеш уқёнуси нопайдоканору ношинос ба назар мерасид. Баъзе баҳрнавардон ноумед шуда, ба Колумб таклиф пешниҳод мекарданд, ки ба хона баргарданд. Сарфи назар аз ин Колумб нияти ба қафо баргаштанро надошт ва бо қатъияти ба худ хос киштиҳоро ба пеш ҳаракат мекунонид. Ниҳоят, баъди 70 рӯзи сафар аз дур хушкие намудор гардид.

Баҳрнаварде, ки дар манора навбатдор буд, он хушкиро дида бо овози баланд «Замин!» -гуфта, дод зад.

Киштиҳои Колумб ба ҷазирачае наздик шуда, лангар партофтанд. Колумб парчами Испониёро дар соҳил барафрохта, ин ҷазираро мулки короли Португалия эълон намуд. Сайёҳон дар талоши пайдо намудани тилло буданд. Бо ҳамин мақсад Колумб аз ин ҷо ба сӯи ҷануб роҳ паймуд ва дере нагузашта ҷазираҳои хеле калони Куба ва Гаитиро кашф кард.

Сафари испаниҳо хеле мушкил сурат мегирифт. Аз се киштӣ, танҳо яктояш сиҳат монд. Онҳо тавассути ин киштӣ ба Испониё баргаштанд.



7. Киштиҳои Х.Колумб уқёнуси Атлантикаро убур мекунанд

Колумб дар ҷазираҳои кашфкардааш одамонеро вохӯрд, ки ранги пӯст ва қиёфаашон ба ҳиндуён монандӣ дошт. Дар рафти ин сафар ӯ дар ҳавзаи баҳри Кариб боз ҷазираҳои бисёреро кашф намуда, як қисми соҳилҳои шарқии Америкаро низ тадқиқ намуд. Вале дар ин ҷойҳо Колумб на тилло ёфту на сарвати дигар.

Христофор Колумб то охири ҳаёташ намедонист, ки қитъаи навро кашф кардааст. Ӯ сарзамини кашфкардаашро «Ҳиндустон» ва аҳолиашро «ҳинду» номид. Ҳамин тариқ, аврупоиҳо аҳолии муқимии Америкаро аз он вақт сар карда «ҳинду» меномиданд.

**Сафари Америго Веспуччи.** Баъд аз сафари Колумб, зодаи Флоренсия Америго Веспуччи (1452-1512) соли 1502 ба Ғарб сафар карда, соҳилҳои шимолу шарқи Америкаро ҳаматарафа тадқиқ намуда, онро «Замини Нав» номид. Соли 1507 Америго Веспуччи дар бораи саёҳатҳои баҳрии худ маҷмӯаи ҳикояҳояшро чоп мекунад. Ин китоб дар Аврупо хонандагони зиёд пайдо намуда, машҳур мешавад.

Аз соли 1507 сар карда ҷуғрофҳои аврупоӣ дар харитаҳояшон қитъаи нав кашфкардаро **«Заминҳои Америго»** меномиданд. Минбаъд ҷуғрофҳо барои Америгоро чун ибораҳои «Европа», «Азия» ва «Африка» дуруст талаффуз кардан дар вожаи «Америго» ду ҳарфи охиринро бо «-ка» иваз менамоянд, ки дар



8. Америго Веспуччи, ки номи худро ба қитъаи Америка тӯҳфа кардааст

натиҷа ибораи «Америка» пайдо мешавад. Ҳамин тарик, китъаи нав «Америка» ном мегирад.

**Тақсимоти аввалини мустамликавии ҷаҳон.** Кашфиётҳои ҷуғрофии португалиҳою испаниҳо дар байни Испониё ва Португалия рақобати шадидро ба вуҷуд оварданд. Барои пешгирӣ намудани задухурдҳои ҳарбӣ онҳо соли 1494 дар шаҳри Тердесиляс ба **карордоде** имзо гузоштанд, ки мувофиқи он аз қутби Шимолӣ ба қутби Ҷанубӣ хати дарозиаш 2053 километр кашида шуд, ки вай аз самти ғарбтари ҷазираҳои «Димоғаи Сабз» мегузашт. Ҳамаи заминҳои дар тарафи ғарбии ин хат кашфшуда аз испаниҳо ва заминҳои шарқи он аз португалиҳо шуданд. Ин **тақсимоти ҷаҳон танҳо нимкураи Ғарбиро** дарбар мегирифт. Баъди солҳои зиёд рақобати испаниҳо ва португалиҳо барои нимкураи шарқии Замин ба миён омад. Бинобар ин соли 1529 дар шаҳри Сарагоса дар байни ин ду давлат қарордоди нав ба имзо мерасад. Мувофиқи он чунин хати доираи нуфуз дар нимкураи Шарқӣ низ кашида мешавад. Он аз 17° ғарбтари ҷазираҳои Молук мегузашт. Ҳамин тавр, дар байни Испониё ва Португалия **тақсимоти аввалини мустамликавии ҷаҳон** ба амал омад.

**Саёҳати давродаври олам.** Саёҳати Фернандо Магеллан низ дар таърихи саёҳатҳои ҷуғрофӣ аҳамияти бузург дошт. 20 сентябри соли 1519 панҷ киштии Магеллан аз бандари Сан Лукари Испониё ба самти ҷанубу ғарбӣ ба ҷустуҷӯи «ҷазираҳои дорувории», яъне ҷазираҳои Молук баромад. Саёҳати Магеллан аз соли 1519 то соли 1522 давом кард ва аввалин саёҳати давродаври олам буд. Ӯ дар натиҷаи ин сафар як қатор кашфиётҳои бузург кард. Аз он ҷумла, гулӯгоҳи Магеллан ва Оташзаминро дар Америкаи Ҷанубӣ, ҷазираҳои сершуморро дар уқёнуси Бузург (уқёнуси Оромро он вақт ҳамин тавр меномиданд), ҷазираҳои Филиппин ва галаҷазираҳои Зондро кашф намуд.

Мақсади Магеллан ба уқёнуси Ҳинд ва ҷазираҳои он расидан буд. Магеллан ҳангоми саёҳат дар яке аз бархӯрдҳои мусаллаҳона бо халқҳои маҳаллии Филиппин ҳалок мегардад. Аъзоёни зиндамондаи экспедитсияи ӯ дар як киштии ободмонда ба Испониё баргаштанд. Аз 265 нафар ҳайати экспедитсия танҳо 18 нафарашон ҷон ба саломат бурданд.

Саёҳати Магеллан нишон дод, ки Замин дар ҳақиқат кулӯла аст. Дар натиҷаи ин саёҳат аврупоиён дар бораи уқёнуси Ором баъзе маълумотҳои аниқ ба даст даровардаанд. Ин уқёнус то саёҳати Магеллан барои аврупоиён як баҳри ҷанубии пурасрор тасаввур мешуд.

**Кашфиётҳои ҷуғрофӣ дар нимаи дуюми асри XVI ва нимаи аввали асри XVII.** Баъди саёҳати давродаври олами Магеллан ҳам кашфиётҳои ҷуғрофӣ идома ёфтанд. Дар нимаи дуюми асри XVI сайёҳони испанӣ ба уқёнуси Ором чандин маротиба экспедитсияҳои нав ташкил намуданд. Онҳо мақсад доштанд, ки «Замини номаълуми ҷанубӣ», яъне Австралияро пайдо намоянд. Дар натиҷаи ин экспедитсияҳо ҷазираҳои Соломон, ҷазираҳои Маркиз (дар қисми ҷанубии Полинезия воқеъ мебошанд) ва гулугоҳи Торрес, ки Австралияро аз Зеландияи Нав ҷудо мекунад, кашф гардиданд.

Ҳоланд, ки ин вақт ба мамлакати бузургтарини ҷаҳон табдил ёфта буд, борҳо ба ҷануби уқёнуси Ором экспедитсияҳо ташкил намуд. Ҳамин тариқ, соли 1616 сайёҳи ҳоландӣ Таутан де Горн дар ҷануби Америка димоғаи Горнро кашф мекунад. Барои ҳамин ин ҷо номи «Димоғаи Горн»-ро гирифтааст. Дар нимаи аввали асри XVII баҳрнавардони ҳоландӣ соҳилҳои Австралияро ҳам кашф мекунанд. Аз ҳамин сабаб Австралияи ҳамонвақтаро «Ҳоландияи Нав» меномиданд.

Дар тадқиқи соҳилҳои Австралия ва муайян кардани он ҳамчун яке аз қитъаҳои олам, саёҳати Абел Тасмани ҳоландӣ дорои

аҳамияти калон буд. Номи ин сайёҳ ба яке аз ҷазираҳои кашфкардаи ӯ - Тасмания гузошта шудааст. Сайёҳони англис ба Австралия хеле дер - танҳо дар нимаи дуюми асри XVIII қадам гузоштаанд. Ба ин экспедитсияи англисҳо капитан Кук роҳбарӣ кардааст.

Дар асрҳои XVI-XVII дар нимкураи Шимолӣ низ кашфиётҳои ҷуғрофӣ доир гардидаанд. Баҳрнавардони англис Мартин Фробишер ва Ҷон Дэвис солҳои 70-ум ва 80-уми асри XVI дар ҷустуҷӯи роҳи шимолу ғарб ба Чин якчанд маротиба ба соҳилҳои Америкаи Шимолӣ экспедитсия ташкил намуданд. Ин экспедитсияҳо имконият доданд, ки дар байни Гренландияю қитъаи Америка галаҷазираҳои воқеъ дар уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ (шимолтар аз Америка) кашф карда шаванд. Дар асри XVII тадқиқот дар самти нимкураи Шимолӣ идома ёфт. Баҳрнаварди дигари англис Генри Гудзон Америкаи Шимолиро тадқиқ кард. Дар ин ҷо дарё ва халиҷе бо номи ӯ - Гудзон номгузорӣ шудааст.

Дар қисмати шимолу шарқии нимкураи Шимолӣ баҳрнавардони ҳолландӣ низ кашфиётҳои калон карданд. Вилгелм Баренс баҳри Баренсро (номи ӯро гирифтааст) тадқиқ менамояд. Солҳои 1594-1597 Баренс се зимистонро дар соҳилҳои ғарбии Замини Нав мегузаронад. Ӯ ба ин ҷо бо мақсади ёфтани роҳи шимолӣ ба Чин ва Ҳиндустон сафар карда буд. Ҳангоми зимистонгузаронии охирин ӯ дар ин ҷазира ҳалок мешавад.

Хуллас, дар асрҳои XV-XVII аз Аврупо даҳҳо экспедитсияҳо ба ҳар тарафи кураи Замин баромада, қитъаю ҷазираҳо, баҳру уқёнусҳо, гулугоҳу халиҷҳо ва ғайраро кашф намуданд.

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Чаро кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ зарур шуданд? **2**. Арабҳо ва туркҳо ба кашфиётҳои ҷуғрофии аврупоиён чӣ муносибат доранд? **3.** Кадом қитъа ба кашфиётҳои ҷуғрофӣ эҳтиёҷ пайдо намуд? **4.** Дар бораи роҳи Ҳиндустонро аз тариқи Африқо давр зада гузаштани баҳрнавардони Португалия нақл кунед. **5**. Чаро баҳрнавардони португалӣ яке аз кашфиётҳои худро «Димоғаи Умед» номиданд? **6**. Дар бораи экспедитсияи Бартолемео Диас чиро медонед? **7**. Экспедитсияи Васко да Гама чӣ тавр ба Ҳиндустон рафта расид ва он чӣ тавр анҷом ёфт? **8**. Мустамлика чист? **9**. Португалиҳо аввал куҷоро ба мустамликаҳои худ табдил доданд? **10**. Дар бораи экспедитсияи Христофор Колумб нақл кунед. **11**. Колумб куҷоро кашф кардааст? **12**. Америго Веспуччи кист? Номи ӯ ба қитъаи Америка чӣ робита дорад? **13**. Кадом солҳо дар байни Португалия ва Испониё тақсимоти аввалини мустамликавии ҷаҳон ба амал омадааст? **14**. Дар бораи кашфиётҳои ҷуғрофии нимаи дуюми асри XVI ва нимаи аввали асри XVII нақл кунед. **15**. Ба фикри Шумо кадоме аз кашфиётҳои ҷуғрофии асрҳои XVII-XVIII ҷолиби диққат аст? **16**. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §4. ОҚИБАТҲОИ КАШФИЁТҲОИ БУЗУРГИ ҶУҒРОФӢ

**Баъди кашфиётҳои ҷуғрофӣ.** Мақсади асосии ташкили экспедитсияҳо ба мустамлика табдил додани сарзаминҳои кашфкардашуда барои ҳукуматҳои худ буд. Баҳрнавардони португалӣ, испанӣ, ҳолландӣ ва англисӣ заминҳои бисёреро кашф карда, барои ташкили экспедитсияҳои ҳарбӣ роҳҳои муносибро муайян намуданд.

Ба забти мустамлика аввал португалиҳо оғоз намуданд. Пас аз онҳо ба ин кор испониҳо, ҳолландиҳо ва дертар англисҳо шурӯъ карданд. Ба заминҳои кашфкарда ҳазорон нафар португалиҳою испаниҳо барои даромади бедарди миён мешитобиданд. Баъди аз нимҷазираҳои Пиреней пеш кардани арабҳо ритсарҳо, ки ҷангро машғулияти пуршарафи худ меҳисобиданд, бекор монданд. Чӣ тавре ки мегӯянд: «Шамшерҳои онҳо дар ғилофҳояшон занг зада, кисаҳояшон холӣ шуда буданд». Дворянҳои қашшоқшуда аз ҳисоби истило ва ғорати мамлакатҳои дигар бойшавиро орзу мекарданд. Бинобар ин аксарияти ҷанговароне, ки дар экспедитсияҳои истилогарона иштирок мекарданд, аз ҷумлаи ин дворянҳо буданд.



9. Ғусли таъмиди насронигардонии аҳолии маҳаллӣ

Феодалон дар омода сохтани экспедитсияҳои савдогарон ва соҳибони киштиҳо ширкат варзида, аз ҳисоби савдою ғорати мамлакатҳои истилошуда сарватманд мегардиданд. Ба қитъаи Америка намояндагони калисо низ сафарбар шуда, барои ба дини насронӣ гардонидани аҳолии маҳаллӣ машғул мешуданд. Калисо ҳам як қисми молу сарвати аз мустамликаҳо ғоратшударо аз худ мекард.

**Забти Мексика.** Дар қитъаи Америка сарзаминҳои дорои маданияти қадима Мексика ва Перу ба ҳисоб мерафтанд. Ҳукуматдорони испанӣ баъди кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ барои забти ватани астекҳо, майяҳо ва инкҳо экспедитсияҳои ҳарбӣ ташкил карданд. Иштирокчиёни экспедитсияҳои нав дар навбати аввал тилло мекофтанд.

Соли 1519 дастаи 400- нафара бо сардории дворянини испанӣ Кортес ба Мексика ворид шуд. Дар бораи ин шахс ба таври шӯхӣ мегуфтанд, ки «пулаш кам, вале қарзаш бисёр аст».

Дар байни қабилаҳои сокини Мексика ягонагӣ вуҷуд надошт, қабилаҳое, ки ватанашонро астекҳо забт карда буданд, дар ишғол кардани Мексика ба Кортес ёрӣ расониданд. Кортес ҷанговарони қабилаҳои ҳиндуро ба дастааш ҳамроҳ карда, ба шаҳри Мехико ҳамла овард. Астекҳо аз тарси саворҳои испанӣ ва гулдуроси тӯпҳо рӯ ба гурез ниҳоданд (ҳаргиз чунин силоҳро надида буданд). Баъди шикасти аввалин шоҳи астекҳо аз муко-



10. Эрнан Кортес, ки Мексикаро забт кардааст

билият бо испаниҳо даст кашид ва Кортес бо дастааш вориди Мехико гардид.

Ҳокими астекҳо шахси соддалавҳе буд. Истилогарони испанӣ ӯро бо ҳиллаю найранг асир гирифта, Мексикаро аз номи ӯ идора мекарданд. Испаниҳо мардуми маҳаллиро маҷбур мекарданд, ки короли Испониёро эътироф кунанд ва андозро бо тилло супоранд. Онҳо дар қасри шоҳи астекҳо хазинаи махфиеро ёфтанд, ки дар он ҷо асбобу анҷоми тиллоӣ ва ҷавоҳироти зиёд нигоҳ дошта мешуд. Истилогарон сарватҳои дар давоми садсолаҳо ғун кардаи ҳиндуёнро ба тороҷ бурданд. Қисми зиёди он ба короли Испониё ва боқимондааш ба Кортес расид.

Астекҳо аз бераҳмию чашмгуруснагии истилогарон ба дод омада, борҳо даст ба шӯриш заданд. Боре Кортес дар задухӯрди шабона шикаст хӯрда, аз муҳосира бо душвории зиёд халос мешавад. Баъд дастаашро аз ҳисоби испаниҳои аз Куба омада ва ҷанговарони ҳинду пурра карда, Мехикоро иҳота мекунад. Бо фармони Кортес ба шаҳр додани оби нӯшокӣ қатъ мегардад. Дар натиҷа аз ташнагию гуруснагӣ қариб ҳамаи аҳолии Мехико талаф шуд. Испаниҳо ба Мехикои беодам ворид гардиданд.

**Истилои Перу.** Сарвари дастаи истилогарони испанӣ Писарро ном дошта, шахси камсавод, бераҳм ва боғайрат буд. Солҳои 1532-1535 ӯ бо дастаи 200-нафара ба Перу ҳуҷум кард. Писарро шоҳи инкҳоро асир гирифта, барои озод кардани ӯ аз ҳиндуён тиллои зиёд талаб кард. Мувофиқи талаби Писарро ҳиндуҳо бояд хонаи калонеро пур аз тилло мекарданд. Лекин испаниҳо бо фиреб аз ҳиндуҳо мувофиқи талаби худ тилло ситонида, ваъдахилофӣ карда, шоҳи ҳиндуёнро ба қатл расониданд. Истилогарони испанӣ ибодатхонаҳои қадим ва пойтахти инкҳоро ғорат карданд. Асбобу анҷоми тиллою нуқрагини ғаниматгирифтаро, ки аҳамияти калони маданию таърихӣ доштанд байни худ тақсим карда, баъд онҳоро мегудохтанд. Ҳамин тавр, испаниҳо маданияти кадимаю бои халқҳои Америкаро нест мекарданд. Танҳо қисми Америкаи Ҷанубӣ - Бразилия дар дасти португалиҳо монд. Онҳо ҳангоми ба воситаи соҳилҳои ғарбии Африқо ба ҷануби Ҳиндустон шино кардан, тасодуфан ба ин ҷо омада, Бразилияро ишғол карданд.


11. Франсиско Писарро

Истилогарони испанӣ дар мустамликаҳои худ заминҳои ҳиндуёнро бо зӯрӣ кашида гирифта, байни худ тақсим мекарданд. Аҳолии маҳаллӣ - ҳиндуёнро ғулом ва ё тобеъ мекарданд. Ҳиндуён дар зери зарбаи тозиёнаи нозирони мустамликадор заминҳои испаниҳоро киштукор карда, чорвояшонро мечаронидаид.

Меҳнати ҳиндуён, махсусан, дар конҳои тиллою нуқра ниҳоят тоқатфарсо буд. Наздикони онҳое, ки маҷбуран ба кор ба ин конҳо фиристонида мешуданд, пешакӣ мотам мегирифтанд. Зеро медонистанд, ки ин одамон ба хона зиндаю саломат барнамегарданд.

Баъзан ҳиндуён ба истилогарони испанӣ бо усулҳои гуногун муқобилият нишон медоданд. Онҳо ба фоидаи испаниҳо меҳнат кардан нахоста худкушӣ мекарданд ва ё ба бешаҳои дурдасту касногузар гурехта, пинҳон мешуданд. Истилогарон ҳиндуҳои гурезаро чун ҳайвони ваҳшӣ шикор мекарданд. Онҳоро бо ёрии сагҳои шикорӣ дастгир намуда, ба қатл мерасониданд.

Роҳибони испанӣ ҳиндуёнро маҷбур мекарданд, ки аз дину оин ва урфу одатҳои аҷдодии хеш даст кашанд. Онҳоеро, ки аз қабули дини насронӣ рӯй метофтанд, дар назди зану фарзандон ба қатл мерасониданд. Калисо дар кори ғулом гардонидани аҳолии таҳҷоии мустамликаҳо ба истилогарон ёрӣ мерасонид. Дар натиҷаи чунин истисмор ва истифодаи усулҳои гуногуни қатл шумораи ҳиндуёни Америка торафт кам мегардид.



12. Зангиҳои ғуломи аз Африқо овардашуда

**Авҷгирии ғуломфурӯшӣ.** Дар натиҷаи куштори зиёди мардуми маҳаллӣ қувваи корӣ кам шуд. Зарурати ташкили бозорҳои ғуломфурӯшӣ ба миён омад. Тоҷироне пайдо шуданд, ки аз Африқо ба Америка ғуломони зангӣ оварда мефурӯхтанд. Ба ин кор аввал португалиҳо, баъд испаниҳою ҳоландиҳо ва англисҳо даст заданд. Ғуломфурӯшон аз Африқо «молҳои зиндаро» мехариданд ё ки шабонгоҳ деҳаҳои зангиёнро муҳосира карда, гирдогирди онро оташ мезаданд, баъд сокинони онро дастгир намуда, ба пояшон завлона зада, ба киштиҳо бор мекарданд. Ғуломфурӯшон аз ин кор даромади калон мегирифтанд. Ҳар сол дар бозорҳои ғуломфурӯшии Америка садҳо ҳазор ғуломони зангӣ хариду фурӯш карда мешуданд.

**Аҳамияти кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ.** Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ боиси тараққиёти тиҷорат гардид. Дар байни мамлакатҳои ҳамаи қитъаҳо робитаҳои тиҷоратӣ ташаккул ёфтанд ва бо ҳамин тиҷорати ҷаҳонӣ ба вуҷуд омад. Аврупоиён ба мустамликаҳо кӯчида, бо худ яроқу аслиҳа, газворҳои гуногун, зарфҳо ва сару либос меоварданд. Тоҷирон аз Америка ба Аврупо маҳсулоти гуногун, ба монанди какао ва тамоку оварда, аз Осиё чою қаҳва харида мебурданд.

Кашфиётҳои ҷуғрофӣ роҳҳои тиҷоратро дигар карданд. Акнун онҳо аз баҳри Миёназамин ба уқёнусҳо гузаштанд. Венетсия ва Генуя, ки марказҳои бузургтарини тиҷоратӣ, касбу ҳунар ва маданияти аврупоиён буданд, аз роҳҳои нави тиҷоратӣ дар канор монданд. Акнун тиҷорат бо мустамликаҳо ба воситаи бандарҳои Нидерландия, Португалия, Ҳоландия ва Англия ба роҳ монда шуданд. Шаҳри калонтарини Нидерландия - Антверпен ба маркази бузургтарини тиҷорати ҷаҳон табдил ёфт. Шаҳри Лиссабон низ яке аз марказҳои калонтарини тиҷорат ба ҳисоб мерафт. Дар бандарҳои Нидерландия ҳар рӯз аз 200 то 250 киштӣ бор фуровардаю бор мегирифтанд. Антверпен ва Лиссабон барои Аврупо дарвозаҳое буданд, ки тавассути онҳо корвонҳои киштиҳои пурбори молҳои хориҷӣ ворид мегардиданд, ё ки ба тамоми гӯшаю канори ҷаҳон маҳсулот мерафт. Ин киштиҳо аз мустамликаҳо ба Аврупо тиллою нуқра, гиёҳҳои шифобахш ва молҳои дигари қиматбаҳо мекашониданд. Қисми зиёди он сарватҳо ба хазинаи королҳо ва феодалҳои испанию португалӣ ва ҳоландию англисӣ ворид мешуданд.

Испониё ва Португалия дар оғози давраи нав мамлакатҳои ақибмонда ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо ҳанӯз саноати манафактурии худро надоштанд. Бинобар ин королу феодалҳои ин давлатҳо тиллою нуқра ва ҷавоҳиротро барои аз мамлакатҳои дигар

харидани молҳои зарурӣ сарф мекарданд. Сарватҳое, ки аз давлатҳои дигар, махсусан аз мустамликаҳо ғорат мешуданд, ба кисаи тоҷирон, бонкдорон ва соҳибони манафактураҳои давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ нисбатан тараккикардаи Аврупо ворид мегардиданд.

Кашфиётҳои ҷуғрофӣ ба пайдоиши мустамликаҳо ва ҳаҷми зиёди истеҳсоли мол сабаб шуданд. Ин навгониҳо ба ташаккули саноат ва сармоядорӣ кӯмак расониданд. Гарчанде сохти сармоядорӣ нисбат ба сохти феодалӣ пешқадамтар буд, лекин он ба ҷангҳои истилогаронаи зидди халкҳои Америка, Осиё ва Африқо роҳ кушод. Ҷангҳои истилогарона, дар навбати худ, мустамликадорӣ ва зулми мустамликавиро ба вуҷуд оварданд.

**Савол ва супоришҳо:** 1. Мақсади асосии кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ аз чӣ иборат буд? 2. Аврупоиён ба заминҳои кашфшуда барои чӣ рафтанд? 3. Кортес Мексикаро чӣ тавр забт кард? 4. Испаниҳо дар Мексика бо кадом роҳҳо соҳиби тилло ва нуқра шуданд? 5. Писаррои испанӣ ватани инкҳо - Перуро чӣ тавр забт кард? 6. Дар бораи ғуломфурӯшӣ дар Америка маълумот диҳед. 7. Дар бораи кирдори ношоями истилогарони испанӣ дар Перу далелҳо биёред. 8. Ғуломфурӯшон ғуломонро чӣ тавр ба даст медароварданд? 9. Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ чӣ натиҷаҳо ба бор оварданд? 10. Дар бораи аҳамияти кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ фикри худро баён намоед. 11. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §5-6. ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ НИДЕРЛАНДИЯ

**Сохти иктисодии Нидерландия.** Дар асрҳои миёна Нидерландия гуфта «Заминҳои Поён» - музофотҳои поёноби дарёҳои Рейн, Хаас ва Шелдаи соҳилҳои баҳри Шимолро меномиданд. Як вақтҳо ин заминҳо «Лотарингияи Поён» ном доштааст.

Дар Нидерландия пешрафти саноат барвақт оғоз ёфтааст. Моҳути Фриз кайҳо боз шӯҳрат пайдо карда буд. Саноати моҳутбарории Фландрия бошад, дар Аврупо яке аз пешқадамтаринҳо ба шумор мерафт. Дар ин масъала дар асрҳои XIII-XIV бо Фландрия танҳо Флоренсия рақобат карда метавонист. Мардуми шаҳрҳои Англия, Фаронса ва Олмон бо моҳути хушсифати шаҳрҳои Брюгге, Ипр ва Генти Нидерландия ҳасад мебурданд. Чунки сехҳо ва манафактураи онҳо ҳанӯз қобилияти истеҳсоли чунин моҳутро надоштанд. Дар асрҳои XV-XVI дар резишгоҳи дарёи Шелдаи Фландрия шаҳри нави саноатию тиҷоратӣ - Антверпен қомат рост кард. Баъди кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ин шаҳр ба бандари умумиҷаҳонӣ табдил ёфт. Антверпен дар баробари тиҷорат маркази бузурги саноат низ буд. Брюссел ва Брабант шаҳрҳои калони саноатӣ ба ҳисоб мерафтанд. Фландрия

ва Брабант аз нигоҳи иқтисодӣ музофотҳои муҳимтарини Нидерландияи Ҷанубӣ буданд.

Музофотҳои Намор, Лен ва Люксембурги Нидерландияи Ҷанубӣ захираҳои бузурги маъдани оҳан доштанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо саноати металлургӣ тараққӣ карда буд. Музофотҳои ҷанубу ғарбии Нидерландия – Геннегау ва Артуа ва музофотҳои шимолу шарқии Нидерландия - Гелдерн ва Овериссел асосан ба кишоварзӣ машғул буданд. Дар шимоли Нидерландия Зеландия, Ҳоландия ва Утрехт музофотҳои нисбатан тараққикарда ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин ҷо дар қатори саноати моҳутбарорӣ газвору атласбофӣ ҳам тараққӣ карда буд. Ҳоландия асосан музофоти тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, ин ҷо ба маркази киштисозӣ, киштигардӣ ва моҳигирӣ табдил ёфта буд. Шаҳри Амстердами Ҳоландия дар асри XVI бо суръат тараққӣ карда, ба Антверпен рақобат мекард.

Дар асрҳои XVI-XVII сохти иқтисодии Нидерландия феодалӣ буд. Унсурҳои сармоядорӣ нав пайдо шуда, бо суръат пеш мерафтанд. Баробари пайдоиши унсурҳои сармоядорӣ табақаҳои нав - буржуазия ва коргарони кироя ба вуҷуд омада, ташаккул меёфтанд.

**Сохти сиёсии Нидерландия.** Нидерландия аз даҳҳо давлатҳои хурди феодалӣ ташкил ёфта буд, ки онҳоро герсогӣ, графӣ, епископӣ ва ғайра меномиданд. Як қисми онҳо ба ҳайати Фаронса ва қисми дигарашон ба ҳайати империяи Олмон дохил буданд. Аз байни ин давлатҳо герсогии Бургундия рӯ ба тараққӣ ниҳад ва дар асрҳои XIV-XV заминҳои зиёди Нидерландияро ба тасарруфи худ медаровард. Вақте ки герсогии Бургундия тобеи короли Фаронса – Людовики XI мешавад, мулкҳои Нидерландия ба ихтиёри шавҳари Марияи Бургундӣ (духтари Карли Шуҷоъ) Максимилиан Габбсбург мегузаранд. Дар оғози асри XVI дар натиҷаи бастани ақди никоҳи писари Максимилиан- Филиппи 1 бо Хуана, ки духтари Фердинанди Арагонӣ ва Изабеллаи Кастилӣ буд, Нидерландия мутеъи Испониё мешавад.

Сохти сиёсии Нидерландия дар давраи ҳукмронии Карли V - писари Филиппи 1 ва Хуана як навъ давраи гузаришро аз сар мегузаронд. Ҳокимияти олӣ дар дасти сулолаи Габбсбургҳо буд. Ҳамаи 17 музофоти Нидерландия **иолоти музофотӣ, додгоҳҳои** махсуси худ барои табақаҳои маҳаллӣ ва баъзе озодиҳои дигар доштанд.

Дар замони ҳукмронии герсогҳои бургундӣ, аз соли 1464 сар карда дар Нидерландия Иолоти Кулл (Штатҳои Генералӣ) ҷамъ меомаданд, ки онҳо аз намояндагони музофотҳо иборат буданд. Дар замони герсогҳои бургундӣ ва габбсбургҳо ҳаҷми андозро

Иолоти Кулл муайян менамуд. Иолоти Кулли Фаронса бошад, дар назди корол мавқеи худро пурра аз даст дода буд. Дар асри XVI Иолоти Кулли Нидерландия низ даъват карда мешуд, вале он ба хоҳиши корол вобаста буд. Карли V имтиёзҳои баъзе музофоту шаҳрҳоро маҳдуд кард. Соли 1539 дар натиҷаи бо фиребу найранг рӯёнидани андоз дар шаҳри Гент шӯриш ба амал омад. Ҷавобан ба ин Карли V мардуми ин шаҳрро аз ҳамаи имтиёзҳо маҳрум намуда, ба онҳо ҷаримаи калон андохт.

Карли V дар баробари бедодгарӣ барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ баъзе чораҳои судманд ҳам меандешид. Ин чорабиниҳо ба марказонидани ҳокимият марбут буданд. Ӯ инчунин сарҳадҳои Нидерландияро васеъ кард. Барои тамоми мамлакат як ҳукумат ва ду шӯрои марказӣ - додгоҳӣ ва молиявӣ ташкил кард. Габбсбургҳо мамлакатро бераҳмона горат мекарданд. Нидерландия беш аз пеш ба Испониё тобеъ мешуд. Габбсбургҳо аз халқи Нидерландия андози ниҳоят вазнин ситонида, ба ҷангҳое харҷ мекарданд, ки барои Нидерландия ягон аҳамияте надоштанд.

Габбсбургҳоро калисои католикии Нидерландия ҷонибдорӣ мекард. Аҳолии Нидерландия бештар пайрави **мазҳаби протестантӣ** буд. Дар байни дворянҳо пайравони **мазҳаби лютерианӣ** ҳам буданд. Қисми зиёди шаҳриёни камбағал ба **мазҳаби анабаптистӣ** эътиқод доштанд.

Карли V дар Нидерландия ҳаракати протестантиро бераҳмона пахш мекард. Ӯ ба **инквизаторон – епископҳои католикӣ** ҳуқуқ дод, ки бар зидди **«мулҳидон»** мубориза баранд ва ба муқобили онҳо якчанд амр ҳам баровард. Амри соли 1550 баровардаи ӯ, махсусан, ваҳшиёна буд. Аз рӯи он амр мардонро бо шамшер қатл карда, занҳоро зинда гӯронида, молу мулки онҳоро мусодира менамуданд. Нисбати онҳое, ки ба «мулҳидон» дасти ёрӣ дароз мекарданд ва ё хайрхоҳ буданд, низ чунин ҷазоро раво медиданд.



13. Филиппи II

Сохти сиёсии Нидерландия ба ваҳдати миллии ин мамлакат мусоидат намекард. Он барои ба вуҷуд омадани оппозитсияи пурзӯр шароит муҳайё менамуд.

**Оғози инқилоб.** Баъди вафоти Карли V дар Нидерландия Филиппи II ба сари қудрат омад. Ин вақт мухолифат дар байни буржуазия ва мутлақият боз ҳам пурзӯртар шуд.




14. Вилгелми Оранӣ

Лашкари Испониё дар музофотҳои ҷанубии Нидерландия ҷойгир шуда, таъминоти он ба дӯши халқи маҳаллӣ буд. Ин бедодгариҳо норозигии мардуми Нидерландияро ба вуҷуд меовард. Ба муқобили ҳукумати Филиппи II аввалин шуда аъзоёни Шӯрои давлатӣ, ашрофони калонтарини нидерландӣ - Вилгелми Оранӣ, граф Эгмонт ва Гоорн баромад карданд. Вилгелми Оранӣ ва ҳамсафони ӯ ба муқобили дар Нидерландия зиёд кардани епископҳо ва ҳокимияти инквизиторӣ баромада, аз вазифа сабукдӯш кардани золимон, бекор кардани амрҳои зидди «мулҳидон» ва даъвати Иолоти Куллро талаб карданд.

Баромади инқилобии ашрофон ҳаракати доираҳои васеъи дворянҳоро бар зидди мутлақият ба вуҷуд овард. Соли 1566 бо ҷидду ҷаҳди Вилгелми Оранӣ созмони «муросои дворянҳо» ташкил мёбад. Ба ин созмон қариб 2 ҳазор дворянҳо шомил шуданд, ки онҳо намояндагони мазҳабҳои калвинӣ ва католикӣ буданд.

5 апрели соли 1566 вакилони дворянҳои муттаҳида ба малика Маргаритаи Пармӣ илтимоснома пешниҳод намуданд, ки дар он ба аълоҳазрат -короли Испониё садоқат доштани онҳо ифода ёфта буд. Дар баробари ин дар санад гуфта мешуд, ки инквизитсия бекор ва Иолоти Кулл бетаъхир даъват карда шавад. Маргаритаи Пармӣ аз ташрифи вакилони сершумори дворянҳо ба ҳарос афтод. Аҳли дарбори ӯ, ки асосан испанию англис буданд, ба вакилони дворянҳо, ки нидерландӣ буданд, бо ҳисси нафрат нигоҳ мекарданд. Яке аз дарбориён онҳоро таҳқиромез «гёзҳо», яъне «кашшоқҳо» (бо забони фаронсавӣ) номид. Дворянҳо баъд истилоҳи «гёзҳо»-ро барои номи ҳизби худ истифода бурданд.

Маргаритаи Пармӣ ваъда дод, ки хоҳиши онҳоро ба тавачҷӯҳи король мерасонад. Ӯ баъди якчанд рӯз қонун дар бораи сабуктар кардани амри соли 1550-ро эълон намуд. Вале бо талаби қатъии Филиппи II ӯ ин амри худро бо тезӣ бекор кард. Аъзоёни Шӯрои дворянҳо аз гуфтушунид бо Маргаритаи Пармӣ норозӣ буданд, чунки он натиҷаи дилхоҳ надод.

Ҳаракати зидди мутлақият ҳамоно меафзуд. Буржуазияи калвинӣ ҳам созмонеро бо номи «Муросои тоҷирон» ташкил кард. Ҳаракати калвинчиён чунон суръат гирифт, ки минбаъд таъқиб



15. Хароб гардонидани ибодатгоҳи католикӣ

кардани онҳо ниҳоят мушкил гардид. Дар мамлакат инқилоб оғоз ёфт. Ба ҳаракати зидди мутлақияти испанӣ ва иттифоқчиёни вай калисои католикӣ ва оммаҳои васеъи аҳолии Нидерландия ҳамроҳ шуданд.

**Ҳаракати зидди сурат (икона)-парастии католикҳо.** Ҷамъомадҳои (ибодаткунии) калвинчиён дар шароити болоравии инқилоби буржуазӣ ба гирдиҳамоиҳои сиёсӣ табдил меёфтанд. Дар чунин ҷамъомадҳо табақаҳои гуногуни аҳолӣ — буржуазия, дворянҳо, устоҳою шогирдони онҳо, коргарони манафактураҳо ва мардуми камбағал иштирок мекарданд. Нотиқони калвинӣ «суратпарастӣ»-и католикҳоро ба зери танқиди сахт гирифта, оиди истиқлолияти Нидерландия шиорҳо ба миён мегузоштанд. Калвинчиён пешгӯӣ мекарданд, ки дере нагузашта давраи табаддулот фаро мерасад ва дар натиҷаи он калисои католикӣ нест карда шуда, ҷои онро шоҳии «баргузидагон» ва «муқаддасон» ишғол мекунанд. Моҳи августи соли 1566 дар Фландрияи Ҷанубӣ, Брабант, Ҳоландия, Зеландия ва Фрисландия ҳам шиорҳо паҳн мегарданд. Калисоҳои католикӣ дар ҳама ҷо аз тарафи иштирокчиёни инқилоб ба хок яксон карда мешуданд. Калисои католикӣ, махсусан дар Антверпен зарари калон дид.

Аз тарси ҳаракати умумихалқӣ мустамликадорон муваққатан баъзе гузаштҳо карданд. Аз он ҷумла, инквизитсия ва додгоҳҳои гуногуни фавқулодда расман фаъолияти худро қатъ карданд. Ба фаъолияти калисои калвинӣ иҷозат дода шуд. Вале




16. Герсог Алба

бар зидди несткунандагони «суратҳо» (иконаҳо) дастаҳои қиркунанда равон карда мешуданд.

Филиппи II мехост, ки аз ҳаракати зиддикатоликӣ истифода бурда, тамоми Нидерландияро ишғол намояд. Ӯ ичрои ин нақшаи худро ба ӯҳдаи герсог Алба вогузошт. Алба бо лашкари 10 -ҳазорнафараи хуб таълимгирифта ба қаламрави Нидерландия дохил мешавад.

**Куштори Алба ва баромади Гёзҳо.** Дар Нидерландия Алба Маргаритаи Пармиро иваз карда, дар мамлакат режими сахт ҷорӣ намуд. Ҳабскунии оммавии мухолифони ҳукмронии Испониё ва қатлу мусодираи молу мулки онҳо оғоз ёфт. Тобистони соли 1568 Алба Эгмонт ва Георгро қатл кард. Яке аз пешвоёни буржуазияи калвинӣ бургомистри Антверпен Ван-Страден тавассути **эшафот** (дастгоҳи қатлкунӣ) қатл карда шуд. **Трибунали фавқулодда**, ки номи расмиаш «Шӯрои пажуҳиши ошӯбҳо» буд ва ба он худи Алба сардорӣ мекард, барои гунаҳгорон танҳо як ҷазо - қатлро раво медид. Бо ҳукми трибунали фавқулодда зиёда аз 8 ҳазор нидерландиҳо катл карда шуданд. Алба бо ин кирдори худ мехост, ки натанҳо муқовимати инқилобӣ, балки ҳар гуна оппозитсияро низ нест кунад. Вай ният дошт, ки Нидерландияро ба ғуломи ҳалқабаргӯши Испониё табдил диҳад, то ки он на ба қарорҳои Иолоти Кулл, балки мувофиқи иродаи короли Испониё андоз пардозад.

Ин вазъияти тоқатнопазир Вилгелми Ораниро водор намуд, ки ба мулкҳои олмонии худ равад. Теъдоди зиёди дворянҳо, буржуазия, косибон, коргарон ва деҳқонон ба мамлакатҳои ҳамсоя



17. «Шӯрои хунин» ҳукми қатл мебарорад

- Англия, Фаронса ва Олмон фирор карданд. Чунин ҳолат якчанд сол давом кард. Як қисми иштирокчиёни ҳаракати инқилобӣ мамлакатро тарк карда, ба роҳзанони баҳрӣ табдил ёфта, ба киштиҳои испанӣ ҳамла мекарданд. Қисми дигарашон дар ҷангалҳо пинҳон шуда, ба гарнизонҳои начандон калони испанӣ ҳуҷум карда, ба онҳо зарари калон меоварданд. Вилгелми Оранӣ аз Олмон бар зидди Алба лашкар кашид. Лекин ба натиҷае комёб шуда натавонист. Тобистони соли 1572 дар шимоли мамлакат шӯриши калон ба амал омад, ки ба он гёзҳо роҳбарӣ мекарданд. Ин воқеа ба оғози муборизаи инқилоби умуминидерландӣ ибтидо гузошт. Ҳарчанд Алба дар мубориза бар зидди халқи шӯришбардошта муваффақият дошт, вале мавҷи инқилоби нидерландиҳоро нест карда натавонист. Бинобар ин ба Испониё бозпас хонда шуд.

**Оғози шикасти Испониё.** Ба ҷои Алба генерал Рекезенс таъин гардид. Вале ба ӯ низ муяссар нашуд, ки инқилоби буржуазии Нидерландияро пахш кунад, то ки вазъи сиёсии ин мустамликаи Испониёро ба эътидол оварад. Гузашткуниҳои зиёд низ акнун натиҷаи дилхоҳ намедоданд. Ҳокимияти Рекезенс дуру дароз давом накард. Ӯ баҳори соли 1576 вафот кард. Аскарони испанӣ баъди ин ба бадахлоқӣ дода шуда, ба ғоратгарию куштори бемислу монанд даст заданд. Ҷавобан ба ин, дар маркази Нидерландия - шаҳри Брюссел шӯриши калон ба амал омад. Пулиси маҳаллӣ аъзоёни Шӯрои давлатиро ҳабс кард. Иолоти Кулл, ки дар ин шаҳр ҷамъ омада буд, ҳокимиятро ба даст гирифт.

Интизоми қушунҳои Испониё дар Нидерландия боз ҳам бадтар шуд. Испаниҳо маркази иқтисодии Нидерландия -шаҳри Антверпенро пурра ғорат намуда, оташ заданд. Ин воқеа музофотҳои ҷанубиро водор намуд, ки ба Нидерландияи Шимолӣ дасти мадад дароз кунанд. 8 ноябри соли 1576 намояндагони музофотҳо дар шаҳри Гент созишнома қабул карданд. Мувофиқи ин созишнома неруҳои Ҷануб ва Шимол муттаҳид шуданд.

Ҳокими нави (испании) Нидерландия Дон Хуан -бародари Филиппи II дар ин музофот худро бегона ҳис мекард. Иолоти Кулл бо шарте ӯро эътироф карданд, ки қарордоди Гентро риоя намояд. Дон Хуан авомфиребона ин қарордодро эътироф кард. Баъди ба Брюссел дохил шудан, фармон дод, ки лашкари Испониё аз он ҷо бароварда шавад. Ин амр фиреби маҳз буд. Ӯ ният дошт, ки дар Нидерландия ҷангро давом диҳад. Халқи Нидерландия бар зидди Дон Хуан муборизаро қатъ накард.

**Иттифоқҳои Аррас ва Утрехт.** Инқилоби озодихоҳона мавқеи ҳамаи музофотҳои Нидерландияро муайян намуд. 6 январи

соли 1579 дворянҳои Артуа ва Геннегау дар шаҳри Аррас дар анҷумани муттаҳидаи худ карордоди махсусеро бо номи **«Иттифоки Аррас»** қабул карданд. Дар он гуфта мешуд, ки ризоият тавассути «короли қонунӣ» - Филиппи II ба даст даровварда мешавад. Ҳокими нави Нидерландия Александр Фарнезеи Пармӣ ин иттифоқномаро бо имзои худ тасдиқ намуд. Фарнезей ваъда дод, ки аз ин музофотҳо лашкари Испониёро мебарорад ва ба онҳо озодии пештараашонро бармегардонад.

Музофотҳои шимолӣ ин забоняккунии хоинонаи Артуа ва Геннегауро бо испаниҳо мушоҳида карда, 23 январи соли 1579 намояндагони онҳо дар Утрехт карордоди худро имзо гузоштанд. Ин санад **«Иттифоки Утрехт»** ном дошта, иттифоқи абадӣ ва ҷудонашавандаи музофотҳои шимолиро тасдиқ кард. Вай пули умумӣ, ченакҳои дарозӣ ва вазн, сиёсати умумии ҳарбӣ ва хориҷиро барои ҳамаи музофотҳои муттаҳида муайян намуд. Иттифоки Утрехт Иолоти Куллро ҳокимияти олӣ эълон кард, ки он аз намояндагони ҳамаи музофотҳои ба федератсияи нав дохилшуда иборат буд. Ба ин иттифоқ дар ибтидо панҷ музофот-Ҳоландия, Зеландия, Утрехт, Геддерн, Фрисландия ва баъд шаҳрҳои калони Фландрия ва Бребант - Гент, Ипр, Брюгге, Антверпен, Брюссел ва Бреда низ дохил шуданд.

Иттифоки Утрехт дар ибтидо ҳокимияти Филиппи II-ро эътироф мекард, вале Иолоти Кулл изҳор кард, ки ҳокимияти Филиппи II дар музофотҳои муттаҳида барҳам дода шавад. Бо ҳамин Нидерландияи Шимолӣ ҳарчанд расман эълон нашуда бошад ҳам, дар амал ба ҷумҳурӣ табдил ёфт. Аз ҳамон вакт сар карда давлати нав **Ҳоландия** ном гирифт.

**Ҷанги истиклолиятхоҳӣ дар Нидерландияи Шимолӣ.** Дар ҳаракати озодихоҳонаи Нидерландия Вилгелми Оранӣ мақоми калон дошт. Бинобар ин короли Испониё барои нест кардани ӯ мукофоти калон эълон кард. 10 июни соли 1584 аз тарафи қотиле, ки Филиппи II равон карда буд, ин шахс ба қатл расонида шуд. Қатли Вилгелми Оранӣ ба инқилоби Нидерландия зарбаи сахт зад. Испаниҳо баъди ин куштор ба ҳуҷум гузашта, шаҳрҳои Брюгге, Гент, Брюссел ва Антверпенро ишғол намуданд. Дар чунин шароити вазнин Иолоти Кулл маҷбур шуд, ки пуштибонии Англияро қабул намуда, аз он ёрии ҳарбӣ пурсад. Соли 1585 ноиби маликаи Англия Елизавета граф Лейстер бо қушуни 7600-нафара ба Нидерландия дохил мешавад. Лейстер дар ин ҷо чун истилогар рафтор намуда, боиси нафрати мардум гардид ва дере нагузашта маҷбур шуд, ки Нидерландияро тарк кунад.

Муваффақиятҳои Испониё ин дафъа дар Нидерландия кӯтоҳмуддат буданд. Хазинаи короли Испониё холӣ шуда буд. Ин

ҳолат ба ӯ имкон намедод, ки ба шимол бомуваффақият лашкар кашад. Иолоти Кулл ба испаниҳо муқовимати шадид нишон медод. Писари Вилгелми Оранӣ -Мориси Оранӣ қобилияти баланди лашкаркашӣ нишон дода, қушунҳои Нидерландияро аз нав сохта, онҳоро хуб ба ҷанг омода намуд. Соли 1588 лашкари ноҳияҳои шарқӣ бар зидди қушунҳои испанӣ ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашт.

Бебарории лашкаркашии **«Армадаи мағлубнашаванда»**-и зидди Англия испаниҳоро маҷбур сохт, ки амалиётҳои ҳарбии худро дар Нидерландия суст кунанд. Баъди вафоти герсог Александри Пармӣ Мориси Оранӣ муваффақияти калони ҳарбӣ ба даст овард. Ӯ қисми зиёди музофотҳои шимолиро аз испаниҳо тоза кард. Баҳрнавардони ҳоландӣ ба мустамликаҳои Испониё ва Португалия зада медаромаданд. Муборизаи Нидерландия бар зидди Испониё акнун аз хушкӣ ба баҳру уқёнусҳо гузашт. Дар ҷунии шароит Нидерландияро шикаст додани Испониё имконнопазир буд.

Обрӯю эътибори байналхалқии Нидерландия сол то сол баланд мешуд. Англия ва Фаронса низ давлати Нидерландияро эътироф карданд. Испониё ҳам маҷбур шуд, ки вазъияти навро ба ҳисоб гирад. **Соли 1609 дар байни Иолоти Кулли Нидерландия ва Испониё ба муддати 12 сол созишномаи сулҳ ба имзо расид.** Мувофиқи он Испониё истиқлолияти Нидерландияи Шимолиро эътироф кард. Вале дар байни Ҳоландия ва Испониё аз нав ҷанг оғоз ёфт. Лекин аз он Испониё фоидае ба даст оварда натавонист. Дар Конгресси Вестфал, ки он соли 1646 баргузор гардид, Испониё истиқлолияти Иттифоқи Музофотҳои Шимолӣ, яъне Ҳоландияро пурра эътироф намуд.

**Аҳамияти инқилоби буржуазии Нидерландия.** Инқилоби буржуазии солҳои 1566-1609-и Нидерландия аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Пеш аз ҳама, он аввалин инқилоби муваффақиятноки буржуазӣ мебошад. Дар натиҷаи ғалабаи ин инқилоб, аввалан халқи Нидерландия аз тобеияти Испониё озод шуд. Дуввум, Ҷумҳурии Музофотҳои Муттаҳида, яъне Ҳоландия ташкил ёфт.

Дар инқилоби буржуазии Нидерландия табақаҳои гуногуни ҷомеа — дворянҳо, буржуазия, зиёиён, коргарон, косибон, кишоварзон ва қисми ватандӯсти рӯҳониёни масеҳӣ, пеш аз ҳама калвинчиён ширкат варзида, ғалабаи Нидерландияро бар Испониё таъмин намуданд. Дар Ҳоландия ба сари ҳокимият буржуазияи миллӣ омад.

Инқилоби буржуазии Нидерландия баъзе рукнҳои ҳокимияти демократӣ - Иолоти Кулл ва ҳокимияти додгоҳиро ба вуҷуд

овард. Дар мамлакат **ҳокимияти истибдодии мутлақияти испанӣ** барҳам хӯрда, сохти **ҷумҳуриявии идоракунии давлат** ба миён омад.

**Савол ва супоришҳо**: 1. Дар бораи сохти иқтисодии Нидерландия чӣ гуфта метавонед? 2. Дар музофоту шаҳрҳои алоҳидаи Нидерландия кадом намудҳои истеҳсолот тараққӣ карда буданд? 3. Кадом шаҳрҳои Нидерландия аз ҷиҳати тиҷорат ва саноат пеш рафта буданд? 4. Сохти сиёсии Нидерландия пеш аз инқилоб чӣ тавр буд? 5. Нидерландияро короли Испониё чӣ тавр идора мекард? 6. Иолоти Кулл чӣ хел мақомот буд? 7. Карли V барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ чӣ ҷораҳо меандешид? 8. Дар Нидерландия калисоҳои алоҳидаи дини насронӣ чӣ ном доштанд? Карли V чаро калисои католикиро пуштибонӣ мекард? 9. Мулҳидон кистанд ва чаро Карли V бар зидди онҳо мубориза мебурд? Ин мубориза чӣ тавр ифода меёфт? 10. Инқилоби буржуазии Нидерландия кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? 11. Дворянҳо ва буржуазияи нидерландӣ чӣ хел созмонҳои инқилобӣ ташкил намуданд? 12. «Гёзҳо» кистанд? 13. Калвинчиён бар зидди испаниҳо чӣ тавр мубориза мебурданд? 14. Ҳаракати зидди «суратпарастӣ»-и католикҳо чӣ тавр сурат гирифт ва он чӣ натиҷа дод? 15. Герсог Алба Нидерландияро чӣ тавр идора мекард? Ӯ бар зидди халқ чӣ хел бедодгариҳоро раво медид? 16. Қарордодҳои «Иттифоқи Аррас» ва «Иттифоқи Утрехт»-ро шарҳ диҳед. Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? 17. Дар Нидерландияи Шимолӣ ҷанги истиқлолиятхоҳӣ чӣ тавр сурат гирифт? 18. Чаро намояндаи маликаи Англия -Лейстер Нидерландияи Шимолиро тарк кард? 19. Кай дар байни Испониё ва Нидерландияи Шимолӣ аввалин созишномаи сулҳ ба имзо расид? 20. Испониё истиқлолияти Музофотҳои Муттаҳида –Ҳоландияро кай пурра эътироф кард? 21. Дар бораи аҳамияти ғалабаи инқилоби буржуазии озодихоҳонаи Нидерландия фикри худро баён намоед.

## §7. ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ АНГЛИЯ

**Сабабҳои инқилоб.** Дар нимаи аввали асри XVII дар Англия манафактураҳо хеле зиёд шуданд. Онҳо молҳои гуногун истеҳсол мекарданд. Нисбат ба давлатҳои дигари Аврупо дар Англия зиёдтар моҳут, ангишт ва ғайра истеҳсол карда мешуданд. Истеҳсоли моҳут соҳаи асосии саноати Англия буд. Он ба соҳибкорон ва хазинаи давлат даромади калон медод. Аз ин сабаб дар Англия гӯсфандпарварӣ зиёд шуд. «Деворгарӣ» (дар бораи ин шумо дар синфи 6 маълумот ба даст овардаед) ба истеҳсоли пашм ва моҳут ёрии калон расонид. Махсусан, манафактураҳои моҳутбарорӣ дар деҳот хеле афзуданд. Дворянҳо сол то сол ба ин соҳаи сердаромад бештар майл карда, дар мулкҳои худ манафактураҳои моҳутбофӣ месохтанд ва дар онҳо аз меҳнати кироя истифода мебурданд.

Дар натиҷаи тараққиёти сармоядорӣ шаҳрҳои Англия ободу зебо мегардиданд. Аҳолии онҳо зиёд мешуд. Дар он давра Англия ҳамагӣ 5,5 млн нафар аҳолӣ дошт ва зиёда аз 25 фоизи он дар



18. Лондон. Қалъа

шаҳрҳо сокин буданд. Махсусан, аҳолии шаҳри Лондон тез меафзуд. Дар он қариб 500 ҳазор нафар одамон сокин буданд.

Аҳолии шаҳрҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ эҳтиёҷ доштанд. Ин дар навбати худ ба пешравии кишоварзӣ такон дод. Доду гирифт дар байни шаҳру деҳот ривоҷ ёфт. Истеҳсолоти кишоварзӣ маҳсулотро барои фурӯхтан истеҳсол мекард. Аз ин сабаб бисёр дворянҳо хоҷагии худро ба роҳи сармоядорӣ мутобиқ мекарданд. Ин дворянҳоро «**дворянҳои нав**» меномиданд. Онҳо дар мулкҳои худ манафактураҳо сохта, ба бозор маҳсулоти саноатии тайёр ва нимтайёр мебаровараданд. Ин раванд шумораи буржуазия ва коргарони кирояро зиёд кард. Аз ҳама муҳимаш он буд, ки деҳотро ба **муносибатҳои сармоядорӣ** кашид. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, тартиботи феодалии идоракунии мамлакат ба тараққиёти иқтисодии Англия халал расонида, намегузошт, ки сохти сармоядорӣ бо суръат тараққӣ кунад, муносибатҳои молию пулӣ авҷ гиранд. Сарфи назар аз ин мушкилиҳо оҳиста - оҳиста дар иқтисодиёти Англия унсурҳои сармоядорӣ пайдо шуда, ташаккул меёфтанд. Акнун Ҷумҳурии Ҳоландия дар симои Англия рақиби сазовор пайдо намуд.

Сулолаи Стюартҳо, ки дар Англия аз асри XVII ҳукмронӣ мекард, ба мустаҳкам кардани ҳокимияти мутлақ майл дошт. Ин корро аввал намояндагони якуми ин хонадон Якови I (1608-1625) ва баъд Карли I (1625-1649) амалӣ намуданд. Ҳарчанд дар Англия парлумон вуҷуд дошт, Стюартҳо бо он кам маслиҳат мекарданд. Барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ ва пурра кардани хазинаи королӣ Стюартҳо мунтазам андозҳои нав ҷорӣ мена-

муданд ва дар ин бора аз парлумон иҷозат намепурсиданд. Шахсонеро, ки аз сиёсати корол норозигӣ баён менамуданд, ба маҳбас мепартофтанд. Нисбати роҳи пешгирифтаи Стюартҳо **парлумон** норозӣ буд. Маъруфтарин аъзоёни парлумон, ҳуқуқшиносону нотиқон, ба монанди Пим Гемпдон худсариҳои королро маҳкум менамуданд. Соли 1628 парлумон ба корол «Талабнома дар бораи ҳуқуқ»-ро пешниҳод намуд. Тавассути он парлумон аз корол талаб кард, ки андозҳои парлумон тасдиқ накардаро бекор кунад ва ба ҳабскуниҳои худсаронаву ғайриқонунии мардум хотима диҳад.

Дар аввал Карли I ваъда дод, ки «Талабнома»-ро ба инобат мегирад. Вале ғайричашмдошт соли 1629 парлумонро пароканда намуда, дар зарфи 11 соли минбаъда онро дигар даъват накард ва давлатро бе парлумон танҳо идора мекард. Ҳамин тариқ, дар Англия ҳокимияти **мутлақи** Стюартҳо ба вуҷуд омад.

Сабаби дигари инқилоби буржуазии англис он буд, ки **калисои англиканӣ** аз калисои католикӣ ҷудо шуд. Оммаи халқ, «дворянҳои нав» ва буржуазия ба **мазҳаби пуританӣ** (аз калимаи юнонии «пурус» - «тоза»- гирифта шудааст) майл доштанд. Ба ҷои калисои папаи Рим корол калисоро тавассути **епископҳо** идора мекард. Калисои англиканӣ дар ихтиёри худ замини бисёр дошт. Он аз деҳқонон андози даҳяк меситонид ва такягоҳи ҳокимияти феодалӣ ва королӣ буд.



19. Мулки заминдори калон

Пуританҳо ба маросимҳои дабдабаноки калисои англиканӣ зид буданд. Онҳо тарафдори чунин калисое буданд, ки маросимҳояш хароҷоти зиёд надошта, ба мардум бори гарон наорад. Пуританҳо мардумро тарғиб менамуданд, ки ҳокимияти епископҳоро написанданд. Калисои англиканӣ тартиботи феодалиро ҳифз менамуд. Он тартиботи мавҷударо хости худо ва королро дар замин расули худо меҳисобид.

Дар Англия баробари тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи сармоядорӣ ду табақаи нави ҷамъиятӣ ташаккул меёфт-**буржуазия** ва **коргарони кироя**. Онҳо дар мубориза бар зидди ҳокимияти мутлақи королӣ иттифоқчӣ буданд. Дар шикастани тартиботи феодалӣ пеш аз ҳама буржуазия манфиатдор буд. Бинобар ин инқилоби дар пешистодаи Англия моҳияти буржуазӣ дошта, мақсадҳои онро ифода менамуд.

**Оғоз ва рафти инқилоб**. Корол вазъияти баамаломадаро ба ҳисоб гирифта 13 апрели соли 1640 парлумони наврο даъват намуд, ки он дер фаъолият накард. Карли I бо сабаби гапнодаро буданаш 6 июни ҳамон сол онро пароканда кард. Ин парлумон дар таърихи Англия «**Парлумони кӯтоҳмуддат**» ном гирифтааст.

Баъди пароканда кардани парлумони кӯтоҳмуддат дар Лондон ва баъзе шаҳру маҳалҳои дигар ошубҳои оммавӣ сар заданд. Корол аз ин ба ҳарос афтида парлумони навро даъват намуд. Ӯ кӯшиш намуд, ки ба он ҳарчӣ зиёдтар ҷонибдорони содиқи худро дохил намояд. Вале ба парлумони ҷадид ҳам бештар намояндагони буржуазия ва дворянҳои нав интихоб шуданд. Ҳамин тариқ, онҳо дар интихоботи парлумонӣ ғалабаи қатъӣ ба даст оварданд. Ин парлумон аз 3 ноябри соли 1640 то 20 ноябри соли 1653 кор кард ва дар таърихи Англия он ҳамчун «**Парлумони дарозмуддат**» машҳур аст.

Ба Карли I лозим омад, ки аксарияти талабҳои Парлумони дарозмуддатро иҷро намояд. Аз он ҷумла, ӯ маҳбусони сиёсиро озод ва андозҳои худсарона ҷорӣ кардаашро бекор кард. Ба ин нигоҳ накарда, **оппозитсия** аз корол норозӣ буд.

Дар ҳамин вақт дар Ирландия шӯриш ба амал омад. Парлумон аз корол хоҳиш кард, ки онро пахш кунад. Вале ӯ ин корро ба ҷо наовард. Баъди ин парлумон королро ба хоинӣ муттаҳам кард. Зиддият дар байни королу парлумон ва тарафдорони онҳо рӯз то рӯз тезу тунд мешуд. Корол ин парлумонро низ пароканда карданӣ шуд. Аз ин овоза аъзоёни парлумон ва оммаи халқ бохабар шуданд. Охирҳои моҳи октябри соли 1641 анбӯҳи бисёрҳазорнафараи мардуми Лондон ва гирду атрофи он бинои парлумонро барои аз корол ҳимоя намудан иҳота карданд. 3 январи соли 1642 корол бо дастаи мусаллаҳ, ба саҳни парлумон ҳозир

шуд, то ки роҳбарони оппозитсияро ба ҳабс гирад. Вале онҳо аллакай дар шаҳри Лондон пинҳон шуда буданд. Парлумон ҳам қароргоҳи худро ба он ҷо кӯчонида, корашро идома дод. Ҳазорон нафар мардум аз гӯшаю канори Англия бо чизе ки тавонистаанд, мусаллаҳ шуда, барои дастгирӣ ва дифои парлумон ба Лондон раҳсипор шуданд.

Лашкар, ки сарфармондеҳи он Карли I буд, барои парлумон хавфи калон дошт. Корол метавонист онро бар зидди парлумон истифода барад. Аз ин рӯ, парлумон бо қарори худ королро аз вазифааш холӣ кард. Карли I бе қувваи ҳарбӣ монда, ба шимоли Англия фирор кард ва дар он ҷо дастаҳои мусаллаҳи **«кавалер»**-ҳо (савораҳо)-ро дар атрофи худ муттаҳид кардан гирифт. Ӯ бар зидди парлумон ба ҷанг тайёрӣ медид.

22 августи соли 1642 Карли I бар зидди парлумон ҷанг эълон кард. Нерӯҳои ҳарбии парлумон рӯз то рӯз зиёд мешуданд ва аксарияти оммаи халқ онро дастгирӣ мекард. Вай аз маблағ ҳам таъмин буд, зеро вилоятҳое, ки парлумонро дастгирӣ мекарданд, аз панҷ чор ҳиссаи андози умумии мамлакатро медоданд ва ин маблағ акнун дар ихтиёри парлумон буд. Дар аввали ҷанг қувваҳои ҳарбии корол нисбат ба нерӯҳои ҳарбии парлумон бисёру хубтар мусаллаҳ ва таълимгирифта буданд.

Муҳорибаи аввал байни онҳо 23 октябри соли 1642 дар маҳаллаи Эҷҳил ба амал омад. Дар он 14 ҳазор нафар афсару аскар аз тарафи Карли I ва 10 ҳазор афсару аскар ва ихтиёриён аз тарафи парлумон иштирок намуданд. Ин муҳориба ба парлумон пирӯзӣ наовард, вале корол ҳам дастболо нашуд. Барои пурзӯр шудан Карли I ирландиҳоро ба тарафи худ кашид, парлумон бошад, бо Шотландия иттифоқ баст. Муҳорибаҳои ҳалкунандаи Карли I ва парлумон дар пеш буданд.



20. Оливер Кромвел

**Оливер Кромвел**. Дар байни **вакилони парлумон** шахси аз ҳама нотарсу қавиирода, доно ва нотиқи оташинсухан Оливер Кромвел ба ҳисоб мерафт. Кромвел аз вазъи ҷорӣ хуб бохабар буд. Ба он баҳои дуруст ҳам дода метавонист. Барои ғалабаи парлумон нақшаҳои самараноктаринро пешниҳод менамуд. Бинобар ин дар муддати ниҳоят кӯтоҳ Кромвел арбоби намоёни инқилоби буржуазии англис гардид. Ӯ дар байни оммаи мардум обрӯю эътибори калон пайдо намуд.

Парлумон Оливер Кромвелро фармондеҳи лашкар таъин кард. Вай дар санъати ҳарбӣ ҳам дониши хуб дошт. Кромвел лашкари парлумонро аз нав сохт. Ӯ лашкари **«Намунаи нав»**-ро ташкил намуд, ки аз лашкари қаблӣ фарқи калон дошт. Бо ҷидду ҷаҳди Кромвел лашкари хуб мусаллаҳшуда ва дорои интизоми сахттарин ташкил карда шуд. Сарвари нави ҳарбӣ нисбат ба аскарону афсарон хушмуомила, вале серталаб буд. Зердастон фармонҳои Кромвелро бечуну чаро иҷро мекарданд, зеро онҳо медонистанд, ки танҳо лашкари боинтизому хуб мусаллаҳшудаю ба таври аъло таълимгирифта метавонад ба рақиб ғолиб ояд. Кромвел ба онҳое, ки вазифаҳои хизматии худро нағз иҷро намекарданд, ҷазои сахт медод. Бо роҳбарии Кромвел парлумон соҳиби лашкари зафарманд гардид.

Оливер Кромвел ба оммаи халқ такя мекард. Аксарияти афсарони лашкари «Намунаи нав» аз байни мардуми оддӣ буданд. Ӯ беҳтарин сарбозон, собиқ косибон, деҳқонон ва ё коргаронро ба ин вазифа таъин мекард ва аксарияти онҳо ба хубӣ аз ӯҳдаи ин вазифаи масъулиятнок мебаромаданд.

**Муҳорибаи Нэзби.** Лашкари Оливер Кромвел ҳақиқатан ҳам лашкари «Намунаи нав» буд. Дар муҳорибаи маҳаллаи Нэзби 14 июни соли 1645 ӯ **«кавалер»**-ҳоро пурра мағлуб кард. Король



21. Кромвел бурути королро мебурад

тавассути гурехтан наҷот ёфт. Артиллерия, корвон ва чандин ҳазор нафар кавалерҳо ба **«Лундасарҳо»** (лашкари парлумонро ҳамин хел меномиданд, чунки бе мӯи сар буданд) асир афтоданд. Аз шикасти қатъӣ тарсида, Карли I пинҳонӣ аз короли Фаронса ёрӣ пурсид. Барои ин кораш Карли I хоин эълон карда шуд.



22. Муҷассамаи ёдгории муҳорибаи Нэзби

Соли 1646 Карли I дар Шотландия пинҳон шуд, вале шотландиҳо ӯро дастгир карда, ба парлумони Англия фурӯхтанд.

**Ҳаракати Лилберн**. Лилберн ном **публисисти сиёсӣ** дар Англия ба **ҷанги шаҳрвандӣ** ва **ҳаракати баробарҳоҳон** роҳбарӣ мекард. Ӯ ва тарафдоронаш талаб мекарданд, ки ба ҳама **ҳуқуки баробари интихоботӣ** дода шавад. Лилберн зидди **моликияти хусусӣ** буд. Ӯ талаб мекард, ки моликияти калон дар байни мардум баробар тақсим карда шавад. Вале ҳукумати феълӣ, ки аз табақаи болоии лашкар ва парлумон иборат буд, танҳо манфиати буржуазия ва дворянҳои навро ифода менамуд, Лилбернро дастгирӣ накард. Баъдтар Лилберн аз Англия пеш карда шуд. Полкҳое, ки ӯро дастгирӣ мекарданд, шӯриш бардоштанд, вале Кромвел онҳоро пахш кард.




23. Ҷон Лилберн

**Натиҷаҳои инқилоби буржуазии англис**. Дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ лашкари парлумон нисбат ба худи парлумон инқилобитар шуда буд. Аз ин сабаб вай барои парлумон хавфнок гардид. Барои ҳамин парлумон қарор дод, ки лашкарро пароканда кунад. Аз ин роҳбарони лашкар бохабар шуданд.

Охирҳои соли 1648 полковник Прайд бо дастаи на чан-



24. Аскарон деҳқононро аз заминҳои ишғолкардаашон пеш мекунанд

дон калон ба маҷлисгоҳи парлумон дохил шуда, **вакилони** беэътимодро аз он ҷо пеш кард. **Табаддулоте,** ки парлумон амалӣ намудан мехост, ба нокомӣ анҷом ёфт. Баъди ин дар парлумон аксариятро мухолифони Карли I ташкил намуданд. Дар масъалаи тақдири Карли I дар парлумон якдилӣ набуд. Як гурӯҳ вакилон тарафдори қатли корол буданд, қисми дигар — зидди он. Вале ҷонибдорони ба қатл расонидани Карли I зиёдтар буданд. Оливер Кромвел низ ба ҳамин гурӯҳ шомил буд.

Суди олие, ки онро парлумон ташкил карда буд, Карли I-ро ба қатл ҳукм кард. Ҳукми қатл 30 январи соли 1649 ба иҷро расонида шуд.

Парлумон Англияро ҷумҳурӣ эълон кард. Вале ин иқдом аҳволи халқро беҳтар накард. Мамлакатро буржуазия ва дворянҳои нав идора мекарданд.

Дар як муддати кӯтоҳ лашкари парлумон аз лашкари **инқилобӣ** ба лашкари **истилогар** табдил ёфт. Вай барои забт кардани Ирландия ба кор бурда шуд. Дар натиҷаи ин ҷанг Англия қариб тамоми Ирландияро ишғол кард.

Баъд аз қатли корол, деҳқонон тез-тез шӯриш мебардоштанд, зеро дар байни онҳо тарафдорони Карли I хеле зиёд буданд. Барои парлумон вазъияти хавфнок ба амал омад. Парлумон бо роҳбарияти лашкар ва дворянҳои нав забон як кард, ки ҳокимиятро пурра ба Кромвел супорад. Ин воқеа дар охири соли 1658 ба вуқӯъ пайваст. Парлумон Кромвелро **«Лорд-протектор»**-и (**«протектор»**



25. Қатли Карли I Стюарт

**- ҳомӣ**) Англия эълон кард. Дар амал ҳокимияти лорд-протектор **диктатураи ҳарбӣ** буд. Бо ҳамин дар Англия **сохти ҷумҳуриявӣ** барҳам хӯрд.

Баъди якчанд сол мавқеи буржуазия ва дворянҳои нав нисбати лорд-протектор тағйир ёфт. Ба онҳо мутлақият бештар маъқул буд. Барои ҳамин ҳокимияти Кромвелро бо **мутлақияти муътадил** тағйир доданӣ шуданд. Бо ин мақсад бо писари Карли I -Карли II пинҳонӣ забон як карда, соли 1660 (баъди вафоти Кромвел) ӯро ба тахти Англия шинониданд. Ҳамин тавр, дар Англия мутлақият аз нав барқарор карда шуд.

Стюартҳо мехостанд, ки дар Англия мисли пештара ҳокимияти мутлақияти комил вуҷуд дошта бошад, вале онҳо дар вазъияти феълӣ парлумонро рад карда наметавонистанд. Бо вуҷуди ин Карли II барои мустаҳкам кардани хокимияти худ баъзе чораҳо андешид. Бо розигии парлумон ӯ палатаи лордҳоро аз нав барқарор кард. Инчунин калисои англиканиро аз нав давлатӣ кунонид. Арбобони зиёди инқилоб аз тарафи корол ба қатл расонида шуданд.

Хавфи аз нав пурра барқароршавии мутлақият рӯз то рӯз пурзӯр мегардид. Дар лаҳзаи охирин буржуазия, дворянҳои нав ва парлумон пеши роҳи онро гирифтанд. Онҳо барои ба тахту тоҷи королии Англия соҳиб шудан ҳокими Ҳоландия - Вилгелми Ораниро, ки аслан бо Стюартҳо хешӣ дошт, даъват карданд. Ӯ

соли 1688 бо лашкараш ба соҳили ҷанубии Англия ворид шуда, ба сӯи Лондон ҳаракат намуд. Лашкари короли Англия ба тарафи Вилгелми Оранӣ гузашт. Ҳамин тариқ, парлумон Вилгелми Ораниро соҳиби тахти королии Англия намуд ва дар баробари ин ҳокимияти ӯро маҳдуд кард.

Соли 1689 парлумон «**Қонун (билл) дар бораи ҳуқуқ**»-ро қабул кард, ки мувофиқи он ҳокимияти король дар Англия **мутлақияти маҳдуд (мутлақияти конститутсионӣ)** эълон карда шуд. Акнун король ҳақ надошт, ки қарорҳои қабулкардаи парлумонро бекор кунад, андозҳоро худсарона ҷорӣ намояд ё ки лашкар ҷамъ кунад.

**Аҳамияти инқилоби буржуазии англис.** Инқилоби буржуазӣ тавассути парлумон мутлақияти комилро дар Англия барҳам дод. Акнун король ҳокимияти маҳдуд дошт. Аксарияти вазифаҳоро парлумон ба ӯҳдаи худ гирифт. Король маҷбур буд, ки ба парлумон ва қонунҳои қабулкардаи вай итоат кунад. Ҳуқуқу вазифаҳои король дар Конститутсияи Англия муайян карда шуд.

Тартиботи феодалиро дар Англия инқилоби буржуазии солҳои 1648-1649 қариб пурра барҳам дод, ҳуқуқҳои мардумро васеъ кард. Масалан, деҳқонон дигар ба помешикону дворянҳо тобеъ набуданд. Онҳо соҳиби замин шуданд.

Инқилоби буржуазии англис дар нимароҳ монд. Ин сабаб дошт. Дворянҳои нав ҳанӯз пурра ба буржуазия табдил наёфта буданд. Вале инқилоб ба решаи тартиботи феодалӣ теша зад.

Инқилоби буржуазӣ барои ташаккули минбаъдаи ҷомеаи сармоядорӣ ва демократӣ аҳамияти ҳалкунанда дошт. Парлумон дар амал олоти рушди **муносибатҳои сармоядорӣ** дар Англия гардид.

Инқилоби буржуазӣ соҳаи кишоварзии Англияро ҳам ба роҳи сармоядорӣ даровард. Саноат тез тараққӣ мекард. Он барои ба амал омадани **табаддулоти саноатӣ** дар Англия шароити мусоид фароҳам овард. Ҷои **қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолии феодалиро қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолии сармоядорӣ** ишғол кардан гирифтанд.

***Ҳуҷҷат***

***Фармон дар бораи қатли Карли I***

***Дода шуд ба суди олӣ оид ба тафтишу баровардани ҳукм нисбат ба Карли I Стюарт, короли Англия, 29 январи соли 1649.***

*Бо сабаби он ки Карл Стюарт - короли Англия бо ҷинояти зидди давлат ва гуноҳҳои вазнини дигар гунаҳгор карда шудааст ва алайҳи ӯ рӯзи шанбеи гузашта суди мазкур ҳукм баровардааст, ки...барои ҳамин шумо вазифадор карда шудаед, ки ҳукми мазкурро дар кӯчаи кушод, дар*

*назди Уайт-хол пагоҳ, 30 январ, байни соатҳои 10 пагоҳӣ ва 5 баъд аз зуҳри ҳамон рӯз ба ҷо расонед.*

**Савол ва супоришҳо:** 1. Манафактура дар Англия чӣ тавр тараққӣ карда буд? 2. Тараққиёти манафактура ба ободу зебошавии шаҳрҳои Англия чӣ тавр таъсир расонид? 3. Чаро парлумон аз Стюартҳо норозӣ буд? 4. Дар бораи калисои англиканӣ чӣ маълумот доред? 5. Чаро корол парлумонро пароканда кард? 6. Сабабҳои асосии инқилоби буржуазии англисро маънидод кунед. 7. Дар бораи тараққиёти сармоядорӣ дар Англия чиро медонед? 8. «Дворянҳои нав» гуфта киҳоро меномиданд? 9. Калисои англиканӣ аз калисои католикӣ чӣ фарқ дошт? 10. Киҳоро «пуританҳо» меномиданд? 11. Парлумони кӯтоҳмуддат кай ба кор шурӯъ кард ва чаро корол онро пароканда сохт? 12. Парлумони дарозмуддат кай ба кор шурӯъ кард ва ба кадом муваффақиятҳо ноил гардид? 13. Чаро Карли I Парлумони Дарозмуддатро пароканда карданӣ шуд? 14. Дар бораи Оливер Кромвел нақл кунед. Дар бораи лашкари «Намунаи нав»-и ӯ чиро медонед? 15. Чаро мардум ба муҳофизати парлумон баромад? 16. Карли I бар зидди парлумон кай ҷанг эълон кард ва он бо чӣ анҷомид? 17. Дар бораи фаъолияти Лилберн нақл кунед. 18. Гӯед, ки инқилоби буржуазии англис чӣ натиҷаҳо дод ва аҳамияти он дар чист?

## §8-9. ТАШКИЛЁБИИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО

**Аҳволи мустамликаҳо**. Дар шимоли қитъаи Америка мустамликаҳои Англия воқеъ гардида буданд. Англисҳо соли 1607 бо номи Вирҷиния мустамликаи аввалини худро ташкил карданд. Аз Англия деҳқонони безамин, ҳунармандон ва мардуми касбу кори гуногун барои рӯзгузаронӣ ба он ҷо ҳиҷрат мекарданд. Дар



26. ИМА. Истеҳкоми Ҷеймс. Соли 1607

байни муҳоҷирон пуританҳо хеле зиёд буданд, зеро ҳокимияти Стюартҳо ба онҳо фишор меовард. Аз ҳисоби кашида гирифтани заминҳои аҳолии муқимии Америка истилогарони англис оҳиста-оҳиста шумораи мустамликаҳои худро то ба 13 адад расониданд.

Хоҷагӣ дар мустамликаҳо сол то сол инкишоф меёфт. Дар Каролинаи Ҷанубӣ ва Ҷорҷия хоҷагиҳои ғуломдорӣ барпо гардиданд. Дар киштзорҳо асосан тамоку, найшакар ва индиго парвариш мекарданд. Дар Пенсилвания, Нию-Йорк, Нию-Ҷерси мардум ба ғаллакорӣ машғул буданд. Дар соҳилҳои баҳр ҳунармандӣ ва киштисозӣ тараққӣ мекард. Дар Нию-Гемпшир, Масачусетс, Коннектикут ва Род-Айленд, ки дар Шимол воқеъ гардида буданд, ҳунармандӣ ва манафактура инкишоф меёфтанд, қисми аҳолӣ ба моҳигирӣ ва баҳрнавардӣ машғул буд.

Аз мустамликаҳо ба Англия мӯина, тамоку, моҳӣ, чӯбу тахта ва оҳан меоварданд.



27. Муҳоҷирон

Муҳоҷирон ҳиндуёнро азобу шиканҷа медоданд, аз ҷойҳои муқимиашон пеш мекарданд.

Дар мустамликаҳои америкоии Англия ғуломфурӯшӣ васеъ паҳн гардида буд. Ин кор ба ғуломфурӯшон даромади калон медод. Дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ ҳар сол садҳо ҳазор зангиёни ғуломро ба заминдорон (плантаторон) мефурӯхтанд. Вазъияти сафедпӯстони мустамликаҳо низ хуб набуд.

Дар мустамликаҳо муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буданд. Аз ин тартибот, пеш аз ҳама, Стюартҳо фоида медиданд. Заминдорони калони англисӣ аз иҷорагирандагон андози калон меситониданд, ки дар натиҷа бештари онҳо қашшоқ мешуданд. Дар шаҳрҳо ҳам мардуми камбағал бисёр буд. Камбағалони шаҳр ва иҷорагирандагони деҳот ҳаракат мекарданд, ки ба тарафи ғарби Америка ҳиҷрат намуда, фермери мустақил шаванд.

Идораи мустамликаҳо дар дасти ҳукуматдорони англис буд. Дар ҳар як мустамлика корол губернаторро таъин мекард. Мустамликаҳо дар парлумони Англия намояндаи худро надоштанд. Онҳо беҳуқуқ буданд. Бе ризоияти парлумони Англия мустамликаҳо ҳуқуқи баровардани қонунро надоштанд. Худсариҳои губернаторон ва аъёну ашрофи англис сабаби шӯришҳои сершумори фермерҳо ва косибону ҳунармандон мегардид. Мустамликаҳо талаб мекарданд, ки ба онҳо **ҳуқуқҳои сиёсӣ** дода, ҳокимияти губернаторро маҳдуд карда, ҳуқуқҳои **худидоракунии мустамликаҳо** васеъ карда шаванд.



28. Америкоиҳо ба муқобили нишонпулӣ бароmаданд

Дар асри XVII ва ибтидои асри XVIII аз тарафи короли Англия нисбати мустамликаҳо оид ба кушодани манафактура, истеҳсол ва содироти маснуоти моҳутӣ ва молҳои дигари гуногун қонунҳои зиёде қабул карда шуд. Савдои мустамликаҳо ба хориҷа тавассути савдогарони миёнарави англисӣ хеле барвақт манъ шуда буд. Вале баъдтар мустамликаҳо саркашӣ карда, ба хориҷа мустақилона мол мебаровarданд. Дар иёлоти шимолии Америка дар ибтидо ба ҳама манъкуниҳо риоя намекарданд ва оҳиста-оҳиста дигар ба онҳо аҳамият ҳам намедоданд. Вале аз соли 1761 сар карда ҳукумати Англия риояи онҳоро талаб кард ва қонуне баровард, ки мувофиқи он судҳо ва мардуми мустамликаҳо



29. Соли 1770 сокинони Бостонро тирборон кардани аскарони англис

вазифадор карда шуданд, ки ба андозгункунандагони гумрук дар кофтуков ва мусодираи молҳои қочоқ (контрабанда) ёрӣ расонанд.

Тоҷирони англис рӯйирост талаб карданд, ки дар мустамликаҳо манафактураҳо баста шаванд. Инқилоби саноатие, ки дар Англия дар ин айём оғоз ёфт, имконият фароҳам овард, ки ҳаҷми фурӯши молҳои саноатӣ дар он тарафи уқёнус зиёд карда шавад. Маҳз чунин кор ба соҳибкорону сармоядорони англис даромади калон медод.

Иқтисодиёти мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ дар нимаи аввали асри XVIII сарфи назар аз ҳамаи маҳдудиятҳое, ки мустамликадорон ба вуҷуд оварда буданд, тез тараққӣ мекард. Дар байни мустамликаҳо робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ торафт мустаҳкамтар мешуданд. Мардум намехост, ки дигар тобеи Англия бошад. Дар шимоли Америка бо мурури замон ва махсусиятҳои хоси равонӣ, урфу одат, фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва ғайра **миллати нав** ташаккул меёфт, ки забони онҳо англисӣ буд.

Қарорҳои минбаъдае, ки король ва ё парлумони Англия нисбати мустамликаҳо қабул мекард, фарорасии ҷанги озодихоҳонаро дар шимоли Америка торафт наздик мегардониданд. Соли 1763 короли Англия Георги III фармоне баровард, ки мувофиқи он мардуми мустамликаҳо минбаъд ҳақ надоштанд, ки заминҳои ғарби кӯҳҳои Аллеганро худсарона аз худ карда, ба фермерӣ машғул шаванд. Соли 1765 парлумони Англия ба зиммаи мардуми мустамликаҳо барои ҳар як доду гирифти савдо, ҳуҷҷат, рӯзнома, чопи эълонҳо ва ғайра андози нишонпулӣ (герби)-ро зам намуд. Вале мардуми мустамликаҳои шимоли Америка бо қатъият муқобили ин амри король баромаданд.

Дар охирҳои соли 1773 воқеае ба амал омад, ки он «Чойнӯшии Бостон» номида шудааст. Сокинони Бостон пероҳани ҳиндуӣ ба бар карда, пинҳонӣ ба киштии пурбори дар бандар лангарпартофта баромада, аз бордонҳои он қуттиҳои чойро, ки аз тоҷирони англис буданд, ба об партофтан гирифтанд. Ин хабарро шунида, англисҳо алайҳи бостониҳо ҷазодиҳӣ ва манъкуниҳои навро ба кор бурданд. Ин рафтори мустамликадорон сабри мардумро лабрез кард.

Соли 1774 дар Филаделфия **Конгресси Якуми намояндагони як қатор мустамликаҳои америкоии Англия** баргузор гардид. Он даъват намуд, ки дар мустамликаҳо хариди молҳои англисӣ манъ карда шавад. Аз ин иқдом тоҷирони англис ба ҳарос афтоданд, чунки ҳам тоҷирон ва ҳам хазинаи король зарар медид. Ин буд, ки короли Англия андози нишонпулиро бекор кард.

Дар байни аҳолии мустамликаҳои америкоӣ ва лашкари Англия низ муносибатҳо тезу тунд гардиданд. Бисёриҳо талаб



30. «Чойнушӣ дар Бостон». Соли 1773

мекарданд, ки он аз мустамликаҳо баровarda шавад. 2 марти соли 1770 дар Бостон аскарони англисӣ ба анбӯҳи калони одамон барои он оташ кушоданд, ки онҳо ба ҳоли ишон хандида буданд. Дар натиҷа чандин усто ва баҳрнавардон куштаю захмдор шуданд. Ин ҳодиса қаҳру ғазаби мардуми шаҳрро ба вуҷуд овард. Бо талаби қатъии онҳо лашкари Англия аз шаҳри Бостон баровarda шуд.

Дар нимаи аввали солҳои 70-ум дар мустамликаҳои шимоли Америка ҳаракат барои ҷудошавӣ аз Англия пурзӯр гардид. Пайн ном демократи буржуазии англис, ки соли 1774 ба Филаделфия сафар карда буд, ҷумҳурии мустақили демократӣ эълон карда шудани мустамликаҳоро гарму ҷӯшон табрик кард. Дар ин бора ӯ андешаҳои худро дар памфлете, ки «Ақли солим» ном дошт, ифода намудааст.

**Оғози ҷанги истиқлолиятхоҳӣ**. Муборизаи мусаллаҳонаи мустамликаҳои Англия дар Америкаи Шимолӣ баҳори соли 1775

огоз ёфт. 19 апрел дастаи калони аскарони англис бо мақсади нест кардани силоҳхонаи чирикҳо аз Бостон ба тарафи Конкорд раҳсипор шуданд, вале аллакай дер шуда буд. Мустамликачиён силоҳҳоро кайҳо ба ҷои дигар пинҳон карда буданд. Вақте ки дастаи аскарон ба қафо бармегашт, чирикҳои камингирифта ба сӯи онҳо оташ кушоданд. Дар ин муҳориба 273 нафар низомиёни англис куштаю захмдор шуданд. Лашкари корол бетартибона ақиб нишаст. Чирикҳо дар ин муҳориба аз усули ҷанги пароканда хуб истифода бурданд. Лашкари корол аз усули кӯҳнаи ҷанг, яъне дар як хат саф кашида ҳуҷум кардан истифода бурда, шикаст хӯрд.

Муҳорибаи назди Конкорд мардуми мустамликаҳоро ба ватандӯстон (вигҳо) ва **аксулинқилобчиён** (лоялчиён) ҷудо кард. Дере нагузашта дар наздикии Бостон урдугоҳи калони чирикӣ ташкил карда шуд, ки дар он ҷо аз тамоми гӯшаю канори мустамликаҳо зиёда аз 20 ҳазор нафар ихтиёриён ҷамъ шуданд. **Мустамликачиён** тайёр буданд, ки ватани худро аз англисҳои аҷнабӣ озод кунанд.



31. Ҷорҷ Вашингтон

Моҳи майи соли 1775 дар Филаделфия **Конгресси Дуюми мустамликаҳои англисии Америкаи Шимолӣ** кушода шуд. Иштироккунандагони ин конгресс тарафдори он буданд, ки мустамликаҳо аз Англия ҷудо шаванд. Конгресс лашкари аз ҳисоби чирикҳо ташкилкардаро ҳамчун лашкари худ шинохт ва ба сарфармондеҳии он заминдори калони Вирҷиния Ҷорҷ Вашингтонро (1732-1799) таъин намуд. Вашингтон чанде пештар дар амалиётҳои ҳарбии зидди фаронсавиҳо ва ҳиндуҳо ширкат варзида, худро ҳамчун лашкаркаши соҳибистеъдод нишон дода буд.

Дар Америкаи Шимолӣ ҳаракати ҷудоихоҳӣ пурзӯр мешуд. Каролинаи Шимолӣ ва Вирҷиния дар бораи аз Англия ҷудо шудани худ хабар доданд. Баъди ин дар Конгресс ҷонибдорони аз Англия ҷудошавии мустамликаҳо бар муқобилони он бартарӣ пайдо намуданд.

**4 июли соли 1776 Конгресс «Эъломия дар бораи истиқлолият»**-ро қабул кард, ки муаллифи асосии он Томас Ҷеферсон (1748-1826) буд. Т.Ҷеферсон заминдори вирҷинӣ, адвокат, демократи бур-



32. Халқи шӯришбардошта ҳайкали короли Англияро сарнагун месозад

жуазӣ, яке аз маъруфтарин арбоби инқилоби буржуазии истиқлолиятхоҳии Америкаи Шимолӣ мебошад. Дар Эъломия гуфта мешуд, ки зулми мустамликавӣ бо ҳуқуқҳои табиии инсон мухолиф аст. Бинобар ин мустамликаҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муттаҳид гардида, «Давлатҳои озод ва соҳибистиқлол»-ро ташкил менамоянд.

**Рафти инқилоб**. Барои амалиётҳои ҳарбӣ мустамликадорон флоти пурзӯр доштанд. Киштиҳои ҳарбии англисҳо тавассути тӯпҳои худ дар соҳилҳо амалиётҳои ҳарбии сарбозонро дастгирӣ



33. Томас Чеферсон

мекарданд. Англисҳо лашкари зиёд надоштанд. Барои ҷанг алайҳи америкоиҳо 29 ҳазор нафар аскарони зархаридро аз князиҳои немисӣ оварда буданд. Дар аввали ҷанг нерӯҳои ҳарбии англисҳо нисбат ба мустамликачиён зиёдтар буданд. Бар зидди лашкари 80-ҳазорнафараи король Ҷ.Вашингтон ҳамагӣ 18-ҳазор нафар лашкарро муқобил гузошта тавонисту халос. Он ҳам бошад, доимӣ набуд. Дар ҳайати лашкари Вашингтон омаду рафти аскарон бисёр буд. Ба ин нигоҳ накарда, Ҷ.Вашингтон тавонист, ки теппаҳои муҳими атрофи Бостонро ишғол намояд. Дере нагузашта лашкари мустамликаҳо англисҳоро маҷбур кард, ки аз Бостон ақибнишинӣ кунанд. Ин шаҳр аз англисҳо озод карда шуд. Баъди ин лашкари король дар зери роҳбарии генерал Гоу ба Нию-Йорк ҳаракат намуда, онро ишғол карданд. Вашингтон лашкари инқилобии худро ба Трентон бурд, то ки ба англисҳо зарбаи ғайричашмдошт зада, бо ҳамин пеши роҳи идомаи ҳуҷуми онҳоро бигирад. Вале тобистони соли 1777 ба англисҳо муяссар шуд, ки Филаделфияро ишғол намоянд. Дар ин пирӯзӣ ба онҳо флот ёрии калон расонид.

Конгресс кӯшиш намуд, ки инқилоби озодихоҳонаи мустамликаҳоро мамлакатҳои мутараққии Аврупо дастгирӣ намоянд. Бо ин мақсад конгресс Бенҷамин Франклинро, ки шахси машҳури Америка буд, ба ин қитъа равон кард. Короли Фаронса Людовики XVI муборизаи озодихоҳонаи мустамликаҳои Америкаро дастгирӣ кард. Бо ҳамин ӯ хост, ки қасди худро аз Англия бигирад. Фаронса дар забти мустамликаҳо бо Англия рақобат мекард. Короли Фаронса ният дошт, ки заминҳои америкоии худро аз Англия бозситонад.

Аз Фаронса ва Испониё ба ёрии инқилобгарони Америкаи Шимолӣ ихтиёриёни зиёде омаданд. Ҳукумати Фаронса ба Вашингтон ба маблағи 21 миллион ливр вомбарг ҷудо намуд. Баъд аз ғалабаи музаффаронаи Вашингтон ва иттифоқчиён дар назди Саратога Фаронса ИМА-ро ҳамчун давлати мустақил бо расмият шинохта, бо он иттифоқ ва созишномаи тиҷоратӣ баст.

Фаронса ва Испониё аз ҷониби ИМА дар баҳр ҳам алайҳи Англия ба ҷанг даромаданд. Флоти онҳо дар гирду атрофи мустамликаҳо ва дар тамоми баҳру уқёнусҳои ҷаҳон ба киштиҳои

Англия ҳамла мекарданд. Флоти Англия ба ҷои расонидани ёрӣ ба лашкари дар мустамликаҳои Америка буда, акнун ба мудофиаи мулкҳои англисӣ гузашта буд.

Вазъияти лашкари Англия рӯз то рӯз вазнин мешуд. Баъди он, ки англисҳо дар Саратога шикаст хӯрданд, қувваҳои асосии худро ба ҷануб бурданд. Вале дар он ҷо ғайричашмдошт аҳволи онҳо хеле вазнин мегардад. Лашкари сарфармондеҳи англисҳо Корнваллис аз тарфи қӯшуни Вашингтон ва лашкари Фаронса (сарфармондеҳаш генерал Рошамбо) муҳосира ва 19 октябри соли 1781 таслим шуд. Баъд аз як сол ҳукумати Англия қарор дод, ки ба ҷанг хотима дода, бо ИМА дар бораи сулҳ гуфтушунид оғоз кунад. Ҳамин тариқ, мустамликаҳои шимоли Америка ғалаба ба даст оварданд.

Дар ИМА барои моликият, замин, мустақилияти иёлот ва ғайра ҷараёнҳои гуногуни ҷамъиятӣ байни ҳамдигар мубориза давом медоданд. Дар натиҷа чандин шӯриш ба амал омад. Яке аз калонтарин шӯришҳо дар Массачусетс солҳои 1786-1787 бо сардории Даниел Шейс ба амал омад. Шӯришчиён талаб мекарданд, ки қарзҳои онҳо аз эътибор соқит, замин моликияти умумихалқӣ ва барои ҳама дастрас эълон карда, ба камбағалон бепул дода шавад. Ҳазорон нафар фермерҳо дар зери парчами Шейс муттаҳид шуда, барои ҳуқуқҳои худ мубориза мебурданд. Онҳо мехостанд, ки бо истифода аз яроқ ба мақсадҳои худ ноил шаванд. Вале онҳоро ҳукуматдорон тирборон карда, маҷбур намуданд, ки пароканда шаванд. Моҳи феврали соли 1787 дастаи Шейс торумор карда шуд. Худи ӯ асир афтод. Суд Шейсро ба қатл ҳукм кард.


34. Шӯриши Даниел Шейс

**Қабули Конститутсияи ИМА.** Соли 1787 маҷлиси махсуси намояндагони иёлот (Конвенти Муассисон) дар шаҳри Филаделфия



35. Ба имзо расидани Эъломияи Истиқлолият. 4 июли соли 1776

Конститутсияи ИМА-ро қабул кард. **Конститутсия ИМА**-ро **чумҳурӣ** эълон намуд. Мувофиқи ин санад **сардори давлат ва ҳукумат президент** мебошад, ки ӯ аз тарафи интихобкунандагон ба мӯҳлати 4 сол интихоб карда мешавад. Конститутсия ба президенти ИМА ваколатҳои васеъ додааст. Ӯ роҳбари лашкар ва флот буда, ҳуқуқи таъин кардани мансабдорони олиро дар ихтиёри худ дошт. Дар асоси ин конститутсия президенти нахустини ИМА Ҷорҷ Вашингтон интихоб гардид.

Мақоми олии қонунгузории ИМА Конгресс мебошад, ки он аз ду палата –**Палатаи намояндаҳо ва Сенат** иборат буд. Дар Сенат намояндаҳои баробар - ҳар иёлот 2- нафарӣ ва дар Палатаи намояндаҳо вакилон мувофиқи шумораи аҳолии иёлот интихоб карда мешуданд.

Суди Олии ИМА ваколатҳои калон гирифт. Аъзоёни он аз тарафи президент якумра таъин карда мешуд. Суди олӣ муайян мекард, ки ин ва ё он қонун ё худ амали ҳукуматдорон ба конститутсия мувофиқат мекунад ё не? Дар сурати ба конститутсия мухолиф будан суди олӣ метавонист қонуни қабулкардаи Конгресс ва амали ҳукуматдоронро манъ кунад.

Қабули Конститутсияи ИМА қадами бузурге буд дар таъмини ҳуқуқҳои мардум, иёлот ва дар бунёди ҷомеаи демократӣ. Он баъди зиёда аз 200 соли қабул шуданаш ҳам ба мардум ва давлати ИМА хизмат карда истодааст. То имрӯз ба Конститутсия танҳо 26 тағйироту иловаҳо дохил карда шудааст.

**Аҳамияти муборизаи инқилобии озодихоҳонаи ИМА.** Ҷанги истиқлолиятхоҳии мустамликаҳои Англия монеаи асосии инкишофи мустақилонаи онҳоро аз байн бурд. Зулми мустамликавиро барҳам зад. Дар натиҷаи ҷанг кӯшиши истилогарони англис, ки мехостанд дар мустамликаҳо тартиботи феодалиро барқарор кунанд, барбод рафт. Унвонҳои дворянӣ ва дигар тартиботу анъанаҳои феодалӣ дар ИМА бекор карда шуданд. Мулкҳои калоне, ки ба муқобилони инқилоб тааллуқ доштанд, мусодира шуданд.


36. Бенҷамин Франклин

Дар натиҷаи ғалабаи инқилоби истиқлолиятхоҳӣ ва қабули конститутсия давлати калони демократӣ — ИМА ташкил ёфт. Вале инқилоб нотамом монд. Он ғуломдориро дар ин давлат барҳам надод.

Сарфи назар аз маҳдудиятҳои худ ҷанги инқилобии мустамликаҳои шимолии Америка барои истиқлолият дар роҳи муборизаи буржуазия бар зидди феодализм ва ташкили давлати демократӣ воқеаи бузурги таърихӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки инқилоби озодихоҳонаи мустамликаҳои дар Америкаи Шимолибудаи Англия дар зери таъсири ғояҳои инқилоби буржуазии англисии



37. Мақомоти олии ҳокимият дар ИМА мувофиқи конститутсияи соли 1787

асри XVII ба амал омадааст. Дар навбати худ инқилоби буржуазии мустамликаҳои америкоии Англия дар тайёр кардани инқилобҳои минбаъдаи буржуазии давлатҳои Аврупо замина тайёр намуд.

***Ҳуҷҷатҳо***

***1. Ҳисоботи рузнома дар бораи «Чойнӯшии Бостон»***

***1 декабри соли 1773***

*...«Ҳиндуҳо» (чӣ тавре ки онҳоро он вақт ном мебурданд) ба сӯи бандар рафтанд, ба он ҷое, ки киштиҳои пур аз бор истода буданд. Аз ақиби онҳо садҳо одамон равон шуданд, то ки амалиёти фараҳбахшу тамошобоби онҳоро мушоҳида кунанд. Онҳо, «ҳиндуҳо», бо тезӣ ба киштии капитан Холл рафта, аз бордонҳо қуттиҳои чойро бардоштанд. Баъд боз ба болои киштӣ баромада, он қуттиҳои чойро кушода, ба об партофтанд. Навбат ба киштии капитан Брюс омад. Сипас ба киштии капитан Коффин низ ҳамон хел рафтор карданд. Онҳо чунон бо тезӣ кор мекарданд, ки дар зарфи ҳамагӣ се соат 342 қуттии чойро шикаста, чойҳои онро ба об партофтанд. Дар натиҷа дар халиҷ мад ба вуҷуд омад. Дар болои об қуттиҳои шикаста ва чой дар масоҳати хеле калон, аз соҳили ҷанубии шаҳр то Дорчестер Нек шино мекарданд. «Ҳиндуҳо» тамоми чораҳоро андешиданд, ки сокинони шаҳр чойҳоро надузданд. Ҳангоме диданд, ки якчанд нафар одамон кӯшиши як миқдори чойро гирифта, ба хонаҳояшон бурдан доранд, ҳамон лаҳза аз дасташон гирифта, нисбати онҳо дағалӣ ҳам карданд. Ҳарчанд дар болои киштиҳо номгӯи молҳо хеле зиёд буданд, «ҳиндуҳо» ба онҳо даст нарасониданд. Аз тарафи онҳо ба моликияти хусусӣ ҳамин хел диққати калон дода шуд. Вақте ки қулфи начандон калони овезаи киштии як капитанро шикастанд, худи ҳамон лаҳза ба ӯ қулфи дигарро равон карданд.*

***2. Президент Вашингтон***

*Яке аз охирин қарорҳои қабулкардаи анҷумани Конфедератсия таъин намудани интихоботи президент дар таърихи 4 марти соли 1789, рӯзе буд, ки ҳукумат таъсис хоҳад ёфт. Номи як шахс – Ҷорҷ Вашингтон - ба сифати роҳбари нави давлат вирди забони тамоми мардум шуд ва ӯ 30 апрели соли 1789 якдилона президенти Иёлоти Муттаҳида интихоб гардид. Бо суханҳое,ки минбаъд ҳамаи президентҳо қасам ёд мекарданд, Вашингтон қасам хӯрд, ки вазифаи президентиро бо камоли эҳтиром иҷро менамояд ва тамоми қудрати худро барои «нигоҳ доштан, муҳофизат ва ҳимояи Конститутсияи Иёлоти Муттаҳида хоҳад бахшид».*

*Вақте ки Вашингтон ба иҷрои вазифа шурӯъ намуд, Конститутсияи нав анъана ва афкори ҷамъиятии тарафдор надошт. Илова бар ин ҳукумати нав бояд сохтори худро ташкил менамуд. Андозҳо муайян нашуда буданд. То таъсис ёфтани рукни додгоҳӣ, қонунҳо амалӣ шуда наметавонистанд. Қувваҳои мусаллаҳ хеле камшумор буданд. Қувваҳои ҳарбии баҳрӣ вуҷуд надоштанд.*

*Конгресс бо зудӣ вазоратҳои корҳои хориҷию молияро бо сардории Томас Ҷеферсон ва Александр Ҳамилтон таъсис дод. Илова бар ин Конгресс рукни додгоҳии федералиро бо сарварии Додгоҳи Олӣ, раиси Додгоҳи Олӣ ва панҷ аъзои он, се додгоҳи ҳавзагӣ ва 18 додгоҳи ноҳиявӣ таъсис дод. Одатан, Вашингтон пеш аз қабул намудани қарор бо шахсоне, ки ақидаи онҳоро хеле қадр менамуд, маслиҳат карданро лозим мешуморид. Кабинети президенти таъсис ёфта, ҳамаи сардорони вазоратҳои Конгресс таъсиснамуда аъзоёни он буданд.*

*Масоҳати кишвар мунтазам меафзуд ва муҳоҷират аз Аврупо зиёд мешуд. Америкоиҳо ба тарафи Ғарб ҳаракат мекарданд: Нию Игленидҳо ва Пенсилваниҳо ба Оҳайо, Вирҷиниҳо ва Кораланиҳо ба Кентукки ва Теннеси. Фермаҳои хубро бо нархи арзон харидан мумкин буд. Саҳроҳои васеи ҳосилхез дар қисматҳои шимоли Нию-Йорк, Пенсилвания ва Вирҷиния ба зудӣ ба ноҳияҳои бузурги ғаллакорӣ табдил ёфтанд.*

*Бо вуҷуди он ки бисёрии маҳсулот ҳанӯз дар хона тайёр карда мешуд, инқилоби саноатӣ ба Америка ҳам омада расид. Массачусетс ва Роде Айленд асоси саноати бофандагиро гузошта буданд. Конектикут ба маркази сохтани қуттиҳои қалъагӣ ва соатсозӣ табдил ёфт. Нию-Йорк, Нию-Ҷерсӣ ва Пансельвания когаз, шиша ва оҳан истеҳсол менамуданд. Киштисозӣ чунон равнақу ривоҷ ёфта буд, ки дар баҳрҳо киштиҳои Иёлоти Муттаҳида нисбат ба Британия ҷои дуюмро ишғол мекарданд. Ҳатто пеш аз соли 1790 киштиҳои Амрико ба Чин мӯина фурӯхта, аз он ҷо чой, шоҳӣ ва молҳои дигарро меоварданд.*

*Дар чунин вазъияти фавқулодда барои пешрафти кишвар роҳбарии хирадмандонаи Вашингтон хеле зарур буд. Ӯ ҳукумати миллӣ ташкил намуд, роҳҳои ҷо ба ҷо кардани муҳоҷиронро дар ноҳияҳое, ки пештар дар дасти Бритония ва Испониё буданд, ҳал кард, вазъиятро дар ноҳияҳои сарҳадии шимолу ғарб ба эътидол овард ва дохилшавии иёлоти нав — Вашингтон (1791), Кентукки (1792) ва Теннесиро (1796) пешгӯӣ намуд. Ниҳоят, дар мурочиатномаи хайрбодии худ Вашингтон кишварро ба ҷустуҷӯи «иттифоқи мунтазам бо мамолики хориҷӣ» ҳидоят кард. Чунин маслиҳати Вашингтон ба муносибати Амрико бо давлатҳои дигар барои наслҳои баъдина таъсири калон дошт.*

**Савол ва супоришҳо** 1. Аҳволи мардуми мустамликаҳои америкоии Англия чӣ тавр буд? 2. Чаро мардуми мустамликаҳо аз Ҳукумати Англия норозӣ буданд? 3. Иқтисодиёти мустамликаҳо чӣ тавр тараққӣ мекард? 4. Чаро дар солҳои 60-уми асри XVIII муносибати байни мустамликаҳо ва Англия тезу тунд шуд? 5. Дар бораи сабабҳои инқилоби истиқлолиятхоҳии мустамликаҳои дар шимоли Америка будаи Англия нақл кунед. 6. «Чойнӯшии Бостон»-ро шарҳ диҳед. 7. Ҷанги истиқлолиятхоҳии мустамликаҳо чӣ тавр оғоз ёфт? 8. Вашингтон кӣ буд? 9. Дар бораи қарорҳои Конгресси дуюм чиҳоро медонед? 10. Бенҷамин Франклин чаро ба Аврупо рафт? 11. Давлатҳои Аврупо нисбати ҷанги истиқлолиятхоҳонаи мустамликаҳои дар Америкаи Шимоли будаи Англия чӣ тавр муносибат карданд? 12. Томас Ҷеферсон кӣ буд? Кадом санади муҳими ИМА-ро ӯ навиштааст? 13. Чаро дар рафти ҷанги истиқлолиятхоҳии мустамликаҳо аҳволи Англия вазнин

шуд? **14**. Дар бораи мағлубшавии Англия нақл кунед. Кадом сол Англия аз ҷанги зидди ИМА даст кашида, бо он дар хусуси сулҳ ба гуфтушунид оғоз намуд? **15**. Оё дар мағлубшавии Англия Фаронса ва Испониё саҳм доранд? **16**. Ғалабаи инқилоби озодихоҳонаи мустамликаҳои дар шимоли Америка воқеъ будаи Англия чӣ аҳамият доштанд? **17**. Аз нақша мақомоти олии ҳокимияти давлатиро дар ИМА шарҳ диҳед? Кай Конститутсияи ИМА қабул карда шудааст? **18**. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §10. ҒАЛАБАИ ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ ФАРОНСА

**Назариячиёни буржуазӣ**. Инкишофи сармоядорӣ ва рӯ ба таназзул ниҳодани сохти феодалӣ **асоси моддӣ** ва **назариявии идеологҳои** Фаронса гардид. Онҳо боқимондаҳои крепостнойчигӣ, маҳдудиятҳои тиҷоратию саноатии сохти мавҷударо ба зери танқиди сахт гирифтанд. Файласуфон, иқтисоддонҳо ва шоирону нависандагон ҳам ба ҳокимияти мутлақаи Фаронса зид буданд. Онҳо боисрор аз ҳукуматдорон талаб мекарданд, ки маҳдудиятҳои пеши роҳи соҳибкорӣ бартараф, дахлнопазирии моликияти хусусӣ кафолат ва шахс комилан аз зулми феодалӣ озод карда шавад. **Назариячиёни буржуазӣ** дар тараққиёти ҷомеа ақлу хирад, маориф ва илмро дар ҷои аввал мегузоштанд. Онҳо ғояҳои пешқадами башардӯстиро ташвиқу тарғиб намуда, дар амал мардумро ба инқилоби буржуазӣ тайёр мекарданд.

**Монтеске** (1689-1755). Шарл Монтеске писари амалдори дворянин, яке аз маорифпарварони машҳури Аврупо буд. Ӯ дар асарҳои худ «Мактубҳои форсӣ» (1721) ва «Дар бораи руҳи қонунҳо» (1748) иллатҳои ҳокимияти мутлақ - худсариҳои ҳокимияти королӣ, бадахлоқии аҳли дарбор ва асилзодагон, ҷангҳои беадолатонаи феодалиро ба зери танқиди сахт мегирад ва масхара мекунад. Монтеске ҳукумати королиро барои он маҳкум мекард, ки вай ба гардани халқ андозҳои вазнинро бор кардааст.



38. Монтеске

Монтеске **ҳокимияти мутлақаи маҳдуди конститутсиониро** (наздик ба сохти сиёсии Англия) беҳтарин сохти давлатӣ мешуморад. Ӯ хусусан ба **дахлнопазирии моликияти хусусӣ** ва **озодии шахс**, имконияти иҷро карда тавонистани ҳар он чизеро, ки «**қонун манъ накарда бошад**», аҳамияти калон медод. Ақидаҳои Монтеске рӯҳияи

буржуазияи миёнаҳол ва дворянҳои пешқадам - ҷонибдорони мутлақияти маҳдудкардашударо ифода мекард. Ғояҳои озодихоҳӣ ва инсондӯстии ӯ қариб дар тамоми Аврупо ва берун аз он ҳам паҳн гардида буданд.



39. Волтер

**Волтер** (1694-1778). Ғояҳои пешқадами Волтер ба тартиботи феодалӣ зарбаи сахт заданд. Ӯ муаллифи асарҳои зиёди сиёсӣ, таърихӣ, достону романҳо ва повесту песаҳо, ба монанди «Таҷриба дар бораи рӯҳ ва урфу одати халқҳо», «Луғати фалсафӣ», «Асри Людовики XVI», «Кандид» ва ғайра мебошад. Ба ақидаҳои инсондӯстонаи худ ӯ дар байни мардуми тараққихоҳ обрӯю эътибори бузург пайдо кард. Танқиди тартиботи феодалӣ, тарзу услуби равшану сабуки асарофарӣ ӯро ҳамчун «ҳукмрони афкор»-и одамони пешқадами замони худ маълуму шӯҳратманд гардонид.

Волтер ҳамчун фошкунандаи ҷаҳолатпарастии калисо, масхаракунандаи имтиёзҳои феодалҳо шинохта шуда буд. Ғояҳои Волтер ақидаҳои буржуазияи калон ва дворянҳои пешқадамро, ки онҳо маҳдуд кардани худсариҳои ҳокимияти мутлақ, суст кардани таъсири калисои католикӣ ва бекор кардани тартиботи феодалиро мехостанд, вале аз оммаи халқ метарсиданд, ифода менамуд. Танқиди ҳокимияти мутлақ ва калисои католикӣ барои наздикшавии инқилоб дар Фаронса ва мамлакатҳои дигари Аврупо замина гузошт.



40. Жан Жак Руссо

**Руссо** (1712-1778). Жан-Жак Руссо идеологи **буржуазияи майдаи** асри XVIII буд. Ӯ дар оилаи соатсози швейсарӣ ба дунё омадааст. Дар хурдсолӣ падараш ӯро ба заргаре ба шогирдӣ медиҳад, вале Руссои ҷавон аз назди ӯ мегурезад. Баъд аз сарсонию саргардониҳои зиёд ва шуғлварзӣ ба касбу кори гуногун Руссо ба вазифаи котибии сафоратхонаи Венетсия соҳиб шуд. Лекин ин вазифа ба ӯ маъқул набуд. Бинобар ин дере нагузашта ба кори адабӣ машғул мешавад.

Дар асарҳои худ Руссо бадахлоқӣ ва ифроткории дворянҳоро маҳкум карда, мардумро ба ҳалолхӯрию хоксорӣ даъват менамуд. Ба андешаи ӯ одамон баробарҳуқуқ таваллуд шудаанд ва ҳақ доранд тарзи идоракунии давлатиро интихоб ва ё бекор кунанд, золимонро аз ҳокимият дур созанд. Ба ақидаи Руссо **ҷомеаи мулкдорони хурди баробарҳуқуқ** ва **бе бою камбағал** ҷомеаи беҳтарин мебошад. Ӯ бар он ақида буд, ки танҳо моликияти хурд қонунӣ ва боадолат аст. Барои ҳамин ҳам мардумро барои бекор кардани моликияти феодалҳо ва маҳдуд кардани молу мулк ва кару фарри сармоядорон даъват мекард. Руссо ин ақидаҳои хешро дар рисолаи «Дар бораи сабабҳо ва пайдоиши нобаробарӣ» (1754) ва «Дар бораи созишномаи ҷамъиятӣ» (1762) баён намудааст.



41. Меле

Ғайр аз номбурдагон Меле, Дидро, Мабли ва маорифпарварони дигар низ буданд, ки инқилоби буржуазии Фаронсаро ба ғояҳои инқилобӣ мусаллаҳ намудаанд.

**Жан Меле** (1664-1729) тарафдори барҳам додани моликияти хусусӣ ва имтиёзҳои истисморгарон буд. Ӯ манфиатҳои камбағалони деҳотро ифода мекард. Меле ақидаҳояшро дар «Васиятнома»-и худ инъикос намудааст, ки он баъд аз вафоти ӯ чоп шуд.



42. Дени Дидро

**Дидро** (1713-1784) ба инқилоби буржуазии Фаронса асоси **фалсафӣ** гузоштааст. Вай ақидаҳои худро дар «Мактуб ба нобиноён ва насиҳат ба биноён» баён намудааст. Инчунин бо ҳамкории гурӯҳи олимон асари бисёрҷилдаи «Энсиклопедияи илм, санъат ва касбу ҳунар»-ро ба чоп тайёр кардааст. Ин асар ба маърифати инқилобии мардуми Фаронса ёрии калон расонид.

**Мабли** (1709-1785) ифодакунандаи манфиатҳои буржуазияи

майда, муқобили зиндагии бодабдаба, тарафдори сохти ҷумҳуриявии давлат буд, ки дар он корол ҳам ҷой дошта бошад, яъне ӯ чун Руссо мутлақияти маҳдудкардашударо ҷонибдорӣ мекард.



43. Людовики XVI

**Сабабҳои инқилоб.** Дар охири солҳои 70 ва аввали солҳои 80-уми асри XVIII дар Фаронса **вазъияти инқилобӣ** ба амал омад. Сабаби асосии он зиддияти байни **қувваҳои истеҳсолкунандаи нав** ва **муносибатҳои кӯҳнаи истеҳсолии феодалӣ** буд. Акнун буржуазияи Фаронса дигар бо ҳокимияти мутлақ ва тартиботи феодалии он созиш кардан намехост. Косаи сабри халқ ҳам лабрез шуда буд, зеро корол Людовики XVI тавассути андозҳои сершумор халқро аз ҳад зиёд истисмор менамуд.

Корол бодабдаба зиндагонӣ мекард. Гурӯҳи сершумори амалдорони дарбор ҳам аз ин бенасиб набуданд. Харҷи давлатӣ муттасил зиёд мешуд. Дар натиҷа хазинаи корол холӣ шуд. Дар шароити номусоид худсарона ҷорӣ намудани андозҳои нав барои ҳокимияти королӣ ва ҷомеаи феодалии Фаронса хавфнок буд. Баъд аз 175 сол Людовики XVI қарор дод, ки бо мақсади ҷорӣ кардани вомбарг (заём) ва андозҳои нав Иёлоти Куллро даъват намояд (аз соли 1614 королҳои Фаронса Иёлоти Куллро даъват накарда буданд). Аммо даврае, ки корол Фаронсаро яккаю танҳо идора мекард, кайҳо гузашта буд.

Дар вақти интихобот мувофиқи иҷозати корол, аз ҳамаи табақаҳои мардуми Фаронса ба вакилӣ номзадҳо пешниҳод карда мешуданд. Ҳангоми пешбарии номзадҳо ба вакилӣ дар Иёлоти



44. Париж. Лувр

Кулл мардум ҳақ дошт, ки ба номзадҳо супоришҳо бидиҳад. Дар супоришҳои худ буржуазия, деҳқонон, коргарон ва ҳунармандон аз тартиботи феодалӣ шикоят карда, барҳам додани онро талаб мекарданд. Аз даъват карда шудани Иёлоти Кулл мардуми заҳматкаш умеди калон дошт.

Дар арафаи инқилоби буржуазӣ дар Фаронса **табақаҳои болоии ҷомеа** дигар ба таври кӯҳна давлатро идора карда наметавонистанд. **Табақаҳои поёнии ҷомеа** ҳам минбаъд ба мисли пештара ба истисмори ҳокимияти феодалӣ ва феодалон тоқат кардан намехостанд. Дар мамлакат вазъияти инқилобӣ пухта расид.

**Арафаи инқилоб.** Рӯҳияи инқилобии табақаҳои поёнӣ баъди интихобот боз ҳам баландтар шуд. Людовики XVI аз ин дар ҳарос



45. Вакилони табақаи сеюм дар толори тӯббозӣ

афтода, Иёлоти Куллро дар Париж даъват накард. Бо пешниҳоди ӯ он дар Версал кушода шуд. Ин воқеа **5 майи соли 1789** ба вуқӯъ омад. Вакилони Иёлоти Кулл ба се гурӯҳ тақсим шуданд. 300 нафар **вакилони дворян** дар минбар ва дар паҳлӯи онҳо **вакилони рӯҳониён** ҷой гирифта буданд. Вакилони ин ду табақа сару либоси боҳашамату рангоранг доштанд. Рӯҳониён каллапӯши анъанавии динӣ ва дворянҳо кӯлоҳҳои бо пари товус орододашуда пӯшида буданд. Дар поёни онҳо 600 нафар **вакилони табақаи сеюм** (буржуазия, коргарон, кишоварзон ва косибон) ҷой гирифта буданд.

Мувофиқи анъана дар маҷлис король кӯлоҳи худро ба сар монда, ба тахт нишаст. Вакилони табақаҳои дворянҳою рӯҳониён ба король пайравӣ карда, кӯлоҳҳои худро ба сар карданд. Вале вакилони табақаи сеюм ҳангоми ба маҷлисгоҳ даромадани король аз ҷойҳои худ нахестанд ва қисми зиёди онҳо ҷуръат карда, кӯлоҳҳои худро ба сар пӯшиданд. Ин рафтори боҷуръатонаи вакилони табақаи сеюм нафрати король ва дворянҳою рӯҳониёнро ба вуҷуд овард.

Аксарияти мардуми Фаронса ба табақаи сеюм тааллуқ доштанд. Вакилони ин табақа бартарии худро нисбати табақаҳои якуму дуюм хуб ҳис карда буданд.

Людовики XVI дар назди вакилон нутқ эрод намуд. Тартиби овоздиҳие, ки онро король ба ҳозирин пешниҳод кард, қаҳру ғазаби вакилони табақаи сеюмро ба вуҷуд овард. Мувофиқи он дар вақти овоздиҳӣ бояд аз ҳар як табақа як нафар иштирок мекард. Азбаски дворянҳо ва рӯҳониён тарафдори король буданд, ҳар таклифи Людовики XVI ба ҳисоби 2:1 ба фоидаи король ва иттифоқчиёни ӯ ҳал мегардид. Ин таклифи корольро вакилони табақаи сеюм қабул накарданд. Бо ҳамин иҷлосияи Иёлоти Кулл кори худро қатъ кард.

Моҳи июн вакилони табақаи сеюм дар маҷлиси алоҳида ҷамъ омада, худро **Маҷлиси Миллӣ** эълон карданд. Баъд овоздиҳии беадолатонаи тоифагиро бекор карданд. Бо фармони Людовики XVI дар Версал маҷлисгоҳи онҳо баста шуд. Қисми пешқадами вакилони дворянҳо аз ин бохабар шуда, ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Маҷлиси Миллӣ худро Маҷлиси Муассисон эълон намуда, ба таҳияи Конститутсияи Фаронса шурӯъ намуд.

Людовики XVI хост, ки алайҳи Маҷлиси Муассисон қувва истифода барад. Барои ин ӯ пинҳонӣ тайёрӣ ҳам медид. Ба король вакилони табақаи якум ёвар буданд. Дере нагузашта ин иттифоқчиён ба Версал аз Париж лашкар оварданд. Ин хабар зуд ба Париж расид ва мардум бар зидди мутлақият бархост. Издиҳоми калони халқ – ҳар кас бо чизе, ки тавонист мусаллаҳ шуда, ба сӯи қалъаи **Бастилия** равон шуданд. Дастаҳои мусаллаҳи



46. Гирифта шудани Бастилия

буржуазия ва аскарони рӯҳияи инқилобидошта ҳам ба шӯришчиён ҳамроҳ шуданд. Ин воқеа **14 июли соли 1789** ба амал омад. Паррон-паррон сар шуд. Мардум тавассути тӯпҳо ва силоҳ ба муҳосираи Бастилия сар карданд. Шӯришгарон дарвозаи қалъаро шикаста, ба дарун ворид шуданд. Он рӯз Бастилия фатҳ карда шуд. Гирифта шудани Бастилия оғози инқилоби буржуазии Фаронса буд.

**Ба сари ҳокимият омадани буржуазияи калон.** 14 июли соли 1789 дар Фаронса мутлақият пурра сарнагун нашуд. Ҳарчанд корол Людовики XVI сардори давлат буд, қонунҳоро Маҷлиси Муассисон мебаровард. Ҳокимият ба дасти буржуазияи калон гузашт. Буржуазия барои гирифтани ҳокимият бештар тайёр буд.

Идоракунии шаҳри Париж ҳам ба дасти буржуазияи калон гузашт. Дар ин шаҳр буржуазияи калон Горди Миллии худро ташкил намуд.

Дар тамоми маҳалҳои мамлакат ва хусусан дар шаҳрҳои он буржуазияи калон ба мардум такя карда, ҳокимиятро ба дасти худ мегирифт.

Қариб тамоми Фаронсаро мавҷи шӯриши деҳқонон фаро гирифт. Онҳо қалъаҳои **сенорҳои** худро муҳосира карда, ба хок яксон мекарданд. Сенорҳоро гунаҳгорони асосии бадбахтии худ меҳисобиданд. Дар қалъаҳои сенорҳо деҳқонони шӯришбардошта китобҳоеро, ки қарзҳои деҳқонон сабт карда шуда буданд, пайдо намуда, несту нобуд мекарданд.

Як қисми дворянҳо аз мамлакат гурехтанд. Онҳое, ки дар Фаронса монданд, ба деҳқонон гузашт мекарданд. Маҷлиси Миллӣ **тартиботи феодалиро** дар мамлакат бекор кард. Як қисм имтиёзҳои сенорҳо бекор карда шуданд. Масалан, ҳуқуқи дар замини деҳқонон шикор кардани онҳо.

**«Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд»**. Маҷлиси Миллӣ «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд»-ро қабул кард. Дар он ҳокимияти олӣ - миллат эълон карда шуд. Ҳокимияти корол дуюмдараҷа гардид. «Эъломия...» Фаронсаро ҳокимияти маҳдуди конститутсионӣ эълон кард. «Эъломия...» ботантана эълон кард, ки одамон озод таваллуд шудаанд ва онҳо то охири умр озод мемонанд. Ба ҳама ҳуқуқҳои баробар дода шуд. Ин иқдом имкон намедод, ки акнун касе барои худ имтиёзҳои махсус гирад. Ҳамаи имтиёзҳои табақавии ҷомеаи феодалии Фаронса барҳам дода шуданд.

«Эъломия...» дар амал сохти демократии ҷомеаи буржуазиро эълон намуд. Дар он махсус қайд гардида буд, ки «моликияти хусусӣ дахлнопазир ва муқаддас аст».

Бо вуҷуди баъзе маҳдудиятҳои худ «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» дар мубориза барои ҷомеаи демократӣ аҳамияти умумиҷаҳонӣ дошт. Он дар Фаронса ба сохти феодалӣ зарбаи ҳалокатовар зад.

**Рафти инқилоб**. Баъди гирифтани Бастилия **Маҷлиси Муассисон** ва корол дар Версал буданд. Мардум талаб карданд, ки онҳо ба Па-



47. Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд

риж оянд. Моҳи октябри соли 1789 издиҳоми калони буржуазия, деҳқонон, коргарон ва ҳунармандони мусаллаҳ дар Версал қалъаеро, ки король зиндагӣ мекард, иҳота намуданд. Людовики XVI маҷбур шуд, ки барои ба Париж рафтан розӣ шавад. Маҷлиси Муассисон ҳам ба Париж кӯчид.

Ҳарчанд ки **Маҷлиси Миллӣ** дар мамлакат тартиботи феодалиро бекор кард, ҳанӯз он ба таври пурра манфиати халқро ифода намекард. Баҳори соли 1791 Маҷлиси Миллӣ дар бораи манъ кардани шӯришҳо ва ташкилёбии иттифоқҳои коргарони кироя қонун қабул кард. Дар он барои вайрон кардани ин қонун ҳабс ва ҷарима муқаррар карда шуд. Дар асоси қонуни нав аскарон ҳуқуқ доштанд, ки шӯришгаронро тирборон кунанд.

Ба тахти королии Фаронса дар баробари Людовики XVI завҷаи ӯ- малика Мария Антуанетта низ соҳиб буд. Малика умед дошт, ки ба инқилоби буржуазии Фаронса зарба зада хоҳад шуд. Людовики XVI бо ҳамроҳии ҳамсараш шабонгоҳ махфӣ аз Фаронса фирор карданӣ буданд. Вале писари нозири почта, ки қиёфаи короли Фаронсаро борҳо дар тангаҳо дида буд, ӯро шинохт ва бонги хатар зад. Аскарони дар наздикӣ буда аз ин бохабар шуда, Людовики XVI ва Мария Антуанеттаро дастгир карда, ба Париж оварданд. Халқ талаб мекард, ки король аз тахт фуроварда шавад. Маҷлиси Муассисон тарсид, ки ин кор ба шӯриши умумихалқӣ оварда мерасонад. Бинобар ин вай бо фиреб ба мардум эълон кард, ки Людовики XVI ва Мария Антуанетта ҳақиқатан гурехтаанд ва феълан дар Париж нестанд.

Норозигии мардум аз Маҷлиси Муассисон рӯз то рӯз меафзуд. Моҳи июли соли 1791 дар Париж намоиши бисёр-



48. Роҳпаймоии оммаи халқ ба Версал. Октябри соли 1789

ҳазорнафара барпо гардид. Намоишчиён дар майдони Марс ҷамъ омада буданд. Маҷлиси Муассисон ва мири шаҳри Париж алайҳи онҳо Горди Миллиро равон карданд. Он намоишчиёнро тирборон кард. Дар натиҷа мардуми зиёде куштаю захмдор шуданд.

Конститутсияеро, ки Маҷлиси Муассисон қабул карда буд, моҳи сентябри соли 1791 ба эътибор даромад. Мувофиқи он дар мамлакат мутлақият боқӣ монд. **Ҳуқуқи интихоботӣ** танҳо ба мардоне дода шуд, ки синашон ба 25 расида бошад ва онҳо бояд музди меҳнати серӯзаашонро ҳамчун андози солона ба хазинаи давлат бисупоранд. Аз 25 млн. нафар аҳолии Фаронса танҳо 4,3 млн. нафар ҳуқуқи интихоботӣ доштанд.

Оммаи мардум аз ин конститутсия норозӣ буд ва инқилобро нотамом ҳисоб мекард. Вале ҳоло дар назди инқилоби буржуазии Фаронса масъалаи дигар – муҳофизат аз истилогарони хориҷӣ меистод.

***Ҳуҷҷат***

***Аз «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд»***

*Маҷлиси Миллӣ... ҳуқуқҳои зерини инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эълон мекунад:*

*1. Одамон озод ва баробарҳуқуқ таваллуд мешаванд. Фарқиятҳои ҷамъиятӣ танҳо ба фоидаи умум асос ёфта метавонад.*

*2. Мақсади ҳар як иттифоқи сиёсӣ нигоҳ доштани ҳуқуқҳои табиӣ ва ҷудонашавандаи одам мебошад. Ин ҳуқуқҳо аз инҳо иборатанд: озодӣ, моликият, бехатарӣ ва муқобилият ба зулм.*

*3. Манбаи тамоми ҳокимияти олӣ ҳамеша миллат мебошад. Ягон муассиса, ягон шахс ҳокимиятеро, ки бевосита аз миллат нагирифта бошад, ба амал бароварда наметавонад.*

*4. Озодӣ ва ҳуқуқи иҷрои он аз ҳама гуна кор, ки ба дигарон зарар намерасонад, иборат аст...*

*6. Қонун ифодаи хоҳиши умум мебошад... Қонун бояд барои ҳама баробар бошад...*

*10.Ягон кас аз ақидаи худ, ҳатто барои эътиқодҳои динӣ, агар зуҳуроти онҳо тартиботҳои ҷамъиятии қонунан муқарраршударо вайрон накунанд, набояд дар ҳарос бошад....*

*17.Азбаски моликият ҳуқуқи вайроннашаванда ва муқаддас аст, пас бояд ҳеҷ кас аз он маҳрум набошад, ғайр аз мавридҳое, ки зарурати ҷамъиятӣ талаб мекунад.*

**Савол ва супоришҳо:** **1.** Назариячиёни буржуазӣ чаро тартиботи феодалӣ ва ҳокимияти королиро дар Фаронса зери танқиди сахт гирифтанд? **2.** Дар бораи маорифпарварони буржуазӣ — Монтеске, Волтер, Руссо, Меле ва дигарон маълумоти мухтасар диҳед. **3.** Сабабҳои инқилоби буржуазии Фаронсаро шарҳ диҳед. **4.** Чаро вакилони табақаи сеюм ба корол эътироз баён карданд? **5.** Инқилоби буржуазии Фаронса чӣ тавр оғоз ёфт? **6.** Қалъаи

Бастилия кай ва чӣ тавр гирифта шуд? 7. Маҷлиси Миллӣ чӣ хел фаъолият кард? Муносибати корол Людовики XVI-ро ба он муайян кунед. 8. Буржуазияи калон барои ба сари ҳокимият омадан аз Маҷлиси Миллӣ чӣ тавр истифода бурд? 9. «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд»-ро шарҳ диҳед. Барои ин аз ҳуҷҷати овардашуда истифода баред. 10. Людовики XVI ва Мария Антуанетта чаро фирор карданд? 11. Чаро Маҷлиси Муассисон дар бораи корол ба мардум дурӯғ гуфт? 12. Дар бораи тирборонкунии мардум дар майдони Марс нақл кунед. 13. Дар бораи моҳият ва нуктаҳои асосии конститутсияе, ки онро Маҷлиси Муассисон қабул кард, нақл кунед. 14. Фаронса мувофиқи конститутсияи соли 1791 чӣ ном гирифт? 15. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §11. БАРХӮРДҲОИ ШАДИДИ НЕРӮҲОИ ИНҚИЛОБИИ ФАРОНСА ВА ХАТАРИ БЕРУНА

**Клубҳои инқилобӣ.** Баъди оғози инқилоб дар Париж ва шаҳрҳои дигари Фаронса **клубҳои инқилобӣ** ташкил ёфтанд. Рӯзномаҳо ба чоп шурӯъ намуданд. Тирамоҳи соли 1789 **«Ҷамъияти дӯстони конститутсия»** ташкил шуд, ки он баъдтар номи **«Клуби якобинчиён»**-ро гирифт. Аъзоёни ин клуб дар китобхонаи **дайри Якови Муқаддас** ҷамъ меомаданд. Барои ҳамин клуб ин номро гирифтааст. Ба он ҷонибдорони **дигаргунсозиҳои буржуазӣ-демократӣ**, аз он ҷумла Сийес, Барнав, Робеспер, Марат ва дигарон аъзо буданд.

Аъзоёни «Клуби якобинчиён» барои дохилшавӣ 12 ливр ва 24 ливр аъзоҳақӣ месупориданд. Дар клуб масоили мухталифи



49. Максимилиан Робеспер



50. Ҷорҷ Дантон

инқилоб мавриди баррасӣ ва баҳсу мунозира қарор дода мешуданд. Аз сабаби баланд будани ҳаҷми пули дохилшавӣ ва узвият на ҳамаи хоҳишмандон қабул шуда метавонистанд.

Яке аз арбобони намоёни инқилоб **Максимилиан Робеспер** (1758-1794) дар клуб бо нутқҳои нишонрасу бурро ва оташин баромад мекард. Ӯ ба мардум вазифаҳои инқилоб ва роҳҳои мубориза бар зидди тартиботи феодалию бедодгариҳои ҳокимияти королиро нишон медод. Ҳамин буд, ки дар муддати кӯтоҳ Робесперро аксарияти халқ ҳамчун яке аз шахсони намоёни сиёсатмадор ва ҷасуру донишманди инқилоб шинохтанд.

Клуби дигари инқилобиеро, ки дар музофоти Жиронгда ташкил шуда буд, **«Клуби жирондачиён»** меномиданд. Ин клуб ба корол наздик буд. Аъзоёни клуби жирондачиён аз халқ метарсиданд. Онҳо ҳатто ният доштанд, ки бо корол Людовики XVI забон як кунанд.

Соли 1790 мардуми заҳматкаш ҳам клуби худро ташкил карданд, ки номи **«Корделерчиён»** («миёнбастагон»)-ро гирифт. Қароргоҳи ин клуб дар дайри корделерҳои Фаронса воқеъ гардида буд. Дар «Клуби корделерчиён» адвокат Ҷорҷ Дантон (1759-1794), журналист Камилл Демулен ва инқилобчиёни дигар баромад карда, ба ҳозирин мақсаду вазифаҳои инқилобро мефаҳмониданд ва хоҳиш мекарданд, ки онҳоро дастгирӣ кунанд.

Солҳои 1790-1791 роҳиб Клод Фоше ба **«Маҳфили иҷтимоӣ»** асос гузошт. Дар он адибон ва **таблиғотчиёни дигари демократия**, ки мақсаду мароми ҳимояи оммаи камбағалро доштанд, аъзо буданд. Онҳо бо номи **«Алфози оҳанин»** рӯзномаи худро чоп мекарданд.

Клуб ва созмонҳое, ки дар рафти инқилоб ташкил ёфта, фаъолият мекарданд, дар як вақт мақоми **ҳизбҳои сиёсиро** иҷро менамуданд. Ҳар кадом манфиати гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро ифода менамуданд ва дар муайян намудани мақсадҳои инқилоб ва **усулҳои муборизаи инқилобӣ** ҳисса мегузоштанд. Онҳо аввалин шуда дар Фаронса ба оғоз ёфтани **гуногунии (плюрализми) ақидаҳо** асос гузоштаанд.

**Марат ва рӯзномаи ӯ «Дӯсти халқ».** Соли 1789 дар байни мардум рӯзномаи «Дӯсти халқ» обрӯю эътибор пайдо кард. Ӯ ғояҳои демократӣ ва инсондӯстиро дар байни мардум тарғибу ташвиқ мекард. Ин рӯзномаро Жан Пол Марат (1743-1793) –табиб, писари омӯзгори камбағал ва публитсист ташкил карда буд. Ӯ дар рӯзномаи худ манфиатҳои моликиятдорони майдаро ҳифз менамуд

Марат ҳамчун шахси хоксору меҳнатдӯст, самимию хушгуфтор ва ҳалим ба мардум зуд маъқул шуд. Ҳама ӯро бо эҳтирому самимият «Дӯсти халқ» меномиданд.



51. Жан Пол Марат

Марат маҳдудиятҳои фармону амрҳои Маҷлиси Муассисонро бо далелҳои раднашаванда дар саҳифаҳои рӯзномааш фош мекард. Ӯ қайд карда буд, ки қонунҳои Маҷлиси Муассисон дар бобати аз тарафи мардум харидани ӯҳдадориҳои феодалӣ ва бекор карда шудани сохти феодалӣ, ки онро «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» эълон дошт, муқобили маҳз аст. Марат ҳам корол ва ҳам он табақаҳои буржуазиеро, ки барои дар Фаронса бунёд кардани ҷомеаи боадолат ва демократӣ монеъ мешуданд, фош мекард. Душманон аз ӯ ҳарос доштанд ва номи ӯро бо қаҳру ғазаб ба забон мегирифтанд. Вале Марат аз онҳо наметарсид ва ба халқ то охири умр содиқ монд.

**Оғози ҷангҳои инқилобӣ.** Маркази таҷовузи мамлакатҳои хориҷӣ алайҳи инқилоб дар дохили Фаронса буд. Дар наздикии сарҳад, дар шаҳри Кобленс, **аксулинқилобчиён** бо дастгирии Австрия қувваҳои мусаллаҳ ташкил намуданд ва аз шоҳҳои Аврупо талаб карданд, ки ба таҷовузи зидди Фаронсаи инқилобӣ оғоз кунанд. Англия ва Русия ба ин ҷанг Австрия ва Пруссияро мекашиданд. 7 феврали соли 1792 ин давлатҳо муқобили Фаронса иттифоқ бастанд ва лашкари 20- ҳазорнафараи муштараки худро барои забти Фаронса равон карданд. Ба ин иттифоқи аксулинқилобӣ чанде аз давлатҳои дигари немисӣ ҳам дохил гардиданд. Онҳо гумон доштанд, ки лашкаркашӣ ба муқобили Фаронсаи инқилобӣ хеле осон ба даст хоҳад омад.

Ҷонибдорони қороли Фаронса хоҳони ин ҷанг ва муқобилони онҳо бар зидди он буданд. Муқобилон бар он ақида буданд, ки ҳуҷуми лашкари хориҷа инқилобро боз ҳам тезу тунд хоҳад кард. Аз ин рӯ, мақсад гузошта шуд, ки аксулинқилобчиён дар Кобленс торумор карда шаванд. Якобинчиён ва жирондачиён гумон надоштанд, ки бар зидди Фаронсаи инқилобӣ иттиҳоди калони давлатҳои аксулинқилобиро ташкил кардан мумкин аст.

Ҳукумати Фаронса талаб кард, ки Австрия лашкари худро аз сарҳадҳои он дур кунад. Вале императори нави Австрия Франс инро рад намуд ва изҳор кард, ки ӯ дар он сурат ин корро хоҳад кард, ки агар Конститутсияи Фаронса ба фоидаи корол Людовики

XVI тағйир дода шавад. Албатта ин корро Маҷлиси Муассисон карда наметавонист, чунки он ба «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» мухолиф буд. Инчунин масъалаи пешниҳодкардаи короли Австрия дахолати рӯйирост ба корҳои дохилии Фаронса буд. Аз ин рӯ, **Маҷлиси Муассисон** алайҳи Австрия ҷанг эълон кард.

Ҷанг аз тарафи аксулинқилобчиёни аҷнабӣ беадолат ва аз тарафи мардуми Фаронса мубориза барои озодии Ватан буд. Ҳукумати буржуазии Фаронса маҷбур шуд, ки ҳам бар зидди тартиботи феодалӣ дар дохили мамлакат ва ҳам бар зидди душманони хориҷии инқилоб мубориза барад.

Як қисми афсарони баландрутбаи ашрофзодаи лашкари Фаронса ба ватан хиёнат карданд. Малика Мария Антуанетта нақшаҳои амалиётҳои лашкари Фаронсаро пинҳонӣ ба австриягиҳо мефиристад. Лашкари Пруссия аз ин рӯҳбаланд шуда, дере нагузашта бо сардории герсог Брауншвейг ба Фаронса дохил шуд.

Хавфе, ки ба сари Фаронсаи инқилобӣ омада буд, дар байни мардум рӯҳбаландии бемислу монанди ватандӯстиро ба вуҷуд овард. Хавфи таҷовузи хориҷиро шунида, даҳҳо дастаҳои гордчиён ба сӯи Париж раҳсипор шуданд. Аз ҳисоби онҳо урдугоҳи калоне ташкил карда шуд.

Аз лаҳзаи мусоид истифода бурда, корол вазирони жирондачиёнро ба истеъфо равон кард. Вале ҳазорон нафар сокинони Париж - коргарон, гордчиёни миллӣ ва косибон қасри королро муҳосира намуда, талаб карданд, ки ӯ вазирон –жирондачиёнро ба ҳукумат баргардонад. Корол маҷбур шуд, ки талаби онҳоро қонеъ гардонад. Ҳазорон нафар фаронсавиҳо дар кӯчаҳои шаҳр сурудхои инқилобӣ хонда, мардумро ба муборизаи зидди таҷовузкорон даъват менамуданд. Он рӯзҳо, хусусан садои «Марселеза» дар тамоми мамлакат танинандоз гардида буд.

**Шӯриши 10 август**. Маҷлиси Муассисон баъди калавишҳои зиёде хитобномаи «Ватан дар хатар»-ро эълон кард.

Маълум буд, ки корол ба Фаронса ва халқи худ хиёнат кардааст. Бисёриҳо талаб мекарданд, ки мутлақият барҳам дода шавад. **Маҷлиси қонунгузор** аз қиёми халқ метарсид ва намехост, ки алоқаи худро аз Бурбонҳо пурра биканад. Қасри королро горди швейсарӣ муҳофизат мекард. Вазъиятро хуб омӯхта, инқилобчиён ба хулосае омаданд, ки королро танҳо ба воситаи шӯриш аз тахт дур кардан мумкин аст.

Тайёрӣ ба шӯриш дар як канори шаҳр оғоз ёфт. Шаби 9 ба 10 августи соли 1792 садои табли ҷанг баланд шуда, мардумро ба



52. Париж. 10 августи соли 1792

ишғоли қасри король даъват намуд. Мардум дастаҳои мусаллаҳи Коммунаи Парижро ташкил намуданд. Дастаҳои Коммунаи Париж ва 20 ҳазор нафар исёнгарон қасри королро муҳосира намуда, баъд ба он дохил шуданд. Дар дохили қаср муҳорибаи калон ба амал омад. Баъди задухӯрди шадид қасри король ба дасти шӯришчиён гузашт. Қариб 500 нафар куштаю захмдор шуданд. Мутлақият шикаст хурд. Тарафдорони Людовики XVI-ро ба ҳабс гирифтанд. Маҷлиси қонунгузор королро аз ҳокимият маҳрум намуда, ба маҳбаси Тампл партофт.

**Эълони Ҷумҳурияти Фаронса.** Пруссиягиҳо қалъаи Лонгвиро ишғол намуда, Верденро муҳосира карданд. Дар ин лаҳзаи душвор Шӯрои Коммунаи Париж фармон дод, ки бонги хатар зада, сафарбарии умумии ихтиёриён ташкил карда шавад. Устоҳо аз занґулаҳои калисоҳо ва дайрҳо тӯп месохтанд. Қисми фидоиён барои лашкар хӯрок ва барои аспҳо ему хошок тайёр мекарданд.

Фаронсавиҳо алайҳи Пруссия лашкари дигари худро бо сардории генерал Дюмуре ва Келлерман равон карданд. Ин генералҳо тавонистанд, ки дар назди деҳкадаи Валми бар лашкари душман ғалаба ба даст оранд. Қӯшунҳои Пруссия аз хоки Фаронса берун карда шуданд.

Рӯзи задухӯрд дар Валми, яъне 20 сентябри соли 1792, дар Париж маҷлиси **Конвенти Миллӣ** кушода шуд. Ба ҳайати он 750 вакил дохил буд. **Қарори аввали Конвенти Миллӣ аз ҳокимият маҳрум кардани король** ва **қарори дуюм ҷумҳурӣ эълон кардани Фаронса** мебошад.

Сиёсати жирондачиён ба вазъи ҳарбии мамлакат вобаста буд. Онҳо муносибати худро нисбат ба Бурбонҳо низ аз ҳамин нуқтаи назар муайян мекарданд. Ғалаба бар таҷовузкоронро жирондачиён ба нафъи худ истифода бурданӣ буданд. Агар дар ҷанг Фаронса шикаст мехӯрд, онҳо тайёр буданд, ки бо таҷовузкорон хоинона сулҳ банданд.

Мавқеи суботкоронаро дар Конвент гурӯҳи вакилони инқилобию демократии **монтанярҳо** (маъноаш «кӯҳ») ишғол намуданд. Сардорони онҳо Дантон, Робеспер ва Марат буданд. Ҳарчанд онҳо дар Конвент ақаллиятро ташкил намоянд ҳам, дар Коммунаи Париж обрӯю эътибори калон доштанд.

Ба Конвент муяссар шуд, ки муборизаро бар зидди таҷовузкорон дуруст ташкил кунад. 6 октябри соли 1792 яке аз лашкарҳои Фаронса бо сардории Журдан лашкари Австрияро торумор кард ва тамоми Белгияро ишғол намуд. Лашкари дигари Фаронса соҳилҳои Рейн, Савоя ва Нитсаро ишғол кард. Ин музофотҳо дар вазъияти ботантана ба Фаронса ҳамроҳ карда шуданд.

**Қатли корол.** Дар бораи тақдири корол Людовики XVI баҳсу мунозира авҷ гирифт. Маълум буд, ки жирондачиён тавассути ғалаба дар фронт диққати мардумро аз ӯ дур мекарданд. Вале ҳаракати оммавӣ барои ба суд додани корол ба нуқтаи олии худ расид. Жирондачиён мегуфтанд, ки корол шахси суднашаванда аст ва бинобар ин Конвент ҳақ надорад, ки ӯро суд бикунад. Дар ҳар сурат онҳо намехостанд, ки мавҷи инқилоб аз нав аланга занад. Зимнан ният доштанд, ки дар Фаронса роҳи аз нав барқарор кардани мутлақиятро кушода бимонанд. Монтанярҳо, ки онҳоро клуби якобинчиён ва Коммунаи Париж дастгирӣ мекарданд, талаб намуданд, ки ба корол ҷазо дода шавад. Аз Коммунаи Париж вакилон ба Конвент ҳозир шуда, қатли Людовики XVI-ро талаб намуданд. Сипас вакилон истинтоқи ошкорои королро ташкил намуда, гуноҳи ӯро пурра исбот карданд. Ӯ ба суди Конвент дода шуд. Марат ва дигарон талаб карданд, ки қарори Конвент дар бораи қатли Людовики XVI бо роҳи овоздиҳии ном ба ном ба ҷо оварда шавад, то ки ба дурӯягбозии жирондачиён роҳ дода нашавад. Ба ҳамин восита бо аксарияти овозҳо Конвент королро ба қатл ҳукм кард. 21 январи соли 1793 он ба иҷро расонида шуд. Қатли корол, пеш аз ҳама, шикасти калони клуби жирондачиён буд.

Баъд аз ғалаба бар Австрия ва қатли Людовики XVI Англия **муносибати дипломатии** худро аз Фаронса канд. 1 феврали соли 1793 Конвент алайҳи Англия ҷанг эълон кард. Дере нагузашта ба иттифоқи Англия, Пруссия ва Австрия бар зидди Фаронса

Испониё, шоҳигариҳои Сардиниё, Неапол ва аксар давлатҳои хурди олмонӣ ҳам дохил шуданд. Баҳори соли 1793 лашкари Австрия дар Неервинден лашкари Фаронсаро торумор кард. 6 апрел Конвент барои мудофиаи мамлакат **Кумитаи Наҷоти Ҷамъиятиро** интихоб намуд. Жирондачиён рӯз то рӯз ифротитар мешуданд. Онҳо мехостанд, ки Марат ва роҳбарони Коммунаи Парижро маҳв созанд.

Халқ дар атрофи якобинчиён ва Коммунаи Париж муттаҳид мешуд, то ки пеши роҳи сӯиқасди жирондачиёнро гирад. Клуби якобинчиён, корделерчиён ва Коммунаи Париж ба хулосае омаданд, ки жирондачиён аз ҳокимият дур карда шаванд.

Аз 31 май то 2 июни соли 1793 дар Париж шӯриши калон ба амал омад. **Шӯрои Коммунаи Париж** ба сарфармондеҳии Горди Миллӣ якобинчӣ Анриоро таъин кард. Дар зери парчами ӯ беш аз 100 ҳазор нафар одам ҷамъ омад. Жирондачиён ва қисми «ботлоқ»-и Конвент хостанд, ки бо Анрио гуфтушунид кунанд. Вале ӯ рад кард. **Маҷлиси Конвент** шурӯъ шуд ва якобинчиён аз он 23 вакили жирондачиёнро бароварда, ба ҳабс гирифтанд. Бо ҳамин ҳукмронии жирондачиён ба охир расид.

**Диктатураи якобинчиён.** Шӯриши 31 май - 2 июни соли 1793 ва ҳабс кардану аз Конвент пеш кардани жирондачиён нуқтаи олии инқилоби буржуазии Фаронса буд. Давраи диктатураи инқилобию демократии якобинчиён фаро расид. Ҳамин тариқ, ҳокимият ба дасти қисми аз ҳама инқилобитарини буржуазия даромад. Якобинчиён ба деҳқонон ва аҳолии камбағали шаҳр такя мекарданд.

Ҳокимият ба дасти якобинчиён дар вазъияти хеле мушкил гузашт. Ин вақт дар Лион, Бордо ва Марсел ҳокимият ба дасти **аксулинқилоб** гузашта буд. Дар Вандей муқобилони инқилоб - **роялчиён** шӯриш бардоштанд. Қисми жирондачиён ба музофотҳо гурехта, мардумро ба исён тайёр мекарданд. Дар натиҷа аз 83 музофот 60-тояшро шӯриш фаро гирифт. Аз хориҷи кишвар хавфи ҳуҷуми нави таҷовузкорона таҳдид мекард. Дар ин ҳолат якобинчиён бояд қатъӣ амал мекарданд. Чораҳои мушаххас зарур буданд, ки мардум ба Конвент бовар кунанд ва мубориза бар зидди аксулинқилоби дохилию хориҷӣ пурзӯр карда шавад.

**Конвент 24 июни соли 1793 конститутсияро** қабул кард. Дар он ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд- баробарӣ, озодӣ, бехатарӣ, моликиятдорӣ, озодии сухан, матбуот, маълумоти умумӣ, иҷрои эътиқодҳои динӣ, ҳуқуқи ташкил кардани ҷамъиятҳои мардумӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ ва озодии соҳибкорӣ эълон карда шуд.

Конститутсияи соли 1793 асосҳои демократияи буржуазӣ ва инчунин Фаронсаро ҷумҳурии ягонаи ҷудонашаванда эълон кард.

10 июли соли 1793 Кумитаи Наҷоти Ҷамъиятӣ аз нав интихоб гардид. Ба ҳайати КНҶ Робеспер дохил карда, Дантон аз он бароварда шуд.

Ин вақт аллакай жирондачиёну роялчиён алайҳи якобинчиён терроро сар карда буданд. 14 июл роялчизан Шерлотта Кордэ, ки бо жирондачиён алоқаи зич дошт, тавонист, ки бо фиребу найранг Маратро ба қатл расонад. Баъди ин ҳукумати якобинчиён маҷбур шуд алайҳи аксулинқилобчиён таъқиботро пурзўр кунад. 27 июл Конвент дар бораи ҷорӣ намудани ҳукми қатл фармон баровард. Баъди ин дар ҳама ҷои мамлакат бар зидди аксулинқилобчиён мубориза сар шуд.

Диктатураи якобинчиён ҳамаи талабҳои деҳқононро дар бораи барҳам додани зулми феодалӣ иҷро намуд. Андозҳои беподош барҳам дода шуданд. Ба деҳқонон заминҳои ҷамоавӣ баргардонида шуданд, ки онҳоро то саршавии инқилоб дворянҳо аз халқ кашида гирифта буданд. Деҳқонон ба моликиятдорони озод табдил ёфтанд. Бартарии якобинчиён нисбати дигар неруҳои инқилобӣ аз он иборат буд, ки дар мамлакат ҳама тартибот ва ўҳдадориҳои феодалиро нест карданд ва бо ҳамин барои худ такягоҳи пурзўре пайдо намуданд.




53. Мақомоти ҳокимият дар диктатураи инқилобӣ–демократии якобинчиён

Мақомоти ҷазодиҳии диктатураи якобинчиён Кумитаи Наҷоти Ҷамъиятӣ ва Трибунал буданд. Режими диктатураи якобинчиён дар шароити муборизаи шадид алайҳи аксулинқилоби хориҷӣ ва дохилӣ ташаккул меёфт.

Рафти фаъолияти минбаъдаи диктатураи якобинчиён нишон дод, ки дар байни онҳо ягонагӣ нест. Ин диктатура дар таркиби худ дорои се ҷараён буд. Ҳар яки он нисбати сиёсати инқилобӣ дар мамлакат нуқтаи назари худро дошт. Ба яке аз ҷараёнҳо Робеспер ва Сен-Жюст роҳбарӣ мекарданд. Ба гурӯҳи дигар роҳбарони Коммунаи Париж Шометт ва Эбер, ба гурӯҳи сеюм бошад, Дантон ва Камилл Демулен сарвар буданд. Муборизa дар байни онҳо чунон тезу тунд шуд, ки акнун Конвенти ба буржуазияи нав тобеъбуда тавассути Кумитаи Наҷоти Ҷамъиятӣ ва Трибунал роҳбарони якобинчиёнро ба гуноҳҳои гуногун гунаҳгор намуд. Ҳамин тавр, трибунал 24 марти соли 1794 аввал Эбер ва Шометтро бо ҳамроҳии 18 нафар, 5 апрел Дантону Демулен ва тарафдорони онҳоро ба қатл расонид.

**Табаддулоти 9 Термидор**. Чӣ тавре ки дар боло ишора шуд, аксари аъзоёни Конвент ба буржуазияи нав тааллуқ доштанд. Онҳо режими якобинчиёнро чораи муваққатӣ медонистанд. Акнун онҳо барои аз дасти якобинчиён гирифтани ҳокимият ба амалиёти қатъӣ гузаштанд.

Тобистони соли 1794 қисми зиёди монтаняpҳо, ки диктатураи якобинчиёнро дастгирӣ мекарданд, дар атрофи «ботлоқ»-и



54. Жак Эбер



55. Шометт

Конвент муттаҳид шуданд. Оҳиста-оҳиста блоки якобинчиён пароканда шуд ва дар Конвент бар зидди диктатураи якобинчиён сӯиқасд тайёр шудан гирифт. Сӯиқасдчиёни асосӣ Телъен, Фрерон, Баррас ва якчанд нафари дигар буданд. Онҳо дар рафти инқилоб тавассути ҳаннотию дуздӣ бой шуда буданд. Ин афрод барои мансаб ва боигарӣ ба ҳар гуна ҷиноят тайёр буданд.

Аз тайёрии табаддулоти аксулинқилобӣ Робеспер бохабар шуд. Ӯ дар клуби якобинчиён баромад карда, даъват намуд, ки ҳайати Кумитаи Наҷоти Ҷамъиятӣ нав карда шавад. Вале рӯзи дигар, 9 термидори соли 2-юми ҷумҳурӣ вақте ки Сен-Жюст дар Конвент баромад мекард, сӯиқасдчиён дастони худро боло бардошта, шӯру гавғо бардоштанд. Бо талаби Телъен Конвент дар бораи ҳабси бисёре аз роҳбарони Коммунаи Париж қарор қабул кард. Аз он ҷумла, тавассути овозҳои «ботлоқ» сӯиқасдчиён қарор



58. Ба ҳабс гирифтани Робеспер



57. Баста шудани клуби Якобинчиён шаби 10 Термидор

карданд, ки Робеспер, Сен-Жюст ва дигарон ба ҳабс гирифта шаванд. Дар натиҷаи фишори Горди Миллӣ он рӯз термидорчиён ҳабсшудагонро озод карданд. Ин вақт Робеспер ва ҳамсафони ӯ ба мусолиҳакорӣ роҳ доданд. Аз лаҳзаи барои худ қулай истифода бурда, термидорчиён озодшудагонро аз нав ба ҳабс гирифтанд. Рӯзи дигар термидорчиён сари 22 нафар, аз ҷумла Робеспер, Сен-Жюст, Кутон ва дигаронро аз тан ҷудо карданд.

Табаддулоти аксулинқилобии 9 термидор буржуазияи калонро аз нав ба сари ҳокимият оварда, ба диктатураи инқилобӣ-демократии якобинчиён хотима гузошт.

***Ҳуҷҷат***

***Аз Конститутсияи 24 июни соли 1793***

*1. Мақсади ҷомеа хушбахтии умум аст. Ҳукумат муқаррар менамояд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон таъмин карда мешавад.*

*2. Моҳияти ин ҳуқуқҳо: баробарӣ, озодӣ, бехатарӣ, моликият.*

*3. Ҳамаи одамон табиатан дар назди қонун баробаранд.*

*4. Қонун ифодаи райъи озод ва ботантанаи умум мебошад.*

*5. Дар дастрас будани вазифаҳои ҷамъиятӣ ҳама баробарҳуқуқанд.*

*7. Ҳуқуқи ифода намудани фикрҳо ва ақидаҳои худ чӣ тавассути матбуот ва чӣ ба ҳар воситаи дигар, ҳуқуқи якҷоя ҷамъ шудан, ба оромӣ риоя кардан ва озодона адо кардани мурофиаҳои динӣ манъ карда намешаванд…*

*9. Қонун бояд озодии ҷамъиятӣ ва инфиродиро аз зулми ҳукмронон муҳофизат намояд.*

*10. Ҳеҷ кас набояд гунаҳгор карда шавад, дастгир карда шавад ва ё ҳабс карда шавад, ғайр аз он ҳолатҳое, ки дар қонун нишон дода шудаанд…*

**Савол ва супоришҳо:** **1.** Дар бораи клубҳои сиёсии Фаронса нақл кунед. **2.** Чаро клубҳои гуногун ташкил ёфтанд? **3.** Дар бораи Марат чиро медонед? **4.** Таҷовузи давлатҳои хориҷӣ алайҳи инқилоби буржуазии Фаронса чӣ тавр оғоз ёфт? Оё ба он Людовики XVI ва Мария Антуанетта ҳамроҳ буданд? Нисбати ин рафтори корол ва маликаи Фаронса фикри худро баён кунед. **5.** Мардум чӣ тавр ба муҳофизати ватан бархост? **6.** Шӯриши 10 августи соли 1792 чӣ тавр ба амал омад? **7.** Дар бораи мавқеи Конвент нисбати воқеаҳои аксулинқилобӣ нақл кунед. **8.** Чаро Людовики XVI ва Мария Антуанетта қатл карда шуданд? **9.** Диктатураи якобинчиён чӣ тавр барпо шуд? **10.** Кай Фаронса ҷумҳурӣ эълон карда шуд? **11.** Диктатураи якобинчиён чӣ аҳамият дошт? **12.** Дар бораи Конститутсияи соли 1793 Фаронса чиро медонед? **13.** Чаро диктатураи якобинчиён суст шуд? Сабабҳои ба шикаст дучор шудани якобинчиён дар чист? **14.** Табаддулоти 9 термидор чӣ тавр ба амал омад? **15.** Дар инқилоби буржуазии Фаронса дар арафаи табаддулоти 9 термидор кадом ҷараёнҳо амал мекарданд? **16.** Фикри шахсии худро дар бораи марҳилаи мазкури инқилоби буржуазии Фаронса баён кунед.

## §12. ФАРОНСА ДАР АҲДИ БОНАПАРТ НАПОЛЕОН

**Сиёсати хориҷии термидорчиён.** Якобинчиён ба ҷангҳои истилогарона муқобил буданд. Даврае, ки Фаронса ҷангҳои боадолатона мебурд, ба охир расид. Акнун вай дар зери ҳокимияти термидорчиён ҷангҳои истилогаронаро оғоз мекунад.

Давлатҳои иттифоқи зидди Фаронса шикаст хӯрданд. 5 апрели соли 1795 дар шаҳри Базел Пруссия ва Испониё бо Фаронса сулҳ бастанд. Мувофиқи шартномаи ин сулҳ ҳукумати Пруссия ба Фаронса ҳамроҳ карда шудани соҳилҳои чапи дарёи Рейн ва заминҳои дигари забткардаи вайро эътироф намуд. Минбаъд лашкари Фаронса набояд ба шимолу ғарбии Олмон ворид шавад, инчунин заминҳои испании ҷазираи Гаити ба Фаронса гузаштанд.

Буржуазияи Фаронса ният дошт, ки як қатор давлатҳои Аврупоро ба худ тобеъ кунад. Соли 1795 Ҳоландияро забт кард. Белгия ва резишгоҳи дарёи Шелд ба Фаронса ҳамроҳ карда шуданд. Дар айни замон ҷанг бо Австрия ва Англия идома дошт.

Сиёсати хориҷии термидорчиён аз ҷангҳои истилогарона иборат буд.

**Ҳукмронии директория**. 22 августи соли 1795 Конвенти термидорчиён конститутсияи навро қабул кард. Ин конститутсия танҳо ба андоздиҳандагон ҳуқуқи интихоботӣ дод. Яъне сатҳи молу мулкии интихобкунандагон аз нав барқарор карда шуд. Интихобкунандагон бояд мулки ғайриманқул дошта, синашон на камтар аз 25-сола бошад. Ҳайати қонунбарор аз ду палата иборат буд - Шӯрои панҷсадаи қонунбарор ва Шӯрои кӯҳансолон. Ҳар сол аз панҷ як ҳиссаи ҳайати қонунгузор нав карда мешуд. **Шаҳрдорӣ** (мунисипалитет) дар шаҳрҳои калон барҳам дода шуд.

Аз қонуни нави интихоботӣ мардум ва хусусан ҷонибдорони аз нав барқароркунии сулолаи Бурбонҳо - роялчиён норозӣ буданд. Онҳо аз норозигии омма истифода бурданд. Бар зидди директория оҳиста-оҳиста исён пухта мерасид, ки нерӯи асосии он роялчиён буданд.

5 октябри соли 1795 роялчиён хостанд, ки ба исёни омма роҳбарӣ кунанд. Зиёда аз 20 ҳазор нафар одамон дар назди бинои Конвент ҷамъ омада, талаб карданд, ки декрет дар бораи интихобот бекор карда шавад. Барои пахш кардани исён директория ба генерал Бонапарт Наполеон (1769-1821) муроҷиат кард. Ба ӯ сарфармондеҳии лашкари дар Париж буда супорида шуд. Бо фармони Наполеон дар наздикии бинои Конвент тӯпҳо гузошта шуданд. Садои аввалини тӯпҳо мардумро пароканда кард.



58. Бонапарт Наполеон

Наполеон худ ташнаи обрӯ ва мансаб буд. Бо ин кораш ӯ хост, ки ба Конвент маъқул шавад. Торумори шӯриши 5 октябр ӯро ба мақсад расонид. Директория ҳам ҳис кард, ки генерал Наполеон тайёр аст ӯро аз оммаи мардум ва ҷонибдорони бурбонҳо ҳифз кунад.

Баъди шикасти исён низ аҳволи директория чандон хуб нашуд. Ҳукмронии қисми буржуазияи қаллоб норизогии мардумро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, вай ба шахсияти

пуркуввате эҳтиёҷ дошт, ки манфиатҳояшро боэътимод ҳимоя карда тавонад. Ин гуна шахс Наполеон буд.

Буржуазияи ҳукмрон диққати асосиро барои аз ҳисоби ҷангҳои истилогарона бой шудан равон карда буд. Бо ин мақсад соли 1796 дар зери роҳбарии Наполеон лашкари Фаронса аз кӯҳҳои Алп гузашта, ба Италиё ҳуҷум кард. 10 майи ҳамон сол қӯшуни Австрия дар наздикии Лоди торумор карда шуд. Наполеон Ломбардияро ишғол намуда, ба тарафи Вена ҳаракат кард. Австрия маҷбур шуд, ки бо Фаронса сулҳ бандад ва ба Фаронса ҳамроҳ шудани соҳилҳои чапи дарёи Рейн ва Белгияро эътироф кунад.

Ҳамин тариқ, Наполеон як қатор давлатҳои Аврупоро забт намуда, сипас флоти Фаронсаро ба ҷазираи Малта бурд. Баъди забти ин ҷазира ба ҷониби Миср ҳаракат кард. Ӯ қӯшуни Мисрро торумор намуда, бар зидди Сурия лашкар кашид, вале онро ишғол карда натавонист. Дере нагузашта флоти пурзӯри англисии адмирал Вилсон бо ёрии Туркҳои Усмонӣ ба он ҷо расида, 1-уми августи соли 1798 дар соҳилҳои Миср ба эскадраи Фаронса шикаст дод. Англисҳо киштиҳои Фаронсаро сӯзонида, дар баҳри Миёназамин ғарқ карданд.

Аз англисҳо шикаст хӯрдани Наполеон ва аз даст доданӣ давлатҳои забтшудаи Шарқи Наздик обрӯи Директорияро боз ҳам пасттар кард. Аз соли 1799 сар карда фаъолияти ҳаракати демократияхоҳон дар Париж аз нав вусъат пайдо кард. Ширкаткунандагони ин ҳаракат мехостанд, ки фаъолияти клуби якобинчиёнро аз нав эҳё кунанд. Ғайр аз ин шикасти Фаронса дар ҷанг кӯшиши сӯиқасди роялчиёнро аз нав ба вуҷуд овард. Дар чунин вазъият буржуазияи калон бори дигар хост, ки дасти пурзӯреро пайдо намояд, яъне дасте, ки пеши роҳи дар Фаронса аз нав барқарор шудани ҳокимияти Бурбонҳоро гирифта тавонад. Буржуазия (Директория) ҳокимиятро ба чунин шахс супориданӣ буд.

**Табаддулоти 18 Брюмер**. Дар байни доираҳои маъруфи буржуазияи калон нақшаи табаддулоти давлатӣ ва барпо намудани диктатураи ҳарбӣ ба миён омад. Барои амалӣ намудани ин мақсад ба онҳо Наполеон маъқул буд. Вақте ки Бонапарт дар Сурия буд, хабари дар Италиё шикаст хӯрдани қӯшуни Фаронсаро шунида, боқимондаи лашкар ва флоташро ба ҳоли худ партофта, ба Фаронса баргашт. Табаддулотчиён ба ӯ умед доштанд.

Мувофиқи нақшаи табаддулот овоза паҳн карда шуд, ки якобинчиён шӯриш бардоштаанд. Баъд гӯё, ки барои бехатарӣ, ҳайати Маҷлиси Қонунгузор ба маҳаллаи шимолии шаҳр Сен – Клу кӯчонида шуд. 9 ноябри соли 1799 бинои Маҷлиси Қонунгузор тавассути қӯшунҳои Наполеон муҳосира карда шуд. Аввал ӯ хост,

ки Шӯрои Панҷсада ба мардум дар бораи ба конститутсия даровардани тағйирот хабар диҳад. Вале вакилон ба ӯ бо шиори «Нест бод ситамгар» ҷавоб гуфтанд. Баъди ин аскарон ба маҷлисгоҳ дохил шуданд. Вакилон аз тарс ба ҳар гӯшаю канори шаҳр гурехта пинҳон шуданд. То бегоҳии ҳамон рӯз тамоми вакилонро бо зӯрӣ дар маҷлисгоҳ ҷамъ карда, бо роҳи таҳдид маҷбур карданд, ки дар бораи пароканда кардани Директория қонун қабул намоянд ва ҳокимиятро ба се консул - Бонапарт, Роже ва Сийес бидиҳанд. Дар амал Бонапарт яккаю танҳо ба диктатураи ҳарбии мутлак соҳиб шуд.

Табаддулоти наполеонии 9 ноябри соли 1799 дар таърихи Фаронса бо номи «18 брюмер» машҳур гаштааст.

**Забт намудани мамлакатҳои Аврупо.** Яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷанги зидди Фаронса Русия буд. Ба лашкари Русия А.В. Суворов сарфармондеҳӣ мекард. Дар арафаи табаддулоти 18 брюмер дар байни давлатҳои иттиҳоди зиддифаронсавӣ мухолифат ба вуҷуд омад ва дере нагузашта ин иттиҳод пароканда шуд. Барои ҳамин А.В. Суворов лашкари худро аз Итолиё баровардa, ба ҷониби Русия ҳаракат кард. Бонапарт бошад, аз ин лаҳзаи хуб истифода бурд. Ӯ ба тезӣ лашкар ҷамъ намуд. Баъд онро бо роҳҳои душвори кӯҳҳои Алп ба Итолиё бурд. Наполеон 14 июни соли 1800 дар муҳорибаи назди Маренго қӯшуни Австрияро торумор кард. Қӯшуни дигари Фаронса бо сардории генерал Моро ба Бавария рафта, 3 ноябр дар он ҷо лашкари Австрияро пурра торумор намуд. Баъди ин воқеа ҳукумати Австрия маҷбур шуд, ки бо Фаронса созишномаи сулҳро ба имзо расонад. Наполеон Итолиёро ба лӯхтак табдил дод. Дар он ҷо ба ҷои Ҷумҳурии Тсизалпа Ҷумҳурии Итолиёи ба Фаронса тобеъбударо ташкил намуд.

Наполеон бо шоҳи Русия Павели I барои он забон як карданӣ шуд, ки дар он вақт дар байни Русия ва Англия мухолифат ба амал омада буд. Ӯ нақшаи тақсимоти Туркияро ба шоҳи Русия пешниҳод кард. Павели I барои аз Ҳиндустон пеш кардани англисҳо ба он ҷо дастаи калони казакҳоро равон кард. Вале он дар роҳ ба нокомӣ дучор шуд. Дере нагузашта Павели I бо Пруссия, Дания ва Шветсия созиш баста, муносибатҳои Русияро аз Англия канд. Вале 12 марти соли 1801 Павели I кушта шуд. Шоҳи нав Александри I муносибатҳои дипломатии Русияро бо Англия аз нав барқарор намуд. Чунин вазъият Наполеонро маҷбур сохт, ки моҳи октябри соли 1801 бо Русия шартномаи сулҳ ва созишномаи махфӣ ба имзо расонад. Ин созишнома ба мулкҳои олмонӣ, давлатҳои итолиёвӣ ва қаламрави дигар дахл дошта, ба манфиатҳои Англия зарба мезад. Англия яккаю танҳо монда, маҷбур шуд, ки бо Фа-



59. Наполеон дар иҳотаи маршалҳо ва генералҳои худ

ронса сулҳ бандад. Мувофиқи ин созишномаи сулҳ Наполеон ӯҳдадор шуд, ки вазъияти феълии марзии Аврупоро эътироф кунад.

Ҳарду тараф — Англия ва Фаронса аз шартҳои созишнома норозӣ буданд ва дере нагузашта ҷанги Фаронса муқобили Англия ва давлатҳои дигари Аврупо аз нав оғоз шуд. Фаронса рақиби асосии худ- Англияро дар чандин муҳорибаҳо шикаст дод ва ба истилои Итолиёю Олмон шурӯъ намуд. Дар Фаронса бошад, муқобилони Наполеон рӯз то рӯз зиёд мешуданд. Хусусан, роялчиён ба табаддулоти зидди Наполеон тайёрӣ медиданд. Ӯ аз ин сӯиқасд бохабар шуда, роҳбарони онро қатл кард ва моҳи майи соли 1804 худро императори Фаронса эълон намуд. Баъди чанде вазифаи императории Фаронса ба Наполеон меросӣ эълон карда шуд.

Ҷанги Фаронса бо давлатҳои Аврупо соли 1805 аз нав оғоз ёфт. Ин дафъа муқобили он Англия, Русия, Австрия ва шоҳигарии ҳарду Ситсилия ҷанг мекарданд. Онҳо мақсад доштанд, ки лашкари Фаронсаро аз Олмон, Итолиё, Швейсария ва Ҳоланд пеш карда, дар ин давлатҳо тартиботи пештараро аз нав барқарор кунанд. Вале Фаронса ҳанӯз ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ пурқувват буд. 20 декабри соли 1805 дар Улм лашкари австриягии генерал Макро муҳосира намуда, торумор кард. Вале флоти Фаронса дар баҳр шикаст хӯрд. Онро флоти Англия бо сардории адмирал Нелсон дар димоғаи Трафалгар торумор намуд. Худи Нелсон ҳалок гардид. Баъд аз ин Наполеон аз баҳри ҳуҷум ба Англия гузашт. Лекин аз мақсади торумор кардани қӯшунҳои Австрия ва Русия даст

накашид. Пруссия мавқеи бетарафиро ишғол намуд. Аз ин ҳолат Наполеон истифода бурд. Ӯ ба короли Пруссия музофоти Ганноверро ваъда дода, лашкари худро ба Австрия даровард ва шаҳри Венаро ишғол кард.

Лашкари иттифоқчиён — Австрия ва Русия дар Чехия ба ҳамдигар ҳамроҳ шуданд, вале 2 декабри соли 1805 аз тарафи лашкари Наполеон торумор гардиданд. Баъди шикастхӯрӣ Австрия маҷбур шуд, ки дар шаҳри Братислава бо Фаронса сулҳ бандад. Акнун Наполеон дар амалиёти минбаъдаи худ дар Олмон ва Итолиё озод буд ва касе ба ӯ халал намерасонд.

Бо ин ҷангҳои Фаронсаи наполеонӣ қатъ нагардиданд. Баъд аз он ки ӯ қӯшунҳои Австрияро торумор кард, дигар Пруссияро ба назари эътибор намегирифт. Наполеон Ганноверро ба Фаронса баргардониданӣ буд. Пруссия аз хавфи истило шудан тарсида, бо Русия ва Англия иттифоқ баст. Соли 1806 ба ин иттифоқ Шветсия низ дохил шуд. Наполеон аз ин иттифоқи ҳарбӣ натарсида, бартарии худро нисбати давлатҳои Аврупо эҳсос намуд ва Англияро дар муҳосираи иқтисодӣ эълон кард. Ин иқдом даъвои ҳукмрони ҷаҳон шудани Неполеонро дошт. Он давлатҳое, ки бо Англия тиҷорат мекарданд, киштиҳои онҳо аз тарафи флоти Фаронса несту нобуд ва молашон талаву тороҷ карда мешуданд.

Баъди ишғоли Берлин Наполеон лашкари худро бар зидди Русия равон кард. Моҳҳои феврал - июни соли 1807 лашкари Рус дар якчанд муҳориба пурра шикаст хӯрд. Шикасти лашкар ҳукумати Александри I-ро водор намуд, ки бо Фаронса дар бораи сулҳ гуфтушунидро оғоз кунад. 7 июли соли 1807 дар Тилзит ин созишнома ба имзо расид.

Баъди аз ҷанг баромадани Русия Наполеон ҷангҳои худро дар Аврупо идома дод ва онҳо то арафаи ҳуҷум ба Русия қатъ нагардиданд.

24 июни соли 1812 Наполеон бо лашкари 640-ҳазорнафараи худ аз дарёи Неман гузашта, ба Русия ҳамла кард, вале ҷангро ба русҳо бохт (рафти ин ҷанг дар мавзӯи «Русия дар чоряки аввали асри XIX» инъикос гардидааст).

Ғалабаи русҳо бар фаронсавиҳо дар империяи бузурги Наполеон муборизаи миллию озодихоҳиро ба вуҷуд овард. Иттифоқчиён ҳам рӯҳбаланд шуданд. Империяи Наполеон барҳам мехӯрд. Аз ғарб ба пешвози лашкари аз Русия рондашудаи Фаронса артиши Пруссия баромад. Иттифоқчиёни дигари Русия ҳам ба муборизаи зидди Фаронсаи наполеонӣ шурӯъ карданд. Онҳо дар наздикии шаҳри Лейпсиги Олмон бо лашкари боқимондаи Бонапарт вохӯрданд ва дар ин ҷо муҳорибаи калоне доир гардид.

Ин муҳориба 16-19 октябри соли 1813 ба вуқӯъ омад, ки он дар таърих «Муҳорибаи халқҳо» ном гирифтааст. Дар ин муҳориба лашкари Наполеон пурра торумор гардид. Худи Наполеон бо дастаи начандон калоне гурехта ба Париж омад. Дар Париж ӯ ба саволи «Канӣ, лашкари ту?» ҷавоб дод, ки «Лашкар нест!».

31 марти соли 1814 лашкари иттифоқчиён ба Париж ворид шуд. Наполеон аз тоҷу тахт даст кашид. Бо талаби иттифоқ-



60. Наполеон баъди аз ҳокимият маҳрум шудан



61. Лейпсиг. Муҳорибаи халқҳо

чиён дар Фаронса ҳокимияти Бурбонҳо аз нав барқарор карда шуд. Баъд аз ин бо короли Фаронса Людовики XVIII созишномаи сулҳи Париж ба имзо расонида шуд. Мувофиқи он ғайр аз Нитса, қисми Савойя ва якчанд калъаҳои сарҳадие, ки Наполеон забт карда буд, баргардонида шуд, Фаронса ба сарҳадҳои давлатии соли 1792-и худ баргашт.

**Конгресси Вена**. Тирамоҳи соли 1814 216 нафар вакилони мамлакатҳои Аврупо дар Конгресси байналхалқии Вена ҷамъ омаданд, ки масоили ҷанг ва сулҳро дар ин қитъа ҳал намоянд. Дар он шоҳи Русия Александри I, канслери Австрия Меттерних, вазир-президенти Пруссия Гарденберг ва вазири корҳои хориҷаи Фаронса Талейран иштирок карданд.

Ҳалли асосии ҳамаи масъалаҳо дар дасти ҳайати вакилони Русия, Англия ва Австрия буданд. Мақсади асосии иштирокчиёни Конгресси Вена аз нав барқарор кардани сулолаҳои пештараи королҳо ва ҳокимияти дворянҳо, ба манфиати ғолибон тақсим кардани Аврупо ва мубориза ба муқобили ҳаракатҳои нави инқилобӣ буд. Мамлакатҳои ғолиб дар қарорҳои худ манфиати халқҳоро ба инобат намегирифтанд.

Мувофиқи қарорҳои Конгресси Вена ҷазираи Малта, ҷазираи Сейлон ва мустамликаи Кап дар Африқои Ҷанубӣ ба Англия гузаштанд. Фаронса дар забткунии мустамлика ҳамчун рақиби асосии Англия суст шуд. Ин муваффақияти асосии Англия буд. Русия шоҳии Лаҳистонро соҳиб шуд.



62. Конгресси Вена

То ин вакт дар Олмон даҳҳо давлатҳои хурду калон мавҷуд буданд. Қисме аз онҳо ба давлатҳои калонтари немисӣ муттаҳид гардиданд ва бо ҳамин иттифоқи давлатҳои Олмон ба вуҷуд омад. Вале он хеле суст буд. Вилоятҳои нисбатан бойи Рейн ва Вестфалияро Пруссия тобеъи худ кард. Вай заминҳои ғарбии Лаҳистонро низ ғасб намуд.

Заминҳои Австрия аз ҳисоби мулкҳои шимолии Италиё низ васеъ шуданд. Ҳокимияти сулолаи ҳукмрони аввала дар Пемонт аз нав барқарор гардид. Белгия бошад, бо Ҳоланд ҳамроҳ карда шуд. Дар харитаи сиёсии Аврупо тағйиротҳои дигар низ ба амал омаданд. Конгресс Фаронсаро ба сарҳадҳои аввалааш баргардонид.

Ба зимаи Фаронса 700 миллион франк товони ҷанг бор карда шуд. Барои эҳтиёт қарор дода шуд, ки муваққатан, то адо кардани товони ҷанг лашкари иттифоқчиён дар шимоли Фаронса нигоҳ дошта шавад.

Шоҳи Русия таклиф пешниҳод намуд, ки барои пешгирӣ кардани ҳаракатҳои инқилобӣ ва ҳифзи мутлақияти мамлакатҳои Аврупо бо номи «Иттифоқи Муқаддас» иттифоқи ҳарбию сиёсӣ ташкил карда шавад. Дар ҳамин конгресс ба ҳуҷҷати ин иттифоқ намояндагони Русия, Австрия, Пруссия ва давлатҳои дигари иштирокчии он имзо гузоштанд. Англия ба «Иттифоқи Муқаддас» дохил нашуда бошад ҳам, онро дастгирӣ мекард. Ормонҳои ин иттифоқ аллакай солҳои 20-уми асри XIX дар Неополитан, Пемонт ва Испониё истифода бурда шуданд. Вай мутлақияти ин давлатҳои феодалиро аз инқилоб муҳофизат намуд. Роҳбари «Иттифоқи Муқаддас» дар амал Русия ба ҳисоб мерафт. Он баъди ғалаба бар Фаронса ба жандарми Аврупо табдил ёфта буд.

Фаронса, ки дар давраи ҳукмронии Бонапарт Наполеон дар ҷангҳои сершумор бар давлатҳои пурзӯри Аврупо ғалаба ба даст оварда, империяи калонеро ташкил карда буд, оқибат шикаст хӯрд. Дар натиҷа дар Фаронса ва мамлакатҳои истилошуда мутлақият аз нав барқарор карда шуд.

Дар ин давра инқилобҳои буржуазие, ки дар як қатор давлатҳои Аврупо пухта расида буданд, муваққатан таназзул карданд.

### *Ҳуҷҷатҳо*

***1. Таркиби сенатус-консулт аз 28 флореали XII сол (18 майи соли 1804)***

*Моддаи 1. Идоракунии ҷумҳурӣ ба император супорида мешавад, ки ӯ мансаби императори фаронсавиҳоро қабул мекунад.*

*Адолати судиро аз номи император шахсони мансабдоре, ки онҳоро ӯ таъин мекунад, ба ҷо меоранд.*

*Моддаи 2. Наполеон Бонапарт, консули якуми мазкури ҷумҳурӣ, императори фаронсавиҳо мебошад.*

*Моддаи 3. Мансаби императорӣ меросӣ буда, он ба меросхӯри хунӣ ва аз ҳама калони насли мардонаи Наполеон Бонапарт тааллуқ дорад.*

**2. Мактуби Александри I ба модараш Мария Фёдоровна (сентябри соли 1808)**

*...Тилзит чораи дамгирии муваққатие мебошад. Он барои як дам нафасросткунии озод имконият медиҳад, то ки дар вақти пуркиммат мо воситаҳо ва қувваҳоямонро афзун намоем...Барои ин мо бояд ба таври ниҳоят махфӣ тайёрӣ бинем ва дар бораи силоҳ ва тайёриамон ба мардум доду фиғон набардорем, ба муқобили он касе, ки боварӣ надорем, сухан нагӯем...*

**3. Баъд аз муҳорибаи Ватерлоо аз ҳокимият даст кашидани Наполеон (эъломия ба мардуми Фаронса (22 июни соли 1815)**

*Фаронсавиҳо! Барои ҳифзи истиқлолияти миллӣ ҷангро оғоз намуда, мехостам, ки тамоми қувваю воситаҳоро барои баланд бардоштани обрӯи миллат истифода барам. Ман асос доштам ба ғалаба бовар кунам, бинобар ин ба эътирознома ҳои ҳукуматҳо, ки ба номи ман равон карда мешуданд, аҳамият намедодам.*

*Аз афташ вазъият тағйир ёфтааст. Ман худро қурбони бадхоҳони Фаронса мекунам. Оё онҳо самимианд, ки дар бораи душмани шахсии ман будани худ изҳор мекунанд!*

*Ҳаёти сиёсии ман ба охир расид ва ман писарамро ҳамчун Наполеони II императори фаронсавиҳо эълон мекунам.*

*Вазирони ҳозира муваққатан шӯрои давлатӣ ташкил медиҳанд. Ғамхорӣ дар ҳаққи писарам маро водор месозад пешниҳод намоям, ки ин шӯро бе таъхир бо тартиби қонунӣ мансаби регентиро таъсис намояд. Барои наҷоти ҷамъият ва нигоҳдории истиқлолияти миллӣ муттаҳид шавед.*

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Наполеон сиёсати хориҷии Фаронсаро ба кадом самт равона кард? **2**. Конститутсияи наве, ки онро термидорчиён қабул карданд, аз конститутсияи пештара чӣ фарқ дошт? **3**. Моҳияти Директорияро фаҳмонед. **4**. Директория мамлакатро чӣ тавр идора мекард? **5**. Наполеон роялчиёнро чӣ тавр пахш кард? **6**. Бо кадом роҳ Наполеон императори Фаронса шуд? **7**. Дар бораи ҷангҳои истилогаронаи Наполеон дар солҳои 1799-1807 нақл кунед. **8**. Наполеон дар Русия чӣ тавр шикаст хӯрд? **9**. Конгресси байналхалқии Вена харитаи сиёсии Аврупоро чӣ тавр тағйир дод? Дар он киҳо иштирок карданд? **10**. Тақдири Наполеон чӣ хел ҳал шуд? **11**. Наполеон дар Фаронса кай аз ҳокимияти императорӣ даст кашид? **12**. Бо кадом мақсад ҳокимони мутлақи Аврупо «Иттифоқи Муқаддас»-ро ташкил доданд? **13**. Мақсади асосии Конгресси байналхалқии Вена аз чӣ иборат буд? Оё он ба мақсади худ расид? **14**. Кадом давлат жандарми Аврупо шуд? **15**. Дар бораи шахсияти Наполеон Бонапарт хулоса бароред. **16**. Аз ҳуҷҷатҳои мавзӯъ чӣ фаҳмидед?

## §13-14. РУСИЯ ДАР АҲДИ ПЁТРИ I

**Ақибмонии Русия**. Русия дар асри XVII назар ба Англия ва баъзе мамлакатҳои дигари Аврупо ақиб монда буд. Русия дар як вақт Аврупоро аз истилои муғулҳо наҷот дода, худ зиёда аз 200 сол дар зери зулми хонҳои Муғул монд. Ба мардум зарур буд, ки шаҳру деҳоти аз дасти муғулҳо ба хок яксоншударо барқарор ва касбу ҳунарро аз нав эҳё ва ривоҷу равнақ диҳанд.

Русия ҳамчун мамлакатҳои дигар парокандагии феодалиро аз сар гузаронида, бо мушкилиҳои зиёде аз нав муттаҳид гардид.

Дар аввали асри XVII таҷовузкорони хориҷӣ ба Русия дохил шуда, зиёда аз даҳ сол онро талаву тороҷ намуданд. Барои аз нав барқарор намудани Русия вақти дуру дароз лозим буд.

Ақибмонии Русия сабабҳои дигар ҳам дошт. Русия бандарҳои баҳрии қулай ва флот, саноати тараққикарда ва лашкари хуб мусаллаҳу таълимгирифта надошт. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар Русия барои тараққиёти иқтисодию ҳарбӣ заминаю захираҳои калон мавҷуд буданд.



63. Пётри I

Дар ин давра чанде аз мамлакатҳои пуриқтидори Аврупои Ғарбӣ ба забти мустамликаҳо шурӯъ карда буданд. Дар чунин вазъият эҳтимолияти ба мустамлика табдил додани Русия аз тарафи давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ба миён омад.

Русия мамлакати феодалӣ – крепостной буда, дар иқтисодиёти он бо мушкилиҳои зиёде муносибатҳои сармоядорӣ тавлид меёфтанд. Барои тараққиёти онҳо дар мамлакат ҳанӯз шароити зарурӣ муҳайё набуд.

**Ба сари ҳокимият омадани Пётри I.** Пётри I (солҳои ҳукмрониаш 1682-1725) дар синни 12-солагӣ подшоҳ эълон карда шуд. Вале бо сабаби хурдсол будан ба ҷои ӯ мамлакатро апааш София идора ме-



64. София

кард. София шахси бахилу кӯҳнапараст буд. Аз ин рӯ, ба навовариҳое, ки ба ҳаёти мамлакат дохил мегардиданд, зид мебаромад.

Аз байн чандин сол гузашт. София ҳамоно Русияро аз номи Пётри I идора мекард. Пётри I соли 1689 вақте ки ба синни 19 қадам гузошт, хост, ки тахту тоҷи подшоҳии Русияро ба даст дарорад. София ба ин роҳ доданӣ набуд. Ба Пётри I лозим омад, ки ба тарафдорони худ такя карда, Софияро маҷбур кунад, ки ба истеъфо равад. Подшоҳи ҷавон фармон медиҳад, ки мӯйи сари Софияро тарошида, ӯро ба дайр фиристонанд.

Дар назди Пётри I вазифаҳои хеле вазнину масъулиятнок меистоданд. Тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат дигаргуниҳои куллиро талаб мекарданд, то ки Русия аз давлати ақибмондаи феодалӣ ба яке аз мамлакатҳои пуриқтидори Аврупо табдил ёбад.

Русия ба соҳилҳои баҳрӣ эҳтиёҷи зиёд дошта, бе ташкили тиҷорати баҳрӣ тараққӣ карда наметавонист. Ҳамаи давлатҳои мутараққии Аврупои Ғарбӣ аз қадим дорои бандарҳои қулай ва (ба ёд оред Юнон, Рим, Фаронса, Ҳоланд, Испониё, Англия ва ғайра) флоти пурқуввати ҳарбию тиҷоратӣ буданд. Тавассути он ба хориҷа мол мебароварданду ба мамлакати худ мол меоварданд. Флот яке аз воситаҳои боэътимоди муҳофизати мамлакат ва лашкаркашиҳо алайҳи мамлакатҳои дигар низ буд. Русия фақат соҳилҳои аврупоии баҳри Сафедро дар ихтиёри худ дошт. Он дар як сол 6-7 моҳ ях карда, баста мешуд. Бе соҳилҳои баҳрӣ (Балтикаю Сафед) Русия қоматашро рост карда наметавонист.

Ба Пётри I лозим омад, ки аввал таҷрибаи давлатдории мамлакатҳои пешқадами Аврупои Ғарбиро омӯзад. Ӯ ба касбу ҳунар, киштисозӣ, силоҳсозӣ, маърифат ва ғайра диққати калон медод. Дар ин кор зиракӣ, зеҳни баланд, ғайрат ва ҷуръат ба ӯ ёвар буданд.

Соли 1697 гурӯҳи калони сафирони Рус ба мамолики Аврупо раҳсипор шуданд. Дар байни онҳо Пётри I чун «тӯпчии полки Преображенский» бо ному насаби «Петр Михайлов» низ буд. Баробари ҳалли масъалаҳои зиёд ӯ мехост, ки дар Аврупо бар зидди Туркия иттифоқчӣ ёбад. Пётри I дар Ҳоланд, Белгия ва Англия бисёр касбу ҳунарҳо, аз он ҷумла санъати киштисозӣ, аслиҳасозӣ ва ғайраро омӯхт. Дар ин хусус имтиҳон ҳам супорида, ҳуҷҷати расмӣ гирифт. Ғайр аз ин ба Пётри I муяссар шуд, ки Дания ва Лаҳистонро дар муборизаи оянда бар зидди Туркия ба тарафи Русия кашад.

Пётри I фоидаи сафари Аврупоро дарк карда, хост, ки дар он ҷо чанд муддати дигар бимонад. Вале аз сабаби шӯриши стрелетсҳо маҷбур шуд, ки зуд ба ватан баргардад. Ӯ ба стрелетсҳо ҷазои сахт дод.

Баъди ба Русия баргаштан Пётри I ба азнавсозии мамлакат камар баст. Дар баробари ин Пётри I барои ба даст даровардани баҳрҳои Балтика ва Сиёҳ ба ҷанги зидди Шветсияю Туркия тайёрӣ медид.

**Ҷанги Шимолӣ**. Дар даврахои қадим як қисми заминҳои назди баҳри Балтика ба Новгороди Рус тааллуқ дошт. Вале баъдтар аксари онҳоро Ордени Ливон ва шведҳо забт карданд. Иван Грозний ба муқобили Шветсия 25 сол ҷанг кард, вале ба ӯ муяссар нашуд, ки заминҳои назди Балтика ва худи баҳри Балтикаро ба даст дарорад. Баръакс, мавқеи Шветсия дар Балтика боз ҳам мустаҳкамтар гардид ва он ҳатто ният дошт, ки Новгород, Псков ва Архангелскро ҳам забт кунад. Чунин вазъият аз Пётри I талаб мекард, ки дар шимоли мамлакат хеле бо қатъият амал кунад.

Пётри I ба муқобили Шветсия бо Саксония, Лаҳистон ва Дания иттифоқ баст ва тирамоҳи соли 1700 бар зидди Шветсия ҷанг эълон кард, ки он 21 сол (то соли 1721) давом карда номи «Ҷанги Шимолӣ»-ро гирифт.

Дар муҳорибае, ки охирҳои тирамоҳи соли 1700 байни лашкарҳои Русия ва Шветсия дар наздикии калъаи Нарва ба амал омад, лашкари русҳо сахт шикаст хурд. Лашкари Шветсия дар зери роҳбарии короли ҷавон Карли XII, ки нағз мусаллаҳ ва таълим гирифта буд, бар қушуни Русҳо бо осонӣ дастболо шуд. Лаш-



65. Пётри I рафти бунёди шаҳри Петербургро назорат мекунад

кари Рус нағз мусаллаҳ набуд ва таҷрибаи кофии ҷангӣ ҳам надошт. Як қисми сарбозони лашкари Русҳо аҷнабӣ буданд ва дар вақти муҳориба ба тарафи душман гузаштанд. Шикасти назди Нарва ба русҳо ва хусусан ба Пётри I сабақи калон дод. Ӯ барои хуб мусаллаҳ кардан ва таълим додани лашкар шурӯъ кард.

Карли XII гумон дошт, ки лашкари Пётри I бо ҳамин шикаст хурд. Бинобар ин бо лашкараш ба Лаҳистон дохил мешавад. Пётри I аз чунин мавриди мусоид истифода бурда, лашкари нав ҷамъ кард. Ба лашкар афсарони таҷрибанок таълим медоданд. Корхонаҳо (мануфактураҳо) ва заводҳои киштисозӣ сохта шуданд. Вале фулузот намерасид. Пётри I фармон дод, ки зангӯлаҳои калисоҳо ва дайрҳоро гудохта, аз онҳо тӯп созанд. Тӯпсозҳо аз зангӯлаҳо қариб 300 тӯпи нав сохтанд. Тирамоҳи соли 1702 лашкари Рус дар саргаҳи дарёи Нева қалъаи мустаҳкамеро ишғол намуда, шаҳди пирӯзии нахустинро чашид. Дар он ҷо шаҳри Орешск воқеъ буд, ки он ба сарзамини Новгород тааллуқ дошт. Пётри I баъди ишғоли он чунин гуфта буд: «Ин чормағзак аҷаб мустаҳкам буд. Лекин худоро шукр, ки онро шикастем». Баъд онро Петр Шлисселбург (шаҳр-калид) номид. Ҳоло бошад, ин шаҳр Петрокрепост, яъне Қалъаи Пётр ном дорад.

Дар соҳили ҷанубии баҳри Балтика бандари баҳрӣ бунёд кардан лозим омад. Пётри I ба бинокорон супориш дод, ки дар ҷазираи Заячии наздикии соҳили рости дарёи Нева таҳкурсии қалъаи Петропавловскро гузоранд. Ӯ ният дошт, ки дар наздикии он бандари баҳрӣ бунёд мекунад. Ин шаҳр соли 1703 таввалид ёфта, ба худ номи Петербург ва баъдтар Санкт-Петербург (шаҳри Пётри Валӣ)-ро гирифт. Вай дар оянда яке аз шаҳрҳои ободу зебо ва пойтахти нави Русия гардид.

**Муҳорибаи Полтава**. Соли 1708 Ҷанги Шимолӣ аз нав авҷ гирифт. Амалиётҳои он аввал дар Белоруссия ва баъд дар Украина гузаштанд. Карли XII бо гетмани Украина Мазеппа пинҳонӣ забон як кард. Моҳи сентябри соли 1708 дар наздикии деҳаи Леснаяи Белоруссия лашкари Русия дастаи пурзӯри лашкари шведҳоро торумор кард. Дар ин муҳориба русҳо 7 ҳазор аробаи пур аз бори ҷангию хӯрокворнии шведҳоро ғанимат гирифтанд. Торумори пурраи шведҳо наздик мешуд. Пётри I ғалабаи русҳоро дар муҳорибаи назди Лесная «модари муҳорибаи Полтава» номид.

Пётри I шахсан дар тартиб додан ва амалӣ кардани нақшаи муҳорибаи Полтава иштирок кард. Бо фармони ӯ лашкарро дар ҷойҳои зарурӣ ҷо ба ҷо карданд. Истеҳкомҳои чортарафаи заминӣ - **редутҳоро** сохтанд. Хуллас, русҳо ба муҳорибаи дар пеш истода ҳаматарафа тайёрӣ диданд.

Пагоҳии 27 июни соли 1709 муҳорибаи Полтава оғоз ёфт. Онро шведҳо сар карданд. Аскарони Рус дар ибтидо ақиб нишаста, дар паси редутҳо пинҳон шуданд. Карли XII гумон кард, ки русҳо ақибнишинӣ карда истодаанд. Шведҳо лашкари русҳоро ба таъқиб сар карданд. Вале баъд аз он ки онҳо ба редутҳо наздик шуданд, аскарони Рус ба сари лашкари шведҳо борони тирро рехтанд. Шведҳо бетартибона ба сӯи ҷангал гурехтанд.

Дар чандин ҳуҷуми ин муҳориба Карли XII дастболо шуд. Вале оқибат русҳо ғалаба ба даст даровbarданд. Дар ин муҳориба шведҳо зиёда аз 9 ҳазор аскару афсари худро талаф дода, қариб 3 ҳазор нафарашон асир афтоданд. Русҳо 1345 нафар афсару аскари худро талаф дода, 3300 нафар захм бардоштанд.

Шведҳо рӯ ба гурез ниҳоданд. Ҳангоми аз дарёи Днепр гузаштан қариб 16 ҳазор нафари онҳо асир афтоданд. Ҳамин тариқ, дар муҳорибаҳои хушкӣ шведҳо пурра шикаст хӯрданд.

**Ғалабаи флоти Рус**. Тобистони соли 1714 флоти Рус дар наздикии димоғаи Гангут, ки дар нимҷазираи Ханкои Финландия воқеъ гардидааст, ба флоти шведҳо рӯ ба рӯ шуд. Пётри I қарор дод, ки душманро бо роҳи фиреб мағлуб кунад. Дар ҷои танги нимҷазира ба сохтани кӯпруки ғӯлачӯбӣ шурӯъ кард. Шведҳо гумон



66. Муҳорибаи Полтава. Таслимшавии шведҳо.

карданд, ки Пётри I тавассути он киштиҳоро ба соҳили нимҷазира фуроварданист. Карли XII як қисми флоташро ба он ҷо равон кард. Ин иқдом дар самти асосии муҳориба қувваи шведҳоро суст кард. Бо ҳамин русҳо бар шведҳо бартарӣ пайдо намуданд. Дар натиҷа дар Гангут флоти русҳо бар флоти шведҳо ғалабаи калон ба даст овард.

Флоти русҳо дар ҷазираи Гренгам низ бар флоти шведҳо ғалабаи қатъӣ ба даст овард. Соли 1721 дар шаҳрчаи Ништадти Финландия байни Русия ва Шветсия созишномаи сулҳ ба имзо расонида шуд. Мувофиқи он Русия заминҳои Латвия, Эстония, соҳилҳои дар назди Петербург будаи халиҷи Фин ва як қисми Корелияро ба даст даровард. Бандарҳои Рига ва Ревел (Таллин) ҳам ба Русия гузаштанд.

Русия ба мақсади деринаи худ расид. Дар шимол соҳиби роҳи баҳрӣ шуд. Ин бошад, мавқеи байналхалқии Русияро пурзӯр кард.

Пётри I ғалабаашро бар Шветсия дар пойтахти нави Русия – шаҳри Петербург ботантана қайд кард. Ӯ Русияро империя ва худашро император эълон кард.

**Ислоҳоти давлатии Пётри I.** Пеш аз ҳукмронии Пётри I Русия лашкари доимӣ надошт. Вақте ки ягон давлат ба Русия ҳуҷум мекард, баъд лашкар ғун карда мешуд. Пётри I лашкари доимӣ ташкил намуд. Қӯшуни стрелетсҳо дар баробари хизмати ҳарбӣ ба корҳои косибӣ ва тиҷорат низ машғул буд. Дар шароити нав чунин лашкар ба ғалаба қодир набуд. Пётри I полкҳои Преображенский ва Семёновскийро ташкил кард. Хизмат дар ин полкҳо кори пуршараф ҳисобида мешуд. Шумораи умумии лашкари Русияро (бо ҳамроҳии казакҳо) Пётри I то ба 300 ҳазор нафар расонид.

Пётри I дар он давра флоти пурзӯре ташкил кард. Он аз 439 киштии белдор, 207 киштии бодбондор, 80 киштии калони ҳарбии бо тӯпҳои пуриқтидор мусаллаҳ ва фрегатҳо (киштиҳои ҳарбии сабуки тезгард) иборат буд. Дар флоти Рус он вақт то 28 ҳазор нафар баҳрнавардон хизмат мекарданд.

Тарзи идоракунии давлатӣ ба талаботи замон ҷавоб дода наметавонист. Пётри I **Думаи бояриро**, ки он ҳеҷ самарае надошт, пароканда карда, ба ҷои он **Сенатро** иборат аз 9 нафар ташкил намуд. Ба зимаи Сенат корҳои давлатӣ супорида шуданд. Масалан, вақте ки Пётри I ба ҷанг ва ё ба ҷои дигар мерафт, тамоми ваколатҳои ӯро Сенат иҷро мекард.

Аз давраи Ивани IV сар карда муассисаҳои марказии давлатиро «приказҳо» меномиданд. Ба ҷои онҳо Пётри I «коллегия-

ҳоро» ташкил кард. Вазифаҳои ҳар як коллегия возеҳу равшан муайян карда шуда буданд. Масалан, ба корҳои мудофиаи мамлакат ва корҳои хориҷӣ се коллегия роҳбарӣ мекард: коллегияи корҳои хориҷӣ, коллегияи ҳарбӣ ва коллегияи баҳрӣ. Се коллегияи дигар мутасаддии молияи давлатӣ буданд: камерколлегия ба даромад роҳбарӣ мекард, статколлегия ҳисобу китоби ҳама хароҷотҳоро ба ӯҳда гирифта буд, коллегияи тартибот ба даромаду хароҷот назорат менамуд.

Як коллегия ба корҳои судӣ машғул буд. Коллегияи мулкӣ (вотчинагӣ) ба меросӣ будани замин назорат мекард.

Пётри I аз ҳисоби рӯҳониёни олимартаба коллегияи Синоди Муқаддасро ташкил дод, ки он бо корҳои динӣ ва калисо роҳбарӣ мекард.

Пётри I ба номи «Ҷадвали рӯтбаҳо» қонуни махсусе баровард. Онҳое, ки дар лашкар хизмат мекарданд, бояд 14 зинаи хизмати ҳарбиро тай менамуданд -аз рӯйхатгирандагони коллеҷҳо сар карда то фелдмаршалу генерал-адмиралҳо. Ин ҷадвал сифати лашкари Русияро хеле хуб кард. Низомиён акнун барои соҳиб шудан ба рутбаи навбатии ҳарбӣ бояд хуб хизмат мекарданд ва маҳорати зарурии ҳарбӣ нишон медоданд.

Дар Русияи давраи Пётри I шумораи амалдорони ҳарбӣ хеле зиёд шуд. Мақсади он мустаҳкам кардани дастгоҳи давлатӣ буд. Ҳокимияти олии давлатӣ дар дасти император ва дворянҳо буд. Дар чоряки аввали асри XVIII дар Русия мутлақият пурра барқарор гардид.

**Тараққиёти фарҳанги Русия дар аҳди Пётри I.** Русияро бе рушди фарҳанг дар қатори мамлакатҳои пешқадами Аврупо тасаввур намудан мушкил буд. Инро Пётри I ба хубӣ дарк мекард. Аз ин рӯ, дар ин ҷода Пётри I заҳмати зиёде ба харҷ дод. Ӯ дар Москва мактаби олии баҳрӣ кушод. Дар он ҷо устодон ба донишҷӯён аз фанҳои риёзӣ, ҳандаса ва фанҳои дигар таълим медоданд. Баъдтар онро ба шаҳри Петербург кӯчонида, ба академияи ҳарбӣ табдил дод. 42 мактаби «рақамӣ» кушода шуд. Дар Москва мактабҳои махсуси тиббӣ низ таъсис ёфтанд. Аз ҳисоби давлат ҷавонони болаёқат барои идомаи таҳсил ба давлатҳои хориҷӣ фиристонида мешуданд.

Пётри I таълимро дар мактабҳо барои дворянҳо ҳатмӣ эълон кард. Ӯ ҳатто барои ҷавондворянҳо чунин қоидаро ҷорӣ намуд: «Риёзиро намедонӣ – ҳақ надорӣ зан гирӣ».

Барои мактабҳо ва умуман барои мардум китобҳои зиёде лозим буданд. Аз ин сабаб дар Москва ва Петербург матбааҳои

нав сохта шуданд. Аз охири асри XVII то соли 1725 дар Русия қариб 600 номгӯй китобҳои гуногун чоп шуданд.

Соли 1700 Пётри I солшумории аврупоиро дар Русия ҷорӣ намуд. Акнун солшуморӣ дар ин ҷо низ аз соли таваллуди Исо оғоз гардид. Бо фармони император бори аввал дар Русия осорхона - кунсткамера ташкил карда шуд, ки дар он ҷо ашёҳои нодир ба намоиш гузошта мешуданд.

Соли 1724 Пётри I ба фармоне имзо гузошт, ки мувофиқи он бояд дар Русия Академияи илмҳо ташкил карда мешуд. Ин фармон баъд аз вафоти ӯ иҷро гардид.

Баромадани рӯзномаи аввалин дар Русия («Ведомостҳо...», 2 январи соли 1703), нахустин театри оммавӣ (соли 1702 дар Майдони Сурхи ш.Москва), ҷорӣ намудани сару либос ва расму оинҳои аврупоӣ ва дигар навгониҳои маданӣ дар ҳаёти Русия дар чоряки аввали асри XVIII бо номи Пётри I зич алоқаманд аст.

Дар солҳои ҳукмронии Пётри I Русия аз ҷиҳати пешрафти иқтисодию ҳарбӣ ва фарҳангӣ ба як қатор мамлакатҳои пешқадами Аврупо наздик шуд. Вале мисли пештара тараққиёти сармоядорӣ дар ин ҷо суст ба назар мерасид. Ба он сохти крепостноӣ, ки дар мамлакат зиёда аз 220 сол боз давом мекард, монеъ мешуд.

### *Хуҷҷат*

*Муайян карда шуд, бигзор, дар вақтҳои ғоибии ман (Пётри I) барои идоракунии давлат дар ҳайати ҷаноби граф Мусин - Пушкин, ҷаноби Стрешнев, ҷаноби князь Пётр Галитсин, ҷаноби князь Михайла Долгоруков, ҷаноби Племянников, ҷаноби Григорий Болконский, ҷаноби Самарин, ҷаноби Василий Апухтин, ҷаноби Мелников, обер-секретари Сенат Анисим Шукин Сенат ташкил карда шавад.*

*(Аз китоби «Хрестоматия по истории СССР», М.: Просвещение, 1967, саҳ. 244-245).*

**Саволҳо ва супоришҳо** **1**. Аз чӣ сабаб Русия аз мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, махсусан аз Англия ва Ҳоланд ақиб мемонд? **2**. Зарурати ҳарчӣ тезтар ба тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоӣ рӯ овардани Русия дар чӣ буд? **3**. Пётри I чӣ тавр ба тахти подшоҳии Русия соҳиб шуд? **4**. Пётри I бо кадом мақсад ба хориҷа сафар кард? **5**. Чаро Ҷанги Шимолӣ сар зад? **6**. Сабаби дар Нарва шикаст хӯдани лашкари Рус дар чӣ буд? **7**. Пётри I барои ғалаба бар шведҳо чӣ корҳоро ба сомон расонид? **8**. Шаҳри Санкт-Петербург кай бино ёфт ва он барои Русия чӣ аҳамият дошт? **9**. Русҳо ба муҳорибаи Полтава чӣ тавр тайёрӣ диданд? **10**. Дар бораи рафти муҳорибаи Полтава ва натиҷаи он нақл кунед. **11**. Дар баҳр флоти Рус ба кадом муваффақиятҳо ноил гардид? **12**. Ғалаба бар Шветсия ба Русҳо чӣ фоида овард? **13**. Ислоҳоти Пётри I барои Русия чӣ аҳамият дошт? **14**. Дар пешравии маданияти Русия Пётри I чӣ хизматҳо кардааст? **15**. Фикри худро дар бораи Русияи замони Пётри I баён намоед. **16**. Дар бораи шахсияти Пётри I чӣ гуфта метавонед?

# §15-17. РУСИЯ ДАР ЧОРЯКИ АВВАЛИ АСРИ XIX

**Сиёсати дохилии мутлакияти подшоҳӣ.** Дар ибтидои асри XIX дар натиҷаи муборизаи гурӯҳҳои дворянӣ дар Русия табаддулоти дарборӣ ба амал омад.

Дар арафаи шаби 12 марти соли 1801 гурӯҳи сӯиқасдчиён, асосан афсарони горди императорӣ ва як қисми дарбориён, дохили қаср гардида, шоҳи Русия Павели I-ро дар хонааш ба қатл расониданд. Ба тахти подшоҳӣ писари ӯ Александри I (1801-1825) нишаст.

Александри I монанди пешгузаштагони худ ҳокими мутлақ, ҷонибдори сохти крепостной, ифодакунанда ва дифогари манфиатҳои дворянҳо буд. Вай чун дастнишондаи гурӯҳи сӯиқасдчиён аз аввал нисбати салтанати падар бо усулҳои хеле нозук ва эҳтиёткорӣ амал мекард. Бо мақсади ба тарафи худ кашидани доираи васеи дворянҳо вай ваъда дод, ки «бо қонун ва табъи дили» Екатеринаи II, ки дар байни дворянҳо обрӯи ниҳоят баланд дошт, ҳукмронӣ хоҳад кард. Александри I ҷонибдорони Павелро аз дарбор пеш кард. Дворянҳои дар замони ҳукмронии Павели I аз дарбор рондашударо авф карда, қисмашонро ба дарбор баргардонид. Омаду рафти хориҷиёнро ба Русия осон ва сензурaро сабук кард.

Ин тадбирҳо харчанд ба асоси сохти мутлақияти подшоҳӣ дахле надошта бошанд ҳам, вале ғамхории подшоҳи нав - Александри I-ро нисбати тобеонаш нишон медод.

Аз ибтидои асри XIX масъалаи ҳуқуқи крепостной ҷиддӣ гардид, зеро норозигии деҳқонон аз мутлақияти подшоҳӣ рӯз аз рӯз авҷ мегирифт. Фурӯхтани деҳқонон, ки хеле маъмул ва ба ҳукми анъана даромада буд, одамони пешқадами замонро ба ғазаб меовард. Ҳатто кӯдаконро аз оилаҳояшон ҷудо карда мефурӯхтанд. Вале ҳукумат ба ҷои он, ки сохти крепостноиро бекор кунад, танҳо бо манъ кардани эълони фурӯши деҳқонон дар рӯзномаҳо маҳдуд мегардид. Дворянҳо илоҷи берун аз ин қонун амал карданро ба осонӣ ёфтанд: минбаъд матбуот дар бораи «ба киро» додани деҳқонон хабар медод, ки ин маънои фурӯхтани крепостнойҳоро дошт.

Соли 1808 Александри I дар бораи **«Ғаллакорони озод»** қонун баровард, ки мувофиқи он помешикон ҳақ доштанд деҳқонони крепостнойро танҳо ё ки аҳли деҳаро бо заминҳояшон ба ивази пардохти пул озод кунанд. Дар тамоми даврaи ҳукмронии Александри I камтар аз як фоизи деҳқонони крепостной озод карда шуданд. Сарфи назар аз ин фармони шоҳ аҳамияти калон дошт: ҳукумат имконияти аз ғуломии крепостной озод шудани деҳқононро расман эътироф намуд, шартҳои ин озодӣ ва ҳуқуқҳои

табақаи нави аҳолӣ – «ғаллакорони озод»-ро ба доираи қонун даровард.

Ислоҳот дар идораи давлат ва маориф зарур буд. Дастгоҳи марказии ҳокимияти давлатӣ аз нав сохта шуд. Ба ҷои **коллегияҳои** аз тарафи Пётри I ҷоришуда **вазоратҳо** ташкил карда шуданд, ки вазир ҳамчун сардори ягона бевосита ба император итоат мекард. Вазоратҳо дар маҳалҳо **муассисаҳои** тобеи худро доштанд. Чунин сохтори ҳокимияти давлатӣ имконият медод, ки ба ин ва ё он соҳаи **идораи давлатӣ** беҳтар роҳбарӣ карда шавад. Вазоратҳои ҳарбӣ, баҳрӣ, корҳои хориҷӣ, маориф, молия ва ғайра ташкил ёфтанд.

Сенат **мақоми олии додгоҳии** империя гардид. Ғайр аз ин ба зимаи Сенат вазифаи риоя намудани қонун дар мамлакат ва бурдани назорат аз болои фаъолияти мақомоти маъмурӣ гузошта шуда буд.

**Шӯрои давлатӣ**, ки соли 1810 ташкил ёфта буд, мақоми олии идораи империяи Русия гардид. Ба ҳайати он вазирон ва амалдорони калон дохил мешуданд, ки онҳоро император таъин мекард. Дар Шӯрои давлатӣ (дар назди император мақоми машваратӣ дошт) лоиҳаҳои қонунҳои нав ва масъалаҳои муҳимтарини давлатӣ муҳокима мешуданд. Қарори Шӯро танҳо пас аз тасдиқи император ба ҳукми қонун медаромад.

**Ислоҳоти идораи давлатӣ** ба минбаъд мутамарказонидани идораи империяи Русия ва пурзӯршавии ҳокимияти мутлақ кӯмак расонид. Афзудани дастгоҳи амалдорон ва пурзӯршавии мақоми онҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат, натиҷаи ислоҳоти Александри I буд. Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ки дар ибтидои асри XIX таъсис ёфта буд, бо тағйиротҳои ночизе то инқилоби соли 1917 вуҷуд дошт.

Ислоҳоти соҳаи маориф аҳамияти калон дошт. Барои тайёр кардани мутахассисон ва амалдорони сершумори соҳибмаълумот теъдоди мактабҳои олӣ ва миёна хеле зиёд карда шуд. Дар Қазон, Харков, Петербург, Дерпт (Тарту) донишгоҳҳо ва якчанд литсей (аз рӯи барномаи таълимии ба ин донишгоҳҳо наздик) кушода шуданд. Масалан, чунин литсей дар деҳаи Сарское Село таъсис дода шуд, ки дар он ҷо А.С.Пушкин таҳсил намудааст. Дар марказҳои музофотҳо гимназияю омӯзишгоҳҳои нав кушода шуданд. Дар пешрафти мактаби ибтидоӣ низ корҳои чашмрасе ба анҷом расонида шуданд.

**Сиёсати хориҷии Русия .** Оғози асри XIX барои Русия давраи хеле мураккаб буд. Ҳанӯз дар охирҳои асри XVIII мутлақияти подшоҳӣ ба муборизаи зидди Фаронсаи инқилобӣ кашида шуд. Ба ин мубориза Англия сарварӣ мекард, ки буржуазияи он рақиби

(буржуазияи) Фаронса буд ва кӯшиши дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҳукмрон шудан дошт. Русия ба ин мубориза дохил гардида, ҳадафҳои худро мудофиа карданӣ буд.

Соли 1804 Бонапарт Наполеон худро императори Фаронса эълон намуд. Вай ба манфиати буржуазияи калони мамлакати худ амал карда, сиёсати забткоронаи хориҷиро оғоз кард ва кӯшиши зиёд ба харҷ дод, ки тамоми Аврупоро ба Фаронса тобеъ кунонад. Ташкил ёфтани империяи Фаронса боиси ғулом гардидани халқҳои зиёди Аврупо гардид. Сиёсати истилогаронаи Наполеон дар як қатор мамлакатҳо **ҷангҳои миллию озодихоҳонаро** ба вуҷуд оварданд.

Дар ибтидои асри XIX Русия аввал бо ҳамроҳии Англияю Австрия ва баъд бо якҷоягии Англияю Пруссия ба муқобили Бонапарт Наполеон ба ҷанг даромад. Ин ҷангҳо барои иттифоқчиён бемуваффақият анҷом ёфтанд ва ҳукумати Русия маҷбур шуд, ки соли 1807 ба бастани сулҳи Тилзит розӣ шавад (дар ин бора ва оид ба баъзе масъалаҳои марбут ба ҷанги Фаронса муқобили Русия Шумо дар мавзӯъҳои ба Фаронса бахшидашуда иттилоъ доред).

Мувофиқи ин шартнома Русия аз ҷиҳати қаламрав зарар надид. Императорон ба ҳамин қарор омаданд, ки Наполеон дар Аврупои Ғарбӣ ва Александри I дар шимол ва ҷанубу шарқии Аврупо ҳуқуқи озодона амал карданро доранд. Ҳамин тариқ, императорони Фаронса ва Русия аҳд карданд, ки ба ҳамдигар халал намерасонанд ва дар баробари ин ба муқобили Англия иттифоқ бастанд. Ин шартнома бештар ба Фаронса фоидаовар буд. Русия мувофиқи он ӯҳдадор шуд, ки ба муҳосираи қитъавии (континенталии) Англия ҳамроҳ мешавад. Моҳияти ин муҳосира чунин буд: Наполеон ба Англия зарбаи ҳалокатовар зада наметавонист, чунки баҳр Англияро аз Фаронса ҷудо мекард ва дар баҳр флоти Англия ҳукмрон буд. Инро ба назар гирифта Наполеон хост, ки ба иқтидори Англия тавассути иттифоқчиёни худ зарба занад. Бо мақсади аз қитъа пурра ҷудо кардани Англия, савдо кардани тамоми давлатҳои Аврупоро бо Англия манъ кард, яъне муҳосираи қитъавии Англияро ташкил намуд. Мувофиқи шартномаи Тилзит Русия чун дигар мамлакатҳои Аврупо маҷбур буд, ки робитаҳои тиҷоратии худро бо Англия канад.

Аз ҳисоби заминҳои аз Пруссия ҷудокардаи Лаҳистон (Полша), ки дар амал ба Фаронса тобеъ шуда буданд, герсогии Варшава таъсис дода шуд. Дар шахсияти герсогии Варшава Наполеон барои ба Русия ҳуҷум кардан такягоҳи қулай ба даст овард.

Созишномаи сулҳи Тилзит устувор набуд. Наполеон аз он норозӣ буд, ки дар Аврупо ҳукмронии мутлақи Фаронсаро муқар-

рар карда натавонист. Наполеон сулҳи Тилзитро чун лаҳзаи дамгирӣ пеш аз ҳуҷум ба Русия ҳисоб мекард.

Аз тарафи дигар созишномаи сулҳи Тилзит ба доираи васеъи дворянҳо ва тоҷирони рус, ки барои савдо бо Англия манфиатдор буданд, маъқул нашуд. Қатъ гардонидани ин тиҷорат ба иқтисоди Русия зарари калон меовард.

Ҳукумати Русия шартномаи сулҳи Тилзитро барои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар соҳилҳои баҳри Балтика истифода мебурд. Соли 1808 Русия бо Шветсия ҷанг сар кард, ки он бо ишғоли музофотҳое, ки дар онҳо финҳо сокин буданд, анҷом ёфт. Дар он ҷо князии бузурги Финляндия ташкил ёфт, ки он дар ҳайати Русия идоракунии мухторро соҳиб шуд. Ин ғалаба мавқеи байналхалқии Русияро мустаҳкамтар кард.

## Ҷанги Ватании соли 1812

**Сабабҳои ҷанг.** Баъди сулҳи Тилзит (солҳои 1807-1812) давраи ниҳоят пурзӯру тавоно шудани империяи Наполеон буд. Ҳамаи мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ғайр аз Англия торумор карда шуданд. Баъзе мамлакатҳо ба ҳайати Фаронса дохил шуда, баъзеи дигар тобеъи он гардиданд. Мамлакатҳои калон, масалан, Австрия ва Пруссия маҷбур буданд бо Наполеон иттифоқ баста, ба Фаронса дар сиёсати истилогаронаи вай ёрии иқтисодӣ ва ҳарбӣ расонанд. Ба назар чунин менамуд, ки орзуи ҳукмрони ҷаҳон шудани Наполеон амалӣ мегардад. Дар қитъаи Аврупо танҳо Русия (сарфи назар аз шартномаи Тилзит) сиёсати берунаи худро давом медод ва барои пурра ғулом гардидани халқҳои Аврупо як дараҷа монеъ мешуд. Барои ин Наполеон ба ҷанги нави зидди Русия тайёрӣ медид.

Нақшаҳои императори Фаронса ниҳоят калон буданд. Вай мехост, ки Русияро на фақат аз ҷиҳати ҳарбӣ торумор кунад, балки онро ба қисмҳои алоҳида пора-пора карда, ба як давлати дуюмдараҷа ва аз ин ҳам пасттар табдил диҳад ва агар муяссар гардад, онро пурра ишғол намояд.

Наполеон ба ҷанги зидди Русия тайёрӣ дида, тамоми иқтисодиёти Фаронса ва мамлакатҳои истилошудаи Аврупоро ба эҳтиёҷоти ҳарбӣ сафарбар кард. Дар оғози асри XIX Фаронса аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодӣ яке аз давлатҳои пешқадамтарини Аврупо ба ҳисоб мерафт. Вай фақат аз Англия ақиб мемонд. Наполеон ба ташкил кардани артиши бузурги дорои 1 миллиону 200-ҳазорнафара муваффақ гардид. Ба он ҳамаи қувваҳои ҳарбии мамлакатҳои истилокардаро низ ҳамроҳ намуд. Ин артиш аз лашкари 590-ҳазорнафараи русҳо ду баробар зиёд буд.

**Вазъияти харбии Русия.** Сабаби фарқияти артишҳо ин буд, ки дар Фаронса дар рафти инқилоби буржуазӣ артиши оммавӣ созмон ёфт, ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ҷорӣ гардид, яъне ҳамаи мардони синни даъватшаванда ӯҳдадор карда шуданд, ки дар артиш хизмат кунанд. Ин чора имкон дод, ки дар вақти ҷанг шумораи артиш хеле зиёд шавад. Дар Русия бошад, тартиботи рекрутии ба артиш сафарбаркунӣ вуҷуд дошт: аз 1000 нафар аҳолии ҷамоа аз 5 то 7 ва баъзан аз он ҳам зиёдтар мардонро ба хизмати ҳарбӣ мегирифтанд. Муддати хизмат дар артиш 25 сол буд. Дар ин мӯҳлат аскарҳо пир ва касалманд шуда, ба истеъфо мебаромаданд. Қисми боқимондаи аҳолӣ тайёрии ҳарбиро намегузаштанд, зеро помешикон аз даст додани қувваи кории худро намехостанд. Бинобар ин дар вақти ҷанг зиёд кардани артиши қобилиятнок аз имкон берун буд.

Ғайр аз ин вазъияти Русия боз аз он ҷиҳат вазнин буд, ки вай дар як вақт дар Қафқоз бар зидди Эрон (солҳои 1804-1813) ва дар Балкан бар зидди Туркия (солҳои 1806-1812) ҷангҳои дуру дароз мебурд. Сарфармондеҳи артиши русҳо М.И.Кутузов тавонист, ки то ба Русия ҳуҷум кардани Наполеон бо Туркия ҷангро анҷом бидиҳад.

**Ҳуҷуми Наполеон ба Русия.** Баҳори соли 1812 Бонапарт Наполеон беш аз нисфи лашкари худ, яъне зиёда аз 600 ҳазор нафарро ба сарҳадҳои ғарбии Русия наздик овард. Асоси ин артишро горди кӯҳна- собиқадорони дар ҷангҳои бисёрсола санҷидашудаи Наполеон, ки шаҳди мағлубиятро начашидаву ба заковати ҳарбии сарлашкари худ бовар доштанд, ташкил медод. Ба лашкар маршалҳои бомаҳорати дар ҷангҳои қаблан шӯҳратёфтаи Наполеон сардорӣ мекарданд. Ба ҳайати ин артиши бузург ҷузъу томҳои лашкари мамлакатҳои дигари Аврупои истилогардида — Олмон, Австрия, Лаҳистон, Ҳоланд ва ғайра дохил буданд. Онҳо қувваи артиши Фаронсаро дучанд гардониданд.

Моҳи июни соли 1812 лашкари Фаронса бе эълони ҷанг, аҳдшиканона ба хоки Русия дохил шуд. Наполеон дар фармони худ дар арафаи ҳуҷум гуфта буд: «Аскарҳо, ҷанг сар шуд! Русия нигарони сарнавишти худ аст, тақдири он бояд ҳал шавад!».

Наполеон қарор дода буд, ки зарбаи асосиро ба Москва мезанад. Бо ин маънӣ ӯ гуфта буд: «Агар Киевро ишғол кунам, Русияро аз пояш медорам, агар Петербургро забт кунам, аз сари Русия медорам, Москваро, ки ишғол намудам, дили онро аз кор мебарорам». Дар чунин вазъият ҳайати фармондеҳии лашкари Рус ба артиши Неполеон танҳо 200 ҳазор аскару афсарро муқобили гузошта тавонисту халос. Як қисми лашкари Рус, чунон ки гуфта

шуд, бар зидди Эрон ва қисми дигар дар Балкан муқобили Туркия мечангид, ки он танҳо моҳи майи соли 1812 ба итмом расид. Як қисми артиш дар гарнизонҳои сершумори сарҳадӣ пароканда буд. Наполеон, ки аз ҷиҳати шумораи лашкар афзалият дошт, мехост, ки артиши Русияро муҳосира карда, бо як зарбаи сахт дар сарҳад зафар ёбад, яъне дар муҳорибае, ки нерӯҳои асосии ҳарбии ҳарду тараф ширкат меварзанд, Русияро торумор кунад. Чунин усул дар ҷангҳои зидди Австрия ва Пруссия ба Наполеон ғалаба оварда буд.

**Омодагии фармондеҳии лашкари Рус**. Лашкари Русия то саршавии ҷанг ба се артиш тақсим шуда, асосан қад-қади сарҳадҳои ғарбии мамлакат ҷойгир буд. Фармондеҳии артиши Рус дар бораи ба кадом самт равона намудани зарбаи асосии Наполеон маълумоти аниқ надошт. Артиши 1-ум таҳти фармондеҳии вазири ҳарбӣ генерал Михаил Богданович Барклай де Толли дар Литва қад - қади дарёи Неман, дар ҷанубтари он артиши 2-юми генерал Пётр Иванович Багратион ва артиши 3-юм дар сари роҳи Киев зери роҳбарии генерал Александр Петрович Тормасов ҷойгир шуда буданд.

Ҳайати фармондеҳии артиши Рус дар бораи чӣ тавр бурдани ҷанг фикри ягона надошт. Аз ин рӯ, нақшаи ягонаи амалиёти ҷангӣ ҳам омода набуд. Баъзе генералҳо таклиф мекарданд, ки якбора ба ҳуҷум гузашта, амалиёти ҷангиро ба хоки Лаҳистон гузаронанд; баъзеи дигар таклиф пешниҳод мекарданд, ки Наполеонро дар назди сарҳад мунтазир шаванд; гурӯҳи сеюм бартарии қувваи душманро ба назар гирифта, тарафдори ба дохили мамлакат оқибнишинӣ карда, баъд бо тайёрии пухта ба ҳуҷуми ҷавобии умумӣ сар карданро афзалтар мешумориданд.

Дар артиши Русия набудани фармондеҳии ягона амалиёти ҳарбиро хеле душвор мегардонид. Даставвал вазифаи сарфармондеҳиро Александри I ба зимаи худ гирифт. Вале чун сарлашкари беистеъдод ӯ ба роҳбарии амалиётҳои ҷангӣ танҳо халал мерасонид. Оқибат ӯро розӣ кунониданд, ки артишро тарк намояд. Вале сарфармондеҳи нав таъин нашуда буд. Вазифаи сарфармондеҳиро Барклай де Толли иҷро менамуд.

Артиши Рус аз ҷиҳати рӯҳияи ҷангӣ ва ватандӯстӣ пурқувват буд, чунки он барои ватани худ мубориза мебурд. Дар байни қумандонҳо ҳамсаф ва шогирдони А.В.Суворов, ки аз ин лашкаркаши машҳури Рус хеле хуб таълим гирифта буданд, кам набуданд. Аз ҷиҳати силоҳ ва таълими ҳарбӣ лашкари Рус аз лашкари фаронсавиҳо камӣ надошт. Аз ҷиҳати миқдори силоҳи вазнин бошад, артиши Русия аз Фаронса ҳатто бартарӣ дошт.

**Дар роҳи иҷрои мақсад.** Артиши пароканда ва камқуввати Рус ба задухӯрди ҳалкунандаи наздисарҳадӣ қодир набуд. Чунин муҳориба ба нобудшавии артиши Русия анҷом ёфтанаш мумкин буд. Ҳайати фармондеҳии Рус вазъиятро санҷида, фармон дод, ки ҳар се артиш ақибнишинӣ кунад.

Дар навбати аввал зарур буд, ки артишҳои 1-ум ва 2-юм муттаҳид шаванд, то ки Наполеон онҳоро дар алоҳидагӣ торумор накунад. Наполеон бо ҳар роҳу восита ба муттаҳид шудани ин артишҳои Рус халал мерасонид. Артиши Барклай де Толли ва Багратион дар наздикии Витебск муттаҳид шуданӣ буданд. Вале ба Наполеон муяссар гардид, ки роҳи ба шимол ҳаракат кардани артиши 2-юмро бурад. Бинобар ин ба ҳар ду артиш лозим омад, ки ҷудо ақибнишинӣ кунанд.

Артиши Рус ҷангҳои сахти мудофиавӣ бурда, қафо нишаста, нерӯҳои душманро беҳолу бемадор мекард ва пеши роҳи ҳаракати душманро бозмедошт. Ҳангоми ақибнишинӣ аз ҳисоби фидоиён сафи артиши Рус меафзуд. Ҳазорон ватандӯстон баҳри ҳифзи истиқлолияти Русия ба артиш мепайвастанд.

Нақшаи аввалини Наполеон барбод рафт. Ба вай муяссар нашуд, ки дар аввали ҷанг артиши Русро дар алоҳидагӣ торумор кунад. Ҳанӯз дар Витебск ба Наполеон лозим омад, ки барои аз нав ба тартиб овардани қисмҳои худ ду ҳафта таваққуф намояд. Аз фурсат истифода бурда корпуси алоҳидае, ки барои муҳофизати роҳи Петербург ҷудо шуда буд, ба лашкари фаронсавиҳо, ки самти Петербург-Псковро рахна карданӣ буд, шикаст дод. Ин ғалабаи аввалини русҳо буд.

Дар охири моҳи июл артишҳои 1-ум ва 2-юми русҳо дар наздикии Смоленск якҷоя шуданд. Дар ин ҷо ба лашкари Рус лозим омад, ки дар зери роҳбарии генералҳо Дохтуров, Неверовский, Раевский ва дигарон дар давоми ду рӯз қаҳрамонона ҷанги нобаробар баранд, то ки барои муташаккилона ақиб нишастани қувваҳои асосӣ имконият пайдо шавад. Ишғол кардани шаҳри қадими Рус барои душман хеле гарон афтод. Фаронсавиҳо дар наздикии Смоленск қариб 20 ҳазор нафар аскарону афсарони худро талаф доданд.

Ҳанӯз дар Смоленск Наполеон дарк намуд, ки давом додани ҷанг барои ӯ оқибатҳои вазнин дорад. Вай кӯшиш намуд барои бастани сулҳ гуфтушунид кунад, вале он натиҷае набахшид. Вай ният дошт, ки дар Смоленск зимистонро гузаронида, соли оянда аз нав ба ҳуҷум мегузарад. Вале ин нақша иҷронашаванда буд.

**М.И. Кутузов — сарфармондеҳи артиши Рус.** Барои ғалабаи артиши Рус лашкаркаше лозим буд, ки ба ӯ ҷанговарон ва халқ



67. М.И. Кутузов

боварӣ дошта бошанд. Чунин лашкаркаш дар Русия танҳо шогирд ва ҳамсафи А.В. Суворов Михаил Илларионович Кутузов (1745-1813) буд. Вай хизмати ҳарбиро аз афсари хурд сар карда, то ба рутбаи генерал ва фелдмаршал расид. Дар ҷангҳо иштирок карда, чандин бор сахт захмдор низ шудааст. М.И.Кутузов чун лашкаркаши боистеъдод ва ҷасур ҳанӯз дар ҷангҳои қаблӣ ном бароварда буд. Ба истеъдоди вай А.И.Суворов баҳои баланд додааст.

Сарфармондеҳ таъин шудани Кутузов артиши Русро рӯҳбаланд кард. Кутузов аскаронро ба ғалаба бовар кунонида тавонист. Вай эҳсос намуд, ки ин набард ба ҷанги умумихалқӣ табдил ёфтааст. Артиш дар шахсияти халқ такягоҳи пурзӯре дошт. Баъди сарфармондеҳ таъин гардидани М.И.Кутузов дарҳол рӯҳияи артиш дигар шуд. Кутузов фавран задухӯрди калон гузаронида наметавонист: лашкар дар ҷангҳои мудофиавии хунин ва ақибнишиниҳои дуру дароз хеле хаста шуда буд. Зарур буд, ки лашкари эҳтиётиро ба хатти фронт наздик оранд. Ба артиши Рус лозим омад, ки ақибнишинии худро давом диҳад.

**Муҳорибаи Бородино.** Артиши Рус 120 км дуртар аз Москва, дар деҳаи Бородино қарор гирифт. Кутузов қарор дод, ки дар ин деҳа муҳорибаи калон барпо кунад. Таносуби қувваҳо баробар набуданд. Аммо шароит мисли пештара набуд.

Лашкари Рус 120 ҳазор одам ва 624 тӯп, артиши Наполеон 155 ҳазор одам ва 585 тӯп доштанд.

Муҳорибаи Бородино субҳи 26 августи соли 1812 оғоз шуд. Қарибиҳои соати 5, ҳангоми дамидани субҳи содиқ садои тири аввалин шунида шуд. Наполеон аввал қувваҳои асосии худро ба қаноти чапи артиши русҳо, ба истеҳкоми Багратион равона кард. Маҳз дар ҳамин ҷо ҷанги шадид авҷ гирифт. Наполеон умед дошт, ки артиши Багратионро торумор намуда, фронти русҳоро рахна месозад ва ба ақибгоҳи артиши 1-уми русҳо мегузарад. Ба истеҳком сели оташ фурӯ рехт, ба ин ҷо қариб тамоми артиллерияи фаронсавиҳо оварда шуд. Муҳориба барои истеҳкомҳои Багратион қариб 7 соат давом кард. Муҳофизони ҷасури он то дами марг

мардонагӣ нишон медоданд. Дар ин муҳориба Багратион сахт захмдор шуд. Фақат дар нимаи дуюми рӯз, баъди ҳамлаи ҳаштум фаронсавиҳо истеҳкоми Багратионро ишғол карданд. Бо вуҷуди ин ба Наполеон муяссар нашуд, ки хатти мудофиаи артиши русҳоро рахна созад.

Наполеон инчунин натавонист мавқеи марказиро, ки дар он ҷо низ ҷангҳои шадид мерафтанд, ба даст дарорад. Аскарони фаронсавиҳо борҳо ба батареяи Раевский ҳамла карда, хостанд, ки онро ба даст дароранд, вале ҳар дафъа ба шикаст дучор мешуданд.



68. П.И. Багратион

М.И.Кутузов орому хунсардона ва оқилона ба лашкари Рус роҳбарӣ мекард. Ба минтақаҳои муҳими муҳориба сари вакт ёрӣ мерасонид, афсаронро дилбардорӣ мекард, бо рафтори худ ба ғалаба боварӣ мебахшид. Фармондеҳони соҳибистеъдод А. П. Ермолов, К.Ф. Тол ва дигарон ҳамеша дар паҳлӯи М.И.Кутузов буданд.



69. М.Б. Барклай де Толли

Дар айни авҷи муҳориба қисмҳои савораи генералҳо М.И. Платов ва Ф.П.Уваров бо фармони Кутузов ба ақибгоҳи артиши Наполеон ҳуҷум карданд. Дар ақибгоҳ пайдо шудани лашкари Рус дар сафҳои фаронсавиҳо бетартибӣ ва тарсу ваҳм ба вуҷуд овард.

Муҳориба қариб 15 соат - то бевақтии шаб давом кард. Наполеон маҷбур шуд, ки лашкарашро ба мавқеъҳои пеш аз муҳориба баргардонад. Лашкари Рус бошад, вазифаи дар наздаш гузоштаро сарбаландона ба ҷо овард. Душманро аз ғалаба маҳрум сохт, нақшаҳои вайро барбод дод. Фаронсавиҳо дар муҳорибаи



70. Муҳорибаи Бородино

Бородино қариб 50 ҳазор аскару афсарони худро талаф доданд. Талафоти русҳо низ қариб ба 40 ҳазор нафар мерасид.

**Шикасти пурраи Наполеон**. М.И.Кутузов қарор дод, ки муҳорибаи Бородиноро идома надода, ақиб нишинад ва ба муҳорибаи оянда хуб тайёрӣ бинад. Подшоҳ Александри I ва аҳли дарбори ӯ аз Кутузов муҳорибаи навро талаб мекарданд. 1 сентябри соли 1812 дар машварати ҳарбие, ки дар деҳаи Филии назди Москва баргузор гардид, Кутузов дар назди генералҳо чунин масъала гузошт: оё муҳорибаи навро оғоз намуда, артиш ва тамоми мамлакатро ба зери хавф гузорем, ё худ Москваро бе ҷанг ба душман монда равем? Аксарияти генералҳо ба барор гирифтани муҳорибаи нав боварӣ надошта бошанд ҳам, ба муҳориба розӣ шуданд. Кутузов баъди шунидани суханони афсарон гуфт, ки Москваро ба душман гузошта ақиб менишинем. «Аз даст рафтани Москва маънои бой додани Русияро надорад. Вале, агар артиш торумор шавад, Москва ва Русия нобуд мегарданд»-таъкид намуд ӯ.

2-ми сентябр артиши Рус аз Москва бароварда шуд. Аз паси вай қисми зиёди аҳолӣ низ Москваро тарк кард. Наполеон ба шаҳри холӣ дохил гардид. Ватандӯстони москвагӣ гурӯҳ-гурӯҳ ва танҳо-танҳо дар кӯчаҳои шаҳр ба душман муқобилият нишон медоданд, вале душманон онҳоро дастгир карда мепарронидаиад.

Москваро фаронсавиҳо тороҷ намуданд. Аскарҳо ба ҳавлиҳо даромада сокинонеро, ки фурсати аз шаҳр рафтан наёфта буданд, ғорат мекарданд, мекуштанд, анборҳои хӯрокворӣ, мағозаҳо ва

майхонаҳоро талаву тороҷ менамуданд. Дар шаҳр сӯхтор ба амал омад. Қисми зиёди шаҳр сӯхт. Лашкари Наполеон ба артиши ғоратгар ва бадахлоқ табдил ёфта буд.

Дар Москва ва шаҳру навоҳии дигаре, ки фаронсавиҳо ишғол карда буданд, ба таври васеъ ҳаракати чирикӣ паҳн шуд. Чирикҳо ба душман талафоти калон мерасониданд. Артиши «мағлубнашаванда»-и Бонапарт Наполеон рӯҳан шикаст хӯрда буд. Он дигар ба ғалаба боварӣ надошт.

Кутузов аз Москва ақиб нишаста, қувваҳои асосиашро ба ҷанубтари Москва, ба деҳаи Тарутино бурд. Бо ин кор артиши Рус пеши роҳи ҷануб - роҳи заводҳои силоҳбарории Тула ва Калугаро ба рӯи Наполеон баст. Дар ин шаҳрҳо захираҳои калони силоҳ ва хӯрокворӣ мавҷуд буданд. Роҳи Москва - Смоленск, ки ба воситаи он фаронсавиҳо бо хӯроку силоҳ таъмин мешуданд дар зери хавф монд. Артиши Рус барои ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштан мавқеи муфидро ишғол намуд.

Артиши Рус дар урдугоҳи Тарутино се ҳафта дам гирифта, қувваҳои эҳтиётӣ ва артиллерияшро ба низом даровард. Ба сафи он лашкари ихтиёрӣ дохил гардид.

Артиши Фаронса дар Москва худро чун дар қалъаи муҳосирашуда ҳис мекард. Наполеон фаҳмид, ки ҷангро бо Русия бой



71. Москва дар доми оташ

додааст. Ӯ ҳангоми дар Москва буданаш се маротиба кӯшиш кард, ки бо Кутузов ва Александри I дар бораи сулҳ гуфтушунид кунад, вале ҷавобе нагирифт. Наполеон қарор дод, ки Москваро тарк кунад. Кӯшишҳои аз Тула ва Калуга гузаштани Наполеон тамоман барбод рафтанд. Лашкари Рус дар наздикии Тарутино ва Малоярославетс ба фаронсавиҳо шикаст дода, пеши роҳи Калугаро баст. Ин задухӯрд фармондеҳони артиши фаронсавиҳоро маҷбур кард, ки бо роҳи харобшудаи Смоленск ақиб нишинанд. Дар вақти ақибнишинӣ низ фаронсавиҳо талафоти калон доданд. Ҳангоми аз дарёи Барезино гузаштан қариб 30 ҳазор аскару афсари худро аз даст доданд.

Моҳи декабри соли 1812 Наполеон танҳо қисми ками артиши худро аз сарҳади Русия гузаронид. Артиши Русия ба артиши таҷовузкори Бонапарт Наполеон ғалаба кард.

### Шӯриши Декабристон

**Сиёсати иртиҷоии мутлақият. Аракчеевчигӣ.** Баъди ҷанги ватании соли 1812 дар Русия давраи тираи иртиҷоии ҳукумати подшоҳӣ оғоз ёфт. Мутлақият мекӯшид, ки ғалабаро бар Наполеон барои манфиатҳои худ - мустаҳкам кардани ҳокимият истифода барад. Зулму истибдоди пулис шадид ва бераҳмонатар мешуд, афкори пешқадами ҷамъиятӣ ва омӯзгорони пешқадами донишгоҳҳо таъқиб карда мешуданд, дар ҷомеа ғояҳои калисои православӣ бештар ҷорӣ мегардиданд. Ҳукумат шӯришҳои деҳқононро бераҳмона пахш мекард. Ин сиёсат аракчеевчигӣ номгузорӣ шудааст, ки он аз номи шахси наздики шоҳ, сармушовири ӯ А.А.Аракчеев гирифта шудааст.

Генерал Аракчеев шахси дағалу бераҳм ва хушомадгӯи подшоҳ буда, барои иҷрои ҳар як фармони вай ҳозир буд. Чӣ тавре ки мегӯянд, агар фармон шавад, ки «салларо биёр - калларо меорад». Ин хислати ӯ ба Александри I хуш омад А.А.Аракчеев дар ҳукумати подшоҳӣ соҳиби мартабаи баланд ҳам буд. Ӯ ҳимоятгари асосии сиёсати иртиҷоии подшоҳ гардид.

Бо фармони Александри I Аракчеев бошишгоҳҳои ҳарбӣ ташкил намуд. Бо мақсади камтар кардани хароҷоти артиш ҷузъу томҳои алоҳидаи ҳарбиро ба бошишгоҳҳои ҳарбӣ гузаронид, яъне онҳоро ба деҳот кӯчонида, фармон баровард, то ки натанҳо ба хизмати ҳарбӣ, балки ба киштукори замин низ машғул шаванд. Аҳолии ин деҳаҳо ба қатори бошишгоҳҳои ҳарбӣ гузаронида шуданд. Деҳқонон маҷбур буданд, ки хизмати ҳарбиро иҷро карда, дар айни замон ба кишоварзӣ низ машғул шаванд. Дар бошишгоҳҳои ҳарбӣ тамоми кору зиндагӣ бо фармони унтер-офитсерону афсарон иҷро карда мешуданд.

Машқҳои беҳисоб, меҳнати вазнину ҷазои сахт, беҳуқуқии комил ҳаёти сокинони бошишгоҳҳои ҳарбиро аз бадарға ҳам бадтар карда буд. Сокинони бошишгоҳҳои ҳарбӣ борҳо бар зидди зулму ситами аракчеевчигӣ шӯришҳо бардоштанд.

**Аввалин созмонҳои махфии Декабристон.** Баъд аз ғалаба ва баргаштани артиш ба ватан дар байни афсарони ҷавони равшанфикр маҳфилҳои инқилобӣ ташкил меёбанд. Соли 1816 гурӯҳи афсарони ҷавон созмони махфии «Иттифоқи наҷот», ё худ «Ҷамъияти писарони содиқ ва вафодори ватан»-ро ташкил карданд. «Иттифоқи наҷот» дар назди худ вазифа гузошта буд, ки дар Русия ҳуқуқи крепостноиро бархам зада, мутлақияти подшоҳии мавҷударо бо мутлақияти конститутсионӣ иваз мекунад. Вале созмон тарзи ба амал баровардани мақсадҳои дар назди худ гузоштаро равшан накарда буд. Як қисми аъзоёни созмон ҳангоми ивазшавии император ба ворисн ӯ пешниҳод кардани талаботҳои худ, қисми дигар ба қатл расонидани подшоҳро таклиф мекарданд ва ҳатто нақшаи мушаххаси сӯиқасдро низ тайёр карда буданд.

Соли 1818 ба ҷои «Иттифоқи наҷот» декабристони оянда созмони нав «Иттифоқи беҳбудӣ»-ро ташкил карданд. Ин созмони махфӣ қариб 200 нафар аъзо дошт. Он ҳамагӣ се сол фаъолият карда, корҳои зиёдро ба сомон расонид.

«Иттифоқи беҳбудӣ» созмони нисбатан муташаккилтар ҳам буд. Он барнома ва оинномаи худро дошт. Барномаи созмон мувофиқи ранги муқоваи он «Китоби сабз» номида шуда буд. Аъзоёни «Иттифоқи беҳбудӣ» дар баромадҳо ва асарҳояшон сохти мутлақияти Русияро ба зери танқид гирифта, худсарии помешикон ва ришвахӯрии амалдоронро ошкор намуда, вазнинии ҳаёти мардумро нишон медоданд.

Ҳаракати инқилобӣ дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ паҳн мешуд. Он декабристонро водор намуд, ки тезтар ва бо қатъият амал кунанд. Соли 1820 «Иттифоқи беҳбудӣ» қарор кард, ки дар Русия ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ташкил карда шавад. Ин қарори хеле муҳим буд. Иҷрои он сохти сиёсии ҷомеаи Русияро тағйир медод.

«Иттифоқи беҳбудӣ» ба ҳаракати инқилобӣ дар Русия асос гузоштааст.

**«Ҷамъияти Ҷанубӣ» ва «Ҷамъияти Шимолӣ».** Декабристон, ки дворянҳои инқилобӣ буданд, дар назди худ мақсад гузоштанд, ки шӯриш бардошта, бо ин роҳ ба ҳадафҳои дар наздашон гузошташуда расанд. Лекин «Иттифоқи беҳбудӣ» ба шӯриш сардорӣ карда наметавонист, чунки дар ҳайати он бисёр одамони сустиродаю ноустувор ва ҳатто ақидаҳояшон бо ҳам мухолиф буданд.

Аз тарафи дигар, қисми аъзоёни ин созмон бо рохи инқилоб ичро шудани барномаро намепазируфтанд.

Аз мавчудияти «Иттифоқи беҳбудӣ» ҳукуматдорон бохабар шуданд. Аз ин сабаб он худро пароканда эълон кард. Солҳои 1821-1822 дар асоси вай созмонҳои нави махфии декабристон ташкил шуданд. Дар Украина «Ҷамъияти Ҷанубӣ» ва дар Петербург «Ҷамъияти Шимолӣ» таъсис ёфт. Ин ду иттифоқ худро узви як ташкилоти махфӣ меҳисобиданд. Вазифаи муҳимми ин ҷамъиятҳо таҳия намудани конститутсияи Русияи оянда буд. Лоиҳаи конститутсияро дар «Ҷамъияти Ҷанубӣ» П.И.Пестел ва дар «Ҷамъияти Шимолӣ» Н.М.Муравёв таҳия намуданд.

П.И.Пестел ба лоиҳаи конститутсияи худ, ки онро «Ҳақиқати Рус» номидааст, барҳам додани мутлақият, ҳуқуқи крепостной ва дар Русия барпо намудани ҳокимияти ҷумҳуриявиро дохил намуда буд.

Барномаи Н.М.Муравёв ҳам баъди ғалабаи инқилоб фавран барҳам додани ҳуқуқи крепостноиро дар назар дошт. Барномаи Н.М.Муравёв нисбат ба лоиҳаи Пестел як дараҷа беҳтар буд. Мувофиқи он Русия на ҷумҳурӣ, балки мутлақияти конститутсионӣ эълон карда мешуд. Мақоми олии қонунгузор Вечеи халқӣ - парлумони дупалатагӣ ҳисоб мешуд. Дар сари ҳокимияти иҷроия император меистод, ки он амалдори олии давлат ба шумор мерафт.

Ҳарду барнома лоиҳаҳои инқилоби буржуазӣ буданд.

Солҳои 1823-1825 ҳам «Ҷамъияти Шимолӣ» ва ҳам «Ҷамъияти Ҷанубӣ» ба шӯриш тайёрӣ медиданд ва ният доштанд, ки



72. Павел Иванович Пестел



73. Кондратий Федорович Рилеев

онро тобистони соли 1826 амалӣ гардонанд. Вале гайричашмдошт воқеае ба амал омад, ки онҳо маҷбур шуданд ба шӯриш як сол барвақттар оғоз кунанд.

**Шӯриш дар Майдони Сенати Петербург**. Моҳи ноябри соли 1825 ҳангоми саёҳат дар ҷануби Русия (дар Таганрог) император Александри I ногаҳон вафот кард. Азбаски ӯ фарзанд надошт, бародараш Константин мебоист вориси тахт мешуд. Аммо ӯ ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Александри I ба фоидаи бародари хурдӣ - Николай аз тахти подшоҳӣ даст кашида буд. Аммо аз тахт даст кашидани Константинро на ҳама медонист.

Баъди вафоти Александри I аз тахт даст кашидани Константин эълон карда нашуд. Қӯшун ва аҳолӣ ба Константин савганд ёд карданд. Вале ӯ аз тахт даст кашидани худро эълон кард. Аз ин рӯ, 14 декабри соли 1825 дубора рӯзи савгандёдкунӣ ба Николай эълон карда шуд.

Пагоҳии барвақти он рӯз декабристон барои ба назди бинои Сенат бурдани қисмҳои ҳарбии ба онҳо содиқ ба сарбозхона ҳозир шуданд. Якумин шуда ба Майдони Сенат полки горди Москва таҳти фармондеҳии декабристон - бародарон Михаил ва Александр Бестужевҳо ва Дмитрий Шепин-Ростовский ҳозир шуданд. Баъд, баъзе ҷузъу томҳои дигари ҳарбӣ ба майдон омаданд. Дар майдон қариб се ҳазор аскар ва маллоҳон ҷамъ омаданд. К.Ф. Рилеев, Е.П.Оболенский, М.И.Пушин, П.Г. Каховский, В.К. Кюхелбекер ва бисёр декабристони дигар низ дар майдон ҳозир буданд. Вале нақшаи дар арафаи шӯриш тартибдодашударо ба амал бароварда натавонистанд. Ба савгандёдкунии сенаторҳо халал расонидан муяссар нашуд. Сенат ва Шӯрои давлатӣ то омадани шӯришгарон ба номи Николай савганд ёд карда буданд. Полковник Трубетской, ки роҳбари шӯриш таъйин шуда буд, ба майдон ҳозир нашуд. Фақат бегоҳирӯзӣ роҳбари нави шӯриш княз Оболенский интихоб карда шуд.

Дар Майдони Сенат декабристон фаъолият нишон надоданд, яъне ба ҳуҷум нагузаштанд. Қасри Зимистона ва силоҳҳои оташфишонро ба даст надароварданд. Ба халқи дар майдон ҷамъ омада муроҷиат низ накарданд. Онҳо шояд аз ҷалб кардани халқ ба шӯриш тарсиданд. Мардум нисбати декабристон хайрхоҳ буданд.

Николаи I ба бартарии нерӯҳои худ бовар накарда, борҳо шӯришгаронро розӣ кунониданӣ мешуд, ки таслим шаванд. Вай барои гуфтушунид ба назди онҳо генералҳо, метрополит ва бародари худ Михаилро фиристонид. Лекин ин кор натиҷаи мусбат надод. Баъд ӯ генерал - губернатори Петурбург М.А. Милора-

довичро равон кард. Ҳангоми сӯҳбати ӯ бо аскарон декабрист П.Г.Каховский бо шоф вайро сахт захмдор кард.

Дар ин вақт Николаи I бо қӯшунҳои ба худ содиқ Майдони Сенатро муҳосира намуд. Чанд маротиба саворагони горд ба шӯришгарон ҳуҷум карданд, вале онҳо ҳуҷуми аскарони подшоҳро зада гардониданд. Николаи I умед дошт, ки шӯришгарон таслим мешаванд, вале онҳо таслим нашуданд. Баъди ин подшоҳ фармон дод, ки шӯришгарон аз тӯпҳо тирборон карда шаванд. Тирборонкунӣ дар байни шӯришгарон дудилагиро ба вуҷуд овард. Ин буд, ки аскарон пароканда шудан гирифтанд. М.А.Бестужев хост, ки аскаронро дар болои дарёи Неваи яхкарда саф кашонда, қалъаи Петропавловскро ишғол кунад. Лекин ин кор ба ӯ муяссар нагардид. Дар ин лаҳза яхи дарё аз зарбаи тӯпҳо шикаст ва аскарҳо дар дарё ғарқ шуданд. Қарибиҳои шом шӯриш пурра пахш карда шуд.



74. Шӯриши Декабристон дар майдони Сенати Петербург

**Шӯриши «Ҷамъияти Ҷанубӣ».** Аъзоёни «Ҷамъияти Ҷанубӣ»-и Декабристон дертар шӯриш бардоштанд. Баъд аз он ки шӯриш дар Петербург пахш карда шуд, дар охирҳои моҳи декабри соли 1825 дар наздикии маҳаллаи Василково, ки 80 км дуртар аз шаҳри Киев воқеъ гардидааст, полки пиёданизоми Чернигов шӯриш бардошт. Ба шӯриш аъзоёни «Ҷамъияти Ҷанубӣ» Сергей Муравёв-Апостол ва Михаил Бастужев-Рюмин сардорӣ мекарданд. Пестел дар он ширкат варзида натавонист, чунки ӯро ҳукуматдорон ҳанӯз 13 декабр ба зиндон партофта буданд.



75. 5 нафар декабристоне, ки қатл карда шуданд. Сурат аз муқоваи маҷаллаи «Полярная Звезда».

Декабристони ҷануби мамлакат ҳам майли ба ҳуҷум гузаштанро надоштанд. Онҳо намехостанд, ки мақсадҳои худро тавассути силоҳ ба даст дароранд. Аъзоёни «Ҷамъияти Ҷанубӣ» ҳам боварӣ доштанд, ки ҳукумат онҳоро мефаҳмад ва конститутсияи пешниҳоднамудаашонро ҷонибдорӣ мекунад ва бо ҳамин дар мамлакат сохти ҷумҳуриявии ҳокимият барпо мегардад.

Аз бефаъолиятии аъзоёни ҷамъият истифода бурда, баъди якчанд рӯз ҳукумати Николаи I шӯриши полки Черниговро низ пахш кард.

**Ҷазои Декабристон.** Ҳукумати подшоҳӣ декабристонро авф накард. Вай ба онҳо бераҳмона ҷазо дод. 579 нафар иштирокчиёни шӯриш ба истинток кашида шуданд. Зиёда аз 100 нафари онҳо ба муддатҳои гуногун бадарға ва ё барои зиндагии доимӣ ба ҷойҳои шароиташ хеле вазнини Сибир маҳкум шуданд. Рутбаи афсарони зиёдро ҳамчун ҷазо то ба аскари қаторӣ паст фаровfarданд. Пестель, Муравёв-Апостол, М.П.Бестужев – Рюмин, П.Г. Каховский ва Рылеев ба қатл ҳукм карда шуданд. Мувофиқи ҳукми додгоҳ ҷаллодон онҳоро бо усули ваҳшитарини асримиёнагӣ - чорпоракунӣ қатл карданӣ буданд. Лекин дар лаҳзаи охирин Николаи I ин усули қатли декабристонро бекор кард. 13 июли соли 1826 онҳо дар қалъаи Петропавловск ба дор овехта шуданд.

### *Ҳуҷҷатҳо*

### *1. Ёддоштҳои афсари Рус Ф.И.Глинка дар бораи муҳорибаи Бородино (иқтибос)*

*Замин менолид, мегуррид, ҷанговаронро аз хоб бедор менамуд. Замин меларзид, вале дилҳо ором буданд. Ҳамин тавр, муҳорибаи бемислу монанди Бородино 26-уми август сар шуд. Борони гулӯлаҳо, ки виззасзанон аз болои хаймаи мо мегузашт, ману рафиқамро аз хоб бедор кард. Аз ҷойҳои худ ҷаста дидем, ки байни мо ва онҳоро тумани ғафс фаро гирифтааст. Шафақи субҳ медамид. Душман садҳо тӯп оварда, моро тирборон мекард. Бомбаю гулӯлаҳо жола барин мерехтанд. Ҳама ҷоро таркишу садои гулдурроси тӯп фаро гирифта буд. Як қисми хаймаҳо чаппа мешуданду қисми дигарашон аланга мегирифтанд. Аскарон барои гирифтани яроқ шитофта, худашонро ба оташ мезаданд. Ин ҳодиса дар миёнаҷои майдони ҷанг рӯй медод. Аммо дар қаноти чапи мо кайҳо боз аз гулдурроси доимии тӯпу яроқҳои хурд даҳшате ҳукмфармоӣ мекард. Нисфи зиёди ин рӯзи даҳшатоварро ман гоҳо дар назди батареяи асосӣ, ки дар он ҷо олимақом М.И.Кутузов ҳузур дошт, гоҳ дар сари роҳе, ки захми ярадоронро мебастанд, гузаронидам. Қариб 400 ҳазор ҷанговарони беҳтарин дар ҷои танге қариб сар ба сар зада, бо ҷасорати бемислу монанд меҷангиданд. 2000 тӯп беист гулдуррос мезад. Гирду атроф дилхарошона мегуррид ва ба назар чунин менамуд, ки гӯё аз шиддати муҳориба Замин меларзад. Фаронсавиҳо девонавор ба ҳар сӯ медавиданд; Русҳо чун садди устувор дар ҷояшон меистоданд. Баъзеҳо мехостанд ҳамаи ин дарду ранҷ ва лашкаркашии тӯлонӣ зудтар хотима ёбад. Онҳо хазинаи ваъдакардаро ба даст оранду тамоми ҳаловати ҳаётро дар пойтахти машҳури қадима чашанд; дигарон аз хотир фаромӯш намекарданд, ки онҳо худи ҳамин пойтахт, дили Русия ва модари шаҳрҳоро муҳофизат мекунанд. Имони таҳқиршуда, вилоятҳои ғоратгардида, меҳробҳои зери пошуда ва турбати қиршудаи падарон ба қасосгирӣ ва мардонагӣ даъват менамуданд. Дили русҳо ба ин нидо гӯш медод ва дар тасвири мардонагии лашкари мо сухан оҷиз аст. Чунин менамуд, ки онҳо ҳар як порча заминро азиз медонистанд ва барои ҳар як қадам то дами марг меҷангиданд. Батареяҳо то даҳ карат аз даст ба даст мегузаштанд. Муҳориба дар водии бетаг авҷ мегирифт ва ҳар ҷо- ҳар ҷо оташу гулдуррос баланд мешуд. Дуди ғализ ҷои туманро мегирифт. Абрҳои хокистарранг дар қаноти чапи мо ҳалқа зада, миёнҷои майдонро панаҳ мекард, ҳол он ки дар қаноти рост шуои офтоб шӯълавар мешуд. Вай, офтоб, ки заминро то ин дам шӯълавар мегардонд, эҳтимол, чунин моҷароро ҳаргиз надидааст. Чӣ қадар хуни ноҳақ рехта шуд, чандин ҳазор ҷасад дар байни замин мехобид. Муҳориба лаҳзае ҳам хомӯш намешуд ва рӯзи дароз тӯпҳо ором намегирифтанд. Бомба, гулӯла ва снарядпораҳо борон барин мебориданд. Тирборонро намегӯед!... Вале ин муҳориба пурра тасвир наёфтааст. Ман онро тахминӣ тасвир кардам. Шаб наздик мешуд ва душман дур шудан мегирифт. Русҳо истодагарӣ мекарданд! 30-юми август. Не дӯстам! На соҳилҳои Дунай ва Рейн на*

*саҳроҳои Итолиё, на хоки Олмон дер боз ва ҳатто мумкин аст ҳаргиз чунин муҳорибаи оташини гарқи хун ва мудҳишро бо чунин гулдурроси пурҳайбати тӯпҳо надидаанд! Фақат русҳо ба ин даҳшат тоб оварда тавонистанд, онҳо дар зери осмони ватан ва дар замини ҷоноҷони худ меҷангиданд.*

### *2. Эъломия ба халқи Рус (Барномаи Декабристон, ки дар арафаи шӯриш тартиб дода шудааст)*

***Дар эъломияи Сенат оварда мешавад:***

*1. Барҳам додани ҳокимияти пешина.*

*2. Таъсиси ҳокимияти муваққатии интихобӣ то барқароркунии ҳокимияти доимӣ.*

*3. Чопи озод ва аз ҳамин сабаб барҳамдиҳии сензура.*

*4. Озодии ба ҷо овардани расму оини динҳои гуногун.*

*5. Барҳам додани ҳуқуқи моликиятдорӣ ба одамон.*

*6. Баробарҳуқуқии ҳамаи табақаҳо дар назди қонун ва аз ин рӯ барҳам додани судҳои ҳарбӣ ва ҳама гуна комиссияҳои судӣ, ки ҳамаи корҳои судӣ аз онҳо бевосита ба ихтиёри судҳои граждании мегузаранд.*

*7. Эълон кардани ҳуқуқи ҳар як гражданине, ки ба кори дилхоҳаш машғул шуданист ва бинобар он дворянин, савдогар, мешанин, деҳқон ҳама баробар ҳуқуқ доранд ба хизмати ҳарбӣ, граждании ва ба унвони динӣ дароянд, яклухт ё чакана савдо кунанд, андозҳои муайян диҳанд. Ҳар як шахс ҳар гуна моликият, аз ҷумла замин ва ҳавлиро, чӣ дар деҳот ва чӣ дар шаҳр харида метавонад. Бо ҳам ҳар гуна шартнома мебандад, дар суд байни худ мубоҳиса мекунад.*

*8. Ҷамъ кардани андоз аз ҳар сари аҳолӣ ва бақияи онҳо.*

*9. Барҳам додани даъвати аскарҳо ва бошишгоҳҳои ҳарбӣ.*

*10. Кам кардани мӯҳлати хизмати ҳарбӣ барои рутбаҳои поёнӣ ва муайян кардани он баъди баробар кардани хизмати ҳарбӣ барои ҳамаи табақаҳо ба амал бароварда мешавад.*

*11. Истеъфо додани ҳамаи шахсоне, ки 15 сол хизмат кардаанд, бекор кардани рутбаи поёнӣ.*

*12. Таъсиси роҳбарони волостӣ, уездӣ, губерниягӣ, вилоятӣ ва тартиби интихоби аъзои ин роҳбарият, ки он ҳамаи амалдорони то ин дам аз тарафи ҳукумати граждании таъиншавандаро бояд иваз кунад.*

*13. Мурофиаҳои ошкорои судӣ.*

*14. Ба ҳайати судҳои ҷиноятӣ ва граждании ҷалб кардани вакилони халқ, ки интихоб шудаанд.*

*Роҳбарият иборат аз 2 ё 3 кас ташкил мешавад. Ба он ҳамаи шӯъбаҳои олие, ки роҳбарӣ мекунанд, яъне тамоми вазоратҳо, шӯро, комитети вазирон, артиш, флот тобеъ мешаванд. Хулоса, ба ҷуз ҳокимияти қонунгузор ва суд тамоми ҳокимияти олии иҷроия.*

*Роҳбарияти муваққатӣ бояд вазифаҳои зеринро ба ҷо орад:*

*1. Баробарҳуқуқии тамоми табақаҳо.*

*2. Ташкил кардани роҳбарияти маҳаллии волостӣ, уездӣ, губерниягӣ ва вилоятӣ.*

*3. Ташкил кардани посбонони халқии дохилӣ.*

*4. Баробарии хизмати маҷбурии аскарӣ барои ҳамаи табақаҳо.*

*5. Барҳам додани артиши доимӣ.*

*6. Таъсиси тартиби интихоб шудан ба палатаи намояндагони халқӣ, ки он бояд низоми интихоби роҳбарият ва қабули қонунҳои давлатиро тасдиқ кунад.*

### *3. Нақли декабрист М.А. Бестужев дар бораи шӯриши 14 декабри соли 1825 дар майдони Сенати Петербург*

*Шофи ман кайҳо дар ғилоф буд: ман дар фосилаи байни кареи (каресафкашии лашкар: чор колоннаи пиёдагард, ки росткунҷа ё мураббаъ зич саф кашидаанд) Москва ва колоннаи экипажи Горд кӯлоҳамро маҳкам пӯшида, дастонамро дарҳам кашида истода будам ва зери лаб суханҳои Рилеевро такрор мекардам, ки мо аз озодӣ нафас мегирем; ман бо андӯҳ ҳис мекардам, ки ин нафасгирӣ мушкил шуда истодааст! Озодии мо ва нидоҳои аскарон бештар ба фиғону нолиши шахси муранда монанд буд! Дар ҳақиқат: мо аз ҳар тараф иҳота шуда будем, беҳаракатӣ ақлҳоро карахт мекард; мо рӯҳафтода будем, зеро таваққуф дар ин арса аллакай нисфи мағлубият аст. Ба замми ин шамоли тез хуни аскар ва афсарони дер боз дар ҳавои кушод истодаро карахт мекард. Ҳуҷум бар зидди мо ва тирпаррониҳои мо қатъ гардиданд; нидои «ура»-и аскарҳо торафт кам ва паст мегардид. Рӯз торик мешуд. Ногаҳон мо дидем, ки полкҳои рӯ ба рӯи мо истода ба ду тараф ҷудо мешаванд ва батареяи артилерӣ бо даҳони бозаш, ки дар торикии шом базӯр ба назар мерасид, дар байни онҳо ҷойгир мешавад.*

*Тӯпи якум тир холӣ кард, гулӯла таркид; баъзе тирҳо ба майдони сангфарш бархӯрда, барфу чангро ба ҳаво мебардоштанд, тирҳои дигар якчанд қатори фронтро (фронт -сафи қисми ҳарбӣ) рабуданд, баъзе тирҳо виззаззанон гузашта, қурбониҳои худро аз байни халқ, ки дар фосилаи сутунҳои бинои Сенат ва дар болои бомҳои хонаҳои ҳамшафати он меистоданд, ёфтанд. Шишаҳои шикаста ҷарангосзанон ба замин пош хӯрданд, одамони аз паси онҳо афтида хомӯшу беҳаракат дароз кашиданд. Дар тирпарронии аввал дар назди ман ҳафт нафар аз пой афтоданд, ман ҳатто ноласро нашунидам, ягон ҳаракати ҷонканиро надидам - мудҳиш буд таъсири гулӯлаи тӯп аз ин масофа. Дар байни мурдагону одамони зинда хомӯшии том ҳукмфармо буд. Тири дуюм ва сеюм гурӯҳи аскарон ва мардуми авомро, ки дар назди мо тӯда шуда меистоданд, ба замин хобонд. Ман дар ҷоям ҳамчунон рост меистодам ва бо андӯҳ марги худро нигарон будам, чунон лаҳзаи талхе буд, ки марг ба назарам аз зиндагӣ авлотар менамуд. Аммо хости тақдир дигар будааст.*

*Аз тири панҷум ё шашум колонна якбора ба ҳаракат омад ва вақте ки ба ақиб нигоҳ кардам, байни ман ва гурезагон фосилаи калоне буд ва садҳо қурбониёни роҳи озодӣ мехобиданд. Ман ҳам ба одамон ҳамроҳ шуда, кунду карахт аз байни мурдагон мегузаштам; дар ин ҷо на ҳаракате буду на фиғону нолае шунида мешуд, танҳо дар фосилаҳои байни тирпарронӣ дидан мумкин буд, ки чӣ тавр хун фавворазанон дар роҳи сангфарш ҷорӣ шуда, барфро об мекунад ва сипас худаш ҳам гулгун шуда, ях мебандад.*

*Аз паси мо эскадрони горд ҳаракат мекард ва вақте ки дар даромадгоҳи кӯчаи танги Галерная гурезагон тӯда шуданд, ман ба лейбгренадерҳо, ки аз қафо мерафтанд, расидам ва ба бародарам Александр рӯ ба рӯ шудам; дар ин ҷо мо чандин нафарро нигоҳ доштем, ки дар сурати ҳуҷуми саворагон муқобилат карда, ақибнишинонро муҳофизат кунем. Аммо император дар ин кӯчаи дарозу танг паррондaнро афзалтар донист.*

*Назар ба саворагон гулӯлаҳои тӯп ба одамони таъқибшаванда пештар мерасиданд ва взводи ҷамъкардаи мо пароканда шуд. Ҷасади аскарҳо ва одамон дар ҳар қадам ба замин меафтид, аскарҳо тозон ба хонаҳо медаромаданд, дарвозаҳоро мекӯфтанд, дар байни пойдеворҳо пинҳон мешуданд, вале гулӯлаҳои тӯп аз девор ба девор бархӯрда ҳамаро яксон мекард. Ҳамин тавр мардум то чорроҳаи аввалин расиданд ва дар ин ҷо онҳоро тирҳои полки гренадерии Павловский пешвоз гирифтанд...*

**Савол ва супоришҳо: 1**. Александри I чӣ тавр ба тахту тоҷи подшоҳии Русия соҳиб шуд? **2**. Подшоҳи нави Русия оид ба деҳқонони крепостной кадом қонунро баровард? Оё он қонунҳо аҳволи деҳқонони крепостнойро беҳтар кард? **3**. Александри I дар идораҳои давлатӣ ва маориф чӣ хел ислоҳот гузаронид? **4**. Мақсади ислоҳоти Александри I аз чӣ иборат буд? **5**. Моҳияти «Муҳосираи қитъавӣ» (континенталӣ)-ро нисбати Англия маънидод кунед. Оё дар он Русия ширкат варзид? Ин муҳосира ба кадом давлат нафъ бахшид? **6**. Дар бораи созишномаи сулҳи Тилзит (байни Фаронса ва Русия) чӣ гуфта метавонед? **7**. Андешаатонро дар бораи сабабҳои ҷанги байни Русияю Фаронсаи соли 1812 баён намоед. **8**. Ҷанги Ватании соли 1812 чӣ тавр оғоз ёфт? **9**.Чаро артиши Русия дар аввали ҷанг ба ақибнишинӣ шурӯъ кард? **10**. Дар оғози ҷанг сарфармондеҳи неруҳои ҳарбии Русия кӣ буд? **11**. Нақшаи Наполеон чӣ тавр барбод рафт? **12**. Дар бораи муҳорибаи Бородино нақл кунед. **13**. Чаро Шӯрои ҳарбӣ қарор кард, ки Москва ба душман дода шавад? Оё ин қарор хато набуд? **14**. М.И. Кутузов барои муҳорибаи нав бо фаронсавиҳо чӣ тавр омодагӣ мегирифт? Лашкари Наполеон шаҳри Москваро ба чӣ ҳол гирифтор кард? **15**. Чаро М.И. Кутузов ва Александри I таклифҳои Наполеонро оид ба гуфтушунид дар бораи сулҳ беҷавоб монданд? **16**. Лашкари Фаронса аз хоки Русия кай ва чӣ тавр ронда шуд? **17**. Аракчеевчигӣ чист? **18**. Дар бораи ташкилёбии «Ҷамъияти Шимолӣ» ва «Ҷамъияти Ҷанубӣ» ва мақсаду мароми онҳо нақл кунед. **19**. «Ҷамъияти Шимолӣ» ва «Ҷамъияти Ҷанубӣ» барномаи худро чӣ тавр амалӣ карданӣ буданд? **20**. Вафоти Александри I ба нақшаи декабристон чӣ тағйирот дохил намуд? **21**. Дар бораи шӯриши Декабристон дар Петербург ва дар Василковои наздикии Киев (Украина) нақл кунед. Чаро онҳо шикаст хӯрданд? **22**. Николаи I декабристонро чӣ хел ҷазо дод? **23**. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §18. ТАРАҚҚИЁТИ САРМОЯДОРӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН ДАР ДАВЛАТҲОИ АВРУПО

**Ба вуҷуд омадани саноати калон дар Англия.** Аз рӯи ҳаҷми истеҳсолоти саноат Англия аз мамлакатҳои дигар пеш гузашта буд. Флоти ҳарбӣ ва тиҷоратии он дар баҳру уқёнусҳо ҳукмронӣ мекарданд. Дар натиҷаи афзоиши босуръати **саноати калон** истеҳсолоти косибӣ оҳиста-оҳиста таназзул кард. Саноат талаботро ба фузулот зиёд намуд. **Ноҳияҳои нави саноатӣ** бунёд ёфта, ободу зебо гардиданд. Дар шимолу ғарб ва маркази мамлакат фабрикаю заводҳои зиёд қомат афрохтанд. Дар Уэлси Ҷанубӣ истеҳсоли ангиштсанг афзуд. Киштисозӣ бо суръат тараққӣ кард. Шаҳри Лондон ба яке аз шаҳрҳои калонтарини **тиҷоратию молиявии ҷаҳон** табдил ёфт.

Ба тараққиёти саноати калон роҳи оҳан ёрии калон мерасонид. Соли 1825 дар Англия аввалин роҳи оҳан сохта шуд. Баъди ин сохтани роҳи оҳан дар як қатор мамлакатҳои дигари ҷаҳон суръат гирифт. Он ба тараққиёти босуръати минбаъдаи сармоядорӣ шароити хуб фароҳам овард.

Дар ибтидои асри XIX зиёда аз нисфи маҳсулоти саноатиро дар Англия корхонаҳои калону миёна истеҳсол мекарданд. Ин корхонаҳо маснуоти аз ҳама муҳимтарин, ба монанди дастгоҳҳо, таҷҳизоти фабрикаву заводҳо, паровозҳо, киштиҳои буғӣ, моҳуту



76. Англия. Коргарони фабрикаи бофандагӣ



77. Дастгоҳи ресандагии дастӣ.



78. Дастгоҳи ресандагии механикии «Ҷенни»

матоъ ва ғайраро истеҳсол мекарданд. Дар байни корхонаҳо рақобат ба вуҷуд омад. Як қисми онҳо дар натиҷаи рақобат тамоман барҳам хӯрда, қисми дигар ба корхонаҳои калон муттаҳид мегардиданд. Дар истеҳсолот акнун мақоми асосӣ аз кишоварзӣ ба саноат гузашт.

**Табаддулоти саноатӣ дар Англия. Бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ.** Табаддулоти саноатӣ дар Англия нимаҳои дуюми асри XVIII оғоз ёфта, дар нимаи аввали асри XIX ба авҷи тараққиёти худ расид. Як қисми саноат аз **истеҳсолоти манафактурӣ** ба **истеҳсолоти мошинӣ** гузашт.

Яке аз муҳимтарин ихтироотe, ки аслан ба табаддулоти саноатӣ ибтидо гузоштааст, дастгоҳи бофандагӣ мебошад. Ихтироъкор Ҷон Кей, ки аввал бофанда буд, соли 1733 мокуи сабукеро ихтироъ кард, ки дар натиҷа маҳсулнокии кори бофанда зиёда аз ду баробар афзуд.

Бофанда ва дуредгар Ҷеймс Харгривс аз Ланкшири Шимолӣ соли 1764 чархи ресмонресиро такмил дода, ба он номи духтараш «Ҷенни»-ро дод.



79. Бузургболғаи бӯғӣ

Ин дастгоҳ дар як вақт ду корро иҷро мекард: 16-18 адад риштаро ҳам мересид ва ҳам калоба мекард. Дар натиҷаи такмили ин дастгоҳ маҳсулнокии меҳнати ресанда қариб 20 маротиба афзуд.

Соҳибкор Ричард Аркрайт аз ихтирои Харгривс хуб истифода бурд. Ӯ соли 1771 корхонаи калоне сохта, онро бо мошини «Ҷеннӣ» ва дастгоҳҳои дигари сермаҳсули бо чархи обӣ ҳаракаткунанда таҷҳизонид. Бо ҳамин аввалин маротиба корхонае сохта шуд, ки он фабрика ном гирифт. Истеҳсол дар он тавассути мошинҳо ба амал бароварда мешуд. Дар ин фабрика то 300 нафар одамон кор мекарданд. Баъди сохтани фабрикаи Аркрайт дар Англия дар зарфи 20 сол зиёда аз 150 чунин фабрикаҳо сохта шудаанд, ки онҳо истеҳсолоти манафактурии каммаҳсулро оҳиста-оҳиста танг карда баровroutанд.

Соли 1784 лаборанти донишгоҳи Глазго Ҷеймс Уатт мошини ҳаракатдиҳанда (двигател)-ро ихтироъ кард. Баъди ин гузариш аз мануфактура ба истеҳсолоти фабрикӣ бо суръати тез аввал дар Англия ва баъд дар мамлакатҳои дигар оғоз шуд.

Соли 1807 Роберт Фултон ном механики америкоӣ аввалин шуда киштии буғиро ихтироъ кард. Соли 1814 бошад, муҳандиси худомӯз Ҷорҷ Стефенсон аввалин паровозро сохт, ки он дар як соат то 10 км ҳаракат мекард. Паровоз аввал бе роҳи оҳан ба роҳ



80. Қатораи Манчестер - Ливерпул



81. Киштии бӯғии Фултон. Соли 1807



82. Конвертори Бессмер

даровaрда шуд. Баъд онро ба болои релсҳо гузоштанд. Дар натиҷа он бори бисёрро аз як ҷой ба ҷои дигар мекашонид.

Табаддулоти саноатӣ ба пешрафти истеҳсолоти саноатӣ оварда расонид. Дар натиҷа як қисми мол харидор намеёфт, чунки истеҳсоли он зиёд шуда, бӯҳронҳои барзиёдистеҳсолкунӣ ба амал меовард. Яке аз аввалин бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ дар Англия соли 1825 ба амал омад, ки он қариб ҳамаи соҳаҳои саноат, аз он ҷумла саноати бофандагиро ҳам фаро гирифт. Дар натиҷаи ин бӯҳрони иқтисодӣ корхонаҳои зиёде баста, ҳазорон коргарон аз кор пеш карда шуданд. Ин коргарон сафи армияи бекоронро зиёд намуданд. Бӯҳрони иқтисодӣ дар мамлакат **муборизаи иҷтимоиро** тезу тунд намуд. Дар баъзе корхонаҳо корпартоиҳо ба амал омаданд.

**Ҳаракати чартистӣ дар Англия**. Соли 1836 дар Лондон созмони коргарон ташкил ёфт, ки ба он радикали майдабуржуазӣ Уилям Ловетт роҳбарӣ мекард. Ин созмон талаб кард, ки ба ҳама мардоне, ки синнашон ба 21 расидааст ва дар зарфи 6 моҳ сокини муқимӣ мебошанд, ҳуқуқи интихоботӣ дода, сатҳи дороии молу мулки номзадҳо ба вакилии парлумон бекор карда шавад. Солҳои 1836-1838 дар Англия бӯҳрони нави иқтисодӣ ба амал омад. Дар натиҷаи он нарху наво паст ва содироти мол кам шуд. Бӯҳрон, махсусан ба саноати бофандагӣ, киштоварзӣ, ангиштистеҳсолкунӣ



83. Ба бекорон тақсим кардани хӯрок

ва истехсоли фулуз зарбаи сахт зада, аҳволи коргаронро вазнин кард. Ин холат дар Англия ҳаракати пурзӯри коргариро ба вуҷуд овард, ки он номи «ҳаракати чартистӣ»-ро гирифтааст.

Соли 1838 чартистон талабномаи аввалини худ- **Хартияи миллиро** кор карда баромаданд. Дар хартия ҳукумати Англия барои он маҳкум карда мешуд, ки вай ба фоидаи ақалият кор карда, манфиати аксарияти мардумро поймол мекард.

27 июни соли 1838 ҳазорон нафар коргарон дар майдони Нюкасл бо парчамҳои барафрошта сурудхонон ба Лондон рафтанд, то ки талабҳои худро ба парлумон пешниҳод кунанд. Вале он натиҷае надод.

Чартистон дар Лондон дар анҷумани худ роҳу усулҳои муборизаро муайян намуданд. Як гурӯҳ чартистон зери роҳбарии У. Ловетт **муборизаи осоиштаро** роҳи асосии мубориза ҳисоб мекарданд. Инҳо ҷонибдорони «Нерӯи ахлоқӣ» ва зидди истифодаи қувва буданд. Қисми дигари чартистон - асосан коргарони кор-

хонаҳои калони саноатӣ **ҷониб-дори тарзи инқилобии мубориза**, яъне тарафдори «Нерӯи ҷисмонӣ» буданд. Ба ҳайати ин ҷараён арбобони намоёни чартистон, ба монанди О.Коннор ва О.Брайен дохил буданд. О.Брайен мегуфт, ки истисмори коргаронро бе барҳамдиҳии моликияти хусусӣ ҳам аз байн бурдан мумкин аст. О.Коннор боварӣ дошт, ки воситаҳои осоиштаи мубориза барои аз тарафи парлумон қабул карда шудани Хартияи миллӣ овар-да намерасонад.



84. О. Коннор

Моҳи июни соли 1839 чартистон Хартияи якуми миллиро мураттаб сохтанд, ки дар зери он 1 миллиону 280 ҳазор нафар одамон имзо гузоштанд ва онро дар вазъияти ботантана ба парлумон супориданд. Барои дастгирии хартия дар тамоми мамлакат ҷамъомаду гирдиҳамоиҳои бисёре барпо гардиданд. Дар шаҳри Бирменгем, ҳатто шӯбҳои коргарон ба амал омаданд. Ҳукуматдорон 80 нафар коргаронро ҳабс карда, шаҳрро дар вазъияти муҳосира эълон намуданд. 12 июли соли 1839 бо вуҷуди вазъияти ноором парлумони Англия Хартияи якуми миллиро рад кард.

Моҳи майи соли 1842 чартистон ба парлумон Хартияи дуюми миллиро пешниҳод намуданд, ки ба зери он 3 миллиону 300 ҳазор нафар имзо гузошта буданд. Дар ин хартия алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ, хусусан музди меҳнати ночизи коргарон эътироз баён карда мешуд. Талаби дигари хартия бекор карда шудани қонун дар бораи камбағалони соли 1834 қабул шуда буд. Ин қонун коргаронро маҷбур мекард, ки барои музди меҳнати камтарин ҳам кор кунанд. Парлумон Хартияи дуюми миллиро ҳам рад кард.

Аз сабаби сар задани бӯҳрони нави иқтисодӣ дар миёнаҳои солҳои 40-ум ҳаракати чартистии таназзулкарда аз нав авҷ гирифт. Соли 1845 «Ҷамъияти кишоварзии чартистон» ташкил ёфт. Мақсади он татбиқи нақшаи ислоҳоти замини аз тарафи О.Коннор пешниҳодкарда буд. Ин нақша дар назар дошт, ки давлат замини



85. Яке аз арбобони ҳаракати чартистӣ, сотсиалист Гарни

ленлордҳоро харида, ба қитъаҳои хурд-хурд тақсим карда, ба коргарон бидиҳад. Ҳарчанд аъзоёни «Ҷамъияти кишоварзии чартистон» ба 300 ҳазор нафар расида бошад ҳам, аз сабаби хаёлӣ будани нақшаҳояш зуд рӯ ба таназзул ниҳод ва ниҳоят соли 1848 барҳам хӯрд.

4 апрели соли 1848 Конгресси навбатии миллии чартистон баргузор гардид. Чартистон дар ин конгресси худ қарор қабул карданд, ки 10 апрели соли 1848 ба парлумон аз нав талабномаи хартияи миллиро пешниҳод намоянд. Вале ҳамон рӯз ҳукумат ба Лондон лашкар даровард. Бинобар ин чартистон танҳо гирдиҳамой ташкил карданду халос. О.Коннор бошад, мавқеи таслимкоронаро ишғол намуда, маслиҳат дод, ки мардум пароканда шаванд.

Моҳи июли соли 1848 парлумон талабномаи сеюми хартияи миллии чартистонро низ рад кард. Бо ҳамин ҳаракати чартистӣ ба шикаст дучор омад.

Сабаби асосии шикасти ҳаракати чартистӣ болоравии дуру дарози саноати Англия мебошад. Он дар солҳои 50-уми асри XIX



86. Чартистон талабномаро ба парлумон мебаранд

оғоз ёфта, бекориро дар мамлакат хеле кам кард. Буржуазияи Англия аз горат кардани мустамликаҳо низ даромади ниҳоят калон мегирифт ва як қисми онро барои беҳбудии моддии коргарони баландихтисос истифода мебурд.

Ҳаракати чартистӣ дар Англия аҳамияти калони таърихӣ дошт. Он барои ба мамлакати демократӣ ва ҷомеаи халқпарвар мубаддал гардидани ин кишвар саҳм гузоштааст.

**Ибтидои табаддулоти саноатӣ дар Фаронса ва Олмон.** Фаро расидани давраи осоишта ба болоравии саноати калони фабрикии Фаронса оварда расонид. Гудозиши чӯян ва истеҳсоли ангиштсанг аз соли 1815 то соли 1830 зиёда аз 2 баробар афзуд. Дар заводҳои фулузгудозӣ роҳҳои нави гудозиши пӯлод ба роҳ монда шуданд. Саноати газворбарорӣ тадриҷан аз меҳнати дастӣ ба меҳнати мошинӣ гузашт. Коркарди нахи пахта дар ин давра 3 маротиба афзуд. Талабот ба дастгоҳҳо зиёд шуд. Мошинҳои буғӣ дар истеҳсолот зиёдтар истифода мешуданд. Соли 1830 дар саноати Фаронса аллакай 625 мошинӣ буғӣ кор мекард. Дар солҳои 1815-1848 ҳарчанд шумораи мошинҳои буғӣ 8 маротиба афзуда, ба 4853 адад ва истеҳсоли ангиштсанг аз 1 млн. 700 ҳазор ба 5 миллион тонна расид ва гудозиши оҳан 2 маротиба афзуд, бо вуҷуди ин Фаронса ҳанӯз ҳам дар тараққиёти саноати худ аз Англия ақиб мемонд.

Табаддулоти саноатӣ дар Олмон асосан солҳои 30-уми асри XIX оғоз гардидааст. Сармоядор гардидани юнкерҳо, осудаҳолшавии қисми кишоварзон ва афзоиши аҳолии шаҳрҳо дар Олмон ба баланд шудани талабот ба молҳои саноатӣ ва пайдо шудани фабрикаҳои калони саноатӣ оварда расонид.

Дар болоравии табаддулоти саноатии Олмон сохта шудани роҳҳои оҳан нақши муҳим гузоштаанд. Соли 1824 роҳи оҳани аввалин дар байни шаҳрҳои Нюренберг – Фюрт ба кор даромад. То соли 1848 дар ин мамлакат 5500 км хатҳои роҳи оҳан мавҷуд буданд. Дар ҳавзаҳои Рур ва Саар истеҳсоли ангишт ва маъдани оҳан афзуд. Дар Крефелд, Эрбелфелд, Бремен ва водии дарёи Вуппер фабрикаҳои бофандагӣ ва абрешимии зиёд сохта шуданд. Дар Олмон, махсусан, саноати бофандагӣ тараққӣ кард. Соли 1814 дар Саксония ҳамагӣ 283 дуки механикӣ истифода мешуд. Соли 1834 бошад, он ба 350 ҳазор ва соли 1850 ба 500 ҳазор адад расид. Оҳиста-оҳиста соҳаҳои дигари саноат ҳам тараққӣ мекарданд. Вале табаддулоти саноатӣ дар Олмон нисбат ба Англия ва Фаронса ақиб мемонд. Яке аз сабабҳои асосии он пароканлагии Олмон буд. Дар ин давра Олмон аз 36 давлату давлатчаҳо ва 4 шаҳри мустақил иборат буд.

**Қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолии сармоядорӣ.** Ҳар як ҷомеа тарзи истеҳсоли худро дорад. Он аз ду тар-




87. Тарзи истеҳсолоти сармоядорӣ

киб - **қувваҳои истеҳсолкунанда** ва **муносибатҳои истеҳсолӣ** иборат аст. Қувваҳои истеҳсолкунанда, дар навбати худ, аз **предмети меҳнат** ва **олоти меҳнат** иборат мебошад. Канданиҳои фоиданок, замин, дарёҳо, ҷангал, обанборҳо, пахта, найшакар ва ғайра предмети меҳнат мебошанд. Аз онҳо маҳсулот тайёр карда мешавад. Олоти меҳнат бошад, чизест, ки тавассути он маҳсулот ё худ молро истеҳсол мекунанд. Ба он нерӯи коргарӣ, дастгоҳҳои баркӣ, фабрикаю заводҳо, мошинҳо, дастгоҳҳо, роҳҳои оҳану қаторахо ва ғайра дохиланд.

Муносибатҳои истеҳсолӣ дар рафти истеҳсолот дар байни **истеҳсолкунандагон** ва **соҳибони истеҳсолот** ба амал меоянд. Муносибатҳои истеҳсолӣ ба он вобаста аст, ки воситаҳои асосии истеҳсолот дар дасти кист. Дар ҷомеаи сармоядорӣ онҳо асосан дар дасти **соҳибкорон** мебошанд. Қисми коргарон, деҳқонон ва табақаҳои дигари ҷамъиятӣ аз **моликияти хусусӣ** маҳруманд. Истеҳсолкунандагон дар ин ҷомеа **озоданд**.

Дар ҷомеаи сармоядорӣ қувваҳои истеҳсолкунанда ба дараҷаи баланд тараққӣ карда, **зиддиятҳои байни истеҳсолкунандагону корфармо**, яъне сармоядоронро ба вуҷуд овард. Давлатҳои сармоядорӣ **зиддиятҳои иҷтимоиро** бо роҳи **ислоҳотҳои демократию адолатнок** ҳаллу фасл мекарданд.

**Ҳаракати демократӣ дар Фаронса ва Олмон.** Буржуазияи калон моҳи июли соли 1830 ҳокимияти королиро дар Фаронса аз нав барқарор карда, Луи Филиппи Орлеаниро ба тахти королӣ шинонид. Дар ҷавоб корол розӣ шуд, ки дар мамлакат конститутсияи навро бо номи «Хартияи соли 1830» ҷорӣ кунад. Аз ин конститутсия буржуазияи калон розӣ буд, вале он ба меҳнаткашон ва хусусан ба коргарон қариб чизе намедод. Баръакс,



88. Тасвири шӯриши коргарони ш. Лион. Соли 1831

бо сабаби баланд будани талабот(ба сатҳи дороии молумулкии интихобот) қариб ҳамаи коргарон, деҳқонони камбағал ва косибону ҳунармандон аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум шуданд.

Баъди барпо шудани мутлақияти июлӣ, ҳаракати коргарӣ дар Фаронса ба нерӯи мустақили сиёсӣ табдил ёфт. Шӯришҳои аввалини коргарон дар шаҳри Лион соли 1831 ба амал омаданд. Шӯришчиён баланд кардани музди меҳнатро талаб мекарданд. Рӯзи шӯриш, 21 ноябр, яке аз баталёнҳои гарди миллӣ шӯришчиёнро тирборон кард. Ин рафтори ҳукуматдорон коргаронро маҷбур сохт, ки ба даст силоҳ бигиранд. Дере нагузашта ҳукуматдорон ин шӯришро пахш карданд.

5 июни соли 1832 коргарони Париж шӯриш бардоштанд. Онҳо дар шаҳр сангарҳо сохтанд. Рӯзи дигар сангарҳо аз тарафи лашкари ҳукуматӣ ба хок яксон карда шуданд. Коргарони Париж бо ҳамин шикаст хӯрданд.

Соли 1834 дар Лион шӯриши дуюми коргарон ба амал омад. Аз 9 то 15 апрел дар шаҳр байни коргарон ва нерӯҳои ҳукуматӣ ҷангҳои шадид ба амал омаданд. Ҳукумат бар зидди шӯришчиён артиллерияро истифода бурд. Дар натиҷаи сӯхтор даҳҳо хонаҳо сӯхта, несту нобуд гардиданд. Ин шӯриш ҳам ба хун оғӯшта шуд. Қариб 800 нафар шӯришчиён ҳалок гардиданд.

Ҳаракати коргарӣ дар Фаронса солҳои 40-ум низ идома ёфт.

Аз 4 то 6 июни соли 1844 бофандагони музофоти Силезияи Олмон шӯриш бардоштанд. Аввал он дар фабрикаҳои Свантсигер ба амал омад. Дар деҳкадаи Петерсвалдау коргареро барои хондани суруди инқилобӣ ҳабс карданд. Рафиқонаш тарафи ӯро гирифтанд. Онҳо талаб карданд, ки соҳибкор Свантсигер ӯро озод кунад. Бофандагони фабрикаҳои дигари гирду атроф коргарони фабрикаи Свантсигерро дастгирӣ карданд. Ҳукуматдорони маҳаллӣ аз ин воқеа сахт ба ҳарос афтида, қӯшун даъват намуданд. Дар натиҷаи задухӯрд 11 нафар куштаю 24 кас захмдор ва 70 нафари дигар ба ҳабс гирифта шуданд.

Баъди шӯриши июнии Олмон ошубҳои коргарӣ дар наздикии Прага, музофотҳои кӯҳии Чехия, Моравия ва шаҳру вилоятҳои дигари Олмон ба амал омаданд.

***Ҳуҷҷат***

***Арзномаи аввали миллӣ***

*(Дар шаҳри Бирминген мураттаб гардида, 14 майи соли 1838 нашр шуда, 14 июни соли 1839 ба парлумони Англия пешниҳод гардидааст).*

*Мо, арзкунандагони Шумо, дар мамлакате зиндагонӣ дорем, ки бо тоҷирони бофаросати худ фарқ мекунад. Фабрикадоронаш моҳиранд,*

*меҳнатдӯстии коргаронаш ба зарбулмасалҳо дохил шудааст. Мамлакати мо аҷоиб аст, хокаш ҳосилхез, иқлимаш солим..., он бандарҳои қулай ва роҳҳои дохилияш аз рӯи сифати худ нисбат ба давлатҳои дигар бартарӣ дорад.*

*Дар зарфи 23 сол мо аз сулҳ баҳра мебарем.*

*Вале, сарфи назар аз ҳамаи ин шароити мусоид барои халқ, сарфи назар аз ҷидду ҷаҳд ва малакаи самаранок истифода бурдани онҳо, мо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар зери бори гарони кулфат ва азобу машаққат ҳастем.*

*Мо дар зери бор аз андозҳои гароне, ки барои ҳукуматдоронамон хеле кам будааст, ба дод омадаем....*

*Мо ба ҳама тараф назар афкандем, бо кӯшиши зиёд сабабҳои эҳтиёҷоти ниҳоят вазнину пурмашаққатро кофтуков кардем....*

*Вақте ки давлат дифогаронро барои хизмат даъват мекунад, вақте ки он пул талаб мекунад, ҳеҷ кас на ҳуқуқи рад карданро дорад...на ҳуқуқи (бо сабаби қашшоқию нодонӣ) мавқуф гузоштани онҳоро.*

*Ҳангоме ки аз мо дастгирӣ ва итоатро талаб мекунанд, пас дар навбати худ табиат ва хирад ба мо ҳуқуқ медиҳад талаб кунем, ки ҳангоми нашри қонунҳо овози ҳама шунида шавад.*

*Мо вазифаҳои одамони озодро иҷро мекунем,биноан мо ҳам бояд ҳуқуқи одамони озодро дошта бошем.*

*Мо овоздиҳии умумиро тақозо мекунем.*

*Мо овоздиҳии пинҳониро тақозо мекунем. Мо интихоби ҳарсолаи парлумонро тақозо мекунем.*

*Мо талаб мекунем, ки ҳангоми интихоботи оянда ба аъзогии палатаи муътабари Шумо ризоияти интихобкунандагон бояд меъёри асосӣ бошад. Ба ҳар вакиле, ки интихоб шудааст, барои хизмат ба кори ҷамъиятӣ даъват шудааст, аз ҳисоби андози ҷамъиятӣ моҳонаи баланд ва бошарафона таъин карда шавад.*

*Ҳуқуқи умумии интихоботӣ метавонад воқеан ба миллат ваҳдати ҳақиқӣ ва тӯлонӣ биёварад.*

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Исбот кунед, ки дар Англия саноати калон ба вуҷуд омадааст. **2**. Кадом далелҳо собит мекунанд, ки дар Англия табаддулоти саноатӣ ба вуҷуд омадааст? **3**. Бӯҳрони шадиди аввалини иқтисодӣ дар Англия кай ба амал омад? Он чӣ натиҷа дод? **4**. Дар бораи ҳаракати чартистӣ дар Англия нақл кунед. **5**. Ҷонибдорони «Неруи ахлоқӣ» ва «Неруи ҷисмонӣ» чӣ мақсад доштанд? **6**. Чаро ҳаракати чартистӣ дар солҳои 40-уми асри XIX заиф шуда, оқибат барҳам хӯрд? **7**. Дар Олмон табаддулоти саноатӣ кай оғоз ёфтааст? **8**. Олмон аз чанд давлатҳои хурду бузург ва шаҳрҳои мустақил иборат буд? **9**. Қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеаро шарҳ диҳед. **10**. Кадом воқеа дар бораи болоравии ҳаракати иҷтимоӣ дар Олмон шаҳодат медиҳад? **11**. Ба фикри Шумо дар марҳалае, ки дар мамолики Аврупо ҳаракати демократӣ суръат мегирифт, бо кадом роҳҳо адолати иҷтимоиро барқарор кардан лозим буд?

## §19-20. ҲАРАКАТИ СОТСИАЛИСТӢ ВА КОММУНИСТӢ

**Томас Мор.** Яке аз асосгузорони сотсиализми хаёлӣ Томас Мор (1478-1535) мебошад. Ӯ **гуманисти давраи эҳёи** Англия ба шумор меравад. Томас Мор дар солҳои 1529-1532 дар Англия дар мансабҳои баланди давлатӣ кор кардааст. **Ақидаҳои сотсиалистии** худро Томас Мор соли 1516 дар китоби **«Утопия»** инъикос намудааст. Дар ин асар оид ба сохти беҳтарини давлатӣ, ки дар он на шоҳ ҳасту на гадо, ҳама неъматҳои моддиву маънавӣ фаровон, барои ҳама аъзоёни ҷомеа дастрас ва ҳама аъзоёни ҷомеа хушбахтанд, сухан меравад.

Маънои калимаи «Утопия» - «вуҷуд надоштан», «чизи хаёлӣ» мебошад. Яъне дар китоб сухан дар бораи давлате меравад, ки дар ҷазираи Утопия будааст. Аммо чунин ҷазира вуҷуд надорад. Ин сохти давлатии боадолатро Томас Мор хаёлан ба қалам додааст.

Тақдири муаллифи «Утопия» фоҷиабор аст. Бо фармони шоҳи Англия Томас Мор барои ақидаҳояш соли 1585 қатл карда шудааст.

**Сотсиалистони хаёлӣ**. Бенавоӣ ва қашшоқии коргарону косибон барои дар Фаронса ба вуҷуд омадани ғояҳои хаёлӣ замина гузошт. Сотсиалистони хаёлӣ эътирози меҳнаткашонро алайҳи сармоядорон дар асарҳои худ хаёлан ифода намудаанд. Таълимоти сотсиалистони хаёлии Фаронса Сен-Симон, Фуре ва сотсиалисти хаёлии Англия Роберт Оуэн ва аз тарафи онҳо танқид карда шудани ҷиҳатҳои манфии ҷомеаи сармоядорӣ дар рушди тафаккури сотсиалистии мардум мақоми баланд пайдо намуд.

Ба вуҷуд омадани таълимоти сотсиалистони хаёлӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки зиёиён аз натиҷаҳои инқилоби буржуазии охири асри XVIII Фаронса норозӣ буданд. Ваъда ва шиорҳои ин инқилоб, ки даъват ба озодию баробарӣ ва бародарӣ буданд, дар амал иҷро нагардиданд. Халқ мисли пештара бе пуштибон буд. Сотсиалистони хаёлӣ боварӣ доштанд, ки паҳн кардани ғояҳои судбахш метавонад ба маданияти ҷомеа таъсир расонад. Аз ин сабаб онҳо барои кор карда баромадан ва дар ҷомеа паҳн намудани чунин ғояҳо камар бастанд.

**Анри де Сен – Симон** (1760-1825) яке аз шахсони бомаърифати замони худ буд. Вай дар оилаи ашроф таваллуд шудааст. Дар ҷавонӣ аз риёзишинос ва файласуфи машҳур Даламбер таълим гирифтааст. Мақсади асосии ҳаёти худро Сен-Симон дар кор карда баромадани лоиҳаи чунин ҷомеае медид, ки ба мардум бахту саодат биёварад.

Сен - Симон боварӣ дошт, ки дар пешрафти ҷомеа ивазшавии шакли моликият ва рушди саноат мақоми калон дорад. Инкишофи маърифатро ӯ нерӯи ба пеш ҳаракатдиҳандаи ҷомеа меҳисобид. Сен-Симон қайд мекунад, ки инқилоби Фаронса қонунист, вале он аз роҳи дуруст берун баромадааст. Аз ин ҷост, ки ҳокимият ба дасти шахсони аз илму фарҳанг дур гузашт.



89. Анри Сен-Симон

Ҷомеаи сармоядориро маҳкум намуда, Сен-Симон исбот кард, ки чунин сохти давлатие бунёд карда шавад, ки дар он манфиатҳои шахсию ҷомеа ба ҳам баробар бошанд. Ин гуна ҷомеаро «Низоми нави саноатӣ» номид. Фарқи онро Сен-Симон дар нишонаҳои зерин медид: ҳамаи одамон дар иттиҳодияҳое кор мекунанд, ки бо якдигар алоқа ва ҳамкории зич доранд, мавқею мақоми ҳар кас дар ин ҷомеа аз рӯи меъёри меҳнаташ муайян карда мешавад. Сен-Симон дар «Низоми нави саноатӣ» мақоми роҳбарикунандаро ба саноатчиён, бонкдорон ва олимон додааст. Асоси **фалсафию ахлоқии ин ҷомеаро** ӯ «Насронияи нав» мешуморад, ки муҳтавои он дар ин хитоба ифода ёфтааст: «Шахси наздикро дӯст дор!».

Дар «Низоми нави саноатӣ»-и Сен-Симон моликияти хусусии соҳибкорон вуҷуд дорад. Буржуазия ва коргаронро ӯ ба гурӯҳи «индустриалҳо» дохил кардааст. Сен-Симон боварии комил дошт, ки соҳибкорон муҳофизони манфиатҳои коргарон хоҳанд буд.

Сен-Симон ва шогирдони ӯ зидди бо роҳи инқилобӣ - хунрезӣ дигаргун кардани ҷомеа буданд. Баъди вафоти Сен-Симон шогирдони ӯ Анфантэн ва Базар ақидаҳои устоди худро бо роҳу воситаҳои гуногун ба мардум тарғибу ташвиқ мекарданд. Онҳо ақидаҳои Сен-Симонро гирд оварда, соли 1830 бо номи «Баёни таълимоти Сен-Симон» китоберо чоп ва дастраси мардум намуданд.

**Шарл Фуре** (1772-1837) дар оилаи тоҷир таваллуд шудааст. Солҳои инқилоби буржуазии Фаронса оилаи онҳо муфлис шуд. Баъд Шарл дар яке аз ширкатҳои калони тиҷоратӣ чун хизматчии хурд ба кор медарояд.

Дар рисолаҳои худ Шарл Фуре тамаддуни буржуазиро ба зери танқиди сахт гирифтааст. Махсусан, дар рисолаи «Ҷаҳони



90. Шарл Фуре

нави саноатӣ ва ҷамъият» ӯ ақидаҳои худро хеле возеҳу равшан баён намудааст.

Мувофиқи нақшаи Фуре асоси ҷомеаи баробарро бояд **фаланга** ташкил диҳад. Фаланга иттиҳоди истеҳсолию меҳнатиест, ки дар он одамон якҷоя бо меҳнати саноатию кишоварзӣ машғул мебошанд. Шарл Фуре дар назар дошт, ки аъзоёни ин иттиҳод дар қасрҳо - фалангаҳо зиндагонӣ хоҳанд кард. Дар он ҷо барои онҳо тамоми шароити **моддию маънавӣ** муҳайё карда мешавад. Дар фаланга ҳар кас ба касби дӯстдоштаи худ машғул шуда метавонад. **Зиддияти байни меҳнати ҷисмонию фикрӣ** ва **фарқи байни шаҳру деҳот** дар ҷомеа дида намешавад.

Шарл Фуре ба мисли Сен-Симон дар назар дошт, ки гузариш ба ҷомеаи нав бе хунрезӣ, ба таври осоишта ба амал меояд. Ин кор бо ёрии баъзе сармоядорони ташаббускор амалӣ хоҳад гашт. Онҳо маблағ ҷудо мекунанд, ки фалангаҳои намунавии аввалин ташкил карда шаванд. Баъд таҷрибаи онҳоро барои бунёди «Ҷомеаи баробар» дигарон низ қабул хоҳанд кард. Барои он ки сармоядорон ба ин кори аҷиб ҳавасманд шаванд, як миқдор даромади ин фалангаҳо бояд ба онҳо дода шавад. Ҳамаи даромади фалангаҳо ба аъзоёни он мувофиқи меҳнату қобилияташон тақсим карда мешавад.



91. Роберт Оуэн

**Роберт Оуэн** (1771-1858) намояндаи машҳури сотсиалистони хаёлии англис мебошад. Ӯ ҳамчун соҳиби фабрикаи бофандагӣ аз меҳнати пурмашаққати коргарон ва қашшоқии онҳо хуб огоҳ буд. Оуэн хост, ки аҳволи коргаронро беҳтар кунад. Барои ин ӯ рӯзи кории онҳоро дар фабрикааш 10 соату 30 дақиқа карда, музди меҳнаташонро баланд намуд. Барои коргарони фабрика дӯконҳои хӯрокворию ошхонаҳо кушод. Нафақаи беморию пиронсолагиро ҷорӣ намуд. Истифодаи меҳнати кӯдаконро манъ кард.

Оуэн сармоядоронро ба зери танқиди сахт мегирад. Мавҷудияти моликияти хусусиро сабабгори асосии қашшоқии мардум медонист. Оуэн орзу мекард, ки чунин ҷомеае бунёд карда шавад, ки дар он моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот, фарқ дар байни меҳнати ҷисмонию фикрӣ ва қашшоқии мардум вуҷуд надошта бошад. Аз рӯи ақидаи Оуэн ҷомеаи ояндаи бесинф **федератсияи худидорашаванда** хоҳад буд. Тақсимоти неъматҳои моддӣ дар ин ҷомеа аз рӯи талаботи аъзоёни он ба амал баровварда мешаванд.

Дар миёнаи солҳои 20-ум Оуэн ба ИМА рафт ва бо ҳамроҳии тарафдоронаш дар Иёлоти Индиана **колонияи «Гармонияи нав»-ро** ташкил кард. Вале дар мамлакате, ки сармоядорӣ бо суръати тез тараққӣ мекунад ва музди меҳнати коргарон баланд аст, чунин ҷомеа дуру дароз умр дида наметавонист. Дар охири солҳои 20-ум «Гармонияи нав» барҳам хурд ва Оуэн ноумед ба Англия баргашт.

Роберт Оуэн фаъолияти худро оид ба бунёди ҷомеаи боадолат дар Англия давом дод. Соли 1832 дар шаҳри Лондон бозори ивазкунии молро ташкил кард. Вале он ҳам барор нагирифта, баъди 2 сол барҳам хӯрд. Оуэн соли 1834 «Иттифоқи бузурги миллӣ»-ро ташкил намуд, то ки тавассути он **нақшаи кооперативии** худро амалӣ намояд. Ин нақша ҳам амалӣ нагардид. Оуэн мехост, ки ташаббуси ӯро сарони давлатҳои Аврупо дастгирӣ кунанд. Вале ягон шоҳу императори сармоядор аз нақшаҳои ӯ истифода накарданд.

**Ҳаракати коммунистӣ**. Солҳои 40-уми асри XIX коргарони мамолики Аврупо бо баромадҳои сершумори инқилобии худ ба майдони мубориза қадам ниҳоданд. Онҳо ба муқобили **истисмори сармоядорӣ** ба мубориза бархостанд. Дар Англияи солҳои 30 -юм ва 40-ум **муборизаи пролетариат** бо номи «Чартизм» машҳур аст. Дар Фаронса солҳои 30-юм шӯриши коргарони фабрикаҳои бофандагии шаҳри Лион ба амал омад. Дар Олмон бошад, соли 1844 шӯриши бофандагони музофоти Силезия сар зад. Баромадҳои инқилобии коргарони Англия, Фаронса ва Олмон дар байни халқ таъсири калон гузошта, барои ба вуҷуд омадани **назарияи коммунизм** замина гузоштанд.

Шароити иқтисодӣ ва мақоми иҷтимоию сиёсӣ аҳли меҳнатро ба **муборизаи инқилобӣ** равон мекард. Ин мубориза аввал бенизом сурат мегирифт. Бинобар ин зарур буд, ки он аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шавад. **Таълимот** дар бораи роҳҳои озодкунии пролетариат ва сохтмони **ҷомеаи коммунистиро** Карл Маркс ва Фридрих Энгелс дар нимаи дуюми солҳои 40-уми асри XIX кор карда баромаданд.


92. Карл Маркс

**Карл Маркс.** Карл Маркс (1818-1883) дар шаҳри Трири музофоти Рейни Олмон таваллуд шудааст. Падари ӯ Генрих Маркс адвокат ва шахси бомаърифат буд. Ба **ғояҳои инқилоби буржуазии** Фаронса баҳои баланд медод. Ӯ аз қобилияти фавқулоддаи писараш барвақт огоҳ шуда, вайро барои таҳсил ба яке аз гимназияҳои беҳтарини Трир гузошт. Баъди хатми он Карл Маркс ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Бонн дохил шуда, баъди 1 сол барои давом додани таҳсил ба Донишгоҳи Берлин гузашт. Дар ин донишгоҳ ӯ ба омӯзиши амиқи таърих, назарияи ҳуқуқ, фалсафа, таърихи санъат ва адабиёт пардохт.

Дар давраи донишҷӯӣ Маркс фалсафаи Гегелро аз худ карда, ба **маҳфили гегелчиёни чап** дохил мешавад.

Баъди хатми донишгоҳ Карл Маркс дар мавзӯи **«Фарқи байни натурфалсафаи Демокрит ва натурфалсафаи Эпикур» рисолаи докторӣ** навишта, онро бомуваффақият дифоъ намуд.

Солҳои 1842-1843 Маркс дар «Рӯзномаи Рейн» кор кард. Фаъолияти инқилобии ӯ аз ҳамин рӯзнома оғоз ёфтааст.

**Фридрих Энгелс**. Фридрих Энгелс (1820-1895) дар оилаи фабрикадори шаҳри Бармени музофоти Рейни Олмон таваллуд шудааст. Фридрихи ҷавон истеъдоди фавқулодда дошт. Дар овони ҷавонии ӯ илмҳои бисёреро аз худ кардаст.

Кашшоқию гуруснагӣ ва бенавоии мардум дар қалби Фридрихи ҷавон раҳму шавқати зиёдеро нисбати мардуми заҳматкаш бедор карда буд. Энгелс аз 15-солагӣ ба фаъолияти адабӣ шурӯъ карда, дар матбуот ҳамчун **инқилобчии демократ** баромад мекард.

Фридрих Энгелс соли 1841 ҳангоми дар Берлин хизмати ҳарбиро адо кардан ба донишгоҳи он ҷо ҳамчун шунавандаи озод дохил мешавад. Энгелс низ бо гегелчиёни чап алоқа пайдо мекунад.

Аз охирҳои соли 1842 Фридрих Энгелс муддате дар шаҳри Лондон зиндагӣ мекунад. Дар Англия падараш корхонае дошт,

ки ба ӯ мерос монда буд. Энгелс бо чашмони худ дид, ки вазъияти зиндагии **коргарони саноатӣ** чӣ тавр вазнин аст. Аз ин рӯ, барои аз истисмор озод кардани онҳо камар мебандад.

**Иттифоқи Коммунистон.** Маркс ва Энгелсро бо ҳам ақидаҳояшон наздик карданд. Соли 1842 вохӯрии аввалини онҳо дар идораи «Рӯзномаи Рейн» ба амал омад. Соли 1844 Энгелс барои боздиди Маркс ба Париж рафт ва аз ҳамон вақт сар карда, дӯстии якумраи ғоявии онҳо оғоз ёфт.



93. Фридрих Энгелс

Дар аввали соли 1847 аз тарафи роҳбарияти ҳамонвақтаи **«Иттифоқи одилон»** таклиф карда шуд, ки Маркс ва Энгелс барои ин созмон оинномa мураттаб созанд ва инчунин роҳбарии созмонро ба ӯҳда гиранд. Онҳо оинномаи «Итифоқи одилон»-ро мураттаб сохтанд ва барои аз нав ба низом даровардани ин созмон шурӯъ карданд.

Дар конгресси Лондонии соли 1847 созмон қарор дод, ки «Иттифоқи одилон» ба **«Иттифоқи коммунистон»** табдил дода шавад. Дар охирҳои соли 1847 Конгресси дуюми «Иттифоқи коммунистон» баргузор гардид. Коргарон ва сотсиалистоне, ки дар конгресс ширкат доштанд, ба Маркс ва Энгелс супориш доданд, ки барномаи «Иттифоқи коммунистон»-ро мураттаб созанд. Ин барнома «Манифести Партияи Коммунистӣ» номида шуд.

**Манифести Партияи Коммунистӣ.** Мураттибони барномаи «Иттифоқи коммунистон» таъкид мекунанд, ки асоси ҷамъияти инсониро тараққиёти иқтисодии вай ташкил медиҳад. Асосгузорони марксизм алоқамандии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро дар «Манифести Партияи Коммунистӣ» кушода, оқибати зиддияти байни онҳоро пешгӯӣ ҳам кардаанд.

Маркс ва Энгелс дар «Манифести Партияи Коммунистӣ» нишон доданд, ки таърихи инсоният таърихи **мубориза синфҳо** мебошад. Онҳо исбот намуданд, ки муборизаи синфӣ нерӯи ҳаракатдиҳандаи ҳама **ҷомеаҳои антогонистӣ** мебошад. Зиддияти синфӣ ба **форматсияи сармоядорӣ** хос аст. Ҷомеа дар он ба ду гу-

рӯҳи калони бо ҳамдигар душман - **буржуазия ва пролетариат** тақсим шудааст.

Қонуниятҳои инкишофи **форматсияҳои антогонистиро** таҳлил намуда, Маркс ва Энгелс шарҳи муфассали ҷомеаи сармоядориро пешкаш намуданд. Онҳо мақоми пешқадам доштани тарзи сармоядории истеҳсолотро нисбат ба тарзҳои гузаштаи истеҳсолот қайд намуда, нишон доданд, ки буржуазия дар зарфи сад сол дар натиҷаи истисмори бераҳмонаи коргарон чунон нерӯҳои пурзӯри истеҳсолкунандаро ба вуҷуд овард, ки дар тамоми таърихи дуру дарози гузаштаи худ инсоният чунин қувваҳои истеҳсолкунандаро ба вуҷуд наоварда буд.

Буржуазия аз ӯҳдаи идоракунии қувваҳои истеҳсолкунандаи бузург натанҳо баромада натавонист, балки ӯ бо ҳамин гӯри худро ҳам тайёр кард. Пролетариат баробари буржуазия ба вуҷуд омада, камол ёфт ва пурзӯр шуд.

Дар «Манифест...» Карл Маркс ва Фридрих Энгелс боварӣ изҳор кардаанд, ки дар оянда пролетариат бар буржуазия ғалаба хоҳад кард.

«Манифести Партияи Коммунистӣ» бо шиори зерин хотима меёбад: «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!».

Асосгузорони марксизм дар ин ҳуҷҷати барномавии ҳаракати коммунистӣ принсипҳои муҳимтарини **назарияи марксистӣ** - мубориаи синфӣ, ногузирии **инқилоби сотсиалистӣ**, барпо карда шудани **диктатураи пролетариат** ва сохтмони **ҷомеаи коммунистиро** аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардаанд.

Вале раванди таърихӣ дар нимаи дуюми асри XIX, ҷараёни **ҳаракати коммунистӣ** дар ҷаҳон ва таҷрибаи сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ дар асри XX дар як қатор давлатҳо исбот намуданд, ки назарияи коммунистии Маркс ва Энгелс аз бисёр ҷиҳат ифротӣ ва хаёлӣ мебошанд. Он ба принсипҳои воқеии адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои азалии инсонӣ ва гуманизм мувофиқат намекунад. Онҳо дар амал тарғиботгари **диктатураи золим** ва **поймолкунандаи ҳуқуқҳои табақаҳои гуногуни ҷомеа** гардиданд. Маълум аст, ки барои дар ҷомеа ҷорӣ намудани адолат як диктатураро бо диктатураи дигар иваз кардан мумкин нест. Чунин шароите муҳайё кардан лозим аст, ки **ҳуқуқшиканӣ** ва беадолатӣ аз байн бардошта шавад.

### *Ҳуҷҷатҳо*

#### *1. Шарл Фуре дар бораи сохти фаланга ва фаланстер*

*...Нобаробарӣ - асосест, ки ба ҳамаи хаёлоти фалсафӣ хотима мегузорад... Агар ягон иштирокчии фаланга амволи калон надошта бошад,*

*ҳеҷ кас намехоҳад, ки аз амволи ӯ нафарони камбизоат ва кӯдакони онҳо истифода баранд. Ҳамагон бояд дар бораи даромад фикр бикунанд...*

*Вале агар дар гурӯҳ аъзоёни бой бошанд, онҳо ба он даромаде, ки аз рӯи фоизи саҳмия ва сармояашон хоҳанд гирифт, қаноат мекунанд...*

*Дар ҳар як иттиҳодия бояд иштирокчиён аз рӯи табъу рағбаташон ба гурӯҳҳо тақсим карда шаванд....бо мақсади он ки қобилияти ҳар як аъзо пурра инкишоф дода шавад.*

*Биное, ки дар он аъзоёни фаланга зиндагонӣ мекунад, ба ягон манзилгоҳи мо монанд нест...*

*Қисми марказии қаср, ё худ фаланстер барои корҳое муайян карда шудаанд, ки вазифаҳои асосӣ — ошхона, биржа, китобхона, машғулиятҳои илмӣ ва ғайраро иҷро менамоянд...*

*Дар сурати аъзо шудан ба фаланга ба замин, мавод, мебели...ӯ нарх гузошта мешавад...*

**2. Иқтибосҳо аз «Манифести Партияи коммунистӣ»-и**
**К. Маркс ва Ф. Энгелс**

*Шабаҳе дар Европа гаштааст - шабаҳи коммунизм. Ҳамаи қувваҳои Аврупои кӯҳна: папаю подшоҳ, Меттерниху Гизо, радикалҳои французу полисайҳои немис барои ба номи илоҳӣ таъқиб кардани ин шабаҳ муттаҳид шудаанд...*

*Озод ва ғулом, патритсий ва плебей, помешик ва крепостной, усто ва шогирдонаш, хулоса золим ва мазлум нисбат ба якдигар зиддияти доимӣ доштанд, муборизаи пай дар пайро гоҳ пинҳонӣ ва гоҳо ошкоро мебурданд, ки ин мубориза ҳамеша бо навсозии револютсионии тамоми бинои ҷамъиятӣ ё ба ҳалокати умумии синфҳои муборизакунанда анҷом меёфт...*

*Дар давраҳои гузаштаи таърихӣ мо қариб ҳама ҷо комилан ба табақаҳои гуногун тақсим шудани ҷамъият - зинаи томи мавқеъҳои гуногуни ҷамъиятро мебинем. Дар Рими қадим мо патритсийҳо, савораҳо, плебейҳо, ғуломон, дар асрҳои миёна ҳокимони феодалӣ, вассалҳо, устоҳо ва шогирдони сех, крепостноиҳоро мебинем, ки илова бар ин дар дохили ҳар яке аз ин синфҳо дараҷаҳои махсус ҳам буданд...*

*Ҷамъияти буржуазии ҳозира, ки аз дохили ҷамъияти ҳалокшудаи феодалӣ баромадааст, зиддиятҳои синфиро барҳам назад. Вай фақат ба ҷои синфҳои кӯҳна, шароити кӯҳнаи ситамгарӣ ва шаклҳои кӯҳнаи муборизаи синфҳои нав, шароити нави ситамгарӣ ва шаклҳои нави муборизаро гузошт.*

*Вале давраи мо, давраи буржуазия, ҳамин қадар фарқ дорад, ки зиддиятҳои синфиро зиёдтар кардааст: ҷамъият торафт бештар ба ду лагери калони ба ҳамдигар душман, ба ду синфи калоне, ки ба ҳамдигар муқобиланд –ба буржуазия ва пролетариат тақсим мешавад...*

*...фарқи коммунистҳо аз партияҳои дигари пролетарӣ фақат дар он аст, ки онҳо, аз як тараф, дар муборизаи пролетарҳои миллатҳои гуногун манфиатҳои умумии ба миллат вобаста набудаи тамоми пролетариатро ҷудо ва муҳофизат мекунанд; аз тарафи дигар, дар ин*

*аст, ки онҳо дар зинаҳои гуногуни тараққиёт, ки муборизаи пролетариат бо буржуазия ин зинаҳоро тай мекунад, ҳамеша намояндаи манфиатҳои тамоми ҳаракат мебошанд…*

*Дар ҳаққи мо, коммунистҳо, таъна мезананд, ки мо мехоҳем моликиятеро, ки шахсан бо меҳнати худ ба даст оварда шудааст, моликиятеро, ки асоси ҳама гуна озодии шахсӣ, амалиёт ва мустақилии шахсӣ мебошад, барҳам занем…*

**Савол ва супоришҳо:** 1. Томас Мор кист? Ибораҳои «сотсиализми хаёлӣ» ва ё «сотсиалистони хаёлӣ» бо номи ӯ чӣ муносибат доранд? 2. Мазмуни ибораи лотинии «Утопия»-ро маънидод кунед? 3. Киҳоро сотсиалистони хаёлӣ номидаанд? 4. Чаро баъди инқилоби буржуазии Фаронса ғояҳои сотсиалистони хаёлӣ пайдо шуданд? 5. Дар бораи Сен-Симон чиро медонед? 6. Кадом ақидаҳои Шарл Фуре ба Шумо маъқул шуданд? 7. Дар бораи фаъолияти сотсиалисти хаёлии англис Роберт Оуэн нақл кунед. 8. Фикри шахсии худро дар бораи ақидаҳои сотсиалистони хаёлӣ баён намоед. Магар ҳамаи ақидаҳои онҳо хаёлӣ буданд? 9. Чаро дар солҳои 40-уми асри XIX дар Аврупо назарияи коммунизм ба вуҷуд омад? 10. Дар бораи Карл Маркс ва Фридрих Энгелс нақл кунед. 11. Дар бораи «Иттифоқи одилон» ва «Иттифоқи коммунистон» чиро медонед? 12. Карл Маркс ва Фридрих Энгелс кадом супоришҳои «Иттифоқи одилон» ва «Иттифоқи коммунистон»-ро иҷро карданд? 13. Дар бораи барномаи «Манифести Партияи Коммунистӣ» маълумот диҳед. 14. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §21-22. ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ДАР АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ

То ибтидои давраи нав тақрибан тамоми Амазонкаи Ҷанубӣ мустамликаи Испониё буд. Бразилия, ки мустамликаи Португалия буд, нисфи ин қитъаро ташкил медод. Ҷазираи Гаити, ки дар баҳри Кариб воқеъ аст (галаҷазираҳои Вест-Индия), то соли 1804 ба Фаронса тааллуқ дошт.

**Инқилоби ғуломон дар Гаити соли 1791**.Ҷазираи Гаитиро Христофор Колумб кашф карда, дар он ҷо аввалин мустамликаи аврупоиҳоро таъсис дода буд. Баъд аз ин ҷазира ба дасти роҳзанони фаронсавӣ гузашт, ки онҳо аз ин ҷо барои ғорат ба киштиҳои тиҷоратӣ ҳамла мекарданд. Минбаъд ҷазираи Гаити ба ихтиёри Фаронса мегузарад.

Қисми зиёди ҳиндуёни маҳаллӣ аз касалиҳо мурданд, ё кир карда шуданд. Аз ин рӯ, барои коркарди заминҳои найшакар ба Гаити аз Африқо ғуломони зиёди сиёҳпӯстро меоварданд.

То охири асри XVIII дар Гаитии Фаронса зиёда аз 400 ҳазор ғуломони сиёҳпӯст ва даҳҳо ҳазор дурага (насли сафедпӯстону сиёҳпӯстон) зиндагӣ мекарданд. Аз ҳисоби меҳнати онҳо сафед-

пӯстон бой мешуданд. Дар ҷазира инчунин бисёр фермерҳои сафедпӯст ва ҳунармандон сокин буданд.

Дар натиҷаи меҳнати тоқатфарсо ғуломон тез-тез шӯриш мебардоштанд. Шӯрише, ки соли 1791 ба амал омад, дар таърих ягона шӯриши ғалабакардаи ғуломон буд, ки ҳокимиятро ба даст дароварда, давлати начандон калон, вале мустақили худро ташкил карданд. Ин муваффақият тавассути ҷидду ҷаҳди муштараки ғуломон, камбағалон ва сафедпӯстони тобеъ ба амал омад. Роҳбари инқилоби ғуломон дар Гаити Туссен Лувертюр буд.

**Туссен Лувертюр**. Туссен Лувертюр дар оилаи ғулом таваллуд шудааст. Туссен марди ҷасуру далер буд ва қобилияти баланди роҳбарӣ карданро дошт. Шиори мо - ғалаба ё марг, марг ё озодӣ!- мегуфт ӯ. Туссен Лувертюр ғуломонро озод ва заминҳоро ба онҳо тақсим намуд. Баъди якчанд сол лашкари Наполеон Бонапарт Гаитиро забт намуд. Туссен Лувертюр асир афтод. Ӯро мустамликадорони нави Гаити ба Фаронса фиристоданд. Туссен дар маҳбас вафот мекунад. Фаронса, ки ба ҷангҳои Аврупо машғул буд, мардуми Гаити аз фурсат истифода бурда, лашкари ӯро аз он ҷо пеш карда, Гаитиро аз нав соҳибистиқлол эълон намуданд.

Дар ҷазира Ҷумҳурии Гаити ташкил карда шуд. Заминҳои беҳтарин оҳиста-оҳиста ба дасти мулкдорон гузашт. Минбаъд қисми шарқии ҷазира аз Гаити ҷудо шуда, давлати мустақил шуд.

**Вазъи мустамликаҳои испонӣ дар Америкаи Лотинӣ.** Ҳиндуён дар Мексика (атстекҳо) ва Америкаи ҷанубӣ (инкҳо) ба истило-



94. Туссен Лувертюр ва сарбозони артиши ӯ



95. Фиристодани ғуломони зангии дар музояда фурӯхташуда ба соҳибони нави онҳо

гарони испонӣ сахт муқобилият нишон медоданд. Бештари онҳо дар муборнза ҳалок шуданд (имрӯз қисми зиёди аҳолии Америкаи Лотинӣ ҳиндуён ва авлодони ҳиндуёну сафедпӯстон –дурагаҳо ва мулатҳо мебошанд).

Дворянҳою тоҷирони бенавогашта ва дигар ҷӯяндагони пули муфт дар ҷустуҷӯи тиллою нуқра ба мамлакатҳои Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ сафар менамуданд. Баъди ғасби захираҳои тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳо истилогарони испонию португалӣ конҳои тиллою нуқраро аз худ карданд. Дворянҳо ва аҳли калисо заминҳои беҳтарин - киштзорҳои найшакар, қаҳва ва тамоку бунёд карда, дар чарогоҳҳо асп, гов ва гӯсфанд парвариш менамуданд. Ҳиндуёни аз замин маҳрумгардида ба мардикорони нимтобеъ табдил меёфтанд. Ба дӯши онҳо андозҳои гарон бор карда шуданд. Аҳли калисои испонӣ ибодатхонаҳои ҳиндуёнро вайрон карда, онҳоро маҷбур мекарданд, ки калисоҳои насронӣ бунёд кунанд. Нобудшавии ҳиндуҳо мустамликадоронро маҷбур кард, ки барои дар киштзорҳои Ямайка, Куба ва Бразилия кор кардан аз Африқо ғуломони зангӣ биёранд.

Ҳиндуён шӯриш мебардоштанд. Чунончӣ, доҳии ҳиндуҳо Тупак Амару соли 1780 дар Перу шӯриш бардошта, ғуломдориро барҳам дод, амалдорони испониро аз мамлакат пеш кард ва ба ҷои онҳо сардорони ҳиндуро интихоб намуд. Вале лашкари хуб мусаллаҳшудаи мустамликадорон беш аз 60 ҳазор нафар ҳиндуёни бесилоҳро торумор кард. Худи Тупак Амаруро дастгир намуда, забонашро аз ҳалқаш канданд ва ваҳшиёна ба ҳалокат расониданд. Манзили доҳии ҳиндуёнро ба хок яксон карда, намак пошиданд, то ки алаф нарӯяд. Ҳазорон нафар ҳинду ба қатл расонида шуд, вале шӯришҳо қатъ нагардиданд.

Испониҳо аз Америкаи Лотинӣ тилло, қанд, пахта, қаҳва, тамоку ва маҳсулоти дигар гирифта, ба он ҷо маҳсулоти саноатӣ бурда мефурӯхтанд. Дар баробари ин дар мустамликаҳо савдо ва саноати маҳаллӣ тараққӣ мекард. Дар асри XVIII мустамликаҳои америкоии Испониё ба истеҳсоли пӯст ва гӯшту шир, пойафзол, шиша, силоҳ, борут, сохтани киштиҳои хурд ва тайёр кардани нах машғул буданд.

Дар баробари тараққиёти иқтисодиёти мустамликаҳо ҳаракатҳои озодихоҳии халқҳои онҳо барои истиқлолият низ авҷ мегирифт.

Амалдорон, генералҳо ва афсароне, ки аз Испониё омада буданд, дар мустамликаҳо ҳукмронӣ карда, боигарии зиёд ғун мекарданд. Онҳо ба креолҳо (мардуми таҳҷоии аҷдодашон испонӣ) нафрат доштанд. Дар байни креолҳо табақаи ҳукмрон заминдорон, тоҷирон, роҳибон ва рӯҳониён буданд. Амалдорони испонӣ креолҳоро дар мустамликаҳо ба вазифаҳои калони маъмурӣ таъин намекарданд. Худро аз онҳо баланд мегирифтанд. Помешикон ва тоҷирони креолӣ аз андозҳои вазнин ва худсарии амалдорони мустамликадор ва инчунин аз он ки ҳокимони испонӣ муносибатҳои тиҷоратии онҳоро бо дигар давлатҳо манъ карда буданд, ба ғазаб меомаданд. Ин ба савдогарони испонӣ имкон медод, ки худсарона нархи молашонро баланд бардоранд.

То ибтидои асри XIX ба таври махфӣ ба мустамликаҳо молҳои англисӣ бисёр оварда мешуданд. Англия ва Испониё барои савдои молҳои худ дар мустамликаҳо озодӣ ба даст овардан мехостанд. Аз ин рӯ, креолҳои ватандӯст ба дастгирии буржуазияи Англия умед мебастанд.



96. Зангиҳои ғулом ҳангоми коркарди найшакар дар мулки заминдор

Зулми мустамликавӣ ба тараққии минбаъдаи кишоварзӣ ва тиҷорат монеаи асосӣ гардид. Бинобар ин дар мустамликаҳо барои ташкил намудани давлатҳои мустақил кӯшишҳо зиёд шуда, ҳаракати озодихоҳӣ ба муқобили зулми мустамликавии Испониё авҷ мегирад. Дар байни заминдорони бомаърифат ва хусусан афсарони креолӣ ғояҳои озодихоҳӣ паҳн мегардиданд. Ба ҳаракати озодихоҳӣ бештар креол-дворянҳои инқилобчӣ роҳбарӣ мекарданд.

Деҳқонони нимтобеъ мехостанд, ки аз зулми заминдорон ва судхӯрон озод шуда, соҳиби замин шаванд. Халқ умед дошт, ки аз худсарии амалдорон ва истисмор халос шавад. Вале заминдорон, тоҷирон ва намояндагони калисо мехостанд, ки мулкҳои худ ва ғуломдориро нигоҳ дошта, деҳқонон ва ҳунармандонро дар тобеияти худ монанд. Аз ин рӯ, мақсадҳои заминдорони ҳукмрони креолӣ дар ҳаракати озодихоҳии зидди зулми мустамликавии Испониё ба манфиатҳои оммаи халқ мувофиқ намеомаданд. Вале арбобони инқилобии ҳаракати озодихоҳӣ кӯшиш мекарданд, ки ба дастгирии оммаи халқ- деҳқонон, ҳунармандон, ҳиндуҳо, дурагаҳо, мулатҳо ва ғуломони зангӣ, ки умеди озодӣ доштанд, такя кунанд.

**Ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дар Мексика.** Соли 1810 дар мустамликаҳои испонии Америкаи Лотинӣ шӯришҳои оммавӣ сар заданд. Дар натиҷаи муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Америка бисёр ватандӯстон ба майдон омаданд. Халқи Мексика ҳоло ҳам номҳои қаҳрамонони шӯҳратманди озодихоҳи халқи худ, пешвоёни шӯриши деҳқонони камбағал Мигел Идалго ва Хосе Морелосро бо эҳтиром ба забон мегиранд ва ёдоварӣ мекунанд.


97. Мигел Идалго

Рӯҳонии деҳотӣ Идалго дар байни сокинони маҳаллӣ, махсусан дар байни ҳиндуён, ки забони онҳоро медонист, обрӯи калон дошт. Соли 1810 Идалго ҳиндуён ва дурагаҳоро, ки ба табақаи камбағалтарини деҳқонон таалluқ доштанд, даъват намуд, ки барои истиқлолият мубориза баранд ва заминҳои аз онҳо гирифтаро ба худ баргардонанд. Аз ҳиндуён ва дурагаҳои шӯриш-

бардошта як лашкари том ташкил шуд. Шӯриш қисми зиёди мамлакатро фаро гирифт. Идалго ба ғуломдорон фармон дод, ки дар муддати 10 рӯз тамоми ғуломони худро озод кунанд ва андозеро, ки ҷамоаҳои ҳиндуӣ ба ҳокимони мустамлика медиҳанд, бекор кунанд. Ҳокимони испонӣ ба Идалго таклиф карданд, ки агар таслим шавад гуноҳашро мебахшанд. «Бахшиш ба худи ҷинояткорон лозим аст, на ба муҳофизатгарони ватан! - гуфт Идалго». Лашкари Испониё ба аскарони ихтиёрии Идалго шикаст дода, соли 1811 Идалгоро асир гирифта, парронданд.



98. Хосе Морелос

Муборизаи Идалгоро ҳамсафи наздиктарини ӯ, писари дуредгар Хосе Морелос давом дод. Морелос хачирбон ва баъд рӯҳонии камбағали деҳа буд. Морелос кӯшиш мекард, ки заминҳои ҳиндуёнро ба соҳибонашон баргардонад. Морелос заминҳоро аз заминдорони калон мусодира карда, барҳам додани ғуломдориро тасдиқ ва шиканҷаро бекор кард. Вақте ки ба Морелос унвони «аълоҳазрат»-ро таклиф намуданд, ӯ рад кард ва ба худ унвони «хизматгори миллат»-ро раво донист. Ӯ мехост, ки аҳволи камбағалонро беҳтар кунад. Морелосро 40 ҳазор нафар ҳиндуён дастгирӣ мекарданд, дар лашкари ӯ якчанд ҳазор нафар зангиҳо ҳам буданд. Вале дастаҳои артиши доимии испониҳо заминдорони калонро ба тарафи худ ҷалб карда, шӯришгаронро шикаст доданд ва Морелосро парронданд.

Минбаъд роҳбарии ҳаракати озодихоҳиро заминдорони калон ба даст гирифтанд. Муборизa барои истиқлолият дар Мексика давом мекард. Соли 1821 Мексика давлати мустақил шуд. Дар рафти инқилоб ғуломдорӣ барҳам дода шуд, вале деҳқонон аз зулми помешикону судхӯрон озод нашуданд. Баъди якчанд сол Мексика ҷумҳурӣ эълон карда мешавад.

**Ҷангҳои истиқлолиятхоҳӣ дар Америкаи Ҷанубӣ. Боливар.** Қаҳрамони машҳури халқҳои Америкаи Ҷанубӣ, ки ба муқобили зулми мустамликавӣ мубориза бурдааст, Симон Боливар мебошад.

Симон Боливар дар оилаи заминдор ва тоҷири калони креоли Венесуэла таваллуд ёфтааст. Ӯ маълумоти хуб гирифта, сар

то сари Аврупоро саёҳат карда, асарҳои Волтер ва Руссоро мутолиа намудааст. «Ман то занҷирҳои Испониёро, ки ватанамро печонида гирифтаанд, пора накунам, ором нахоҳам шуд» -гуфта буд ӯ.



99. Симон Боливар

Боливар артиши озодихоҳонаи Венесуэларо ташкил дод ва 21июни соли 1821 артиши Испониёро торумор ва Венесуэларо соҳибистиқлол эълон кард. Барои ҷангҳои бомуваффақият муқобили лашкари Испониё рутбаи генерал ва унвони фахрии «озодкунанда»-ро гирифт. Ӯ на танҳо ба креолҳои заминдор такя мекард, балки зангиҳою ҳиндуёнро низ ба мубориза бархезонд. Барҳам задани ғуломдориро эълон карда, бо ҳамин як қисми ғуломони зангиро ба тарафи худ ҷалб кард. Ба кишоварзони ҳинду ваъда дод, ки баробари тамом шудани ҷанг ба онҳо замин медиҳад. Вале аз сабаби муқобилияти соҳибони киштзорҳо ғуломдорӣ дар Венесуэла танҳо дар миёнаҳои асри XIX барҳам дода шуд.

Вақте ки Боливар барои ёрӣ ба мардуми пешқадами Аврупо муроҷиат кард, ба ӯ ихтиёриёни зиёде ҳамовозӣ карданд. Онҳо мехостанд ба муборизаи халқҳои Америкаи Лотинӣ ба муқобили мустамликадорони истилогар ёрӣ диҳанд. Ба ёрии Боливар ирландиҳо, англисҳо, немисҳо, итолиёвиҳо, лаҳҳо ва русҳо омаданд.

24 декабри соли 1824 дар шимоли Перу артиши испонӣ торумор карда шуд ва дар ин ҷо ба шарафи С. Боливар бо номи Боливия давлати нави соҳибистиқлол эълон карда шуд. Боливар қарор дод, ки аз кӯҳҳои барфпӯши Анд гузашта, аз испониҳо вилояти Гренадаи Навро озод кунад. Лашкари ӯ қаҳрамониҳо нишон дод. Ба аскарони ӯ лозим омад, ки ҷангалҳои анбӯҳи касногузар, дарёҳои бузург, ки тимсоҳҳои зиёд доштанд ва кӯҳҳои осмонбӯсро паси сар кунанд. Барфу борон ба сари ҷанговарон мерехт. Дар ағбаҳои пурбарф ва мушкилгузар одамон аз нарасидани ҳаво бехуд мешуданд. Дар нишебиҳо аспҳо ба ҳалокат мерасиданд. Вале шӯришгарони озодихоҳ бо сардории Боливар

ва ёрии халқи маҳаллӣ аз кӯҳҳо гузаштанд ва ба лашкари испониҳо ғолиб омаданд. Гренадаи Нав бо Венесуэла муттаҳид гардида, Боливар президенти Ҷумҳурии Муттаҳидаи Колумбияи Бузург гардид.

Боливар ҳиндуёнро аз андоз озод карда, лоиҳаи қонун дар бораи мусодира кардани заминҳои заминдоронро тартиб дод, вале ин чорабинии охирон ба муқобилияти сахти давлатмандон дучор омад ва татбиқ нагардид. Боливар орзу дошт, ки тамоми ҷумҳуриҳои озодшудаи Испониё ва Америкаро муттаҳид кунад. Ӯ аз ниятҳои гораттаронаи ИМА дар Америкаи Лотинӣ огоҳ шуда навишта буд: «Америкоиҳои Шимол... барои мо бегонаанд. Барои ҳамин ҳам ман ҳеҷ гоҳ розӣ намешавам, ки онҳо барои ба роҳ мондани корҳои америкоиҳои мо даъват карда шаванд».

Баъди ғалаба бар испониҳо заминдорони креол ва буржуазияи афзудаистодаи Колумбияи Бузург ба муқобили оммаи халқ муборизаро сар карданд. Бо рӯҳониёни католикӣ иттифоқ баста, ба барҳам додани ғуломдорӣ халал расониданд, нагузоштанд, ки заминҳои заминдорони бой ба камбағалон тақсим



100. Симон Боливар бо артиши худ кӯҳҳои Андро фатҳ карда, Америкаи Ҷанубиро аз мустамликадорон озод мекунад

карда шавад. Боливар дар давраи вазнинтарин ва ҳалкунандаи инқилоб бо халқ буд ва ба вай содиқона хизмат кард. Барои ҳамин ӯ ба помешикон маъқул набуд. Сарфи назар аз муваффақиятҳои ба даст овардааш, Боливар маҷбур шуд, ки ба истеъфо барояд.

Соли 1822 Бразилия аз Португалия ҷудо шуд, вале дар давлати нав сохти ғуломдорӣ нигоҳ дошта шуд.

Халқҳои Америкаи Лотинӣ ҳоло ҳам номи неки Боливарро ҳамчун қаҳрамони бузург ва озодкунандаи мустамликаҳои амрикоӣ ёд мекунанд. Дар бисёр шаҳрҳои Америкаи Лотинӣ ҳайкали ёдгории ӯ гузошта шудаст.

**Хотима ёфтани ҷангҳои истиқлолиятхоҳӣ.** Лашкари инқилобӣ таҳти фармондеҳии генерал Хосе Сан Мартин Аргентинаро озод кард. Баъди Аргентина ӯ бо лашкараш бо азоби зиёде аз кӯҳҳои Анд гузашта, дар озод кардани Чили ва Перу ёрӣ расонид.

Дар Уругвай мубориза барои озодӣ на танҳо ба муқобили ҳокимони испонӣ, балки ба муқобили заминдорони бразилӣ, ки мехостанд мамлакатро ғасб кунанд, низ бурда мешуд. Дар натиҷа Уругвай истиқлолият ба даст овард.

Бо шарофати ҷангҳои истиқлолиятхоҳӣ дар Америкаи Лотинӣ зулми мутлақияти испонӣ барҳам хӯрда, якчанд давлатҳои тозаистиқлоли миллӣ ташкил карда шуданд. Аксари ин давлатҳо ҷумҳурӣ эълон карда шуданд. Дар баъзе аз ин давлатҳо ғуломдорӣ барҳам хӯрд. Аз ин далелҳо бармеояд, ки ҷангҳои истиқлолиятхоҳӣ дар Америкаи Лотинӣ ҷангҳои зидди мустамликадорӣ, инқилобӣ, миллию озодихоҳии буржуазӣ буданд.



101. Сан Мартин

Мақсади асосии ҷангҳои озодихоҳӣ барҳам задани тобеъияти мустамликавӣ буд. Дар натиҷаи номуташаккилии халқ дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ азнавсозиҳои демократӣ ба анҷом нарасиданд ва бисёр масъалаҳо ҳал нашуданд. Деҳқонон замин нагирифтанд, соҳибони мулкҳои калон қисми зиёди ҳокимияти сиёсиро дар ихтиёри худ нигоҳ доштанд. Дар Венесуэла, Колумбия ва Перу ғуломдорӣ то солҳои 50-ум, дар Бразилия бошад то солҳои 60-уми асри XIX давом кард. Аз ақибмонии иқтисодии мамлакатҳои Америкаи

Лотинӣ истифода бурда, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Англия онҳоро тобеъи худ мегардониданд. Дере нагузашта, баъди ҷангҳои истиқлолиятхоҳӣ ҷумҳурии Колумбияи Бузург ва Америкаи Марказӣ ба якчанд давлати мустақили алоҳида тақсим шуданд.

***Ҳуҷҷатҳо***

***1. Бекор карда шудани ғуломдорӣ. Амри сенор Идалго аз 6.12 с.1810***

*1. Ҳамаи ғуломдорон дар зери таҳдиди ҳукми қатле, ки дар сурати аз тарафи онҳо иҷро карда нашудани моддаи мазкур ба кор бурда мешавад, дар зарфи 10 рӯз ба тобеон озодӣ диҳанд.*

*2. Минбаъд ҳамаи андозҳое, ки аз ҷониби ҷамоаҳо пардохта мешуданд, инчунин ҳама гуна андозҳои дигари ба ҳиндуҳо боркардашуда қатъ карда мешаванд.*

*3. Дар ҳамаи парвандаҳои додгоҳӣ, ҳуҷҷатҳо, дастхатҳо ва актҳо бояд қоғази оддӣ истифода шавад. Истифодаи қоғазҳои гербдор бекор карда мешавад…*

***2. Эълони ботантанаи истиқлолияти Америкаи Шимолии Испанӣ (16.11 с.1813)***

*1813. Конгресси Анауака, ки дар шаҳри Чилмансингои Америкаи Шимолӣ аз намояндагони музофотҳои он ҷамъ омада.... бо тантана эълон менамояд, ки дар партави воқеаҳои феълии Аврупо иҷрои ҳокимияти аз тарафи Аврупо сӯистеъмолкардаро ба даст мегирад; Бо ҳамин, вобастагӣ аз тоҷу тахти Испониё абадӣ нест карда мешавад…*

***3. Эъломияи истиқлолияти Аргентина (Акт)***

*Дар шаҳри арзанда ва муҳими Сан Мигел дел Тукуман 9 июли соли 1816 ҳангоме ки иҷлосияи навбатӣ ба охир мерасид, Конгресси Музофотҳои Муттаҳида баррасии масъалаи қаблии худро марбут ба мақсади бузург ва муқаддаси халқҳоро идома дод…дар охири иҷлосия аз депутатҳо пурсида шуд: «Оё онҳо мехоҳанд, ки Музофотҳои Муттаҳида аз қироли Испониё ва метрополӣ озод ва соҳибистиқлол бошанд?» …Онҳо…. паси ҳам, бо як овоз, ихтиёрӣ ва бо қатъият ба ҷонибдории истиқлолияти мамлакат овоз доданд.*

**Савол ва супоришҳо:** **1.** Дар қитъаи Америка кадом давлатҳо аз ҳама зиёд мустамлика доштанд? **2.** Дар ҷазираи Гаити инқилоби озодихоҳонаи ғуломон кай ва дар зери роҳбарии кӣ ба амал омад? **3.** Инқилоби ғуломони Гаити чӣ натиҷа дод? **4.** Туссен Лувертюр аз кадом давлат шикаст хӯрд? **5.** Дар бораи вазъи зиндагии халқҳои маҳалии Америкаи Лотинӣ: -ғуломон, зангиҳо, ҳиндуён, дурагаҳо, мулатҳо ва креолҳо нақл кунед. **6.** Испониҳо ва португалиҳо мустамликаҳои худро чӣ тавр идора мекарданд? **7.** Дар бораи инқилоби буржуазии озодихоҳонаи халқи Мексика бар зидди мустамликадорони испонӣ нақл кунед. **8.** Чаро дар Мексика номҳои Мигел

Идалго ва Хосе Морелосро азизу мӯътабар медонанд? **9.** Дар Америкаи Ҷанубӣ муборизаи миллию озодихоҳии халқҳо чӣ тавр ҷараён ёфт? **10.** Дар бораи қаҳрамониҳои Симон Боливар нақл кунед. **11.** Номи Боливар дар Америкаи Ҷанубӣ барои чӣ абадӣ гардонида шудааст? **12.** Дар бораи Сан-Мартин маълумот диҳед. **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §23-24. АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ БАЪД АЗ ҶАНГИ ИСТИҚЛОЛИЯТХОҲӢ

**Ҷамъбасти ҷанг.** То ҷанги истиқлолиятхоҳӣ Америкаи Лотинӣ асосан мустамликаи Португалия ва Испониё буд. Баъди ҷанг харитаи сиёсии нимкураи Ғарбии Замин ба куллӣ тағйир ёфт. Дар қаламрави бузурги собиқ мустамликаҳои португалӣ ва испании Америкаи Лотинӣ давлатҳои нави соҳибистиқлол ба вуҷуд омаданд. Ғалаба дар ҷанги истиқлолиятхоҳӣ барои рушди мустақилонаи халқҳои Америкаи Лотинӣ роҳ кушод.

Ба давлатҳои Америкаи Лотинӣ лозим омад, ки истиқлолияти худро аз таҷовузкорони нав дифоъ кунанд. Он халқҳое, ки алҳол истиқлолият ба даст наоварда буданд, аз музаффариятҳои ҷанги истиқлолиятхоҳии халқҳои Америкаи Лотинӣ илҳом гирифта, барои истиқлолияти ватани худ ба мубориза шурӯъ карданд. Баъзе давлатҳои соҳибистиқлол барои ба даст овардани истиқлолият ба халқҳои ҳанӯз дар зери асорати мустамликабудаи Америкаи Лотинӣ дасти ёрӣ дароз мекарданд.

Ватандӯстони Колумбия барои ёрӣ ба халқи Куба экспедитсия тайёр карданд. Боливар нақшаи созмон додани Иттифоқи мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ баҳри муҳофизати манфиатҳои умумиро пешниҳод намуд. Соли 1826 ин лоиҳа дар Конгресси намояндагони давлатҳои нав дар Панама мавриди муҳокима қарор гирифт. Ғояи ягонагии Америкаи Лотинӣ ба муқобили сиёсати мустамликавии давлатҳои Аврупо ва ИМА нигаронида шуда буд.

ИМА ва Англия бо ҳар роҳу восита мехостанд, ки ба ташкилшавии Иттиҳоди давлатҳои Америкаи Лотинӣ халал расонанд. Вале онҳо риёкорона изҳор медоштанд, ки аз ташкилёбии давлатҳои соҳибистиқлоли Америкаи Лотинӣ розӣ ҳастанд. ИМА ба озодшавии Куба муқобилият нишон медод. Ҳукумати ИМА нигарон буд, ки агар ватандӯстони Колумбия ба Куба ёрӣ расонанд, мумкин аст дар ин ҷазира шӯриши ғуломон ба амалояд. Англия низ баробари ИМА мехост, ки дар Америкаи Лотинӣ мавқеи мустаҳкам дошта бошад.

Дипломатҳои ИМА ва Англия тамоми чораҳоро меандешиданд, ки дар байни давлатҳои соҳибистиқлоли Америкаи

Лотинӣ иттиҳод ва ё иттифоқе ташкил наёбад. Дар сурати ташкил ёфтанаш низ Ҷумҳурии Америкаи Марказӣ ба давлатҳои алоҳида пароканда шавад. Дар амал ҳамин тавр ҳам шуд. Соли 1829 ин федератсия ба Никарагуа, Гватемала ва Салвадор тақсим гардид. Ҷидду ҷаҳд барои ташкил кардани Федератсияи Колумбия низ натиҷаи дилхоҳ надод. Соли 1830 аз Колумбия Венесуэла ва Эквадор ҷудо шуда, мустақилият ба даст оварданд. Соли 1844 бошад, Ҷумҳурии Доминикан аз Гаити ҷудо шуд.

Мақсади ҷанги истиқлолиятхоҳии халқҳои Америкаи Лотинӣ пеш аз ҳама озодшавӣ аз истисмори мустамликавӣ ва баъзе дигаргунсозиҳои буржуазӣ мебошад. Дар баъзе давлатҳои тозаистиқлол ғуломдорӣ барҳам нахӯрд, истисмори кишоварзон боқӣ монд. Ақибмонии иқтисодиёт, ки дар натиҷаи ҷанг ба амал омада буд, барои давлатҳои нав мушкилоти зиёдеро ба миён овард. Лашкари испонӣ вилоятҳои алоҳидаро бо пуррагӣ хароб карда, садҳо ҳазор сокинони онро қир мекарданд. Сармоядорони Англия, Фаронса ва ИМА аз вазъи мушкили давлатҳои тозаистиқлоли Америкаи Лотинӣ истифода бурда, ба онҳо вомбарги бисёрфоиза медоданд, конҳои маъданро иҷора мегирифтанд, бозорҳои онҳоро аз худ карда, молҳои худро бе пардохти боҷпулӣ ба фурӯш мебароварданд. Чунин рафтори хориҷиёни абарқудрат имкон намедод, ки саноати миллии маҳаллӣ тараққӣ кунад.

**Вазъи Мексикаи соҳибистиқлол.** Ба даст овардани истиқлолият ба таърихи минбаъдаи Мексика таъсири мусбат расонид. Барҳам задани режими мустамликадорӣ ба бекор карда шудани меҳнати маҷбурии ҳиндуён ва андози сарикасӣ мусоидат кард. Меҳнати зангиёни ғулом дар Мексика нисбатан кам истифода мешуд . Баъди ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дар ин мамлакат ғуломдорӣ бекор карда шуд. Соли 1824 дар Мексика сохти ҷумҳуриявӣ муқаррар гардид. Табақаи болоии аҳолӣ, креолҳо, косибон, хизматчиён, соҳибони хоҷагиҳои хурд бештар дурага буданд. Қисми асосии аҳолии мамлакатро ҳиндуёни кишоварз ташкил мекарданд. Ҷанги истиқлолиятхоҳӣ барои ваҳдати миллии Мексика ва тараққиёти сармоядории мамлакат аҳамияти ҳалкунанда дошт.

Дар баробари ин вазифаҳои инқилобӣ то ба охир ҳал нашуданд. Аксар боқимондаҳои тартиботи феодалӣ маҳфуз буданд. Заминдории помещикӣ, заминдории калисо, деҳқонони нимозод ва нимғуломи сершумор мисли пештара вуҷуд доштанд. Дар ташкилёбии муассисаҳои идории мамлакат низ ҳанӯз норасоию бенизомӣ бисёр буданд.

Халқи Мексика дар натиҷаи ҷанги истиқлолиятхоҳӣ қурбонии аз ҳад зиёд дод. Аҳолии мамлакат кам шуд. Мексика як

давлати воқеан қашшоқи кишоварзӣ буд. Хароҷот ба артиш ва идораи давлатӣ асосан аз ҳисоби баландкунии андозҳо ба молҳои талаботи аввал ва вомбаргҳои бонкдорони англисӣ ҷуброн карда мешуд. Аз ҷиҳати молиявӣ ба Англия вобаста будани Мексика ба мардум гарон меафтод. Истеҳсоли тиллою нуқра меафзуд. Ба истеҳсолоти маъданҳо сармоядорони англис то 10 млн. фунт стерлинг маблағ гузоштанд. Тиллои зиёд ба таври пинҳонӣ ва ғайриқонунӣ (қочоқ) ба хориҷа равон карда мешуд. Солҳои 40-ум дар Мексика аввалин фабрикаҳои хурди бофандагӣ сохта шуданд. Молҳои саноатӣ ба Мексика асосан аз Англия ва Фаронса оварда мешуданд. Қисми зиёди даромади давлатӣ ба пардохти фоизи қарзҳои хориҷӣ сарф мешуд.

Ҳокимияти сиёсӣ дар дасти заминдорони иртиҷоӣ буд. Ҳукумат ба артише, ки бо силоҳҳои кӯҳнаи англисӣ мусаллаҳ буд, такя мекард. Шумораи афсару генералҳо аз меъёри зарурӣ даҳҳо маротиба зиёд буд. Ин артиш дар мамлакат вазъи ҳарбию сиёсиро тезтез тағйир медод. Аз соли 1824 то соли 1848 дар Мексика 250 исёни ҳарбӣ ба амал омад, ки дар натиҷаи онҳо 31 президент иваз шудааст.

**Ҷанги ИМА алайҳи Мексика (1846-1848)**. Дар байни 31 президент генерал Санта Анна аз ҳама бештар ҳукмронӣ кардааст. Ӯ соли 1834 президенти мамлакат интихоб шудааст. Дар мубориза бар зидди таҷовузи ИМА Санта Анна худро ҳамчун хоини манфиатҳои миллии мамлакат нишон дод. Ғуломдорони ИМА кӯшиш мекарданд, ки вилоятҳои шимолии Мексикаро забт намоянд. Артиши ИМА ба Техас ҳуҷум карда, дар он ҷо «Ҷумҳурии соҳибистиқлол»-ро ташкил кард. Соли 1836 Санта Анна бо 6000 нафар аскар ба муқобили таҷовузкорони америкоӣ ҳуҷум кард, вале аз онҳо сахт шикаст хӯрд. Худи Санта Анна асир афтод ва шармандавор ба вањданомае, ки қаламрави бузурги Мексикаро ба ИМА месупорад, имзо гузошт. Баъди ба Мехико баргаштан маҷбур мешавад, ки мансаби президентиро тарк намояд, вале баъди чанд сол ба ин мансаб аз нав бармегардад.

Соли 1846 ИМА ба Мексика аз нав таҷовуз ташкил мекунад. Санта Анна ба ҷои он, ки дифои мамлакатро ташкил намояд, ба хуб мусаллаҳшавии артиш халал мерасонад. 22 марти соли 1847 72 киштии ИМА Веракрусро бомбаборон ва ишғол карданд. Санта Анна сиёсати таслимкоронаро пеш гирифт. Нерӯҳои ватандӯст аз чунин рафтори ӯ ба ғазаб омада, ӯро аз ҳокимият дур карданд. Мардуми оддӣ ва аскарон қаҳрамонона меҷангиданд. Халқи Мексика хотираи шаш ҷавони артиллеристе, ки дар наздикии Чапултепека алайҳи душман мубориза бурда, қаҳрамонона ҳалок гардиданд, то ҳол пос медоранд.

14 сентябри соли 1847 лашкари ИМА ба Мехико дохил шуд. Аҳолии шаҳр барои ҳаёту мамот ба муборизаи зидди истилогарон бархостанд. Дар шаҳр ҳаракати чирикӣ вусъат ёфт. Истилогарон бар зидди чирикҳо то 20 ҳазор нафар аскарони худро сафарбар намуданд. Дар натиҷаи ҷангҳои пуршиддат ба лашкари ИМА муяссар шуд, ки шаҳрро пурра ба даст дарорад. Соли 1848 дар байни ИМА ва Мексика созишномаи сулҳ ба имзо расид, ки мувофиқи он Техас, Калифорния ва Мексикаи Нав ба тобеъияти ИМА дохил шуд. Қаламрави ин се музофоти Мексика аз панҷ се ҳиссаи Мексикаро ташкил мекард. Президентиояндаи ИМА У.Грант ба ин ҷанг чунин баҳо додааст: «Яке аз ҷангҳои беадолаттарин буда, дар ягон давру замон миллати зӯр алайҳи миллати камқувват чунин мубориза набурдааст».

Соли 1850 ИМА ва Англия барои назорати якҷояи гарданаи Панама (он ҷое, ки минбаъд канал кофта шуд) созишнома бастанд. Соли 1853 ИМА Мексикаро маҷбур кард, ки ба ивази пули ночизе як қисми дигари қаламрави худро бидиҳад.

**Инқилоби Мексика (1854-1860).** Сиёсати хиёнаткоронаи Санта Анна қаҳру ғазаби аҳолии мамлакатро ба вуҷуд овард. Вомбарги хориҷӣ ба гардани мардум сол то сол бори гарон мешуд. Пардохти ҳарсолаи фоизи ин вомбарг аз даромади давлатӣ қариб ду баробар зиёдтар буд. Афзудани андозҳо, кашида гирифтани заминҳои ҳиндуён ва бад шудани аҳволи кишоварзон - пеонҳо (деҳқонони нимғулом) ошубҳои мардумро ба вуҷуд меоварданд.

Моҳи марти соли 1854 дар ҷанубу ғарбии Мексика шӯриш ба амал омад, ки он баъд тамоми гӯшаю канори мамлакатро фаро гирифт. Ин шӯриш моҳияти инқилобӣ дошт. Ба сафи шӯришгарон косибон, тоҷирон, кишоварзон, амалдорони хурд, зиёиён дохил мешуданд. Санта Анна аз мамлакат фирор кард ва моҳи ноябри соли 1855 шӯришгарон пойтахтро ишғол намуданд. Дар Мексика инқилоби буржуазӣ ғалаба кард. Баъд аз ғалабаи инқилоб дар мамлакат дигаргунсозиҳои умумидемократӣ ба амал омаданд. Озодии фаъолияти соҳибкорӣ, матбуот, бекор карда шудани имтиёзҳои калисо ва муқаррар намудани низоми ченакҳо аз ҷумлаи музаффариятҳои инқилоб мебошанд. Манъи ғуломгардонӣ аз рӯи қарздор будан ва пурра бекор карда шудани гумруки дохилидавлатӣ низ аз дастовардҳои он мебошанд.

Конститутсияи соли 1857 Мексикаро ҷумҳурии демократии иборат аз 4 иёлоти озод эълон намуд.

Ба мубориза алайҳи иртиҷопешагон инқилобчӣ, ватанпарвари машҳури мексикоӣ, писари кишоварзи ҳинду Бенито Хуарес роҳбарӣ мекард. Дар гузашта ӯ подабон ва муқовабанд

буд. Дар семинарияи динӣ таҳсил карда, баъд адвокат мешавад. Дар вазифаи вазирӣ низ кор кардааст. Соли 1858 ӯро халқ президенти Мексика интихоб кард. Хуарес дар байни мардум обрӯй ва эътибори бузург дошт.

**Чили дар солҳои 1818-1870**. Ҷумҳурии Чили баъд аз истисмори мустамликавии Испониё озод шудан мисли аксарияти давлатҳои дигари Америкаи Лотинӣ давлати ақибмондаи аграрӣ ба шумор мерафт. Дар мамлакат ҳокимият дар дасти заминдорон буд. Аҳолӣ аз кишоварзони озод иборат бошанд ҳам, бо сабаби қарздор будан ба фоидаи помешикон кор мекарданд. Мустамликадорони испонӣ ба муқобили ватандӯстони Чили амалиётҳои ҳарбӣ ташкил намуда, ҳазорон нафарро аз дами теғ гузаронида, боигарии малакатро ғорат мекарданд.

Ҳукумати Чили маҷбур шуд, ки аз бонкдорони англис ва давлатҳои дигар вомбарги фоизноки асоратовар бигирад. Ин кор ба даҳҳо ширкатҳои англисӣ имконият медод, ки тавассути миёнаравҳои худ, ки асосан тоҷирони маҳаллӣ буданд, дар Чили молҳои худро бифурӯшанд.

Баъд аз ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дар Чили сохти ҷумҳуриявӣ муқаррар гардид. Имтиёзҳо ва унвонҳои дворянӣ бекор карда шуданд. Вале заминдорони иртиҷоӣ ба татбиқи ислоҳоти пешқадам монеъ мешуданд. Конститутсияи соли 1873, ки воқеан иртиҷоӣ буд, ғайри дини католикӣ ҳамаи динҳои дигарро манъ кард. Дар Чили ягон дин ва ё маҳзаби дигар фаъолият карда наметавонист. Ин конститутсия ҳуқуқи меросхӯриро мустаҳкам ва ба президент ҳуқуқҳои васеъ дод.

Солҳои 30-юм дар Чили истеҳсол ва ба савдои хориҷӣ баровардани нуқра, мис ва селитра хеле афзуд. Ҳукумат мустамликачиёнро даъват намуд, ки заминҳои бекорхобидаро обод намуда, хоҷагии худро ташкил кунанд. Дар натиҷа соҳаи кишоварзии Чили як дараҷа пеш рафт. Ба хориҷа баровардани гандум, гӯшт, пашм ва ғайра зиёд шуд. Молҳои саноатиро ба Чили асосан аз Англия меоварданд. Сохтмони роҳи оҳан дар Чили (аз Сантяго то Валпарансо) зиёда аз 10 сол - аз соли 1851 то соли 1863 давом кард.

Заминдорони Чили оҳиста-оҳиста ба тарзи буржуазии заминдорӣ мегузаштанд. Асоси иҷтимоии буржузияи миллии мамлакат бо ҳамин восита васеъ мешуд. Ин дар навбати худ ба болоравии ҳаракати демократӣ шароит фароҳам меовард. Дар мамлакат ҷамъиятҳои нави сиёсӣ ва клубҳо ташкил меёфтанд. Франсиско Вилбоа ва Сант-Яго Аркос дар зери таъсири инқилоби буржуазии Фаронса «Ҷамъияти баробарӣ»-ро ташкил намуданд.

Ин ҷамъият барои дар мамлакат паҳн гардидани маърифат ва муқаррар гардидани тартиботи демократӣ мубориза мебурд. Аъзоёни «Ҷамъияти баробарӣ» худи ҳамон сол шӯриш бардоштанд, вале он бо тезӣ пахш карда шуд.

Ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии Чили рӯ ба болоравӣ ниҳод.

**Аргентина баъд аз эълони истиқлолият.** Баъд аз эълон карда шудани истиқлолият соли 1818 дар Музофотҳои Муттаҳидаи Ла-Плата сохти ҷумҳуриявӣ барпо карда шуд. Лашкари Испониёро аз мамлакат бароварданд. Ҳокимияти заминдорони маҳаллӣ муқаррар гардид. Ҳиндуён ва дурагаҳо дар мақоми пеонҳо (деҳқонони батраки нимғулом) буданд. Соли 1826 Музофотҳои Муттаҳидаи Ла-Плата ба Ҷумҳурии Муттаҳидаи Аргентина табдил дода шуд. Номи ин давлат аз калимаҳои «аргентум» ва «Ла–Плато», ки маънои нукраро доранд, пайдо шудааст.

Соҳаи асосии иқтисодиёти Аргентина чорводорӣ буд. Ба хориҷа молҳои чорводорӣ мебаровард. Бандари асосӣ ва маркази тиҷорати мамлакат Буэнос-Айрес барои тиҷорати хориҷа ва фурӯхтани чорво соҳиби имтиёзи махсус буд. Ба Аргентина газвор асосан аз Англия ворид мешуд. Ҳукумати Аргентина низ вомбаргҳои дорои фоизи баландро аз бонкҳои Англия мегирифт.

Дар Аргентина байни заминдорони чорводор муборизаи хунин ҷараён дошт. Он дар байни ҷонибдорони федератсия, ки барои ба шаҳри Буэнос-Айрес додани имтиёзҳо мубориза мебурданд ва ҷонибдорони давлати яктаркибаи Аргентина, ки барои музофотҳои дигар низ тиҷорати озодро тақозо мекарданд, сурат мегирифт. «Яктаркибачиён» мекӯшиданд, ки дар мамлакат ислоҳоти иқтисодию сиёсии барои ҳама қобили қабул ба амал бароварда шавад. Онҳо бо ин восита мехостанд, ки таъсири сиёсии заминдорони муҳофизаткор (консервативӣ) ва тоҷирони Буэнос-Айресро суст намоянд, лекин ин сиёсати «яктаркибачиён» ба шикаст дучор шуд. Роҳбари «яктаркибачиён»-и озодандеш (либерал) Ривадавия мамлакатро тарк кард. Баъди муборизаи мусаллаҳона ҳокимиятро федералчӣ ва иртиҷопешаи гузаро генерал Хуан Мануэл Росас ба даст даровард, ки баъд президент (дар амал диктатори мамлакат) интихоб мешавад.

**Хуан Мануэл Росас (1829-1851).** Росас президентиро аз барқарор кардани имтиёзҳои калисо ва заминдорон, ки ҳукумати Ривадавия бекор карда буд, оғоз намуда, инчунин барои забти заминҳои ҳиндуён сафарҳои ғоратгарона ташкил намуд. Бо фармони ӯ ҳукуматдорон ҳиндуёнро бераҳмона кир мекарданд ва ё ба заминҳои ғарбӣ пеш менамуданд. Танҳо дар солҳои 1839-1843

бо амри Росас зиёда аз 20 ҳазор нафар одамон куштаю шиканҷа диданд. Зиёиёни зиёде аз мамлакат фирор карда, ҷон ба саломат бурданд. Диктатор барои шӯҳратманд кардани номи хеш аз тамоми имкониятҳо истифода мебурд. Рӯзи таваллуди вай иди миллӣ эълон карда шуд ва моҳи октябр номи моҳи Росасро гирифт. Кушторҳо мардумро ба даҳшат меоварданд. Ӯ ба мамлакат омадани муҳоҷиронро манъ ва назоратро аз болои мактабҳо аввал ба иезуитҳо ва баъд ба ихтиёри пулис супорид. Шумораи мактабҳо ва талабагон муттасил кам мешуданд. Сиккаи пул аз назорати давлат берун монд, ки ин ба беқурбшавии он оварда расонид. Мақсади асосии сиёсати хориҷии Росас забт кардани Ҷумҳурии Уругвай буд.

**Ҷангҳои Уругвай бо Аргентина.** Соли 1811 Уругвай аз тарафи Португалия забт карда шуд ва он соли 1828 баъди муборизаи дуру дароз ба муқобили Бразилия истиқлолият ба даст даровард. Дар Уругвай **конститутсияи либералии ҷумҳуриявӣ** қабул карда шуд. Акнун хавфи асосӣ барои Уругвай таҷовузи Аргентина буд. Соли 1839 лашкари Росас ба Уругвай ҳуҷум кард. Шаҳри калонтарин ва асосии мамлакат Монтевидео дар муҳосираи душман монд. Дар ҷанги нави озодихоҳии халқи Уругвай инқилобчии ҷавони итолиёӣ Ҷ. Гарибалди ҳам иштирок кард. Баъди муборизаи тӯлонӣ ба Уругвай муяссар гардид, ки истиқлолияти худро ҳимоя кунад. Дар муборизаи озодихоҳона ба Уругвай флоти Фаронса ва Англия ёрӣ расонид. Сабаби асосии ба Уругвай кӯмак кардани Фаронса ва Англия аз сиёсати гумрукии Росас норозӣ будани онҳо буд.



**102. Ҷузеппе Гарибалди**

Ҳукумати Уругвай барои пешрафти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат чораҳои судманд меандешид. Барҳам додани ғуломдорӣ яке аз онҳо буд.

**Аргентина дар солҳои 1852-1860.** Дар натиҷаи табаддулоти ҳарбӣ Росас аз ҳокимият дур карда шуд. Ӯ маҷбур шуд ба хориҷа фирор кунад. Конститутсияи соли 1853-и Аргентина ягонагии миллии мамлакатро эълон кард. Конгрессро иборат аз ду палата — Палатаи вакилон ва Сенат таъсис дод. Конститутсия барои сенатор интихоб шудан меъёри аниқи зиндагии доимӣ ва моликият-

дориро муайян намуд. Дар мамлакат пули тангаи ягона муқаррар гардид. Ғуломдорӣ пурра барҳам дода шуд.

Дар солҳои 50-ум саноати Аргентина дар сатҳи хеле пасти тараққиёт қарор дошт. Лекин соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ, аз он ҷумла гӯсфандпарварӣ пеш рафт. Ба ин соҳа ва соҳаҳои дигари кишоварзӣ муҳоҷирон ҳам ҷалб карда мешуданд.

Дар солҳои 60-ум Аргентина дар ҷанги истилогарона ба муқобили Бразилия ва Парагвай иштирок намудааст.

**Империяи Бразилия**. Бразилия соли 1822 истиқлолият ба даст овард. 7 сентябр рӯзи расман эълон гардидани истиқлолият ҳисобида мешавад. Дар ин рӯз қарор карда шуд, ки Бразилия аз Португалия пурра ҷудо мешавад. Португалия ба истиқлолияти Бразилия монеъ шуда наметавонист, чунки ин вақт дар худи Португалия инқилоб ба амал омада буд.

Баъди истиқлолият дар Бразилия мутлақият боқӣ монд. Императори Бразилия Педруи I -писари короли Португалия эълон карда шуд.

Киштзорҳои бузург дар ихтиёри заминдорони Бразилия буданд. Дарбориёни португалии ба Педруи I содиқ ниҳоят кӯҳнапараст (консерватор) буданд. Аз ин сабаб арзишҳои демократие, ки дар давлатҳои Америкаи Лотинӣ ҷорӣ мегардиданд, ба Бра-



103. Ҳиндуёни Бразилия аз найшакар қанд истеҳсол мекунанд

зилия роҳ намеёфтанд. Бинобар ин аҳолии мамлакат аз ин норозӣ буданд. Бо ҳамин сабаб дар музофоти Пернамбукуи воқеъ дар шимоли мамлакат шӯриш ба амал омад, вале он шикаст хӯрд.

Соли 1824 Конститутсияи Бразилия қабул карда шуд, ки мувофиқи он тамоми ҳокимият дар дасти император буд. Ғуломдорӣ ва меросхурӣ нигоҳ дошта шуд. Император ҳуқуқ дошт, ки Маҷлиси Миллии аз тарафи конститутсия муқаррарнамударо манъ ва ё пароканда кунад.

Мамлакат дар дасти ҳокимияти заминдорон ва тоҷирони ғуломфурӯш буд. Соли 1828 ба 2 млн. 800 ҳазор нафар одами озод 1 млн 147 ҳазор нафар ғуломони зангӣ рост меомад. Дар миёнаҳои асри XIX ғуломони Бразилия 2,5 млн. нафар ва одамони озод 5,2 млн. нафарро ташкил менамуданд.

Дар музофотҳои шимолӣ ва ғарбии наздибаҳрии мамлакат найшакар, пахта ва чуворимакка парвариш мекарданд. Дар ҷануб зироати асосӣ қаҳва ҳисоб мешуд, ки он аз се як ҳиссаи моли ба берун аз мамлакат **содиршавандаро** ташкил менамуд. Дар ҷануби мамлакат чорводорӣ тараққӣ карда буд. Бо вуҷуди ин Бразилия то ҳол ба таври бояду шояд аз худ карда нашуда буд. Музофотҳои он ҳатто байни ҳамдигар алоқа надоштанд.

Дар заминдории калон ҳам нишонаҳои ғуломдорию феодалӣ ва сармоядорӣ вуҷуд доштанд. Кишоварзон ва косибон мустақил набуданд. Онҳо ба соҳибони мулкҳои калон тобеъ буда, ҳуқуқи онҳо ба **нимкрепостнойҳо** баробар буд.

Истисмори заминдорон, ғуломфурӯшӣ ва режими мутлақ (истибдод) норозигии мулкдорони хурд, тоҷирон, косибон ва кишоварзонро ба вуҷуд меовард. Бинобар ин соли 1831 дар зери таъсири инқилоби буржуазии Фаронса дар Рио-де-Жанейро шӯриши ҷумҳурихоҳон ба амал омад. Солҳои 1833-1835 дар шимолу шарқии мамлакат шӯриши кишоварзон, тоҷирон ва косибон доир гардид. Шӯришгарон номи «кабанос», яъне «кулбагиён»-ро гирифтанд Дар ҷануб, дар Риу-Гранде чӯпонон, косибон ва коргарон шӯриш бардошта, қаламрави сукунати худро ҷумҳурӣ эълон карданд, ки он аз соли 1836 то соли 1845 арзи вуҷуд дошт. Ин ҷумҳуриро ҳукумат мағлуб карда натавонист. Аз ин рӯ, маҷбур шуд, ки шӯришчиёнро авф кунад. Соли 1840 баъди ба тахти императории Бразилия нишастани Педруи II ҳам шӯришҳо идома ёфтанд. Соли 1848 дар зери таъсири инқилобҳои буржуазии мамлакатҳои Аврупо ҷумҳурихоҳони музофоти Пернамоуку аз нав шӯриш бардоштанд.

Дар солҳои 40-ум ва 60-ум иқтисодиёти Бразилия беш аз пеш ба **тиҷорати сармоядории ҷаҳонӣ** кашида мешавад. Бразилия он вақт зиёда аз 48 фоизи қаҳваи ҷаҳонро истеҳсол мекард. Дар солҳои 1870-1871 содироти ин маҳсулот зиёда аз 50 миллион килограммро ташкил мекард. Ҳарчанд ки ғуломфурӯшӣ дар мамлакат манъ шуда бошад ҳам, дар ин солҳо ба мамлакат зиёда аз 30 ҳазор ғулом оварда шуд. Вале фавти зиёд ба камшавии шумораи онҳо сабаб мешуд. Дар мамлакат бӯҳрони низоми ғуломдорӣ ба амал омад. Нархи ғуломон зиёд, вале маҳсули меҳнати онҳо кам шуд. Дар солҳои 50- 60-ум аз Португалия, Олмон ва Италиё ба Бразилия воридшавии муҳоҷирон зиёд шуд. Паст будани иқтисодиёт боиси ба сармояи хориҷӣ тобеъ шудани Бразилия гардид. Чунин вазъият ҳукуматдоронро маҷбур сохт, ки дарёҳои дохилиро барои киштиҳои хориҷиён кушоянд.

Сиёсати хориҷии Бразилия бештар ба забти Парагвай нигаронида шуда буд. Солҳои 60-ум Бразилия як қисми ин давлатро ба худ тобеъ намуд.

**Ҳаракати озодихоҳӣ дар Куба.** Ҳангоми ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дар Америкаи Лотинӣ дар қалъаҳои Гавана ва Сантаягои Куба гарнизонҳои пурзӯри испонӣ ҷойгир буданд. Флоти Испониё ҷазираро дифоъ мекард. Дар Куба мустамликадорон ҳокимияти худро аз ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дифоъ карда тавонистанд. Аксарияти кулли заминдорон ва тоҷирони Кубаро креолҳо ташкил менамуданд. Бедодгарии ҳукуматдорони испонӣ, болоравии ҳаҷми андозҳо ва ба мансабҳои баланд роҳ надодани креолҳо норозигии мардуми Кубаро ба вуҷуд меоварданд.

Дар оғози асри XIX ҷонибдорони **ислоҳоти либералӣ** дар Куба хеле зиёд шуданд. Маорифпарвари машҳур Феликс Варела ва шоири барӯманд Хосе-Мария Эредиа ваҳшонияти мустамликадорони испониро фош намуда, озодии Кубаро орзу мекарданд.

Ҷанги озодихоҳӣ дар мустамликаҳои америкоии Испониё ба баромадҳои инқилобӣ дар Куба низ такон дод. Ду нафар ҷавони кубагӣ - Франсиско Агуеро ва Мануэл Санчес дар соҳилҳои ҷанубии ҷазира мехостанд барои истиқлолияти Куба мардумро ба шӯриш бархезонанд. Онҳо дар ин кор ба ёрии Симон Боливар умед доштанд. Вале ҳукуматдорони мустамлика ин ҷавонони ҷасурро дастгир намуда, ба дор овехтанд. Соли 1821 полковник Хосе-Франсиско Ломус дар Куба ҷамъияти махфии «Офтоб ва шӯълаҳои Боливар»-ро созмон дод. Ин созмон дар зери шиори

«истиқлолият ва ё марг» шӯриш тайёр мекард. Вале ҳабскуниҳо ба ин монеъ шуданд. Сӯиқасдчиён мехостанд, ки ба истиқлолияти Куба ноил шуда, ғуломдориро дар ватанашон барҳам зананд. Асоси иқтисодиёти Кубаро киштзорҳои найшакар ва тамоку ташкил медод. Дар онҳо асосан ғуломон кор мекарданд. Соли 1817 ҷазираи Куба тахминан 440 ҳазор нафар сокин дошт, ки зиёда аз 199 ҳазорашонро ғуломони зангӣ ташкил мекарданд. Ғуломонро дар кулбаҳои дарҳояшон оҳанин ва дар таҳхонаҳои ифлосу намнок нигоҳ медоштанд. Меҳнати тоқатфарсо, шиканҷа ва худкушӣ ба камшавии шумораи ғуломон оварда расониданд. Саводнок кардани ғуломон қатъиян манъ буд. Дар ҷазира зангиёни «озод», мулатҳо ва дурагаҳои беҳуқуқ низ кам набуданд. Заминдорон аз шӯришҳои ғуломон доимо дар тарсу ваҳм буданд. Соли 1811 зангӣ Хосе Антонио Апонте созмони махфии инқилобиеро ташкил дод, ки мақсади он озодкунии ғуломон буд. Вале ӯ ва ҳамсафонаш ба даст афтода, ба дор овехта шуданд.

Куба соли 1870 30 фоизи содироти ҷаҳонии қандро медод. Қанди Куба асосан ба ИМА ва Англия интиқол карда мешуд. Афзудани содироти қанд истисмори ғуломонро зиёд мекард. Истисмори зиёд ғуломонро ба мубориза бармехезонид.

Солҳои 40-ум дар шимоли ҷазира баромадҳои калони ғуломон ба амал омаданд. Соли 1844 дар Матансаса созмони махфии шӯришгарони зангиёни озод ошкор карда шуд. 78 нафар катл ва 400 нафари онҳо бадарға карда шуданд.

Дар миёнаҳои асри XIX дар киштзорҳои Куба меҳнати на танҳо ғуломони зангӣ, балки коргарони кироя ҳам ба таври васеъ истифода бурда мешуд. Аксарияти онҳо мулат, дурага ва ё зангиҳои озод буданд. Соли 1846 аҳолии Куба 896 ҳазор нафарро ташкил медод. Аз онҳо 252,5 ҳазор нафар ғуломон ва 431 ҳазор нафарашон коргарон буданд. Як қисми заминдорон ва тоҷирони Куба мехостанд, ки ғуломдориро дар ҷазира абадӣ гардонанд ва орзу доштанд, ки онро ИМА ишғол кунад. Дар ин давра дар қисми ҷанубии худи ИМА ҳам сохти ғуломдорӣ ҳукмрон буд. ИМА ҳаракат мекард, ки Кубаро ба даст дарорад. Соли 1848 ҳукуматдорони Америка ба Испониё пешниҳод намуданд, ки ҷазираро ба онҳо фурӯшанд, вале ҷавоби рад гирифтанд. Солҳои 40-ум ҷонибдорони ба мустамликаи ИМА табдил додани Куба ба ҷазира якчанд маротиба дастаҳои мусаллаҳ равон карданд, то ки шӯриш бардошта, ИМА-ро ба ёрӣ даъват кунанд. Вале он дастаҳо бераҳмона қир карда шуданд.

Солҳои 60-ум дар Куба бӯҳрони низоми ғуломдорӣ мушоҳида карда шуд. Содироти қанд афзуд. Дар заводҳои қандбарорӣ мошинҳои бӯғӣ пайдо шуданд. Аҳолии ҷазира соли 1862 1 млн 359 ҳазор нафар буд. Аз онҳо сафедпӯстон 725 ҳазор, зангиёни озод 221 ҳазор ва ғуломон 368,5 ҳазор нафарро ташкил медоданд. Барои болоравии босуръати истеҳсолот шумораи ғуломон хеле меафзуд. Ғуломонро ба мардикорӣ додан ба соҳибони онҳо фоидаи бештар меовард. Меҳнати кирояи сафедпӯстон, зангиён ва мулатҳо рӯз то рӯз васеъ паҳн мегардид.

Муваффақиятҳои болоравии сармоядорӣ, афзудани хоҷагиҳои плантатсионӣ ва истеҳсоли қанд ба бойшавии заминдорону тоҷирон ва баландшавии нуфузи онҳо мусоидат мекард. Дар байни аҳолии пешқадам ва ватандӯстони ҷазира кӯшишиислоҳот ва барқарор кардани истиқлолият зиёд мешуд. Креолҳо ба тағйир додани нарху навои гумрук, кам кардани андозҳо, ба кортесҳои парлумони Испониё равон кардани вакилон мубориза мебурданд, вале ҳукумати Испониё ин талабҳоро қабул накард. Соли 1867 он ба моликият, замин ва корхонаҳои саноатӣ дар Куба андози нав ҷорӣ намуд.

Дар Куба муборизаи миллию озодихоҳӣ оғоз ёфт, ки он ду тамоюл дошт. Тарафдорони тамоюли аввали он барои аз мустамликаи Испониё озод намудани Куба, ба ӯ додани ҳуқуқҳои сиёсию иқтисодӣ, озодӣ барои заминдорон ва оҳиста-оҳиста озод кардани ғуломон баромад мекарданд. Ҷараёни дуюм радикалӣ (қатъӣ), чап ва демократӣ буд. Он барои ба кишоварзон ва косибон (сафедпӯстон, зангиҳо, дурагаҳо ва мулатҳо) додани ҳуқуқ ва озодиҳои васеъ мубориза мебурд. Кишоварзони озод, иҷоракорон ва чоряккорон, махсусан дар қисми шарқии Куба бисёр буданд. Ҷараёнҳои радикалӣ, чап ва демократӣ дар ин минтақа амал карда бошанд ҳам, вале ба натиҷае муваффақ нашуданд.

Ҳаракати озодихоҳонаи халқи Куба ҳанӯз ба марҳалаи ҳалкунандаи худ нарасида буд. Чандин даҳсолаҳо лозим буд, ки халқи ин ҷазира аввал аз тобеияти Испониё ва баъд аз тобеияти ИМА озод шавад.

**Хулоса.** Баъд аз ба даст даровардани истиқлолият рушди сармоядорӣ ва ваҳдати миллатҳои буржуазии Америкаи Лотинӣ суръат мегирад. Дар тараққиёти сармоядорӣ Мексика аз ҳама давлатҳои дигари Америкаи Лотинӣ пешқадамтар буд. Инқилоби солҳои 50-ум ва ғалабаи халқи Мексика бар таҷовузкорони хориҷӣ имкон дод, ки дар мамлакат ислоҳоти пешқадами иқтисодию сиёсӣ гузаронида шавад. Қариб дар ҳамаи мамлакатҳои Америкаи

Лотинӣ то солҳои 70-ум ғуломдорӣ барҳам дода шуд. Дар Бразилия ҳанӯз ғуломдорӣ ва мутлақият маҳфуз монданд, вале дар мамлакатҳои дигар сохти ҷумҳуриявӣ барқарор гардид. Дар баъзе давлатҳо ислоҳоти либералӣ гузаронида шуд. Муборизаи ҳизбҳои либералӣ ва консервативӣ вусъат ёфт, ҳаракати буржуазию демократӣ афзуд, табақаҳои буржуазия ва коргарон ташаккул ёфтанд. Дар Куба, ки он ҳанӯз дар зери **зулми мустамликавии** Испониё буд, оҳиста - оҳиста ҳаракати миллию озодихоҳӣ ҷоннок мешуд.

Дар Америкаи Лотинӣ рушди сармоядорӣ ва буржуазияи миллӣ дар шароити мураккаб сурат мегирифт. Мероси вазнини давраи мустамликавӣ — ҳукмронии заминдорон, тарзи нимфеодалии истисмори кишоварзон, барҳам нахӯрдани меҳнати ғуломон ва ғуломдорӣ - ин ҳама ба болоравии сармоядорӣ ва **демократикунонии ҷомеа** монеъ мешуданд. Табаддулотҳои ҳарбӣ ва ивазшавии диктаторҳо дар аксарияти давлатҳои Америкаи Лотинӣ як воқеаи муқаррарӣ гардида буд.

Баъди ҷанги истиқлолиятхоҳӣ вобастагии иқтисодии мамлакатҳои ақибмондаю аграрии Америкаи Лотинӣ аз Англия ва ИМА сол то сол меафзуд. Усулҳои **сиёсати мустамликадорӣ** нисбати давлатҳои мустақил, вале аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда маҳз аввалин маротиба дар Америкаи Лотинӣ ташаккул меёбад. Маънии ин сиёсат он буд, ки давлатҳои абарқудрати номбурда ҳам ба иқтисодиёти ин давлатҳо сар медароваранд ва ҳам рӯйирост бар зидди онҳо таҷовузи ҳарбӣ ташкил намуда, шартҳои худро ба дӯши давлатҳои тозаистиқлол бор мекарданд.

### *Ҳуҷҷатҳо*

### *1. Аз таърихи мубориза барои барҳам задани ғуломдорӣ дар Бразилия (аз қонуни 7.11.1831)*

*(Қонуни соли 1831 барои ғуломдорӣ дар Бразилия маҳдудиятҳо ворид намуд, вале он таъсири кам дошт. Чандин даҳсолаҳои мубориза лозим шуданд. 13 майи соли 1888 имконият фароҳам омад, ки дар Бразилия ғуломдорӣ бекор карда шавад).*

*Моддаи 1. Ҳамаи бандагоне, ки аз хориҷа ба қаламрав ва ё ба бандарҳои Бразилия қадам мегузоранд, озод мешаванд. Истисно мебошанд:*

*1. Бандагоне, ки ба киштиҳои давлатҳое вобаста карда шудаанд, ки дар он ҷо ғуломдорӣ вуҷуд дорад, ба шарте ки ин бандагон ба ҳамон киштиҳо хизмат расонанд.*

*2. Бандагоне, ки аз хориҷа ва ё киштии хориҷӣ гурехта бошанд, бо талаби соҳибонашон пас баргардонида, аз қаламрави Бразилия берун карда мешаванд.*

*Моддаи 11. Воридкунандагони бандагон ба Бразилия мувофиқи моддаи 179 кодекси ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки одамони озодро ғулом мегардониданд, таъқиб карда мешаванд ва барои ҳар як ғуломи воридкардашуда ба андозаи 200 милрейс ҷарима андохта мешавад ва зиёда аз ин хароҷоти ба ин ё ба он ҷои Африқо бурда расониданн ӯро мепардозанд.*

**2. Аз Конститутсияи соли 1857-и Ҷумҳурии Мексика**

*2. Дар ҷумҳурӣ ҳама озод таваллуд мешаванд. Ғуломоне, ки ба хоки ҷумҳурӣ қадам ниҳоданд, бо ҳамин озодии худро аз нав барқарор мекунанд ва ба ҳимояи қонун ҳуқуқ доранд.*

*3. Таълим озод аст.*

*4. Ҳар кас дар интихоби касб, ҳунар ва коре, ки нафъовар ва софдилона асту ӯро қонеъ мекунонад ва ҳам дар истифодаи натиҷаҳои он озод аст.*

*6. Ақидаҳои ғоявӣ объекти тафтиши ҳуқуқӣ ва ё маъмурӣ шуда наметавонанд, ба истиснои мавридҳое, ки онҳо ба вайрон карда шудани тартиботи ҷамъиятӣ, ахлоқ, ҳуқуқ ва ё ба ягон ҷиноят ва ё бадкирдорӣ ҳидоят накунанд.*

*7. Ҳуқуқи дар ҳар мавзӯъ навиштан ва чоп намудан дахлнопазир аст.*

*9. Ҳуқуқи ҳеҷ кас барои муттаҳид шуда, дар корҳои сиёсии мамлакат ширкат варзидан маҳдуд карда намешавад. Ягон маҷлиси мусаллаҳ ҷамъ шуда наметавонад.*

**3. Созишномаи Клейтон –Булвераи соли 1850 дар ИМА ва Англия**

*Моддаи 1. Ҳукумати Британияи Кабир ва ИМА бо созишномаи мазкур изҳор менамоянд, ки ягонтои онҳо ҳеҷ гоҳ ва яккаю танҳо ба канали киштигард...(ки дар гарданаи Панама кофта мешавад) назорат немекунанд.. .ва розиянд, ки истеҳкомҳо насозанд ва ниғоҳубин намекунанд... Никарагуа, Коста Рико ва соҳилҳои Маскито (соҳилҳои баҳри Кариби Никарагуа)-ро истило ва мустаҳкам намекунанд ва ба мустамлика табдил намедиҳанд.*

*Моддаи 2.Киштиҳои Британияи Кабир ва ИМА, ки тавассути ин канал рафтуо мекунанд, дар сурати дар байни тарафҳои ба қарордод имзокарда сар задани ҷанг муҳосира, боздошт ва кашида гирифта намешаванд.*

Савол ва супоришҳо: **1**. Аз натиҷаҳои ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дар Америкаи Лотини маълумот диҳед. **2**. Барои чӣ ИМА ва Англия барои ваҳдати давлатҳои соҳибистиқлоли Америкаи Лотинӣ монеъ мешуданд? **3**. Баъди ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дар мамлакатҳои соҳибистиқлоли Америкаи Лотинӣ чӣ тағйиротҳои иқтисодӣ ва сиёсию иҷтимоӣ ба амал омаданд? **4**. Мексика баъди ба даст даровардани истиқлолият чӣ тавр тараққӣ кард? **5**. Дар бораи ҷанги ИМА зидди Мексика (солҳои 1846-1848) нақл кунед. **6**. Дар бораи инқилоби буржуазии солҳои 1854-1860-и Мексика маълумот диҳед. **7**. Бенито Хуарес кӣ буд? **8**. Дар бораи хусусиятҳои иқтисодии Чили чӣ гуфта метавонед? **9**. Аргентина кай истиқлолият ба

даст овард? Кадом сол Ҷумҳурии Федеративии Аргентина таъсис ёфт? **10**. Росас Аргентинаро чӣ тавр идора мекард? **11**. Уругвай баъд аз истиқлолият ба даст даровардан бар зидди кадом давлатҳо мубориза бурд ва он чӣ натиҷа дод? **12**. Дар бораи ҷараёни сиёсию иқтисодии Аргентина дар солҳои 1852-1860 чӣ гуфта метавонед? **13**. Кай Бразилия истиқлолият ба даст даровард? Сохти сиёсии он чӣ тавр буд? **14**. Дар бораи моҳияти Конститутсияи соли 1824-и Бразилия чӣ гуфта метавонед? **15**. Педруи I Бразилияро чӣ тавр идора мекард? **16**. Дар бораи ҳайати этникии Бразилия маълумот диҳед. **17**. Вазъияти сиёсии Кубаро баъд аз ҷанги истиқлолиятхоҳии халқҳои Америкаи Лотинӣ шарҳ диҳед. Он мустамликаи кадом давлат буд? **18**. Дар бораи ҳайати этникии Куба чӣ гуфта метавонед? **19**. Дар Куба мубориза озодихоҳӣ ва демократӣ чӣ тавр сурат мегирифт? **20**. Аз мавзӯъ хулосаҳо бароред.

# БОБИ II
# ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ СОЛҲОИ 1848-1849 ДАР МАМЛАКАТҲОИ АВРУПО

## §25. ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ СОЛИ 1848 ДАР ФАРОНСА

**Сабабҳои инқилоби феврал.** Дар охирҳои соли 1847 дар Фаронса вазъияти инқилобӣ ба амал омад. Дар мамлакатҳои тараққикарда, аз он ҷумла, дар Фаронса ҳам бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ба амал омад, ки он аҳволи бе ин ҳам вазнини оммаи заҳматкашро боз ҳам вазнинтар кард. Музди меҳнати коргарон кам шуд. Ҳазорон нафар коргарон бекор monданд. Ҳукумат барои бартараф кардани бӯҳрони иқтисодӣ чораҳо намеандешид. Бинобар ин коргарон маҷбур шуданд, ки ба мубориза бархезанд. Қисми аз ҳукумат норозии коргарон ва буржуазия маҷлису гирдиҳамоиҳо доир намуда, аз ҳукуматдорон талаб мекарданд, ки сатҳи молумулкии интихоботӣ кам карда шавад.

Корол ва қисми буржуазияи калон - соҳибони бонкҳо, роҳҳои оҳан, конҳои маъдан ва корхонаҳои дигари калони саноатӣ манфиати ақаллияти аҳолии Фаронсаро ифода мекарданд. Аз рӯи низоми ҷадиди интихоботӣ тақрибан як фоизи одамон дорои ҳуқуқи интихоботӣ шуданд. Коргарон, кишоварзон, косибон, буржуазияи майда ва миёна имконият надоштанд, ки ба парлумон вакилони худро интихоб кунанд. Сарфи назар аз ин, иттифоқи буржуазияи майда ва миёна бо коргарон ба амал наомад, чунки буржуазия талабҳои худро бо роҳи осоишта ба даст овардани буд, роҳбарони ҳаракати коргарӣ бошанд - бо роҳи инқилоб.

**Эълон карда шудани ҷумҳурӣ.** 22 феврали соли 1848 даҳҳо ҳазор сокинони Париж ба кӯчаю майдонҳои шаҳр баромаданд. Дар байни намоишчиён аксариятро коргарон ва донишҷӯён ташкил мекарданд. Дар бисёр ҷойҳои шаҳр дар байни намоишчиён ва пулис задухӯрдҳо ба амал омаданд. Шӯришчиён сангарҳо сохта, мағозаҳои силоҳфурӯширо тороҷ карда, мусаллаҳ мешуданд.

Бегоҳии 23 феврал дар гулгашти Капутсинон лашкари ҳукуматӣ ба намоишчиёни беярок ҳуҷум кард. Дар натиҷа садҳо нафар куштаю захмдор шуданд. Ин хабар дар тамоми шаҳр паҳн шуд. Садои даъвати «Ба даст силоҳ гиред! Бародарони моро кушта истодаанд!» баланд садо дод. Ҳазорон коргарон, ҳунармандон ва донишҷӯён - қариб ҳамаи заҳматкашони Париж ба по хестанд.

Шўришчиён дар муҳорибаҳо ғалаба ба даст меоварданд ва дере нагузашта қисми шаҳрро ба зери назорати худ гирифтанд.

24 феврал қариб тамоми шаҳр дар дасти шўришчиён буд. Нисфирўзӣ муҳосираи қасри корол оғоз ёфт. Луи-Филипп аз чунин вазъияти баамаломада ба ҳарос афтода, ба фоидаи набераи хурдсоли худ (графи парижӣ) аз тахту тоҷ даст кашид ва ба Англия гурехт. Шўришчиён қасри Тюилрифро ишғол карданд.

Бо талаби шўришчиён Ҳукумати Муваққатӣ ташкил карда шуд. Пагоҳии 25 феврал мардуми зиёде дар назди бинои ратушаи шаҳр, дар он ҷое, ки Ҳукумати Муваққатӣ маҷлис мегузаронид, ҷамъ омаданд. Распайл ном вакили коргарон аз парлумон талаб кард, ки Фаронса ҷумҳурӣ эълон карда шавад. Чанд рўз баъд парлумон дар бораи ҷорӣ кардани ҳуқуқи умумии интихоботӣ декрет баровард. Мувофиқи он ҳамаи мардони синнашон ба 21-расида ба ҳуқуқи интихоботӣ соҳиб шуданд.

Вакилони коргарон аз ҳукумат талаб карданд, ки ҳуқуқи онҳо ба меҳнат эътироф карда шавад.

Ҳукумати Муваққатӣ бо декрети худ аз 2 март рўзи кориро 1 соат кам кард - дар Париж рўзи корӣ аз 11 соат ба 10 соат ва дар



104. Сангар дар Париж. 23 феврали соли 1848

музофотҳо бошад, аз 12 соат бо 11 соат фуроварда шуд. Ғайр аз ин Ҳукумати Муваққатӣ барои бекорон корхонаи ҷамъиятиеро бо номи «устохонаҳои миллӣ» ташкил намуд. Онҳое, ки ба «устохонаҳои миллӣ» қабул мегардиданд, дар кӯчаю хиёбон ва майдонҳои шаҳр ба корҳои ниҳолшинонию заминканӣ машғул мешуданд. Дар «устохонаҳои миллӣ» кор ба тарзи ҳарбӣ ҷорӣ карда шуда буд. Онҳо аз бригадаҳо, взводҳо, ротаҳо ва ҷузъу томҳои дигар иборат буданд. Ҳукумат оид ба масъалаҳои коргарон комиссияҳои давлатӣ ташкил намуд.

**Шӯриши июнӣ.** Аз 4 май ба ҷои **Ҳукумати Муваққатӣ Маҷлиси Муассисон** ба кор шурӯъ кард. Ин маҷлис аз рӯзи аввали фаъолияташ барои торумори шӯришчиён пинҳонӣ ба тайёрӣ сар кард. Коргарон аз Маҷлиси Муассисон талаб карданд, ки Вазорати меҳнат ва рушдро ташкил намоянд. Вале он қатъиян ба муқобили ташкил кардани чунин вазорат баромад. Маҷлиси Муассисон чанд қарори зиддихалқӣ қабул кард, ки он қаҳру ғазаби заҳматкашони Парижро ба вуҷуд овард. 15 май зиёда аз 100 ҳазор нафар коргарон ба намоиши эътирозӣ баромада, сӯи қасри Бурбонҳо, ки қароргоҳи Маҷлиси Муассисон буд, ҳаракат карданд. Намоишчиён пароканда кардани Маҷлиси Муассисонро талаб карданд. Вакилон хавфро ҳис карда, ба ҳар тараф пароканда шуданд. Намоишчиён аз ин рӯҳ гирифта, ба сӯи бинои Ратушаи



105. Халқ тахти королро ба замин мепартоянд. 24 феврали соли 1848

шаҳр равон шуданд. Вале ҳукумат зидди онҳо лашкарро истифода намуд. Намоишчиён пароканда карда шуданд. Бо ҳамин ҳукумат зидди инқилоб ба ҳуҷуми қатъӣ гузашт.

22 июн Парлумон қарор қабул кард, ки «устохонаҳои миллӣ» баста шаванд. Мувофиқи ин қарор ҳамаи шахсони муҷарради аз 18 то 25- сола бояд ба лашкар дохил мегардиданд. Боқимондаи онҳоро ба корҳои маҷбурии заминканӣ равона мекарданд.

Коргарони Париж ин қарори ҳукуматро сӯиқасди душманони ҷумҳурӣ донистанд. Ин вақт арбобони буржуазия лоиҳаи конститутсияи нави Фаронсаро тайёр мекарданд. Бинобар ин онҳо намехостанд, ки коргарони фаъол дар Париж бошанд. Коргарон намояндагони худро ба Маҷлиси Муассисон равон карда, талаб намуданд, ки ин қарори беадолатонаи худро бекор кунанд. Вале талаби коргарон ба инобат гирифта нашуд.

Дар натиҷаи баста шудани «устохонаҳои миллӣ» 113 ҳазор коргарон бекор монданд. Коргарон ин ҳолатро дида, 23 июн шӯриш бардоштанд. Дар Париж қариб 600 баррикада сохта шуд. Зиёда аз 100 ҳазор нафар коргарон мусаллаҳ шуда, ба кӯчаҳо баромаданд.

Дар шӯриш коргарони «устохонаҳои миллӣ» аз ҳама фаъолтар буданд. Онҳое, ки дар «устохонаҳои миллӣ» сардори бригада, взвод, рота ва ғайра буданд, роҳбарии дастаҳои шӯришгаронро ба ӯҳда гирифтанд. Ҳукумати буржуазии Фаронса дар ихтиёри худ лашкари пиёдагарди 80- ҳазорнафара, кавалерия ва боз зиёда аз 2 ҳазор нафар аскарону афсарони чусту чолок дошт.

Ҷанги шадид оғоз ёфт. Артиллерияи ҳукуматӣ шӯришгаронро тирборон мекард. Шӯришчиён хеле бад мусаллаҳ буданд. Тамоми рӯз садои таркиши гулӯла ва сӯхтор давом кард. Шӯришчиён шикаст хӯрданд. Ноилоҷ онҳо ба тарафи шарқии шаҳр ақиб нишастанд. Боқимондаи шӯришчиён дар маҳаллаи Сент-Антуан паноҳ бурданд. Вале онҳо ҳам 26 июн пахш карда шуданд.

Қариб 11 ҳазор шӯришчиён кушта, зиёда аз 25 ҳазор нафар ба ҳабс ва 3,5 ҳазор нафари онҳо бадарға карда шуданд.

**Барқарор гардидани мутлақият.** 2 декабри соли 1851 набераи Наполеони I шоҳзода Луи Наполеон тавассути табаддулот ба тахти президентии Фаронса нишаст. Барои ҷомаи амал пӯшидани ин нақша Луи Наполеон тайёрии ҷиддӣ дида буд. Пеш аз табаддулот ӯ дар тамоми гарнизонҳои шаҳр одамони худро ба кор таъин карда, фармон дод, ки шахсони хавфноку беэътимод ба ҳабс гирифта шаванд.

Хабари табаддулоти давлатиро фаҳмида, қариб 10 ҳазор нафар ҷумҳурихоҳон ба кӯчаҳои шаҳр баромаданд. Онҳо сангарҳо сохтанд ва ба муборизаи мусаллаҳона омода шуданд. Вале қувваи Луи Наполеон бузург буд. Ӯ тавонист, ки шӯришро ба тезӣ пахш кунад.

Баъд аз як соли президентӣ, Луи Наполеон Бонапарт Ҷумҳурии Дуюмро барҳам зада, худро Наполеони III, императори Фаронса эълон намуд. Фаронса империя эълон карда шуд. Он ба худ номи «Империяи Дуюм»-ро гирифт.

Наполеони III мардумро фиреб медод. Вақте ки ӯ ба сари қудрат омад, эълон кард, ки «империя сулҳ аст», вале дере нагузашта ӯ ҷангҳои горатгаронаю беадолатонаро оғоз намуд. Империяи Дуюм бо ҳамроҳии Англия бар зидди Чин ҷанг эълон кард. Инчунин лашкари Фаронса Кохинхин ва Камбоҷаро (ҷануби Ҳиндучин) ишғол карда, ба мустамликаҳои Фаронса табдил дод.

**Аҳамияти инқилоби буржуазии соли 1848-и Фаронса.** Инқилоби буржуазии соли 1848-и Фаронса аҳамияти калони таърихӣ дорад. Коргарон ва буржуазияи Фаронса барои мақсадҳои худ мубориза бурданд. Ҳар кадоми онҳо роҳи ба мақсадҳои худ ноил шудан (гузаронидани ислоҳот) - коргарон бо роҳи зӯрӣ, буржуазия бо роҳи осоиштаро дуруст ҳисоб мекарданд.

Инқилоби соли 1848 нишон дод, ки коргарон нисбат ба буржуазияи Фаронса камтар муташаккиланд. Дар ин инқилоб буржуазия барои ба мақсадҳояш ноил шудан бо коргарон якҷоя фаъолият накард. Ин ҳам дар Маҷлиси Муассисон ва ҳам дар муносибат бо Ҳукумати Муваққатӣ, ҳам дар аз нав барқарор кардани мутлақияти Фаронса мушоҳида гардид. Дар Маҷлиси Муассисон ё Ҳукумати Муваққатӣ агар сухан дар бораи манфиатҳои коргарон ва табақаҳои дигари меҳнаткаш мерафт, вакилони буржуазия бетавофутӣ зоҳир мекарданд. Вакилони коргарон низ нисбати манфиатҳои буржуазия ҳамин хел рафтор менамуданд.

Дар инқилоби февралӣ буржуазия нисбат ба воқеаҳои июнӣ фаъолтар иштирок кард. Вале ҳамин ки қисман ба мақсади худ расид, бо доираҳои ҳукмрони мамлакат иттифоқ баста, ҳатто шароит ба вуҷуд овард, ки Бурбонҳо аз нав ба сари қудрат оянд.

Ташкил шудани Империяи Дуюми Фаронса умри инҳисори феодалон ва як қисми буржуазияи мамлакатро дар ҳокимият ба муддати тӯлонӣ наҷот дода натавонист. Ташкили давлати демократии Фаронса гарави таъмини ҳуқуқҳои меҳнаткашон, буржуазия ва аъзоёни дигари ин ҷомеа буд.

### *Ҳуҷҷатҳо*

### *1. Хитобномаи шӯришчиёни округи VIII-и Париж, июни соли 1848*

*Шаҳрвандон! Дар сангарҳои моҳи феврал ашхосе, ки Шумо ба онҳо унвони Ҳукумати Муваққатӣ дода будед, ба мо ҷумҳурии иҷтимоию демократӣ ваъда карданд.*

*Онҳо ваъда кардаңду Шумо ба суханҳои онҳо бовар карда, сангарҳои худро тарк кардед.*

*Дар чор моҳ онҳо чӣ кор карданд?*

*Онҳо ба ваъдаи худ вафо накарданд.*

*Мо, шаҳрвандоне, ки биною мирии округи VIII-ро ҳифз мекунем, чунин талабҳо дорем:*

*Эълони ҷумҳурияти иҷтимоӣ ва демократӣ;*

*Бо ёрии давлат ташкил кардани иттиҳодияҳои озод;*

*Ба суд кашидани вазирон ва бетаъхир ҳабс кардани комиссияи иҷроия;*

*Аз Париж баровардани лашкар;*

*Шаҳрвандон!*

*Дар хотир доред, ки шумо соҳибихтиёр ҳастед.*

*Шиори моро дар хотир нигоҳ доред:*

*Озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ.*

*(Аз китоби «Социальная борьба в Западной Европе XIX века в подленных документах» Л.: 1994, т.1. стр. 189).*

### *2. Муроҷиатномаи шӯришчиён аз 24 июни соли 1848*

*Баҳри Ҷумҳурӣ, Озодӣ, Баробарӣ, Бародарӣ!*

*Рафиқон, шаҳрвандон! Мудофиа ташкил мекунем, қуввае нишон диҳем, ки ба он соҳибем; дудилагӣ бас аст. Бигузор ҳар кас вазифаи худро иҷро намояд. Бигузор занону кӯдакон моро рӯҳбаланд намоянд... Коре, ки онро муҳофизат мекунем, кори тамоми ҷаҳон аст.*

*Агар Париж занҷирбанд карда шавад, пас тамоми Аврупо ба ғуломӣ гирифтор мешавад.*

*Силоҳ ба даст гиред! Силоҳ ба даст гиред!*

*Ё ғалаба мекунем, ё баҳри ҷумҳурии демократӣ ва иҷтимоӣ мемирем. Чунин аст даъвати мо, бародарон. Саломи бародарӣ.*

*(Аз китоби Малок А.И. Июнские дни 1848 г. М.: 1948, стр. 95-96).*

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Сабабҳои инқилоби буржуазии Фаронсаи соли 1848-ро баён кунед. **2**. Дар бораи рафти инқилоби февралии соли 1848-и Париж нақл кунед. **3**. Буржуазияи Фаронса дар инқилоби февралӣ чӣ нақш бозид? **4**. Оё инқилоби февралӣ моҳияти буржуазӣ дошт? Он дар чӣ зоҳир гардида буд? **5**. Барои чӣ «Устохонаҳои миллӣ»-ро ташкил карданд? **6**. Чаро Маҷлиси Муассисон «устохонаҳои миллиро» баст? **7**. Дар бораи рафти шӯриши июнии соли 1848 нақл кунед ва аз он хулоса бароред. **8**. Оё дар байни шӯриши феврали ва июнӣ ягон тавофуте ҳаст? **9**. Империяи Дуюм чӣ тавр ташкил ёфт? Дар бораи ба сари қудрат омадани Наполеони 111 маълумот диҳед. **10**. Инқилоби буржуазии соли 1848-и Фаронса чӣ аҳамият дошт? **11**. Дар бораи инқилоби буржуазии соли 1848-и Фаронса ва воқеаҳои ба он алоқаманд фикри худро баён кунед.

## §26-27. ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ СОЛҲОИ 1848-1849 ДАР ОЛМОН ВА ИТОЛИЁ

**Сабаб ва мақсадҳои инқилоби буржуазӣ дар Олмон.** Дар давлатҳои Олмон сармоядорӣ рӯ ба болоравӣ ниҳод. Вале ду омил-парокандагии сиёсии Олмон ва мавҷудияти тартиботи феодалӣ пеши роҳи тараққиёти онро мегирифт.

Дар арафаи инқилоб дар Олмон даҳҳо давлатҳои хурду нисбатан бузург вуҷуд доштанд. Сарҳаду бочхонаҳои мавҷудаи дохилӣ робитаҳои иқтисодию сиёсии онҳоро суст менамуданд. Роҳбарии давлатҳои Олмонро ҳокимони мутлақ –королҳо иҷро мекарданд. Мутлақият бошад, ба рушди саноат ва тиҷорат халал мерасонид.

Бӯҳрони иқтисодӣ дар Олмон аҳволи оммаи халқро вазнинтар кард ва ба инқилоби буржуазӣ замина фароҳам овард. Барои барҳам додани монеаҳо, тартибот ва парокандагии феодалӣ, пеш аз ҳама, буржуазияи Олмон манфиатдор буд. Қисми зиёди коргарону кишоварзон ва ҳунармандон, ки аз тартиботи феодалӣ азоб мекашиданд ҷидду ҷаҳди буржуазияи миллиро дасттирӣ мекарданд.

Барои доир гардидани инқилоби буржуазӣ дар Пруссия бештар шароит муҳайё гардида буд.

**Инқилоб дар Пруссия.** Бӯҳрони иқтисодии соли 1847 дар мамлакат сафи бекорон ва гуруснагиро зиёд кард. Хабари эълон карда шудани Ҷумҳурии Фаронса дар моҳи феврали соли 1848 дар Олмон инқилобро тезонид. 27 феврал дар Баден намоишҳои оммавӣ оғоз ёфтанд. Мардум аз ҳукумат талаб мекарданд, ки барои озодии матбуот, ақида ва маҷлису ҷамъомадҳо шароити ҳуқуқӣ муҳайё карда шавад. Халқ инчунин ташкили додгоҳи қасамиён, милитсияи халқӣ ва даъвати маҷлиси муассисони умумиолмониро талаб мекард.

Герсог Леополд аз шӯриш тарсида, ҳамаи дархостҳои дар талабномаи мардум зикршударо қонеъ гардонид. Ғайр аз ин ӯ ба дафтари вазирон якчанд намояндаи буржуазияи озодандеш (либерал)-ро дохил кард. Дар давлатҳои дигари Олмон низ мавҷҳои инқилобӣ пайдо мешуданд. Королҳо барои ҳимояи тахту тоҷи худ талабҳои шӯришчиёнро қабул мекарданд. Пешвоёни оппозитсияро ба ҳайати ҳукумат дохил карда, бо ҳамин шӯълаи инқилобро паст кардани мешуданд.

Моҳи март инқилоб дар Пруссия оғоз ёфт. Он музофоти аз ҳама пешқадами ин давлат - Рейнро фаро гирифт. 3 март коргарон ва косибон ба кӯчаҳои Кёлн баромада, бинои ратушаро иҳота

карда, талаб намуданд, ки дар мамлакат бе таъхир ислоҳоти демократӣ гузаронида шавад. 7-уми март инқилоб пойтахти Пруссия-шаҳри Берлинро ҳам фаро гирифт. Аз ҳамон рӯз сар карда намоишу гирдиҳамоиҳо ягон рӯз ҳам қатъ нагардиданд ва 13-уми март он ба хунрезӣ оварда расонид.

Дар Вена низ инқилоб оғоз ёфт. Короли Пруссия Фридрих-Вилгелми IV талабҳои буржуазияи озодихоҳро қонеъ гардониданӣ набуд. Вале дар натиҷаи тезу тунд шудани вазъият ӯ маҷбур шуд, ки 18 март ба фармон дар бораи ҷорӣ кардани конститутсияи нав имзо гузорад.

Фармони королро шӯришгарон бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд. Анбӯҳи калони мардум барои табрики **мутлақияти конститутсионӣ** ба ҷониби қасри корол раҳсипор шуданд. Вале дар назди қаср мардумро гордҳои мусаллаҳ бо сарнайзаву силоҳ ва оташ пешвоз гирифтанд. Задухӯрд оғоз ёфт. Шӯришгарон ба сохтани сангарҳо шурӯъ карданд. Дар ин кор махсусан коргарон ва косибон фаъол буданд. То бевақтии шаб дар кӯчаҳои шаҳр садҳо сангар сохта шуданд.

Пагоҳии 19-уми март маълум гардид, ки корол ба осонӣ ғалаба карда наметавонад. Бинобар ин бо фармони ӯ ба шаҳр лашкар даромад. Вале корол ба лашкар ҳам эътимод надошт. Корол аз халқ тарсида, фармон дод, ки лашкар аз шаҳр бароварда шавад, то ки шӯришгарон задухӯрди зидди ҳукумати ӯро бас кунанд.

Буржуазияи Пруссия аввал хост, ки дар мамлакат бо ёрии халқ конститутсия ҷорӣ кунад. Вале баъди 19 март аз мавҷи шӯриш тарсида, бо корол наздик шудан хост. Фридрих-Вилгелми IV ва дворянҳои дарбори ӯ низ аз инқилоб тарсида, маҷбур шуданд, ки муваққатан бо буржуазияи озодихоҳ наздик шаванд. Ин имкон дод, ки шӯриш пахш карда шавад. 29-уми март корол бонкдор Кампгаузенро сардори ҳукумати нав таъин кард. Пас аз ин буржуазия аз корол талаб кард, ки ба шаҳр аз нав лашкар даровардa шавад.

Инқилоби буржуазӣ муваққатан ҳам бошад, дар баъзе давлатҳои олмонӣ ғалаба кард. Ин иқдом ҳаракати миллиро барои муттаҳид кардани давлатҳои Олмон ба вуҷуд овард. Зарурати ҳарчӣ тезтар муттаҳид кардани Олмонро буржуазия ва оммаи халқ хуб эҳсос мекарданд. Аз ин рӯ, аз ҳокимони мутлақи давлатҳои Олмон талаб мекарданд, ки Маҷлиси Муассисони умумиолмонӣ даъват карда шавад. Аз 31 март то 3 апрели соли 1848 дар шаҳри Франкфурти лаби Майн анҷумане бо номи «Пеш аз парлумон» ба кор шурӯъ кард, ки ба он аз тамоми Олмон арбобони ҷамъиятӣ



106. Моҳи марти соли 1848. Шӯриш дар Берлин

ҷамъ омада буданд. Дар анҷуман қарор карданд, ки ба маҷлиси муассисон интихобот гузаронида шавад.

Моҳи май дар Франкфурти лаби Майн интихобот гузаронида шуд. Ҷаласаи аввалини он 18 майи соли 1848 дар вазъияти ботантана дар калисои ҷомеи Павели Муқаддас баргузор гардид. Масъалаи аз ҳама муҳими он ташкил кардани ҳукумати марказии Олмон буд. Маҷлис дар ҳайати худ Ҳукумати Муваққатиро ташкил кард. Вале баъд аз ташкил кардани ҳукумат низ дар Олмон чизе тағйир наёфт.

Аксулинқилобчиён тобистони соли 1848 муқобили инқилоб ба ҳуҷум гузашта, онро шикаст доданд.

Таҷрибаи инқилоби Олмон нишон дод, ки буржуазия дар мамлакат ҳанӯз аз ӯҳдаи роҳбарӣ ба инқилоб баромада наметавонад. Он аз коргарон ҷудо амал мекунад. Мавҷуд набудани иттифоқи буржуазия ва оммаи заҳматкашон сабаби асосии шикасти инқилоб гардид.

**Сабаб ва мақсадҳои инқилоби буржуазии Итолиё.** Итолиё ҳам мисли Олмон аз давлатҳои зиёди пароканда иборат буд. Ба ин нигоҳ накарда дар он ҷо солҳои 30 ва 40 асри XIX муносибатҳои сармоядорӣ, махсусан, дар Итолиёи Шимолӣ бо суръат пеш мерафтанд. Саноат тараққӣ мекард. Аксари заминдорон хоҷагии худро ба таври сармоядорӣ пеш мебурданд. Мардуми вилоятҳои ҷанубӣ асосан ба кишоварзӣ машғул буданд.

Ба пешравии иқтисодиёт асосан ҳукмронии феодалӣ ва мутлақият халал мерасониданд. Заминдорон ва калисо майдонҳои ҳосилхези зиёдеро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд.

Итолиё аз ҷиҳати иқтисодӣ аз Англия, Фаронса ва Олмон ақиб монда буд, зеро аз панҷ чор ҳиссаи аҳолии мамлакат ба кишоварзӣ машғул буд. Музофотҳои нисбатан тараққикардаи мамлакат (аз он ҷумла, Пемонт дар ҳайати королии Сардиния ва Ломбардия) ба империяи Австрия дохил буданд.

Инқилоби буржуазии Итолиё сабабҳои дохилӣ ва хориҷӣ дошт. Ба сабабҳои дохилӣ аҳволи вазнини мардуми заҳматкаш, ба вуҷуд омадани нерӯҳои истеҳсолии сармоядорӣ ва ду табақаи нави иҷтимоӣ –коргарон ва буржуазия (ки онҳо демократикунонии ҷомеаро мехостанд), мавҷудияти муносибатҳои истеҳсолии кӯҳнаи феодалӣ, номувофиқатии онҳо бо нерӯҳои нави истеҳсолкунанда, инкишофи нобаробари музофотҳои гуногуни мамлакат ва парокандагии феодалии Итолиёро дохил кардан мумкин аст. Ба сабабҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, зулми мустамликавии империяҳои Австрия ва Фаронса, ки як қисми Итолиёро дар дасти худ нигоҳ медоштанд ва Итолиё аз тарафи ин давлатҳо ғорат карда мешуд, мансуб буданд.

Ду давлат – Фаронса ва Австрия барои муттаҳид шудани давлатҳои Итолиё халал мерасониданд. Мардуми заҳматкаш ва қисми пешқадами буржуазияи Итолиё мамлакатро муттаҳид карданӣ буданд.

Се сабаби асосии инқилоби Итолиёро қайд кардан зарур аст: мавҷуд будани ҳокимияти мутлақ, муносибатҳои феодалӣ ва зарурати муттаҳид сохтани давлатҳои парокандаи феодалӣ. Ин инқилоб бо моҳияти миллию озодихоҳии худ аз инқилоби буржуазии Олмон фарқ мекард.

**Оғоз ва рафти инқилоби Итолиё.** Дар рафти муборизаи зиддифеодалӣ ду тамоили сиёсӣ мушоҳида мешавад: тамоили инқилобӣ-демократӣ, ки он ба табақаҳои хурд ва миёнаи буржуазия ва зиёиёни буржуазӣ такя мекард ва тамоили либералӣ, ки ба буржуазияи калони саноатӣ ва дворянҳою помешикон такя менамуд. Ба тамоили инқилобӣ-демократӣ яке аз шахсони шинохтаи Итолиё Ҷузеппе Мадзини роҳбарӣ мекард. Ӯ ҷамъияти махфии «Итолиёи ҷавон»-ро ташкил кард. Шиори асосии ин ҷамъият «Иттиҳод ва ҷумҳурӣ» буд. Он маънои муттаҳидшавии миллӣ ва дигаргунсозиҳои демократии Итолиёро дар назар дошт.

Ҷузеппе Гарибалдӣ (1807-1882) зодаи Нитса буда, соли 1833 ба шӯриши ташкилкардаи «Итолиёи ҷавон» роҳбарӣ намуд. Барои ин суд ӯро ғоибона ба қатл ҳукм кард. Гарибалди ба Америкаи Ҷанубӣ гурехта, дар ҳаракатҳои миллию озодихоҳии зидди ҳукмронии Испониё фаъолона иштирок кард.

Дар Итолиё солҳои 1747-1748 вазъияти инқилобӣ ба амал омад. Дар



107. Ҷузеппе Мадзини



108. Ҷузеппе Гарибалди

Рим мардум баромадҳо ва корпартоиҳо ташкил намуданд. Чунин баромадҳо дар Тосканаю Пемонт, махсусан дар Ломбардияю Венетсия ва Королии ҳарду Ситсилия, дар шаҳрҳои Мессина ва Реҷио ба амал омаданд.

Баромадҳои нахустини инқилобӣ дар Итолиё 12 январи соли 1848 дар шаҳри Палермои ҷазираи Ситсилия оғоз ёфтанд. Дар охирҳои моҳ аввал ҷануби ҷазира ва баъд шаҳри Неапол ба инқилоб ҳамроҳ шуданд. Халқ королро маҷбур кард, ки ҳукумати либералӣ ташкил кунад ва барои ҷорӣ намудани конститутсия ҳам ваъда бидиҳад. Ҳаракати инқилобӣ шаҳри Пемонт ва вилояти Римро ҳам фаро гирифт. Дар зери фишори буржуазия ва оммаи халқ ҳукумати либералӣ ташкил карда шуд. Дере нагузашта Конститутсияи Пемонт эълон карда шуд, ки мувофиқи он парлумон аз ду палата – Сенат ва Палатаи вакилон иборат буд. Ин конститутсия асосан барои буржуазия хизмат мекард.

Дар вилоятҳои дигари Итолиё ҳам ҳаракатҳои инқилобӣ ба амал омаданд. Дар ин ҷойҳо ҳам ҳокимият маҷбур шуд, ки ба буржуазия ва омма гузаштҳо кунад.

Аз 18 то 22 март дар Милан байни инқилобчиён ва лашкари фелдмаршали Австрия -Редетски задухӯрди калон ба вуҷуд омад. Халқи Милан австриягиҳоро аз шаҳр пеш карданд. Ҳокимият дар Ломбардия ба дасти Ҳукумати Муваққатӣ гузашт. 22 март дар Венетсия низ шӯриш сар зад. Шӯришгарон дар ин ҷо ҳам ҳокимиятро ба даст даровардa, Венетсияро ҷумҳурӣ эълон намуданд.

Дар зери фишори халқи шӯришбардошта короли Сардиния Карл Алберт маҷбур шуд, ки алоқаашро аз Австрия биканад. Ӯ баъди озод кардани Милан лашкари худро ба тарафи қалъаҳои австриягии Пескера ва Мандуи равон кард. Вале бо ин қувва аз Итолиё пеш кардани қӯшуни Австрия кори осон набуд. Ҷузеппе Гарибалди хост, ки аз Америка баргашта, ба шӯришчиён ёрӣ расонад, вале Карл Алберт таклифи ӯро рад кард. Баъди чандин муҳориба лашкари Сардиния қобилияти ҷангии худро гум кард. Редетски аз ин истифода бурда, бар зидди қувваҳои Карл Алберт ба ҳуҷум гузашт.

**Мавқеи Папаи Рим ба инқилоб.** Вақте ки архиэпископ Пийи IX ба тахти Папа нишаст, аввал барои иҷрои талабҳои буржуазияи либералӣ майл дошт. Ӯ сензураро сусттар карда, маҳбусони сиёсиро авф намуд, аз ҳисоби намояндагони баъзе музофотҳо Шӯрои давлатӣ таъсис дод. Ин ислоҳоти Папаро либералҳои вилояти Рим ва берун аз он бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд. Вале Карл Алберт аз халқи яроқнок метарсид. Бинобар ин вай зидди инқилоб буд. Қариб ҳамаи ҳокимони мутлақи Итолиё дар ҳамин мавқеъ буданд.

Агар дар аввали инқилоб онҳо ба халқ ва буржуазияи либералӣ гузашт карда бошанд, акнун аз ҷанги зидди Австрия даст кашида, ба муқобили инқилоб муборизаро оғоз карданд.

Папа Пийи IX ошкоро ба халқ хиёнат кард. Тавассути «Мурочиатнома»-и махсус ӯ эълон кард, ки зидди Австрия ҷанг намекунад. 15 майи соли 1848 бошад, Фердинанди II дар Неапол табаддулоти аксулинқилобӣ гузаронида, палатаи вакилонро пароканда кард. Дастаҳои неаполитаниро, ки муқобили австриягиҳо равона карда шуда буданд, бо фармони ӯ аз Ломбардия фавран ҷеғ заданд.

**Шикаст хӯрдани инқилоби буржуазии Итолиё.** 24-25 июли соли 1848 қӯшунҳои Австрия ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, дар назди Кустосса лашкари Сардинияро торумор ва Карл Албертро маҷбур карданд, ки сулҳ бандад. Мувофиқи ин созишнома Ломбардия аз нав ба Австрия баргардонида шуд. Герсогҳои сулолаи Габсбургҳоро боз ба Моден ва Парма баргардониданд.

Дар тамоми Итолиё аксулинқилоб ба ҳуҷуми қатъӣ гузашт. Вале халқ бар зидди душманони инқилоб ва душманони муттаҳидшавии Итолиё ба мубориза бархост. Моҳи ноябр дар Рим шӯриш ба амал омад. Шаби 25 ноябри соли 1848 Папа Пийи IX аз Рим гурехт. Мардум даъват карда шудани маҷлиси муассисонро талаб кард. Бо таклифи Ҷузеппе Гарибалди ин маҷлис қарор кард, ки Папа Пийи IX аз вазифааш сабукдӯш ва Рим ҷумҳурӣ эълон карда шавад. Ин воқеа ҳаракати демократиро дар вилоятҳои Итолиё, аз он ҷумла дар Тоскана пурзӯр кард. 31 январи соли 1849 герсоги вилоят Леополди II аз Флоренсия фирор намуд.

Аз тезу тунд шудани воқеаҳо Карл Алберт тарсида, созишномаи сулҳи Кустоссаро аз эътибор соқит кард ва ба муқобили Австрия ҷангро аз нав оғоз намуд, вале дере нагузашта шикаст хӯрд ва ба фоидаи писараш аз тоҷу тахт даст кашида, ба хориҷа гурехт. Короли Сардиния Виктор Имануили II бо Австрия сулҳ баста, дар Пемонт бар зидди ҳаракати инқилобӣ ба мубориза оғоз намуд. Дере нагузашта аксулинқилоб дар Ситсилияю Тоскана, Риму Венетсия ва музофоту вилоятҳои дигари Итолиё ғалаба кард. Инқилоби буржуазии Итолиё бо ҳамин шикаст хӯрд.

**Сабабҳои шикаст хӯрдани инқилоби буржуазии Итолиё.** Сабабҳои шикастхӯрии инқилоби буржуазии солҳои 1848-1849-и Итолиё низ ба шикасти инқилоби буржуазии Олмон монанд аст. Буржуазияи миллӣ аз халқ истифода бурда, аз мутлақият барои худ гузаштҳо талаб мекард ва дар бисёр мавридҳо ба мақсад мерасид. Вале баъди чанд вақт ҳокимони мутлақ буржуазияро аз он музаффариятҳояш маҳрум мекарданд. Буржуазияи Итолиё дар мубориза собитқадам набуд. Бар замми ин коргарон ва дастаҳои

инқилобии меҳнаткашони Итолиё ҳанӯз камқувват буданд. Дар ин ҷо низ буржуазия мехост ба мақсадҳои худ бо роҳи муборизаи осоишта расад. Ҳокимони мутлақи Итолиё метарсиданд, ки баробари барҳам задани мустамликадорӣ халқ ҳокимияти онҳоро низ сарнагун месозад. Аз ин сабаб бо Папаи Рим Пийи IX ҳамфикр буда, аз озод карда шудани Итолиё дида бо Австрия бастани сулҳ ва дар зери зулми ин империя монданро афзалтар медонистанд.

### *Ҳуҷҷатҳо*

#### *1. Аз «Аусбургер Алгемайне Сайтунг». 15.111.1848, № 5*

*... Воситаҳое, ки бо ёрии онҳо «Итолиёи Ҷавон» барои амалӣ кардани мақсадҳои худ мекӯшид, моҳиятан тарбия ва шӯриш мебошад. Ин ду омил бояд бо ҳамдигар дар якҷоягӣ истифода шаванд. Тарбия...дар ниҳояти кор бояд ба принсипи тарбияи миллӣ табдил ёбад. Аъзои «Итолиёи Ҷавон» бояд ба ҷамъ кардани маблағ ва сарфи он барои нашр ва тақсими маводи чопӣ кӯмак расонад... Ахбор барои тайёр кардани шӯриш зарур аст. Он бояд ба таври махфӣ ҳам дар дохили Итолиё ва ҳам берун аз он ба амал бароварда шавад.*

– *Шӯриш дар маҷмӯъ бояд оғози тавлиди миллатиояндаи итолиёвӣ, тафаккури итолиёвӣ ва нутқи итолиёвӣ бошад. Шӯриш мақсад дорад, ки халқ аз нав эҳё гардад. Ӯ барои халқ баромад мекунад ва ба ӯ такя менамояд, зеро то имрӯз нисбати он беэътиноию беҳурматӣ зоҳир карда шудааст.*

#### *2. Эълони авф (Аз ахбори расмӣ,20.III.1848)*

*Ҳамаи онҳоеро, ки аз рӯи кирдор, ҷинояти сиёсӣ ва барои асари чопӣ гунаҳгор ва маҳкум шуда буданд, авф мекунем.*

*Татбиқи таъҷилии ин авф ба вазири адлия воғузор карда мешавад.*

***Фридрих-Вилгелм. Берлин, 20 марти 1848.***

*«Гирифта шудани Сейхгауз, 14 июни соли 1848».*
*Аз «Рӯзномаи нави Рейн». № 17, 17.06.1848.*

**Савол ва супоришҳо**. **1**. Дар бораи сабабҳо ва рафти инқилоби буржуазии Олмон нақл кунед. **2**. Инқилоби буржуазии Олмон бояд чӣ вазифаҳоро иҷро мекард? **3**. Чаро инқилоби буржуазии солҳои 1848-1849-и Олмон шикаст хӯрд? **4**. Бо кадом мақсад солҳои 1848-1849 дар Итолиё инқилоби буржуазӣ ба амал омад? **5**. Дар бораи ҳаракати миллию озодихоҳии Итолиё маълумот диҳед. **6**. Чаро инқилоби буржуазии Итолиё дар аввал ба муваффақият, вале баъд ба нокомӣ дучор гардид? **7**. Сабабҳои шикаст хӯрдани инқилоби буржуазии Итолиёро гӯед. **8**. Мавқеи Папаи Рим Пийи IX нисбати инқилоби буржуазии Итолиё ва нисбати муборизаи миллию озодихоҳонаи зидди империяи Австрия чӣ тавр буд? **9**. Чаро ҳокимони Итолиё ва Папаи Рим ба муқобили Австрия ҷанг кардани Итолиёро намехостанд? **10**. Оё инқилоби буржуазии Итолиё аз инқилоби буржуазии Олмон фарқ дошт? **11**. Аз инқилоби буржуазии Олмон ва Итолиёи солҳои 1848-1849 хулосаи умумӣ бароред.

# §28. ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗИИ СОЛҲОИ 1848-1849 ДАР ИМПЕРИЯИ АВСТРИЯ

**Сабабҳои инқилоб.** Австрия империяи сермиллат буд. Ба он чандин қаламрави миллӣ, ба монанди Маҷористон, Чехия, Хорватия, Словакия, Воеводина, Украинаи Закарпат, Трансилвания дохил буданд. Империя 34 миллион нафар аҳолӣ дошта, 16 миллион нафарро славянҳо, 11 миллион нафарро маҷорҳо, итолиёвиҳо, руминҳо, валаҳҳо ва танҳо 7 миллион нафарро немисҳо ташкил менамуданд. Аҳолии ғайринемиси империя орзӯи аз зери асорати мустамликавии Австрия озод шуданро доштанд.

Ҳокимият дар Австрия пурра дар дасти сулолаи Габсбургҳо буд. Ба пешравии муносибатҳои сармоядорӣ тартиботи феодалӣ халал мерасонид. Корол муҳофизатгари тартиботи феодалӣ буд. Вай намехост, ки дар империя дигаргуниҳои буржуазию демократӣ ба амал оянд.

Дар мамлакат ду табақаи нави иҷтимоӣ- буржуазия ва коргарон тавлид ёфтанд. Оҳиста-оҳиста байни онҳо ва тартиботи феодалӣ зиддиятҳо ба амал меомаданд.

Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1847-1848 зиддиятҳои мавҷударо боз ҳам тезу тунд кард. Мардум сабаби инро дар сохти мавҷудаи давлатӣ -империя ва мутлақияти Австрия медиданд. Ҳамаи ин боиси инқилоби буржуазии солҳои 1848-1849 империяи Австрия шуданд.

**Инқилоб дар Вена.** 18 марти соли 1848 дар пойтахти империя шаҳри Вена шӯриш оғоз ёфт. Аз пагоҳии барвақт мардум бинои сеймро иҳота карда, ҷорӣ намудани конститутсия ва истеъфои сарвазир Меттернихро талаб карданд. Император Фердинанд ба фелдмаршал Виндишгрес ваколатҳои зиёде дод, то ки шӯришро пахш кунад. Ӯ ба муқобили мардум аз силоҳу қувва истифода бурд, ки дар натиҷа намоишчиёни зиёде куштаю захмдор шуданд. Ин фоҷиа мардумро маҷбур кард, ки ба мубориза бархезанд. Шӯришгарон ба силоҳхона ҳуҷум карда мусаллаҳ шуданд. Гурӯҳе аз онҳо қасри ҳукуматро забт карданд. Вазъияти ҳукумат вазнин шуд. Меттерних аз вазифааш истеъфо дода, ба Англия фирор намуд.

Аҳолии Вена ба бекор кардани сензура, ташкили горди бюргерию донишҷӯён ноил шуданд. Император ваъда дод, ки барои тайёр кардани лоиҳаи конститутсия дар Вена маҷлиси **сеймҳои музофотҳоро** бо ҳамроҳии намояндагони буржуазия даъват мекунад. Вай баъди чанд рӯз ҳукуматро аз нав ташкил намуд. Ба ҳайати он ғайр аз аъёну ашроф намояндагони буржуазияи либералӣ низ дохил шуданд.



109. Шандор Петефи

**Инқилоб дар Маҷористон.** Муваффақиятҳои шӯришгарони Вена таркиши инқилобиро дар дигар қисмҳои империяи Австрия тезонид. Халқи маҷор барои ба даст овардани истиқлолият ва озодӣ ба муборизa бархест.

15 марти соли 1848 коргарон, косибон, донишҷӯён ва намояндагони табақаҳои дигари Пешта дар зери роҳбарии демократи инқилобӣ, шоир Шандор Петефи ба кӯчаҳои шаҳр баромаданд. Онҳо матбааро ба даст даровaрда, дар он ҷо **барномаи сиёсии** шӯришгаронро чоп карданд. Дар ин барнома, ки бо номи «12 талаб» машҳур аст, барҳам додани сензура, ташкил кардани ҳукумате, ки дар назди сейм масъул бошад, барҳам додани баршина ва ғайра инъикос ёфта буданд. Ба барнома инчунин «Суруди миллӣ», ки онро Шандор Петефи навишта буд ва он бо мисраи «Бархез, Маҷор, ватан даъват мекунад» оғоз мeёфт, дохил гардид:

Дар доди ватан, Маҷор бархез,
Бархез ту хуни душманон рез!
Аз қисмати бандагӣ раҳо шав,
Озод чу тоири ҳаво шав.

Ҳукумат аз шӯришгарон тарсида, маҳбусони сиёсиро озод кард.

Сейми Маҷористон (дар шаҳри Братислава кор мекард) аз инқилоб ба ҳарос афтода, барои ба амал баровардани дигаргунсозиҳои буржуазӣ- дар бораи мустақилияти королии Маҷористон, мустақилият дар корҳои молиявӣ ва ҳарбӣ, дар бораи барҳам додани крепостнойчигӣ, оид ба ҷорӣ намудани сохти парлумонӣ ва ғайра якчанд қонун қабул кард. Император Фердинанд инчунин барои дар Маҷористон ташкил кардани ҳукумати мустақил фармон баровард.

**Инқилоб дар Чехия**. 11 марти соли 1848 дар Прага маҷлиси шаҳрӣ баргузор гардид, ки он аз ҳукумат таъмини **озодии шаҳрвандӣ**, барҳам додани ӯҳдадориҳои феодалӣ, баробарҳуқуқии забонҳои немисию чехӣ барои Чехия, Хорватия ва Силезия, даъват карда шудани сейми қонунгузори ягона ва додани **ҳуқуқҳои сиёсӣ** ба онҳо ва ғайраро талаб намуд.

Маркази ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ дар шаҳри Прага буд. Дар ин ҷо Кумитаи Святослав ташкил карда шуд. Кумита ба номи император талабнома фиристода, муттаҳид кардани Чехия, Хорватия ва Силезияро талаб намуд. Нуфузи Кумитаи Святослав дар байни халқ рӯз то рӯз баланд мешуд. Ҳукуматдорони Австрия маҷбур шуданд, ки барои тайёр кардани ислоҳот аъзоёни ин кумитаро ба ҳайати ҳукумат дохил намоянд.

**Шикаст хӯрдани император**. Гузаштҳои император танҳо як қисми буржуазияро қонеъ карда тавонист. Лоиҳаи конститутсияи дар матбуот чопшудаи Австрия комилан зидди демократия буд. Мувофиқи он император ҳуқуқи радкунии (вето)- мутлақро дошт. Лоиҳаи конститутсия болоравии нави ҳаракати инқилобиро ба вуҷуд овард. Император кӯшиш намуд, ки ба болоравии ҳаракати инқилобӣ монеъ шавад. Аз ин рӯ, барои пароканда кардани **Кумитаи марказии горди миллӣ** фармон баровард. Вале халқ 15 май дар Вена аз нав ба мубориза бархост. Ҳукумати император аз фишори пурзӯри мардум тарсида, маҷбур шуд, ки фармонро дар бораи пароканда кардани Кумитаи марказии горди миллӣ бекор кунад. Император Фердинанд эълон кард, ки лоиҳаи конститутсияи империя аз нав дида мешавад.

Ҳукумати Австрия чанд маротиба кӯшиш намуд, ки ба инқилоб зарба занад, вале онҳо бенатиҷа анҷом ёфтанд. Буржуазия дар Вена Кумитаи бехатарӣ ташкил намуда, ба ҳифзи инқилоб шурӯъ намуд. Ҳукумат маҷбур шуд, ки аз Вена қӯшунҳояшро барорад.

**Шӯриш дар Прага.** 2 июни соли 1848 бо ташаббуси либералҳои Чехия дар Прага Конгресси славянӣ кушода шуд. Конгресси славяниро ҳукуматдорони Габсбургҳо барои ҳокимияти худ хавфнок шуморида, бо сардории фелдмаршал Виндишгрес ба Прага лашкар даровварданд. Дар Прага ҷойгиркунии лашкарро зӯроварӣ ҳисобида, аҳолии шаҳр талаб кард, ки он аз шаҳр бароварда шавад. Вале ин талаб рад карда шуд. Дар ҷавоб 12-июн мардум ба намоиши бисёрҳазорнафараи эътирозӣ баромаданд. Қӯшунҳои Австрия коргарон ва донишҷӯёни Прагаро тирборон карданд. Деҳқонони гирду атрофи шаҳр ҳам ба ёрии шаҳриён омаданд. Задухӯрдҳои хунин то 17 июн давом карданд. Вале қувваҳо баробар набуданд ва ба ҳукумат муяссар шуд, ки шӯриши Прагаро бо хун оғушта кунад.

Конгресси славянӣ дар оғози шӯриш кори худро қатъ кард. Вай худро аз шӯриш дар канор гирифт.

Шӯриши Прага аҳамияти калони таърихӣ дошт. Он нуқтаи баландтарин барои озод шудан аз зери зулми мустамликавии империяи Австрия буд.

**Шӯриш дар Вена.** Император ба муқобили Маҷористон аз Вена лашкар фиристод, вале 6-уми октябри соли 1848 коргарон ва донишҷӯёни мусаллаҳи Вена сари роҳи лашкарро гирифтанд. Шӯришгарон вазири ҳарбӣ Латурарo, ки дар бораи ба Маҷористон равон кардани лашкар фармон дода буд, дар фонуси кӯчагӣ овехтанд. Дарбориёни император аз ғазаби халқ тарсида, Венаро тарк карданд. Дар ин вақт лашкаркаши астриягӣ Елачич аз лашкари Маҷористон шикаст хӯрда, қувваҳои боқимондаи худро ба Вена равон кард. Дар охирҳои моҳи октябр Вена муҳосира карда шуд.

Шӯришчиён ба қадри зарурӣ тиру туфанг надоштанд, ба онҳо бояд маҷорҳо ёрӣ мерасониданд, вале онҳо ба тарафи Вена хеле суст ва бо қувваи ночизе ҳаракат мекарданд.

Фелдмаршал Виндишгрес аз шӯришчиён талаб кард, ки таслим шаванд. Баъди ҷавоби рад гирифтан ӯ дар бораи бомбаборонкунии ваҳшиёнаи шаҳри Вена фармон дод.

1-уми ноябри соли 1848 лашкари ҳукуматӣ маркази Венаро ба даст даровард. Дар ин муҳориба зиёда аз 5000 нафар шӯришгарон талаф ёфтанд. Ҳазорон нафар шӯришгаронро бо аҳли оилаашон парронданд ва ё ба ҳабсхонаҳо партофтанд.

**Ҷанги истиқлолиятхоҳӣ дар Маҷористон.** Торумори шӯриши Вена ба ҳукумати императории Австрия рӯҳи тоза бахшид ва онҳоро водор намуд, ки ба муқобили инқилобчиён ба ҳуҷуми қатъӣ гузарад. Вале пеш аз ин воқеа император Фердинанди I ба фоидаи ҷияни 18-солааш Франс Иосиф аз тоҷу тахт даст кашид. Қӯшунҳои Австрия соли 1849 пойтахти Маҷористон шаҳри Будапештро ишғол карданд. 4 март дар Вена қабули конститутсияи нав эълон карда шуд. Он музаффариятҳои инқилоби мартиро дар қаламрави империяи Австрия барбод дод. Инчунин мухторияти Маҷористон бекор ва идоракунии ягонаи марказиятноки империяро ташкил намуд. Маҷористон қисми таркибии мулкҳои Габсбургҳо эълон шуд. Аз Маҷористон Хорватия, Словения, Воеводина ва Трансилвания ҷудо карда шуданд.

Дар Маҷористон ба ҷои ҳукумати ватанӣ, ки аз ӯҳдаи мудофиаи Маҷористон баромада натавонист, тобистони соли 1848 Ҳукумати Кумитаи Мудофиа (бо роҳбарии Лайош Кошут) ташкил карда шуд. Кошут лашкари миллиро ташкил намуд, ки он то баҳори соли 1849 ба 170 хазор нафар расид.

Дар ҷангҳои инқилобии истиқлолиятхоҳӣ лашкари Кошут бар артиши австриягиҳо ғалаба ба даст овард. 14 апрели соли 1849 Сейми Маҷористон ҷавобан ба Конститутсияи Австрия дар бораи истиқлолияти Маҷористон эъломия қабул кард.


110. Лайош Кошут

Моҳи апрели соли 1849 император Франс Иосиф аз шоҳи Русия Николаи I ёрии ҳарбӣ пурсид. Моҳи май шоҳи Русия бо императори Австрия дар Варшава вохӯрда, нақшаи ҳуҷум ба Маҷористонро кашиданд. Моҳи июн лашкари Русия бо сардории княз Паскевич ба Маҷористон ҳаракат кард. Лашкари Маҷористон аз қувваҳои ҳарбии Русия ва Австрия шикаст хӯрда, оқибат дар наздикии Вилагош таслим шуд.

Баъди шикаст хурдани лашкар Лайош Кошут ва роҳбарони дигари инқилоб ба Туркия фирор карданд. Паскевич 13 нафар генералҳои таслимшударо ба австриягиҳо супорид. Ҳукуматдорони Австрия онҳоро ба қатл расониданд.

**Натиҷаҳои инқилоби буржуазии империяи Австрия.** Инқилоб дар империяи Австрия чун дар давлатҳои Олмон ва Италиё инқилоби анҷомнаёфтаи буржазӣ — демократӣ буд. Нерӯи асосии инқилоб буржуазия, коргарон, кишоварзон, ҳунармандон, донишҷӯён ва зиёиёни инқилобӣ буданд. Инқилоби буржуазӣ мутлақияти Австрияро сарнагун накард ва зулми миллиро низ барҳам надод. Вай барои он мағлуб шуд, ки табақаҳои нави ҷамъиятӣ - буржуазия ва коргарон барои ин кор ҳанӯз пухта нарасида буданд. Буржуазияи либералӣ дар инқилоб собитқадамона иштирок накард. Қувваҳои беруна ба натиҷаҳои инқилоб таъсири манфӣ расониданд.

Инқилоби буржуазии солҳои 1848-1849-и Австрия натиҷаҳои мусбат ҳам дод. Ҳукумат ба баъзе ислоҳотҳо маҷбур шуд. Ба ҳукуматдорони Австрия пеш аз ҳама лозим омад, ки конститутсия ҷорӣ кунанд, ҳарчанд ки он дорои ниҳоят ками арзишҳои демократӣ буд. Парлумон аз ду палата иборат буда, интихобот сатҳи дороии баланди молумулкӣ дошт. Дар бораи маҳдуд кардани баъзе ӯҳдадориҳои феодалӣ қонун бароварда шуд. Ҳокимияти судӣ ва политсия барҳам хӯрданд.

Инқилоби солҳои 1848-1849 ҳарчанд ки ба шикаст дучор омад, муборизаи миллию озодихоҳиро дар империяи сермиллати Австрия тезонид.

## *Ҳуҷҷатҳо*

### *1. Халқи Маҷор соли 1848 ба чӣ муваффақ шудан мехост (12 модда)*

*1. Мо озодии матбуот, барҳам додани сензураро мехоҳем.*

*2. Таъсиси ҳукумати масъул дар Будапешт.*

*3. Парлумони ҳарсоларо дар Пешт.*

*4. Аз рӯи муносибати граждани ва дини ҳуқуқи баробар дар назди қонун.*

*5. Ташкили горди миллӣ.*

*6. Ҷорӣ карда шудани андоз ба ҳама.*

*7. Барҳам задани муносибатҳои баршиначигӣ.*

*8. Ташкили додгоҳи қасамиён.*

*9. Таъсиси бонки миллӣ.*

*10. Артиш бояд конститутсияро дифоъ кунад, аскарони маҷор бояд ба хориҷа равон карда нашаванд, лашкари хориҷиён бояд аз Маҷористон бароварда шавад.*

*11. Озод кардани маҳбусони сиёсӣ.*

*12. Бастани иттиҳод бо Трансилвания.*

### *2. Декрет оид ба озодии матбуот ва чораҳои дигар (15 марти соли 1848)*

*Мо, Фердинанди Якум, бо меҳрубонии парвардигор императори Австрия ва ғайраю ғайраҳо феълан амр кардем ва мувофиқи он зарур донистем, ки хоҳиши халқҳои содиқи худамонро қонеъ гардонем.*

*Хабар медиҳем, ки сензура нест карда шуда, ба матбуот озодӣ кафолат додем, чӣ тавре ки дар ҳамаи мамлакатҳои дигар ҳамин тавр аст.*

*Гурди миллӣ, ки дар асосҳои моликият ва интеллигентӣ сохта шудааст, аллакай хизмати самараноктаринро ба ҷо оварда истодааст.*

*Барои дар вақти кӯтоҳтарин вакилонро аз ҳамаи табақаҳои музофотҳо ва минтақаҳои маркази королии Ломбардияю Венетсия даъват намудан,ҳайати онҳоро бо намояндагони табақаҳои гражданӣ мустаҳкам намудан ва бо назардошти риояи конститутсияҳои музофотҳо барои муҳокима ва қабули конститутсияи ватанӣ чораҳои зарурӣ андешида шуданд.*

*Аз ҳамин сабаб бо боварӣ интизор мешавем, ки ақлҳо ором мешаванд, таълим аз нав ба низом медарояд, касбу ҳунар ва тиҷорат аз нав ҷоннок мешаванд...*

### *3. Шӯриш дар Вена 15-26 майи соли 1848 (варақа)*

*...15-май дар ҳақиқат ҳокимияти халқ ва мутлақияти демократӣ кори ҳалшуда буд. Ин ба табъи ашрофон нафорид, чунки акнун ба онҳо муяссар нашуд, ки халқро бо нутқҳои зебои худ фиреб диҳанд, ё ки бар вай тавассути қувваи силоҳ ғалаба кунанд. Аз ин рӯ, аз ибораҳои «халқи содиқ» истифода бурда, дар бораи ишқу муҳаббат ба мутлақият суханпардозӣ мекарданд. Онҳо дар пастии тинати худ чунон дур рафтанд, ки барои*

*манфиатҳои ғаразноки шахсӣ аз тоҷу тахтро ба зери хатар гузоштан натарсиданд...*

*...Соати 3-и баъд аз зуҳр донишгоҳ талаби халқро эълон кард, ки:*

*1. Лашкар, ғайр аз гарнизони маҳаллӣ, бояд дар зарфи 24 соат бозхонда шавад. Горди миллӣ ва легиони донишҷуён дар бораи оромӣ ва бехатарии шаҳр ғамхорӣ кунанд.*

*2. Вазорат бояд ба дастоварди 15-уми май кафолат бидиҳад. Баҳри таъмини иҷрои он бояд ашрофон интихоб карда шаванд, то ки дар назди халқ бо сарҳои худ ҷавоб диҳанд.*

*3. Император бояд дар муҳлати кӯтоҳтарин баргардонида шавад.*

*4. Гунаҳгорон дар ба вуқӯъ пайвастани бетартибиҳо бояд ба додгоҳи қасамиён кашида шаванд. То он вақте ки ин моддаҳо иҷро нашаванд, сангарҳо бардошта намешаванд ва венагиҳо шӯришро қатъ намекунанд.*

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Сабабҳои асосии инқилоби буржуазии солҳои 1848-1849-и империяи Австия кадомҳоянд? **2**. Дар бораи инқилоби мартӣ дар Вена чиро медонед? **3**. Дар Маҷористон инқилоб чӣ тавр оғоз ёфт? **4**. Дар бораи оғози инқилоби Чехия нақл кунед. **5**. Шандор Петефи кӣ буд? **6**. Дар Прага чӣ тавр шӯриш ба амал омад ва он чӣ натиҷа дод? **7**. Дар бораи оғоз ва рафти шӯриши Вена (моҳи октябри соли 1848) нақл кунед. **8**. Дар бораи ҷанги истиқлолиятхоҳии халқи маҷор бар зидди мустамликадорони австриягӣ маълумот диҳед. Он чӣ натиҷа дод? **9**. Лайош Кошут кӣ буд? **10**. Чаро императори Австрия Франс Иосиф бо подшоҳи Русия Николаи 1 вохӯрд? **11**. Дар шикасти инқилоби империяи Австрия Русия чӣ саҳм дорад? **12**. Чаро инқилоби буржуазии Австрия шикаст хӯрд? **13**. Инқилоби буржуазии солҳои 1848-1849-и Австрия чӣ аҳамият дошт? **14**. Оид ба мавзӯъ хулосаи худро баён кунед.

# БОБИ III
# МАДАНИЯТИ АВРУПО ВА АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ

## §29. МАДАНИЯТИ АВРУПО ВА АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ ДАР АСРИ XVIII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

**Тараққиёти техника.** Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар Аврупо ва Америкаи Шимолӣ техника қадами бузург ба пеш гузошт. Охири асри XVIII дар Англия аллакай мошинҳои механикии бофандагӣ ва бугӣ васеъ истифода бурда мешуданд. Дар як қатор мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА аз ибтидои асри XIX сар карда, табаддулоти саноатӣ огоз ёфт. Истеҳсолот ба шарофати он оҳиста-оҳиста аз манафактура ба фабрика ва заводҳо мегузашт.

Муҳандиси фаронсавӣ Жаккард дастгоҳи бофандагие сохт, ки тавассути он аз ресмонҳои ҳарранга газворҳои рангоранг баровардан мумкин буд.

Коркарди фулузот низ такмил ёфт. Дар нимаи дуюми асри XVIII дар Англия тавассути кокс ва ангишт дар печҳои домнагӣ



111. Заводи чӯянгудозии Англия дар солҳои 30-юми асри XIX



112. Борбардор дар бозори Брюгге



113. Корхонаи тӯпсозӣ

чӯяни моеъ мегудохтанд. Дар он ҷо барои ҳаво пуф кардан насосҳои пуриқтидорро ба кор мебурданд.

Муҳандиси фаронсавӣ Мартен кураи маъдангудозие сохт, ки он нисбат ба конверторҳои бессемерӣ пӯлоди хушсифаттар медод.

Тайёр кардани қисмҳои мошинҳо -винтҳо, гайкаҳои печдор, маводи дигари техникӣ оғоз шуд. Дастгоҳҳои винтбурӣ ҳам ихтироъ карда шуданд.

Дар кишоварзӣ низ истифодабарӣ аз техника назаррас буд, вале нисбат ба саноат камтар. Плуги оҳанин такмил дода шуд. Плугҳои аспӣ ҳам пайдо шуданд. Дар асри XIX дар кишоварзӣ истифодаи мошинҳо оғоз ёфт. Мошинҳои ғалладаравӣ, алафдаравӣ ва ғаллакӯбаки буғӣ ихтироъ карда шуданд.

**Тараққиёти илм. Риёзиёт.** Тараққиёти техника инкишофи илмҳои дақиқро тақозо мекард. Замина барои инкишофи риёзиёт мавҷуд буд. Дар асрҳои XVII ва XVIII олими англис И.Нютон ва олими немис Г. Лейбнис ба риёзиёти муосир асос гузоштанд. Нютон қонунҳои ҳаракати механикӣ ва рушноиро кашф карда, барои ҳалли бисёр масъалаҳои илм ва техника роҳ кушод. Ӯ қонуни ҷозибаи умумиҷаҳониро низ кашф намуд.

Олими машҳури рус, профессори донишгоҳи Қазон Н.И. Лобачевский имконияти сохтани низоми геометрияи «ғайриевклидӣ»-ро исбот намуд. Евклид бар он ақида буд, ки аз нуқтаи берун аз хат хобида, танҳо як хати параллели он хатро набуранда гузаронидан мумкин аст. Н.И. Лобачевский бошад, баръакс, исбот намуд, ки ин хел хатҳо метавонанд аз якто зиёд бошанд.

**Ситорашиносӣ, физика, кимиё, тиб**. Тараққиёти илми риёзиёт ба пешравии илмҳои дигар кӯмак расонид. Телескоп такмил дода шуд. Баъди такмили он ҳазорон ситораҳои пештар номаълум кашф карда шуданд. Ситорашиносон тамоилҳои ҳаракати сайёраи Уран-



114. Исаак Нютон



115. Н.И. Лобачевский

ро дуруст муайян карда, аз рӯи он соли 1846 мавҷудияти яке аз сайёраҳои системаи офтобӣ – Нептунро исбот карданд. Олимон пешакӣ ҳисоб карда баромадани вақти хусуфи Офтоб ва Моҳро ёд гирифтанд.

Ҳанӯз дар солҳои 50-уми асри XVIII файласуфи немис И.Кант дар бораи аз туманнокии чанг пайдо шудани сайёраҳои системаи офтобӣ фикр баён карда буд. Риёзишиноси фаронсавӣ П.Лаплас дар охири асри XVIII ақидаи дигарро дар ин бора пешниҳод кард, ки офтоб ва сайёраҳо аз анбӯҳи газҳои даврзанандаи тафсон пайдо шудаанд. Олимон сохти планетарии атомро низ кашф намуданд.

Яке аз кашфиётҳои бузург ба номи олими рус М.В. Ломоносов марбут аст. Ӯ бо роҳи таҷриба исбот намуд, ки ҳангоми сӯзиш ва дигар реаксияҳои кимиёвӣ массаи умумии моддаҳо тағйир намеёбанд, моддаҳо ҳаргиз аз чизи набуда ба вуҷуд намеоянд. М.В.Ломоносов тавассути таҷрибаҳои худ қонуни нигаҳдории массаи моддаро исбот намуд. Баъдтар ин хулосаҳои Ломоносовро кимиёшиноси фаронсавӣ А.Лавуазье тавассути таҷриба исбот намуд.

Дар асри XIX олимон исбот карданд, ки моддаҳои гуногун сохти гуногуни молекулавӣ доранд ва хосияти онҳо ба ҳамин вобаста аст. Он моддаҳое, ки ба қисмҳои таркибӣ тақсим намешаванд, ба худ номи унсурро мегиранд.

Физикони англис Ҷ.Ҷоул ва немис Р.Майер соли 1842 бо роҳи таҷриба эквиваленти механикии гармиро ҳисоб карданд.

Онҳо исбот намуданд, ки миқдори гармӣ нест намешавад. Он ба энергияи механикӣ табдил меёбад.

Табаддулоти саноатӣ талаб мекард, ки хусусиятҳои кимиёвии моддаҳо омӯхта шаванд. Усулҳои тайёр кардани рангҳо, воситаҳои рангубори матоъҳо ва ғайра ёфта шуданд. Дар ин давра олимон дар самтҳои гуногуни илми кимиё ба муваффақиятҳои калон ноил гардиданд.



116. М.В. Ломоносов

Илми тиб ҳам тараққӣ мекард. Олими ҳоландӣ А.Левенгук ҳанӯз дар асри XVII микроскопро ихтироъ кард, ки он заррачаҳоро чандин маротиба калон карда нишон медод. Дар натиҷа имконияти хуб омӯхтани сохти ҷанини одам, растаниҳо ва ҳайвонот муҳайё гардид. Баъдтар микроскопи А.Левенгук такмил дода шуд.

Олими англис Э.Ҷеннер дар асри XVIII **иммунитети муковимати** баданро ба заррачаҳои касалии нағзак исбот намуд. Ин кашфиёт имкон дод, ки пеши роҳи касалиҳои зиёде гирифта шавад.

**Нақлиёт ва алоқа**. Аз асри XVIII сар карда то солҳои 50-уми асри XIX дар Аврупо ва Америкаи Шимолӣ нақлиёт ва алоқа ҳам бо суръати тез тараққӣ карданд. Дар соли 1830 дар ҷаҳон ҳамагӣ 232 км роҳи оҳан мавҷуд буд. Дар солҳои 40-ум бошад, сохтмони роҳи оҳан дар Олмон ва Фаронса низ босуръат пеш рафт. Дар соли 1870 дарозии роҳҳои оҳан дар ҷаҳон ба 200 ҳазор км расид.

Аз чоряки якуми асри XIX сар карда, киштиҳои чархдор дар уқёнусҳо ба Ҳиндустону Америка рафту омадро оғоз карданд. Баъд чархҳо бо винтҳои обӣ иваз карда шуданд. Ин кор истифодаи кори киштиҳоро беҳтар намуд. Дар солҳои 50-60-уми асри XIX флоти бодбондор қариб пурра бо флоти буғӣ иваз карда шуд.

Аз тарафи бародарони фаронсавӣ Монголфъеҳо ихтироъ карда шудани кураи ҳавоӣ имконият фароҳам овард, ки аэростатҳо сохта шаванд. Дар Фаронса ҳангоми инқилоби буржуазии охири асри XVIII аэростатҳо бо мақсади ҳарбӣ истифода бурда мешу-



117. Мухобираи телефонии А.Белл

данд. Барои аз ҳаво ба замин фаромадан парашют ҳам ихтироъ карда шуд, ки ин парвозро дар аэростатҳо бехавф гардонид.

Дар миёнаҳои асри XIX ба ҷои телеграфи оптикӣ (тавассути оташ сигнал дода мешуд) А. Белл телеграфи симин ихтироъ кард. Баъди ин алифбои Морзе ва дастгоҳи ҳарфчопкунӣ ҳам ихтироъ карда шуданд. Чунин ихтироотҳо дар алоқа инқилоб ба вуҷуд оварданд.

**Адабиёт**. Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX адабиёти Аврупо ба муваффақиятҳои беназир ноил гардид. Шоирону нависандагони ҳақиқатнигоре ба майдон омаданд, ки дар асарҳои худ ҷиҳатҳои баду неки ҷомеаро реалистона (воқеъбинона) тасвир мекарданд. Мардумро тавассути асарҳои худ ба мубориза барои ояндаи нек, озодӣ ва пешравии ҷамъият даъват мекарданд. Образҳои манфии асарҳои онҳо нафрати мардумро ва образҳои мусбат шавқу завқ ва хоҳиши пайрави кардани хонандагонро ба вуҷуд меоварданд.



118. Даниел Дефо

**Даниел Дефо ва Ҷонатан Свифт.** Даниел Дефо (1660-1731) тавассути романи «Робинзон Крузо» (соли 1719) шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд. Муаллиф дар асари худ дар бораи баҳрнаварде, ки баъди пора-пора гаштани киштӣ наҷот ёфта, қариб 30 сол дар як ҷазираи беодами Америкаи Ҷанубӣ умр ба сар бурдааст, нақл мекунад. Ба яккаю танҳой нигоҳ накарда қаҳрамони асари Дефо Робинзон Крузо аз ӯҳдаи зиндагии вазнин баромад ва ҳам сифатҳои беҳтарини инсониро нигоҳ дошт.

Романи дуҷилдаи «Саёҳати Гулливер» (с.1726)-и Ҷонатан



119. Ҷонатан Свифт



120. Фридрих Шиллер

Свифт (1667-1743) диккати хонандагонро ба худ ҷалб мекунад. Ӯ бо баҳонаи тасвир кардани мамлакат ва ҳаёти лилипутҳо иллатҳои ҷамъияти замони худро ба зери танкиди сахт гирифтааст. Муаллиф дар асараш ба муқобили дурӯғу риёкорӣ, зулми золимон ва таъқиби одамон баромадааст.

**Шиллер**. Фридрих Шиллер (1750-1805) яке аз барчастатарин адибони охири асри XVIII ва аввали асри XIX немис мебошад. Дар пьесаи машҳури худ «Ғоратгарон» ҷавонеро тасвир кардааст, ки ба муқобили тартиботи мавҷудаи ҷомеа эътироз баён мекунад. Барои китоби «Ғоратгарон» ва асарҳои дигараш ҳукуматдорон ба ӯ навиштанро манъ карданд. Баъд ӯро ҳатто ба маҳбас ҳам партофтанд, вале ӯ аз он ҷо мегурезад. Баъди ҳабс Шиллер солҳои зиёде дар оворагӣ умр ба сар мебарад.

Барои инқилоби буржуазии Фаронсаро дастгирӣ кардан Конвенти ин мамлакат Шиллерро ба унвони шаҳрванди фахрии Ҷумҳурии Фаронса сарфароз кардааст.

Ба ғайр аз «Ғоратгарон» Шиллер драмаҳои «Вилгелм Телл», «Духтари ормонӣ», «Мария Стюарт» ва ғайраро низ навиштааст. Бисёр асарҳои Шиллер имрӯзҳо низ барномаҳои театрҳои ҷаҳонро зинат медиҳанд.

**Гёте**. Иоҳан Волфганг Гёте дар шаҳри Франкфурти лаби Майни Олмон ба дунё омадааст.

Гёте ба нерӯи эҷодии инсон боварии комил дошт ва онро дар асарҳояш бо як эҳсосот ва санъати баланд ситоиш кардааст.



121. Иоҳанн Волфганг Гёте



122. Оноре де Балзак

Мо чунин андешаҳои ӯро пеш аз ҳама дар романи «Фауст» мебинем. Қаҳрамони асар Фауст барои ҳалли масъалаҳои муҳим, аз қабили маънии ҳаёт чист, вазифаи одам аз чӣ иборат аст, камар мебандад. Ӯ ҳатто ҷонашро мефурӯшад, то ки ба ин саволҳо ҷавоб ёбад. Вале Фауст бахтро дар ҳеҷ чиз наёфта, дар дами марг ба хулосае меояд, ки маънии ҳаёт дар корнамоӣ ва мубориза аст.

**Виктор Гюго** (1749-1832). Нависандаи фаронсавӣ тавассути романи машҳури худ «Радшудагон» беадолатии ҷомеаро фош кардааст. Деҳқон Жан Валжан барои дуздидани як кулча нон ба бадарға маҳкум шудааст. Дар ин асар ҳиссиёти башардӯстии муаллифи роман баланд садо медиҳад.

**Балзак**. Оноре де Балзак (1799-1850) намояндаи бузурги реализми танқидии нимаи дуюми асри XIX-и Фаронса мебошад. Ӯ дар асарҳояш ҷиҳатҳои манфии ҷомеаи буржуазиро ба зери танқиди сахт гирифтааст. Мо инро дар «Маҳзакаи инсонӣ», «Падар Горио», «Евгений Гранде» ва асарҳои дигари ӯ мебинем. Аз мутолиаи асарҳои Балзак хонанда ғизои маънавии зиёд мебардорад.

Дар ин давра нависандагони дигари машҳур, ба монанди Жан Батист Молер (1622-1673), Ҷорҷ Байрон (1788-1824), Генрих Гейне (1797-1856) ва дигарон умр ба сар бурдаанд. Онҳо дар пешрафти адабиёти асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX саҳми сазовор гузоштаанд.



123. Ҷорҷ Байрон



124. Генрих Гейне

**Санъат**. ***Бастакорон.*** Мусиқӣ яке аз санъатҳои қадимтарин буда, ба инсон хурсандӣ ва илҳом мебахшад. Одамон тавассути мусиқӣ хурсандӣ ва андӯҳи худро ифода мекарданд. Дар замонҳое, ки ҳанӯз нота вуҷуд надошт, мусиқичиён онро аз насл ба насл мерос мегузоштанд. Пайдо шудани нота кори мусиқичиёну бастакоронро хеле осон кард. Минбаъд мусиқиро барои наслҳои оянда дар коғаз сабт менамуданд. Мусиқичиён оҳангҳои аз тарафи бастакорон офаридашударо аз рӯи нота иҷро мекарданд.



125. Иоҳан Себастян Бах

Дар асрҳои XVIII- XIX дар Аврупо як қатор бастакорони барҷаста ба воя расиданд. Онҳо ба оламиён аз худ мероси пурқиммати мусиқӣ боқӣ гузоштаанд. Дар байни онҳо Иоҳан Себастян Бах (1685-1750) аз Тюрингияи Олмон, Волфганг Амадей Мотсарти австриягӣ, Людвиг ван Бетховени олмонӣ ва Фредерик Шопени лаҳистонӣ машҳур буданд. Дар байни онҳо Мотсарт ва Бетховен мақоми хоса доранд.

**Мотсарт**. Волфганг Амадей Мотсарт (1756-1791) дар 4-сола-



126. Волфганг Амадей Мотсарт



127. Людвиг ван Бетховен

гиаш бо клавесин оҳанг менавохт. Дар 6- солагиаш консерт нишон дода, дар 11- солагиаш операи аввалини худро навиштааст. Дар 14- солагӣ узви Академияи мусиқии Болонъеи Италиё интихоб шуд. Мотсарт соли 1791 дар синни 35 -солагӣ вафот кардааст. Бо вуҷуди ҷавон будан ӯ асарҳои зиёди баландгоя эҷод кардааст. Операҳои ӯ «Дон Жуан», «Зангирии Фигаро» ва ғайра ҳанӯз ҳам дар қатори беҳтарин асарҳои классикии ҷаҳонӣ буда, барномаҳои бисёр театрҳои мамлакатҳои ҷаҳонро оро медиҳанд.

**Бетховен**. Людвиг ван Бетховен (1770-1827) асарҳои мусиқии зиёде навиштааст. Онҳо аз демократ ва ҷумҳурихоҳ буданаш гувоҳӣ медиҳанд. Вай ғояҳои инқилоби буржуазии Ҳоланд ва Фаронсаро дар асарҳояш бо эҳсосоти баланди инсонӣ ва равонӣ инъикос намудааст. Ҳангоми инқилоби буржуазии Фаронса Бетховен ҷавони 16 -сола буд. Вақте ки хабари инқилобро шунид, ӯ суруди «Кӣ одами озод?»-ро навишт.

Бетховен ба фоҷиаи Гёте «Эгмонт» увертюра навиштааст. Ибтидои «Эгмонт» ба таври фоҷиавӣ кушта шудани қаҳрамон ва хотимаи тантанавиаш қаҳру ғазаби халқ ва ғалабаи инқилобро инъикос намудааст.

Дар симфонияҳо ва дигар асарҳои Бетховен фоҷиа бисёр аст, лекин ӯ шахсан ба ҳаёт бо умед менигарист. Беҳуда нест, ки дар хотимаи симфонияи машҳури «Нуҳум» хор дохил шудааст, ки «Қасидаи хурсандӣ»-и Шиллерро месароянд.

**Рассомӣ.** Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX санъати рассомӣ дар Аврупо қадами бузург ба пеш гузоштааст. Рассомон Франсиско Гойя (Испониё), Ж.Л.Давид, Экен Делакруа, Домъе, Курбъе (Фаронса) ва дигарон аз машҳуртарин намояндагони санъати рассомии ин давра мебошанд.

Гойя эҷодиёти худро бештар ба мавзӯъҳои таърихию инқилобӣ бахшидааст. Асарҳои ӯ «Паррондани шӯришчиён шаби 3 майи соли 1808 дар Мадрид», «Шӯриши 2 майи соли 1808 дар майдони Пуэрто дел Сол» ва «Оилаи корол Карли IV» дар ин бора шаҳодат медиҳанд. Ӯ инчунин дар портреткашӣ ҳам истеъдоди калон дошт. Дар расми «Актриса Антони Сарасе» рассом аз рангҳои гуногун хуб истифода бурда, рӯҳияи равонии қаҳрамонашро бо маҳорати баланд инъикос карда тавонистааст.

Расмҳои Ж.Л.Давид «Савганди Горатсийҳо» ва «Марги Марат» дар вуҷуди кас ҳаяҷонро ба вуҷуд меоваранд.



128. Ж.Л. Давид. Марги Марат

Эҷодиёти Милле ва Курбъе бештар ба ҳаёти деҳот бахшида шудааст. Мо инро дар силсилаи суратҳои «Деҳқонзодагон» ва «Саракчинон»-и Милле ва «Вохӯрӣ»-и Курбъе дида метавонем.

Асарҳои Ҷ.Констебл «Шом» ва «Намуди Хайгет», И.Энгр «Расми хонум Ривер», Л.Б.Коро «Субҳи Венетсия», О.Домъе «Ҷомашӯйзан» дар интихоби мавзӯъ, тарзи тасвир, истифодаи бамавриди рангҳои гуногун ва ҳақиқатнигориашон касро мафтун мекунанд.

**Меъморӣ.** Дар асри XVIII биноҳо бо усули **меъмории класситсизм** ва **барокко** сохта мешуданд. Бо ин усул бештар биноҳои идораҳои давлатию ҷамъиятӣ ва динӣ сохта шудаанд.

Ҳарчанд биноҳоро мувофиқи талаби замон месохтанд, вале дар онҳо тарзи бинособзии қадимаи Рим бештар эхсос мешуд. Масалан, қасрҳои Версал шакли биноҳои қадимаи Римро, ки сутунҳои боҳашамат доштанд, ба хотир меоваранд. Ин услуби бинософӣ дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои дигар умри зиёд дид.

Дар Ҳоланд, Олмон, Лаҳистон ва як қатор мамлакатҳои дигари Аврупо ва Америкаи Шимолӣ тарзи дигари сохтани қасрҳо ва калисоҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Чунин биноҳоро ниҳоят пуршукӯҳ, гумбаздор ва бо нақшу нигори зебо сохта, зебу



129. Париж. Манораи Эйфел

зиннат медоданд. Вале дар ин мамлакатҳо ва давлатҳои дигари Аврупо ва Америкаи Шимолӣ усули меъмории бароккой бештар маъмул гардид.

Дар меъмории миёнаҳои асри XIX дар Фаронса усули **Империяи Дуюм** ва дар Англия усули **викторианӣ** (аз номи малика Виктория) мушоҳида карда мешуд. Моҳияти он дур шудан аз **классицизм** ва омехташавии усулҳои гуногуни давраҳои гузашта, яъне нақшу нигори зиёди дуруст ва хатҳои росту шикастаи меъморӣ мебошад.



130. Намоишгоҳи умумиҷаҳонии саноатӣ дар Лондон. Соли 1851

**Савол ва супоришҳо**: **1**. Дар бораи тараққиёти техника дар Аврупо ва Америкаи Шимолии асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX маълумот диҳед. **2**. Кадом намуди техника дар саноат ва кадом намуди техника дар нақлиёт ҷорӣ карда шуд? **3**. Дар бораи вазъи илм чӣ гуфта метавонед? **4**. Дар илмҳои ситорашиносӣ, физика ва кимиё кадом кашфиётҳо ва ихтироъҳои муҳим ба даст оварда шудаанд? **5**. Дар алоқа ва нақлиёт кадом кашфиётҳо дастраси мардум гардиданд? **6**. Дар бораи намояндагони адабиёти асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX маълумот диҳед. **7**. Кадом асарҳои адибони асрҳои XVIII ва XIX-ро хондаед? **8**. Оё асарҳои мусиқии бастакорон Мотсарт, Бетховен, Шопен ва дигаронро шунидаед? Онҳо дар асарҳои худ чиро инъикос кардаанд? **9**. Санъати рассомӣ чӣ тавр тараққӣ мекард? **10**. Асарҳои кадом рассомони асрҳои XVIII-XIX ба шумо маъқул аст? **11**. Меъмории ин давра бо кадом усул пеш мерафт? **12**. Фикри худро оид ба мавзӯъ баён намоед.

# ФАСЛИ II
# МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИҚО ДАР АСРИ XVI - НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

## БОБИ IV
## МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ

### §30. ЧИН

**Чин дар арафаи истилои манчурҳо.** Солҳои 30-юм ва 40-уми асри XVII Чин вазъияти бӯҳронро аз сар мегузаронид. Иқтисодиёт дар ҳолати таназзул қарор дошт. Дар мамлакат гуруснагӣ ҳукмронӣ мекард. Ҳаҷми андозро зиёд карданд. Бинобар ин соли 1628 дар Чин шӯриши калони аҳли меҳнат оғоз ёфт, ки он то соли 1644 давом кард. Ба ин шӯриш дар музофоти Хубэй-Шанси Ли Тзичэн ва дар музофоти Сичуан - Чжан Сянчун роҳбарӣ мекарданд. Ба шӯришгарон муяссар гардид, ки на танҳо музофотҳои номбурда, балки қариб тамоми мамлакатро ишғол намоянд. Баҳори соли 1644 бе монеъа шаҳри Пекинро ишғол карданд. Ҳамин тариқ, дар Чин ба сари қудрат сулолаи нав омад, ки сардораш Ли Тзичэн буд.

Баъди ишғоли шаҳри Пекин шӯришгарон барои ҷорӣ намудани тартибот ва ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии Чин чораҳои таъҷилӣ андешиданд. Вале Ли Тзичэн бе ситонидани андозе, ки қаблан бекор карда буд, наметавонист лашкар ва дастгоҳи давлатиро бо маблағи зарурӣ таъмин намояд. Аз ин рӯ, андози вазнини қаблӣ аз нав ҷорӣ карда мешавад.

Қабилаҳои манчурӣ дар охирҳои асри XVI ва ибтидои асри XVII дар зери роҳбарии Нурхатси давлати худро ташкил мекунанд. Дар замони писари Нурхатси хон Абахай ин давлат Тсин (тоза) эълон гардида, Абахай шоҳи нахустини он мешавад.

Тсин аз ҷиҳати сохтори давлатӣ ва ҳарбӣ ниҳоят пурзӯр буд. Сохти давлатии ин мамлакат ба сохти давлатии сулолаи Мини Чин шабоҳат дошт. Он пеш аз ҳама, ба артиши пурқувват такя мекард.

Артиши Тсин 8 парчам (қӯшун) дошт. Бинобар ин онро «ҳаштпарчама» меномиданд. Дар арафаи ҳуҷум ба Чин манчурҳо артиши 200- ҳазорнафара доштанд.

Аз оғози солҳои 40-уми асри XVII манҷурҳо ба қаламрави Чин тез-тез тохтутоз мекарданд. Артиши Чин қудрат надошт, ки мамлакатро аз тохтутози манҷурҳо муҳофизат намояд. Яке аз сипаҳсолорони чиноӣ У-Сангуй, ки нерӯҳои калони ҳарбиро фармондеҳӣ мекард, мехост, ки бо ёрии манҷурҳо дар мамлакат ба сари қудрат биёяд. Барои ҳамин ӯ ба манҷурҳо роҳро ба сӯи Садди Бузурги Чин кушод, то ки онҳо озодона ба Чин ҳуҷум карда тавонанд. Баъд У-Сангуй артиши худро бо лашкари манҷурҳо ҳамроҳ мекунад. Хиёнати ин лашкаркаш иқтидори ҳарбии Чинро суст кард. Лашкаркашони дигари Чин ва роҳбари шӯришгарон Ли Тзичэн ба манҷурҳо муросо ва гузаштҳо мекарданд, то ки мамлакатро аз истило наҷот диҳанд, вале ин чораҳо пеши роҳи манҷурҳоро гирифта натавонистанд.

**Чинро истило кардани манҷурҳо**. Баҳори соли 1644 лашкари муттаҳидаи манҷурҳо ва У-Сангуй ба забти Чин оғоз карданд. Муҳорибаи калони лашкари муттаҳидаи манҷурҳо ва У- Сангуй дар гузаргоҳи Садди Бузурги Чин - Шанхайгуан ба амал омад. Лашкари саворaи манҷурҳо нисбати артиши Ли Тзичэн аз ҳар ҷиҳат афзалият дошт. Аз ин рӯ, артиши Чин маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ карда, ҳатто шаҳри Пекинро ҳам ба душман супорад. Манҷурҳо Пекинро ба даст дароварда, яке аз писарони хон Абахайро ҳокими Чин эълон карданд. Бо ҳамин аз соли 1644 сар карда, сулолаи манҷурии Тсин Чинро дар тӯли 267 сол (1644-1911) идора кард.

Дастаҳои Ли Тзичэн ақибнишинӣ карда, пас ҳам шикаст мехӯрданд. Баҳори соли 1645 нерӯҳои асосии шӯришгарон дар шимолу ғарбии Чин шикаст хӯрданд. Дере нагузашта пешвои онҳо Ли Тзичэн ҳалок гардид. Қисми шӯришгарон дар зери роҳбарии Чжан Сянчжун дар навоҳии марказии Чин хост, ки алайҳи манҷурҳо муқобилият нишон диҳад, вале ин натиҷаи мусбат надод. Зимистони соли 1647 Чжан Сянчжун шикаст хӯрда, аз тарафи манҷурҳо қатл карда мешавад. Баъди ҳалок гардидани роҳбарони дастаҳои калонтарини шӯришгарон кори онҳоро ватандӯстони дигари Чин - Ши Кэф, Ли Динго ва Чжэн Чэнгун давом доданд, ки онҳо ҳам ба шикаст дучор шуданд. Ши Кэф ва Ли Динго қаҳрамонона ҳалок гардиданд. Чжэн Чэнгун бошад, баъди шикаст хӯрдан бо лашкари боқимондаи худ ба ҷазираи Тайван фирор карда, давлати худро ташкил мекунад.

Баъд аз он ки У-Сангуй ба мақсади худ нарасид, маҷбур шуд, ки дар навоҳии ҷанубии Чин бар зидди манҷурҳо ба мубориза оғоз намояд. Муборизаи ӯ дар ин минтақа то соли 1691 идома ёфт ва ӯ дар ин роҳ ба мақсаде ноил нашуда ҳалок гардид. Баъди ин Тайван низ аз тарафи манҷурҳо забт карда шуд.

**Сохти давлатии Тсин**. Ҳокими Тсинро Богдихан меномиданд. Ӯ ҳокимияти номаҳдуд дошт. Идораи давлати Тсин дар асоси ду арзиш - динию ахлоқӣ сурат гирифта буд:

1. Дар зери Осмон ғайр аз Замини шоҳ дигар замин нест.

2. Ҳамаи сокинони зери Осмон табааи шоҳ мебошанд.

Ин нишондодҳо, ки ба қонунгузории Чин дохил гардида буданд, мақоми давлатро дар шахси шоҳ ифода мекарданд. Шоҳе, ки соҳиби Замин аст, мебояд аз болои халқ номаҳдуд фармонфармоӣ кунад.

Мувофиқи анъанаи чинӣ шоҳи Тсин писари Осмон буд. Ӯ шахси муқаддасу миёнрав байни Осмон ва Одамон ба ҳисоб мерафт. Мувофиқи ривоятҳои чиниён илоҳияти шоҳ аз он бармеояд, ки ӯ дар маркази Осмони беканор, дар наздикии ситораи Қутб қарор дорад. Мувофиқи қонун касе, ки номи шоҳро бо овози баланд ба забон мегирифт, қатл карда мешуд.

Ҳокимияти қонунгузорӣ ба ду мақомоти машваратӣ — котиботи императорӣ ва шӯрои ҳарбӣ такя карда, амал мекард. Ба ҳайати котибот шумораи баробари мушовирони манҷурию чинӣ дохил мешуданд. Дар мавриди қабули қарор ҳокимони манҷурӣ бештар маслиҳати ашхоси ба хонадони шоҳ наздик ва ашрофони манҷуриро ба назари эътибор мегирифтанд.

Дар амалӣ гардидани хокимияти худ дар ин мамлакат ҳокимони манҷурӣ ба силсилаи мақомоти идораи давлатӣ такя мекарданд. Ин мақомот 6 -то буданд: **рутба, маросим, андоз, додгоҳ, корҳои ҳарбӣ ва корҳои ҷамъиятӣ**.

Аз назари маъмурӣ мамлакат ба 18 музофот тақсим карда шуда буд. Ҳар як музофот дар навбати худ ба 10 вилоят тақсим мешуд. Мамлакат ҳамагӣ 180 вилоятро ташкил менамуд. Ҳар як вилоят аз уездҳои алоҳида иборат буд. Дар асри XVII Чин 1500 уезд дошт.

Идораи маҳаллӣ аз тарафи мақомоти маъмурии уездҳо идора карда мешуд. Ҳайати маъмурӣ вобаста ба масоҳати уезд аз 200 то 2000 нафарро ташкил мекард. Дар маҳалҳо **воҳидҳои деҳотии худидоракунӣ** низ мавҷуд буданд.

Дар охирҳои асри XVIII Чин қариб 300 млн. нафар аҳолӣ дошт. Онро 27 ҳазор нафар мансабдорон идора мекарданд, ки 20 ҳазор нафари онро шаҳрвандон ва 7 ҳазор нафарро ҳарбиён ташкил менамуданд. Ашхоси довталаби мансабҳо аз имтиҳони махсус ва хеле мураккаб мегузаштанд. Онҳо имтиҳон супорида, унвони илмӣ мегирифтанд. Дар Чин чунин имтиҳонҳои аввалин соли 1640 гузаронида шудааст.

**Сиёсати хориҷии Чин.** Баъди ишғоли Чин Тсин ба забти давлатҳои ҳамсоя шурӯъ намуд. Дере нагузашта вай Корея ва Муғулистони Шарқиро ба даст даровард. Баъди ишғоли Тайван ҳукумати Тсин ба ишғоли заминҳои ғарбӣ шурӯъ намуд. Дар он ҷо аз қадимулайём оилаҳои кӯчманчиён зиндагонӣ мекарданд. Соли 1691 Халха, ки он дар шимоли Муғулистон воқеъ гардида буд, ба ҳайати давлати Тсин ҳамроҳ карда мешавад. Мубориза алайҳи хонии Ҷӯнгар хеле тӯл кашид. Танҳо ҳамон вақт (миёнаҳои асри XVIII) ишғоли ин давлат муяссар гардид, ки дар дарбори он барои тоҷу тахт муборизаи тезу тунд оғоз ёфт ва яке аз дарбориён хон Амурсан аз Чин ёрӣ мепурсад. Ҳокимони Тсин бо баҳонаи кӯмак ба Ҷунгар лашкар фиристонида, онро истило намуданд. Амурсан иштибоҳи худро фаҳмида, ба муқобили Тсинҳо исён бардошт, вале баъди 2 сол аз тарафи Тсин бераҳмона пахш карда шуд.

Соли 1757 лашкари Тсин Қошғарро ишғол намуда, онро ба ҳайати Чин ҳамроҳ мекунад.

Забткориҳои Тсин дар самти ҷанубу ғарбӣ бо суръат идома меёбад. Соли 1720 артиши Тсин аввал қисми шарқии Тибетро забт намуд. Манҷурҳо дар пойтахти Тибет -шаҳри Лҳас гарнизони 1500- нафараи худро ҷойгир карданд. Соли 1750 бо ширкати ин гарнизон дар сӯиқасд ҳокими Тибет кушта шуд. Дар охирҳои асри XVIII Тибет аз тарафи Тсин пурра ишғол карда мешавад.

Забткориҳои Тсин дар самти ҷануб - Ҳинду Чин нисбатан бемуваффақият буданд. Соли 1768 он ба муқобили Бирма лашкари 40-ҳазорнафараи худро равон мекунад. Лекин ин лашкар сахт шикаст хӯрд. Ҳамон сол ба Бирма лашкари 60- ҳазорнафараи Тсин бори дуюм ҳуҷум мекунад. Вале ин ҳуҷум низ бо нокомӣ анҷом ёфт. Барои наҷоти тоҷу тахт ва мамлакатро аз ғорат эмин нигоҳ доштан ҳокимони Бирма бо Тсин созишнома мебанданд. Мувофиқи ин созишнома ҳарчанд, ки нуфузи Тсин дар Бирма эътироф гардида бошад ҳам, он дар ин ҷо лашкар ва маъмурияти идории худро надошт.

Дар охирҳои асри XVIII Тсин хост, ки Ветнамро ба худ тобеъ кунад. Бо ин мақсад ӯ ба ин ҷо лашкар фиристод. Лашкари чиниҳо пойтахти Ветнамро ишғол мекунанд, вале аз шӯришгарони Ветнам сахт шикаст хӯрданд. Сарфи назар аз ин баъди муборизаи тӯлонӣ Ветнам маҷбур мешавад, ки нуфузу манфиатҳои Тсинро эътироф намояд. Вале он чун нуфузи Тсин дар Бирма моҳияти зоҳирӣ дошт. Ин нуфуз бо фиристодани тӯҳфаҳои ҳарсола маҳдуд мешуд.

Барои дар самти шимол васеъ кардани қаламрави Тсин Русия халал мерасонид. Дар байни ин ду давлат мубориза қариб 150 сол давом кард. Ин мубориза ба он оварда расонид, ки соли 1727

созишномаи Кяхта баста шуд. Ин созишнома сарҳадҳои Чин ва Русияро дар Шарқи Дур муайян намуд.

**Робитаи давлатҳои Ғарб бо Чин.** Бо Чин аввалин шуда португалиҳо дар асри XVI робита пайдо намуданд. Онҳо соли 1587 аз ҳукуматдорони Чин барои сохтани амбору корвонсаройҳо дар ҷазираҳои Сяншони ҷануби Чин иҷозат гирифтанд. Ҳамин тариқ, дар ин ҷазира бо номи Макао (Асмэн) мустамликаи португалиҳо пайдо мешавад. Макао дере нагузашта ба маркази калонтарини тиҷоратӣ (бо Ғарб) табдил меёбад. Аз нимаи дуюми асри XVII дар натиҷаи ба ин ҷо сар даровардани холандиҳо ва англисҳо Макао мақоми худро аз даст медиҳад. Аз оғози асри XVII ширкати Ост-Индияи холандӣ бо Чин робита пайдо мекунад. Дар нимаи аввали асри XVIII ин ширкат дар Тайван ҷойгир мешавад. Дере нагузашта дар тиҷорат бо Чин Англия Португалияро танг мекунад. Дар охири асри XVII англисҳо дар наздикии Гуанчжоу аввалин корвонсаройҳои худро сохтанд. Вале ҳукумати Чин соли 1757 барои гирифтани пеши роҳи ба Чин даромадани тоҷирони хориҷӣ савдои назди соҳили шарқии Чинро манъ мекунад. Ин иқдоми ҳукуматдорон Англия ва давлатҳои дигари Аврупоро водор намуд, ки дар ин ҷо қотеъона амал кунанд. Зеро Чин барои онҳо бозори муфиди молфурӯшӣ ва манбаи арзони ашёи хом буд.

Барои бо роҳи дипломатӣ ҳал намудани мақсадҳои худ короли Англия Георги III соли 1793 Макартнейро бо номае ба ин ҷо мефиристонад. Императори Чин Тоянлин ба короли Англия номаи ҷавобии ҳавобаландона менависад. Ин сафорати Англия бенатиҷа анҷомид. Соли 1818 ҳукумати Англия бори дуюм ба Чин



131. Манзараи даромадгоҳи яке аз шаҳрҳои Чин

намояндаи худро равон кард. Ин сафорати Англия ҳам муваффақият пайдо накард. Соли 1834 бо розигии ҳукумати Чин ба Гуанчоу (Кантон) лорд Нипур намоишкорона ба резишгоҳи дарёи Чжатзиян ду киштии ҳарбӣ даровард. Ҳамин тариқ, англисҳо ба Чин фишор оварда, оҳиста-оҳиста ба бозорҳои он сар даровар-данд. Онҳо дар Чин асосан афъюн мефурӯхтанд. Ҳукумати Чин бар зидди ин сиёсати Англия муқобилият нишон медод. Соли 1800 фурӯши афъюн дар Чин қатъиян манъ карда шуд ва англисҳо бо роҳи пинҳонӣ (қочоқ) ин кори номатлуби худро давом медоданд. Дар ин кор ба Англия ИМА низ ҳамроҳ мешавад. Англия ду маротиба бо Чин ҷанг кардааст, ки онҳо бо номи «Ҷангҳои афъюнӣ» машҳуранд. Ҷанги якуми он солҳои 1839-1842 сурат гирифтааст, ки он бо созишномаи сулҳи «Нанкин» ба фоидаи Англия анҷом меёбад. Баъди ин ИМА ва Фаронса низ бо ин давлат созишномаи барои худ фоидаоварро имзо карданд. Ҷанги якуми афъюнӣ оғози ба давлати ниммустамлика табдил ёфтани Чин буд.

**Шӯриши Тайпинҳо.** Созишномаи Нанкин ва қарордодҳои давлатҳои Ғарб бо Чин вазъияти иқтисодию иҷтимоии Чинро боз ҳам вазнинтар мегардонад. Қурби асъори чинӣ - лин афтид. Молҳои чинӣ харидор намеёфтанд. Кишоварзон ва косибон қашшоқ мешуданд. Норозигии мардум сол то сол меафзуд. Оҳиста – оҳиста аҳли меҳнат ва табақаҳои дигари ба онҳо наздик ба мубориза бармехестанд. Солҳои 1841-1849 дар мамлакат чандин ҷамъиятҳои махфӣ, ба монанди «Сегона» («Санхехуэй»), «Замин ва осмон» («Тянди хуэй») ва «Се нуқта» («Сандянхуэй») ташкил меёбанд. Ин созмонҳои махфӣ ба роҳи пинҳонӣ шӯриш тайёр менамуданд. Ҳокимони Чин хавфи созмонҳои мазкурро эҳсос намуда, бар зидди онҳо муборизаро оғоз намуданд. Задухӯрдҳои нахустини байни ҳукумат ва созмонҳои пинҳонкор соли 1648 ба амал омаданд. Соли 1850 Хун Сютсюан шароитро барои муборизаи ошкорои зидди Тсинҳо қулай шуморида, шӯришро оғоз намуд. Шӯришгарон қариб 20 ҳазор нафар буданд. Дар сафи онҳо деҳқонон, косибон, тоҷирон ва намояндагони касбу кори гуногун меҷангиданд.

Ҳукуматдорони Тсин кӯшиш намуданд, ки шӯришро пахш кунанд, вале ба мақсад нарасиданд. 11 январи соли 1851 дар Тсинтян ба муқобили сулолаи Тсин шӯриши музаффарона ба амал омад. Ғолибони шӯриш ба Чин номи «Тайпин Тянго», яъне «Давлати Осмони беҳбудии бузург»-ро доданд.

Дар солҳои 1850-1853 ба тайпинҳо муяссар шуд, ки дар зери роҳбарии Хун Сютсюан шаҳрҳои Юнъан, Ухан, Гуйлин ва Чаншаро ишғол намоянд. Баъди ин тайпинҳо ба Шарқ ҳаракат карда, дар ҳавзаи дарёи Янтзи музофотҳои Тянси, Анхуэй ва Тзянсуро

ишғол намуданд. 19 марти соли 1853 шаҳри Нанкинро ишғол карда, онро ба номи Тянтзин пойтахти давлати худ эълон карданд.

Барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ ҳукумати Тайпин чораҳои зарурӣ андешид. Он «Низоми замини сулолаи Осмонӣ» ном санади давлатиро интишор намуд. Ин ҳуҷҷат барномаи ташкили сохти ҷамъиятии Тайпин Тянго буд. Он ба нафъи мардуми заҳматкаш равон карда мешуд. Ин санад баробариро барои тамоми халқ эълон намуд.

Тайпинҳо баъди забти Нанкин ба шимол ва ғарби мамлакат лашкар кашиданд. Дар шимол шикаст хӯрда, дар ғарб муваффақият ба даст овարданд.

Соли 1856 дар ҳайати роҳбарии тайпинҳо ҷудой ба амал омад. Бо розигии Хун Сютсюан Вей Ченхуэй сӯиқасд ташкил намуда, Ян Сютсин ва ҳазорҳо нафар ҷонибдорони ӯро қатл мекунад. Вей Чанхуэй дар Нанкин ҳокимиятро ба даст мегирад, вале ӯ низ дере нагузашта ба қатл расонида мешавад. Кушторҳо дар байни Тайпинҳо то соли 1860 давом мекунад. Ба давлат акнун хавфи истилои хориҷӣ таҳдид мекард.

Дар муқобили Тайпинҳо Англия, Фаронса, ИМА ва Русия меистоданд. Дар солҳои 1856-1860 ба муқобили Чин (Тайпин) ҷанги дуюми афъюнӣ оғоз меёбад. Хонадони Тсин зидди тайпинҳо



132. Дастаи мусаллаҳи Тайпинҳо

бо аҷнабиён забон як кард. Дар натиҷа иттифоқчиён ғалаба ба даст оварда, бо ин давлат шартномаи нобаробар бастанд.

То баҳори соли 1864 тайпинҳо аксарияти қаламрави давлати худро аз даст доданд. Лашкари тайпинҳо бо сардории Хун Сютсюан дар муҳосираи қӯшуни душман мемонад. Ли Сючан ба Хун Сютсюан пешниҳод кард, ки муҳосираи душманро рахна кунад, вале ӯ ин нақшаро қабул накард ва 1 июни соли 1864 «шоҳи Осмон» (Хун Сютсюан) захр мехӯрад. Ли Сючен муборизаро бар зидди истилогарон давом дода, Нанкинро мудофиа мекунад. Лашкари муттаҳидаи аҷнабиён ба шаҳри Нанкин дохил шуда, куштори бе мислу монанди тайпинҳоро ташкил мекунанд. Ли Сючан ба қатл расонида мешавад. Ҳамин тавр, шӯриши Тайпинҳо шикаст хӯрда, давлати онҳо аз байн меравад. Ҳокимияти хонадони Тсин аз нав барқарор мегардад, вале он ба мамлакатҳои Ғарб тобеъ мешавад.

***Ҳуҷҷатҳо***

***1. Сафорати лорд Макартней дар солҳои 1792-1793***

***Номаи корол Георги III ба императори Чин***

***(тавассути Макартней фиристонида шудааст).***

*Аълоҳазрат Георги III, бо меҳрубонии Худованд короли Британияи Кабир, Фаронса ва Ирландия, ҳукмрони баҳрҳо, ҳимоятгари эътиқод ва ғайра ба императори олии Чин Тсянълун (номи аслии ӯ –Гаотсун- шарҳи Т.З.) салом мерасонад ва ба ӯ умри дароз мехоҳад.*

*Ба таҷрибаи солҳои пешин пайравӣ намуда, мо киштиҳоро муҷаҳҳаз намудем ва онҳоро бо ашхоси донишманде, ки заминҳои дуру номаълумро кашф карда метавонанд, равон кардем. Мо ин корро на барои забти заминҳои нав –он қадаре, ки дорем, барои мо кифоя аст –на барои ба даст даровардани сарват ва ҳатто на барои ҳавасманд кардани тиҷорат, балки барои дар бораи олами озод васеъ кардани донишҳоямон, кашфи бойгариҳои табиӣ ва барои паҳн кардани санъат ва зиндагии боҳузӯр дар ҳама ҷойҳое, ки камтар маълуманд, равон карда мешаванд. Мо киштиҳоро бо ашхоси нисбатан фоидаовар, ҳайвонот ва наботот ба ҷазираҳо ва он ҷойҳое фиристонидем, ки бештар заруранд. Мо, махсусан, мехостем, ки ба санъату урфу одатҳои мамлакатҳое шинос шавем, ки тамаддунашон тавассути қарорҳои хирадмандона ва накӯкоронаи ҳокимони онҳо дар тӯли асрҳои зиёд ташаккул ёфтаанд...*

*Ҳамин мулоҳизаҳоро ба назар гирифта, мо қарор додем, ки ба дарбори Шумо Сафири фавқуллодда ва ваколатдор бифиристонем. Барои иҷрои ин мақсад мо лорд виконт Ҷорҷ Макартнейро... таъин намудем...Ҷанобашонро даъват мекунем, ки қабули эшонро нағз ташкил намуда, ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд...*

*...Мо аз рӯи ҳокимияти олӣ доштанамон ёру бародарем, дар байни мову Шумо бояд пайванди бародарӣ вуҷуд дошта бошад...*

*Аълоҳазрати муқаддастарин, дӯст ва бародари Шумо Георг*

**2. Дастурамали ҳукумати Англия ба лорд Макартней 8.09.1792.**

*Милорд, фармону дастурамали Аълоҳазратро нисбати сафорат, ки роҳбари он Шуморо таъин кардааст, ба ҷанобашон эълон ва онҳоро иншо намуда, таваҷҷӯҳи Шуморо бо сабабҳо ва мақсадҳои ин чорабинӣ ҷалб менамоям.*

*Дар гузашта нисбат ба аврупоиёни дигар раияти сершумори аълоҳазрат бо Чин савдо мекарданд. Муносибатҳои тиҷоратиро бо Чин муқаррар намуда, сарварони баъзе давлатҳо дар ин вақт ва ё дертар бо императори ин давлат робита барпо менамуданд... Тоҷирони англис бошанд, аз ҳар гуна дастгирӣ маҳрум буданд ва дар Чини дурдаст эътироф карда намешуданд. Хусусиятҳои миллии англисҳо дар он ҷо баръакси ҳол нишон дода мешуданд, фаъолияти тоҷирони англисӣ сазовори ҳурмату эътибор набуд, ки он бехатарӣ ва муносибати хубро дар Чин таъмин карда тавонад.*

*Бигзор, тиҷорат ва рушди миллат низ тамоман ба музаффариятҳои тиҷорати англисӣ дар Чин вобаста набошад, лекин аълоҳазрат наметавонад диққати падаронаи худро ба ин тоҷирон ҷалб нанамояд. Аз императори Чин талаб кунед, ки онҳоро... пуштибонӣ кунад.*

*Чораҳое, ки ҳукумат нисбати фурӯши чой андешид, воридоти қонунии чойро ба Англия се баробар зиёд карданд. Аз ин сабаб имрӯз, махсусан, бо Чин дӯстӣ ва алоқаро мустаҳкам кардан лозим аст, чунин чора имконият фароҳам хоҳад овард, ки ба ин империяи бузург маҳсулоти мамлакати мо ва қаламрави ҳиндустониамон ворид шавад. Ба таҳкими тиҷорат мусоидат кардан лозим аст, чунки ин содирот маблагеро ба вуҷуд меоварад, ки дар Авруnо он ба кор бурда мешавад: акнун талабот ба он дар як сол то на камтар аз 1 миллиону 400 ҳазор фунт стерлинг афзудааст.*

*Вале Британияи Кабир бо Чин дар шароити ниҳоят номусоид савдо мекунад...Раияти аълоҳазрат ҳақ доранд танҳо дар Кантон сокин шаванд...Ба ваколатдорони (тоҷирони) мо иҷозат дода намешавад, ки дар додгоҳҳои Чин ошкоро баромад кунанд, қонунҳои ин давлат нисбати савдогарони мо амал намекунанд.*

**Имзо: Генри Дандас**

**3. Посухи императори Чин Сянлун ба короли Англия 3.10. 1793 с.**

***Ба сафир.*** *Подшоҳи Шумо дар масофаи дур зиндагонӣ мекунад. Ӯро аз мо уқёнуси бузург ҷудо менамояд. Аз ин сабаб тарзи зиндагӣ ва муассисаҳои моро намедонад.*

***Ба Король.*** *Вақте ки ба вазиронам супориш додам, ки сафири Шуморо ба ватанаш баргардонанд... аз он дар ташвиш мондам, ки ӯ ақидаи моро ба Шумо возеҳу равшан нақл карда наметавонад. Барои ҳамин ба ҳар як талаби вай ҷавоби махсус навиштам. Боварӣ дорам, ки Шумо онро самимона ва одилона қабул менамоед.*

*1. Сафири Шумо хоҳиш кард, ки киштиҳои тиҷоратии Шумо...ба Нинбозютзяни музофоти Чжентсян, ё ки ба Тянзини музофоти Чжили, ё ки ба ҷои дигар даромада тавонанд...*

*2. Сафири Шумо хоҳиш кард, ки барои савдои Шумо дар Пекин ҷой муайян карда шавад, чӣ тавре ки дар он ҷо барои русҳо ҷудо карда шудааст...*

*3. Сафири Шумо хоҳиш кард, ки ҷазираи хурд Цзюншан барои сокиншавӣ ва тиҷорат ба англисҳо дода шавад...*

*4. Шумо инчунин хоҳиш кардед, ки дар наздикиҳои Кантон ё Макао қитъаи на чандон калони замин дошта бошед, то ки дар ин ҷо тоҷирони Шумо зиндагонӣ ва бо хоҳиши худ рафтуо карда тавонанд...*

*5. Шумо хоҳиш кардед, ки тоҷирони англис тавассути дарё аз Макао ба Кантон ва баръакс шино кунанд, онҳоро маҷбур накунанд, ки боҷ пардозанд, ё ки ин боҷ калон набошад...*

*6. Сафири Шумо гуфт, ки ӯ мехоҳад чунин ҳаҷми боҷеро барои ҳуқуқи дар бандарҳои дигар истодан пардозад, ки дар Кантон пардохта мешавад...*

*Лекин ман боварӣ дорам, ки талабҳои дар боло номбурдашуда бе иҷозати Шумо пешниҳод гардидаанд, онҳо аз худи сафир бармеоянд...*

*Хулоса. Бо сабаби он, ки талабҳои пешниҳодкардаи Шумо ба қонунҳо ва урфу одатҳои мо муқобиланд ва ҳам тамоман бефоидаанд, ба онҳо розӣ шуда наметавонам. Эй Корол! Ман боз ҳам аз Шумо даъват мекунам, ки фикрҳои моро ба инобат гиред. Дар ин сурат мо метавонем сулҳ ва дӯстиро дар байни давлатҳоямон муҳофизат карда, бо ҳамин ба хушбахтии ҳамдигар мусоидат намоем.*

***Дар соли 58-уми салтанати Сянлун, рӯзи 3-юми моҳи 9-ум (7.10.1793)***

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Вазъияти Чинро дар арафаи ҳуҷуми манҷурҳо шарҳ диҳед. **2**. Манҷурҳо дар куҷо сокин буданд? **3**. Дар бораи иқтидори давлати навташкили Тсин чӣ гуфта метавонед? **4**. Чаро У-Сангуй бо манҷурҳо ҳамкорӣ кард? **5**. Чӣ тавр манҷурҳо Чинро истило карданд? **6**. Салтанати хонадони Тсин дар Чин чанд сол давом кардааст? **7**. Дар бораи сохти давлатии Тсин маълумот диҳед. **8**. Манҷурҳо Чинро чӣ тавр идора мекарданд? **9**. Тсин кадом давлатҳоро ба худ тобеъ намуд? **10**. Чаро забткориҳои Тсин дар ҷануб ва шимол муваффақият пайдо накард? **11**. Чаро Англия кӯшиши ишғоли Тсинро мекард? **12**. Чаро ҷанги Англия бар зидди Чин дар солҳои 1839-1842 ҷанги якуми афъюнӣ ном гирифтааст? Дар он кӣ дастболо шуд? **13**. Дар бораи шӯриши тайпинҳо ва пирӯзии онҳо нақл кунед. «Тайпин Тянго» чӣ маънӣ дорад? **14**. Кадом солҳо «ҷанги дуюми афъюнӣ» ба амал омад ва он ба ғалабаи кадом давлатҳо анҷом ёфт? **15**. Баъди барҳам хӯрдани давлати тайпинҳо вазъияти сиёсӣ дар Чин чӣ хел буд?

## §31. КОРЕЯ

**Сохти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ.** То миёнаҳои асри XIX Корея давлати феодалӣ буд. Тамоми заминро давлат, заминдорони калон, ашрофони дарборӣ, амалдорони давлатӣ ва баъзе табақаҳои дигари бонуфузи ҷомеа дар ихтиёри худ доштанд. Шаклҳои

заминдорӣ — **давлатӣ, дарборӣ ва хусусӣ** буданд. Деҳқонон барои истифодаи **замини андози пулӣ** ва ё **натуралӣ** мепардохтанд. Хоҷагии деҳқонон **натуралӣ** буд, яъне он ба бозор робитаи қавӣ надошта, асоси иқтисодии ҷомеаи феодалии асри XVII ва нимаи аввали асри XIX-и Кореяро ташкил медод.

Дар ин давра иқтисодиёти Корея пеш рафт. Олоти меҳнат такмил ёфт ва **маҳсулнокии меҳнат** афзуд. Дар кишоварзӣ зироатҳои нав, ба монанди қаламфур, помидор, картошкаи ширин ва тамоку пайдо шуданд. Зироаткорӣ низ такмил ёфт. Майдони кишт васеъ шуд. Парвариши тамоку ва женшен (меҳргиёҳ) афзуд, чунки талабот ба онҳо дар бозор зиёд буд. Давлат ба бунёди низомҳои обёрӣ диққати ҷиддӣ медод, чунки ин восита ҳосилнокии заминро зиёд ва ба хазинаи давлат даромади зарурииро ворид месохт.

Табақаи заминдорон, ки онҳоро «янбан» меномиданд, мақоми ҳукмрониро доштанд. Шаҳрвандони амалдор ва ҳарбиён метавонистанд ба табақаи янбан дохил шаванд. Мансубият ба янбан ғайр аз имтиёзҳои дигар барои ишғоли вазифаҳои давлатӣ низ имкони зиёд медод. Аксарияти деҳқононе, ки заминҳои давлатиро дар ихтиёри худ доштанд, ба табақаи оддии мардум тааллуқ доштанд ва онҳоро «осанъин» ё худ «янъин» меномиданд. Давлат хазинаи худро асосан аз маҳсули меҳнати онҳо пур мекард. Табақаи аз ҳама пасттарини аҳолиро «чхонин» ё худ «разил» ном мебурданд. Ба ин табақа деҳқонони тобеъ, косибони давлатӣ, тоҷирон ва намояндагони чандин касбу кори дигар дохил мешуданд. Машғулияти онҳо «ифлос» ҳисобида мешуд. Масалан, акробатҳо, зиндонбонҳо, фаррошони кӯчаҳо, хизматгорони ҷойҳои ҷамъиятӣ, қассобон аз қабили ҳамин касбҳо буданд.

**Ҳокимияти олии давлатӣ** дар ихтиёри шоҳ буд. Ӯ аз болои ҳаёт ва моликияти табаа хокимияти номаҳдуд дошт. Ба ҳокимияти шоҳӣ **идеологияи конфутсианӣ** ёрӣ мерасонид. Мувофиқи он шоҳ **«падари халқ»** эълон карда шуда буд. Мардум бояд дар назди ӯ чун дар назди худо сари таъзим фуруд меоварданд. Номи шоҳ муқаддас ҳисобида мешуд, онро ба забон гирифтан мумкин набуд. Аз ин рӯ, номи ӯро бо рамз ифода менамуданд.

Мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар марказ **шӯрои давлатӣ ва муассисаҳои** ба он тобеъ ба ҳисоб мерафтанд, ки онҳо **мансабҳо, молия, маросимҳо, ҳарбӣ, корҳои ҷиноӣ** ва **ҷамъиятӣ** ном доштанд. Аз назари маъмурӣ Корея аз 8 музофот ва садҳо округҳо, уездҳо ва волостҳо иборат буд. Воҳиди хурдтарини маъмурӣ деҳа буд, ки дар он ҷо ҳама масъули якдигар ҳисобида мешуданд.

**Мубориза гурӯҳҳо барои ҳокимият**. Барои ба даст даровардани ҳокимият дар байни гурӯҳҳои гуногун беист мубориза

давом мекард. Пурзўршавии ин мубориза (дар асрҳои XVII – XVIII) ба болоравии заминдории калон, тамоилҳои ҷудоихоҳӣ ва талош барои ишғоли мансабҳои даромадноки давлатӣ алоқаманд буд. Дар охирҳои асри XVII ин мубориза асосан дар байни чор гурўҳ- ҷанубӣ, шимолӣ, шарқӣ ва ғарбӣ сурат мегирифт. Аз рўи ранги сару либосашон онҳо номи «чор ранг»-ро гирифтанд.

Ҳангоми ивазшавии шоҳҳо ва меросхўрони онҳо мубориза дар байни ин гурўҳҳо боз ҳам тезу тундтар мешуд. Бисёр вақт ин мубориза ба хунрезиҳо ва қасосгириҳои шадиду бераҳмона табдил меёфтанд.

Дар муборизаи дуру дароз оқибат гурўҳи ғарбӣ пирўзӣ ба даст овард. Баъд ин гурўҳ ба ду гурўҳи алоҳида- «мўйсафедон» ва «ҷавонон»-и бо ҳам мухолиф тақсим шуданд. Дар солҳои 20-уми асри XVIII шоҳ Ёнҷо ба сари тахт нишаста (1725-1776 ў намояндаи «мўйсафедон» буд) эълон кард, ки минбаъд ў на намояндаи «мўйсафедон» асту на намояндаи «ҷавонон». Ёнҷо ҳар ду гурўҳро ба мусолиҳа овард. Бо ҳамин душманӣ аз байни ин ду гурўҳ бардошта мешавад.

**Таназзули сохти феодалӣ дар Корея**. Дар асри XIX дар мамлакат заминдории хусусӣ меафзояд. Заминҳои давлатӣ кам шуданд. Аз ҳамин сабаб ҳукумати марказӣ бўҳрони вазнини молияviro аз сар мегузаронид. Барои аз ин бўҳрон халос шудан доираҳои ҳукмрони мамлакат ҳаҷми андози аҳолиро зиёд карданд. Танҳо аз заминдор беш аз 30 намуд андоз ситонида мешуд. Ғайр аз ин андозҳои дигар, аз он ҷумла андозҳои ҳарбӣ низ мавҷуд буданд. Ҳамаи онҳо барои халқ хеле гарон меафтиданд. Аз ин рў, дар баъзе минтақаҳои мамлакат кишоварзон маҷбур шуданд, ки шўриш бардоранд. Шўриши аз ҳама калонтарин дар солҳои 1811-1812 дар шимолу ғарбии Корея ба амал омад, ки ба он заминдори маҳаллӣ Хон Гённа роҳбарӣ мекард. Ҳукумати марказӣ мардуми ин минтақаро ба ишғоли вазифаҳои давлатӣ роҳ намедод. Хон Гённа чанд маротиба кўшиш намуд, ки барои ишғоли вазифа имтиҳони давлатӣ супорад, вале ўро ба имтиҳон роҳ надоданд. Барои мубориза бар зидди ҳукумат Хон Гённа дар деҳаи Табоккаи округи Ҳасан базаи такягоҳӣ ташкил намуд.

Дар охирҳои соли 1811 дар натиҷаи хушксолӣ дар музофоти Пиёнандо вазъи халқ вазнин шуд. Мардум ба шўриш бархостанд. Ҷонибдорони Хон Гённа низ ба ин шўриш ҳамроҳ шуданд. Дар як муддати кўтоҳ шўришчиён Касан, Кваксан ва чандин музофотҳои дигарро ишғол намуданд. Хон Гённа худро сарфармондеҳи лашкари Ғарбӣ эълон кард.

Баъд аз ғалабаҳои нахустин як қисми шӯришгарон барои ишғоли шаҳрҳои шимол ва қисми дигар бо сардории Хон Гённа ба ҷануб равон шуданд. Вале дастаи Хон Гённаро лашкари губернатори Пхенян ба муҳосира гирифт. Шӯришгарон талафоти калон дода, маҷбур шуданд, ки ба ҷониби шаҳри Чангҷу ақиб нишинанд. Баъд аз ин онҳо пурра шикаст хӯрданд.

Дар Корея шӯришҳою ошӯбҳои зиёди деҳқонон ба амал омадаанд. Масалан, соли 1813 дар ҷазираи Чедҷудо шӯриши деҳқонон ва моҳигирон ба амал омад. Он аз тарафи ҳукумати марказӣ бераҳмона пахш карда шуд. Соли 1816 дар Санчхон пайравони Хон Гённа кӯшиш карданд, ки шӯриш бардоранд, вале зуд шикаст хӯрданд. Аз соли 1832 сар карда то соли 1841 Кореяро гуруснагӣ ва вабо фаро гирифт, ки ин ба чандин исён оварда расонд. Дар солҳои 60-ум низ ошӯбҳои зиёди деҳқонон ба амал омаданд. Яке аз ошӯбҳои калонтарин дар Чинчу рӯй додааст. Ҳамон солҳо дар мамлакат беш аз 21 баромадҳои калони деҳқонон ба амал омаданд.

**Ба Корея сар даровардани мамлакатҳои сармоядорӣ.** Дар нимаи аввали асри XIX киштиҳои Англия, Фаронса ва ИМА дар соҳилҳои Корея пайдо шуданд. Таблиғотчиёни дини масеҳӣ низ дар ин ҷо фаъол буда, барои истило намудани Корея ба мамлакатҳои худ роҳ мекушоданд. Соли 1831 Папаи Рим Григории XVI таъсиси епископии Кореяро эълон кард. Баъди ин таблиғотчиёни зиёди дини масеҳӣ ба Корея омаданд. Ҳукумати Корея насрониён ва чандин таблиғотчиёни масеҳиро ба қатл расонданд. Бо баҳонаи дифои масеҳиён ҳукумати Фаронса ба Корея ду маротиба киштиҳои ҳарбии худро фиристонид. Онҳо бо қувва таҳдид намуда, талаб карданд, ки Корея бандарҳои худро барои тиҷорат кушояд.

Соли 1845 Палатаи намояндаҳои Конгресси ИМА қарор қабул кард, ки ба Корея ва Ҷопон дипломатҳо ва намояндаҳои тиҷоратӣ равон карда шаванд. Хавфи ба Корея сар даровардани мамлакатҳои сармоядорӣ дар солҳои 50-ум ва 60-ум боз ҳам пурзӯртар мешавад. Чунки ба мамлакатҳои сармоядор муяссар шуда буд, ки бо Чин ва Ҷопон як қатор созишномаҳои асоратовар банданд. Акнун дар навбат Корея меистод.

Дар чунин вазъияти мураккаб соли 1863 шоҳ вафот кард. Ӯ валиаҳд ва меросхӯр надошт. Ашрофон ба тахти шоҳии Корея аз сулолаи Ли писарбачаи 12- сола Ли Чехванро шинониданд. Дар амал бошад, ҳокимият ба дасти падари ӯ -Ли Хаин гузашт. Ли Хаин унвони **тэвонгунро** соҳиб мешавад. Ӯ низ ба масеҳиҳо ва таблиғотчиёни фаронсавӣ раҳм накарда, онҳоро ба қатл мера-

сонад. Бо ин баҳона Фаронса ба Корея лашкар кашид. Мақсади асосии Фаронса ба мустамлика табдил додани Корея буд. ИМА дар як вақт ба Фаронса нақшаи амалиёти муштаракро бар зидди Корея пешниҳод кард, вале он амалӣ нагашт.

Тирамоҳи соли 1866 ҳафт киштии харбии Фаронса дар соҳилҳои Корея пайдо шуда, қалъаи Канхваро забт намуданд ва ба сӯи пойтахти Корея -шаҳри Сеул ҳаракат карданд, лекин аз тарафи фармондеҳи лашкари Корея Ян Хонсу шикаст хӯрданд. Фаронсавиҳо боз ҳам ба мақсади худ нарасиданд.

Тобистони соли 1866 дар соҳилҳои шимолу ғарб киштии амрикоии «Генерал Шерман» пайдо шуда, ба сӯи Пхенян тавассути дарё ҳаракат мекунад. Мардум аз худсариҳои ҳайати киштии амрикоӣ ба қаҳру ғазаб омада, онро оташ мезананд. Соли 1871 ИМА 5 киштии калони ҳарбӣ ва корпуси экспедитсиониро барои забти Корея фиристонид. Лекин ба ИМА низ муяссар нашуд, ки халқи Кореяро мутеи худ гардонад.

**Фарҳанги Корея.** Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XIX **илмҳои ҷомеашиносӣ** дар Корея хеле пеш рафтанд. Олимон «барои донишҳои воқеӣ» (сирхак) аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Намояндагони ин ҷараён бар зидди назарияи **хушку холи (схоластикӣ)-и Конфутсийӣ** баромад карда, даъват менамуданд, ки воқеияти Корея омӯхта шавад, то ки мушкилиҳои мавҷуда бартараф гарданд. Баъзе олимон таъкид мекарданд, ки **донишҳои илмӣ** ва дастовардҳои техникии хориҷиёнро қабул карда, онҳоро дар Корея татбиқ намудан лозим аст. Лю Хёнвон ном файласуф барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакатро пешниҳод намуд. Дар баробари ин ӯ назарияи Конфутсийро мавриди танқиди сахт қарор дод.

Дар асри XVIII ғояҳои Лю Хёнвонро **файласуф** Ли Ик дар асарҳои худ инкишоф дода, пешниҳод кард, ки мулкҳои заминдорони калон дар байни деҳқонон баробар тақсим карда шаванд.

Чахве Ханги дар асари худ «Инсон ва сиёсат» («Инҷон», 1860) роҳҳои самараноки идораи мамлакатро нишон медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки ба идораи давлат ашхоси қобилиятнокро сарфи назар аз мансубияти табақавиашон ҷалб кардан лозим аст.

Дар Корея илми ҷуғрофия ҳам пеш рафта буд. Дар байни **ҷуғрофияшиносон**, махсусан, хизматҳои Ким Ҷонхиро қайд кардан зарур аст. Ӯ дар зарфи 30 сол харитаи Кореяро ки он «Тато ёҷидо» (харитаи калони тамоми Корея) ном дорад, кашидааст.

Хон Дэён, Пак Чивон ва Чон Якён аз ҷумлаи **мутафаккирони фарҳангии** Кореяи асри XVII-аввали садаи XIX мебошанд. Онҳо барои пешрафти ҷомеа ва барпо намудани адолати иҷтимоӣ дар асарҳояшон фикрҳои пешқадамро баён намудаанд.

Дар **адабиёти бадеӣ** Корея комёбиҳои калон ба даст овардааст. Дар асри XVIII Ким Чхонтэк бо номи «Калимоти беҳамтои мамлакати теппаҳои сабз» ва Ким Суҷан «Назми суруди мамлакати Шарқ» тазкираи назмро мураттаб ва нашр намуданд. Ким Хондо, Син Юнбок, Ҷон Ҷиён ва Ким Рип аз ҷумлаи шоиру нависандагони машҳури ин давраи Корея мебошанд. Дар асарҳои онҳо иллатҳои ҷомеа ба зери танқиди сахт гирифта шудаанд. Мо инро дар мисоли асари Ким Рип «Ким – кулоҳи хасин» дида метавонем.

Дар **санъати тасвирӣ** анъанаи гузаштагон ҳукмрон буд. Акнун баргаштан аз асарҳои **реалистӣ** ва рӯ овардан ба тасвири **гояҳои муҷаррад (абстрактӣ)** мушоҳида мешуд, ки он шаҳодати дар санъат ҷорӣ шудани усули нав мебошад. Дар хаттотӣ низ усулҳои нави навишти иероглифҳо кор карда баромада шуданд. Масалан, усули Ким Ҷонхи ҷолиби диққат буд.

Дар натиҷаи васеъ шудани бозори дохилӣ талабот ба ашёҳои хуб зебу зиннат ёфта зиёд мешавад. Барои коркарди бадеии масолеҳи чӯбу тахта, пеш аз ҳама, барои мебел ва корҳои дигари оройишӣ ин намуди санъатро такмил додан лозим омад.

***Ҳуҷҷат***

***Ҷанги деҳқонон дар Корея (солҳои 1811-1812).***

***Хитобномаи Хон Гённэ ба сокинони Квансо***

*Ба Шумо сарфармондеҳи Ғарбӣ таслимшуда муроҷиат мекунад! Модарон ва падарон, бародарон, кишоварзони тобеи давлатӣ ва хусусӣ, ҳамаи мардуми заминҳои ғарбии мо, диққат кунед! Квансо аз қадимулайём бо одамони аҷоиб ва дорои маданияти баланди худ машҳур буд. Ба мардуми Квансо чунин хизматҳо,ба монанди наҷоти ватан дар ҷанги қаблии Имчжин тааллуқ дорад. Соли Чонме чунин одамон ба монанди Чон Бонсу, бо садоқати бепоён ба ватан хизмат карданд. Ба ёд биёрем, ки заминҳои ғарбии мо ба мамлакат чунин олимони машҳур, ба монанди Сон Ухёп ва Хон Гёнуро доданд. Сарфи назар аз ин ҳукумат ба заминҳои ғарбӣ тамоман аҳамият намедиҳад, гӯё ки онҳо ҳақиқатан ягон хел биёбони бесамар бошанд. Ҳатто канизҳои (ноби) одамони бонуфуз ба сокинони Квансо ҳамчун ба одамони пастсирату ифлос назар мекунанд. Магар ин нисбати мардуми Квансо ҳодисаи нангин нест? Дар замонҳои фавқулодда давлат ҳама вақт ба нерӯҳои шимолу ғарб такя мекунад ва ҳатто ҳангоми имтиҳонҳои давлатӣ ба ёрии олимони квансоӣ муроҷиат мекунад. Барои ҳамаи ин сокинони Квансо дар тӯли чор аср аз тарафи ҳукумат чӣ некиҳо дидаанд? Феълан бо сабаби хурдсолии корол ва разолати дарбориёни корол дар мамлакат дастаи бадкирдори Ким Чосун ва Пак Чонгён ҳукмронӣ мекунад. Аз ин сабаб соле нест, ки бе ҷазои осмон ва рамз гузарад: раъду барқ дар миёнаи зимистон, заминларза, ситораҳои думдор, тӯфон ва жола. Сол то сол мамлакат гирифтори хушксолӣ шуда, анбӯҳӣ мардуми гурусна*

*дар роҳҳо сарсону саргардонанд, мӯйсафедон ва кӯдакон аз гуруснагӣ мемиранд. Ҳозир, ки ба тамоми халқ марг таҳдид мекунад... мо аз қаҳрамонони Квансо лашкари адолатхоҳ ташкил намудаем ва ҳаракат мекунем, ки халқро наҷот диҳем; дар он ҷое, ки парчами адолат ҷилвагар мешавад, халқ аз нав тақдирашро ба даст мегирад. Барои ин мақсад ба Шумо бо хитобнома муроҷиат мекунем ва сардорони ҳамаи округҳоро даъват менамоем, ки ҳеҷ гуна муқобилият нишон надиҳанд ва дарҳои қалъаро ба рӯи лашкари мо боз кунанд, ҳамаи он нафароне, ки ба муқобилият ҷуръат мекунанд, бо қувваи лашкари панҷҳазорнафараи мо несту нобуд карда мешаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод мекунем, ки фармонҳои моро бо тезӣ иҷро кунед. Хитобномаи мазкур бо суроғаи қумандон («пёнса»), ҷонишини ӯ (уху) ва ҳокими округӣ (мокса) Анчжу, сардори округӣ (пуса) Сукчхон, (сардори уезди Хённён) Сунан, губернатор (Камса), қумандони калон (чунгун) ва шаҳрдорӣ (сюн) Пхенян, сардори уезди (Хённён) Квансо, сардори уезди Ёнкан, сардори округи (пуса) Самхва, сардори округи Хамчжон, сардори уезди Чинсан ва сардори уезди Ёню ҳавола карда мешавад.*

**Савол ва супоришҳо**: **1.** Табақаҳои ҷамъиятии Кореяро номбар кунед. Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доштанд? **2**. Дар бораи сохт ва идораи давлатии Корея нақл кунед. **3**. Дар кишоварзии Корея кадом тағйиротҳо пайдо шуданд? **4**. Дар бораи мубориза байниҳамдигарии дастаҳои «Чор ранг» маълумот диҳед. **5**. Мухолифат дар байни «мӯйсафедон» ва «ҷавонон» чӣ тавр аз байн рафт? **6**. Дар Корея таназзули сохти феодалӣ чӣ тавр ба амал омад? Кадом воқеаҳо дар бораи таназзули сохти феодалӣ дар ин мамлакат шаҳодат медиҳанд? **7**. Чӣ тавр мамлакатҳои сармоядори Ғарб ба Корея сар даровარданд? **8**. Дар бораи вазъи маданияти Кореяи асрҳои XVII – нимаи аввали асри XIX чиҳо гуфта метавонед? **9**. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §32. МУҒУЛИСТОН

**Муғулистон дар арафаи истилои манчурҳо.** Дар асри XVII Муғулистон дар ҳолати **парокандагии феодалӣ** қарор дошт. Мамлакат ба се қисм - Муғулистони Ҷанубӣ, Халха ва Муғулистони Ғарбӣ тақсим шуда буд. Онҳо дар навбати худ ба мулкҳои сершумори феодалии ҳокимони меросхӯр тақсим мешуданд. Ҳокимияти марказӣ аз ҳад зиёд заиф буд. Ҳокими охирине, ки то истилои манчурҳо бо ном унвони хони умумимуғулиро дошт, Лигдэхон (1592-1634) буд. Кӯшишҳои чандинкаратаи ӯ барои дар тамоми Муғулистон паҳн намудани ҳокимияти худ натиҷаи дилхоҳ надоданд. Иқтисодиёти мамлакат, ки аз хоҷагиҳои натуралӣ ва **мубодилаи заифи тиҷоратӣ** асос ёфта буд имкон намедод, ки **ваҳдати сиёсии мамлакат** ба вуҷудояд. Мустақилияти иқтисодии мулкҳои феодалӣ барои ба нерӯҳои ҷудоихоҳ табдил ёфтани ҳокимони алоҳидаи феодалӣ шароити мусоид фароҳам меовар-

данд. Гузашта аз ин, чунин ҳокимон ҳаракат мекарданд, ки соҳиби обрӯи баланд ва мартабаашон аз унвони хон камтар набошад. Дар баробари хони умумимиллӣ, ё худ умумимуғулӣ пайдоиши хонҳои «хурд» ҳанӯз дар миёнаҳои асри XVII мушоҳида карда мешуд. Дар сеяки асри XVII якчанд чунин сулолаи хонҳои муғул ташаккул ёфтанд. Дар байни ҳокимони Халха **сулолаҳои Тушетухонҳо, Дзассакатухонҳо** ва **Сэтсенхонҳо** пурқувват буданд. Онҳо ба се аймаки калонтарини Халха - аймаки Тушетухон, аймаки Дзактухон ва аймаки Сэтсенхон асос гузоштанд (истилоҳи «Аймак» аввал маънои ҷои сукунати қабилаҳоро дошт, баъд он ба маънои «хон» баробар шуд). Хонҳои ин се сулола аз насл ба насл то инқилоби соли 1921-и Муғулистон ҳукмронӣ кардаанд.

Дар баробари аймакҳо мулкҳои феодалии хурд низ вуҷуд доштанд, ки ба онҳо **нойонҳо** (ҷанобон) ё худ князҳо роҳбарӣ мекарданд.

Табақаи поёнии аҳолиро «**аратҳо**» ташкил мекарданд. Дар оғози асри XVII аратҳо ба хонҳо ва нойонҳо тобеъ буданд. Дар қонунҳои соли 1640 онҳо нисбати аратҳои аз адои андоз саркашӣ карда ҷазоҳои сахт муайян карда буданд. Аратҳои амалдори **тушимелҳо** ва **дархонҳо** дар хониҳо табақаи миёна ва поёнии амалдоронро ташкил менамуданд. Қисми имтиёзноки аратҳоро **дархонҳо** мегуфтанд. Ин табақа аз андоз озод буд.

Дар нимаи аввали асри XVII табақаи Лама ташаккул меёбад. Дар Муғулистон **ибодатхонаи** нахустини **Лама** соли 1586 ба кор оғоз кардааст. Соли 1639 писари яке аз феодалҳои пуриқтидори Халха -Тешетухон бо номи Ҷебзундамба Хутухтии I сардори ибодатгоҳи ламаи Муғулистон эълон карда мешавад. Ӯро **богдогегени** аввал низ меномиданд.

Шароити табиии Муғулистон имконият медод, ки аҳолӣ бештар ба чорводорӣ машғул шавад. Косибӣ нисбати чорводорӣ мақоми пасттар дошт. Чорво барои муғулҳо хӯрокворӣ, маводи сохтмони манзил (юрт), сару либос, наклиёт, пойафзол ва ҳам баъзе ашёҳои дигари рӯзгорро медод. Дар Муғулистон то истилои манчурҳо коркарди оҳан ва маъданҳои дигар, инчунин заргарӣ, силоҳсозӣ, чармгарӣ, намадмолӣ ва ҳар гуна ашёи дигари рӯзгор паҳн гардида буданд.

Сохтмони ибодатхонаҳои сершумор (лама), зебу зиннат додани онҳо барои пешрафти маъдангудозӣ, кандакорӣ, сангтарошӣ ва ҳар гуна касбу ҳунари бадеии дигар шароит фароҳам меоварданд.

Дар охирҳои асри XVI ва нимаи аввали асри XVII дар Муғулистон болоравии нисбии иқтисодиёт мушоҳида карда шуд.

Дар ин бора кӯшиши баъзе ҳокимони мамлакат баҳри эҳёи шаҳрсозӣ, кишоварзӣ ва косибӣ шаҳодат медиҳанд. Ғайр аз Хуххото, ки онро Алтонхон Тумэтским сохта буд, ҳокимони ғарбии Муғулистон бошишгоҳҳои косибию зироаткориро бунёд намуданд. Яке аз онҳо Батур Хунтайҷи ба шумор мерафт. Голдан Бошоктухан бошад, соли 1685 шаҳри Кобдоро бунёд намудааст.

Муғулистон дар арафаи ҳуҷуми манҷурҳо давлати мутамарказ, ободу зебо буд, вале иқтисодиёти пешқадам надошт. Аз ҷунин вазъият истифода намуда, истилогарони манҷурӣ ба ин ҷо лашкар кашиданд.

**Халха ва Ҷунгарро истило кардани манҷурҳо.** Соли 1634 истилогарони манҷурӣ дар ҷануби Муғулистон лашкари хонии Чахарро торумор карданд. Ин ғалаба ба манҷурҳо имкон дод, ки ҳокимияти худро дар ҷануби Муғулистон мустаҳкам карда, баъд ба қисмҳои дигари ин давлат ҳуҷум кунанд. Хонҳои Халха ба ҷои ба хони Чахар дасти ёрӣ дароз кардан, баръакс, ба назди хони манҷурҳо -Абахай бо тӯҳфаҳои қимматбаҳо сафирони худро фиристонида, изҳори садоқату рафоқат намуданд. Бо ин роҳ онҳо мехостанд, ки бехатарию истиқлолияти мулкҳои худро таъмин намоянд.

Соли 1647 Сэтсэхон ва Тушетухон бо ёрии ҳокими ҷануби Муғулистон -Тенгис ба муқобили манҷурҳо шӯриш бардоштанд. Ҳокимони манҷурӣ хонҳо ва ҳокимони Халхаро маҷбур карданд, ки писарон ва ё бародарони худро ҳамчун гаравгон барои зиндагии доимӣ ба шаҳри Пекин фиристонанд. Чунин талаб ба иззати нафси авлодҳои Чингисхон ниҳоят таҳқиромез буд. Аз ин рӯ, онҳо ин талабро қатъиян рад карданд. Вале баъди 7 соли мубориза, хонҳои Халха ба манҷурҳо таслим шуда, талаби онҳоро иҷро намуданд ва ба манҷурҳо тобеъ гардиданд. Ҳамин тариқ, шоҳи Тсин ба сарвари феодалҳои Халха табдил меёбад.

Дар солҳои 30-юми асри XVII хонии Ҷунгар мустаҳкам мешуд. Он дар Муғулистони Ғарбӣ зери роҳбарии ҳокимони аҷдодии Чорос ташаккул меёбад. Аҳолии асосии хонӣ аз аратҳои шохаи ғарбии муғулҳо иборат буд.

Дар солҳои 60-уми асри XVII дар Халха ҷанги байниҳамдигарии ҳокимони маҳаллӣ ба амал омад, ки он барои ишғоли мансаби ҳокими вафоткардаи Халха -Дзактухон Норбо ба амал омада буд. Ба ин ҷанг аксарияти ҳокимони Халха ва Ҷунгар ҳамроҳ шуданд. Хонадони Тушетухонро як гурӯҳ довталабон дастгирӣ мекарданд ва гурӯҳи дигар аз ҳокимони Ҷунгар ёрӣ металабиданд. Ҳамин тариқ, ин мухолифат дар Халха солҳои 80-ум ва 90-уми асри XVII ба задухӯрди хунин оварда расонид. Ҳокимони

Тсин ин ҳолатро ба фоидаи худ истифода бурда, соли 1664 биёбони Гобиро сарҳади байни Муғулистони дохилӣ ва Халха эълон карданд, лекин дар амал онҳо Муғулистонро ба ду пора тақсим намуданд.

Тирамоҳи соли 1668 дар Халха анҷумани хонҳо ва ҳокимон бо мақсади оштӣ додани Тушетухон бо хонадони Дзасактухон баргузор гардид. Дар он намояндаи ҳокими Ҷунгар Галданхон ширкат варзид, вале оштишавии онҳо доир нагардид. Дар Муғулистон хавфи ҷанги шаҳрвандӣ ба миён омад.

Дар оғози соли 1667 Тушетухон мулкҳои Дзасактухонро забт намуд. Вале худи ӯ дар ҷанг кушта шуд. Ҷавобан ба ин Галданхон ба Халха лашкари 30-ҳазорнафараи худро равон кард, ки он лашкари хонҳо ва ҳокимони онҳоро торумор кард. Тирамоҳи соли 1688 феодалҳои Халха бо сардории богдогеген Тушетухон тобеъ будани худро ба империяи Тсин изҳор намуданд ва хоҳиш карданд, ки ҳокимони манҷурӣ онҳоро пуштибонӣ кунанд.

Соли 1691 дар маҳаллаи Долонор дар вазъияти мутантан санади ба ҳайати Тсин дохил шудани Халха ба имзо расид. Дар як вақт барои ҳуҷум бар зидди Галдан тайёрӣ оғоз ёфт. Тобистони соли 1696 дар наздикии Урга (Уланбатори ҳозира) артиши империяи Тсин лашкари Галданро торумор кард.

Шикасти Галданхон Халхаро ба яке аз музофотҳои империяи Тсин табдил дод. Ҳокими олии Халха императори Тсин буд. Идораи Халха тавассути Палатаи робитаҳои хориҷӣ ба амал бароварда мешуд, ки он кулли музофотҳоро ихтиёрдорӣ мекард. Палата номзадии ноиби императорро дар Халха тасдиқ намуд. Ин шахс идораи ҳарбӣ, сиёсӣ ва маъмурии Халхаро дар ихтиёри худ дошт.

Ҳукумати Тсин барои ба ҳайати давлати худ ҳамроҳ кардани Ҷунгар дуру дароз мубориза бурда, соли 1758 ба мақсади худ ноил гардид. Солҳои 1755-1758 ҳаракати озодихоҳонаи халқҳои ин қисмати Муғулистон ба муқобили манҷурҳо ба амал омад, ки он оқибат шикаст хӯрд. Бо ҳамин Ҷунгар ба ҳайати Тсин дохил карда шуд.

**Муғулистон дар нимаи аввали асри XIX.** Аз охирҳои асри XVIII зулми ашрофону амалдорони Тсин дар Муғулистон боз ҳам пурзӯр мешавад. Дар ин бора «Маҷмӯаи қонунҳо»-и соли 1818 шаҳодат медиҳанд.

Хонадони Тсин тарзи давлатдории чиниҳоро азхуд карда, онро дар идораи Чин истифода мебурд. Лекин он арзишҳои сиёсию ҳуқуқие, ки дар идораи Муғулистон истифода мешуданд, ба усулҳои анъанавии сиёсии ин давлат мувофиқат намекарданд.

Асоси низоми идораи сиёсии Муғулистонро таркиби «Хони бузург – табақаи ҳукмрон» ташкил медод. Дар Чин бошад, «шоҳ дастгоҳи амалдорон» буд. Сиёсате,ки Тсинҳо дар Муғулистон ба амал мебароварданд, барои анъанаҳои давлатдории ин мамлакат бегона буд. Мувофиқи ин сиёсат Тсин ашрофони авлодии феодалиро ба ҳолати амалдорон ва ба қисми дастгоҳи давлатии империяи Тсин табдил дод. Ба ин восита Муғулистон воқеан ба як қисми империяи Тсин табдил ёфт.

Назорат ба ҳокимиятро дар корҳои идораи Муғулистон тсинҳо тавассути тасдиқ намудани меросхӯрӣ ба даст даровsecurityанд. Ба амалдорони манчур ва ба ҳокимони Муғулистон Тсинҳо маоши ҳарсоларо бо пулҳои нуқрагӣ ва парчаҳои атлас муқаррар намуданд.

Нисбати ибодатгоҳи Лама ҳукуматдорони Тсин сиёсати мӯътадилро пеш гирифтанд. Ба он ҳуқуқ дода шуд, ки аксари масъалаҳои дохилиро худи ибодатгоҳ ҳал кунад. Танҳо фаъолияти сарварони Лама мувофиқи нишондодҳои «Маҷмӯаи конунҳо»-и соли 1818 зери назорат гирифта мешуд.

Имтиёзҳои ибодатгоҳи Лама ба пешрафти босуръати иқтисодиёт мусоидат намуд. Боигарии табақаҳои мансабдори он нисбат ба боигарии феодалҳои маҳаллӣ якчанд маротиба зиёдтар шуд.

Рафти бемайлон ба ниммустамлика табдил ёфтани Чин, мавқеи иқтисодӣ ва сиёсӣ пайдо кардани мамлакатҳои империалистӣ дар ин давлат (баъди Тсин) Муғулистонро ба мубодилаи тиҷоратии ҷаҳонӣ ҳамроҳ намуд. Содироти чорво ва ашёи хом аз Муғулистон ба бозорҳои Аврупо ва Америка зиёд шуда, ба Муғулистон молҳои саноатӣ ворид мегардиданд. Миёнаравҳои ширкатҳои аврупоӣ муғулҳо ва судхурони чинӣ буданд. Дар солҳои 60-уми асри XIX сарҳадҳои Муғулистон барои тиҷорат ба Русия низ кушода шуданд. Соли 1861 дар пойтахти Муғулистон шаҳри Урга бори аввал консулгарии Русия кушода мешавад ва Русия аз империяи Тсин барои дар тамоми қаламрави Муғулистон ҳуқуқи бе боҷ тиҷорат карданро ба даст медарорад.

Хулоса, Муғулистони феодалӣ дар нимаи аввали асри XIX ба муносибатҳои сармоядорию тиҷоратии ҷаҳонӣ кашида мешавад. Вале бо вуҷуди ин Муғулистон аз ҷиҳати иқтисодӣ аз давлатҳои дигари Осиё хеле қафо монда буд.

**Маданияти муғулҳо.** Аз асри XVI сар карда аз нав эҳё шудани анъанаҳои фарҳангию таърихии муғулҳо оғоз мёбад. Дар байни асарҳои таърихии дар асри XVII таълифшуда «Маҷмӯаи тиллоӣ»-и Лувсанданзан, «Маҷмӯаи қиматбаҳо»-и Санансэнэрро ном бурдан мумкин аст. Муаррихони муғул таърихи Муғулистон ва



133. Намунае аз санъати амалии муғулҳо

дини буддоиро таҳқиқ намуда, онҳоро аз назари дунявӣ ва рӯҳонӣ инъикос менамуданд. Мувофиқи ин назария ҳокимияти дунявӣ аз ҳокимияти рӯҳонӣ бартарӣ дорад. Ҳокими дунявӣ тамоми масъалаҳоро танҳо бо ҳокимияти худ ҳал мекунад ва ба дахолати рӯҳониён роҳ намедиҳад.

Дар асри XVIII асарҳои таърихии «Ҷараёни Ганг, ё худ таърихи авлодони тиллоии ҳоким Чингис» ва «Таърихи буддизм дар Чин»-и Гомбоҷаб, «Таърихи сулолаи Юнъан»-и Рашипунтсаг машҳур мебошад. Аз рӯи ақидаи муаррихони муғул шахсе, ки таърихи халқи худро намедонад ба ҳайвони безабону кар монанд аст.

Дар асрҳои XVII ва XVIII дар илму фарҳанги Муғул ба фаъолияти тарҷумонӣ аҳамияти калон медоданд. Асарҳои зиёд оид ба қоидаҳои буддоӣ ба забони тибетӣ тарҷума карда шуданд. Барои маҷмӯаи «Ганҷӯр», ки аз 108 ҷилд ва «Данҷур», ки аз 225 ҷилд иборат буданд, меҳнати зиёди тарҷумонҳо лозим шуд.

Дар байни муғулҳое, ки забони тибетиро медонистанд **маърифати фалсафӣ** бо тезӣ паҳн мегардид. Дар нимаи дуюми асри XVIII ва асри XIX олимони файласуфи муғул, ба монанди Агвандандар, Агванбалдан ва олимони зиёди дигар дар асарҳои худ масъалаҳои гуногуни фалсафиро аз назари фарзияи фалсафаи Ҳиндустони қадим инкишоф додаанд.

Дар адабиёти бадеии Муғул низ пешравӣ мушоҳида карда мешавад. Ҷанбаи муҳимтарини адабиётии муғули асри XIX пайдоиши **тамоили гуманистии** он мебошад. Инро дар адабиёти дунявии он давра бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Дар адабиёт жанру услубҳои нав, ба монанди лирика ва роман пайдо мешаванд, ки асосгузори онҳо шоир Д.Равҷа ва нависанда В.Инжинаш буданд.

Новобаста аз зулми империяи Тсин фарҳанги асрҳои XVI ва нимаи аввали асри XIX-и Муғулистон давраи эҳё ва пешравии худро аз сар мегузаронид.

***Ҳуҷҷатҳо***

***1. Аз «Маҷмӯаи қонунҳои бузурги се хошун»-и соли 1705***

*Моддаи 1. Хутуктаи Гэгэн ба куҷое ки равад, ба ӯ бе маҳдудият асп («Улог») ва хуроквори («шигусу») дода шавад, ҳамон тавре ки қаблан аз тарафи ҳафт хошун муқаррар карда шуда буд.*

*Дар ҳолати аз додани улог ва хуроквори саркашӣ кардан, ҳамаи ашёи гунаҳгор барои хазина мусодира карда шавад, шахси гунаҳгор ва ҳаёти ӯ бошад, бигузор дар ихтиёри нойон монад.*

*Моддаи 3. Вакил («Гэгэн») ба куҷо, ки раҳсипор шавад, дар ихтиёри худ 10 улог ва 4 шигусу (яъне 2 гӯсфанд) дорад. Вале ба хотири ҳурмати сухани Гэгэн,ки он чунин омадааст: «Ягон хел мавҷудоти зиндаро накуш, вале шабона гурӯсна ҳам намон»! ...сафирро ҳам шаб гурӯсна хобонидан мумкин нест.*

*Агар касе аз ба вакили Гэгэн додани улог ва хӯроквори саркашӣ кунад, пас ба ӯ 3 нуҳи ҷарима андохта мешавад.*

*Моддаи 4. Агар касе овози вакили наздикшудаистодаро шунида, барои аз иҷрои ӯҳдадорӣ саркашӣ кардан чорвои худро пеш карда барад, пас аз ҳар як соҳиби гов яктоӣ сесола асп гирифта шавад.*

*Ҷаримаи («алланги») ҳамин тариқ рӯёнидашуда ба хазинаи нойоне дода шавад, ки аз таъмини вакили он саркашӣ кардааст...*

***2. Аз «нишондоди соли 1728»***

*Агар касе ҳамсар ва ё духтари бегонаро гирифта.... бо мақсади ҳар ду ҳаётро аз ҳамдигар ҷудо накардан пинҳон шавад, пас барои зан (шояд ба соҳиби шавҳар) 8 асп, 7 гов ва 40 гӯсфанд медиҳад. Агар чорво надошта бошад, пас шавҳарро ба зани вай бидиҳад, вале агар нойон одами худро додан нахоҳад, пас бигузор ин говҳоро бидиҳад. Синну соли говҳо сесола.*

***3. Аз «Маҷмӯаи қонунҳои Вачирай Тушету Хани Панҷум (соли 1728)»***

*Агар касе қабри ашрофро вайрон кунад, пас аз ӯ як нуҳи рӯёнида шавад; агар қабри шахси начандон маълумро кофта бошад, пас 1 панҷӣ ва барои кандани қабри одами қаторӣ стегно рӯёнида шавад...*

*...Агар одаме чоҳи нав канад ва ё онро тоза кунад, лекин шахси дигар обашро бо зӯрӣ кашида гирад, пас аз ин шахс аспи сесола руёнида шавад. Вале агар касе чорвои худро аллакай об нӯшонидааст, вале баъди ин ба касе об намедиҳад, пас аз ӯ низ асп рӯёнида шавад. Агар барои аспи саворӣ об надиҳад, пас аз ӯ гӯсфанди сесола рӯёнида шавад. Агар касе бо роҳи фиреб ғайр аз аспи саворӣ ба дигар ҳам об диҳад аз ӯ ҳам гӯсфанд рӯёнида шавад. Агар касе дидаю дониста, ба хотири хушҳолӣ обро ифлос кунад, пас аз ӯ асп ва буққаи сесола рӯёнида, инчунин ба шоҳид буққа дода шавад.*

### *4. Аз хотираҳои муҳаққиқони рус Е.Ф. Тинковский ва Г.Н. Потанин дар бораи Муғулистон (солҳои 20-ум ва 70-уми асри XIX)*

*Хоҷагӣ ва рӯзгор*

*...Бо сабаби бепарвоии муғулҳо ғаллакории онҳо дар сатҳи хеле паст қарор дорад: якчанд навъ арзан, ҷав ва гандум мекоранду халос. Онҳоро низ ниҳоят кам, чунон кам, ки кори онҳоро бо маънои ҷиддӣ зироаткорӣ номидан мумкин нест.*

*Хӯрокворӣ ва нӯшокии муғулҳоро шир, панир ва маска ташкил мекунад, ки онро аз пода мегиранд ...Гӯштро, ки он маъмулан гӯсфандист, ҳар рӯз истеъмол намекунанд ва на дар ҳамаи юртаҳо...Аз ночорӣ гӯшти асп ва уштурро истеъмол мекунанд. Дар сурати тамоман набудани хӯроки хушсифат онҳо маҷбуранд, ки баъзан гӯшти ҳайвони мурдаро низ истеъмол кунанд...*

*Косибӣ ва тиҷорат*

*Онҳо човандозҳо ва мерганҳои моҳир доранд...Вале дар байни онҳо рассомони моҳирро ёфтан мушкил аст, ҳатто косибони оддӣ ҳам каманд. Дуруст аст, ки косибони нуқракор ҳастанд, лекин онҳо низ ангуштшуморанд, ниҳоят кам ва онҳоро ҳокимони маҳаллӣ дар назди худ нигох медоранд, то ки мувофиқи табъи худ баъзе ашёҳои қимматбаҳои номгӯяшон маҳдудро тайёр кунанд. Оҳангарӣ ва дуредгарӣ то ҳол кам такмил ёфтааст. Танҳо намадҳо ва арғамчинҳои пашмиро барои бастани юртаҳо худашон тайёр мекунанд, инчунин аз пӯсти гӯсфанд тайёр кардани либоси зимистонаро низ.*

*Муғулҳо чой, тамоку, газворҳои шоҳӣ ва пахтагини либосворӣ, пойафзол, ҳар гуна ашёҳои оҳанини барои хоҷагӣ заруррро бо тоҷирони чинӣ тавассути уштур, гӯсфанд, буқа ва асп иваз мекарданд. Дар ҳузури мо муғулҳо аспҳои хубро ба ивази 50-60 чойҳои хиштин мефурӯхтанд. Вазни ҳар як хишт ва ё қайроқча на камтар аз 4 фунти русӣ буд.*

*Андозҳо*

*Ҳар як ҳокими муғул (соҳиби мулк) ҳар сол аз тобеони худ андоз мегундошт. Аз онҳое, ки 5 буқа ва зиёда аз ин доранд 1-гӯсфандӣ, аз 20 гӯсфанд ҳам 1-то, аз 40 гӯсфанд 2 гӯсфанд гирифта мешавад. Агар гов бисёр ҳам бошад, аз 2 сар гов бештар руёнида намешавад. Дар мавриди*

---

**Хошун** — воҳиди ҳарбӣ ва маъмурӣ. Хошун ҳамчун воҳиди ҳарбӣ тахминан ба дивизия баробар аст. Хошун ҳамчун воҳиди маъмурӣ мулки меросии феодалӣ мебошад. Баъд аз истилои манчурҳо Муғулистони Берунӣ ба 4 аймак ва 86 хошун тақсим карда шуда буд.

**Нухи** — 4 сар гову 5 гӯсфандро ташкил мекунад.

**Тушету Хан** — аймаки хон, яке аз 4 аймакҳои Халха, ки соли 1691 баъди ба истилогарони манчурӣ тобеъ шудани мамлакат ташкил карда шудааст. Ин санад мумкин аст ба соли 1709 низ тааллуқ дошта бошад.

*андозро ба дарбор равон кардан, ҳангоми ба сейм рафтан, дар мавриди бошишгоҳи асосиро ба ҷои дигар кӯчонидан, зан гирифтан ва ба шавҳар додани духтар аз ҳар як юрта 1-то асп ва 1 ароба бо ҳамроҳии буқа ё ки уштур гирифта мешавад. Аз онҳое, ки 3 модагов доранд, як сатил шир, аз 5 модагов ва аз ин ҳам зиёд 1 кӯза шароби ширӣ ва аз онҳое, ки зиёда аз 100 гӯсфанд доранд, 1 намадӣ гирифта мешавад.*

***Қонунҳо***

*...Барои дуздидани аз 10 то 20 асп, буқа ё уштур ҷинояткор бугӣ карда шавад. Барои дуздидани 2 асп ба Ханан ва ё Шендун бадарға карда шавад. Буқа, уштур ва асп ба 4 гӯсфанд баробаранд. Шахси аз 4 гӯсфанд камтар дуздида 100 қамчин зада мешавад. Сагдузд ба фоидаи соҳиби саг 5 гов ҷарима медиҳад...*

**Савол ва супоришҳо:** **1.** Муғулистон дар арафаи истилои манҷурҳо дар кадом ҳолат қарор дошт? **2.** Дар бораи таркиби иҷтимоии Муғулистон чиҳо гуфта метавонед? **3.** Дар бораи вазъи иқтисодии Муғулистони пеш аз истилои Тсин нақл кунед. **4.** Муғулистон аз кадом қисматҳо иборат буд? **5.** Халқаро манҷурҳо чӣ тавр ба худ тобеъ карданд? **6.** Ҷунғар кай ва чӣ тавр ба Тсин ҳамроҳ карда шуд? **7.** Манҷурҳо Муғулистонро чӣ тавр идора мекарданд? **8.** Мақоми сиёсии Муғулистон дар ҳайати империяи Тсин чӣ тавр буд? **9.** Муғулҳо дар ҳайати Тсин чӣ тавр ба бозорҳои ҷаҳонӣ кашида шуданд? **10.** Дар бораи пешрафти маданияти муғул дар асрҳои XVI ва нимаи аввали асри XIX маълумот диҳед. **11.** Ҳуҷҷатҳоро омӯхта, мазмуни онҳоро фаҳмонед. **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §33. ҶОПОН

**Усули идораи давлат.** Ҳанӯз соли 1598 императори Ҷопон Хидэёси хавфи аз нав сар задани ҷангҳои феодалиро ба назар гирифта, барои мустаҳкам кардани ҳокимияти марказӣ мақоми олии идораи давлатиро иборат аз 5 тайро (вазирони асосӣ) ташкил намуд, ки ба он Токугава Иэясу, Маэда Тосииэ, Уэсуги Кагэкатсу, Мори Тэрумото ва Укита Ундэиэ дохил мешуданд. Вале баъди 2 сол Токугава Иэясу нисбати император хайрхоҳ будани худро як тараф гузошта, амалиётҳои ҳарбиро оғоз кард. Соли 1600 иттиҳоди ҳокимони зидди ӯ ташкилёфтаро дар наздикии Сакигахара шикаст дод. Аз ҳамин айём хонадони Токугава дар мамлакат тамоми ҳокимиятро ба даст мегирад. Сардари хонадон ба худ унвони «сёгун»-ро гирифта, бо ҳамин ба ҳокимияти нави феодалии Ҷопон ибтидо мегузорад.

Дар аввали асри XVII дар Ҷопон беш аз 260 ҳокимони хурду калон ва 18 млн. нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарданд.

Ба хонадони Токугава муяссар гардид, ки ба ҷангҳои байниҳамдигарии ҳокимон, ки муддати дуру дароз давом дошт, хотима

дода, Ҷопонро муттаҳид созад ва онро ба як давлати феодалӣ табдил диҳад. Муттаҳидшавии мамлакатро зарурати ташкил кардани ҳокимияти мутамарказ, ки шӯришҳоро пахш ва ҳокимияти феодалиро мустаҳкам карда тавонад, тақозо менамуд. Заминаи асосии раванди муттаҳидсозии мамлакатро зарурати иқтисодӣ ва дифои давлат аз хавфи хориҷӣ ба миён оварда буд.

Дар Ҷопон соҳибони замин феодалҳои калон ба ҳисоб мерафтанд. Феодали аз ҳама калонтарини Ҷопон Токугава буд, ки мулкҳои ӯ қариб чоряки ҳамаи қаламрави Ҷопонро ташкил мекарданд.

Ваҳдати хонадони Токугаваро ду гурӯҳи феодалони ҳукмрон таъмин менамуданд (дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX шумораи онҳо аз 200 то 300 нафар буд). Ба гурӯҳи аввал, ки он «даймёи меросӣ» ном дошт, ҷонибдорони наздиктарини Токугава ва ба гурӯҳи дуюм ҳокимоне, ки «даймёи бегона» номида мешуданд ва нисбати хонадони Токугава мавқеи душманона доштанд, дохил буданд.

Барои мустаҳкам кардани диктатураи ҳарбию сиёсии хонадони Токугава тартиби гаравгонгирӣ аҳамияти калон дошт. Мувофиқи он ҳар як ҳоким вазифадор буд, ки ҳар сол чор моҳ дар пойтахти мамлакат шаҳри Эдо зиндагонӣ кунад. Ҳангоми дар гаравгон набудани ҳоким ҳамсараш ва ё яке аз аъзоёни оилаи ӯ дар Эдо ба сифати гаравгон нигоҳ дошта мешуд.

Дар мустаҳкамии режими Токугава табақаи ҳарбию ашрофии «самурай» (хизматгорон) мавқеи калон доштанд. Аъзоёни ин табақа хизматгорони содиқи ҳокимони феодалӣ (даймё) буданд. Самурайҳо қариб 17 фоизи аҳолии мамлакатро ташкил мекарданд. Дар ташкили ҳайати афсарон, дастаҳои ҳарбӣ ва амалдорон самурайҳо ҳуқуқҳои васеъ доштанд.

Аз тарафи ҳукумати Сёгун (маънои сёгун – сарлашкарон) бо мақсади мустаҳкам намудани диктатураи ҳарбию феодалии Токугава қонунҳо бароварда мешуданд. Дастгоҳи марказии идора пурра дар зери назорати Токугава буд. Дар маҳалҳо аз ҳисоби ашхоси ба хонадони Токугава наздик мақомоти ҳукуматӣ ташкил карда мешуданд.

Қариб 83 фоизи аҳолии мамлакат дар деҳот зиндагӣ карда, ба кишоварзӣ машғул буданд. **Кишоварзӣ хусусияти натуралӣ** дошт. Дар баробари заминдории калони хусусӣ, заминдории хурди деҳқонӣ низ мавҷуд буд.

Дар Ҷопон **ҳуқуқи крепостной** амал мекард. Деҳқонон аз заминдорон замин иҷора мегирифтанд. Онҳо наметавонистанд дар иҷорагирӣ озод бошанд.

**Сиёсати «Дарҳои баста»-и Ҷопон**. Сёгуни 10-ум Иэхару (1737-1786) ва ҳамаи ҳокимони хонадони Токугава сиёсати хориҷии «дарҳои баста»-ро (он дар солҳои 30-уми асри XVII оғоз ёфта буд), давом медоданд. Сёгунҳо сиёсати дарҳои бастаро ҳамчун яке аз воситаҳои мустаҳкамкунии ҳокимияти мутлак истифода мебурданд.

Сиёсати дарҳои баста нисбати ҳамаи мамлакатҳои хориҷӣ ба кор бурда намешуд. Чиниҳо ва ҳоландиҳо метавонистанд дар Ҷопон озодона хариду фурӯш кунанд. Ҳатто ба ҳоландиҳо иҷозат дода шуда буд, ки дар ҷазираи хурди Дэсимаи назди соҳили Нагасаки ҷойгир шаванд. Дар тамоми давраи «дарҳои баста», яъне то соли 1854, ба ин ҷо киштиҳои ҳоландӣ омаду рафт мекарданд. Ин ҷазира даричаи ягона ба Аврупо буд.

Сиёсати «дарҳои баста» барои Ҷопон нақши манфӣ дошт. Чунин сиёсат мамлакатро дар ҳолати карахтии феодалӣ нигоҳ медошт. Он ба таври сунъӣ Ҷопонро аз бозори ҷаҳонӣ маҳрум сохт. Дар иқтисодиёти мамлакат **хоҷагиҳои натуралӣ ва нимнатуралиро** ҳукмрон гардонид. Халқи Ҷопон аз дастовардҳои фарҳангии мамолики ғарб бебаҳра монд. Сиёсати дарҳои баста намегузошт, ки истеҳсолот ва муносибатҳои сармоядорӣ дар Ҷопон амалӣ гарданд. Дар нимаи дуюми асри XIX маълум гардид, ки Ҷопон тавассути дарҳои баста наметавонад аз ҷиҳати иқтисодию ҳарбӣ ва иҷтимоӣ пеш равад.

**Шаҳрҳои Ҷопон**. Болоравии тиҷорати дохилӣ ба бунёди шаҳрҳои калон – **марказҳои иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ** мусоидат намуданд. Марказҳои асосии тиҷоратӣ шаҳрҳои Эдо, Осака, Киото, Сакаи ва Нагасаки тараққӣ намуданд. Сулолаҳои калони савдогарон дар шаҳри Эдо манфиатҳои намояндагони ҳокимияти олиро ҳимоя мекарданд. Дар Киото бошад, онҳо ба манфиати император амал менамуданд. Танҳо дар Осака тоҷирон нисбатан мавқеи озод доштанд.

Иттиҳодияҳои пурзӯри тоҷирон ва устохонаҳои косибӣ Осакаро ба маркази асосии фаъолияти тоҷирӣ табдил доданд. Бозори асосии мамлакат дар ин шаҳр воқеъ буд. Ба ин ҷо аз тамоми гӯшаю канори мамлакат барои хариду фурӯш мол меоварданд.

Ҳокимони феодалӣ ҳокимияти худро аз даст медоданд. Дар асри XVII ноҳияҳое ташкил ёфтанд, ки ба истеҳсоли молҳои алоҳида махсус гардонида шуда буданд. Дар Кюсю чинӣ ва газвор, дар Киото-Нара -парча, атлас, маснуоти фулузӣ, дар Нагоя-Сато - маснуоти сафолӣ ва чинӣ, дар Сутсума - қанд, дар Тоса ва Тёсю- коғаз истеҳсол карда мешуд. Васеъшавии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар шаҳру маҳалҳои гуногун ташаккули **бозори миллиро** тезонид.

**Сармояи тиҷоратӣ** дар ҳаёти шаҳрҳо торафт мақоми мустаҳкамтарро ишғол менамуд. Хусусан, иттиҳоди тоҷирони яклухтфурӯш, ки дар қисмати муайяни мамлакат амалиётҳои тиҷоратиро **инҳисор (монополия)** карда буданд, нуфузи калон доштанд. Масалан, **ширкатҳои** Осака «Хигаки кайсэн» ва «Тару кайсэн» ба навоҳии Эдо ва Осака хизмат мерасониданд. Ширкати «Матсумабуна» борбариро дар Хокайдо назорат мекард ва ба қисматҳои шимолию марказии Хонсю то Осака хизмат мерасонид.

Дар Ҷопон танҳо шаҳрҳои Сакаи ва Хаката мақомоти худидоракунӣ доштанд. Ин шаҳрҳо ҳанӯз дар асрҳои миёна ба вуҷуд омада, тавассути тиҷорати хориҷӣ бой шуда буданд.

**Вазъи иқтисодии Ҷопон дар аввали асри XIX.** Равандҳои иҷтимоию иқтисодии давраи ҳукмронии сёгунҳои охирин нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи Ҷопон мухолифатҳои мураккаб вуҷуд доштаанд. Кишоварзиро бӯҳрон фаро гирифта буд. Майдони кишти зироат аз оғози асри XVIII боз васеъ намешуд. Ба табақаҳо ҷудошавии аҳолии деҳот пурзӯр гардид. Ин зуҳурот аз безамин шудани деҳқонон ба амал меомад. Дар деҳоти Ҷопон оҳистаоҳиста муносибатҳои феодалӣ шикаст мехӯрданд. Аз дасти ашрофон рафтани инҳисор (монополия) ба замин, заминро аз даст додани деҳқонон ва ба дасти гурӯҳи нави иҷтимоӣ – заминдорон ва тоҷирон, деҳқонони бой (гоно) гузаштани заминҳо нишонаҳои асосии ин раванд дар кишоварзӣ мебошад.

Яке аз нишонаҳои муҳими дар иқтисодиёти Ҷопон пухта расидани **тарзи сармоядории истеҳсолот** ин торафт зиёдшавии шумораи манафактура буд. Дар нимаи аввали асри XIX дар мамлакат зиёда аз 180 манафактураи нав ба вуҷуд омад, ки ин аз 200 соли гузашта ҳам зиёдтар буд. Манафактураҳоро намояндагони сармояи тиҷоратӣ, ҳокимон ва муассисаҳои ҳукуматии «бакуфу» (бо номи «манафактураи давлатӣ») бунёд мекарданд. Манафактураҳое, ки тоҷирон месохтанд, асосан истеҳсоли маҳсулоти кулолгарӣ, бофандагӣ ва хӯроквориро дар бар мегирифтанд. Манафактураҳои ҳокимон бештар ба истеҳсоли силоҳ махсус гардонида шуда буданд. Манафактураҳои давлатӣ асосан ба Токугава тааллуқ доштанд. Бо вуҷуди ин манафактураҳои давлатӣ аз ҷиҳати техникӣ аз манафактураҳои тоҷирон ва ҳокимон ақиб мемонданд.

Ҳамин тариқ, то нимаи дуюми асри XIX дар Ҷопон истеҳсолоти сармоядорӣ кам бошад ҳам, ба вуҷуд омад. Вале муносибатҳои феодалӣ барои ба таври пурра ба давраи сармоядорӣ гузаштани мамлакат монеъ мешуданд.

**Бӯҳрони низоми сиёсии Токугава.** Дар низоми сёгунии Токугава табақаи аз ҳама беҳуқуқи ҷомеа кишоварзон буданд. Дар баробари пайдоиши истеҳсолоти сармоядорӣ аҳволи онҳо боз ҳам вазнинтар мешавад.

Яке аз баромадҳои калонтарини зиддиҳукуматӣ шӯриши Осио Хейхатиро мебошад, ки соли 1837 дар Осака ба амал омадааст. Худи Осио аз табақаи самурайҳо буда, мансаби сардори муҳофизони шаҳрро соҳиб буд. Аз гуруснагие, ки дар ин маҳал ба амал омад, биринҷҷаллобон истифода бурда, нархи онро аз ҳад зиёд карданд. Осио ба амалдорони сёгун муроҷиат намуд, то ки онҳо фурӯши биринҷро ба танзим биёваранд. Вале ӯ ҷавоби рад гирифт. Осио амволи худ - дастнависҳо ва китобҳои қимматбаҳояшро фурӯхта, ба пули онҳо биринҷ харида, ба аҳолии шаҳр тақсим кард. Баъди ин Осио ва ҷонибдоронаш ба аҳолии шаҳр ва гирду атроф, аз он ҷумла ба музофотҳои Сатсу, Кавати, Харима ва Кизуми хитобномаҳо равон карданд. 17-уми феврали соли 1837 300 фидоии мусаллаҳ анборҳои бойҳоро кушода, биринҷи онҳоро ба мардум тақсим намуданд. Шӯришгарон анборҳои ду ширкати калонтарин -Митсуи ва Каноикэро низ горат карда, оташ заданд.

Шӯриши Осио бо тезӣ пахш карда шуд. Вале бо вуҷуди ин шӯриш дар мамлакат ҳамовозии калонро ба вуҷуд овард. Баъди ин шӯриш дар чандин ҷои дигари мамлакат ҳам ошӯбҳои зиёде ба амал омаданд. Яке аз онҳо дар зери роҳбарии Икута дар ноҳияи Касивадзаки рӯй дод.

Дар солҳои 1830-1843 сёгунҳо барои мустаҳкам кардани мавқеи сиёсии ҳокимияти заифшудаи худ силсилаи ислоҳотҳо гузаронид. Аммо ин амал такрори ҳамон кӯшишҳое буданд, ки барои мустаҳкам намудани сохти иқтисодии самурай равона шуда буданд. Ин чораҳо бӯҳрони низоми сёгунатро бартараф карда наметавонистанд. Дар мамлакат унсурҳои инқилоби буржуазӣ пухта мерасиданд.

**Кушода шудани «Дарҳои баста».** Дар солҳои 40-уми асри XIX Англия барои пайдо намудани мавқеъ дар Чин муборизаро оғоз намуд. Барои ИМА Шарқи Дур, аз он ҷумла Ҷопон ва Чин ҳамчун бозори бузурги эҳтимолӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, Конгресс ба президенти ИМА ваколат дод, ки ба Ҷопон муносибатҳои тиҷоратиро ба роҳ монад. Баъди чанд сафорате, ки натиҷаи дилхоҳ надод, ИМА экспедитсияи ҳарбӣ ташкил намуд. 8 июли соли 1853 эскадраи Перри ба бандари Урага наздик шуд. Перри аз гуфтушунид дар Нагасаки даст кашида, ба сёгун аз ҷониби президенти ИМА мактуб ва нусхаи мошинҳои охирини истеҳсоли Америкоиро фиристонид.

Сёгун бо маслиҳати император ҷавоби мактубро кашол дода, хост, ки дифои мамлакатро ташкил намояд. Вале Перри ба ҷавоби мактуб интизор нашуда, аз соҳилҳои Ҷопон дур шуда, ба ҷониби бандарҳои Чин равон шуд. Эскадраи ИМА баҳори соли 1854 боз ба соҳилҳои Ҷопон баргашт. 9 киштии ҳарбии дорои 250 тӯп ва 500 баҳрнаварди ҳарбӣ ба ҷанги зидди Ҷопон омода буданд. Сёгун аз тарс барои бастани шартнома бо ИМА розигӣ дод.

Ҳамин тариқ, 31 марти соли 1854 дар шаҳри Канагава (Иокогама) шартномаи аввалини Ҷопону ИМА ба имзо расид. Мувофиқи ин шартнома акнун киштиҳои Амрико ҳуқуқ пайдо намуданд, ки ба бандарҳои Симодо ва Хакотадэ лангар партоянд. 14 октябри соли 1854 байни Англия ва Ҷопон шартнома баста шуд, ки он нишондодҳои асосии қарордоди Каганаваро такрор мекард. 7 феврали соли 1855 байни Русия ва Ҷопон дар Симода шартнома баста шуд. Мувофиқи ин шартнома галаҷазираҳои Курил қариб пурра ҳамчун мулкҳои Русия шинохта шуданд. Дар солҳои 1856-1857 ду шартномаи байни Ҳоланд ва Ҷопон ба имзорасида муносибатҳои байни ин ду давлатро танзим намуданд. Баъди ин Ҷопон бо мамлакатҳои Ғарб бо номи «Шартномаҳои Ансэ» як қатор шартномаҳои дигарро ба имзо расонид. Ҳамин тариқ, сиёсати «Дарҳои баста»-и Ҷопон аз байн рафт ва ин давлат ба **бозори ҷаҳонӣ** дохил гардид.

**Маданияти Ҷопон**. Ҳанӯз дар асри XVI ҷараёни дзении дини буддоӣ моҳияти соф динии худро аз даст дод. Инро, пеш аз ҳама, дар меъмории манзаравӣ, мурофиаи чойнӯшӣ ва таҳияи гулдаста дидан мумкин буд. Дар асрҳои XVII – XVIII принсипҳои асосии меъмории миллии ҷопонӣ ташаккул мёбанд, ки анъанаҳои он то замони мо вуҷуд доранд. Қоидаҳои тавассути боғ иҳота кардани бино ташаккул ёфтанд. Яке аз намунаҳои машҳури ин санъат ибодатхонаи Киото Тэнрюдзи, Дайтокудзи, Дайгодзи ва Сайходзи (ибодатхонаи Мухха) мебошанд, ки ба композитсияи он зиёда аз 50 намуди дарахтҳо, буттаҳо ва гулҳо дохил гардидаанд ва бо зебоию дилкашии худ касро мафтун мекунанд.

Ба тарафҳои мухталифи маданияти Ҷопон рушду нумӯи маъракаю мурофиаи «чойнӯшӣ» таъсири калон расонидааст. Фаъолияти машҳуртарин «устоҳои чой» (тядзинҳо) Сен-но Рико (асри XVI), Соами (асри XVI), Фурута Орибэ (асри XVII) натанҳо ба ташаккули қоидаҳои мурофиаи чойнушӣ, хонаи чой (тяситсу), боғи чой (тянива), балки ба тамоми маданияти бадеии Ҷопон таъсири мусбат расонидаанд.

Режими Токугава, ки тартиботи феодалиро дар зери назорати худ дошт, ба навгониҳои маданият монеъ мешуд. Дарҳои

баста сабаби аз Аврупо ақиб мондани Ҷопон гардид. Ба ин нигоҳ накарда дар ин вақт оҳиста-оҳиста маркази маданият ба дайру ибодатхонаҳо ва шаҳрҳои тез тараққиёбандаи мамлакат мекӯчид.

Дигаргуниҳои калон дар адабиёт ба амал омаданд. Дар байни адабиёти асримиёнагӣ ва адабиёти нави **тамоили реалистӣ** ҷузъи пайвасткунандаи онҳо асарҳое шуданд, ки тавассути алифбои ҳиҷоӣ навишта шуда буданд. Вале ҷараёни ҳақиқии демократии адабиёт укиётсозӣ мебошад, ки асосгузори он Ихара Сайкаку (1642-1693) буд.



134. Тайёрии хонуми ҷопонӣ ба чойнӯшӣ

Театр дар Ҷопон таърихи чандинасра дорад. Соли 1675 дар Киото ва соли 1684 дар Осака театрҳо кушода шуданд. Дар саҳнаҳои ин театрҳо ва театрҳои дигари Ҷопон асосан асарҳои драматурги бузурги мамлакат Тикаматсу Мондзаэмон (1653-1725) гузошта мешуданд. Мардуми Ҷопон санъати театриро хеле дӯст



135. Боғдории манзаравии ҷопонӣ

медоштанд ва бо хоҳиши зиёд барои тамошои намоишҳои он мерафтанд.

Дар Ҷопони асри XVI -нимаи аввали асри XIX намудҳои дигари маданият низ ташаккул меёфтанд.

***Ҳуҷҷатҳо***

***1. Қонунгузории Ҳукумати Токугава оид ба кишоварзӣ Фармон дар бораи ба кишоварзон манъ кардани хариду фурӯши абадии замин.***

*1. Шахси заминро фурӯхта ба маҳбас партофта шуда, баъди адои ҷазо бадарға карда мешавад. Дар мавриди фавти ӯ фарзандонаш ба ҷазо гирифтор мешаванд.*

*Эзоҳот. Заминҳои фурӯхташуда аз тарафи дейкан ё дзиго (танхоҳ)-и ҳамон ноҳияе мусодира карда мешаванд, ки фурӯшанда аз он ҷост.*

*3. Шоҳидони хариду фурӯш ба маҳбаси қарздорон партофта мешаванд. Дар мавриди фавтидани шоҳид нисбати фарзандони ӯ ҷазо ба кор бурда намешавад.*

*4. Дар шакли «райно» ба гарав мондан, яъне шахсе, ки қитъаи заминро ҳамчун гарав гирифта киштукор мекунад, лекин шахси ба гаравмонда пардохти андоз ва иҷрои ӯҳдадориҳоро идома медиҳад низ ҳамчун барои хариду фурӯши абадии замин ҷазо дода мешавад.*

*Фармон медиҳам, ки хариду фурӯши замин абадӣ бас карда шавад.*

*Эзоҳот. Вале хариду фурӯши киштзорҳои ғайришолии деҳқонон (хатака), қитъаҳои беша, киштзорҳои навкорами шолӣ ва инчунин киштзорҳои обёришудаи шолие, ки ба ронинҳо (самурайҳои бе пушту паноҳ ва аз таъмини озуқаи ҳармоҳа маҳрумбуда –шарҳи Т.З.) ва самурайҳо мутааллиқанд, манъ карда намешавад.*

***2. Шӯриши соли 1837 дар Осаха Муроҷиатномаи Осио Хэйхатиро ба шӯришгарони ш. Осака (соли 1837)***

*Ба ҳамаи оқсақолҳо, ёрдамчиёни онҳо, кишоварзон ва тамоми камбағалоне, ки дар музофотҳои Сэтшу, Кавати, Идзуми ва Харима зиндагонӣ мекунанд.*

*...Вақтҳои охир нархи биринҷ баланд мешавад. Шаҳрдор (бугё)-и Осака ва ҳамаи амалдорон фаромӯш кардаанд, ки ба ҷои он ки хирадмандона ва одилона ҳукмронӣ кунанд, ба бедодгарии худсарона роҳ медиҳанд. Онҳо биринҷи ҳамчун андоз гуншударо ба Эдо мефиристонанд ва ба хотир ҳам намеоранд, ки ба Киото низ равон кунанд (ҷои истиқомати Писари Худо -яъне, императори Ҷопон- шарҳи Т.З.). Ва онҳоеро, ки биринҷро бо нархи 5 то 1 сё (нархи нисбатан арзони биринҷ –шарҳи Т.З.) мефурӯшанд, аз гулӯяшон дошта, ба маҳбас партоянд...*

*Барои ифодаи хашму ғазаб сухан оҷизӣ мекунад!*

*Аз ҳар се пойтахти (Эдо, Киото, Осака- Т.З) мамлакати мо бойбачаҳои Осака аз рӯи қарзи пешинае, ки онҳо ба ҳокимони гуногун дода*

*буданд, фоизи аз ҳад зиёд ба даст медароранд, биринҷи беандоза зиёди андозро кашида мегиранд ва зиндагии бо карру фар доранд…Инҳо ба камбағалони аз гуруснагӣ мурда истода ягон зарра ёрӣ намерасонанд. Бойбачаҳои Осака, чун ҳарвақта ба кайфу сафо машғуланд.*

*Шаҳрдори Осака ва амалдорони дигар дар базмҳои ҷамшедӣ дилхушӣ мекунанд ва ҷонибдорони бойбачаҳо мебошанд. Аз ҳамин сабаб на лаҷоми тоҷиронро мекашанд ва на ба халқ дасти ёрӣ дароз мекунанд. Онҳо танҳо ба як чиз аҳамият медиҳанд: Дар биржаи Додзима тартиби нархҳо дар кадом ҳолат аст? Амалдорони фурӯхташуда панду ҳикмати хирадмандонаи ниёгонро, ки бо роҳи қазову қадар мерафтанд, иҷро намекунанд! Инро ҳеҷ гоҳ бахшидан мумкин нест!*

*…Барои иҷрои амри Осмон ба ҷиноятпешагон ҷазо медиҳем!..*
*Имзо:*

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Хонадони Токугава кай ва чӣ тавр ба сари ҳокимият омад? **2**. «Сёгун» ва «самурай»-ҳо кистанд? **3**. Дар бораи тиҷорат ва шаҳрҳои Ҷопон маълумот диҳед? **4**. Сиёсати «дарҳои баста»-и ҳукумати сёгунро шарҳ диҳед. Сиёсати «дарҳои баста» ба кӣ даркор буд ва он ба Ҷопон чӣ зарар овард? **5**. Оё дар байни шаҳру музофотҳои Ҷопон тақсимоти меҳнат вуҷуд дошт? **6**. Ба вуҷуд омадани истеҳсолоти сармоядориро дар Ҷопон аз рӯи кадом далелҳо исбот карда метавонед? **7**. Вазъи иқтисодии Ҷопонро дар оғози асри XIX шарҳ диҳед. **8**. Бӯҳрони низоми сиёсии сёгунро чӣ тавр исбот мекунед? **9**. Чаро мамлакатҳои империалистии Ғарб «дарҳои баста»-и Ҷопонро «кушодан» мехостанд? **10**. Сиёсати «дарҳои баста» чӣ тавр барҳам хӯрд? Кадом давлатҳои империалистӣ ба ин сабаб шуданд? **11**. Дар бораи маданияти Ҷопони асрҳои XVI – нимаи аввали асри XIX маълумот диҳед? **12**. Дар бораи масъалаҳои асосии мавзӯъ фикри худро баён кунед.

## §34. ВЕТНАМ

Дар охирҳои асри XVII ва то солҳои 70-уми асри XVIII дар қаламрави Ветнам якчанд давлатҳои феодалӣ -Дайвет, Дангисай, Дангчаунг ва баъзе давлатчаю князиҳои хурд-хурди дигар вуҷуд доштанд. То ин давра Ветнамро зоҳиран сулолаи Ле (1428-1789) идора мекард. Дар амал он дар дасти ду сулола - аз арзи 16 болоро Чин ва ҷанубро Нгуенҳо идора мекарданд.

Вазъи иқтисодӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро дар мамлакат муборизаи мутлақияти мутамарказ, моликияти давлатӣ, муносибатҳои феодалҳо ба он ва моликияти хусусӣ муайян мекарданд. Кашида гирифтани заминҳои ҷамъиятӣ, муқаррар намудани андозҳои баланд, зиёд кардани ӯҳдадориҳои ҳарбӣ, дароз кардани мӯҳлати хизмат, вазъи кишоварзонро то рафт вазнинтар мекарданд. Аҳволи ҳунармандон ва тоҷирон низ аз аҳволи кишоварзон

бехтар набуд. Ин боиси ба амал омадани шӯриши тэйшонҳо гардид.

**Шӯриши тэйшонҳо**. Роҳи ягонаи халосӣ аз чунин вазъият шӯриш буд. Он соли 1771 дар деҳаи Тэйшон, ки дар наздикии шаҳри Конгтуми Ветнами Марказӣ воқеъ буд, оғоз ёфт. Аз ҳамин сабаб онро шӯриши «Тэйшонҳо» меномиданд. Ба шӯриш се бародар - Нгуен Няк, Нгуен Хюе ва Нгуен Ли роҳбарӣ мекарданд. Деҳқонони шӯришгар амалдорони маҳаллиро несту нобуд карда, бо дастгирии аҳолии маҳаллӣ шаҳри бандарии Кюинъонро ишғол намуданд. Аз рӯзҳои аввал шӯриш мақоми умумихалқӣ пайдо намуда, ҷуғрофияи он васеъ мешуд. Ғайр аз кишоварзон ба он шаҳриён, косибон ва тоҷирон низ ҳамроҳ шуданд. Шӯриш асосан ба муқобили парокандагии феодалии мамлакат, ки ба рушди кишоварзӣ, озодии косибон ва тиҷорат халал мерасонид, равон карда шуда буд.

Дар оғози шӯриш тэйшонҳо нисбат ба замин сиёсати баробариро пеш гирифта, молу мулки сарватмандонро забт намуда, дар байни камбағалон тақсим мекарданд.

Дар муддати панҷ соли аввал ба шӯришгарон муяссар гардид, ки навоҳии шимолу ҷанубии Ветнамро ба зери назорати худ бигиранд.

Тэйшонҳо ҳукмронии феодалҳои Чин ва Нгуенро барҳам зада, намояндаи хонадони Лиро аз мамлакат пеш карданд ва ба онҳо муяссар гардид, ки артиши Тсин ва Сиамро торумор намоянд. То нимаҳои соли 1789 тэйшонҳо ҳокимияти худро дар тамоми Ветнам барпо намуданд. Баъди ба сари қудрат омадан онҳо як қатор чорабиниҳои давлатӣ гузарониданд. Идораи маъмуриро ба низом оварда, боҷи тиҷоратиро бекор ва ба ҷои алифбои чинӣ алифбои ветнамиро ҷорӣ намуданд. Ислоҳоти ҳарбӣ ва судиро низ ба амал баровароданд. Нгуенҳо сиёсати феодалҳои сарнагуншударо пеш гирифтанд. Ҳанӯз соли 1776 пеш аз лашкаркашӣ ба поёноби дарёи Меконг, Нгуен Няк худро вионг, яъне короли давлати Тэйшонҳо эълон кард. Мамлакат ба се вилоят тақсим карда шуд, ки онҳоро се бародар Няк, Хюе ва Ли, ки байни худ рақобат доштанд, идора мекарданд. Дар давраи ҳукмронии бародарон Нгуенҳо аҳволи халқ беҳтар нашуд. Умеди халқ барбод рафт. Аз норозигии халқ яке аз феодалҳои хонадони Нгуенҳо – Нгуен-фук-Ан моҳирона истифода бурд. Ӯ қӯшуни бузург ҷамъ карда, ба муқобили тэйшонҳо лашкар кашид, то ки ҳокимияти қаблиро дар мамлакат аз нав барқарор кунад.

Дар ибтидо Нгуен-фук-Ан ба шикаст дучор мешавад. Вале баъд ба ӯ ҳукумати Фаронса дасти ёрӣ дароз мекунад. 28-уми

ноябри соли 1787 дар Версал (Фаронса) байни Нгуен-фук-Ан ва Фаронса шартномаи аввалин баста мешавад. Мувофиқи он Фаронса бояд ба ёрии Нгуен-фук-Ан ба Ветнам экспедитсия равон мекард. Вале дар Фаронса инқилоби буржуазӣ оғоз меёбад ва равон кардани экспедитсия мавқуф гузошта мешавад. Бо вуҷуди ин ҳукумати Фаронса ба Ветнам мутахассисони ҳарбӣ ва силоҳ фиристонид. Тавассути ин кӯмак артиши Нгуен-фук-Ан зери роҳбарии афсарони фаронсавӣ шаҳрҳои Кюинъон, Дананг ва Фусуан (Хюе) –ро ишғол карданд. 1-уми июни соли 1802 ҳукмронии сулолаи Ле ба пуррагӣ хотима ёфт ва ба сари қудрат Нгуенҳои нав омаданд. Ин сулола дар мамлакат аз соли 1802 то соли 1945 ҳукмронӣ кардааст.

**Империяи Нгуенҳо.** Дар таърихи Ветнам салтанати Нгуен – фук-Ан (солҳои 1802-1819) бо рамзи «Зъялонг» машҳур аст. Ӯ давлатдориро аз ислоҳоти маъмурӣ оғоз намуд. Мамлакат ба ҷои Дайвъет номи Ветнамро гирифта, ба се қисм **-шимолӣ (бакки), марказӣ (чунгки)** ва **ҷанубӣ (намки)** тақсим карда мешавад. Онҳо мувофиқан аз 13, 5 ва 7 музофот иборат буданд. Пойтахти мамлакат шаҳри Хюге эълон карда мешавад. Мақомоти олии ҳокимияти иҷроия аз 6 палата **-дарбор, корҳои ҳарбӣ, молия, адлия, маросимҳо** ва **корҳои ҷамъиятӣ** иборат буданд. Барои назорат аз болои дастгоҳи амалдорон додгоҳи махсуси нозирон ташкил карда мешавад.

Дар солҳои аввали баъди шӯриши тэйшонҳо вазъи мамлакат ноустувор буд. Дар натиҷаи ҷангҳои феодалӣ иншоотҳои обёрикунӣ аз кор баромада буданд. Бо мақсади аз гуруснагӣ наҷот ёфтан кишоварзон ба таври оммавӣ ҷойҳои сукунати доимии худро тарк мекарданд. Барои гирифтани пеши роҳи ин зуҳуроти манфӣ Нгуен-фук-Ан имтиёзҳои пардохти андози муқаррарнкардаро бекор намуд.

Сиёсати аграрии Нгуенҳои нав дар нимаи аввали асри XIX барои барқарор кардани муносибатҳои истеҳсолии кӯҳна, пеш аз ҳама барои барқарор намудани заминдории ҷамоавӣ, кишоварзиро аз ҳолати бӯҳрон баровардан ва вазъи иҷтимоии деҳотро ба эътидол овардан нигаронида шуда буд. Акнун Ветнам оҳиста-оҳиста аз бӯҳрон мебаромад. **Маҷмӯаи қонунҳои** соли 1812-и Ветнам (аз рӯи **кодекси қонунгузории Тсин** мураттаб гардида буд) барои мустаҳкам ва бардавом шудани ҳокимияти **феодалию бюрократии** Нгуенҳо хизмат мекард.

Давраи аввали салтанати Нгуенҳо дар таърихи давлати Ветнам бо хатҳои заррин сабт гардидааст. **Ислоҳотҳои** Нгуенҳо ба давлатдорӣ ва иқтисоди Ветнам таъсири мусбат расониданд. Дар ин кор саҳми бузурги император Зялонгро махсус таъкид

намудан лозим аст. Баъди вафоти ӯ император Минъмен (1820-1840) ба сари қудрат меояд. Ӯ ҳам барои пурқувват гардидани ҳокимияти мутлақаи Ветнам корҳои зиёдеро анҷом додааст.

Дар сиёсати хориҷии худ Нгуенҳо ба мамлакатҳои ҳамсоя, махсусан, ба Камбоҷа ва Лаос таваҷҷӯҳ доштанд. Соли 1805 Камбоҷа маҷбур мешавад, ки вобастагии худро аз Ветнам эътироф кунад. Ин давлат дар давраи ҳукмронии тэйшонҳо аз вобаста будан ба Ветнам озод шуда буд. Кӯшишҳои Ветнам барои забт кардани Лаос ба манфиатҳои табақаи болоии Сиам мухолиф баромад. То оғози асри XIX Лаос дар зери назорати короли Сиам буд. Соли 1827 дар байни Ветнам ва Сиам барои Лаос ҷанг доир гардид, ки дар он Ветнам ғолиб баромад. Бо ҳамин Лаос ҳам ба ҳайати Ветнам дохил карда шуд.

Англия бисёр мамлакатҳои хурду бузургро ба худ тобеъ намуда буд. Аз ин сабаб Фаронса кӯшиш намуд, ки заминҳои ҳанӯз аз тарафи Англия ва ё мамлакатҳои дигари сармоядорӣ ишғолнашударо ҳарчӣ тезтар ба даст дарорад. Бо ин мақсад Фаронса ба Ветнам экспедитсияи ҳарбӣ равон мекунад. Соли 1817 дар соҳилҳои Ветнам киштии «Ля Пэ»-и Фаронса пайдо мешавад. Баъди он дар бандарҳои Ветнам киштиҳои Фаронса тез-тез лангар мепартофтанд. Таблиғотчиёни дини масеҳӣ низ ба кор шурӯъ намуданд. Вале онҳоро Нгуенҳо таъқиб мекарданд. Ба Ветнам дар баробари Фаронса давлатҳои дигари Аврупо ҳам фишор меоварданд. Онҳо талаб мекарданд, ки дар Ветнам ҳуқуқҳои тиҷоратии онҳо васеъ ва ба таъқиби таблиғотчиёни масеҳӣ хотима дода шавад. Дар натиҷаи фишори аз тарафи мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо ва махсусан Фаронса императори Ветнам Тхиеучи (1841-1847) маҷбур шуд, ки талаби онҳоро қонеъ гардонида, ба таъқиби таблиғотчиёни масеҳӣ хотима диҳад.

Баъди ин ҳам киштиҳои Фаронса дар бандарҳои Ветнам тез-тез пайдо шуда, ҳамлаҳои роҳзанона мекарданд. Соли 1857 Ветнам маҷбур шуд, ки бандари Дананг ва ҷазираҳои Кондаоро ба Фаронса бидиҳад. То миёнаҳои асри XIX ҳокимони Чин Ветнамро хизматгори худ меҳисобиданд. Вале оҳиста-оҳиста Фаронса ин давлатро ба ихтиёри худ даровард. Ҳамин тариқ, лашкари Фаронса ба соҳилҳои Ветнами Ҷанубӣ дохил шуда, ба гарнизони дар Сайгон будаи худ ҳамроҳ мешаванд. Баъди ҷангҳои шадид ба лашкари Фаронса муяссар мешавад, ки музофоти Зядинро низ ишғол кунанд. Моҳи апрел онҳо музофоти Динътионгро ҳам ишғол карданд. Дар Ветнам бар зидди лашкари Фаронса ҷанги чирикӣ оғоз мешавад, вале он муваффақияте пайдо намекунад. Ба Фаронса муяссар мегардад, ки Ветнамро шикаст диҳад. Баъди

имзои шартномаи Сайгон Фаронса музофотҳои Зядин, Динътионг, Бъенхоа ва ҷазираи Кондаоро ба даст медарорад ва инчунин аз Ветнам ба маблағи 20 млн франк товони ҷанг талаб мекунад. Соли 1867 Фаронса бо баҳонаи барҳам додани бетартибиҳо дар Ветнам се музофоти боқимондаи Ҷануби Ветнам- Зинълонг, Анъхианг ва Хатъенро низ ишғол мекунад. Бо ҳамин давраи аввали ишғоли Ветнам аз тарафи империализми Фаронса ба охир мерасад. Бояд гуфт, ки соли 1863 короли Камбоҷа Нородом ҳам ба Фаронса тобеъ будани мамлакати худро эътироф кард.

**Маданияти Ветнам.** Маданияти Ветнам мувофиқи талаботи ҳокимияти мутлақаи императорӣ сурат мегирифт. Мувофиқи амри императорон дар сар то сари мамлакат ва хусусан дар пойтахти мамлакат шаҳри Хюе силсилаи қасрҳо, мақбараҳо ва ибодатхонаҳо бо кандакорию наққошӣ ва зарҳалкорӣ зебу зиннат дода мешуданд. Дар баробари тараққиёти шаҳрҳо дар онҳо растаҳои косибии мисгарон, бофандагон, заргарон, силоҳсозон ва ғайра қомат рост мекарданд. Театри анъанавӣ - тионг рушду нумӯъ ёфта, дар мамлакат паҳн мегардид. Санъати тасвирӣ ҳам пеш мерафт.

Маориф рӯ ба тараққӣ ниҳод. Нгуенҳо анъанаҳои асримиёнагиро дар бобати доир гардидани имтиҳонҳо бо мақсади хоста гирифтани амалдорон барои дастгоҳи ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ идома медоданд. Шумораи мактабҳои маълумоти умумӣ хеле зиёд шуд.

Илм дар Ветнам ба дастовардҳои чашмрас ноил гашт. Махсусан, илмҳои таърих, фалсафа ва тиб хеле пеш рафтанд. Барои ҷамъоварӣ ва пажӯҳиши ҳуҷҷатҳои қадима мақомоти махсус ташкил меёбад. Дар натиҷаи фаъолияти он як қатор асарҳои намоён, аз он ҷумла



136. Пештоқи ибодатгоҳи Шива

«Дайнам тхик лук» («Таърихи ҳақиқӣ ва пурраи Ҷануби Бузург») ва «Дайнам лъет чионг» («Тарҷумаи ҳоли одамони машҳури Ҷануби Бузург») таълиф гардиданд. Яке аз олимони барҷастаи Ветнам Лекуанг-Дин асари таърихию ҷуғрофии худ «Тавзеҳи умумии Ветнам»-ро мураттаб месозад, ки дар он оид ба роҳҳо, сарҳадҳо, машғулият ва анъанаҳои мардуми ҳамаи вилоятҳои мамлакат маълумоти муфассал гирд оварда шудааст. Ҳамчун сарчашмаи муҳими таърихӣ асари Фан-Хюн-Тю «Таърихи сулолавӣ», ки аз 49 ҷилд иборат буд, таълиф мегардад. Ин асар ба 10 қисм ҷудо карда шудааст. Он оид ба таърих, иқтисод, сиёсат ва ҳуқуқи Ветнам маълумоти муфассал (энсиклопедӣ) медиҳад.

Дар адабиёти бадеии Ветнам назм мавқеи муҳимро ишғол мекард. Дар байни шоирони ин давра Нгуен Кхюен (1835-1909) ва Нгуен Зу (1765-1820) мақоми махсус доштанд. Романи назмии «Ким Ван Кеу»-и Нгуен Зу воқеан ифтихори ҳақиқии адабиёти Ветнам мебошад. Дар ин асар масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеа воқеӣ ва башардӯстона ба қалам дода шудааст.

**Ҳуҷҷат**

***Ҷанги Тэйшонҳо (солҳои 1771-1802)***

***Порае аз нақли муаллифони асари 52- ҷилдаи «Кҳам-дин Въет-ши Тхоунг-Лям Кионг-Мук» (мухтасар «Кионг-Мук»).***

*...Аҷдодони Ван Няк, ки аслан аз хюйен Хионг Нгюену Нгеан буданд, тахминан дар солҳои Тхин дик (1653-1657) аз тарафи лашкари мо дастгир карда шуданд. Ба онҳо иҷозат дода шуд, ки дар хюйени Тюи-виени вилояти Хоаи-нян зиндагонӣ кунанд. Баъди якчанд насл Нгуен Няк дар назди Вандон дар мартабаи биен-лаи амалдор шуда кор мекунад. Ӯ картабозӣ карда, пулҳои хазинаро сарф мекард. Няк ба Тей-шон мегурезад ва роҳзан мешавад. Волайҳо (кишоварзон) ва аксарияти камбағалон ӯро дастгирӣ мекарданд. Барои ҳамин дар зери роҳбарии ӯ якчанд ҳазор нафар одамон ҷамъ омаданд. Няк роҳбариро ба бародарони худ Нгуен Ван Хюэ ва Нгуен Ван Ли тақсим кард. Онҳо ба қалъаҳо ҳамла мекарданд. Сардори ҳарбии чан (вилоят – Т.З.) онҳоро пахш карда натавонист.*

*Ван Няк шахси доно буд. Боре вай худро дар қафас маҳкам карда, ба наздикони худ фармуд, ки онҳо овоза паҳн намоянд, ки «Няк дастгир карда шудааст ва ба сардори ҳарбии чан супорида мешавад». Сардори чан пайхас накард, ки ин кори Няк маккорӣ аст ва дари қалъаро кушод, то ки Някро ба даст дарорад. Худи ҳамон шаб ҳамфикрони Няк пинҳонӣ ба қаср даромаданд. Няк қафасро шикаста, озод шуд, дари қалъаро кушод, сардори чанро кушт ва қасри Кюи-Нъонро ишғол намуд. Инро фаҳмида, мардуми осудаҳол ва бонуфузи ин вилоят сар бардошта, Някро дастгирӣ карданд. Нерӯҳои исёнгарон рӯз то рӯз зиёд мешуданд. Няк ба одами худ Тап Дин (номи як шахси тхани -ҷиноӣ-Т.З.) фармуд, ки ба лашкар роҳбарӣ кунад ва тавассути роҳи баҳрӣ ба резишгоҳи Дай-тием равад. Худи Няк*

*лашкарро гирифта, бо роҳи кӯтоҳтарин ба Тху-бон рафт, то ки Куанг-намро ишғол намояд. Сардори ҳарбии Куанг-нам Нгуен Киу Зу шикаст хӯрд. Дар ҳамин вақт императори мо Зюе-тон Хиеу-Дин (аз сулолаи Нгуенҳо-Т.З.) ба Жядин ва Мук-вионгро Тхай-то (узви оилаи император, ки дар ғоибии император тамоми ҳокимиятро дар мамлакат дар даст дорад -Т.З.) таъин кард, ки бо худаш бошад, Донг-кунг номгузорӣ карда, ба Куанг-нам баргашта, худро дар деҳаи Кауе-де мустаҳкам кард. Ван Няк маккорӣ кард. Ӯ ба худ номи Нгуенҳоро гирифта, қарор дод, ки мардумро ҳамин тариқ фиреб диҳад. Баъд вай Ли Таиро равон кард, ки Донг-кунгро ба Хоаи-ан даъват кунад.*

*Хоанг Нгу Фук (лашкаркаши чиниҳо-Т.З.) аз ағбаи Хай-ван гузашта, ба ҷонибҳ қалъаи Чуанг-шон ва деҳаи Кау-де ҳуҷумро оғоз намуд. Вай Дяк Тап Динро равон кард, ки ба ҷузъу томҳои лашкарҳо чун пешоҳанг роҳбарӣ кунад. Ли Таи қумандони қисми миёна, лашкари Нгу Фукро дар Кам-ша вохӯрд. Дар лашкари Тап Дин ашхоси баромадашон аз Куанг-донг (Гуандун-Т.З.) буданд... Пешоҳанги лашкар Нгу Фук ба онҳо муқобилият нишон дода натавонист. Ким кадом сарваре, ки мансаби кюе-ву-буро (номаш номаълум аст) дошта ва аз рӯи нишонааш ба Нгу Фук мансуб буд, дар ҷанг ҳалок гардид. Баъд ёварони ӯ Хоанг Дин Тхе ва Хоанг Фунг Хо ба аскарони савора роҳбарӣ карда, бо тезӣ ба ҷанг даромаданд. Худи Нгу Фук тӯпҳоро ба пеш тела дод. Тап Дин шикаст хӯрда мегурезад. Ван Няк ва Ли Таи ақибнишинӣ карда, дар Бан-тан мавқеи худро мустаҳкам карданд...*

**?** **Савол ва супоришҳо:** 1. Дар охири асри XVII ва солҳои 50-уми асри XVIII Ветнам дар кадом вазъият буд? 2. Дар бораи шӯриши Тэйшонҳо маълумот диҳед. 3. Тэйшонҳо кадом ислоҳотро ба амал бароварданд? 4. Тэйшонҳо чӣ тавр шикаст хӯрданд? 5. Нгуен-фук-Ан дар Ветнам чӣ тавр император шуд? 6. Нгуенҳои нав кадом чораҳои ба эътидол овардани мамлакатро андешиданд? 7. Дар иқтисодиёти Ветнам дар замони ҳукмронии Тэйшонҳо чӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд? 8. Дар бораи сиёсати хориҷии Нгуенҳо маълумот диҳед. 9. Фаронса Ветнамро чӣ тавр ба зӯри тасарруфи худ даровард? 10. Аз далелҳое, ки оиди маданияти Ветнам оварда шудаанд, чӣ хулоса баровардан мумкин аст? 11. Мазмуни ҳуҷҷатро баён кунед. 12. Дар бораи таърихи Ветнами асрҳои XVI-нимаи аввали асри XIX чӣ хулоса баровардед?

## §35. БИРМА

**Ташкилёбии давлати муттаҳидаи феодалӣ.** То миёнаҳои асри XVIII Бирма давлати муттаҳид набуд. Сарварони он зоҳиран ҳукмронӣ мекарданд. Дар байни табақаҳои болоӣ беист ҷангҳои байниҳамдигарӣ идома доштанд, ки аз ин, пеш аз ҳама халқи оддӣ зарар медид. Қатъ гардидани муноқишаҳои сулолавӣ зарурияти таърихии муттаҳидшавии мамлакатро ба миён овард.

Соли 1740 сулолаи Монҳо, ки дар шоҳии Пегуи ҷануби Бирма сокин буданд, аз заифии ҳокимияти марказӣ истифода бурда, лашкари Бирмаро торумор карданд. Аввал қисмати ҷануби он ва баъди чанд сол пойтахти Бирма шаҳри Авуро ишғол мекунанд. Ба Монҳо муяссар шуд, ки дар Бирма дуру дароз ҳокимияти худро нигоҳ доранд. Ин сабаб дошт. Соли 1752 бирмагиҳо ба муқобили Монҳо шӯриш бардоштанд. Сарвари ҳаракати озодихоҳони Бирма, феодали миёнаҳол Алаумпай буд. Ӯ худро шоҳи Бирма эълон карда, бо номи Конбаун ба ҳукмронии сулолаи нав ибтидо мегузорад. Дере нагузашта лашкари ӯ Аву ва ноҳияҳои ҷануби мамлакатро ба даст даровард. Ба муносибати ғалаба номи шаҳри Авуро ба «Рангун» (тарҷумааш аз забони бирмагӣ – «интиҳои ҷанг»-ро медиҳад) иваз намуданд. Сарфи назар аз ғалаба байни бирмагиҳо ва Монҳо ҷанг боз чанд соли дигар давом мекунад. Ба ин дахолати истилогарони Фаронса ва Англия боис шуд. Ширкатҳои ин давлатҳо ҷангҳои байниҳамдигариро дар Бирма ба нафъи худ истифода бурда, дар Бирма мавқеи худро мустаҳкам менамуданд. Ширкати Ост-Инди англисӣ худро дӯсти Бирма нишон дода, бо нархи ниҳоят арзон ҷазираи Негрэи назди резишгоҳи дарёи Бассейнро ба даст медарорад ва дар шаҳри Бассейн дӯкону корвонсаройҳои худро месозад. Ин ҷазира барои Англия базаи такягоҳӣ мешавад. Ширкати фаронсавии Ост-Индия бошад, дар Сириам ҷой мегирад.

Соли 1756 ба бирмагиҳо муяссар гардид, ки Сириамро ишғол намоянд. Баъди ин Монҳо аз дастгирии ҳарбии фаронсавиҳо маҳрум гардиданд. Аз фурсат истифода бурда англисҳо фаъолияти забткоронаи худро дар Бирма пурзӯр намуданд, то ки дар он ҷо ба ташкилёбии давлати марказиятнок монеъ шаванд. Вале бирмагиҳо англисҳоро торумор карда, дар ҷазираи Негрэ дӯкону корвонсаройҳояшонро ба хок яксон карданд ва онҳоро аз Бирма пеш намуданд. Мардуми Бирма баъди аз мамлакат баровардани аврупоиҳо муқобилияти Монҳо ва ҳокимони саркаши феодалиро барҳам зада, навоҳии аз ҷиҳати иқтисодӣ мутараққии шимоли Бирмаро ба даст даровард, оҳиста-оҳиста ҳокимияти худро дар тамоми мамлакат барпо карданд.

Ҳамин тариқ, дар нимаи дуюми асри XVIII муттаҳидшавии Бирма асосан хотима меёбад.

Ташкили давлати **марказиятноки** Бирма нерӯҳои истеҳсолкунандаи онро ба ҳаракат даровард ва қобилияти онҳоро ба муқобили истилогарон зиёд намуд. Дар оғози асри XIX Бирма ба яке аз давлатҳои калонтарини Осиёи Ҷанубу Шарқӣ табдил ёфт.

**Сохти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ.** Аз рӯи сохти идора Бирма давлати феодалӣ буд. Дар сари давлат шоҳ меистод, ки ӯ дар мамлакат ҳокимияти номаҳдуд дошт. Шоҳ худро «Фармонфармои шафақ ва фили сафед, фармонфармо аз болои ҳаёт, марг ва амволи кулли сокинон» меномид. Шӯрои давлатӣ вазифаи ҳукуматро иҷро менамуд ва он мақоми олии қонунгузор ва додгоҳ ба ҳисоб мерафт. Лекин сухани охирин дар ҳудуди мамлакат ба шоҳ тааллуқ дошт.

Дар даҳсолаҳои аввали ҳукмронии сулолаи Конбаун Бирма гул-гул шукуфт. **Сиёсати дохилии** ҳокимони Ава ба барҳам задани **тамоилҳои ҷудоихоҳии** феодалҳои маҳаллӣ равона карда шуда буд. Дар баробари ин онҳо дар сиёсати хориҷии худ забткориро ба кор бурда, марзҳои Бирмаро васеъ менамуданд.

Дар Бирма **замин моликияти давлатӣ** буд. Дар замони Конбаунҳо ин моликият мустаҳкам шуд. Аз тамоми қаламрави Бирма андоз ғундошта мешуд. Корол ҳамчун соҳиби олии замин қисми андозҳоеро, ки деҳқонон ба феодалҳои гуногун месупориданд, соҳиб шуда, барои хешу табор ва амалдорони олимақоми дорои мартабаи гуногун, ки онҳоро «мъоз» меномиданд, сарф мекард. Барои иҷрои хизмати давлатӣ ӯ ба чунин одамон иҷозат медод, ки қисми даромади аз замин гирифташонро дар ихтиёри худ монанд. Одатан ин маблағ қариб 50 фоизи даромади ба дастомадаро ташкил медод.

Мартабаи феодалҳои миёнаҳол ва хурд (мъотуҷи ва мъозҳо) пасттар буд. Онҳо андозро аз заминҳои давлатӣ ғундошта, ба мъозҳо, ё ки бевосита ба хазина месупориданд ва як қисми маблағи ғункардаро азхуд мекарданд. Барои зиёд кардани ҳиссаи даромади мъозҳо аз мардум андози илова ҳам меситониданд. Мъотуҷӣ ҳамчун амалдори маъмурияти музофотӣ ба низоми идораи давлатӣ дохил карда шуда буданд. Онҳо **вазифаҳои додгоҳӣ** ва **маъмуриро** ихтиёрдорӣ мекарданд ва бар кишоварзон ҳокимияти номаҳдуд доштанд. Дар давраи ҷангҳо мъотуҷӣ фармондеҳи лашкар ба ҳисоб мерафтанд.

Дар гӯшаю канорҳои мамлакат қабилаҳои сершумор зиндагонӣ мекарданд, ки дар зинаи муносибатҳои авлодӣ қарор доштанд. Онҳо тавассути доҳиёни авлодӣ идора карда мешуданд. Қабилаҳои качинҳо, каренҳо ва шанҳои Бирма дар ҳолати нимкӯчманчигӣ зиндагонӣ мекарданд.

Дар иқтисодиёти Бирма ҷои асосиро кишоварзӣ ишғол мекард. Истеҳсоли газворҳои пахтагин ва абрешимӣ, киштисозӣ ва кулолгарӣ васеъ паҳн гардида буданд. Заргарони моҳир аз тилло, нуқра ва устухони фил ашёҳои зебову дилкаш тайёр мекарданд.

Ташкили давлати марказиятнок умумияти иктисодиёти мамлакатро ба вуҷуд овард. Робитаҳои тиҷоратии байни ноҳия ва минтакаҳои мамлакат васеъ гардиданд. Иктисодиёти Бирма хусусияти натуралӣ дошт. Муомилоти пулӣ танҳо дар нимаи дуюми асри XIX паҳн мегардад.

Тиҷорати хориҷии Бирма нисбат ба тиҷорати дохилӣ бештар тараққӣ карда буд. Тавассути роҳи тиҷоратии Бамо-момейн ба Чин пахта, ранг, сангҳои қиматбаҳо, чиниворӣ, қоғаз, чой ва молҳои дигар оварда мешуданд. Тиҷорат бо мамлакатҳои Аврупоро аз сабаби амалиётҳои ғоратгаронаашон ҳукумати Бирма ҳанӯз дар охирҳои асри XVII маҳдуд карда буд.

**Ҷангҳои Англияю Бирма.** Ҷанги якуми Англияю Бирма дар солҳои 1824-1826 ба амал омадааст. Истилогарони англис баъди аз Бирма пеш кардан ҳам аз мақсади истилои ин давлат даст накашиданд. Онҳо ба муқобили Бирма созишномаҳои мудофиавию ҳуҷум накардан баста, душманони Бирмаро бо силоҳ таъмин мекарданд.

Оғози солҳои 20-ум ИМА ҳам ба Бирма сар дароводанӣ шуд. Ҳукумати Амрико тавассути таблиғотчиёни ҷараёни баптистии дини масеҳӣ ба гузаштҡуниҳои короли Бирма ноил гардид. Ин ҷидду ҷаҳди ИМА ҳуҷуми англисҳоро ба Бирма тезонид. Барои Англия шароити мусоид фароҳам омад. Англия Ҳиндустонро пурра ба тасарруфи худ даровaрда, акнун метавонист, нерӯҳои ҳарбии худро ба муқобили Бирма равон кунад. Барои ҳамин англисҳо дар сарҳади Бирма муноқишаеро ташкил намуда, моҳи марти соли 1824 ба ин давлат ҷанг эълон карданд.

Дар ҷанги якуми худ Англия ба муқобили Бирма ширкати Ост-Инд, захираҳои моддӣ ва лашкари дар Ҳиндустон будаи худро истифода намуд.

Баробари ба қаламрави Бирма дохил шудани мустамликадорони англис на танҳо лашкар, балки тамоми халқи Бирма ба дифои ватани худ бархестанд. Ҷанг моҳияти умумихалқӣ пайдо намуд. **Сипоҳиёни ҳиндӣ**, ки барои онҳо мақсадҳои ин ҷанг бегона буд, ба фармондеҳони англис итоат накарда, нисбати бирмагиҳо хайрхоҳӣ зоҳир менамуданд. Чунин ранг гирифтани ҷанг ғалабаи Англияро ба зери шубҳа гузошт. Аз ин рӯ, англисҳо аз баҳри идомаи ҷанг гузашта, моҳи феврали соли 1826 дар маҳаллаи Яндабои наздикии шаҳри Ава бо Бирма сулҳ бастанд. Мувофиқи ин шартнома Ассам, Манипур ва музофотҳои наздибаҳрии Аракан ва Танассерим аз Бирма ҷудо шуданд. Инчунин Бирма бояд ба Англия ба маблағи 1 миллион фунт стерлинг товони ҷанг медод.

Ҷанги якуми Англияю Бирма ба иқтисодиёти Бирма зарари калон расонид.

Ҷанги дуюми Англияю Бирма солҳои 1852-1853 ба амал омадааст. Дар моҳҳои апрел-июни соли 1852 ба мустамликадорони Британияи Кабир муяссар гардид, ки нуктаҳои муҳимтарини Бирмаи Ҷанубӣ - Рангун, Бассейн, Мартабан ва баъзе ҷойҳои дигарро ишғол намоянд. Баробари ба Бирма дохил шудани лашкари англисҳо, ҷанги чирикӣ оғоз ёфт. Чирикҳо ба лашкари англисҳо хавфи бештар доштанд. Ин ҷанг талафоти зиёди моддӣ ва ҷонӣ овард. Тавассути ҷанги дуюми худ низ Англия Бирмаро забт карда натавонист. Моҳи декабри соли 1852 генерал-губернатори англисии Ҳиндустон Далхузи забт гардидани музофоти Пегуро эълон кард. 30 июни соли 1858 бошад, ҷанги англисҳо бо Бирма қатъ гардид. Лоиҳаи шартномае, ки аз тарафи ҳукуматдорони Британияи Кабир пешниҳод гардида буд, ба имзо расид.

**Ҷанги чирикии солҳои 1852-1860 дар Пегу.** Солҳои 1852-1860 дар музофоти Пегу ба муқобили мустамликадорони англис ҷанги чирикӣ оғоз ёфт. Он зуд моҳияти оммавӣ пайдо намуд. Баъзан чирикҳо нерӯҳои мунтазами ҳарбии англисҳоро мағлуб мекарданд. Баъзе шаҳрҳо ва музофотҳои он чандин маротиба аз даст ба даст мегузаштанд. Дар ин ҷанг роҳбарони алоҳидаи дастаҳои чирикӣ шуҷоатнокии бемислу монанд нишон медоданд. Англисҳо, махсусан, аз Мъя Тун ва Маунчжан сахт метарсиданд. Онҳо барои сари Мъя Тун 100 ҳазор фунт стерлинг ваъда карданд. Англисҳо баъдтар ин маблағро ду баробар зиёд намуданд.

Муборизаи халқ бар зидди англисҳо дар Пегу 8 сол давом кард, вале англисҳо оқибат онро пахш карданд.

Ҷанги чирикии солҳои 1852-1860 ба англисҳо имкон надод, ки шимоли Бирма бо тезӣ ба Англия мустамлика шавад. Вале Бирма бо бастани ду шартномаи нобаробар –шартномаҳои солҳои 1862 ва 1867 ба Англия тобеъ шуд.

? **Савол ва супоришҳо:** 1. Давлати муштараки феодалии Бирма чӣ тавр ташкил ёфт? 2. Барои муттаҳид намудани Бирма ширкати Ост-Инд чӣ нақш бозид? 3. Дар бораи сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Бирма маълумот диҳед. 4. Ҷанги якуми Англия ва Бирма кай ба амал омадааст? Аз тарафи англисҳо киҳо меҷангиданд? Ин ҷанг чӣ натиҷа дод? 5. Ҷанги дуюми Англияю Бирма кай ба амал омадааст? Мувофиқи шарномаи сулҳ Англия аз Бирма чиҳо гирифт? 6. Ҷанги чирикии солҳои 1852-1860-ро дар Пегу шарҳ диҳед. Он чӣ натиҷа дод? 7. Бирма чӣ тавр ба Англия тобеъ шуд? 8. Муборизаи халқи Бирма ба муқобили истилогарони Британияи Кабир дар бораи чӣ шаҳодат медиҳанд? 9. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §36. ИНДОНЕЗИЯ

**Индонезия дар асрҳои XVI-XVII.** Индонезия дар чорроҳаи муҳими баҳр воқеъ гардидааст. Бинобар ин ҳанӯз дар аввали асри XVI дар байни давлатҳои мутараққии Аврупо мубориза барои ба даст овардани он оғоз ёфта буд. Ба Индонезия аввалин шуда португалиҳо, баъд испониҳо, англисҳо ва ҳолландиҳо омаданд. Ба Ҳоландия муяссар мешавад, ки рақибони худро аз Индонезия танг карда барорад. Дар ҷазираҳои сершумори Индонезия даҳҳо давлатҳо вуҷуд доштанд. Ҳоландиҳо аз парокандагии феодалии Индонезия истифода бурда, тавассути шартномаҳои асоратовар аксарияти онҳоро ба худ тобеъ карда буданд. Ин давлатҳо бо ҳамин **мустақилияти сиёсии** худро аз даст доданд.

Ширкати Ост-Инди Нидерланд дар Индонезия аз рӯи як қатор маҳсулот, пеш аз ҳама доруворӣ ҳуқуқи инҳисори (монополӣ)-ро дар даст дошт. Инчунин он бо роҳи аз аҳолӣ бо нархҳои ниҳоят паст харидани биринҷ ва равғани нахл ва бо нархи баланд фурӯхтани онҳо даромади ниҳоят калон мегирифт.

**Муборизаи Ҳоландия ва Англия барои Индонезия.** Ширкати Ост-Инд бо вуҷуди сахт истисмор кардани Индонезия охирҳои асри XVIII ба бӯҳрони шадид гирифтор шуд. Сабабҳои асосии он ба амал омадани шӯришҳо дар Индонезия, суст шудани инҳисор дар тиҷорат ва ришвахӯрӣ дар ҳайати амалдорони он буданд.

1 январи соли 1800 мӯҳлати фаъолияти ширкати Ост-Инд дар Индонезия ба охир расид. Мувофиқи қонунҳои ҳамонвақтаи Ҳоландия ин ширкат барҳам хӯрда, тамоми амвол ва қарзҳои он ба ихтиёри ҳукумати Ҳоландия гузаштанд. Ҳукумат тавонист, ки тавассути пардохти 154 миллион гулден (қарзи ширкат ҳамин қадар буд) империяи бузурги мустамликавиро ба даст дарорад. Акнун ба ҷои ширкати Ост-Инд Индонезияро дастгоҳи короли Нидерландия истисмор мекард.

Аз соли 1795 сар карда, Нидерландия ба Фаронса тобеъ шуд. Бинобар ин сиёсати дохилию хориҷии он аз тарафи ҳукумати Бонапарт Наполеон муайян карда мешуд. Соли 1796 англисҳо бо баҳонаи мубориза ба муқобили Наполеон Малакка ва баъзе мулкҳои Ҳоландияро дар Суматра ва ҷазираҳои Молукка ишғол карданд. Наполеон хуб мефаҳмид, ки оянда дар Шарқ ва хусусан, дар Ҳиндустон Индонезия барои мубориза бар зидди Англия такягоҳи боэътимод шуда метавонад. Соли 1807 генерал-губернатори Индонезия маршали ҳоландӣ Данделс таъин мегардад. Ҳукумати Ҳоландия ба ӯ супориш дод, ки Яваро аз ҳуҷуми Англия муҳофизат намояд. Барои ин кор лашкар, лавозимоти ҳарбӣ ва пули зиёд

лозим буд. Данделс дар Ява саросема роҳҳо, пойгоҳҳои ҳарбӣ ва истеҳкомҳои наздисоҳилӣ бунёд намуд. Дар муддати 1 сол роҳе сохта шуд, ки он Яваро аз Ғарб ба Шарқ бурида мегузашт. Барои сохтани ин иншоотҳо Данделс бо роҳи зӯрӣ даҳҳо ҳазор нафар кишоварзонро сафарбар кард. Ҳазорҳо нафар аз меҳнати тоқатфарсо, гуруснагӣ ва вабо вафот карданд. Баҳри дифои Ява Данделс нисбати халқи Индонезия чораҳои дигари маҷбуркуниро низ истифода бурд. Вале ба ӯ муяссар нашуд, ки дифои боэътимоди Яваро таъмин намояд. Баръакс, ин чораҳо нисбати ӯ ҳисси бадбинии мардуми маҳаллиро ба вуҷуд оварданд. Кишоварзони Бентама (Яваи Ғарбӣ) мусаллаҳ шуда, ба шӯриш даст заданд. Данделс ин шӯришро пахш кард, вале дар ҷойҳои дигари Индонезия низ шӯришҳо оғоз ёфтанд. Норозигӣ ва хашму ғазаби халқ нисбати Данделс ниҳоят бузург буд. Бинобар ин ҳукумати Нидерландия Данделсро бозхонд.

Моҳи августи соли 1811 дастаи 12- ҳазорнафараи англисҳо ба Ява дохил шуда, Батавияро ишғол намуданд. Пас аз як моҳ дар муҳорибаи ҳалкунандаи наздикии Семаранг англисҳо ҳолландиҳоро пурра торумор карданд. 18 сентябр намояндаи Ҳоландия ба санади таслимшавии мамлакати худ имзо гузошт. Акнун Индонезия ба зери итоати мамлакати дигари империалистӣ – Англия дохил гардид.

**Индонезия дар зери ҳокимияти Англия.** Губернатори Англия дар Ява Раффлз таъин мешавад. Сиёсати Раффлз ба манфиатҳои буржуазияи саноатии Англия пурра ҷавоб медод. Мақсади ӯ Индонезияро ба бозори фурӯши мол ва манбаи ашёи хоми Англия табдил додан буд. Раффлз ҳуқуқҳои феодалҳои он мулкҳоеро, ки дар зери идораи англисҳо буданд, боз ҳам маҳдудтар кард. Онҳоро вокеан ба нимхизматгорони амалдорони англис табдил дод. Ӯ бо зӯрӣ султонҳои Бентамаи Ғарбӣ ва Чиребонро ба мулкҳои англисӣ муттаҳид кард. Яке аз султониҳои пурқувват ва бой- Ҷойякарта сарнагун ва хазинаи ӯ ғорат карда шуд. Раффлз як қисми қаламрави Ҷойякартаро ҷудо карда, дар он ҷо салтанати лӯхтакмонанди Пакуаламанро ташкил намуд. Султонҳои Ява ҳуқуқи лашкар доштанро аз даст доданд. Иттифоқчии англисҳо –султон Палембанг низ зарар дид. Гуноҳи ӯ он буд, ки ҳуқуқи инҳисории англисҳоро марбут ба хариди қурғошим рад кард. Соли 1812 ба муқобили Палембанг дастаи аскарони англис равон карда шуд. Султон Палембанг гурехт ва бо ҳамин ҷазираҳои Банка ва Биллитон, ки аз захираи қурғошим бой буданд, ба ихтиёри англисҳо гузаштанд.

Ҷорабинии муҳимтарини Раффлз дар Ява ба амал баровардани ислоҳоти замин буд. Соли 1813 тамоми замин моликияти

Ҳукумати Батав, яъне моликияти англисҳо эълон карда шуда, баъд он ба кишоварзон ба иҷора дода мешавад. Кишоварзон аз замини ба иҷора гирифтаи худ ё **рентаи пулӣ** ва ё **рентаи натуралӣ** медоданд. Ҳаҷми ин рента аз чоряк то нисфи ҳосилро ташкил медод. Бо мақсади зиёд кардани даромад аксарияти феодалҳо заминҳояшонро ба иҷора медоданд. Раффлз чун Данделс фурӯши заминҳои давлатиро ба хориҷиён идома дод. Ғайр аз ин, бо мақсади рушди баҳрнавардӣ ва тиҷорати Англия Раффлз инҳисори тиҷорати хориҷиро бекор карда, бандарҳои Индонезияро барои хориҷиён кушод. Ӯ боварӣ дошт, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ягон давлат бо Англия рақобат карда наметавонад. Бинобар ин аз кушодани бандарҳои Индонезия фоидаи калон ба даст овард.

Дар ҳақиқат ҳамаи ин чораҳо ба Индонезия ворид гардидани сармояи англисиро осон ва даромади онро зиёд намуд. Дар баробари ин англисҳо ба рушди муносибатҳои пулию молии Индонезия мусоидат карданд.

**Ба Индонезия баргаштани холандиҳо.** Сарнагун шудани империяи Наполеон ба барқарор гардидани королии соҳибистиқлоли Нидерландиҳо оварда расонид. Моҳи августи соли 1814 барои ба Ҳоландия баргардонидани ҷазираҳои Индонезия шартнома ба имзо расид. Лекин англисҳо бо ҳар роҳ ҳаракат мекарданд, ки Индонезияро ба нидерландиҳо надиҳанд. Раффлз, ки акнун губернатори Бенкулен таъин гардида буд, якчанд маротиба кӯшиши беҳуда ба харҷ дод, ки Суматраро дар ихтиёри Англия нигоҳ дорад. Ба ӯ муяссар шуд, ки аз султони Ҷоҳор ҷазираи Сингапурро ба даст дарорад. 29 январи соли 1824 дар он ҷо парчами Британияи Кабир барафрохта шуд. Сингапур барои мустамликадорони англисӣ дар Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ такягоҳи муҳимтарине гардид. Мунокишаҳои Англияю Ҳоландия бо ба имзо расидани шартнома ба охир расид. Мувофиқи он Англия аз даъвои Суматра гузашта, Бенкулен ва ҷазираи Билитонро ба Ҳоландия баргардонид. Ҳоландия бошад, аз мустамликаҳои охирини худ дар Ҳиндустон маҳрум гардид. Аз баҳри Малакка ҳам гузашта, маҷбур шуд, ки истиқлолияти султони Ачероро, ки дар гарданаи шимолии Суматра воқеъ гардида буд, эътироф кунад. Ҳамин тавр, Индонезия аз нав мустамликаи Нидерландҳо гардид, ки он то соли 1945 давом мекунад.

**Шӯриш дар Ява**. Дар солҳои 1825-1830 дар Ява шӯриши халқӣ ба амал омад. Он дар моҳи июли соли 1825 оғоз ёфт. Сардори шӯриш шоҳзодаи Ҷойякарта Дипонегоро буд. Дипонегоро норозигии худро нисбати ҳукмронии холандиҳо дар шакли қасри худро тарк карда, ба кӯҳҳо рафтан ифода намуд. Вай медид, ки

холандиҳо чӣ тавр мамлакат ва халқи ӯро истисмор мекунанд. Дипонегоро ба хулосае омад, ки вазифаи асосии ӯ -мубориза бар зидди зулми холандиҳо мебошад. Обрӯ ва эътибори Дипонегоро дар байни халқ рӯз то рӯз баланд мешуд. Ӯро рамзи озодӣ меномиданд. Гӯё пайдоиши Дипонегороро киссаҳои қадимаи явагиҳо пешгӯӣ карда будаанд.

Ба мулкҳои Дипонегоро дохил шудани холандиҳо барои огози шӯриш баҳона шуд. Ҳаракати зиддихоландӣ қисматҳои марказӣ ва шарқии Яваро зуд фаро гирифт. Ин шӯриш ҳамчун ҷунбишҳои дигари халқҳои Индонезия дар шакли динӣ ва исломро аз кофирон дифоъ кардан ба амал омад. Моҳи июли соли 1826 дастаҳои шӯришгарон пойтахти султонии Ҷоякарта – шаҳри Ҷокякартаро ишгол карданд.

Ба муқобили шӯришгарон холандиҳо ба Ява гарнизонҳои худро аз ҷазираҳои дигари Индонезия оварданд. Бар замми ин аз Ҳоландия низ ёрӣ омад. Инчунин онҳо аз Индонезия зархаридҳо ҳам ҷамъ карданд. Феодалҳои Яваро тавассути пулу ваъдаҳо ба тарафи худ мекашиданд. Ҳокимони Суракарта ва Мадура бошанд, ба муқобили Дипонегоро ба мубориза бархостанд. Ҳоландиҳо барои ғалаба аз ҳеҷ кирдори нангин рӯй намегардониданд. 28 марти соли 1830 ҳангоми музокирот онҳо Дипонегороро дастгир намуда, ба Макасари Сулавеси бадарға карданд. Ӯ дар ин ҷазираи дурдасти Индонезия то охири умр ҳамчун маҳбус зиндагӣ кард. Баъди дастгир карда шудани Дипонегоро нуқтаҳои охирини ин шӯриш ҳам пахш карда шуданд.

**Ҷангҳои минбаъдаи Ҳоландия дар Индонезия.** Баъди аз нав барқарор кардани мавқеи худ дар Индонезия ҳукумати Ҳоландия қувваҳои худро барои ишғоли мулкҳои берун аз Ява равон кард. Мардуми Суматра алайҳи холандиҳо муборизаи дуру дароз бурданд. Соли 1818 холандиҳо салтанати Палембангро низ барҳам доданд. Шартномаи соли 1821 бо кӯҳансолони Минангкабау (Суматраи Ғарбӣ) бастаро вайрон карда, барои ишғоли ин вилоят қариб 25 сол ҷанг карданд. Инчунин онҳо заминҳои батаконро, ки болотар аз вилояти Минангкабау зиндагонӣ мекарданд ва баъзе вилоятҳои дар ҷануби ҷазира воқеъбударо забт намуданд. Ҳоландия ба худ султониҳои соҳилҳои шарқии Суматра –Деҳлӣ, Лангкат, Серданг ва ғайраро тобеъ намуд.

Аз соли 1850 сар карда холандиҳо якчанд маротиба ба соҳилҳои гарбии Калимантан сафари ҳарбӣ ташкил намуданд. Соли 1860 султонии Барҷармасинро, ки дар ҷануби Калимантан воқеъ гардида буд, шикаст дода, ба мулкҳои Ҳоландия ҳамроҳ карданд.

**Низоми зироатҳои маҷбурӣ.** Ҳоландиҳо дар Индонезия усулҳои фоидаовари истисморро ҷустуҷӯ мекарданд. Фан ден Восх, ки соли 1830 генерал-губернатори Индонезия таъин гардида буд, таклиф пешниҳод намуд, ки дар сар то сари Ява бо номи «Низоми зироатҳо» тартиботи иқтисодии ҷадид ҷорӣ карда шавад. Аз рӯи ин низом кишоварзон бояд барои истифодаи замин **рента** адо кунанд. Андозаи он одатан аз панҷ ду ҳиссаи ҳосилро ташкил медод. Деҳқонон вазифадор буданд, ки бо амри маъмурияти ҳоландӣ дар аз панҷ як ҳиссаи майдони кишт **зироатҳои содиротӣ** кишт кунанд. Меҳнати маҷбурӣ мисли пештара дар фабрикаҳои коркарди зироатҳои барои содирот муайяншуда аз нав ҷорӣ карда шуд. Ин фабрикаҳо аз ҷониби ҳукумат ташкил карда шуда, ба аврупоиён ва чиниҳо ба иҷора дода мешуданд. Маҳсулоти ин фабрикаҳо пурра ба анборҳои ҳукуматӣ дохил мегардид. Маъмурияти ҳоландӣ кишоварзонро бе музди меҳнат барои аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани маҳсулот низ истифода мебурд.

Ин намуди истисморро халқи Индонезия «низоми зироатҳои маҷбурӣ» номиданд.

**Фарҳанг.** Ҳоландиҳо халқи Индонезияро бераҳмона истисмор карда, бо ҳамин роҳ муносибатҳои феодалиро дар ин ҷо нигоҳ медоштанд. Ин ба вазъи фарҳанг низ таъсири манфӣ расонид. Дар Индонезияи асри XIX маориф хеле заиф буд. Танҳо дар Батава якчанд мактаб мавҷуд буд, ки дар онҳо асосан фарзандони аврупоиён таҳсил мекарданд. Мактабҳои мусулмонӣ бошанд, аз рӯи мазмуну мундариҷаи таълим ба талаботи ҷомеа ҷавоб дода наметавонистанд. Таълим бо забони ба хонандагон нофаҳмои арабӣ бурда мешуд. Мактаби аввалини тиббӣ дар Индонезия танҳо соли 1850 таъсис дода шуд.

Зиёда аз 80 фоизи аҳолии Индонезияро мусулмонон ташкил мекарданд. Дар ин ҷо пайравони динҳои ҳиндӣ, буддоӣ, масеҳӣ ва дигар низ сокин буданд. Дар ҳудуди асрҳои XVIII-XIX дар Индонезия ҷараёни ислоҳотхоҳӣ дар дини ислом —ваҳҳобия пайдо мешавад, ки пахнкунандагони он ҳоҷиён буданд. Ваҳҳобия бар зидди боқимондаҳои динҳои қадима, авлодӣ ва урфу одатҳои тоисломӣ равона карда шуда буд. Ин ҷараён мавқеи исломро дар ҷомеаи Индонезия мустаҳкам кард.

Дар ҳаёти халқҳои Индонезия фолклор мақоми баланд дошт. Гӯяндагон, ки қиссаҳои машҳури халқиро аз забон ба забон ва аз насл ба насл медоданд, дорои ҳурмату эҳтироми махсус буданд.

Адабиёти Индонезия хеле суст инкишоф меёфт, бо вуҷуди ин он то андозае қадамҳои устувортар мегузошт. Адибони забардасти миллӣ ҳам ба майдон омаданд. Абдуллоҳи Муншӣ (1796-

1854) дар адабиёти Индонезия давраи навро кушод. Асари ӯ «Таърихи Абдуллоҳ» тарҷумаиҳолӣ бошад ҳам, воқеаҳои Индонезияро хеле хуб ифода намудааст.

Ташаккули наср дар Индонезия бо номи Пурвалелака, Аря, Састрадарма ва Падма Сусастра алоқаманд аст, ки он ба оғози асри XIX рост меояд. Жанри асосии ин адабиёт насри ёддоштӣ, сафарнома ва тавсифи ҷуғрофӣ буд. **Тамоили маорифпарварӣ** ва **демократиро** ба адабиёти Индонезия шоирон Ронгговарсито, Вилем Искандар ва Муҳаммад Мусо ворид намудаанд.



137. Ҳайкал. Аз Яваи Марказӣ

Халқи Индонезия дар санъат низ комёбиҳои назаррас ба даст овард. Ҳар як халқияти ин мамлакат рақсҳои дӯстдоштаи худро дошт. Дар Бали, Ява ва баъзе навоҳиҳои Суматра унсурҳои рақси ҳиндӣ мақоми ниҳоят баланд доштанд. Дар Индонезия панҷ намуди театр — театри лӯхтакҳои ҳамвори чармин (ваянг кулит), он ҳамчун «Театри сояҳо» (ваянг пурво) низ маълум аст; театри лӯхтакҳои калони чӯбин (ваянг голек); театри актёрҳои ниқобпӯш (ваянг топенг) ва намуди махсуси театр амал мекарданд. Ин намуди театр (ваянг бебер) бо он фарқ мекард, ки баранда матои печонидашудаи расмдорро кушода истода, мувофиқи матн онро шарҳ медиҳад. Баъдтар дар Индонезия театри актёр (ваянг оранг) ҳам паҳн мегардад.

### *Ҳуҷҷатҳо*

#### *1. Мактуби Дипонегоро ба генерал де Коку (аз 23.08.1825)*

*Мактуби шуморо гирифтам ва ман фаҳмидам, ки шумо чӣ меҳоҳед. Ба саволи Шумо, барои чӣ ман пойтахт (Ҷокярта)-ро тарк кардам ҷавоб медиҳам, ки сабабаш муомилаи бад нисбати ман аз ҷониби ашхоси ба Шумо тобеъ, мушаххасан аз ҷониби резидент (Смиссаэрта), котиб (Шевале) ва Дануреҷо дар Ҷокякарта аст. Боз як сабаби баромади ман*

*вуҷуд дорад. Дар ман хоҳиш пайдо шуд, ки халқро аз зулм дифоъ кунам, ба муқобили сӯиқасдҳо алайҳи заминам ва инчунин ба муқобили супоришот ва амалҳои ҳукумат баромадам, ки онҳо ба сокинон танҳо бадбахтиҳо меоваранд.*

### *2. Шартномаи ширкати Ост-Инди Ҳоланд бо султони Тернате (26.05.1607)*

*1. Аввалан, адмирал, ки боз ба ин ҷо ба Тернате омадааст, дар ҳамин ҷо замоне мемонад, ки хати истеҳком аз Малейо то соҳилҳо, ки ба мустаҳкам кардани он оғоз намудааст, пурра ба мудофиа тайёр нашавад.*

*2. Баъди бозгашт дар ин ҷо чор киштӣ мемонад: «Энкхойзен», «Де Зоя», «Делфт» ва як қаиқ. Аз киштиҳои номбурда ҳамеша бояд аз 30 то 40 маллоҳи мусаллаҳ барои дифои хати истеҳком ба соҳил фуроянд.*

*5. Адмирал ӯҳдадор мешавад, ки ба Ҳоланд баргаштан замон оид ба корҳо дар Тернате ба Иолоти Кулл иттило мерасонад ва бо қатъият тавсия мекунад, барои кастилиягиҳоро аз Тарнате пеш кардан одам равон карда шавад. Барои ҳамин тарнатиҳо инчунин ҳокимияти пурра медиҳанд, ки аз номи онҳо ва барои иҷрои корҳои онҳо амал карда шавад.*

*6. Ба ивази ин тернатиҳо Иолоти Куллро ҳамчун пуштибони худ қабул мекунанд ва эътироф менамоянд. Дар ин бора онҳо розианд чунин савганде ёд кунанд, ки ба Иолоти Кулл маъқул бошад.*

*7. Хароҷоте, ки аллакай доир гардидааст, ё ки доир хоҳад гашт, тернатиҳо аз рӯи имкониятҳои худ мепардозанд; мӯҳлат ва маблағҳоро Иолоти Кулл ҳаллу фасл мекунад.*

*8. Гарнизонҳое, ки дар ин ҷо мемонанд, хароҷоти онҳо аз ҳисоби маблағи гункардаи тернатиҳо ва раияти қаламрави тоҷу тахти Тернате бароварда мешавад.*

*12. Дар корҳои динӣ ҳеҷ кас набояд ҳамдигарро масхара кунад, ё ки ба ӯ монеъ шавад, ҳар кас чӣ хеле ки мехоҳад, ҳамон тавр зиндагӣ кунад ва дар назди худо ҷавобгӯ бошад.*

*14. Бе ризоияти ҳарду тараф ҳеҷ кас наметавонад бо испаниҳо ва ҳам бо тидориҳо сулҳ бандад.*

***Имзо кардааст:***
***Корнелиус Мателифи Хурдӣ***

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Дар асрҳои XVI ва XVII дар Индонезия кадом давлат ва ширкатҳо ҳукмронӣ мекарданд? **2**. Чаро истилогарони аврупоӣ ба Индонезия рағбат ва таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд? **3**. Нидерландҳо кай ба Индонезия ворид шуданд? **4**. Чаро дар асри XVIII фаъолияти Ост-Инд ба бӯҳрон дучор гардид? **5**. Кай Индонезия ба зери итоати Фаронса мегузарад? **6**. Дар бораи Индонезияро идора кардани генерал-губарнатор Раффлз нақл кунед. **7**. Англия Индонезияро чӣ тавр ба зери тасарруфи худ даровард? **8**. Аз нав дар Индонезия ҳукмрон шудани Нидерландия чӣ тавр ба амал омад? **9**. Дар бораи сабабҳои шӯриш дар Ява (бо сардории Дипонегоро), рафт, шикаст ва оқибатҳои он чӣ гуфта метавонед? **10**. Нидерландия чӣ

тавр қаламрави боқимондаи Индонезияро ба зери итоати худ даровард? **11.** Моҳияти низоми «зироатҳои маҷбурӣ»-ро фаҳмонед. **12.** Дар бораи фарҳанги халқҳои Индонезия дар асрҳои XVII –нимаи аввали асри XIX далелҳо биёред. **13.** Ҳуҷҷатҳои мавзӯъро шарҳу эзоҳ диҳед. **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §37-38. ҲИНДУСТОН

Дар миёнаҳои асри XVII дар Ҳиндустон беш аз 150 млн. нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард. Халқиятҳои сершумортарини ин кишвар бенгалҳо, ҳиндуҳо, биҳарҳо, орияҳо, маратҳҳо, гуҷаратҳо раҷастониҳо, панҷобиҳо, кашмириҳо, телугиҳо, каннарҳо, тамилҳо ва малаяламҳо буданд. Аз рӯи мансубияти динӣ 75 фоизи аҳолии мамлакатро пайравони дини ҳиндуия, ва зиёда аз 20 фоизи аҳолиро пайравони дини ислом ташкил менамуданд.

**Сохти иҷтимоию иқтисодӣ.** Иқтисодиёти Ҳиндустон нобаробар тараққӣ мекард. Дар баъзе маҳалҳои кӯҳӣ ва ҷангалзори он қабилаҳою халқиятҳое ба монанди бхилҳо, гондҳо, сангалҳо ва баъзе қабилаҳои дигар сокин буданд, ки дар зинаҳои гуногуни тараққиёти ҷамъиятӣ қарор дошта, ҳатто марҳалаи ибтидоии ҷомеаи феодалиро аз сар мегузарониданд.

Умуман, Ҳиндустон дар зинаи феодализми мутараққӣ қарор дошт. Хусусияти асосии феодализми ин давлат моликият бар замин ва иншоотҳои обёрикунанда мебошад.

**Тақсимоти табақавӣ** яке аз хусусиятҳои муҳимтарини сохти иҷтимоии Ҳиндустон буд. Нишонаи муҳиму фарққунандаи табақавӣ умумият ва меросӣ будани шуғли меҳнат, никоҳи дохиликастагӣ, умумияти дин ва анъанаҳои онҳо мебошанд. Табақаҳо ба «олӣ», «миёна», «паст», «пасттарин» ҷудо мешуданд. Ҷудоии онҳо тавассути силсилаи қонунҳои сахттарин дифоъ карда мешуд. Дар зинаи аз ҳама пасттарини иҷтимоӣ «махавҳо» қарор доштанд. Мақсади сохти табақавӣ абадӣ гардонидани **нобаробарии иҷтимоӣ** ва дар ҷудоӣ нигоҳ доштани гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ буд.

Сарфи назар аз сохти иҷтимоӣ дар Ҳиндустон муносибатҳои пулию молӣ ташаккул меёфтанд. Васеъшавии фаъолияти сармоядорӣ тиҷорат ва судхӯрӣ барои пайдоиши **нобаробарии моликият** ба вазъи иҷтимоии деҳот мусоидат мекард.

**Барҳам хӯрдани империяи Муғулҳои Бузург.** Тезутунд шудани зиддиятҳои ҷомеаи феодалӣ сабабгори сар задани ҳаракатҳои халқӣ шуданд. Дар баробари кишоварзон ва табақаҳои тиҷоратию косибии шаҳрҳо бар зидди феодалҳо баъзе халқиятҳои Ҳиндустон барои ягонагии қавмӣ, қаламрави сукунат ва забони хеш мубориза мебурданд. Ҳамаи ин ба ҳаракатҳои халқӣ таъсир расониданд. Дар

натиҷаи муборизаҳои онҳо империяи Муғулҳои Бузург (1526-1761) барҳам хўрд.

Дар солҳои 50-уми асри XVIII иттиҳоди Маратха нерўи асосии Ҳиндустон ба шумор мерафт. Сарварони ин давлат дар назди худ вазифа гузошта буданд, ки ҳокимияти худро дар тамоми каламрави Ҳиндустон паҳн кунанд. Вале ин мақсади онҳо амалӣ нагардид. Ҷудоии иқтисодӣ ва мухолифатҳои қисматҳои алоҳидаи Ҳиндустон бартараф карда нашуданд. Ҳокимони нисбатан пурқуввати сулолаи Синдхи дар Гвалиора, Голкхаран, Индур, Гаеквар, Барод, Бхонси ва Нагпур ба сарвари давлати Маратха итоат накарда, даъвои ҳокимияти олиро мекарданд. Дар ин вақт аз тарафи шимолу ғарб ба Ҳиндустон шоҳи Афғонистон - Аҳмадшоҳи Дурронӣ ҳуҷум кард. Муҳорибаи ҳалкунандаи байни қўшунҳои ин ду давлат дар моҳи январи соли 1761 дар ҳамвории Панипат ба амал омад. Дар он лашкари Афғонистон ғолиб баромад. Вале истилогарони афғон дар ин ҷо ҳокимияти худро мустаҳкам карда натавонистанд ва дар охирҳои солҳои 60-уми асри XVIII каламрави Маратхаро тарк намуданд.

Муҳориба дар Панипат равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии дар ҳаёти Ҳиндустони даҳсолаҳои қаблӣ ба амаломадаро ҷамъбаст кард.



138. Яке аз ҳокимони ҳиндӣ бо аҳли рикоби худ ба назди халқ мебарояд

**Оғози истилои Ҳиндустон аз тарафи ширкати Ост-Индия.** Дар миёнаҳои асри XVIII дар Ҳиндустон ширкатҳои Ост-Индияи фаронсавӣ ва англисӣ мавқеи калон пайдо карданд. Онҳо мавқеи худро дар минтақаҳои наздисоҳилӣ мустаҳкам карда, барои заиф гардонидани мамлакат дар байни феодалҳои маҳаллӣ тухми низоъ мекоштанд. Моҳи январи соли 1761 ширкати англисии Ост-Индия дар Ҳиндустон бар фаронсавиҳо ғалаба ба даст овард.

Англисҳо дар ибтидо, **Банголаро** забт карданд. Ин музофот яке аз қисматҳои тараққикардаи Ҳиндустон ба ҳисоб мерафт. Дакка, Муршидобод, Қосимбозор, Хугли ва шаҳрҳои дигари он тараққӣ карда буданд. Ширкати Ост-Индия аз ин шаҳрҳо даромади калон мегирифт. Маркази калони тиҷоратӣ ва ҳарбию стратегии Бангола Калкутта ба ҳисоб мерафт. Дар ин шаҳр ба ширкати Ост-Индия 15 дӯкон ва 150 анборҳои тиҷоратӣ тааллуқ доштанд. Барои минбаъд дар Ҳиндустон пеш бурдани ҷангҳои худ англисҳо дар шаҳри Калкутта истеҳкоми ҳарбии Вилямсро бунёд карданд.

Моҳи апрели соли 1756 ба тахти Бангола Сироҷуддавла соҳиб шуд. Ӯ хост, ки англисҳоро аз Бангола пеш кунад. Сироҷуддавла бо ин мақсад ба Калкутта лашкар кашид. Ба ӯ муяссар шуд, ки лашкари Ост-Индияро шикаст диҳад. Вале ҳукумати Англия ба ихтиёри ширкати Ост-Индия эскадраи киштиҳои пурзӯреро равон кард. Ба лашкари хушкигард ва баҳрии англисҳо амалдори ширкати Ост-Индия Роберт Клайв роҳбар таъин шуд. Ба ӯ муяссар гардид, ки ба лашкари Сироҷуддавла ғолиб барояд. Клайв дар Бангола Мир Ҷаъфари хоинро ба сари қудрат овард. Мир Ҷаъфар ба афсарон ва амалдорони ширкати Ост-Индия барои хизматашон 1 миллиону 250 ҳазор фунт стерлинг тӯҳфа дод. Вале баъди чанде ин шахс ба сарварони ширкат ва Клайв маъқул нашуд. Аз ин сабаб онҳо ба ҷои ӯ Мир Қосимро ҳокими Бангола таъин намуданд. Барои чунин табаддулот онҳо аз Мир Қосим 200 ҳазор фунт стерлинг пора гирифтанд. Вале Мир Қосим ба ширкати Ост-Индия итоат накарда, сиёсати мустақилонаро пеш гирифт. Ӯ ба муқобили англисҳо муборизаи ошкорои мусаллаҳонаро оғоз намуд. Дар ин кор ба Қосим ҳокимони баъзе вилоятҳои ҳамсоя ҳамроҳ шуданд.

Муҳорибаи ҳалкунанда ба муқобили англисҳо моҳи октябри соли 1757 дар Плесси ба амал омад. Дар ин муҳориба англисҳо дастболо шуда, мавқеи худро дар Бангола мустаҳкам карданд.

Воқеаҳои солҳои 50-ум ва 60-уми асри XVIII дар тақдири Ҳиндустон марҳалаи ҳалкунанда бозид. Бо ҳамин истилои он аз тарафи Англия оғоз ёфт.

**Забткориҳои ширкати Ост-Индия дар чоряки чоруми асри XVIII.** Дар соли 1775 Ост-Индия ба муқобили давлати **Маратха** ҷанг оғоз кард. Соли 1778 лашкари Англия аз қӯшуни Маратха сахт шикаст хӯрд.

Давлати калонтарини Ҳиндустони ҷанубӣ – **Майсур** ба ҳисоб мерафт. Шоҳи Майсур Ҳайдар Алӣ яке аз арбобони дурандеши машҳури Ҳиндустони ҳамонвақта буда, дар мамлакат як қатор ислоҳотҳо гузаронид, ки дар натиҷа Майсур хеле пурқувват гардид. Баъд ӯ бо якчанд давлати ҳамсоя барои мубориза бар зидди англисҳо созишнома ба имзо расонд.

Соли 1778 иттифоқчиён нақшаи ба даст даровардани шаҳрҳои муҳимтарини аз тарафи ширкати Ост-Индия ишғолшударо мураттаб сохтанд. Дар ин ҷанг лашкари Ҳайдар Алӣ ба артиши Англия зарбаи сахти ҳалокатовар зад. Вале баъди якчанд сол нерӯҳои иртиҷоии дохилӣ бо дастгирии англисҳо ба Ҳайдар Алӣ сӯиқасд намуда, ӯро ба ҳалокат расониданд. Вале корҳои ӯро фарзандаш Типу Султон идома дод. Ба ӯ муяссар шуд, ки бар лашкари ширкати Ост-Индия ғалаба ба даст оварда, **истиқлолияти давлати** худро муҳофизат намояд.

Дар чоряки чоруми асри XVIII дар Ҳиндустон ба муқобили англисҳо чандин шӯришҳои калон ба амал омаданд. Шӯришҳои кишоварзон дар Бангола, Орис, Рангпур, Бенарес аз қабили онҳо буданд.



139. Аз деҳқонони ҳиндӣ андоз ҷамъ кардани англисҳо

Англия ба Майсур боз ду маротибаи дигар лашкар кашидааст. Бори **сеюм** солҳои 1790-1792 ва маротибаи **чорум** аз моҳи феврал то моҳи майи соли 1799 ба амал омадааст. Дар ҷанги охирин пойтахти Майсур шаҳри Серингапатам ба англисҳо таслим шуд. Типу Султон дар ҷанг ҳалок гардид. Бо ҳамин ширкати Ост-Индия артиши давлати Майсурро торумор карда, ҳукмронии худро дар **Ҳиндустони Ҷанубӣ** пурра барқарор намуд ва мавқеи муҳимтарини стратегиро ба даст даровард.

Идораи Ҳиндустон аз тарафи **Шӯрои нозирон,** ки иборат аз 6 нафар буд ва онро короли Англия таъин мекард, ба амал бароварда мешуд. Раиси ин шӯро узви ҳайати Кабинети вазирони Англия буд.

**Давлатҳои соҳибистиқлоли Ҳиндустон дар оғози асри XIX.** Бо торумор кардани Майсур истилои пурраи Ҳиндустон ҳанӯз ба охир нарасида буд. Акнун дар муқобили истилогарон давлати Сикҳ ва иттиҳоди вилоятҳои Маратха истода буданд.

Дар асри XVIII ва оғози асри XIX ҷангҳои байниҳамдигарии феодалҳои **Сикх** ба муттаҳидшавии **Панҷоб** ва ташкилёбии давлати **Сикх** анҷом ёфт. Асосгузори ин давлат яке аз арбобони маъруфи давлати ҳамонвақтаи Ҳиндустон Ранҷит Сингх буд.

Баробари ташкилёбии худ давлати ҷавон ба хавфи истилои хориҷӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар шимолу ғарб ба он Афғонистон таҳдид



140. Ба Деҳлӣ ҳамла кардани артиши Англия

мекард. Вале хавфи аз ҳама ҷиддӣ ширкати Ост-Индия буд. Артиши он ба сарҳадҳои Панҷоб хеле наздик омада, сарҳадро хеле нооором мекард.

Ранҷит Сингх вазъиятро дуруст дарк намуда, бар зидди Ост-Индия рӯирост ба ҷанг дохил нашуд. Аз ёрии Маратха даст кашида, соли 1806 бо англисҳо созишнома ба имзо расонид, вале воқеаҳои минбаъда ҳамин хел сурат гирифтанд, ки ин шартнома вайрон карда шуд. Ширкати Ост-Индия бо дастгирии вилоятҳои ҷудоихоҳи сикх ба ҷануби дарёи Сатлеҷ ворид мешавад. Шоҳи Панҷоб маҷбур мешавад, ки бо рақибон сулҳ бандад. Мувофиқи он сарҳади байни ин вилоятҳо ва қаламрави ба Ост-Индия тааллуқдошта дарёи Сартлеҷ мешавад. Бо ҳамин ба ширкати Ост-Индия муяссар шуд, ки васеъшавии давлати Сикхро боз дорад. Сарфи назар аз ин, то соли 1828 ҳамаи заминҳои Сикх муттаҳид гардиданд.

Дар оғози асри XIX ширкати Ост-Индия бар зидди иттиҳоди Маратха беист ҷанг мекард. Баъди ҳар як ҷанг он бо Маратха созишнома баста, ягон қисмати ин давлатро ба тобеияти худ медаровард. Созишномаҳои солҳои 1800, 1801, 1802 аз қабили онҳост. Соли 1817 Биҷи Раси II кӯшиш ба харҷ дод, ки вилоятҳои норозиро дар атрофи худ муттаҳид кунад. Вале ин ба ӯ муяссар нагардид. Аскарони ӯ ба муқобили дастаҳои англисӣ танҳо ба ҷанг даромаданд. Дар муҳорибаи назди Кирки артиши Биҷи Раси торумор карда шуд. Худи ӯ ба англисҳо таслим мешавад. Мувофиқи созишномаи соли 1818 иттиҳоди Маратха мавҷудияти худро аз даст дод.

Истилои пурраи Ҳиндустон дар солҳои 40-уми асри XIX ба амал меояд. Баъди вафоти Ранҷит Сингх соли 1839 дар мамлакат вазъи сиёсӣ тезу тунд мешавад. Феодалҳои калон хостанд, ки алоқаи худро аз ҳукумати марказӣ кананд. Барои тахту тоҷи мамлакат мубориза оғоз ёфт. Дар Панҷоб артиш чун ифодакунандаи асосии кӯшиши истиқлолиятхоҳӣ ба майдон баромад. Соли 1841 онҳо амалдорону сарватмандонро торумор карда, ҳокимиятро ба даст гирифтанд ва дар шакли шӯроҳо (панҷаятҳо) ҳокимияти худро ташкил намуданд.

Дар чунин шароит Англия ба муқобили **давлати Сикх ҷанги якуми** худро солҳои 1845-1846 оғоз кард. Муҳорибаи ҳалкунанда дар наздикии Собраун ба амал омад. Дар натиҷаи хиёнати баъзе афсарон нақшаи ҷойгиршавии ҷузъу томҳои аскарони сикхҳо ба дасти сарфармондеҳи лашкари англисӣ меафтад ва ин масъалаи ғалабаро ҳал кард. Дере нагузашта пойтахти Панҷоб шаҳри Лоҳур аз тарафи англисҳо ишғол карда мешавад. Моҳи март байни Сикх

ва Англия созишномаи сулҳ ба имзо расид, ки мувофиқи он ғолибон аз Сикх 1,5 миллион фунт стерлинг товони ҷанг гирифтанд. Артиши Сикх кам карда шуда, водии байни ду дарё – Ҷаландхар ба Ширкати Ост- Индия гузашт. **Бар ивази маблағи боқимондаи товони ҷанг Ост-Индия Кашмирро** ба даст даровард. Ин вилояти бузург ба маблағи 1 млн фунт стерлинг ба ҳокими Ҷаму Гулоб Сингу фурӯхта мешавад.

Дар оғози **соли 1848 дар Мултон** зидди Англия шӯриши калоне ба амал омад, ки он дар тамоми Панҷоб ҳамовозӣ пайдо намуд. Артиши камшумори Сикх аз ҷониби шӯришгарон ба ҷанг даромад, вале моҳи феврал дар муҳорибаи наздикии Гуҷарат аз лашкари англисӣ торумор карда шуд. Бо ишғол карда шудани Панҷоб (с.1849) ширкати Ост-Индия истилои Ҳиндустонро ба охир расонид.

**Шӯриши сипоҳиён дар солҳои 1857-1859.** Баъди аз ҷониби ширкати Ост-Индия забт шудани Панҷоб дигар ягон давлати Ҳиндустон ба Англия муқобилият нишон дода натавонист. Акнун дастаҳои артиши англисию ҳиндӣ барои истилои давлатҳои дигар, аз он ҷумла ба муқобили Бирма ва Афғонистон сафарбар карда мешуданд. Аз ин кор сипоҳиён, ки аслан аҳолии маҳаллӣ буданд, норозигии худро баён менамуданд. Артиш аз такягоҳ будан ба ширкати Ост-Индия ва Англия ба маркази муқобилияти зидди онҳо табдил меёфт. Ҳамин тариқ, дар артиши аз ҳисоби миллату



141. Шӯриши сипоҳиёнро тирборон кардани артиши англис

халқиятҳои маҳаллӣ ташкил кардаи англисҳо оҳиста-оҳиста шӯриш пухта мерасид.

Барои сар задани шӯриш баҳонае лозим буд. Он ҳам пайдо шуд. Сипоҳиён аз мусаллаҳшавӣ бо тирҳои наве, ки бо равғани гов ва хук пур карда шуда буданд, ошкоро эътироз баён намуданд, чунки мусулмонон равғани хук ва ҳиндуён равғани говро истеъмол намекарданд. Вале ҳукуматдорони мустамликавӣ хусусияти динию қавмии Ҳиндустонро ба назари эътибор нагирифтанд. Ин муносибати англисҳо қаҳру ғазаби сипоҳиёнро ба вуҷуд овард.

Шӯриши бузурги сипоҳиён 10 майи соли 1857 дар Мирут оғоз ёфт. Сипоҳиёнро аҳолии маҳаллӣ дастгирӣ мекард. Марказҳои асосии ин шӯриш Деҳлӣ, Ауд ва Канпур буданд. Дар ин маҳалҳо шӯришгарон худидоракунии маҳалии давлатиро ташкил карданд. Мақомоти асосии ҳокимияти шӯришгарон Шӯро ба ҳисоб мерафт. Он асосан аз афсарони дастаҳои сипоҳиён иборат буд. Шӯроро собиқ афсари лашкари англисӣ Бахт Хон сарварӣ мекард.

То моҳи сентябри соли 1857 англисҳо тавонистанд нерӯҳои зиёди худро дар наздикии Деҳлӣ ҷамъ оваранд. 11 сентябр англисҳо маркази муҳимтарини ҳаракати озодихоҳӣ -шаҳри Деҳлиро ба даст даровардaнд.

Дар Канпур полкҳои сипоҳиён 4 июни соли 1857 шӯриш бардоштанд. Дар ин шӯриш деҳқонон ҳам ширкат варзида, ҳокимиятро ба даст даровардaнд.

Шӯриши сипоҳиён то соли 1859 давом кард ва оқибат торумор карда шуд. Ҳазорон нафар иштирокчиёни шӯриш ба қатл расонида шуданд. Шӯриши сипоҳиён дар Ҳиндустон ба даврaи нави таърихи ин мамлакат ибтидо гузошт. Даврaи ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон фаро расид.

**Фарҳанг.** Фарҳанги Ҳиндустон дар тӯли ҳазорсолаҳо инкишоф ва идома ёфтааст. Яке аз ёдгориҳои бузурги даврaи империяи Муғулҳои Бузург дар соҳаи адабиёт «Рамаяна» мебошад, ки ба қатори дурдонаҳои маданияти ҷаҳонӣ дохил гардидааст.

Олими бузурги инсондӯст, файласуф, таърихнигор, ватанпарвар ва шоир Абдураҳим Валиоллоҳ (1703-1762) дар рисолаҳои худ ба муқобили маҳдудияти табақавии доираҳои маърифатнок баромад карда, ҳокимони феодалию тангназарро зери танқид гирифтааст. Ӯ ҷонибдори ҷомеае буд, ки ба адолат ва некӣ асос ёфта бошад.

Дар охирҳои асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар қаламрави аз тарафи ширкати Ост-Индия ишғолкардаи Ҳиндустон дар соҳаи фарҳанг ягон ёдгорие офарида нашудааст, ки ба асарҳои



142. Тоҷмаҳал. Яке аз шоҳкориҳои беҳтарини меъмории ҷаҳон

баландмазмуни садсолаҳои гузашта баробар шуда тавонад. Танҳо эҷодиёти шифоҳии халқ – фолклор, суруду рақсҳо, имову ишора (пантомима) ва театри халқӣ амал мекарданд. Сюжети асосии онҳо ба дин алоқаманд буд.

Дар пешрафти индавраинаи фарҳанги Ҳиндустон нақши маорифпарвар Рай Моҳан Рой (1772-1833) бузург буд. Ӯ асосан ба принсипҳои дини ҳиндуия содиқ монда, ба муқобили ифротгароӣ баромад намудааст. Бо ташаббуси вай дар Калкутта барои ҳиндуҳо коллеҷи аввалини аврупоӣ кушода мешавад. Соли 1821 ӯ аввалин шуда дар Ҳиндустон бо забони бангоӣ ба нашри маҷалла шурӯъ мекунад. Дар ин солҳо шоирони бузурги Ҳиндустон Мирзо Ғолиб, Ишор Чандро Гупто ва драматург Динобандх Митро зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

### *Ҳуҷҷатҳо*

### *1. Хартияи Ширкати Ост-Инд (с.1833).*

*Аз санади парлумонӣ дар бораи идораи Ҳиндустон, ки 30 апрели с.1833 қабул карда шудааст.*

*3. ...баъди 22 апрели соли 1834 ҳуқуқи фавқулодда оид ба тиҷорат дар мулкҳои императори Чин ва дар чойфурӯшӣ, ки қонуни Георги III дода буд, қатъ карда мешавад.*

*4. Ширкат бояд баъди 24 апрели соли 1834-и нишондодашуда, ки қаламрави тобеи ҳукумати президентии Форт-Вилямси Бангола бояд ба*

*ду президентии алоҳида тақсим гардад. Ятоош, ки ба он Форт-Вилямси номбурда дохил аст, президентии Форт-Вилямс дар Бангола ва дигараш президентии Агра номида мешавад.*

*39. Инчунин қарор карда шуд, ки назорат ва роҳбарӣ аз болои идораи шаҳрвандӣ ва ҳарбии ҳамаи қаламрави дар боло номбаршуда ва инчунин аз Ҳиндустон гун кардани андоз ба зиммаи генерал-губернатор ва мушовирони ӯ... гузошта шавад.*

*87. Ҳеҷ ягон сокини маҳаллии қаламрави номбаршуда ва ягон раияти аълоҳазрат, ки дар он ҷо зиндагонӣ мекунанд, танҳо дар асоси он, ки ба кадом дин эътиқод дорад, ҷои таваллуд, пайдоиш ва ранги пӯсташон барои дар ширкати номбурда ишғол кардани ҷой, вазифа ва ё хизмат маҳрум карда намешаванд....*

**2. Анҷомёбии истилои Ҳиндустон**
**(аз шартномаи англисию сикхии соли 1846)**

*1. Дар байни ҳукумати Британия, аз як тараф, ва махараҷ Дхуши Синх ва меросхӯрону ҷойгирони ӯ, аз тарафи дигар, сулҳ ва дӯстии доимӣ муқаррар карда мешавад.*

*2. Махараҷи Лаҳор аз номи худ, меросхӯрон ва ҷойгиронаш аз ҳама гуна даъвоҳо ва робита бо заминҳое, ки дар ҷанубтари дарёи Сатлеҷ воқеъ гардидаанд, даст мекашад ва ӯҳдадор мешавад, ки ҳеҷ вақт ба ин қаламрав ё аҳолии он кордор намешавад.*

*3. Махараҷ ҳамаи истеҳкомҳо қаламрав ва ҳуқуқҳоро дар Доиб ё ки вилоят, водиҳо ва теппаҳои дар байни дарёҳои Беас ва Сатлеҷ воқеъбударо ҳамчун соҳибистиқлоли абадӣ ба ихтиёри ширкати барӯманд месупорад.*

*5. Махараҷ ба ҳукумати Британия маблағи 50 лакҳ рупияро то ё баъди тасдиқи ин шартнома мепардозад.*

*7. Минбаъд лашкари мунтазами давлати Лаҳор бояд ба 25 баталёни пиёданизоми ҳар кадомаш дорои 800 найза ва 12 ҳазор савора маҳдуд карда шавад. Ин миқдор ҳеҷ гоҳ набояд бе ризоияти ҳукумати Британия зиёд карда шавад.*

**3. Шартнома бо Мир Ҷаъфар Алихон (с. 1757)**

*23 июни соли 1757 дар муҳорибаи назди Плесси лашкари англисӣ дар зери роҳбарии Клайв бар лашкари Сироҷуддавла ғалабаи қатъӣ ба даст овард. Баъди ин Клайв ба тахти Бангола Мир Ҷаъфарро (1757-1760) шинонид. Шартномае, ки Клайв бо ӯ баст, маънои онро дошт, ки ҳукмронии сиёсӣ ва ҳарбии Англия дар Бангола муқаррар гардидааст.*

*Моддаи 1. Ман ба ҳамаи он моддаҳое, ки дар замони осоишта бо навоб Сироҷуддавла... мувофиқат ба даст омада буд, розӣ ҳастам.*

*Моддаи 2. Душманони англисҳо - душманони ман, сарфи назар аз он, ки онҳо ҳиндуянд ва ё аврупоӣ.*

*Моддаи 3. Дар музофоти Бангола –«Биҳишти халқҳо», Биҳор ва Орисс ҳамаи ашёҳо ва дуконҳои фаронсавиҳо дар ихтиёри англисҳо*

*мемонанд ва ман минбаъд ба фаронсавиҳо имконият намедиҳам, ки дар ин се музофот сокин шаванд...*

*Моддаи 5. Барои молу мулке, ки аз сокинони англисии Калкутта горат карда шудааст, ҳамчун ҷуброн 50 лакҳ рупия мепардозам.*

*Моддаи 10. Вақте ки аз англисҳо ёрӣ мепурсам, хароҷоти қувваҳои ба ман додашударо ҳамеша ба зиммаи худ мегирам...*

**Савол ва супоришҳо:** 1. Дар бораи сохти иҷтимоию иқтисодии Ҳиндустон маълумот диҳед. 2. Империяи Мугулҳои Бузург чӣ тавр барҳам хӯрд? 3. Дар бораи иттиҳоди Маратхаи асри XVIII чиро медонед? 4. Огози Ҳиндустонро ишгол кардани ширкати Ост-Индия кай сурат гирифт? 5. Дар солҳои 70-ум ва 90-уми асри XVIII Англия тавассути ширкати Ост-Индия кадом қисматҳои Ҳиндустонро забт намуд? 6. Давлати Майсур ва шоҳони вай бар зидди Ост-Индия чӣ тавр мубориза мебурданд? 7. Дар бораи муборизаи озодихоҳонаи давлатҳои Майсур ва Маратха дар огози асри XIX нақл кунед. 8. Мардуми сикх барои истиқлолияти давлати худ чӣ тавр мубориза мебурд? 9. Чаро сипоҳиён дар солҳои 1857 - 1859 шӯриш бардоштанд? 10. Ҳиндустон аз тарафи ширкати Ост-Индия чӣ тавр идора карда мешуд? 11. Дар бораи фарҳанги Ҳиндустони асрҳои XVI – нимаи аввали асри XIX маълумот диҳед. 12. Аз ҳуҷҷатҳои мавзӯъ чӣ фаҳмидед?

## §39. АФҒОНИСТОН

**Ташаккулёбии давлати Афгонистон.** Дар асри XVI Афгонистон аз тарафи империяи Мугулҳои Бузург ва Сафавиҳои Эрон забт карда мешавад. Дар муборизаи дуру дарози зиёда аз 200 - сола худшиносии миллӣ ва анъанаҳои ватанпарварии халқҳои Афгонистон ташаккул меёбанд.

Моҳи октябри соли 1747 дар Нодиробод, ки дар наздикии Қандаҳор воқеъ гардида буд, ҷиргаи хонҳои бонуфузи афгонҳо ҷамъ омад. Онҳо дар ин ҷаласаи худ Аҳмадхон ном шахсро шоҳи Афгонистон интихоб карданд.

Аҳмадхон то ин вақт ҳамчун фармондеҳи дастаи афгонҳо дар хизмати шоҳи Эрон -Нодиршоҳ буд. Аҳмадхон ба авлоди Садузай ном қабилаи абдалӣ тааллуқ дошт. Баъди кушта шудани Нодиршоҳ Аҳмадхон аскарони худро аз урдугоҳи эрониён баровarда, дар баробари ин қариб пурра хазинаи шоҳро бо худ мебарад.

Ширкаткунандагони ҷирга ба шоҳи интихобкардаи худ номи «Дурронӣ»-ро ҳамроҳ карда, ӯро Аҳмадшоҳи Дурронӣ тоҷгузорӣ карданд. Аз ҳамин вақт сар карда, қабилаи абдалӣ номи дурронииро мегирад.

Давлати Аҳмадшоҳи Дурронӣ ҳангоми Кобул ва Қандаҳорро забт кардани ӯ ташаккул меёбад. Дере нагузашта ҳокимияти

Аҳмадшоҳи Дурbuiltиро аксарияти шоҳҳою хонҳои қабилаҳои афғонӣ эътироф менамоянд, аз он ҷумла онҳое, ки дар тарафи рости дарёи Ҳинд зиндагонӣ мекарданд ва дар зери ҳокимияти ҳокимони Ҳиндустони Шимолӣ буданд. Ғилзоиҳо, ки ба абдалиён муддати дуру дароз дар муноқиша буданд, низ ба Аҳмадшоҳи Дурронӣ тобеъ шуданд. Дар тарафи рости дарёи Ҳинд соли 1750 лашкари Аҳмадшоҳ Ҳиротро ба даст даровард. Баъди ин навбати Сиистон расид. Сипас лашкари афғонӣ ба шимолу ғарбии Ҳиндустон хуҷум карда, Балуҷистон ва Панҷобро то сарҳадҳои Ҳиндустон ба Афғонистон тобеъ намуд. Аҳмадшоҳ ба Шикарпур ва Лоҳур ҳам хуҷум мекунад, вале ӯро муғулҳо аз ин ҷо фишор дода, ба ақиб мепартоянд. Ба ин самт Аҳмадшоҳ аввалин бор лашкар кашида буд. Он ба бастани шартномае, ки пардохтани андози ҳарсоларо аз аҳолии Панҷоб дар назар дошт, анҷом мепазирад. Дар натиҷаи ин лашкаркашӣ ҳокими Синд низ ба Аҳмадшоҳ тобеъ мешавад.

Ҳангоми лашкаркашии сеюми худ (соли 1752) Аҳмадшоҳ Кашмир ва баъди муҳосираи дуру дароз яке аз шаҳрҳои калон ва ободу зебои Эрон Машҳадро низ ишғол мекунад. Уламо ва сарварони ин шаҳр Аҳмадшоҳро ҳамчун шоҳи худ қабул намуда, ба шарафи ӯ танга сикка мезананд. Баъди ин пирӯзиҳо Аҳмадшоҳ артиши худро барои гирифтани шаҳри Деҳлӣ сафарбар мекунад. Бо вуҷуди аз ин шаҳр 12 миллион рупия ғанимат ба даст овардан аз сабаби паҳн шудани касалии вабо ӯ маҷбур мешавад, ки ба Афғонистон баргардад.

Ҳангоми ҷангҳои дохилии Ҳиндустон Аҳмадшоҳ бо қувваҳои худ аз Панҷоб маратҳҳоро пеш мекунад. Ҷанги ҳалкунанда байни маратҳҳо ва афғонҳо соли 1761 дар наздикии Панипат ба амал меояд. Дар ин ҷанг Аҳмадшоҳ ғолиб меояд. Вале ба Аҳмадшоҳ лозим омад, ки зуд ба Афғонистон баргардад, зеро дар Афғонистон ба муқобили ӯ исён ба амал омада буд.

Қаламрави Афғонистон дар замони ҳукмронии Аҳмадшоҳи Дурронӣ ниҳоят васеъ шуд. Соли 1761 сарҳади давлати ӯ дар ҷанубу шарқ то наздикии Деҳлӣ расида буд. Вале дар натиҷаи мубориза сикҳҳо Дурраниҳо қариб тамоми Панҷобро аз даст доданд. Бо вуҷуди ин Кашмир, Синд, Бахавалпур ва Калот то барҳам хӯрдани империяи Дурраниҳо дар ҳайати ин давлат буд. Соли 1769 Хуросон аз ҳайати Афғонистон баромада, ба итоати шоҳи Эрон дохил мегардад.

**Сохти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ.** Дурраниҳо асосан дар вилояти Қандаҳор ва шимоли Ҳирот сокин буданд. Ба ҳайати қабилаҳои паштунии дурраниҳо (абдолӣ) қариб 30 қабила дохил

мешуд, ки калонтарини онҳо Баракзай буда, он тахминан 30 ҳазор оиларо ташкил медод. Дар оғози асри XIX шумораи умумии аҳолии дар қаламрави ин қабилаҳо сокинбуда беш аз 800 ҳазор нафар буданд. Дар Ғазна ва вилоятҳои ба он ҳамсоя (кӯҳҳои Сулаймон) **ғилзайҳо** сокин буданд. Қабилаҳои **юсуфзой**, **вазир**, **бориксзай** ва **турӣ** аз ҷумлаи қабилаҳои калонтарине буданд, ки дар қисми водии Пешовар ва вилоятҳои кӯҳии шимол зиндагонӣ мекарданд.

Дар давлати феодалии Афғонистон унсурҳои сохти авлодию қабилавӣ устувор буданд. Баъзе қабилаҳои он дар дохили мамлакат мустақил буда, мувофиқи анъанаҳои қадима аз тарафи хонҳои меросӣ ва хонҳое, ки аз тарафи **ҷирга** интихоб мегардиданд, идора карда мешуданд. Шакли асосии заминдорӣ — заминҳои давлатӣ (ба онҳо заминҳои хонадони шоҳ ва замини девон дохил буданд), заминҳои хусусии заминдорон, заминҳои ҷамоаҳои ғайри афғон ва ҷамоаҳои афғонӣ буданд. Давлат аз ҳамаи ин заминҳо андоз меситонид, ки он шакли натуралӣ дошт. Як қатор қабилаҳо аз андоз озод буданд ва ё ки ба хазинаи давлат андози кам месупориданд. Ҳаҷми андоз аз дахяк то сеяки ҳосилро ташкил медод.

Маблағҳои давлатӣ барои таъмини артиш, идораи давлатӣ ва табақаи рӯҳониён харҷ карда мешуд. Инчунин давлат барои таъмири роҳҳо ва сохтану таъмири биноҳои давлатию ҷамъиятӣ ва кандани ҷӯйҳо маблағ ҷудо мекард. Маблағи муайяне барои ҳодисаҳои пешбининашуда захира карда мешуд.

Афғонистон ба вилоятҳо ё худ музофотҳо ва ба ноҳияҳои алоҳида тақсим шуда, аз тарафи ҳокимони таъинкардаи шоҳ идора карда мешуданд. Дар баробари вилоятҳо ва ноҳияҳо дар Афғонистон хониҳо ва аморатҳо низ мавҷуд буданд. Онҳо низоми пештараи маъмурии худро нигоҳ медоштанд. **Ҳокимияти олии қонунгузор ва иҷроия** дар дасти шоҳ буд. Ӯ бе маслиҳат бо **шӯрои ашрофони** афғон ягон қарори ҷиддиеро қабул карда наметавонист. Масъалаҳои махсусан муҳими давлатӣ дар маҷлисҳои умумии намояндагони ҳамаи қабилаҳои афғон қабул карда мешуданд. Ин маҷлисҳоро **«Луя Ҷирга»** меномиданд. Луя Ҷирга масъалаҳои тоҷу тахти давлатиро низ ҳаллу фасл мекард. Ёрдамчии наздиктарини шоҳ вазир буд. Ӯ ба ҳамаи муассисаҳои мақомоти давлат - молия, дафтари шоҳ, (ки ба тайёр кардани амрҳо ва мукотибаи дипломатии шоҳ машғул буд), муассисаҳои дарборӣ, муассисаҳои хабардиҳӣ ва мақомоти ҳарбӣ роҳбарӣ мекард.

**Барҳам хӯрдани империяи Дурраниҳо.** Баъди вафоти Аҳмадшоҳи Дурронӣ дар соли 1773 ба тахти подшоҳии Афғонистон писари ӯ Темуршоҳ мешинад. Ҳокимияти Темуршоҳ аз исёни хонҳо ва амирҳо оғоз меёбад. Барои аз хавф эмин нигоҳ доштани

ҳокимияти худ Темуршоҳ пойтахти давлати Афғонистонро аз Қандаҳор ба Кобул мекӯчонад. Кӯшиши Темуршоҳ барои пурзӯр кардани ҳокимияти марказӣ натиҷаи дилхоҳ надод. Валиаҳди Темуршоҳ –Замоншоҳ (1793-1801) кӯшиш ба харҷ дод, ки муқовимати хонҳои дуррониро бишканад, вале ин кор ба ӯ низ муяссар нагардид. Замоншоҳ ба Ҳиндустон лашкар кашид, лекин хабари исёнро шунида, барои пахши он ба Афғонистон баргашт. Дар ин вакт ба Ҳирот ва Балх Кочорҳои Эрон ҳуҷум карданд. Дар оғози асри XIX дар Афғонистон давраи ҷангҳои дуру дарози байни-ҳамдигарии сулолаҳои афғонӣ барои тоҷу тахти давлатӣ оғоз мееёбанд. Бо мақсади тоҷу тахтро ба даст даровардан гилзойҳо бар зидди дурронихо силох ба даст гирифтанд. Соли 1818 сулолаи садозай сарнагун карда шуд. Намояндаи садозайи охирин Маҳмуд ва писари ӯ Комрон ба Ҳирот гурехтанд.

Мулкҳои калонтарини Афғонистони феодалӣ- Кобул, Қандаҳор, Пешовар ва Ҳирот буданд. Аз парокандагии сиёсии Афғонистон истифода бурда, сикхҳо солҳои 1818-1819 Кашмир ва Мултон ва солҳои 1819-1828 вилоятҳои тарафи рости дарёи Ҳиндро, ки мулки афғонҳо буд, забт намуданд. Моҳи марти соли 1823 Ранчит Сингх дар наздикии Нашвар бар афғонҳо ғолиб омада, Пешоварро ба даст медарорад. Ин маркази муҳими хоҷагӣ ва фарҳангӣ ҳамон вақт аз Афғонистон берун мемонад.

**Оғози аз нав муттаҳидшавии Афғонистон.** Дар солҳои 20-уми асри XIX сардори яке аз қабилаҳои бариказй Дӯстмуҳаммад машҳур мегардад. Ба ӯ муяссар мешавад, ки Ғазна, Ҷалолобод ва Кобулро ишғол намояд. Дӯстмуҳаммад пойтахтро ба даст даровардa, бар зидди **парокандагии сиёсии Афғонистон** мубориза мебарад. Вале ин иқдом бо сабаби бадшавии вазъияти байналхалқӣ натиҷаи дилхоҳ надод. Англисҳо рӯйирост ба корҳои дохилии Афғонистон дахолат мекарданд. Дӯстмуҳаммад дарк намуд, ки ба Афғонистон хавфи асосӣ аз ҷониби Англия таҳдид мекунад. Аз ин хотир, ӯ Русияро иттифоқчии худ интихоб карда, ба Петербург сафирҳо равон мекунад. Соли 1837 дар байни Англия ва Русия барои Ҳирот мухолифат ба амал омад. Англия мехост, ки онро ишғол намояд. Ҳукумати Русия, ки бо Англия рақобат дошт, намехост, ки ин давлат ба сарҳадҳои Осиёи Марказӣ наздик шавад. Аз ин сабаб Англия дар Афғонистон сиёсати истилогаронаи Кочорхои Эронро дастгирӣ менамояд. Тирамоҳи соли 1837 эрониён Ҳиротро муҳосира мекунанд. Дӯстмуҳаммад ва бародарони ӯ, ки дар Қандаҳор ҳукмронӣ мекарданд, тавассути миёнравии намояндаи русҳо, поручик Ян Виткевич бо Эрон шартномаи дӯстӣ бастанд. Ҳамин тариқ, аз нав муттаҳидшавии Афғонистон бо мушкилиҳои зиёде амалӣ мешуд.

**Ҷанги якуми Англияю Афғонистон.** Баъди аз Афғонистон даст кашидани Русия, моҳи сентябри соли 1838 қўшунҳои Эрон низ аз вилояти Ҳирот бароварда шуданд. Англия дар зери ниқоби аз нав барқарор кардани тоҷу тахти Шуҷоъ, ки лўхтаки он буд, ба Афғонистон лашкари 22-ҳазорнафараи ширкати Ост-Индияро равона намуд, ки моҳи апрели соли 1839 Қандаҳорро ишғол менамояд. Амалдорон ва фармондеҳони ҳарбии ба англисҳо фурўхташудаи афғон ба Дўстмуҳаммад хиёнат карданд. Ў маҷбур шуд, ки аввал ба Балх ва баъд ба Бухоро фирор намояд. Баъди 30 соли дар хориҷи кишвар зиндагонӣ кардан Шуҷоъ тавассути лашкар ва сарнайзаҳои англисӣ ба Кобул даромада, ба тахту тоҷи Афғонистон соҳиб мешавад. Лекин мардуми Кобул ва минтақаҳои дигари Афғонистон ба муқобили истилогарони англисӣ ба мубориза бархестанд.

Дўстмуҳаммад худи ҳамон сол аз Бухоро ба Афғонистон баргашта, ба муқобили англисҳо муборизаи мусаллаҳонаро оғоз намуд. Вале моҳи ноябри соли 1840 Дўстмуҳаммад бо сабабҳои номаълум, ғайричашмдошт аз мубориза даст кашида, худро ба асирии англисҳо месупорад. Онҳо ўро ба Ҳиндустон мефиристанд.

Баҳори соли 1841 дар Афғонистон ҷанги умумихалқии зидди англисҳо авҷ гирифт, ки дар он тоҷикон фаъолона ширкат варзиданд. Ватандўстон дар Кобул шаби 2 ноябри соли 1841 ба англисҳо зарбаи сахт зада, ҳокимиятро ба даст гирифтанд. Аз маҳалҳо ба ёрии шўришгарон дастаҳои фидоиёни қабилаҳои афғонӣ омаданд. Урдугоҳи англисҳо ба муҳосира афтид. Лашкари истилогарон маҷбур мешавад, ки қисми зиёди силоҳи вазнини худро ба ихтиёри шўришгарон гузошта, ақибнишинӣ кунад. Бо мақсади аз даст надодани мавқеи худ ва аз афғонҳо қасос гирифтан, ширкати Ост-Индия аз нав ба Кобул лашкар мекашад. Лашкари ширкат Кобулро ишғол намуда, онро талаву тороҷ ва ҳазорон нафар шаҳрвандонро ба қатл мерасонад. Вале халқ ба муқобили англисҳо бо қувваи даҳчанд ба ҳуҷум гузашт. Ин буд, ки истилогарон аввал Кобул, баъд тамоми Афғонистонро тарк карда, тоҷу тахти онро ба Дўстмуҳаммад супориданд. Бо ҳамин ҷанги якуми Англия ва Афғонистон бо ғалабаи мардуми Афғонистон ба охир мерасад.

Дўстмуҳаммад баъди аз нав ба сари қудрат омадан сиёсати муттаҳидсозии мамлакатро идома медиҳад. Дар ин кор ў ба лашкари худ такя мекунад. Англисҳо ба нокомии худ нигоҳ накарда аз ишғоли Афғонистон даст накашиданд. Онҳо истилои ин мамлакатро вазифаи наздиктарин ва муҳимтарини худ қарор доданд. Соли 1849 ба англисҳо муяссар мешавад, ки Панҷобро бо мушкилиҳои ниҳоят зиёд ишғол кунанд. Дўстмуҳаммад кўшиши аз дасти англисҳо баргардонидани ин қаламрави Афғонистонро

накард. Баръакс, ӯ лашкари худро барои ишғоли Қандаҳор ва Ҳирот, ба худ тобеъ кардани хонигариҳои хурди тоҷику ӯзбек, ки дар байни Ҳиндукушу Амударё сокин буданд, равон мекунад. Дӯстмуҳаммад ин хониҳоро ҳам ба давлати худ тобеъ намуда, баъд соли 1856 Қандаҳор ва соли 1863 Ҳиротро, ки то ҷанги афғону англис ба амири Кобул итоат намекарданд, ба даст даровард.

Сарфи назар аз кӯшишҳои муттаҳид кардани Афғонистон ва дар ин роҳ муваффақият пайдо намудан ба Дӯстмуҳаммад муяссар нагардид, ки давлати мутамаркази Афғонистонро аз нав ташкил намояд.

***Ҳуҷҷат***
***Қабилаи Дурраниҳо***

*...Дурраниҳо яке аз қабилаҳои нисбатан калонтарини афғонҳо ба шумор мераванд. Мувофиқи ба рӯйхатгирии соли 1748, ки бо амри Нодиршоҳ гузаронида шуда буд, онҳо 60 ҳазор оиларо ташкил мекарданд. Аз рӯи маълумоти Элфинстон (оғози асри XIX)[1] шумораи дурраниҳо 100 ҳазор оила ё худ тахминан 600 ҳазор нафар шуморида шудааст. Ин қабила аз ду шоха: зирак ва панҷпай иборат буд. Вале онҳо дар асри XVIII аллакай воҳиди ташкилоти авлодию қабилавӣ набуданд ва номи онҳо танҳо насаби дурраниҳоро ифода менамуд... қисматҳои асосии дуввуми дурраниҳо популзайҳо, бориказйҳо ва алкизайҳо буданд. Онҳо ба шохаи зирак тааллуқ доштанд. Ба шохаи панҷпай ҷузъҳои нурзайҳо, ализайҳо, исҳоқзайҳо, кугианҳо ва маку дохил буданд. Аҳмадшоҳ аз иқтидори бузурги баракзайҳо, ки аз ҷузъҳои дуюми дурраниҳои сершумартарин буданд (дар замони ҳукмронии Аҳмадшоҳ 30 ҳазор нафарро ташкил менамуданд), сахт метарсид. Барои заиф гардонидани баракзайҳо Аҳмадшоҳ аз онҳо ачакзайҳоро ҷудо кард. Дар натиҷаи ин ачакзайҳо дар шохаи зирак қисмати мустақил ҳисобида шуда, Аҳмадшоҳ ба онҳо пешвои алоҳида таъин намуд. Даҳ қисмати дурраниҳо –попупазайҳо, бораказйҳо, ачакзайҳо, алказайҳо, нурзайҳо, ализайҳо, исҳоқзайҳо, кугианҳо ва маку дар амал қабилаҳои алоҳидаи хеле калон ҳисобида мешуданд. Дар байни қисматҳои дигари дурраниҳо популзайҳо дорои обрӯи калон буданд, чунки хон-хели садозайҳо ба онҳо тааллуқ дошт ва ӯ барои популзайҳо таъминкунандаи пешвоёни меросӣ ва дар як вақт доҳиёни олии ҳамаи дурраниҳо буд.*

*Асосгузори давлати Афғонистон Аҳмадшоҳ низ аз сулолаи садузайҳо баромадааст...*

*(Рейснер И.М. Развитие феодализма и образование государства у афганцев. М.: Изд-во АН СССР. 1954. с.256-258).*

1. Муҳаққиқи англис соли 1815 аз натиҷаи тадқиқоти худ оид ба таърихи халқҳои Афғонистон китоберо чоп кардааст. И.М.Рейснер ҳангоми таълифи китоби худ ба он такя мекунад.

**Савол ва супоришҳо:** 1. То соли 1747 Афғонистон ба ҳайати кадом давлатҳо дохил буд? 2. Афғонистон чӣ тавр истиқлолият ба даст овард? 3. Аҳмадшоҳи Дурронӣ кӣ буд? Чаро ӯро «Дурронӣ» номидаанд? 4. Аҳмадхон чӣ тавр шоҳи Афғонистон мешавад? 5. Барои муттаҳид кардани Афғонистон Аҳмадшоҳи Дурронӣ чӣ кӯшишҳо кард? 6. Дар бораи сохти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон маълумот диҳед. 7. Дар бораи идораи давлати Афғонистон чӣ гуфта метавонед? 8. Кай империяи Дурраниҳо барҳам хӯрд? 9. Аз нав муттаҳидшавии Афғонистон чӣ тавр ба амал омад? 10. Кадом давлатҳо ба ин раванд халал расониданд? 11. Дар бораи ҷанги якуми Англияю Афғонистон нақл кунед. Дар он кадом давлат дастболо шуд? 12. Баъд аз шикаст хӯрдани Англия дар Афғонистон кӣ ба сари ҳокимият омад? Ӯ кадом сиёсати давлатдориро пеш гирифт? 13. Дӯстмуҳаммад кадом вилоятҳоро аз нав ба зери ҳокимияти худ дохил намуд? 14. Оё Дӯстмуҳаммад тавонист, ки давлати парокандаи Афғонистонро аз нав муттаҳид кунад? 15. Ширкати Ост-Индия барои аз даст надодани мавқеъ ва обрӯи худ чӣ кор кард? 16. Аз ҳуҷҷат чӣ фаҳмидед? 17. Аз омӯзиши мавзӯъ ба чӣ хулоса омадед?

## §40. ЭРОН

**Ба сари қудрат омадани Коҷорҳо.** Ҷангҳои байниҳамдигарии ҳокимони Эрон дар охири асри XVIII сулолаи коҷорҳоро бо роҳбарии Оқомуҳаммадхон ба сари қудрат оварданд. Соли 1791 ҳокимияти Коҷорҳо дар Астаробод, Мозандарон, Теҳрон, Қум ва Озорбойҷон мустаҳкам шуд. Соли 1794 аз тарафи Коҷорҳо дар Кирмон дастаҳои охирин намояндаи сулолаи Зандия – Лутфуллохон торумор карда шуданд. Соли 1795 Оқомуҳаммадхон баъди лашкаркашии харобиовар ба Гурҷистон худро шоҳи Эрон эълон намуд. Бо ҳамин дар мамлакат сулолаи нав- Коҷорҳо ба сари қудрат омаданд. Пойтахти Эрон шаҳри Теҳрон эълон карда мешавад. Соли 1797 дар сӯиқасд аз тарафи хонҳои норозӣ асосгузори сулолаи коҷорҳо –Оқомуҳаммад кушта мешавад ва ба тахти подшоҳии Эрон Фатҳалишоҳ (1797-1834) менишинад.

**Сохти иқтисодӣ ва сиёсӣ.** Дар Эрони охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буданд. Замин комилан дар дасти шоҳ ва феодалону рӯҳониён буд. Шоҳ соҳиби асосии замин ба ҳисоб мерафт. Дар мамлакат шаклҳои зерини заминдорӣ вуҷуд доштанд: заминҳои давлатӣ (холиса), заминҳои аз тарафи шоҳ тӯҳфакардашуда, замини масҷидҳо ва муассисаҳои динӣ (вақф), замини қабилаҳо, моликияти хусусӣ, замини арбобҳо, заминҳои ҷамоавӣ ва заминҳои заминдорони хурд .

Чоряки аҳолии мамлакатро мардуми кӯчманчӣ ва ё нимкӯчманчӣ ташкил мекарданд. Кӯчманчиҳо асосан ба чорводорӣ машғул буданд. Дар деҳоти Эрон ҳанӯз ҳам хоҷагиҳои натуралӣ ҳукмронӣ мекарданд. Дар баробари зироаткорӣ ва чорводорӣ як

кисми кишоварзон ва кӯчманчиҳо ба бофандагӣ, махсусан, ба қолинбофӣ ва баъзе намудҳои дигари косибӣ низ машғул буданд. Дар шаҳрҳо косибӣ тараққӣ карда буд. **Манафактураҳои оддитарин** ҳам амал мекарданд. Дар ин корхонаҳо маснуоти пахтагӣ, шоҳӣ, моҳут, гилем, қолин, оҳан, мис ва ғайра истеҳсол карда шуда, қисми зиёди онҳо дар бозорҳои дохилӣ фурӯхта мешуданд. Ба хориҷа бештар қолин ва газвор мебароварданд.

Давлати Эрон аз тарафи шоҳ идора карда мешуд. Баъзан шоҳ аз ҳисоби ашрофон ва рӯҳониёни баландмақом шӯрои маслиҳатиро даъват мекард. Идораи корҳои давлатӣ дар ихтиёри садри аъзам буд. Ғайр аз садри аъзам шоҳ боз се вазири дигар низ дошт - вазири ҳарбӣ, вазири молия ва вазири дафтари шоҳ, ки ӯ масоили робита ба мамолики хориҷиро ихтиёрдорӣ мекард.

Мамлакат ба вилоятҳо ва музофотҳо тақсим карда шуда буд. Вилоятҳоро ҳокимони аз тарафи шоҳ таъинкардашуда ва музофотҳоро ноиби шоҳ, ки нисбат ба ҳокимони вилоятҳо ваколатҳои васеътар доштанд, идора мекарданд. Одатан, дар музофотҳо ноибони шоҳ - писарони шоҳ (шоҳзода), хешу табор ва ё ашхоси дигари ба шоҳ наздик таъин карда мешуданд. Масалан, дар нимаи аввали асри XIX ноиби шоҳ дар Озарбойҷон писари Фатҳалишоҳ –Амир Аббос буд.

Дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат рӯҳониёни шиа мақоми калон доштанд. Онҳо ба ғайр аз шарҳи «Қуръон» боз ба иҷрои корҳои оид ба маорифи халқ ва судҳои халқӣ (судҳои шариатӣ) машғул буданд.

**Талоши давлатҳои Аврупо барои ба даст даровардани Эрон**. Баъди табаддулоти саноатӣ дар Англия ва инқилоби буржуазӣ дар Фаронса дар байни ин ду давлат барои ҳукмронӣ дар Аврупо ва ишғоли мустамликаҳо рақобат пурзӯр мегардад. Соли 1796 ду намояндаи Фаронса – Оливъе ва Брюгер ба Теҳрон омаданд, то ки Эронро ба ҷанги зидди Русия равона кунанд. Наполеон бошад, Эронро дар мубориза ба муқобили Англия истифода бурданӣ буд. Баъди лашкаркашиҳои бебарор (соли 1798) дар Шарқи Наздик Наполеон нақшаи ҳуҷуми Ҳиндустонро мекашад. Ин лашкаркашӣ бояд тавассути Эрон сурат мегирифт. Соли 1800 ба Наполеон муяссар шуд, ки бо императори рус Павели I оид ба ҳуҷуми якҷоя ба Ҳиндустон шартнома ба имзо расонад. Вале, дар натиҷаи сӯиқасд Павели I кушта мешавад ва ин нақша амалӣ намегардад.

Барои гирифтани пеши роҳи ба Эрон сар даровардани Фаронса англисҳо ба он ҷо намояндаи худ капитан Мелколтро равон мекунанд. Ба ӯ муяссар мешавад, ки бо шоҳи Эрон шартномаи сиёсӣ ва тиҷоратӣ бандад. Мувофиқи он шоҳ ӯҳдадор шуд, ки



143. Саҳнае аз ҷангҳои Эрон ва Русия

Ҳиндустонро аз ҳамлаи Афғонистон дифоъ мекунад ва барои ба Эрон сар даровардани Фаронса роҳ намедиҳад. Англисҳо ӯҳдадор шуданд, ки дар сурати ба амал омадани ҷанг Эронро бо силоҳ таъмин мекунанд. Ин шартнома дар хоки Эрон ба тоҷирони англис имтиёзҳои калон медод.

Дар охирҳои асри XVIII дар байни Эрон ва Русия барои забти Қафқоз рақобат оғоз мешавад. Хонигариҳои Қафқоз, Арманистон ва Озарбойҷон ба Эрон тобеъ буданд. Русия ният дошт, ки онҳоро ба худ тобеъ кунад. Чунин муборизаҳо ба ҷанги Русияю Эрон оварда расонид. Ҷанги мазкур бо ишғоли шаҳри Ганҷа аз тарафи русҳо оғоз меёбад. Дар ҷанг Русия ғолиб омада, хонигариҳои Шекин, Ширвон ва Қаробоғро ба даст медарорад. Соли 1805 Англия иттифоқчии Русия шуд. Аз ин рӯ, ба Эрон ёрӣ нарасонид. Ин воқеа муносибатҳои байни Эрон ва Англияро вайрон кард. Наполеон аз вазъи ба амаломада тез истифода бурд. Намояндаи Фаронса Хобер дар Эрон ба шоҳ пешниҳод намуд, ки ба муқобили Русия ва Англия бо Фаронса созишнома бандад. 4 майи соли 1807 дар байни Фаронса ва Эрон созишнома ба имзо расид. Мувофиқи ин созишнома, шоҳ ӯҳдадор шуд, ки ҳамаи созишномаҳои бо Англия басташударо бекор карда, бар зидди он ҷанг эълон менамояд. Инчунин Эрон шоҳи афғонҳоро маҷбур намуд, ки лашкари Фаронсаро ба Ҳиндустон аз тариқи хоки худ иҷозат бидиҳад. Ғайр аз ин, Эрон бояд лашкари худро бо артиши Фаронса бипайвандад. Дар баробари ин шоҳи Эрон боз ӯҳдадор

шуд, ки дар халиҷи Форс барои эскадраи киштиҳои Фаронса бандарҳои худро мекушоянд. Наполеон Эронро барои идомаи ҷанг бо Русия водор намуда, ваъда кард, ки баъди ғалаба ба Русия Гурҷистон ва ҳама хониҳои Қафқозро ба Эрон медиҳад.

Баъди ба имзо расидани шартномаи соли 1807 аз Фаронса ба Эрон сафирони сершумор бо сардории генерал Гардан барои ташкили лашкари аврупоинизом омаданд. Вале дере нагузашта вазъияти байналхалқӣ тағйир ёфт. 7 июли соли 1807 дар Тилзит байни Фаронса ва Русия созишномаи сулҳ ба имзо расид. Фаронса ба Эрон дигар ёрӣ нарасонид. Ин буд, ки лашкари Эрон дар Қафқоз паси ҳам ба нокомӣ дучор мешуд. Чунин вазъият шоҳро маҷбур кард, ки боз ба Англия наздик шавад. Аммо вазъи байналхалқӣ боз ҳам тағйир ёфт. Баъди чанде Фаронса дар ҷанги зидди Русия ба Эрон ёрии худро давом дод. Лекин ин ёрӣ имкон надод, ки Эрон дар Қафқоз бар Русия ғалаба ба даст орад.

Дар ҷанг Эрон шикаст хӯрд ва 12 октябри соли 1813 дар маҳаллаи Гулистон байни Русия ва Эрон созишномаи сулҳ ба имзо расид. Шартномаи сулҳи Гулистон ба манфиатҳои Англия дар Эрон зарбаи сахт зад. Барои барқарор кардани нуфузҳои худ Англия бо Эрон шартномаи нав мебандад. Ин шартнома кӯшиши наве барои аз нав бар зидди Русия равона кардани Эрон буд. Дар асоси ин шартнома робитаҳои байналхалқии Эронро Англия ба зери назорати худ гирифт. Бо ҳамин Эрон то дараҷае истиқлолияти худро аз даст дод.



144. Ба имзо расидани созишномаи сулҳ дар байни Эрон ва Русия

Солҳои 1821-1823 дар байни Эрон ва Туркия дар атрофи масъалаи роҳи сафари ҳоҷиён ба Макка ҷанг ба амал омад, ки он бо ба имзо расидани созишномаи Эрзурум анҷом ёфт. Баъди ба имзо расидани ин шартнома моҳи июли соли 1826 артиши Эрон дар Қафқоз ногаҳон ба лашкари Русия ҳамла мекунад, вале артиши бо ёрии мушовирони англисӣ ташкилкардаи Аббос Мирзо шикаст хӯрда, пароканда мешавад. Дар чунин вазъият Эрон ба муқобили Русия ҷангро давом дода натавонист. Аз ин рӯ, дар деҳкадаи Туркманчӣ 10 феврали соли 1828 дар байни Русия ва Эрон созишномаи сулҳ баста шуд, ки мувофиқи он Арманистон ба ҳайати Русия дохил гардид. Ин созишнома ба Русия дар Эрон имтиёзҳои калон дод. Русия ҳуқуқ пайдо намуд, ки дар баҳри Хазар флот дошта бошад ва раияти Русия дар Эрон ҳуқуқи дахлнопазир пайдо кунанд. Тоҷирони Русия дар Эрон бе пардохти боҷ молҳои худро озодона мефурӯхтанд.

Ба Русия ҳамроҳ карда шудани Қафқоз шикасти сиёсати Англия ва Фаронса барои воридшавӣ ба Эрон буд.

**Масъалаи Ҳирот**. Дар нимаи аввали асри XIX дар Хуросон ва баъзе маҳалҳои дигари Эрон шӯришҳои хонҳо қатъ нагардиданд. Ҳирот аз ҷиҳати стратегӣ барои истилогарони англис дар Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи баҳри Хазар такягоҳи муҳим шуда метавонист. Аз ин рӯ, онҳо барои ба даст даровардани Ҳирот аз тамоми имкониятҳо истифода мебурданд. Ҳокимони Ҳирот аз сулолаи Дурронӣ мустақил буданд. Соли 1833 баъд аз баста шудани созишномаи сулҳи Туркманчӣ лашкари шоҳ Ҳиротро муҳосира кард. Вале Аббос Мирзо вафот мекунад ва бо ҳамин муҳосираи Ҳирот бардошта мешавад.

Англисҳо бо мақсади мустаҳкам кардани мавқеи худ ба мунокишаи ишғоли тахту тоҷи Фатҳалишоҳ дахолат карда, дар Эрон писари Аббос Мирзо - Муҳаммадро (1834-1848) ба сари қудрат меоранд. Онҳо ба Муҳаммад ҳарҷониба ёрӣ мерасониданд. Англисҳо ҳокимони Ҳирот, Қандаҳор ва Кобулро бо ҳар баҳона ба муқобили Эрон равона мекарданд. Аз тарафи дигар, онҳо мекӯшиданд, ки Эронро пурра ба ихтиёри худ дароранд. Ғайр аз ин Англия Эронро аз нав ба муқобили Русия ба мубориза даъват менамуд. Муҳаммадшоҳ бо мақсади ҳокимияти худро дар Ҳирот барқарор кардан, дар сарҳадҳои шарқии мамлакат ба моҷароҳо хотима бахшидан ва истилои англисҳоро дар ин самт боздоштан Ҳиротро муҳосира мекунад. Ҷавобан ба ин соли 1838 эскадраи Англия ба халиҷи Форс дохил шуда, ба шоҳ таҳдид кард, ки муҳосираи Ҳиротро қатъ намуда, бо Англия созишнома бандад. Муҳаммадшоҳ ҳарчанд муҳосираи Ҳиротро қатъ намуда бошад



145. Аббос Мирзо



146. Муҳаммадшоҳи Коҷор

ҳам, вале талаби Англияро дар бобати бастани шартномаи тиҷоратӣ рад кард. Ҷавобан ба ин Англия алоқаи дипломатии худро аз Эрон канд. Бо вуҷуди ин англисҳо ба Муҳаммадшоҳ бо ҳар восита фишор меоварданд. Моҳи октябри соли 1841 ба англисҳо муяссар шуд, ки муносибатҳои дипломатии худро бо Эрон аз нав барқарор кунанд. Англия бо Эрон шартномаи тиҷоратӣ баст, ки он ба ин давлат имтиёзҳои калон медод. Соли 1854 бо Эрон Фаронса, Австрия ва соли 1856 ИМА ва баъзе давлатҳои дигари Аврупо чунин созишномаҳо бастанд.

Тавассути ин шартномаҳо давлатҳои Аврупо ва ИМА имконият пайдо намуданд, ки ба Эрон сармояи худро ворид созанд ва онро ба бозори молфурӯшӣ ва манбаи ашёи хоми арзон табдил диҳанд.

**Шӯриши Бобиён дар солҳои 1848-1852.** Номи ҳақиқии Боб Алимуҳаммад буда, соли 1820 дар оилаи газворфурӯш таваллуд шудааст. Ӯ баъди ба воя расидан чун падараш ба савдо машғул мешавад.

Соли 1844 Алимуҳаммад худро Боб - дарвозае эълон мекунад, ки имом Маҳдӣ тавассути ӯ фармони худро ба халқ мерасонид.

Соли 1847 Боб китоберо бо номи «Баён» таълиф намуда, дар он нуқтаҳои асосии таълимоти худро зикр мекунад. Ӯ дар китобаш меорад, ки ҳадисҳои Муҳаммад (с) оид ба қоидаҳои мусулмонӣ акнун кӯҳна шудаанд. Биноан онҳо бояд бо қонуну қоидаҳои нав иваз карда шаванд. Боб барпо кардани шоҳигарии муқаддасро дар панҷ вилояти асосии Эрон – Озарбойҷон, Мозандарон, Ироқи Форс, Форс ва Хуросон эълон мекунад. Барои таълимоти худ Боб ба зиндон партофта мешавад. Шогирдони ӯ тобистони соли 1848 дар деҳкадаи Бедашти назди шаҳри Шоҳруд дар маҷлиси худ қонунҳои марбут ба андозҳо, ӯҳдадориҳо, моликияти хусусӣ ва ғайраро бекор карда, моликияти умумӣ ва баробарии марду занро эълон мекунанд. Бобиён барои тарғиби таълимоти худ ба чор тарафи Эрон паҳн мешаванд.

Моҳи сентябри соли 1848 баъди вафоти Муҳаммадшоҳ бенизомиҳо ба амал омаданд. Бобиён аз ин истифода бурда, дар Мозандарон бо сардории мулло Маҳмадалӣ ва Мулло Ҳусайни Бошрӯй шӯриш бардоштанд. Ҳукумат ин шӯришро зуд пахш намуд.

Соли 1850 дар Зинҷон шӯриши Бобиён зери роҳбарии Маҳмадалии Зинҷонӣ ба амал омад. Ин шӯриши Бобиён низ ба нокомӣ анҷом ёфт.

Моҳи июни соли 1850 шӯриши сеюми Бобиён дар Найрез ба амал омад, ки он ҳам шикаст хӯрд. Баъди пахши ин шӯриш ҳаракати Бобиён рӯ ба таназзул ниҳода, як қисми онҳо аз мубориза даст кашиданд. Қисме аз онҳо ба Насриддиншоҳ сӯиқасд мекунанд. Дар натиҷаи сӯиқасд шоҳ захми сабук бардошт ва сӯиқасдчиён дар ҷояшон боздошта шуданд. Баъди ин ҳукумат дар Теҳрон ва тамоми мамлакат Бобиёнро ба таври оммавӣ нест у нобуд кард. Бо ҳамин дар Эрон ҳаракати Бобиён қатъ гардид.

**Ислоҳоти амир Низом.** Шӯриши Бобиён нишон дод, ки зиддиятҳои иҷтимоӣ дар Эрон хеле тезу тунд шудаанд. Қисми пешқадами табақаҳои ҳукмрон бар он ақида буданд, ки дар мамлакат ислоҳот лозим аст. Ба ин ислоҳот, пеш аз ҳама, заминдороне, ки ба бозор робита доштанд, манфиатдор буданд. Ифодагари манфиатҳои онҳо садри аъзами Насриддиншоҳ –Мирзо Тақихон буд. Ӯ дар як вақт вазифаи сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳро низ ба ӯҳда дошт. Аз ин сабаб ӯро амир Низом меномиданд. Амир Низом бар зидди дуздӣ, порахӯрӣ ва сӯистеъмоли амалдорони марказию маҳаллӣ мубориза мебурд. Дар натиҷаи ислоҳоти ӯ пеши роҳи ин беадолатиҳо як дараҷа гирифта шуд. Шоҳзодаҳое, ки аз вилоятҳо бевосита даромад мегирифтанд, аз он маҳрум карда шуданд. Шумораи амалдорон ва андозаи маоши онҳо кам карда шуд. Амир Низом кӯшиш мекард, ки истиқлолияти миллии



147. Мирзо Тақихон

Эронро мустаҳкам ва ба тараққиёти саноати (фабрикаю заводҳо) миллӣ ибтидо гузорад.

Вале нерӯҳои иртиҷоӣ, ки онҳоро модари шоҳ, англисҳо ва роҳбари рӯҳониёни Теҳрон дастгирӣ мекарданд, тавонистанд, ки Насриддиншоҳро ба тарафи худ кашанд. Дар охири соли 1851 Мирзо Тақихон аввал аз вазифаи садри аъзам сабукдӯш карда мешавад. Баъд ислоҳоти ӯ бекор ва ниҳоят худашро ба қатл расониданд.

**Ҷанги Англияю Эрон дар солҳои 1856 – 1857.** Ҳангоми ҷанги Қрим (солҳои 1853-1856) рақобати Англияю Русия дар қитъаи Осиё ниҳоят тезу тунд мешавад. Англия ният дошт, ки Русияро аз Қафқоз танг намуда, ба он имконият надиҳад, ки Осиёи Марказиро забт намояд. Англия мекӯшид, ки ҳокимияти худро дар Ҳиндустон мустаҳкам намуда, Эронро ба худ тобеъ ва аморати Бухорою хонигариҳои Қӯқанду Хеваро забт кунад.

Дар ҷанги Қрим банд будани Англияро шоҳи Эрон истифода бурда, қарор дод, ки Ҳиротро забт кунад ва нагузорад, ки онро шоҳи Афғонистон Дӯстмуҳаммад ва англисҳо ишғол намоянд. Бо ин мақсад лашкари Эрон шаҳри Ҳиротро муҳосира намуд. Ҷавобан ба ин 1 ноябри соли 1856 Англия ба муқобили Эрон ҷанг эълон мекунад. 4 декабр артиши англисҳо ҷазираи Корк ва 10 декабр бандари Буширро ишғол намуда, ба сӯи Шероз ҳаракат мекунанд. Вале онро гирифта наметавонанд. Моҳи марти соли 1857 англисҳо бандари Хуррамшаҳр ва 1 апрел шаҳри Ахвозро ишғол мекунанд. Вале дар Ҳиндустон шӯриши сипоҳиён ба амал омад. Чунин вазъият англисҳоро маҷбур сохт, ки ҷангро бо Эрон қатъ кунанд. 4 марти соли 1857 дар шаҳри Париж созишномаи сулҳ байни Эрон ва Англия ба имзо мерасад. Мувофиқи он шоҳ ӯҳдадор шуд, ки қӯшуни Эронро аз Ҳирот ва Афғонистон баро-



148. Теҳрон дар замони салтанати Коҷорҳо. Яке аз дарвозаҳои шаҳр

варда, истиқлолияти онҳоро эътироф намояд. Англия бошад, ӯҳдадор шуд, ки артиши худро аз Эрон бозмехонад. Соли 1857 **муносибатҳои дипломатӣ** байни Эрон ва Англия аз нав барқарор карда шуданд.

Дар ҷанги солҳои 1856-1857 Эрон аз Англия шикаст хӯрда, ба **давлати ниммустамлика** табдил меёбад.

***Ҳуҷҷатҳо***

***1. Аз тахт фаровардани сулолаи Сафавиҳо***
***(Порае аз «Шагогакан»-и Акоп Шемахетс. с.1743)***

*Бояд гуфт, ки соли 1170-и солшумории арманӣ (с.1721-и солшумории милодӣ авгонҳо (афгонҳо) аз Қандаҳор бо қувваи бузург зада даромада, аз шоҳ Султон Ҳусейн пойтахти ӯ – Исфаҳонро кашида гирифтанд ва шаҳрҳои зиёди ин мамлакатро ба даст даровараданд...*

*Ҳамсояҳои бадхоҳи шоҳи форсҳо бархеста, вилояту шаҳрҳои форсро забт карданд ва ҳамин тариқ қизилбошиҳо талафоти калон доданд.*

*Вале яке аз писарони шоҳ султон Ҳусейн, ки Тамас (Таҳмосп) ном дошт, аз дасти афгонҳо гурехта, ба шаҳри Машҳади Хуросон меояд. Ӯ қизилбошиҳои он ҷоро гун карда, аз болои онҳо фармонфармоӣ мекунад. Тамас марди бобарор, қобилиятнок ва ҷасуреро аз вилояти Баварти Хуросон, ки Нодирқулӣ ном дошт, сардори лашкари гункардаи худ таъин мекунад.*

*Нодир баъди якчанд рӯз тайёрии хуб дида, бо лашкари калон ба ҷониби Шероз ҳаракат карда, онро бо ҳамроҳии ҳамаи шаҳрҳои ин мамлакат забт мекунад.*

*Ӯ аз он ҷо ба Ҳамадон, Урмия ва Кирмоншоҳ рафт ва ин шаҳрҳою вилоятҳои онҳоро аз авгонҳо (афғонҳо) кашида гирифт. Баъд ба Табрез рафта, онро ҳам аз они худ кард. Ардабилро низ ҳамин тариқ ба даст даровард. Нодир аз Табрез ба Хуросон омада, дар роҳ шаҳри авгонҳо - Ҳиротро муҳосира карда, онро ба худ таслим намуд.*

*Вақте ки (Нодир) ин қадар шаҳру вилоятҳоро забт кард, корҳои ӯ пеш рафтанд ва пуриқтидор шуд. Баъди ин бар зидди шоҳ Тамас (Таҳмосп) ба душмании маккорона даст зад... ӯро ба шаҳри Сабзавори Хуросон фиристонид ва фармуд, ки посбонӣ кунанд...Ин воқеа бисту дуюми августи соли 1181 (1732) - и солшумории мо ба вуқуъ пайвастааст...*

**2. Аз созишномаи Англияю Эрони соли 1814.**

*Моддаи 1. Ҳукумати Форс худро ӯҳдадор меҳисобад, эълон намояд, ки баъди ба имзо расидани созишномаи хотимавии мазкур ҳар гуна иттифоқе, ки бо давлатҳои Аврупоии нисбати Британияи Кабир дар ҳолати душманона қарордошта баста шудаанд, беэътибор дониста мешаванд; (ҳукумати Форс) ваъда медиҳад, ки ба лашкари ягон мамлакати аврупоӣ иҷозат намедиҳад, ки на ба хоки Форс қадам гузорад ва тавассути он ба тарафи Ҳиндустон раҳсипор шаванд, на ба ягон бандари ин давлат иҷозат медиҳад ва инчунин ӯҳдадор мешавад, ки ба лашкари ягонтои се давлати аврупоие, ки нияти ба Ҳиндустон зада даромадан доранд ва ё душмани Англия мебошанд, иҷозат намедиҳад, ки ба қаламрави Форс дароянд.*

*Агар ягон давлат аз тариқи Хоразм, Тотористон, Бухоро, Самарқанд ва тавассути ягон роҳи дигар ба Ҳиндустон зада даромаданӣ шавад, пас аълоҳазрати Форс ӯҳдадор мешавад ба садрҳо ва ҳокимони он мамлакатҳо фаҳмонад, ки онҳо то он дараҷае, ки имконият доранд, ба чунин зада даромадан аз тариқи қувваи силоҳ таҳдид кардан ва ё ки ба воситаҳои осоишта монеъ шаванд.*

*Моддаи 3. Мақсади созишномаи мазкур қатъиян мудофиавӣ буда, мазмуни он тавассути ёрии тарафайн мустаҳкам ва пурзӯр кунонидани ҳарду давлат мебошад ва ин созишнома танҳо бо мақсади зада гардонидани таҷовузи душман баста мешавад; ибораи «таҷовуз» дар созишномаи мазкур маънои ҳуҷум ба қаламрави давлати дигарро дорад. Сарҳадҳои қаламрави ҳарду давлат - Русия ва Форс -бояд бо ризоияти Британияи Кабир, Форс ва Русия муайян карда шаванд.*

*Моддаи 4. ...Дар сурати ба Форс зада даромадани ягон давлати аврупоӣ агар ҳукумати Форс аз англисҳо ёрӣ пурсад, пас генерал-губернатори Ҳиндустон аз номи Британияи Кабир хоҳиши ҳукумати Форсро қонеъ кунонида, аз Ҳиндустон лашкар... мефиристонад...*

*Моддаи 5. Агар ҳукумати Форс дар қӯшунҳои худ майли ҷорӣ кардани интизоми аврупоиро дошта бошад, пас он бе ягон маҳдудият метавонад барои ин мақсад афсарҳоро ба хизмат бигирад.*

*Моддаи 8. Дар сурате, ки агар Афғонҳо ба муқобили Англия ҷанг оғоз кунанд, аълоҳазрати Форс ӯҳдадор мешавад, ки ба муқобили афғонҳо*

*ҳамон қадар лашкар ва ҳамон тавре равон мекунад, ки бо ҳукумати Англия мувофиқат ба даст оварда шудааст. Хароҷоти ин лашкарро Англия ба ӯҳда мегирад.*

*Моддаи 9. Агар ҷанг дар байни афғонҳо ва форсҳо эълон гардад, пас ҳукумати Англия то барои барқарор кардани сулҳ ба миёнарав майлу хоҳиш пайдо намудани ҳарду тараф ба корҳои онҳо дахолат намекунад.*

*Моддаи 11. Агар аълоҳазрати Форс дар халиҷи Форс аз ҳукумати Англия ёрӣ пурсад, он ба ӯ киштиҳои ҳарбӣ ва лашкар медиҳад ба шарте, ки ин кор қулай ва дар амал иҷрошаванда бошад. Хароҷоти ин экспедитсияро бояд ҳисобу китоб кард ва он аз тарафи ҳукумати Форс пардохта мешавад; киштиҳои дар боло номбаршуда ба ҳамон бандарҳое лангар мепартоянд, ки ҳукумати Форс нишон диҳад.*

*25 ноябри соли 1814.*

**Савол ва супоришҳо:** 1. Коҷорҳо дар Эрон чӣ тавр ба сари ҳокимият омаданд? **2**. Дар бораи сохти иҷтимоию иқтисодии Эрони асри XVIII маълумот диҳед. **3**. Дар бораи муносибатҳои байни Эрон ва Англия чӣ гуфта метавонед? **4**. Русия барои дар Эрон ва Қафқоз мавқеъ пайдо намудан бо Эрон чӣ тавр мубориза мебурд? **5**. Сиёсати Англия, Фаронса ва Русия бо Эрон ягон фарқе дошт? **6**. Чаро масъалаи Ҳирот ба миён омад, оё он ҳалли худро ёфт? Ҳирот ба сиёсати Англия дар Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ чӣ муносибат дорад? **7**. Дар муносибатҳои Эрон бо Англия, Фаронса ва Русия чаро ҳайати иттифоқчиён тез-тез тағйир меёфтанд? Оё ба ин вазъияти байналхалқии ҳамон замон таъсир расонида метавонист? **8**. Сармояи мамлакатҳои хориҷӣ чӣ тавр ба Эрон ворид мегардид? **9**. Оё Англия ба корҳои дохилии Эрон дахолат мекард? **10**. Дар бораи шӯриши Бобиён дар Эрон фикри худро баён кунед. **11**. Моҳияти ислоҳоти амир Низомро фаҳмонед. Киҳо ба татбиқи ислоҳоти амир Низом монеъ шуданд? **12**. Сабабҳо ва натиҷаи ҷанги Англияю Эрони солҳои 1856-1857-ро шарҳ диҳед. **13**. Аз мазмуни ҳуҷҷат хулоса бароред. **14**. Дар бораи мавзӯъ хулосаҳои худро баён кунед.

## §41. МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Давлати Ҷониён.** Соли 1599 дар Осиёи Марказӣ ба ҷои сулолаи Шайбониҳо ҳокимият ба дасти сулолаи Ҷониён гузашт. Асосгузори ин сулола Ҷонимуҳаммад аз авлоди хони Аштархон буд. Аз ҳамин сабаб сулолаи мазкурро Ҷониён ва ё Аштархониён номидаанд. Ҷонимуҳаммад баъди ба Русия ҳамроҳ карда шудани Аштархон (соли 1556) маҷбур мешавад, ки ба Бухоро фирор кунад. Дар ин ҷо ӯ соҳиби мартабаи баланд шуда, дере нагузашта ҳокимиятро ба даст медарорад.

Давлати Ҷониён ба таври бояду шояд мутамарказ ва мустаҳкам набуд. Ба Ҷониёни аввал, махсусан ба Имомқулихон (1611-1642) муяссар гардид, ки ҳуҷумҳои лашкари Эронро зада гардо-

нида, фишори қазоқҳоро бартараф намояд ва аз онҳо шаҳри Тошкентро кашида гирад. Имомқулихон дастаҳои қароқалпоқҳо ва қалмиқҳои ба қаламрави давлати Ҷониён хавфнокро торумор намуд. Бо вуҷуди ин дар ибтидо лашкари Ҷониён ба муқобили империяи Муғулҳои Бузург истодагарӣ карда натавонист. Ба онҳо муяссар шуд, ки аз Ҷониён шаҳри Балхро бигиранд. Баъди чандин соли мубориза Абдуллохони Ҷонӣ тавонист, ки ин шаҳрро аз нав ба давлати худ ҳамроҳ намояд. Ба қаламрави давлати Ҷониён хевагиҳо низ тохту тоз мекарданд. Онҳо ҳатто шаҳрҳои Бухоро ва Самарқандро ба даст дароварда буданд. Самарқандиҳо дар аввал хони Хеваро ҳамчун шоҳи худ эътироф карданд, вале баъди чанде онҳоро шикаст дода, аз шаҳр пеш карданд. Барои хиёнаташон самарқандиҳо ба Ҷониён маблағи калони товони ҷанг доданд.

Дар оғози асри XVIII ашрофони қабилаҳо пурқувват мешаванд ва муборизаи байни онҳо барои ҳокимият авҷ мегирад. Ин тамоил давлати Ҷониёнро заиф гардонид. Убайдуллохон (1702-1711) охирин шоҳи давлати Ҷониён буд, ки барои муттаҳид кардани ҳокимияти давлатӣ ҷидду ҷаҳд намуд. Бо ин мақсад қисми заминҳои аз тарафи Шайбониён тӯҳфакардаро ба давлат баргардонид, масоҳати замини рӯҳониёнро маҳдуд карда, ба вазифаҳои баланди давлатӣ ашхоси ғайри ашрофро таъин намуд. Убайдуллохон ислоҳоти пулӣ гузаронид. Мувофиқи фармони ӯ тангаҳои нуқрагие сикка зада шуданд, ки қурби онҳо ба қурби тангаҳои қаблан сикказадашуда баробар, вале вазнашон аз онҳо чор маротиба сабуктар буд. Аз чунин ислоҳоти пулӣ бисёр тарафдорони ӯ зарар дида, аз вай рӯй гардониданд. Убайдуллохон яккаю танҳо монд ва дар сӯиқасд кушта шуд.

Фарғона аз давлати Ҷониён ҳанӯз дар охирҳои асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII ҷудо шуд. Дар Балх ва Бадахшон, ки аз вилоятҳои калонтарини давлати Ҷониён буданд, ҳокимияти сулолаҳои нав барпо гардиданд. Соли 1722 дар Самарқанд як гурӯҳ ашрофон хони худро ба сари ҳокимият шинониданд ва қазоқҳоро барои ишғоли Бухоро ба ёрӣ даъват намуданд. Қазоқҳо дар зарфи 7 сол водии Зарафшонро талаву тороҷ карданд.

Тахминан дар миёнаҳои асри XVIII дар Осиёи Марказӣ якчанд давлатҳои феодалӣ –хониҳо ва вилоятҳои мустақил ташкил ёфтанд. Хониҳои Бухоро, Қӯқанд ва Хева калонтарини онҳо ба ҳисоб мерафтанд. Ӯротеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Қубодиён, Ургут, Қаршӣ, Шаҳрисабз, Қаротегин, Дарвоз ва баъзе шаҳру вилоятҳои дигар низ мустақил шуда, ба ягон хонии дигар итоат намекарданд. Дар ин вақт дар Осиёи Марказӣ парокандагии сиёсӣ ҳукмрон буд.

Ҳокимони маҳаллӣ кӯшиш мекарданд, ки барои қаламрави худ истиқлолият ба даст дароранд. Бинобар ин ба хониҳои навташкилёфта лозим меомад, ки ҳокимони саркаши маҳаллиро бо роҳи зӯрӣ мутеъ гардонанд.

**Хониҳои Бухоро ва Қӯқанд.** Ҳангоме ки давлати Ҷониён пурра рӯ ба таназзул ниҳод, дар Эрон Нодиршоҳ (1729-1747) ба тахту тоҷи подшоҳӣ соҳиб мешавад. Баъд аз ба тахти подшоҳӣ нишастан Нодиршоҳ ҳокимияти худро мустаҳкам карда, сипас ҷангҳои истилогаронаро оғоз намуд, ки он то ба пойтахти империяи Муғулҳои Бузург – шаҳри Деҳлӣ рафта мерасад. Нодиршоҳ соли 1740 ба Мовароуннаҳр лашкар мекашад. Ашрофони Бухоро ба Абдулфайзхон хиёнат карда, ба тарафи Нодиршоҳ гузаштанд. Абулфайзхони яккаю танҳо ба пешвози Нодиршоҳ баромада, изҳори садоқат мекунад. Нодиршоҳ Абулфайзхонро аз вазифааш сабукдӯш накард, вале дар хонии Бухоро намояндаи яке аз сулолаҳои ӯзбекҳои манғитӣ –Муҳаммад Раҳимро ба сари қудрат овард. Дар Бухоро дуҳокимиятӣ дуру дароз давом карда наметавонист. Аз ин рӯ, соли 1747 Муҳаммад Раҳим Абулфайзхонро ба қатл расонида, асосгузори сулолаи хонҳои манғитии Бухоро мешавад.

Баробари ба тахти хонии Бухоро нишастан Муҳаммад Раҳим барои марказонидани он шурӯъ мекунад. Дар ин кор ӯро ашрофон, тоҷирону косибон дастгирӣ карданд, зеро онҳо ба таъмини бехатарии ҷомеа ва барҳам хӯрдани ҷангҳои байниҳамдигарии харобиовари ҳокимони марказию маҳаллӣ манфиатдор буданд. Дар замони ҳукмронии Муҳаммад Раҳим мутамарказ гардидани мамлакат ба охир нарасид. Валиаҳди ӯ Дониёлбӣ (1758-1785) кори Муҳаммад Раҳимро давом дод. Ҳарчанд Дониёлбӣ дар ин кор муваффақият дошт, вале ба ӯ низ муяссар нагардид, ки хонии мутамаркази Бухороро ташкил бидиҳад. Муваффақияти ин кор ба сиёсати дохилии мамлакат вобаста буд. Зеро дар тӯли даҳсолаҳои зиёд иқтисодиёти мамлакат аз ҳад зиёд хароб гардида, қувваи ҳокимияти марказиро суст карда буд. Аз ин сабаб Шоҳмурод (1785-1800) ҳукмронии худро дар хонии Бухоро аз **ислоҳоти иқтисодӣ** оғоз намуд. **Ислоҳоти молиявии** Шоҳмурод сазовори таваҷҷӯҳ аст. Он манфиатҳои тоҷирон, косибон ва кишоварзонро ифода менамуд.

Шоҳмурод ғайр аз ин додгоҳро ба низом даровард. Рӯҳониёнро ба тарафи худ ҷалб намуд. Барои ин кор ҳуҷҷатҳои аз эътибор соқитшудаи вақфро аз нав барқарор кард. Ба ташкили артиш диққати ҷиддӣ дод.

Ба хотири дар байни мардуми мусулмон баланд гардидани обрӯи худ унвони амириро қабул кард. Чунин чораҳо ба Шоҳмурод имкон дод, ки аморати Бухороро пурқувват гардонад. Хонии Бухоро ба аморати Бухоро табдил ёфт. Ин ислоҳот имкон дод, ки аксарияти вилоятҳои саркаш ҳокимияти ӯро эътироф кунанд.

Барои васеъ кардани қаламрави аморати Бухоро чораҳои ҷадид андешид. Шоҳмурод лозим донист, ки барои ба Аморати Бухоро тобеъ намудани заминҳои назди дарёи Аму ба муқобили Афғонистон мубориза барад. Соли 1752 бо Афғонистон созишномаи сулҳ баста шуд. Мувофиқи ин созишнома мулкҳои назди дарёи Аму ба аморати Бухоро ҳамроҳ карда шуданд.

Вақте ки манғитиҳо хонии Бухороро ба даст дароварда, онро мустаҳкам ва васеъ карданд, хонии Қӯқанд ҳам боло рафт. Аз оғози асри XVIII сар карда дар он ҷо хонҳои сулолаи Минг ҳукмронӣ мекарданд. Ин хонӣ асосан қаламрави Фарғонаро дарбар мегирифт. Вале дар оғози асри XIX он аз қаламрави вилоят берун баромада, дар масофаи садҳо километр доман паҳн кард.

Мингҳо низ барои мутамарказ кардани хонии Қӯқанд мубориза мебурданд. Дар ин мубориза онҳо ба манфиатҳои амирони манғитӣ рӯ ба рӯ омаданд.

Дар нимаи дуюми асри XVIII хонҳои Қӯқанд барои мулкҳои хурд бар зидди хонии Бухоро тез-тез ба ҷанг медаромаданд. Ҷангҳои хунин байни онҳо, махсусан, барои Ҷиззах, Ӯротеппа ва Хуҷанд ба амал меомаданд. Ин ҷангҳо зиёда аз 50 сол давом карданд. Дар муддати 20 соли аввал ба ягон тараф муяссар нашуд, ки рақиби худро мағлуб гардонад. Бинобар ин амири Бухоро Ҳайдар ва хони Қӯқанд Умар маҷбур мешаванд, ки амалиётҳои ҷангиро катъ карда «сулҳи абадӣ» банданд. Онҳо ҳатто ба ворисони кунунию ояндаи худ васият карданд, ки ин созишномаи сулҳро «муқаддас» шуморида, ба вайроншавии он роҳ надиҳанд. Лекин хони ояндаи Қӯқанд Муҳаммадалӣ (1822-1842) ва амири Бухоро Насрулло (1826-1860) байни худ барои Хуҷанд, Ӯротеппа ва мулкҳои дигар ҷангҳои хунинро аз нав оғоз намуданд. Дар охири соли 1842 амир Насрулло Қӯқандро забт карда, Муҳаммадалӣ ва аҳли оилаи ӯро ба қатл мерасонад. Шаҳри Ӯротеппа ба аморати Бухоро ҳамроҳ карда мешавад.

**Идораи давлатӣ дар хониҳои Бухоро ва Қӯқанд.** Дар ин хониҳо муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буданд. Қӯқанд ва Хеваро хонҳо, аморати Бухороро то соли 1785 хонҳо ва баъди он амирон идора мекарданд. Ҳокимияти онҳо меросӣ ва номаҳдуд буд. Дар ин хониҳо вазифаҳои давлатӣ бо номҳои гуногун истифода шаванд

ҳам, мазмуни кори онҳо якхела буд. Дар Бухоро ҳокимияти олии маъмурӣ дар дасти қушбегӣ, дар Қӯқанд дар дасти мингбошӣ буд. Онҳо корҳои маъмурӣ ва хоҷагиро иҷро менамуданд. Ҳокимони шаҳру вилоятҳо аз хешу табор ва наздикони амир ва хонҳо таъин карда мешуданд. Дар Ӯротеппа ва Нов онро ҳоким, дар Тошкент бегларбек, дар Ҳисор бек, дар Мастчоҳ мир ва дар Дарвоз шоҳ меномиданд. Дар деҳоти Бухоро ва Қӯқанд бошад, ҳокимият ба амлокдор тааллуқ дошт.

Ҳар як хонӣ қозикалон ва шаҳру вилоятҳо қозиҳои худро доштанд. Қозиҳои шаҳру вилоятҳо ба қозикалон итоат мекарданд. Баъди қозикалон раис шахси дуюмин буд. Ӯ дар кори тартиботи шаҳру деҳот, бозорҳо, аниқии ченакҳо ва аз тарафи мардуми мусулмон иҷро кардани намозу рӯза ва корҳои шариат назорат менамуд.

Кучманчиёнро сарварони авлод ё қабила, ки онҳоро бек ва ё бий меномиданд, идора мекарданд. Бекҳо ва ё бийҳо дар байни ҳамқавмҳои худ обрӯй ва эътибори калон доштанд.

Рӯҳониён дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мақоми калон дошта, дар тарбияи мардум, аз он ҷумла ҷавонон, тозагии ахлок, корҳои марбут ба маориф ва додгоҳ мақоми муҳими давлатиро иҷро менамуданд.

**Иқтисодиёти хониҳо ва аморати Бухоро**. Дар аморати Бухоро ва хонигариҳои Қӯқанд ва Хева сифати олоти меҳнати кишоварзӣ қариб тағйир наёфта буд. Кишоварзон мисли пештара заминро бо ҷуфти гов шудгор мекарданд. Дар натиҷаи ҷангҳои байни хониҳо аксарияти иншоотҳои обёрикунанда аз кор баромада буданд. Танҳо дар миёнаҳои асри XIX қисме аз онҳоро аз нав ба кор дароварданд.

Замин дар аморати Бухоро ва хониҳои Осиёи Марказӣ асосан ба давлат тааллуқ дошт. Дар он кишоварзон кор карда, ба давлат хироҷ медоданд. Як қисми замин барои хизмат ба амалдорон дода мешуд. Ин заминҳо аз хироҷ озод буданд ва мулки ҳурри холис номида мешуданд. Заминҳои вақф дар ихтиёри масҷидҳо буданд. Кишоварзон заминро аз давлат, заминдорон ва масҷидҳо ба иҷора мегирифтанд ва миқдори муайяни ҳосилро ба соҳибони замин месупориданд. Қисме аз деҳқонон соҳиби қитъаҳои замин ҳам буданд. Ҳанӯз ҳунармандӣ ба таври пурра аз кишоварзӣ ҷудо нашуда буд. Як қисми косибон ғайр аз касби асосиашон ба кишоварзӣ низ машғул буданд. Дар Осиёи Марказӣ истеҳсоли дастии тилло, нуқра, мис, оҳан, сурб, поруи маъданӣ ва ғайра ба роҳ монда шуда буд. Ин машғулияти косибон таърихи чандинасра дошт.



149. Коргарони яке аз аввалин заводҳои пахтатозакунӣ

Дар баробари истеҳсолоти косибӣ алоқаҳои тиҷоратӣ низ пеш мерафтанд. Тиҷорати дохилии хониҳо ва аморат асосан дар байни шаҳрҳо сурат мегирифт. Тоҷирони калон молҳоро аз як шаҳр ба шаҳри дигар яклухт бурда мефурӯхтанд. Шаҳрҳо ба истеҳсоли молҳои алоҳида махсус гардида буданд. Масалан, Хуҷанд бештар калобаҳои абрешимӣ ва газвор истеҳсол мекард, Ҳисор шамшеру найза, Ӯротеппа корд ва рӯймолҳои пашмин, Бухоро газворҳои абрешимӣ ва ҳоказо. Аморати Бухоро ва хониҳои Осиёи Марказӣ бо давлатҳои зиёди хориҷӣ- Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Чин, Русия, Туркия, мамолики Араб ва ғайра алоқаи тиҷоратӣ доштанд. Аз солҳои 30-юми асри XIX ин давлатҳо бо Англия ҳам робитаҳои тиҷоратӣ пайдо намуданд.

Кишоварзон ба давлат хироҷ ва тоҷирон боҷ медоданд. Хазинаи давлатӣ даромади калонро аз ҳисоби хироҷ мегирифт. Мардум аз рӯи чорвои худ ба хазина закот месупориданд.

**Шаҳрҳо.** Дар асри XVII–нимаи аввали асри XIX шаҳрҳои Осиёи Марказӣ тараққӣ карданд. Шумораи аҳолии шаҳрҳо аз рушди косибӣ, бинокорӣ ва илму фарҳанги онҳо шаҳодат медиҳанд. Дар оғози асри XIX аҳолии Бухоро 70 ҳазор, Самарқанд 30 ҳазор, Хуҷанд 17 ҳазор, Ӯротеппа 12 ҳазор ва Қаршӣ 10 ҳазор нафар буданд.

Шаҳри аз ҳама калонтарини аморати Бухоро – Бухоро буд. Дар Бухоро ва шаҳрҳои дигари аморат, хониҳои Қӯқанд ва Хева бозорҳо ва корвонсаройҳои калон мавҷуд буданд. Масалан, дар миёнаҳои асри XIX дар 2 бозори Хуҷанд то 200 дӯконҳои мол-



150. Яке аз дарвозаҳои Бухоро

фурӯшию молистеҳсолкунӣ ва 5 корвонсарой мавҷуд буданд. Дар аксарияти шаҳрҳои Осиёи Марказӣ косибӣ, аз он ҷумла кулолгарӣ, чӯянрезӣ, заргарӣ, шамъбарорӣ, собунпазӣ, оҳангарӣ, дуредгарӣ, коркарди чарм ва пойафзолдӯзӣ, газвору моҳут ва абрешимбофӣ мавҷуд буданд.

Шаҳрҳои Осиёи Марказӣ марказҳои маъмурии ҳунармандӣ ва илму фарҳанг ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо таърихи бой дошта, баъзеи онҳо ба монанди Самарқанд, Бухоро, Марв, Хуҷанд, Тошкент, Қӯқанд таърихи 2000-2500 сола доранд.

**Маданият.** Дар асри XVII дар Бухоро ва Самарқанд регистонҳо сохта шуданд. Дар ин шаҳрҳо инчунин силсилаи биноҳои таъиноти маъмурию фарҳангии зебо ва боҳашамат қомат афрохтанд. Дар Бухоро ва Самарқанд санъати минётура вусъат ёфт. Китоби «Зафарнома»-и Темурро, ки соли 1628 таълиф шудааст, 12 минётура зебу зиннат медиҳанд. Онҳоро рассомон, аз он ҷумла Камолиддини Беҳзод бо рангу бори дилкашу гуворо ва бо расмҳои дар ҳолати ҳаракат тасвирёфта офаридаанд.

Дар байни шоирони асри XVII Мулҳами Бухоройӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва Сайидои Насафии Бухороӣ бо шеърҳои баландмазмуни худ маълуму машҳуранд.

Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳаёти илмию адабӣ як дараҷа бӯҳронро аз сар



151. Шаҳри Бухоро. Манораи Калон.

мегузаронд. Дар ин давра асарҳои илмӣ асосан дар мавзӯъҳои таърихӣ офарида шудаанд. Дар байни онҳо «Таърихи Раҳимхон», «Таърихи Абдулфайзхон», «Фатҳномаи Султон», «Мунтахаб-ут-таворих», «Гулшан-ул-мулк» ва «Таърихи амир Ҳайдар» буданд.

 

152. Минётур ба «Шоҳномаи»-и А.Фирдавсӣ

Муаллифони ин асарҳо худ шоҳидони воқеӣ буданд, ҳодисаҳо ва раванди таърихии замони худро хеле хуб шарҳу эзоҳ додаанд.

Аз намояндагони адабиёти ин давра Махмур, Гулханӣ, Ҳозиқ ва баъзе шоирони дигарро ном бурдан мумкин аст, ки онҳо бо асарҳои худ дар таърихи адабиёти халқи тоҷик мавқеи махсусро соҳибанд.

**Савол ва супоришҳо:** 1. Давлати Ҷониён кай ташкил ёфтааст ва он чӣ тавр барҳам хӯрд? 2. Асосгузори сулолаи манғитиён кист? Муҳаммад Раҳим кай ба сари ҳокимият омад? 3. Дар давраи кадом амир аморати Бухоро ба мамлакати мутамарказ табдил ёфт? 4. Хонҳои Қӯқанд ва аморати Бухоро барои кадом мулкҳо ҷанг мекарданд? 5. Давлатҳои Осиёи Марказӣ чӣ тавр идора карда мешуданд? Оё дар усули идораи давлат ва мақомоти идораи давлатӣ дар байни онҳо тафовуте мавҷуд буд? 6. Хусусиятҳои иқтисодии аморати Бухоро ва хониҳои Қӯқанду Хеваро баён кунед? 7. Шаҳрҳои сераҳолии Осиёи Марказиро номбар кунед? 8. Дар бораи шаҳрсозӣ, меъморӣ, санъат, илм ва адабиёти халқҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ боз чиҳоро медонед? 9. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §42-43. ТУРКИЯ

**Империяи Туркҳои Усмонӣ дар арафаи давраи нав.** Дар арафаи давраи нав Туркия аз мамлакатҳои пешқадами Аврупои Ғарбӣ ақиб монд. Вақте ки дар Англия, Ҳоландия, Швейсария, Белгия,

Италия, Фаронса ва дигар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ тартиботи сармоядорӣ муқаррар мегардид, дар Туркия ҳанӯз ҳам тартиботи феодалӣ ҳукмрон буд. Дар асрҳои XVII ва XVIII империяи Туркҳои Усмонӣ аз ҷиҳати ҳарбӣ ҳанӯз ҳам пурқувват буда, дар Аврупо, Осиё ва Африқо мулкҳои беканорро дар ихтиёри худ дошт, ба роҳҳои муҳимтарини тиҷоратӣ назорат мекард ва халқияту қабилаҳои сершуморро дар зери итоати худ нигоҳ медошт. Робитаҳои дохилии империя ба мустамликаҳои он бо сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарқияти этникию динии халқҳо хеле заиф буданд. Зулми аз ҳад зиёд ва режими ҳарбию феодалии Усмониён ба пешрафти иқтисодиёт ва маданияти халқиятҳои нисбатан пешқадами империя монеъ мешуд.

Аз Туркия пеш рафтани мамлакатҳои Аврупоро нишонаи бозистии пурраи ин давлат шуморидан комилан нодуруст аст. Навгониҳое, ки дар соҳаҳои иҷтимоию сиёсии мамлакат ба амал омаданд, аз пешрафти сохти феодалии ин давлат шаҳодат медиҳанд. Аз нимаи дуюми асри XVI сар карда, дар Туркия сохти ҷамъиятию сиёсие ташаккул меёбад, ки он ба муносибатҳои баркамоли ҷомеаи феодалӣ марбут мебошанд. Ин раванд то охирҳои асри XVIII идома меёбад.

**Бӯҳрони империяи Усмониён**. Охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX барои Туркия давраи тезутундшавии бӯҳрони иқтисодию сиёсие мебошад, ки он дар тӯли қариб дусад сол қабл аз он оғоз ёфта буд. Ба чунин вазъият воқеаҳои бузурги ду мамлакати пешқадами Аврупо –инқилоби буржуазии соли 1789 дар Фаронса ва инқилоби саноатӣ дар Англия мусоидат карданд. Инқилоби буржуазии Фаронса ба вазъияти сиёсии империяи Усмонӣ таъсири сахт расонид. Ғояҳои демократии он якдилии халқҳои мустамликаҳои Туркияро ба вуҷуд оварданд. Дар охирҳои асри XVIII тараққиёти иҷтимоию иқтисодии империяи Усмонӣ халқҳои мазлумро ба қабули ғояҳои демократӣ тайёр карда буданд. Сониян, инқилоби Фаронса буржуазияро ба сари қудрат оварда, рақобати байниҳамдигарии мустамликадорон, махсусан, Фаронса ва Англияро барои ба даст даровардани он мулкҳое, ки дар ҳайати империяи Туркҳои Усмонӣ буданд, пурзӯр намуд. Инқилоби саноатӣ дар Англия низ чунин оқибатҳо дошт.

Соҳаи асосии иқтисодиёти Туркия –зироаткорӣ дар ҳолати вазнин буд. Дар охирҳои асри XVIII талаботи давлатҳои Аврупо ба маҳсулоти кишоварзии дар империяи Усмониён истеҳсолшаванда зиёд шуд. Чунин вазъият заминдорони Туркияро водор намуд, ки истисмори кишоварзонро пурзӯр карда, ҳосили зиёд ба даст даранд. Зулми ҳокимияти давлатӣ на танҳо ба кишоварзон,



153. Муроди IV (1623-1640)



154. Иброҳимпошо (1640-1648)

балки ба косибон ва тоҷирон низ меафзуд. Аз мардум ситонидани андоз зиёд шуд. Дар баробари ин раванд давлат ба бӯҳрони молиявӣ дучор омад.

Яке аз нишонаҳои бӯҳрони Туркия ҳаракати ҷудоихоҳии феодалҳо –ҳокимони маҳаллӣ буд. Баромадҳои ҷудоихоҳии онҳо дар сар то сари мамлакат ба амал омаданд. Махсусан, дар байни онҳо баромадҳои Пазвантоғлу (пошои Видина), Алипошо Янински (пошои Албания) ва Чупоноглу (пошои Анқара) машҳуранд. Бо вуҷуди ин, фаъолияти ҷудоихоҳон барои ҳукумати Туркия хавфи калон надошт, чунки онҳо бе ёрии ҳукумати марказӣ ба муқобили халқи турк мубориза бурда наметавонистанд. Баръакс, чунин вазъият ҷудоихоҳонро бо ҳукумати Туркия ҳамфикру муттаҳид месохт.

**Сиёсати хориҷии Иброҳимпошо.** Соли 1683 артиши сершумори Туркия бо сардории вазири бузург Мустафопошо, ки ба он сарбозони савораи хони Қрим низ ҳамроҳ буданд, ба қаламрави Маҷористони Ғарбӣ ворид шуда, баъд ба ҷониби пойтахти Австрия -шаҳри Вена ҳаракат карданд. Муҳосираи Вена аз тарафи лашкари Туркия ду моҳ давом кард. Шоҳи Лаҳистон Ян Собесский аз шароити мусоид истифода бурда, 12 сентябр лашкари 25- ҳазорнафараи худро пинҳонӣ ба ёрии австриягиҳо ба Вена расонид. Сар-

бозони турк сару калобаашонро гум карда, ба ҳар тараф гурехтанд. Дар ин муҳориба онҳо аз дасти артиши Ян Собесский беш аз 20 ҳазор сарбози худро талаф доданд.

Шикасти туркҳо дар назди Вена шароит фароҳам овард, ки солҳои 1684-1686 бар зидди Туркҳои Усмонӣ аз тарафи Англия, Лаҳистон, Маҷористон, Малта ва Русия иттифоқи «Лигаи Муқаддас» ташкил карда шавад. Амалиёти ҳарбии иттифоқчиён бар зидди лашкари Туркия бомуваффақият анҷом ёфт. Туркҳо маҷбур шуданд, ки Буда, Белград ва қариб тамоми Юнони Ҷанубиро тарк намоянд. Баъди ин халқҳои Балкан барои барҳам додани зулми туркҳо ба мубориза шурӯъ карданд.

Соли 1696 лашкари Русия қалъаи Азовро соҳиб шуд. Соли 1697 лашкари Австрия артиши туркҳоро дар наздикии дарёи Тиса торумор намуд. Шикасти шармандавор Туркияро маҷбур намуд, ки бо ин давлатҳо сулҳ бандад. Мувофиқи созишномаи Карловитси (соли 1699) Австрия қариб тамоми Маҷористон, Трансилвания ва Словенияро ба даст даровард. Лаҳистон бошад, дар Украина як қисми тарафи рости дарёи Днепр, Подолия, Венетсия, Морея ва як қатор ҷазираҳои баҳри Эгейро ба худ тобеъ намуд. Туркия соли 1700 дар Константинопол бо Русия сулҳ баст. Мувофиқи он Русия мавқеи худро дар баҳри Азов мустаҳкам кард.



155. Сулаймони II (1687-1691)



156. Усмони II (1754-1757)

Иброхимпошо ҷидду ҷаҳд намуд, ки муносибатҳои Туркия бо Австрия ва Русия ба эътидол оянд. Дар сиёсати дохилӣ Иброҳимпошо қувваи худро барои беҳтар кардани вазъи молиявии мамлакат равона кард. Бо ин мақсад хароҷоти давлатиро ба артиш кам кард. Бо мақсади дарёфти сарчашмаҳои нави даромад барои қонеъ гардонидани талаботи афзудаистодаи Туркия ҳукумати Иброҳимпошо ба лашкаркашиҳои истилогаронаи нав тайёрӣ медид. Барои ба даст даровардани мулкҳои Эрон дар Қафқоз ва забти шаҳрҳои Табрез ва Кирмоншоҳ, ки марказҳои калонтарини тиҷоратӣ буданд, тайёрӣ медид.

Соли 1729 артиши лашкаркаши Эрон Нодиршоҳ қӯшуни афғонҳоро торумор кард. Иброҳимпошо аз ғалабаҳои Нодиршоҳ иттило ёфта, ҷанги дар пешистодаи зидди Эронро эълон намуд. Барои ба ин ҷанг тайёрӣ дидан аз аҳолӣ андозҳои зиёди иловагӣ талаб намуд, ки ин сиёсати Иброҳимпошо боиси норозигии омма гардид.

**Шӯриши Патрон Халил.** Охирҳои соли 1729 ва аввалҳои соли 1730 дар мамлакат андозҳои зиёд, аз он ҷумла андози ҳарбӣ ҷорӣ карда шуд. Дар рафти ғундоштани он амалдорон ба сӯистеъмол аз вазифа ва зулми халқ роҳ медоданд. Дар натиҷа халқ бенаво ва косаи сабри онҳо лабрез мешуд. Бинобар ин тирамоҳи соли 1730 дар Истамбул бо сардории Патрон Халил шӯриши калон ба амал омад. Пагоҳии барвақти 28 сентябр гурӯҳи на чандон калон дар яке аз майдонҳои шаҳр ҷамъ омаданд ва Патрон Халил парчами сабзро бардошта, мардумро ба шӯриш даъват кард. Даъвати ӯро ҷамъомадагон гарму ҷӯшон пазируфтанд.

Хабари шӯриш вазиронро ба таҳлука овард. Шӯришгарон то охири ҳамон рӯз қисми зиёди шаҳрро ба зери назорати худ даровper>варданд. Сафи шӯришгарон зиёд шуда, ба 12 ҳазор нафар расид. Корпуси **яничарҳо** ва қисми зиёди рӯҳониён низ ба тарафи шӯришгарон гузаштанд.

Мардуми ба ғазабомада қасри султонро муҳосира намуда, Султон Аҳмади III-ро маҷбур намуданд, ки ба шӯришгарон гузашт кунад. Бар замми ин ӯ маҷбур шуд, ки вазири бузург ва якчанд вазири дигарро ба истеъфо равон кунад. Султон Аҳмад рӯзи дигар маҷбур шуд, ки аз тоҷу тахти султонӣ даст кашад.

Пагоҳии 2 октябр султони нав –Маҳмуди I роҳбари шӯришгарон Патрон Халилро кабул кард. Дар вохӯрӣ бо султон Патрон Халил талаб кард, ки ҳамаи андозҳо ва боҷҳои нав бекор карда шаванд. Маҳмуди I талаби шӯришгаронро ҳамон замон қонеъ кард. Вале баъди чанде дар сафи иштирокчиёни шӯриш ҷудоӣ ба амал омад, зеро қисме аз онҳо, махсусан **яничарҳои касбӣ** аз ҳайати

шӯришчиён баромада, Маҳмуди I-ро дастгирӣ карданд. Дарбориёни султон аз ин истифода намуда, нерӯҳои худро барои ба шӯриш зарба задан тайёр карданд ва 25 ноябри соли 1730 18 роҳбари бесилоҳи шӯришгаронро бо сардории Патрон Халил бо баҳонаи маҷлиси девон ба қаср даъват намуда, ба қатл расониданд.

Султон фармон баровард, ки барои сари ҳар як иштирокчии шӯриш 50 куруш мукофот дода шавад. Мувофиқи ин фармон аз 4 то 7 ҳазор нафар шӯришчиён қатл карда шуданд. Ҳамин тариқ, шӯриши Патрон Халил шикаст хӯрд.

**Ислоҳоти Салими III.** Мухолифатҳои дохилӣ, ҷудоихоҳии феодалҳо ва болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ аз як тараф, бадшавии вазъи байналхалқии Туркия аз ҷониби дигар, барои доираҳои ҳукмрони мамлакат ҳолати хавфнокро ба вуҷуд оварданд. Дар чунин вазъияти ногувор онҳо, махсусан, ба лашкари дорои қобилияти баланди ҷангӣ ниёз доштанд. Артиши мавҷудаи Туркия хеле заиф ва ба ин талабот ҷавоб дода наметавонист.

Соли 1791 Султон Салими III бо роҳбарони баландмақом ва рӯҳониёни мамлакат ҷаласае доир гардонида, роҳҳои беҳтар кардани вазъи мамлакатро ҳаллу фасл намуд. Дар ҷаласа асосан оид ба бад будани вазъи артиш ва дигаргун намудани сохтори он таклифҳо пешниҳод гардиданд. Дар солҳои 1792-1793 Салими IV



157. Салими III (1789-1807)



158. Маҳмуди II (1808-1839)

ба ислохот шурӯъ намуд, ки он дар таърих номи **«Низоми чадид»**-ро гирифтааст. Мувофиқи фармони султон ашхосе, ки **ӯҳдадориҳои ҳарбиро** ичро намекард, замини вай мусодира карда мешуд. Ин фармон ташкили корпуси ҳарбии аврупоинизом ва хазинаи махсуси маблағгузории ислоҳотро дар назар дошт. Ислоҳоти ҳарбии артиши Туркия дар зери роҳбарии **мутахассисони ҳарбии** Фаронса ба амал бароварда мешуд.

Ислоҳоти «Низоми чадид» бояд натичаи хуб медод, лекин унсурҳои муҳофизакор (консервативӣ), ки асосан ба яничарҳо такя мекарданд, ба он муқобилияти сахт нишон доданд. Соли 1805 яничарҳо шӯриш бардоштанд. Он аввал дар қисмати аврупоии Туркия оғоз ёфта, баъд ба Истамбул гузашт. Дар вазъияти ҳалкунанда Салими III бечуръатӣ зоҳир намуд. Ӯ фармони худро дар бораи ислоҳоти ҳарбӣ бекор ва корпуси навро пароканда кард. Вале ин чораҳо ҳокимияти ӯро начот дода натавонистанд. 29 майи соли 1807 Салими III аз тахти султонӣ маҳрум карда шуд. Ҷонибдори ӯ Мустафопошо Байрақтар Истамбулро ба даст даровардa, хост, ки тахти султониро ба Салими III баргардонида, ислоҳотро аз нав дар амал татбиқ намояд. Валиаҳди Салими III Мустафои IV аз тарси тахту точро аз даст додан, фармон дод, ки Салими III-ро буғӣ кунанд. Бо вучуди ин Мустафои IV аз тахти султонӣ маҳрум карда мешавад. Байрақтар ва ҷонибдорони ӯ 28 июли соли 1808 **ба тахти султонии Туркия** Маҳмуди II-ро шинониданд. Кӯшиши Байрақтар оид ба татбиқи ислоҳот бенатича анчом ёфт.

Сабаби асосии бебарории ислоҳоти Салими III дар он буд, ки ӯ хост артиши Туркияро мисли артиши давлатҳои буржуазии Аврупо аз нав сохта, асосҳои сохти феодалии империяи Усмониро нигоҳ дорад.

**Сиёсати хоричии Туркия дар охирҳои асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX.** Пурзӯршавии рақобат байни Англия ва Фаронса ба тезу тундшавии муносибатҳои байналхалқӣ оварда расонид. Дар давраи аввал муносибатҳои байни Бонапарт Наполеон ва Салими III душманона буданд. Наполеон намехост, ки мақоми Англияро дар Шарқи Наздик суст кунад. Барои ҳамин ба Миср, ки он яке аз мулкҳои арабии Туркия буд, ворид шуд, вале он бебарор анчом ёфт. Флоти англисҳо дар наздикии Абукираи шарқтари Искандария флоти Фаронсаро торумор кард. Дар Сурия лашкари Фаронса дар наздикии Акка боз дошта шуд. Он маҷбур шуд, ки ба Миср баргардад. Сиёсати зиддитуркии Бонапарт Наполеон Туркияро бо мухолифони Фаронса, аз он чумла бо Русия наздик кард. Бо хоҳиши Салими III эскадраи русҳо ба ёрии туркҳо омад. Эскадраи Фаронса дар баҳри Ион чойгир буд. 3 январи соли

1799 дар Истамбул Туркия бо Русия созишномаи ҳарбӣ баст. Қувваҳои муттаҳидаи баҳрии русҳо ва туркҳо фаронсавиҳоро маҷбур сохтанд, ки ҷазираҳои баҳри Ионро тарк намоянд. Солҳои 1800, 1802 ва 1805 дар байни Туркия ва Русия шартномаҳои дигар баста шуданд, ки онҳо дар масъалаи ҷазираҳои баҳри Ион, князиҳои Молдова ва Валахия муносибатҳои ин ду давлатро танзим карданд. Сарфи назар аз ин дӯстии Туркияю Русия дер давом накард. Ҳукмронии русҳо дар Молдова ва Валахия дар Туркия норозигӣ ба вуҷуд овард. Соли 1805 вақте ки лашкари Русия дар наздикии Аустерлитс шикаст хӯрд, муносибатҳои байни Туркия ва Фаронса аз нав барқарор шуданд. Муносибатҳои байни Туркия ва Русия сард гардида, оқибат ба ҷанг овард. Ин ҷанг солҳои 1806-1812 ба амал омад. Моҳҳои июн-октябри соли 1811 лашкари рус дар зери роҳбарии М.И.Кутузов артиши Туркияро дар Дунай торумор кард. Туркия маҷбур шуд, ки дар шаҳри Бухарест бо Русия созишномаи сулҳро имзо кунад. Дар натиҷаи ин Русия Бессарабияро ба даст даровард ва мавқеи худро дар Қафқоз то дарёи Арпачай, кӯҳҳои Оҷар ва баҳри Сиёҳ мустаҳкам кард. Молдова ва Валахия ба Туркия баргардонида шуданд.

Оғози асри XIX дар нимҷазираи Балкан бар зидди мустамликадорони Туркия ҳаракати миллию озодихоҳӣ вусъат меёбад. Соли 1821 мардуми Молдова ва Валахия дар зери роҳбарии румин Тодор Владимиреску ба муқобили туркҳо шӯриш бардоштанд. Худи ҳамон сол бар зидди туркҳо дар Юнон ҳам шӯриш ба амал омад. Соли 1822 ҳукумати миллии Юнон таъсис меёбад. Юнониҳо 5 сол истиқлолияти давлати худро муҳофизат намуданд. Ба султони Туркия Маҳмуди II (бо ёрии пошои Миср Муҳаммад Алӣ) муяссар гардид, ки Юнонро аз нав ба итоати худ баргардонад. Соли 1824 артиши Миср бо сардории писари Муҳаммад Алӣ - Иброҳимпошо ба Юнон равон карда мешавад. Ба лашкари Миср муяссар гардид, ки соли 1826 қариб тамоми Мореяро ишғол намояд. Вале вазъияти байналхалқӣ ба фоидаи юнониҳо тағйир ёфт. Туркия натавонист, ки Юнонро аз нав ба тобеъияти худ дарорад.

Ҷанги дигари Туркия бо Русия солҳои 1828-1829 ба амал омадааст. Амалиётҳои ҳарбӣ дар Балкан ва Қафқоз сурат гирифтанд. Қӯшунҳои Рус аз дарёи Прут гузашта, ба туркҳо ҳамла карданд. Дар сарҳади қафқозии Туркия низ амалиётҳои ҳарбӣ оғоз ёфтанд. Моҳи июни соли 1829 дар зери роҳбарии генерал Дибич лашкари Русия дар фронти Балкан ба лашкари Туркия шикаст дода, ба тарафи Адрианопол ҳаракат намуд. Лашкари туркҳо шикаст хурда, бетартибона ақибнишинӣ кард. Баъди ишғоли ин

шаҳр роҳ ба сӯи Истамбул кушода шуд. Ин ҷанги Туркияю Русия 28 августи соли 1829 дар қароргоҳи Дибич (воқеъ дар Адрианопол) бо бастани шартномаи сулҳ анҷом ёфт.

**Ислоҳоти Маҳмуди II.** Тараққиёти иҷтимоию иқтисодии нимаи аввали асри XIX ислоҳот дар муносибатҳои заминдорӣ ва сохтори давлатиро тақозо мекард. Ин ислоҳотро Султон Маҳмуди II дар солҳои 1831–1833 ба амал баровард. Низоми заминдории хизматчиёни ҳарбӣ бекор карда шуд. Заминҳои аз ҳарбиён мусодира кардашударо ба ихтиёри деҳқонон доданд. Қисми заминҳо, хусусан заминҳои бекорхобидаро фурӯхтанд. Ин ислоҳоти аграрӣ хеле муҳим буд. Татбиқи он то охири солҳои 40-ум идома ёфт. Бо вуҷуди камбудиҳояш ислоҳоти аграрии Маҳмуди II пешқадам буд.

Ислоҳоти дигари Маҳмуди II низ ҷолиби диққат аст. Ӯ соли 1836 низоми гумрукро ба тартиб даровард. Соли 1838 инҳисори давлатиро дар хариди гандум ва пашм бекор кард. Солҳои 1836-1837 вазоратҳои корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ ва ҳарбӣ, муассисаҳои сафоратхонаҳои доимӣ дар Париж, Вена, Лондон ва Берлинро таъсис дод. Дар бораи намуди зоҳирии амалдорони идораҳои давлатӣ низ фармони Маҳмуди II интишор мегардад. Мувофиқи фармони соли 1837 бояд риши онҳо баробари дарозии абрӯй бошад.

Мувофиқи ислоҳоти нави маъмурӣ мамлакат аз рӯи нишондодҳои қаламрав ба вилоятҳо ва вилоятҳо ба санҷақҳо (округҳо) тақсим карда шуданд. Ба онҳо амалдорони аз тарафи ҳокимияти марказӣ таъингардида роҳбарӣ мекарданд.

Мувофиқи ислоҳоти ҳарбӣ хизмат дар артиш 15 сол муқаррар гардид. Бо фармони Маҳмуди II лоиҳаи ислоҳоти навро комиссияи босалоҳияте бо сардории арбоби намоёни давлатӣ ва дипломатӣ Мустафо Рашидпошо таҳия кард. Ин шахс ғарбпараст буд. Барои ҳамин ҳам мазмуни ислоҳот моҳияти ғарбӣ дошт.

**Танзими вазъият**. Лоиҳаи ислоҳоти тайёркардаи Мустафо Рашидпошо ба султони нав Абдулмаҷид пешниҳод карда шуд. Ин ислоҳот бо номи «Хати Шариф» моҳи ноябри соли 1839 дар наздикии қароргоҳи тобистонаи султон –Гулхона (Гюлхане) ба омма эълон карда шуд. Аз ин рӯ, он «Хати Шарифи Гулхона» ном гирифт. «Хати Шарифи Гулхона» се мақсади асосии дигаргунсозиҳоро дошт: таъмини бехатарии ҳаёт, шаъну шараф ва ҳифзи моликияти тамоми раъияти империя сарфи назар аз мансубияти динию мазҳабӣ; тақсимоти дурусти андоз ва рӯёнидани он; ба тартиб даровардани сафарбаркунии рекрутӣ ба артиш ва кам кардани мӯҳлати хизмати ҳарбӣ. Вале унсурҳои иртиҷоӣ намегузоштанд, ки ислоҳоти танзими вазъият муттасил давом кунад.

Ташаббускорони санад ба татбиқи нишондодҳои он оид ба дахлнопазирии ҳаёт, моликият ва ҳифзи шаъну шарафи раъият диққати калон медоданд. Бо ин мақсад кодексҳои ҷиноӣ ва тиҷоратӣ қабул карда шуданд. Аз ҳисоби ҷамоаҳои мусулмонон ва ғайри мусулмон Шӯрои давлатӣ ва шӯроҳои маслиҳатии музофотӣ –маҷлисҳо ташкил карда шуданд. Ҳамаи ин чораҳо барои гирифтани пеши роҳи сӯистеъмолкунии амалдорон ва маҳдуд кардани мусодираи молу мулк, ҳангоми истинтоқ ба кор набурдани шиканҷа ва кам кардани ҳукми қатл мусоидат карданд. Барои солим гардонидани иқтисодиёти мамлакат Мустафо Рашид ба тағйир додани низоми андозҳо камар баст. Андозҳои фавқулодда ва коркардадиҳӣ бекор карда шуданд, андози сари касӣ аз мардуми ғайримусулмон ба низом даровarда шуд. Нисбат ба ислоҳоти соҳаҳои дигар ислоҳоти ҳарбӣ бобарортар буд. Мувофиқи он мӯҳлати хизмати рекрутӣ дар артиши мунтазам дар асоси ӯҳдадории умумии ҳарбӣ аз 15 сол то 7-8 сол фуроварда шуд.

Мустафо Рашид барои дар мамлакат паҳн гардидани низоми маорифи дунявӣ қадамҳои муҳим гузошт. Бо ташаббуси ӯ мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва омӯзишгоҳҳои дигар кушода шуданд. Онҳо дар тайёр намудани кадрҳои миллӣ саҳми калон гузоштанд.

Ҷанги Қрим дар солҳои 1853-1856 пеши роҳи фаъолияти ислоҳоти Мустафо Рашид ва тарафдорони ӯро гирифт.

Давраи аввали танзим (солҳои 1839-1853) дар соҳаҳои маъмурӣ, идораи давлатӣ, иқтисодиёт ва маданияти Туркия давраи нисбатан босуръати дигаргунсозиҳо буд. Он ба Туркия роҳ ба сӯи ҷомеаи сармоядориро кушод.

***Ҳуҷҷат***

***«Хати шарифи Гулхона (3.11.1839)»***

*Дар як саду панҷоҳ соли охир як қатор рӯйдодҳо ва сабабҳо ба он оварда расонидаанд, ки мисли пештара истифода бурдани қонунҳои муқаддас ва қоидаҳое, ки аз онҳо бармеоянд, риоя карда намешуданд…*

*…Ҳар як давлате, ки қонунҳоро риоя намекунад, ҳама гуна иқтидори худро аз даст медиҳад… Мавқеи ҷуғрофии вилоятҳои* ***Оттоман****, заминҳои ҳосилхез, қобилият ва ақли солими сокинони онҳо касро бовар мекунонад, ки агар чораҳои таъсирнок андешида шаванд, бо ёрии Худованд баъди якчанд сол натиҷаи дилхоҳ ба даст хоҳад омад. Ҳамин тариқ… мо мулоҳиза кардем, ки бо ёрии муқарраротi нав ба идораи вилоятҳо, ки империяи Оттоманро ташкил мекунанд, шароити хуб фароҳам оварем. Ин муқаррарот, хусусан бояд ба се тараф дахл дошта бошанд. 1. Таъмин намудани амнияти пурраи ҳаёт, шаъну шараф ва моликияти раъияти мо;*

*2. Дурустӣ дар тақсим ва рӯёнидани андозҳо; 3. Ба низом даровардани ба хизмати ҳарбӣ гирифтан ва мӯҳлати он...*

*...Ҳар он касе, ки ба муқаррароти мазкур муқобилият нишон медиҳад, гирифтори лаънати Худованд шуда, аз бахту саодат абадӣ маҳрум мешавад.*

**?** Савол ва супоришҳо: **1**. Бӯҳрони империяи Усмонӣ дар охирҳои асри XVIII дар чӣ ифода ёфтааст? **2**. Сиёсати хориҷии Иброҳимпошо дар кадом воқеаҳо инъикос ёфтааст? **3**. Дар бораи сабабҳо, рафт ва шикасти шӯриши Патрон Халил нақл кунед. Чаро ин шӯриш бемуваффақият анҷом ёфт? **4**. Кадом ҷиҳатҳои ислоҳоти Салими III ба Шумо маъқул шуданд? **5**. Дар бораи сиёсати хориҷии Туркияи охирҳои асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX нақл кунед. Аз он ҷо чӣ хулоса баровардан мумкин аст? **6**. Моҳияти ислоҳоти Маҳмуди II-ро фаҳмонед? **7**. Дар бораи ислоҳоте, ки «Танзим» номида шудааст, маълумот диҳед. Чаро онро «Хати Шариф» ва ё «Хати Шарифи Гулхона» меноманд? **8**. «Хати Шарифи Гулхона» чӣ мақсадҳо дошт? **9**. Аз таърихи нимаи дуюми асри XVII ва нимаи аввали асри XIX Туркия чӣ хулосаҳо баровардед? **10**. Шахсиятҳои машҳури Туркияи Усмониро номбар кунед. **11**. Кадом шахсияти таърихии Туркия таваҷҷӯҳи шуморо бештар ба худ ҷалб намуд ва барои чӣ? **12**. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ V
# МАМЛАКАТҲОИ АРАБИ ОСИЁ ВА АФРИҚО

## §44-45. МАМЛАКАТҲОИ АРАБ

Дар байни мамлакатҳои Араб, ки аз тарафи истилогарони Турк ишғол карда шуда буданд: Сурия, Лубнон, Фаластин, Ироқ, Ҳиҷоз, Миср, Триполи,Тунис, Алҷазоир мавқеи муҳим доштанд. Онҳоро империяи Усмониён ҳанӯз дар асри XVI ба худ тобеъ карда буд. Ба туркҳо муяссар нашуд, ки Марокаш ва қисми ҷанубу шарқии нимҷазираи Арабистонро ишғол намоянд. Яман бошад, соли 1645 аз зери асорати мустамликавии Усмониён озод шуд, вале он солҳои 70-уми асри XIX бо зӯрӣ аз нав ба ҳайати империяи Усмониён дохил карда мешавад.

Аз рӯи рушди иҷтимоию иқтисодии худ вилоятҳои арабии ишғолкардаи туркҳо аз ҳамдигар фарқ доштанд. Дар байни онҳо Миср, Сурия, Лубнон ва Фаластин нисбатан пешқадамтар ва вилоятҳои нимҷазираи Арабистон, ҷануби Ироқ, Алҷазоир, Тунис ва Триполи дар дараҷаи пасттари тараққиёт меистоданд.

### Мамлакатҳои нимҷазираи Арабистон

Дар асри XVIII дар нимҷазираи Арабистон якчанд давлат вуҷуд дошт. Ҳокими шарифи Макка, ки ба сулолаи Ҳошимиён тааллуқ дошт, зоҳиран вассали Туркия ба ҳисоб мерафт. Аз нимаи дуюми асри XVIII сар карда дар Уммон султонии пурзӯри соҳибистиқлол мавҷуд буд. Қувайт ва Баҳрайн низ мустақил буданд.

Дар оғози асри XVIII дар нимҷазираи Арабистон сулолае ташаккул ёфт, ки асосгузораш Сауд (соли 1725 вафот кардааст) буд. Писари ӯ Муҳаммад (1727-1765) соли 1745 ақидаҳои ислоҳотхоҳии динии Муҳаммад ибни Абдулваҳҳобро қабул мекунад.

Ваҳҳобиён ба исломи азалӣ баргаштани мусулмононро ташвиқу тарғиб карда, хурофотҳое, ки баъдан ба дини ислом дохил гардида буданд, рад мекунанд. Онҳо эътиқодро ба худои яккаву ягона, муносибати одилонаи ҳокимонро ба раъият, бародарии мусулмонон, риояи ахлоқ ва муносибати манфӣ ба сарватмандиро тақозо мекарданд.

Таълимоти ваҳҳобиён ба парчами динии аморати Саудиён табдил ёфт. Баъди ҷангҳои дуру дароз ба Муҳаммад ва писари ӯ Абдулазиз (1765-1803) муяссар шуд, ки қисми зиёди нимҷазираи Арабистонро забт намуда, бо империяи Туркияи Усмонӣ рӯ ба рӯ шавад.



159. Шаҳри Макка

Соли 1798 ваҳҳобиён ба артиши подшоҳи Бағдод шикаст дода, хокимияти худро дар соҳилҳои халиҷи Форс васеъ намуданд. Солҳои 1802-1805 Ҳиҷоз, Макка ва Мадинаро забт намуда, баъд аз он ба Сурия ва Ироқ ворид шуданд. Ваҳҳобиён дар нимҷазираи Арабистон аморати худро ташкил карданд. Султони Туркия Маҳмуди II маҷбур шуд, ки подшоҳи Миср Муҳаммад Алиро ба ёрӣ даъват намояд. Солҳои 1811-1818 лашкари Миср, ки бо силоҳи аврупоии замонавӣ хуб мусаллаҳ буд, лашкари ваҳҳобиёнро торумор кард ва давлати онҳоро барҳам дод. Англия барои ба худ тобеъ кардани арабҳои соҳилҳои шимолии Уммон аз чунин вазъият истифода мебарад. Шайхҳои онҳо маҷбур шуданд, ки бо Англия шартнома баста, ба итоати ин давлат дароянд. Ҳамин тавр Уммони Шартномавӣ ба миён омад.

Ба Муҳаммад Алӣ муяссар нашуд, ки ҳокимияти худро дар Арабистон мустаҳкам кунад. Соли 1820 арабҳои Наҷд алайҳи ҳокимияти туркию мисрӣ шӯриш бардоштанд. Ин шӯриш қариб 20 сол давом кард. Дар рафти он аморати ваҳҳобиён аз нав эҳё гардид. Пойтахти нави аморат шаҳри Арриёз мешавад. Соли 1840 лашкари Миср маҷбур шуд, ки Арабистонро тарк намояд.

Дар Наҷд ва Хоса ҳокимияти ваҳҳобиён, ки онро солҳои 1843-1867 Амир Файсали Саудӣ дар ихтиёри худ дошт, мустаҳкам гардид. Дар замони ҳукмронии ӯ идораи давлатии ваҳҳобиён марказонида мешавад. Соли 1867 баъди вафоти Файсал дар Наҷд ҷангҳои байниҳамдигарии ҳокимони маҳаллӣ оғоз меёбанд, ки онҳо аморати ваҳҳобиёнро суст карданд.

## МИСР

Охирҳои асри XVIII Миср ба ҳайати империяи Туркҳои Усмонӣ дохил буд. Мисрро ҳоким, ки онро аввал валӣ ва баъд пошо меномиданд, идора мекард.

Дар назди пошо мақомоти маслиҳатӣ –девон мавҷуд буд. Ба он фармондеҳони панҷ корпуси лашкари туркӣ, бейҳои мамлюкӣ, додхоҳи шариатӣ, раисони чор дорулфунуни ҳуқуқии исломӣ, намояндагони уламои исломӣ ва зурётҳои пайғамбар – шарифҳо дохил буданд.

Ҳокимони Миср аз ҳисоби **мамлюкҳо** таъин карда мешуданд. Дар мамлакат ҳамагӣ 24 **мамлюки бей** мавҷуд буд. Бейи аз ҳама пуриқтидори мамлюкҳо дар Қоҳира қароргоҳ дошт ва унвони **шайх албаладиро** соҳиб буда, сарвари ҳамаи мамлюкҳо ба ҳисоб мерафт. Ҳар як мамлюк дастаи сарбозони худро дошт. Ӯ ҳар сол аз ҳисоби хариди ғуломон – черкисҳо, гурҷиҳо, абхазҳо, лаҳҳо, русҳо, маҷорҳо, немисҳо, итолиёвиҳо ва ғайра ҳайати дастаи худро пурра мекард.

**Ҷунбиши халқӣ дар Қоҳира.** Соли 1795 аҳолии Қоҳира ба муқобили режими туркию мамлюкӣ шӯриш бардошт. Роҳбарони шӯриш намояндагони уламои ислом, пеш аз ҳама шайхҳои Ал-Азхар, пешвоёни онҳо Умар Мукаррам, Ал-Шарқавӣ, Ас–Саодат, Ал-Бакрӣ ва Ал-Амир буданд.

Моҳи июн сокинони шаҳри Билбайс ба назди шайхҳои дорулфунуни Ал-Азхар омада, дар бораи зулми беандозаи мамлюкҳо шикоят карданд. Маҷлиси шайхҳо баъди баррасии шикояти мардум қарор кард, ки бо нишони эътироз бар зидди беадолатии



Қоҳира дар аҳди мамлюк Султон Ҳасан Камли. Дар пеш намуди мадраса.

мамлюкҳо баромади халқ ташкил карда шавад. Бо даъвати шайхҳо сокинони шаҳри Қоҳира корро қатъ карданд. Дӯконҳо, бозорҳо ва устохонаҳоро баста, ба намоиш баромаданд. Мурод ва Иброҳим аз авҷи намоиш тарсида, бо шайхҳо гуфтушунидро оғоз намуданд. Шайхҳо талаб карданд, ки роҳбарони Миср фишор ва зӯровариро бар халқ бархам диҳанд, қонуниятро мувофиқи тақозои шариат аз нав барқарор, андозҳои беадолат ва мусодиракуниҳои худсаронаро бекор кунанд. Мурод ва Иброҳим ин талабҳои халқ ва уламоро қабул карданд. Лекин дере нагузашта ба сари халқи Миср бадбахтии дигар омад. Мамлакат ба маркази татбиқи сиёсати мустамликадории мамлакатҳои калонтарини Аврупо ва пеш аз ҳама Фаронса табдил меёбад.

**Лашкаркашии Фаронса ба Миср.** 30 июни соли 1798 бо сардории Бонапарт Наполеон лашкари 38-ҳазорнафараи Фаронса дар наздикии шаҳри Искандария ба соҳил фуромад. Лашкари Фаронса аз 50 ҳазор нафар аскарони хушкигард ва 400 киштӣ иборат буд. 2 июл ба лашкари Фаронса муяссар шуд, ки Искандарияро ишғол кунад. 21 июл фаронсавиҳо дар наздикии аҳромҳо қӯшуни мамлюк Муродро пурра торумор карда, баъд Қоҳираро ишғол карданд. Вале 1 август эскадраи англисҳое, ки ба ёрии туркҳо омада буданд, флоти Фаронсаро дар наздикии Абукир торумор карданд. Моҳи сентябр султони Туркия Салими III бо Фаронса ҷанг эълон кард. Бо вуҷуди ин Фаронса тавонист, ки Мисрро ишғол намояд. Халқи Миср ба муборизаи зидди фаронсавиҳо бархост. 21 октябри соли 1798 дар Қоҳира бар зидди онҳо шӯриши калон ба амал омад, ки маркази он дорулфунуни Ал-Азхар буд. Наполеон ин шӯришро бо мушкилии зиёде пахш намуд.

Оғози соли 1799 Наполеон ба Сурия лашкар кашид, вале дар наздикии Аккаи шимолии Фаластин боздошта шуд. Барои Наполеон ин ҷанг бисёр вазнин буд. Аз ин рӯ, фармондеҳии қӯшунро ба генерал Клебер супорида, ба Фаронса баргашт. Клебер бефоида будани ин ҷангро дарк намуда, бо туркҳо ва англисҳо ба гуфтушунид оғоз намуд. 24 январи соли 1800 музокирот бо қабули қарордоде анҷом ёфт, ки мувофиқи он бояд лашкари Фаронса Мисрро тарк намояд. Вале Туркия ва Англия бо мақсадҳои муайян шартҳои ин қарордодро иҷро накарданд. Клебер маҷбур шуд аз нав ба ҷанг дарояд ва ниҳоят дар муҳорибаи назди Гелиополис ба лашкари Туркия ғалаба кард.

Мисрро бори дуюм забт карда, Клебер хост, ки бо Туркия бе иштироки Англия гуфтушунид кунад, вале ӯ дар ҷанг кушта мешавад. Баъд аз ин фармондеҳии артиши Фаронса дар Миср ба дасти Мени мегузарад. Баҳори соли 1801 лашкари Англия ба соҳилҳои Миср ворид шуд, то ки ба Туркия ёрӣ расонад. Дар ин муҳориба лашкари Фаронса шикаст хӯрд.

Лашкари Фаронса мувофиқи қарордоди нав Мисрро тарк карда, ба Фаронса баргашт. Фаронса дар зарфи 4 соли ин ҷанг 27 ҳазор нафар афсару аскари худро талаф дод.

**Миср дар нимаи аввали асри XIX.** Моҳи марти соли 1804 сокинони Қоҳира аз нав шӯриш бардоштанд. Шайххои Қоҳира амалдори турк Хуршедро шоҳи Миср ва Муҳаммадхонро муовини ӯ интихоб карданд. Мамлюкҳо ба муқобили Хуршед баромада, Қоҳираро муҳосира карданд, вале аз тарафи тирандозони албанӣ торумор карда шуданд. Моҳи апрели соли 1805 мардуми Қоҳира барои ҷорӣ кардани андозҳои вазнин бар зидди Хуршед шӯриш бардоштанд. Муҳаммадалӣ ба тарафи шӯришгарон гузашт. 14 майи сол 1805 шайххои Қоҳира ба ҷои Хуршед Муҳаммадалиро пошои Миср эълон карданд.

Муҳаммадалӣ кӯшиш менамуд, ки мамлюкҳоро несту нобуд созад, то ки Мисрро яккаю танҳо идора намояд. Дар чандин муҳорибаҳо ба ӯ муяссар шуд, ки дастаҳои мамлюкҳоро шикаст диҳад. 1 марти соли 1811 Муҳаммадалӣ дар қасри Қоҳира қабули ботантана орост. Ӯ ба ин базм бейҳои мамлюкиро бо аҳли рикобашон даъват намуд. Вақте ки бейҳо вориди қаср шуданд, Муҳаммадалӣ ба тирандозони албанӣ фармон дод, ки онҳоро нобуд кунанд. Ин фармон зуд ба иҷро расонида шуд. Ҳамин тариқ, табақаи феодалии имтиёзнок – мамлюкҳо (ки 560 сол дар Миср ҳукмрон буданд) аз тарафи Муҳаммадалӣ нобуд карда шуданд.

Муҳаммадалӣ баъди ҳукмрони мутлақ шудан, дар Миср ислоҳот гузаронида, иқтисод, идораи давлатӣ ва фарҳанги онро як дараҷа ба низом даровард. Ислоҳоти ӯ барои пешрафти Миср натиҷаи хуб дод. Кишоварзӣ, косибӣ ва тиҷорат пеш рафт. Дар Миср манафактураҳо пайдо шуданд.

Миср ҳанӯз ҳам ба Туркия тобеъ буд. Солҳои 1811-1818 Муҳаммадалӣ бо супориши султони Туркия Маҳмуди II дар нимҷазираи Арабистон - Арабистони Ғарбӣ, Марказӣ ва як қисми Арабистони Шарқиро ишғол мекунад. Солҳои 1820-1822 лашкари Миср қисми зиёди Судонро низ истило кард.

Соли 1824 бо супориши Маҳмуди II Муҳаммадалӣ бар зидди юнониён лашкар кашид. Ба ӯ муяссар шуд, ки қариб тамоми қисматҳои ҷанубӣ ва марказии Юнонро ишғол намояд. Акнун лашкари Миср ба қувваи бузург табдил ёфта буд. Он солҳои 1831-1833 бар зидди Туркия низ ҷанг эълон кард. Бо дахолат ва кӯмаки Русия Туркия аз шикаст наҷот ёфт. Дар натиҷаи ин ҷанг султони Туркия маҷбур мешавад, ки Фаластин, Сурия ва Киликияро ба зери итоати Муҳаммадалӣ супорад.

Мамлакатҳои абарқудрати Аврупо манфиатдор набуданд, ки Миср давлати пуриқтидори соҳибистиқлол бошад. Барои ҳамин бо ҳар роҳ ба истиқлолияти он монеъ мешуданд. Ин буд, ки дере нагузашта Муҳаммадалӣ ба ғайр аз Судон аз тамоми мулкҳои забткардаи худ маҳрум карда мешавад. Дар ин кор ба Туркия мамлакатҳои абарқудрати Аврупо ёрӣ расониданд.

## ИРОҚ

Дар миёнаҳои асри XVIII ҳокимияти Ироқ дар дасти келманҳо буд. Аслан онҳо гурҷӣ буданд. Солҳои 1780-1802 валии Бағдод гурҷӣ Сулаймон Буюк буд. Ӯ соле то 7,5 миллион пиастр даромад мегирифт. Дар оғози асри XIX ваҳҳобиён хостанд, ки Ироқро забт кунанд, вале ин ба онҳо муяссар нашуд. Баъд аз ин барои ҳокимият дар Ироқ гурӯҳҳои гуногуни келманҳо мубориза бурданд ва оқибат домоди Сулаймон Буюк Довуди гурҷӣ ғолиб баромад.

Довуд дар мамлакат як қатор ислоҳотҳо гузаронид. Ӯ ба худсарии амалдорон хотима гузошта, лашкари Ироқро бо тарзи аврупоӣ аз нав сохт. Ислоҳоти ҳарбиро бо ёрии афсарони англисию фаронсавӣ ба амал баровард. Барои аз нав барқарор кар-



160. Кулбаи қамишии Ироқӣ

дани иншоотҳои обёрикунӣ чораҳо андешид. Флоти баҳрии Ироқро ташкил намуд. Дар мамлакат матбаа ва фабрикаи коғазбарории аввалинро кушод.

Довуд давлати худро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳарбӣ пурқувват карда, хост, ки Ироқро аз зери итоати Туркия озод кунад. Соли 1828 ӯ бар зидди Русия равон кардани аскарони худро рад карда, ба Туркия додани андозро қатъ намуд. Соли 1830 сафири аз тарафи Маҳмуди II равонкардаро ба қатл расонид. Охирҳои соли 1830 султони Туркия ба Ироқ лашкар кашид. Довуд онҳоро дар Бағдод интизор буд. Вале вабои моҳи апрели соли 1831 дар Ироқ даҳҳо ҳазор нафар одамон, аз он ҷумла лашкари Довудро низ қариб пурра ба ҳалокат расонид. Аз ин рӯ, туркҳо ба осонӣ Довудро мағлуб карданд. Ба туркҳо муяссар шуд, ки Ироқро аз нав ба зери итоати худ дароранд.

## МАҒРИБ

Дар асри XVIII Мағриб Марокаш, Алҷазоир, Тунис ва Ливияи ҳозираро дарбар мегирифт.

Ҳукмронии туркҳо дар ин кишвар ҳанӯз аз охирҳои асри XVI суст шудан гирифт. Аз соли 1671 дар сари ҳокимияти Алҷазоир **дей** меистод, ки онро аввал раисҳо ва аз соли 1689 сар карда афсарони яничарҳо интихоб мекарданд. Дар Тунис сардори лашкари савораи турк -Ҳусейн ҳокимиятро ба даст даровавда, ба сулолаи **бейҳои Ҳусейниён** асос гузошт. Дар Триполи бошад, соли 1711 Аҳмад Қараманлӣ ба **пошои бейлербейи** меросии Триполӣ, Киренаика ва Фаззан соҳиб мешавад. Вазъияти Марокаш дигар хел буд. Халқи он дар асри XVI тавонист, ки ҳуҷумҳои туркҳо ва португалиҳоро зада гардонида, истиқлолияти ватани худро дифо кунад. Дар миёнаҳои асри XVII дар Марокаш ба сари ҳокимият **сулолаи султонҳои шарифи Филалиён ё худ Ҳусайниён меоянд.**

Дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX чандин задухӯрди лашкари ИМА бо артиши мамлакатҳои Мағриб ба амал омад. Вале бо вуҷуди ин ИМА дар талоши ба даст даровардани мамлакатҳои Мағриб набуд.

Барои ишғоли мамлакатҳои араби Мағриб аз ҳама зиёдтар Фаронса талош мекард. 14 июни соли 1827 лашкари 37- ҳазорнафараи Фаронса ба соҳилҳои Алҷазоир ворид шуд. Роҳбарияти Алҷазоир ба Фаронса муқовимат карда натавониста, таслим шуд. 5 июл шаҳри Алҷазоир аз тарафи фаронсавиҳо гирифта мешавад. Вале халқи Алҷазоир зери роҳбарии қаҳрамони миллии худ Абдулқодир бар зидди истилогарони Фаронса муборизаро давом дода, борҳо артиши фаронсавиҳоро шикаст медод. Абдулқодир

соли 1847 дар натиҷаи хиёнати султони Марокаш асири фаронсавиҳо гардида, 5 соли ҳаёташро дар яке аз маҳбасҳои Фаронса ва умри боқимондаи худро дар Димишқ (Сурия) гузаронида, соли 1883 дар ҳамон ҷо вафот мекунад.

Дар вазъияти барои Тунис мураккаб бей Аҳмад дар мамлакат ислоҳот гузаронид. Ӯ ғуломдориро бекор карда, мактаби ҳарбии политехникии аввалини аврупоисохт, мактаби миссионерӣ (таблиғотчӣ) кушод ва почтаи Тунисро ташкил намуд. Бей Муҳаммад, ки ба ҷои Аҳмад ба сари ҳокимият омада буд, тавассути ислоҳоти худ дар мамлакат баъзе дигаргуниҳои демократиро ҷорӣ намуд. Кори оғоз кардаи ӯро бей Муҳаммад ас-Содиқ давом дод. Сарфи назар аз ин навгониҳо Тунис оҳиста-оҳиста ба сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама ба сармояи Фаронса тобеъ мешуд.

Соли 1835 ба Туркия муяссар шуд, ки идораи бевоситаи худро дар Триполӣ ва Киренаика аз нав барқарор кунад. Сулолаи Қараманлӣ, ки дар ин ҷо ҳукмронӣ мекард, аз ҳокимият дур карда мешавад.

Дар нимаи аввали асри XIX султонҳо Слиман (1792-1822) ва Абдураҳмон (1822-1859) ба муқобили қабилаҳои саркаш мубориза мебурданд. Фаронса аз ин вазъият истифода бурда, ба



161. Саҳнаи тӯйи арабҳо

лашкари заифгардидаи Марокаш паси ҳам зарба зад. Абдураҳмон маҷбур шуд, ки ба шартҳои Фаронса розӣ шавад. Ҳанӯз соли 1767 байни Марокаш ва Фаронса шартнома баста шуда буд. Мувофиқи он фаронсавиҳо дар Марокаш ҳуқуқи дахлнопазирӣ ва аз ҷиҳати пардохти андоз имтиёз доштанд. Созишномаи соли 1767 қабулкардашуда дар соли 1824 васеъ ва аз нав тасдиқ карда шуд. Мувофиқи ин созишнома ҳуқуқҳои фаронсавиҳо дар Марокаш боз ҳам зиёдтар гардиданд. Тавассути созишномаҳои дахлдор ҳуқуқҳои таслимкоронаро дар Марокаш баробари Фаронса Испания, Австрия, Италия, Англия, ИМА, Ҳоландия ва Белгия ҳам ба даст даровардананд.

Моҳи ноябри соли 1859 артиши Испания ба Марокаш ҳуҷум карда, ғалаба ба даст овард. 26 апрели соли 1860 онҳо ба созишномаи сулҳ имзо гузоштанд, ки мувофиқи он Испания аз Марокаш иҷора (консессия) ва ба маблағи 100 миллион риёл товони ҷанг гирифт.

Ҳамин тариқ, дар нимаи аввали асри XIX Марокаш мутеи давлатҳои пурзӯри Ғарб мегардад.

* * *

Мамлакатҳои Араб дар асри XVI ва нимаи якуми асри XIX маҷбур буданд, ки барои истиқлолияти худ бар зидди империяи Туркҳои Усмонӣ мубориза баранд. Мамлакатҳои абарқудрати Ғарб ба ин мустамликаҳои арабии туркӣ оҳиста-оҳиста сар медароварданд. Бо баҳонаҳои гуногун ба ин мамлакатҳо таҷовуз ташкил мекарданд. Онҳо мехостанд, ки мамлакатҳои арабро аз дасти султонҳои Туркия гирифта, ба бозорҳои молфурӯшӣ ва сарчашмаи ашёи хоми худ табдил диҳанд. Дар натиҷаи ин раванд ба мамлакатҳои Араб сармояи хориҷӣ ворид гардида, барои ба вуҷуд омадани унсурҳои ҷомеаи сармоядорӣ замина мегузоштанд.

Аз тарафи дигар, ба мулкҳои Туркҳои Усмонӣ сар даровардани мамлакатҳои пурқуввати Ғарб аз он шаҳодат медиҳад, ки ин империя давраи бӯҳрони сиёсии худро аз сар мегузаронид. Аз ин рӯ, Туркия дигар мулкҳои худро дифо карда наметавонад. Мустамликаҳои Туркия оҳиста-оҳиста ба тобеияти мамлакатҳои Ғарб дохил мешуданд.

***Ҳуҷҷат***
***Сохти сиёсии Алҷазоир***
***Аз китоби Томас Шоу (1692-1751)***

*Гарчанде ки қисми зиёди арабҳо дар тӯли асрҳои зиёд дар зери зулми туркҳо бошанд ҳам, ба онҳо иҷозат дода шудааст, ки магистрати худро*

*дошта бошанд ва кори додгоҳро мувофиқи урфу одатҳои худ ба роҳ монанд. Барои дар ин диёр зиндагонӣ кардан онҳо муттасил аз заминҳои худ ҳаштяки ҳосилро месупоранд ва ғайр аз ин андози на чандон калони сарикасӣ, ки туркҳо ҳар сол барои дар ҳолати осоишта аз қонунҳо ва урфу одатҳои худ лаззат бурдан, ба онҳо халал нарасонидан талаб мекунанд, месупоранд. Ҳамин тариқ, ҳар як дуар (нуқтаи аҳолинишин)-ро вилояти хурде шуморидан мумкин аст, ки ба он одатан сардори оилаи аз ҳама пуриқтидортарин, аз ҳама бой ва нисбатан баобрӯйтари деҳа роҳбарӣ мекунад...*

*Ҳукумати Алҷазоир аз ҳукумати Тунис кам фарқ мекунад. Он аз дей, ки ӯро ноиби король шуморидан мумкин аст ва дувон (девон) ё худ шӯрои калон иборат аст. Шӯро асосан аз си яя-пошо (рутбаи ҳарбии лашкари Туркияи дар Алҷазоир буда) таркиб ёфтааст..., баъзан ҳамаи масъалаҳои муҳимтарин то ба қувваи қонун даромадан ва то он вақте ки дей онҳоро ба иҷро мерасонад, дар шӯро муҳокима карда мешаванд. Вале якчанд сол аст, ки ба шӯро аҳамият намедиҳанд.*

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Мамлакатҳои араби асри XVI-ро номбар кунед. Кадоми онҳо нисбатан тараққӣ карда буданд? **2**. Мамлакатҳои араб мустамликаҳои кадом давлат буданд? **3**. Давлатҳои нимҷазираи Арабистонро номбар кунед ва дар бораи ҳар яки онҳо маълумот диҳед. **4**. Дар бораи фаъолияти Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва ваҳҳобиён чиро медонед? **5**. Султонҳои Туркия Мисрро чӣ тавр идора мекарданд? **6**. Мамлюкҳо киҳо буданд? Онҳо дар Миср ба кадом ҳуқуқҳо соҳиб буданд? **7**. Соли 1795 чаро дар Қоҳира шӯриш ба амал омад? **8**. Бонапарт Наполеон кай ба Миср ҳуҷум кард? **9**. Дар бораи лашкаркашии Наполеон ба Миср ва Сурия нақл кунед. **10**. Ҳангоми ба Миср ҳуҷум кардани Фаронса кадом давлатҳо ба Туркия ёрӣ расонданд? **11**. Муҳаммадалӣ чӣ тавр дар Миср ба сари қудрат омад? **12**. Ироқро киҳо идора мекарданд? **13**. Дар бораи Сулаймон Буюк ва Довуд чиро медонед? **14**. Довуд чӣ чораҳо андешид, ки Ироқ давлати соҳибистиқлол гардад? **15**. Туркҳо дар Ироқ ҳокимияти худро чӣ тавр аз нав барқарор карданд? **16**. Давлатҳои араби Мағрибро номбар кунед? **17**. Фаронса Алҷазоирро чӣ тавр ба худ тобеъ намуд? **18**. Дар бораи Абдулқодир чиҳо медонед? **19**. Ғайр аз Фаронса боз кадом давлатҳо ба мустамликаҳои арабии империяи Туркия дастдарозӣ мекарданд? **20**. Ҷои истифодаи ҳуҷҷатро дар мавзӯъ ёбед. **21**. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ VI
# МАМЛАКАТҲОИ АФРИҚО

## §46. ҲАБАШИСТОН

**Ҳабашистон дар асрҳои XVII-XVIII.** Дар асри XVII заифшавии минбаъдаи мутлақияти Ҳабашистон давом мекард. Дар баробари хавфи ҳуҷуми туркҳо, султонҳои исломӣ, Сомали ва қабилаҳои судонии фунг дар мамлакат ҷангҳои байниҳамдигарии феодалҳо ва шӯришҳои зидди ҳокимияти марказӣ ба амал меомаданд. Дар ин ҷангҳо галлҳои ҷанубӣ фаъол буданд. Онҳо барои ба даст даровардани мулкҳои негусҳо мубориза мебурданд. Давраи ҳукмронии Сусниёс (1606-1632) асосан ба ҷангҳои зидди қабилаҳои галлҳо ва агау рост омад. Ӯ қабилаи анауро ба худ тобеъ карда, ба зӯрӣ насронӣ гардонид. Ба Сусниёс лозим омад, ки бар зидди қабилаи фалаш мубориза бурда, қисми зиёди онро несту нобуд кунад. Қисми ками ин қабила аз тарс дини насрониро қабул кард. Сусниёс дар зери таъсири католикҳои иезуитӣ, испанӣ ва португалӣ монда, ин мазҳабро қабул кард ва бо ин кирдори худ қаҳру ғазаби халқро ба вуҷуд овард. Ӯ маҷбур шуд, ки аз мазҳаби католикӣ баромада, ба фоидаи писари худ Фасилидес



162. Хонуми ҳабашӣ дар вақти кор

(1632-1667) аз тахту тоҷи Негус даст кашад. Мавқеи Фасилидес дар муносибат бо иезуитҳо нисбат ба падараш баръакс буд. Ӯ иезуитҳоро чашми дидан надошт ва онҳоро аз Ҳабашистон пеш кард.

Барои рушди давлат ва бехатарии он Фасилидес як қатор чораҳо андешид. Муносибатҳои Ҳабашистонро бо ҳамсояҳои мусулмон ба эътидол овард. Шаҳри Гондэро пойтахти нави мамлакат эълон кард. Бо вуҷуди ин чораҳо мубориза и ҷудоихоҳонаи ҳокимони феодалии Тигре ва Шоаро бартараф карда натавонист. Соли 1642 лашкари Фасилидес дар Тигре аз тарафи артиши Галла торумор карда шуд. Ин воқеа таъсири ҳокимияти марказиро дар музофотҳои Тигре ва Бегемдир аз байн бурд. Тамоили ҷудоихоҳӣ аз рӯи нишонаҳои динию этникӣ барои Ҳабашистон хатари ҷиддиро ба миён овард. Ин моҷароҳо дар замони ҳукмронии писари Фасилидес – Ёханнеси I низ давом карданд. Ӯ ба ин моҷароҳо хотима доданӣ шуда, чандин маротиба анҷуманҳои диниро даъват намуд, вале ба муваффақият ноил нашуд. Муқобилони Ёханнес писари ӯ Иясуро ба сари ҳокимият оварданд. Ба негуси нав лозим омад, ки дар зарфи 25 соли ҳукмрониаш бар зидди ҳокимони ҷудоихоҳи қабилаҳои гуногун мубориза барад. Боре баъди аз лашкаркашии навбатӣ баргаштан Иясу бемор мешавад. Сӯиқасдчиён аз ин истифода бурда ӯро ба қатл мерасонанд ва ба тахт писари ӯ Такле Хайманотро мешинонанд. Вале ба ӯ низ муяссар нашуд, ки ба ҷангҳои феодалии Ҳабашистон хотима диҳад. Аз соли 1708 то соли 1777 дар Ҳабашистон Валде Гиоргис, Иясуи II, Иёас Юханеси II ва Такле Хайманоти II ҳукмронӣ карда, ба масъалаи бисёр муҳим- ҷудоихоҳии қабилаҳо ва конфессияҳои динӣ рӯ ба рӯ шуданд. Кор то ба ҷое расид, ки баъди ҳукмронии Такле Хайманоти II Ҳабашистон то соли 1855 ҳамчун давлати марказиятнок барҳам хӯрда, ба вилоятҳои алоҳидаи мустақил тақсим шуд.

**Муттаҳидшавии Ҳабашистон.** Дар ҷангҳои дуру дароз ҳазорон нафар мардуми Ҳабашистон талаф шуд. Аз мухолифатҳои дохилии Ҳабашистон хориҷиён истифода бурданд. Дар охирҳои асри XVIII ба Ҳабашистон **таблиғотчиёни католикӣ** ва **протестантӣ** тез-тез меомаданд. Онҳо мекӯшиданд, ки таъсири сиёсии худро ба ҳокимони ин мамлакати пароканда пурзӯр намоянд. Дар ин кор англисҳо фаъолтар буданд. Соли 1841 майор Гаррис аз номи ҳукумати Британияи Кабир бо ҳокими Шоя Сахле Селаесие созишномаи дӯстӣ мебандад. Соли 1849 намояндаи дигари англисҳо Плоуден бо ҳокими қисмати марказии Ҳабашистон -Алӣ дар бораи тиҷорат ва шартномаи дӯстиро ба имзо мерасонад. Мулкҳои Алӣ дар соҳилҳои баҳри Сурх воқеъ буданд. Онҳоро англисҳо

барои забт кардани Адан меомӯхтанд. Англисҳо Алӣ-Убиеро, ки ҳокими музофоти Тигре буд, дастгирӣ карда, ҳарду ҳокимро бо силоҳ таъмин мекарданд.

Ба Ҳабашистон сар даровардани хориҷиён феодалҳои дурандеши ин мамлакати парокандаро ба ташвиш овард. Дар байни онҳо ҳокими Ҳабашистони Ғарбӣ Касса барои барҳам задани ҷангҳои байниҳамдигарии ҳокимони Ҳабашистон камар баст. Дар ин кор Касса ба халқ такя мекард. Феодалҳои хурд низ тайёр буданд, ки ташаббуси Кассаро дастгирӣ намоянд. Ғалабаи аввалини ӯ ишғоли музофоти Дембия буд. Баъд аз ин навбат ба ҳокими пурзӯр – Алӣ расид. Ин мубориза 2 сол давом кард. Дар ин мубориза гоҳ як тараф ва гоҳе тарафи дигар бартарӣ пайдо мекард ва оқибат ба Касса муяссар шуд, ки нуқтаҳои охирини муқовимати Алӣ ва негусҳои дигарро пахш карда, дар Ҳабашистони Марказӣ ҳукмрон гардад. Баъд аз ин пирӯзӣ Касса танҳо як рақиби пурқувват дошт, ки он негуси вилояти Тигре Убие буд. Убие иқтидори Кассаро хуб медонист. Аз ин рӯ, худро аз муқобилияти рӯйирост дар канор гирифт. Бо фармони Касса ба Гондер сарвари калисои Ҳабаш – Салам ташриф овард. Убие аз ташрифи Салам истифода бурда, хост, ки худро негуси тамоми Ҳабашистон эълон намояд. Касса эҳсос намуд, ки Салам бештар ба Убие майл дорад. Бинобар ин таҳдид кард, ки агар Салам чунин рафтор намояд, ба сарварии калисои Ҳабашистон таблиғотгари итолиёгӣ Якобро таъин менамояд. Аз ин рӯ, Салам эълон кард, ки ба тахти Ҳабашистон номзадии Кассаро сазовортар мебинад. Ҳамин тариқ, «Маҷлиси намояндагони халқ» Кассаро бо номи Федора (Теодроса)-и II негуси Ҳабашистон (1855-1868) интихоб кард. Вале Убие Кассаро ҳамчун негуси Ҳабашистон эътироф накард ва бар зидди ӯ муборизаи мусаллаҳонаро оғоз намуд. Дар лаҳзаҳои ҳалкунанда як қисми артиши Убие ба тарафи рақиб мегузарад. Дар натиҷаи ғалаба бар Убие соли 1855 Касса дар Гондер дар вазъияти ботантана негуси негест (шоҳи шоҳон ё худ шоҳаншоҳ)-и Ҳабашистон эълон карда мешавад.

Ҳангоми ҷанг негус Федор хазинаи пур аз тиллою нуқра, ҷавоҳирот ва 7 ҳазор силоҳи Убиеро ба даст медарорад. Тирамоҳи соли 1855 ба муқобили қабилаҳои галлаҳо амалиёти ҳарбиро оғоз карда, онҳоро дар наздикии Лагадор торумор мекунад.

Федор барои муттаҳид кардани мулкҳои ҳокимони саркаши Ҳабашистон ҷангро давом медиҳад. Дар рафти ин ҷанг ӯ музофоти Шоаро, ки бо Англия робита дошт, ишғол мекунад. Ҳангоми забти пойтахти Шоа- шаҳри Анкобер силоҳҳоеро, ки Англия ва Фаронса ба ин ҷо фиристонида буданд, ғанимат мегирад.

Федор музофотҳои дигари саркашро низ ба Ҳабашистон тобеъ мекунад. Барои маҳдуд кардани ҳокимияти музофотҳои ба Ҳабашистон мутеъ Федор ҷузъу томҳои лашкарашро дар он ҷо бо сарварии ашхоси ба ӯ содиқ ҷойгир мекунад. Ҳокимони музофотҳо аз ҷониби тарафдорони Федор таъин карда мешуданд. Қисми зиёди даромади музофотҳо ба хазинаи марказӣ ворид мешуд. Ин чораҳо иқтидори ҳокимияти марказиро афзун мекард.

Масъалаи дигаре, ки Ҳабашистонро аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ пурқувват менамуд, ин кам кардани миқдори нуқтаҳои гумрук буд. Ин чора имкон медод, ки робитаҳои иқтисодию тиҷоратии байни музофотҳо мустаҳкамтар карда шаванд. Дар замони Федор сохтмони роҳҳо босуръат пеш рафта, тиҷорат бо роҳҳои қаблан аз кор баромада аз нав оғоз меёбад.

Федор дар кори ҳарбӣ, таъминоти он, мубориза бар зидди таъсири сиёсии калисо ба давлату давлатдорӣ ва ғайра ислоҳот гузаронид. Ислоҳоти Федор дар мамлакат, махсусан, ба феодалҳои маҳаллӣ маъқул набуд.

**Исёни феодалҳо дар музофоти Тигре.** Соли 1855 бо сардории набераи Убие Негуссие исёни нисбатан калони феодалҳо ба амал омад. Ӯ яке аз довталабони асосии тахту тоҷи Ҳабашистон буд. Негуссие дар мубориза ба муқобили ҳокимияти марказӣ ба дастгирии Фаронса умед мебаст. Соли 1857 Негуссие бо консули Фаронса Массауа робита барқарор намуд. Фаронса Негуссиеро барои негуси Ҳабашистон шудан дастгирӣ мекард. Ба ивази он Негуссие ба Фаронса бандари Зулу ва ҷазираи Диссеро (дар димоғаи Аннесли) тӯҳфа карданӣ буд. Негуссие ба Рим сафир фиристонда, ба дастгирии Папа ҳам ноил мешавад. Аз муваффақиятҳои дипломатии худ рӯҳбаланд шуда, Негуссие худро шоҳи Тигре эълон кард ва барои ишғоли Гондер лашкар кашид. Барои ба мақсади сиёсӣ расидан мазҳаби католикиро қабул намуд. Вай умед дошт, ки аз Фаронса ёрии ҳарбӣ хоҳад гирифт. Дар оғози соли 1860 киштиҳои Фаронса на барои ёрӣ ба Нигуссие, балки баҳри забти бандари Зула ва ҷазираи Диссекии ба Фаронса ваъда карда шуда ба соҳили баҳри Сурх лангар партофтанд.

Моҳи январи соли 1861 лашкари Федор ва Нигуссие дар Саггамои наздикии Аксума бо ҳам вохӯрданд. Дар ин муҳориба Федор ғалаба ба даст овард. Негуссие бо ҳамроҳии лашкари боқимондаи худ ба музофоти Тембиен фирор мекунад.

Ба Федор муяссар шуд, ки тамоми қаламрави Ҳабашистонро ба зери итоати худ даровarда, идораи марказии давлати худро мустаҳкам намояд.

### *Ҳуҷҷат*
### *Сохти давлатии Ҳабашистон*
### *Аз «Таърихи Ҳабашистони Шимолӣ ё худ Абасеиния»-и Манозл де Алмейда (1580-1646). Сайёҳи португалие, ки аз соли 1622 то соли 1634 сафири Португалия дар Ҳабашистон буд.*

*Аз шоҳигариҳое, ки ман дар боло ном бурдам, дар замони ҳозира ба император мулкҳои зерин тобеанд: Тигре, Дамбея, Бегамедер, Гоҷам, Амхара ва як қисми Шоа, Нария. Музофотҳои тобеъ: Мазага, Салемт, Огара, Абаргале, Холкайт (Волкейт), Сагаде, Семен, Калава, Олека, Доба. Ба назар чунин мерасад, ки император акнун нисбат ба пешгузаштагони худ ним баробар мулкҳои зиёдтар дорад. Галлаҳо дар замони император Гладиос (Галавдевос-негуси негистӣ, яъне шоҳаншоҳии Ҳабашистон, (солҳои ҳукмрониаш 1540-1559) ва валиаҳдони ӯ аз вай нисфи мулкҳои дигарашро гирифтаанд.*

*Танҳо (император) як худаш дар идораи мамлакат ва шоҳигариҳое, ки дар бораашон ҳарф задем, соҳибистиқлол аст…*

*Ӯ ҳамаи заминҳоро мусодира карда, ба касе, ки хоҳад тӯҳфа мекунад. Ҳарчанд баъзе заминҳое ҳастанд, ки (асосан дар Тигре)… соҳибият ва идораи онҳоро аз оилаҳо ва зурётҳои нахустинашон намегирад. Заминҳои барнагаса (барнагаса- губернатори вилоятҳои назди соҳилии Ҳабашистон), кеумосҳо (шумҳо- губернатори музофот ва унвони ҳокими вилояти Ваг) ё ки губернаторҳои Селаве, Саре, Тенбеи ва ҷойҳои зиёди дигар ҳамин хел мебошанд.*

*Мансаби кантиба (унвони ҳокими Ҳамасен) дар Дамбе ҳам ҳамин тавр аст. Вай ҳаргиз аз дасти авлод, аз зуриётҳои соҳибони қаблӣ намеравад. Вале чӣ тавре ки гуфтем, император мансабҳоро аз баъзеҳо мегирад, тағйир медиҳад ва дар муддати ҳар ду сол як бор аз байни худи ҳамон оилаҳо ба ашхоси дигар месупорад. Ин корро баъзан ҳар сол ва ҳатто баъди ҳар шаш моҳ ҳам мекунад.*

*Аз ҳама бадаш он аст, ки ин мансабҳо ва мансабҳои дигар дар ҳамаи шоҳигариҳо ва музофотҳо гӯё, ки фурӯхта мешуданд. Ҳеҷ кас онҳоро бе пардохти маблағи муайяни тилло намегирад. Номзад ба мансаб ният дорад, ки тавассути он мансабҳо ҳамон маблағи пардохтаашро ба даст дарорад. Азбаски довталабон ҳамеша зиёданд, мансабро ҳамон нафаре мегирад, ки маблағи зиёдтар медиҳад… Ҳамин тариқ, ин кор бештар музояда аст…*

*Дар назди император шахси олимақоме буд, ки онҳо (дарбориён) вайро мувофиқи одат бетевдет (бетваддад-«рӯҳонии олимақом») меномиданд, ки бо вожаи маҳрами дарбор ё ки шахси боваринок ҳаммаъно аст… Танҳо ду нафар ба ин унвон соҳиб буданд. Қариб ҳамаи ҳукумат аз ҳамон ду нафар иборат буд, чунки шоҳ бо ҳеҷ кас ҳеҷ чизро муҳокима ва ҳеҷ касро пазироӣ намекард ва ҳатто ба теъдоди ками одамон имконият намедод, ки касе ӯро бинад. Ин ду бетевдет ҳамаро дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Аз он вақт чандин сол сипарӣ шуд, то ки императорон (ба мардум) имконият доданд, ки онҳоро бубинанд ва ба ҳар касе, ки набошад,*

*мулоқот мекардагӣ шуданд. Императорон диданд, ки ин мансаб нолозим аст, чунки ҳар ду бетевдет император буданд. Ҳамин тариқ, императорон ин мансабро барҳам дода, ба ҷои он мансаби дигарро таъсис доданд, ки вайро раис, яъне сарвар меномиданд. Касе, ки дар назди императорон ба ин мансаб соҳиб бошад, роҳбари тамоми одамони мансабҳои калони империя, мушовири аввал ва ҳам дар замони ҷанг ва ҳам дар замони осоишта вазир буд...*

*Император як нав заминҳои тоҷу тахтии худро дорад, ки аз онҳо 10 ва ё 12 ҳазор бор (вазне, ки ба уштур бор карда мешуд) маҳсулоти гизой мегирифт...*

**Савол ва супоришҳо:** **1.** Дар асрҳои XVII-XVIII заифии мутлақияти Ҳабашистон дар чӣ ифода ёфта буд? **2.** Негусҳо Сусниёс, Фасалидес, Ёханиси I ва Иясу барои ташкили давлати марказиятноки Ҳабашистон чӣ тавр мубориза мебурданд? **3.** Чаро ба онҳо муяссар нашуд, ки музофотҳоро бо ҳам муттаҳид кунанд? **4.** Кай ва чӣ тавр Ҳабашистон ҳамчун давлат аз байн рафт? **5.** Дар бораи аз нав муттаҳидшавии Ҳабашистон нақл кунед. **6.** Англия ва Фаронса ба Ҳабашистон чӣ тавр сар дароварданд? **7.** Кӣ ташаббускори аз нав муттаҳид кардани Ҳабашистон буд? **8.** Негус Федор чӣ тавр ба муттаҳидкунии Ҳабашистон шурӯъ кард? **9.** Дар байни Федор ва Негуссие чӣ тавр мубориза ба амал омад? **10.** Федор чӣ тавр негуси тамоми Ҳабашистон шуд? **11.** Шӯриши феодалҳои вилояти Тигре бо сардории Негуссие барои чӣ ба амал омад? Он чӣ натиҷа дод? **12.** Ҳуҷҷат дар бораи кадом ҳолати Ҳабашистон шаҳодат медиҳад? **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §47-48. ДАВЛАТҲОИ АФРИҚОИ ҒАРБӢ ВА ҲАВЗАИ ДАРЁИ КОНГО

### Давлатҳои Африқои Ғарбӣ

**Давлатҳои Сегу ва Каарта.** Аз ибтидои ба Африқо сар даровардани худ давлатҳои Аврупо мақсад доштанд, ки мамлакатҳои ин қитъаро заиф гардонида, ба худ тобеъ намоянд. Бо ин мақсад онҳо дар соҳилҳои ғарбии Африқо нуқтаҳои такягоҳӣ ташкил карда, ба корҳои дохилии ин давлатҳо дахолат мекарданд.

Ғарбии Африқоро забт кардани аврупоиён ва камқувват шудани мамолики Мағриби Араб ба тиҷорати давлатҳои Судони Ғарбӣ ва Марказӣ таъсири манфӣ расонид. Роҳи асосии тиҷоратӣ аз Сиҷилмасӣ ба Тимбукту, ки аз Саҳрои Ғарбӣ мегузашт, пурра аз кор баромад. Ҳаҷми савдои Тунис ва Триполӣ ба воситаи Саҳрои Марказӣ хеле кам шуд. Ин ҳама барои аз ҷиҳати сиёсию иқтисодӣ заиф гардидани мамлакатҳои африқоӣ ва барҳам хӯрдани давлатҳои Малӣ ва Сангайи як вақтҳо пуриқтидор оварда расонид. Дар асри XVII дар харобаҳои давлатҳои Малӣ

ва Сангай давлатҳои Сегу, Каарта ва Масина ба вуҷуд омаданд. Сегу ва Каарта нисбат ба Масина пуриқтидортар буданд. Давлати Сегуро дар нимаи дуюми асри XVII қабилаҳои бамбарҳо ташкил карда буданд.

Аз байни бамбарҳо авлоди Калубали хеле пурзӯр буд. Яке аз намояндагони ин авлод, ки тахаллуси Битонро дошт (1660-1710) давлати соҳибистиклоли Сегуро ташкил мекунад. Ӯ ҳокимияти худро дар ду соҳили дарёи Нигер густариш дод. Артиш ва флоти хуб мусаллаҳ ва таълимгирифтаро ташкил намуд. Вале на ҳама қабилаҳои ин минтақа ба Битон итоат мекарданд. Ба муқобили ӯ авлоди Масаси шӯриш бардошт, вале зуд шикаст хӯрд. Битон ин авлодро аз қаламрави давлати худ ба Каарта бадарға намуд. Дар он ҷо қабилаи Масаси бо номи Каарта давлати дуюми бамбарҳоро ташкил намуд.

Артиши пурқуввати Битон дар шарқ паси ҳам навоҳии ҳавзаи Бани, дар он тарафи дарёи Нигер қабилаҳои ҷанъонмас ва дар музофоти Багана давлати Масинаи фулбҳоро забт карда, то Тимбукту мерасад. Ҳамин тариқ, давлати калони бамбарҳо - Сегу ташкил карда мешавад.

Сегу ба 60 ҳавзаи ҳарбӣ тақсим шуда буд, ки онҳоро гондионҳо идора мекарданд. Гондионҳо барои ҳукмрон шудан дар



164. Пешвои яке аз қабилаҳои Африқои Ғарбӣ

ин давлат дар байни худ беист мубориза мебурданд. Дар рафти ин мубориза ҳокимият аз дасти як гондион ба дасти гондиони дигар мегузашт ва оқибат онро Нколо Диара ба даст даровардa, ба сулолаи нави ҳокимони Сегу асос гузошт. То аз тарафи лашкари Умар ал-Хоҷа забт карда шудани Сегу Нколо Диара дар ин давлат ҳукмронӣ кардааст.

**Давлатҳои Судони Ғарбӣ ва Марказӣ**. Дар охири асри XVII дар Фута-Ҷалона қабилаҳои фулбҳо, ки аз Масина ва вилояти Фута-Торо омада буданд, сокин мешаванд. Онҳо мусулмон буда, аз тарафи имомҳо идора карда мешуданд. Фулбҳо бар зидди қабилаҳои ғайримусулмони Сусу, Бара ва Силебе ҷанг карда, баъди 25 соли мубориза онҳоро ба худ тобеъ карданд. Ба ҳокими фулбҳо Иброҳим Сори (1751-1784) муяссар мешавад, ки Фута-Ҷалонаро забт кунад. Вале баъди чанде дар байни иттифоқчиёни собиқ ҷанг оғоз мешавад, ки дар он Иброҳим Сори ғолиб меояд. Дар охирҳои ҳукмронии Иброҳим Сори танҳо дар байни ду авлод –Алфаи ва Сори барои ҳокимият мубориза мерафт. Аз ин рӯ, Шӯрои кӯҳансолони Фута-Ҷалона қарор қабул кард, ки баъди ҳар 2 сол доҳии олӣ – имом бо навбат аз ин авлодҳо интихоб карда шавад. Лекин ин қарор на ҳама вақт риоя карда мешуд. Дар натиҷа дар байни Алфаи ва Сори ҷангҳои нави хунин ба амал омаданд.

Дар Судони Ғарбӣ ва Марказӣ зангиҳои судонӣ ва қабилаҳои дигари аз шимол ва шарқ омада (арабҳо, барбарҳо ва фулбҳо) сокин буданд. Яке аз ин қабилаҳо хаус буд. Дар таърихи хаус шаҳр-давлатҳои Кано, Гобир, Катсина ва ғайра мақоми хоса доранд. Пурқувваттарини онҳо Кано дар чорроҳаи муҳими тиҷоратии Судони Марказӣ воқеъ буд. Ин давлат бо давлатҳои Африқои Шимолӣ – Тунис, Либия ва Африқои Ғарбӣ – Гана ва Нигерияи Ҷанубӣ муносибатҳои тиҷоратӣ дошт.

Дар асри XVII Кано рӯ ба таназзул ниҳод. Бинобар ин он ба ҳуҷумҳои давлатҳои Гобир ва Зари тоб оварда натавонист. Соли 1807 дастаҳои фулбҳо Каноро ишғол намуда, ба султонии Сокото ҳамроҳ карданд.

Давлати аз ҳама шимолтарини хаусӣ Гобир буд, ки он яке аз марказҳои муҳимтарини тиҷоратии қисмати шимолии Судон ба шумор мерафт. Давраи гул-гул шукуфии Гобир ба асри XVII рост омадааст. Гобир масоҳати бузургро дар бар мегирифт. Он аз вилоятҳои Тесов ва Годобав, қаламрави Сокотои кунунӣ, қисмати шимолии Замфара ва як қисми Маради иборат буд.

**Давлатҳои дигари Африқои Ғарбӣ.** Соҳилҳои ҷанубии Нигерия маркази маданияти кадимтарини африқоиҳо мебошад. Кашфиётҳои бостонӣ дар ин ҷо мавҷудияти шаҳр — давлатҳои қадим-



165. Тасвири Они (ҳоким)

ро ошкор сохт. Калонтарини онҳо Ойо буд, ки ба шаҳр-давлатҳои Йоруба мансуб аст. Дар миёнаҳои асри XVIII ҳокимияти он тамоми Нигерияи Ҷанубӣ ва соҳилҳои дарёи Нигер ва Анечоро дарбар мегирифт. Султониҳои Боргу, Нупе ва Дагомея ҳокимияти Ойоро эътироф карда, ба он андоз медоданд. Шаҳрдавлатҳои Порто-Ново, Бадагри ва Бенин низ дар зери таъсири онҳо буданд.

Сохти давлатӣ дар ин мамлакатҳо мутлақият буда, онро ҳоким – алфин идора мекард. Лекин ҳокимияти алфин тавассути шӯрои ашрофон маҳдуд карда шуда буд. Шаҳрҳои Ойо аз тарафи сардорон (ба мӯҳлати 2 сол таъин мегардиданд) идора карда мешуданд.

Дар охирҳои асри XVIII дар байни қабилаи фулбҳо зери шиори аз нав барқарор намудани қонуну қоидаҳои қадимии исломӣ ҳаракате оғоз меёбад, ки ба он Усмон дан-Фодио (ба қабилаи фулбии таронквета тааллуқ дошт) роҳбарӣ мекард. Даъватҳои ӯ на танҳо дар байни фулбҳо, балки дар байни хаусҳо низ ҳамовозӣ пайдо мекунад. Дере нагузашта ин ҳаракат ба шӯриш табдил ёфт. Он соли 1801 оғоз шуд. Шӯришчиён лашкари давлати Гобирро торумор карданд. Баъди ин Усмон дастаҳои худро ба муқобили шоҳиҳои хаусҳои ҷанубӣ равона мекунад. Дар натиҷаи ин лашкаркашӣ давлатҳои Зария, Катсина ва Кано ишғол карда шуданд. Дере нагузашта лашкари Усмон дан–Фодио артиши давлатҳои Гобир, Замфара, Кебби ва Туарекҳоро торумор карда, пойтахти Гобир шаҳри Алколаваро ишғол мекунад. Соли 1809 Усмон ишғоли заминҳои боқимондаи хаусҳоро ба итмом расонида, давлати наверо ташкил мекунад, ки

он ба ду султонӣ – Сокота ва Ганду тақсим шуда буд. Султони Сокото яке аз писарони Усмон -Муҳаммад Белло ва султони Ганду писари дигари ӯ Абдуллоҳ таъин карда мешавад. Усмон дан-Фодио бошад, худро сарвари олии динии ин ду давлат эълон мекунад.



166. Ҳайкали сафолӣ. Асри XV. Нигерия

Дар ибтидои асри XIX дар Масина ҳаракати дигари исломӣ оғоз ёфт, ки ба он Ҳамиду Лоббо сарварӣ мекард. Вай иштирокчии шӯриши Усмон дан-Фодио буд. Ҳамиду Лоббо баъди ғалабаи шӯриш масъалаи аз зери ҳокимияти Сегу озод кардани фулбҳоро ба миён мегузорад. Мувофиқи гуфтаи ӯ ин давлатро сулолае, ки аз тозагии ислом рӯй гардонидааст, идора мекард. Дар зери таблиғоти Ҳамиду Лоббо Бамбара ва Массина ба ӯ тобеъ шуданд. Бо роҳбарии Ҳамиду Лоббо давлати ҳарбию динӣ ташкил карда мешавад. Соли 1815 пойтахти нави Массина Ҳамдалоҳ эълон карда шуд. Дар натиҷаи ҳуҷуми Умар ал-Хоҷа соли 1862 давлати Массина барҳам мехӯрад.

Дар солҳои 30-40 асри XIX дар Судони Ғарбӣ дар зери роҳбарии Умар ал-Хоҷа, ки роҳбари мазҳаби исломии тиҷалия буд, давлати динӣ ташкил карда мешавад. Умар ал-Хоҷа баъди дар Макка 20 сол зиндагонӣ карданаш ба Футе-Торо омада, тарғиби таълимоти мазҳаби худро оғоз мекунад. Ин мазҳаб ҷиҳод бар зидди кофирон ва баробарии мусулмононро тарғиб мекард. Таълимоти тиҷалияро халқ гарму ҷӯшон дастгирӣ намуд. Аз ин сабаб Умар ал-Хоҷа дар байни мусулмонон соҳиби обрӯи калон гардид.

Соли 1848 Умар ал-Хоҷа дастаҳои мусаллаҳи худро дар маҳаллаи Дангирайе мустаҳкам карда, ба «ҷанги муқаддаси зидди кофирон» тайёрӣ медид. Соли 1854 Умар ал-Хоҷа аввал ба артиши Каарта шикаст медиҳад. Барои муборизаи якҷоя бар зидди давлати бузург –Сегу ӯ хост, ки бо шоҳи давлати фулбии Масина иттифоқ бандад. Вале шоҳи Масина ҷавоби рад дода, бар зидди

Умар ал-Хоча лашкар кашид, вале шикаст хӯрд. Пеш аз ҳуҷум ба Сегу Умар хост, ки давлатҳои на чандон калони Хасо ва Галамро дар Сенегали Миёна ишғол намояд. Бинобар ин моҳи апрели соли 1857 бо артиши 20- ҳазорнафараи худ пойтахти Хассо -шаҳри Мадинаро муҳосира мекунад, вале дар он ҷо бо артиши Фаронса рӯ ба рӯ меояд ва маҷбур мешавад, ки муҳосираи Мадинаро қатъ гардонад. Дар Хассо Умар аз фаронсавиҳо сахт шикаст хӯрда, бо боқимондаи лашкари худ ба сӯи Кундиан равон мешавад, то ки мардуми онро ба муборизаи зидди Фаронса бархезонад. Вале ин кор ба ӯ муяссар нашуд. Баъди чанде Умар ба Футте-Торо баргашта, артиши нави 40- ҳазорнафара ташкил медиҳад, вале боз ҳам аз тарафи артиши Фаронса торумор карда мешавад. Лашкаркашии Умар ба шаҳри Ниоро низ натиҷаи дилхоҳ надод. Вале ба Умар муяссар гардид, ки бо мушкилиҳои зиёде Мадинаро ба зери итоати худ дарорад. Соли 1860 лашкари Умар ба қаламрави Сегу ҳуҷум карда, онро ишғол мекунад. Ӯ идораи ҳамаи мулкҳои ишғолкардаи худро ба писараш Ахмеду месупорад.

Баъди ҳокими олии шоҳии Туклер эълон карда шудани Ахмеду бародаронаш ба муқобили ӯ бархостанд. Вале Ахмеду онҳоро мағлуб кард. Соли 1884 Ахмеду идораи давлати Сегуро ба писари худ Медани супорида, идора кардани музофоти Ниоро ба ӯҳдаи худ гирифт.

**Мустамликазабткунии давлатҳои Аврупо дар Африқои Ғарбӣ.** Бемайлон зиёдшавии истеҳсоли молҳои саноатӣ бозорҳои нави молфурӯширо талаб мекард. Барои истеҳсоли молҳои саноатӣ бозорҳои нави ашёи хоми арзон аҳамияти калон пайдо карда буданд. Дар чунин шароит ғуломфурӯшӣ фоидаи калон намедод. Аз тарафи дигар, мамлакатҳои Ғарб, ки ба сохтмони ҷомеаи демократӣ шурӯъ карда буданд, наметавонистанд, ки ҳуқуқҳои инсонро ваҳшиёна вайрон кунанд. Бинобар ин аз соли 1772 то соли 1818 дар як қатор давлатҳои Ғарб ба монанди: Англия, Дания, ИМА, Шветсия, Ҳоландия ва Фаронса дар бораи манъи ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ санадҳои қонунгузорӣ қабул карда мешаванд. Баъд аз ин дар сиёсати хориҷии мамлакатҳои мутараққии Ғарб тамоили ба мустамлика табдил додани Африқо ва мамлакатҳои сусттараққикардаи қитъаҳои дигар ба миён меояд.

Англия мехост, ки соҳилҳои Съера Леонеро дар Африқои Ғарбӣ ба пойгоҳи асосии баҳрии худ табдил диҳад. Бо ҳамин мақсад ҳукуматдорони англис як қисми африқоиҳои аз ғуломӣ озодшударо барои сокин шудан ба ин ҷо оварданд. Соли 1808 он мавзеъҳо мустамликаи Англия эълон карда мешаванд. Ҳамин тариқ, дар Африқои Ғарбӣ аввалин мустамликаҳои Англия пайдо мешаванд.

Ҷидду ҷаҳди асосии давлатҳои пуриқтидор –Англия ва Фаронса ба истилои минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбатан тараққикардаи Судони Ғарбӣ, Соҳили Тиллоӣ ва Нигерия равона карда шуда буд. Англия дар нимаи аввали асри XIX асосан ба муқобили иттиҳоди давлатҳои Ашанти мубориза мебурд. Ин мубориза соли 1805 оғоз ёфта, то соли 1831 давом кардааст. Ба Ашанти муяссар мешавад, ки истиқлолияти худро муҳофизат кунад. Бо вуҷуди ин ҳокимони Ашанти тобеияти давлатҳои Денкир ва Асинро аз даст доданд. Инчунин тоҷирони англис ҳуқуқ пайдо карданд, ки дар қаламрави Ашанти ба тиҷорат машғул шаванд. Ба англисҳо муяссар шуд, ки Соҳили Тиллоиро ба мустамликаи худ табдил диҳанд.

Муборизаи Англия барои ба даст даровардани Ашанти соли 1863 аз нав сурат мегирад. Баъд аз ҷанги 10-сола, иттиҳоди давлатҳои Ашанти ва давлатҳои дигари Африқои Ғарбӣ ва Соҳили Тиллоӣ ба мустамликаҳои Англия табдил дода мешаванд.

Англия истилои Нигерияро ба зиммаи генерал-губернатори Соҳили Тиллоӣ месупорад.

Дар солҳои 30-уми асри XIX Фаронса қадамҳои аввалинро барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар соҳилҳои Гвинея гузоштааст. Солҳои 1838-1842 дар наздикии димоғаи Палмасӣ -Соҳили Устухони Оҷ ва Бенни Фаронса бошишгоҳҳои такягоҳӣ месозад. Баъди 20 соли мубориза дар соҳилҳои Нигерияи Ҷанубӣ Фаронса мавқеашро мустаҳкам карда, соҳибияти худро бар давлатҳои Ачаче ва Котону эълон мекунад. Дар солҳои 50-ум бошад, Фаронса давлатҳои на чандон калони Сенегал –Галам ва Хассо, вилоятҳои Фута-Тороро ба худ тобеъ намуда, Дакарро ишғол намуда, ба забти давлати Кайор шурӯъ мекунад.

## ДАВЛАТҲОИ ҲАВЗАИ ДАРЁИ КОНГО

**Давлати Конго.** Ба забт кардани Конго аввалин шуда португалиҳо шурӯъ намуданд. Соли 1665 дар наздикии Амбуил ҷанги байни Англия ва Португалия ба амал омад. Дар ин муҳориба шоҳи Конго Антониуи I ҳалок гардида бошад ҳам, ба португалиҳо муяссар нашуд, ки Конгоро забт намоянд. Баъд аз ин ҷангҳои байниҳамдигарӣ барои ишғоли тахту тоҷи подшоҳии Конго давом карданд. Ҳарчанд ки соли 1695 Педрои IV дар Конго ҳокимияти шоҳро аз нав барқарор намуд, вале он танҳо намуди зоҳирӣ дошт.

Дар натиҷаи ҷангҳои байниҳамдигарӣ соли 1684 пойтахти Конго шаҳри Ибанза-Конго оташ гирифт ва сокинони оң шаҳрро тарк карданд. Соли 1703 ҳаракати халқӣ барои аз нав барқарор кардани пойтахт - шаҳри Ибанза-Конго - ҳамчун рамзи ягонагии


167. Раққосадухтар

давлати Конго оғоз мегардад. Ин ҳаракат тамоми музофотҳои Конгоро фаро гирифта, ба худ моҳияти зидди миссионериро низ пайдо мекунад. Сарварии ин ҳаракатро зане бо номи Беатрича ба ӯҳда дошт. Ашрофони Конго ва Педрои IV ба муқобили ин ҳаракат муттаҳид шуданд, то ки он ба шӯриш табдил наёбад. Соли 1706 иттифоқчиён тавонистанд, ки Беатричаро дастгир карда, дар оташ сӯзонанд. Ин ғалаба ҳокимияти марказии Конгоро мустаҳкам накард, ҳарчанд ки шоҳ ба музофотҳо лашкар кашида, иштирокчиёни шӯриш ва тарафдорони онҳоро несту нобуд кард. Педрои IV дар амал танҳо дар пойтахти мамлакат ҳокимият доштӯ халос.

**Давлати Куба.** Солҳои 30-юми асри XVIII давраи гул-гулшукуфии давлати Куба буд. Дар давраи ҳукмронии Шяама Мбул а Нгоонг васеъшавии давлати Куба, марказонидани идораи он, табдилёбии пешвои иттиҳоди қабилаҳо ба ҳокими мутлақ анҷом меёбад. Дар замони ҳукмронии ӯ дар кишоварзӣ парвариши маис, маниок ва тамоку паҳн мегардад. Парвариши найшакар, чормағзи заминӣ ва зироатҳои лубиёгӣ кишоварзиро ба соҳаи сердаромади Куба табдил медиҳад. Ин зироатҳо ба рушди васеи тиҷорат ва косибӣ мусоидат мекунанд.

Валиаҳди Шяама Мбонг а Леенг (1640-1650) забти қаламрави сукунати қабилаҳои шимолиро идома дод. Қабилаҳои пянг, бъенг ва бакет, ки дар ҷанубтари Куба сокин буданд, истило карда шуданд. Ин ҷангҳо имкон доданд, ки шоҳи Куба артиши доимии худро ташкил кунад.

Вале истилогариҳои Куба дер давом накард. Шӯришҳои қабилаҳои истилошуда оғоз гардиданд, ки онҳо дар асри XIX ҳам идома ёфтанд. Дар натиҷаи ин Куба рӯ ба таназзулниҳод. Ин давра ба пайдошавии аврупоиён дар Куба рост омад.

**Давлати Луба.** Забткориҳои Касонго Мвине Кибонза дар нимаи аввали асри XVII қаламрави Лубаро васеъ ва ҳокимияти давлатиро мустаҳкам мекунад. Баъди вафоти ӯ дар байни валиаҳ-

донаш муборизаи сулолавӣ авҷ мегирад, ки дар натиҷа аз ин давлат якчанд музофотҳо ҷудо шуда, бар зидди ҳокимияти марказӣ мубориза мебаранд.

Дар аввалҳои асри XVIII дар сарҳадҳои ҷанубии Луба рақибони пурқуввате, ба монанди Казембе ва Лози пайдо мешаванд. Ҳокими Луба Илонга Сунгу (нимаи дуюми асри XVIII) ба вилояти байни дарёи Луалабой ва кӯли Танганика якчанд лашкаркашиҳо мекунад. Писари ӯ Кумвимба Нгомбе дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX сарҳадҳои Лубаро аз шарқ ба ғарб, аз кӯли Танганика то дарёи Бушиман ва аз шимол ба ҷануб – аз дарёи Лукуга то сарҳадҳои ҳозираи Замбия васеъ мекунад.

Аз наздикии сарҳади Луба роҳи корвонгузари тиҷоратӣ байни Ангола ва Мозамбик мегузашт. Луба дар ин тиҷорат фаъолона иштирок мекард.

Дар давраи ҳукмронии Илунга Кабале Луба доимо бар зидди давлатҳои ҳамсоя меҷангид. Ҷангҳои байниҳамдигарии музофотҳо Лубаро заиф гардониданд ва он ба мулкҳои хурд-хурд тақсим шуд. Дар чунин шароит акнун сарвари давлат танҳо бо ном вуҷуд дошт.

**Давлати Лунда.** Бо ин ном якчанд давлати мустақили халқиятҳои балунда муттаҳид шуда буданд. Ин муттаҳидӣ асосан дар супоридани андоз ифода меёфт. Лунда давлати калонтарини Африқои Марказӣ буд. Дар асри XVII қабилаи балунда қабилаҳои ҷанубии музофоти ҳозираи Заира Шаби ва Замбияро зери ҳокимияти худ медарорад. Давлати нисбатан калонтарини Лунда Казембе буд.

Дар нимаи аввали асри XVIII Казембе асосан бар зидди Луба мубориза мебурд. Дар нимаи дуюми асри XVIII дар давраи ҳукмронии Казембеи III (1760-1805) ин давлат хеле тараққӣ кард. Соли 1790 Казембеи III бо португалиҳо муносибатҳои тиҷоратӣ барқарор мекунад. Солҳои 1830-1831 ба Казембе экспедитсияи португалии Монтейру ва Гомиту ташриф овард, ки дар натиҷаи он муносибатҳои тиҷоратии Португалия бо Лунда то як дараҷа васеъ шуд.

Дар нимаи аввали асри XIX баъди муборизаи тезу тунди сулолавӣ дар Лунда Муата Ямво Невеҷи II ба сари қудрат меояд. Ӯ низ монанди пешгузаштагонаш ҷангҳоро барои аз ҳисоби Боконго ва Бакете васеъ кардани қаламрави Лунда давом медиҳад.

Соли 1852 Невечи II ба Португалия сафири худро равон мекунад, то ки вай бо ин мамлакат робитаҳои тиҷоратии Лундаро барқарор ва васеъ намояд. Барои золимиаш валиаҳди Невеҷи II Чакасекене аз тахт маҳрум карда мешавад. Ба ҷои ӯ Мутебаи II ба тахт менишинад. Шоҳи нав бар зидди қабилаҳои ҳамсояи Бакете

ва таба якчанд маротиба лашкар кашид. Аз миёнаҳои асри XIX сар карда, ба қаламрави Лунда қабилаҳои ҳамсоя ҳуҷум мекунанд. Чунин вазъият давлати як вақтҳо пурзӯри Лундаро заиф гардонида, аз тарафи аврупоиён забт карда шудани онро осон мекунад.

***Ҳуҷҷат***
***Соҳили Тиллоӣ***
***Аз куллиёти баҳрнаварди фаронсавӣ Риналдо Демарше***
***(ӯ солҳои 1724- 1726 дар рафти саёҳати худ***
***соҳилҳои Гвинеяро тадқиқ намудааст).***

*Дарозии ин соҳилро аз ғарб ба шарқ тахминан 130 мил муайян кардаанд.*

*Занғиёни Коммендо, Фету ва димоғаи Корс сокинони Мина (Элмина)-ро аз тилло ва бештар аз маҳсулоти ғизоие, ки дар он ҷо истеъмол карда мешавад, таъмин мекунанд.*

*Ғайр аз тиллои ношустае, ки занғиҳо аз дарёю ҷӯйҳои худ заршӯӣ карда мегиранд, маълум аст, ки якчанд лье (1 лье баробар аст ба 5,555 километр) дар шимол ва шимолу ғарбӣ конҳои тилло мавҷуданд. Онҳоро бо ҳамон мақсадҳое истифода мебаранд, ки дар конҳои Бамбука ва Тамбаураи шоҳии Галам истифода бурда мешаванд...*

*Дар ҳар як деҳкада майдони барои бозор муайяншуда мавҷуд аст. Одатан он дар мобайни деҳа воқеъ гардидааст. Ҳар як маҳсулот қатори махсуси худро дорад. Нархҳо муқаррар карда шудаанд.*

*Дар ин бозорҳо қарзро тамоман намедонанд. Дар ин ҷо ҳама чизро тавассути тилло нақд мехаранд.*

*Шоҳони мамлакат аз он чӣ ки дар ин бозорҳо фурӯхта мешаванд, ягон хел андоз намеситонанд; онҳо ин андозро аз бозорҳои калоне мерӯёнанд, ки дар як сол ду маротиба доир мегарданд ва ба ярмаркаҳои мо ниҳоят монанданд...*

*Дар байни ин халқҳо заргарони моҳире ҳастанд, ки тиллоро барои истифода тайёр карда, аз он маснуоти ниҳоят нозук месозанд. Дар ин ҷо устоҳои қаиқсоз дар кори худ моҳиранд.*

*Шоҳии Фету дар Соҳили Тиллоӣ бегуфтугӯ, аз ҳама пурӯнқтидортарин аст...*

***Аксим**. Ин мамлакат ниҳоят ҳосилхез мебошад. Ман мушоҳида кардам, ки замини Аксим серравған ва сурхчатоб аст...*

*...Ғайр аз ин мамлакат аз ҳад зиёд найшакар ва умуман ҳар гуна меваҷот парвариш мекунад...*

*Ширкати ҳоландӣ дар ин мамлакат нуфузи калон дорад. Он ба ҳамаи қарордодҳои сиёсӣ таъсир мерасонад; вай аз рӯи табъи дили худ ба амалиётҳои ҳарбӣ роҳбарӣ мекунад...барои худ нархи арзони ғуломони онҷоиро таъмин менамояд.*

*Соли 1768 дар Аксим нархи сиёҳпӯстон тавассути мол барои як мард 14 унсия ва барои занҳои зебо 2 унсия буд...*

*Дар димоғаи Корс ғарбтари Аномабу - бозори асосии ғуломфурӯшии ширкати англисӣ воқеъ аст. Ба ин ҷо ҳамеша 15-20 киштӣ меоянд, ки ба онҳо ҳамаи молҳои дохилиафриқоиро бор мекунанд...*

*Аз моҳи май то июли соли 1787 капитан Бонами аз Нант ва Амоку 400 ғуломро бо нархи 10 унсия барои мард ва 9 унсия барои зан харид. Худи ҳамон сол, аз моҳи июл то октябр киштии «Пасифик» аз Сен-Мало 550 ғуломро бо 400 унсияи хокаи тиллоӣ ва 10 ҳазор фунт бо дандонҳои ашкии фил харидорӣ намуд.*

*Молҳои барои хариду фурӯши ғуломон марҷон, борут, газвор, рӯймолҳои рахҳои сурхдор, баъзе маснуоти абрешимӣ, газворҳои ҳиндӣ, арақ, тамокуи бразилӣ, чубуққои зебо, чатр ва ғайра фоиданоктарин мебошанд.*

**Савол ва супоришҳо:** 1. Давлатҳои Африқои Ғарбиро номбар кунед. 2. Дар бораи давлатҳои Сегу ва Каарта маълумот диҳед. 3. Дар бораи қабилаҳои Фулбҳо ва ҳокими онҳо Иброҳим Сори чиро медонед? 4. Шаҳр-давлатҳои Ойоро номбар кунед? 5. Дар бораи ҳаракати исломӣ дар Масина ва роҳбари он Ҳамиду Лоббо нақл кунед. Ин шӯриш ба чӣ муваффақ шуд? 6. Шӯриши фулбҳо дар зери роҳбарии Усмон дан-Фодио чӣ тавр ба амал омад? 7. Дар бораи ҷараёни тиҷалия ва роҳбари он Умар ал Хоҷа чӣ маълумот доред? 8. Мустамликазабткунии аврупоиён дар Африқои Ғарбӣ чӣ тавр сурат гирифт? 9. Кадом давлатҳо дар ҳавзаи дарёи Конго ҷойгир шудаанд? 10. Дар бораи давлатҳои Куба, Луба, Лунда чиҳоро медонед? 11. Португалия ба давлатҳои ҳавзаи дарёи Конго чӣ тавр сар даровард? 12. Оид ба давлатҳои Африқои Ғарбӣ ва ҳавзаи дарёи Конгои асри XVII ва нимаи аввали асри XIX хулоса бароред.

## §49. ДАВЛАТҲОИ АФРИҚОИ ШАРҚӢ ВА ҶАНУБУ ШАРҚӢ

### Давлатҳои Африқои Шарқӣ

**Мубориза бар зидди истилогарони португалӣ.** Дар асри XVII Португалия ҳукмронии худро дар соҳилҳои Африқои Шарқӣ нигоҳ медошт. Халқҳои ин минтақа нисбат ба португалиҳо назари душманона дошта, борҳо шӯриш бардоштаанд. Масалан, аҳолии шаҳр-давлатҳои Пате солҳои 1637, 1660, 1678, 1686 ва 1687 паиҳам шӯриш бардошта буданд. Соли 1646 шӯришҳои сокинони ҷазираи Пемба ва шаҳрҳои дигари соҳил ба амал меоянд. Аксар вақт ба шӯришчиён султонҳои Умон дасти ёрӣ дароз мекарданд. Соли 1699 амалиёти якҷояи шӯришчиён ва лашкари Умон имкон дод, ки португалиҳо аз Момбаса, Пемба, Килва ва ҷазираҳои Занзибар пеш карда шаванд. Солҳои 1721-1728 флоти Португалия ин шаҳрҳоро аз нав забт мекунад. Вале португалиҳо дар Африқои Шарқӣ

ҳукмронии худро аз даст доданд ва бо ҳамин ҳокимияти 200-солаи онҳо дар Африқои Шарқӣ хотима ёфт.

Баъд аз пеш кардани португалиҳо дар байни шаҳр-давлатҳои соҳил мубориза оғоз мешавад. Соли 1741 ҳокими Момбаса Али Мазрӯй худро мустақил эълон кард. Лашкари Момбаса гарнизони Умонро торумор карда, Пембаро ба даст медарорад. Пемба бошад, тобеияти худро ба Момбаса эътироф кард. Вале истиқлолияти Момбаса дуру дароз давом накард. Соли 1810 ӯро Ламу шикаст медиҳад.

**Давлати Занзибар.** Ҳокими Умон Саид Саид (1804-1856) пойтахти худро аз Маскат (Умон) ба Занзибар мекӯчонад. Ҳамон сол Момбасаро забт карда, ӯ ташкилёбии султонии Занзибарро эълон мекунад. Ин давлат ҳамаи шаҳрҳои соҳилҳои Африқои Шарқиро муттаҳид кард. Дере нагузашта шаҳри Занзибар ба маркази калонтарини тиҷоратии тамоми Африқои Шарқӣ табдил меёбад. Шаҳрҳои Пангани ва Танга дар тиҷорати дохилии Африқои Шарқӣ бандарҳои асосӣ буданд. Онҳо роҳҳои тиҷоратро бо Уганда, Руанда, Бурунда ва вилоятҳои шарқии Конго мепайвастанд.

Дар баробари Мозамбик Занзибар ба маркази калонтарини ғуломфурӯшӣ табдил меёбад. Баъзан даромад аз фурӯши ғуломон қариб нисфи зиёди даромади султонро ташкил медод.

Султон Саид Саид соли 1856 вафот карда, ба ҷои ӯ ба тахти султонии Занзибар писараш Маҷид менишинад.

Соли 1859 бародари Маҷид Саид Баргаш тавассути исён ба ҳокимият соҳиб мешавад. Вале Маҷид бо ёрии артиши Англия аз нав ба ҳокимияти Занзибар соҳиб шуда, Саид Баргашро ба Ҳиндустон бадарға мекунад. Барои дар Занзибар мустаҳкам кардани мавқеи худ Англия султони Умонро маҷбур мекунад, ки истиқлолияти Занзибарро эътироф намояд.

**Давлатҳои аз соҳил дуртари Африқои Шарқӣ.** Яке аз давлатҳои ин минтақаи Африқои Шарқӣ Қатар буд. Қатар дар охирҳои асри XVI заиф шуда, мулкҳои зиёди худро аз даст медиҳад. Дар ин минтақа мақоми Буганда, ки аз Қатар ҷудо шуда буд, торафт баланд мешавад. Буганда заминҳои худро васеъ мекунад. Дар охирҳои асри XVII ҳокимияти Буганда дар соҳилҳои кӯли Виктория – то шаршараи Рипон паҳн гардида буд. Баъди забти Бусога сарҳадҳои ин давлат то ба кӯли Къого тӯл кашид. Дар замони шоҳ Ҷунҷу Буганда заминҳои Будуроро низ забт мекунад. Буганда дар миёнаҳои асри XVIII ба авҷи тараққиёти сиёсӣ ва иқтисодии худ мерасад.

Аз охирҳои асри XVIII сар карда, Буганда бар ивази устухони оҷ ва ғуломон аз хориҷа молҳои гуногун, аз он ҷумла силоҳи оташфишон мехарид. Ин иқдом имконият дод, ки шоҳ Сунаи II артиши худро аз нав хуб мусаллаҳ карда, марзҳои давлатиро васеъ намояд. Валиаҳди Суна Мутеса (1850-1884) шумораи артиш ва флотро хеле зиёд кард. Он аз 150 ҳазор нафар аскару афсар ва 300 киштӣ иборат буд. Сарҳадҳои Буганда аз кӯли Кьога дар шимол, то дарёи Кагер дар ҷануб, дар ғарб сарҳадҳои он то кӯли Алберт ва дар шарқ то кӯҳҳои Элгон васеъ карда шуданд.

Буганда давлати калонтарини Африқои Шарқӣ ба ҳисоб мерафт. Он ба 24 округ (саза) тақсим шуда буд. Ҳар округро ноиб (басаза) роҳбарӣ мекард. Ӯ ҳуқуқ дошт, ки аз аҳолии маҳаллӣ андоз гундошта, як қисми онро ба хазинаи шоҳ ва қисми дигарашро дар ихтиёри худ нигоҳ дорад. Ҳокимияти олӣ меросӣ буд.

Давлатҳои калонтарини ба Буганда ҳамсоя Бунъоро (Китараи Калон), Ангола ва Торо буданд. Ангола ва Торо ба Буганда тобеъ буданд ва ба он андоз медоданд.

**Давлатҳои Руанда ва Бурундӣ.** Дар асрҳои XVII-XIX дар ҷануби минтақаи байни кӯлҳо давлатҳои Руанда ва Бурундӣ ташаккул ёфтанд. Дар оғози асри XVII дар Руанда сулолаи хукмрони Хондого иваз шуд. Ба сари ҳокимият сулолаи нав -Ҳинда омад.

Дар тӯли асри XVII истилогарони хориҷӣ қабилаи хуторо, ки дар вилоятҳои марказии Руанда сокин буданд, ба худ тобеъ мекунанд. Баъд аз ин Ҳинда ба васеъ кардани қаламрави давлати худ оғоз мекунад ва то миёнаҳои асри XVIII дар шимолу шарқ давлатҳои Ндова, Гиссакан ва Бугесерaро ва дар охири асри XVIII як қатор давлатҳои шимолу ғарбро ба даст дароварда, бо Руанда муттаҳид мекунад. Дар ин давра дар Руанда ташкилёбии низоми



168. Манзараи ҷамъоварии ҳосил.

каставӣ ба анҷом мерасад ва он ба мутлақияти марказонидашуда табдил меёбад. Чунин раванд дар Бурундӣ низ ба амал меояд. Батутси дар Руанда ва Баганва дар Бурундӣ авлоди нилотҳои истилогар буда, дар ин ҷо ба феодалҳои калон табдил ёфта буданд. Дар ҷомеаи Бурундӣ деҳқонон, ки пайдоиши бантугӣ доштанд, аз нилотҳо пасттар меистоданд. Пигмейҳо дар зинаи пасттарини иҷтимоии ҷомеа қарор доштанд.

Роҳбарии давлатҳои Руанда ва Бурундӣ меросӣ - қавмӣ буд. Ҳоким дар Руанда имкониятҳои номаҳдуд дошт. Мвамии ин давлат вазифаҳои сарвари давлат, сарфармондеҳи артиш, суди олӣ ва роҳбари диниро дар ихтиёри худ дошт. Дар Бурундӣ ҳокимияти мвами тавассути коҳини олӣ маҳдуд карда шуда буд.

Дар Руанда мақоми давлатии маслиҳатӣ – шӯро вуҷуд дошт, ки он аз феодалҳои калон иборат буд. Мамлакат ба округҳо тақсим мешуд. Онҳоро шахсони аз тарафи мвами таъинкарда идора мекарданд. Ба ҳайати идораи округ «доҳӣ»-и заминҳо, яъне андозғундор, сарвари ҳарбӣ ва «соҳиби пода», ки чарогоҳҳоро тақсим мекард, дохил буданд.

Бурундӣ бошад, мутамарказ набуд. Он ба округҳои зироатпарварӣ, чорводорӣ ва ҳарбӣ тақсим карда шуда буд. Округҳои ҳарбӣ ба артиши давлатӣ аскар медоданд.

**Танганьика.** Дар нимаи аввали асри XIX дар қаламрави Танзанияи ҳозира иттифоқҳои ҳарбию давлатии қабилаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла дар кӯҳҳои Усамбара иттиҳоди давлатии халқиятҳои Шамбала ба вуҷуд меояд. Роҳбари он Кимвери (1820-1869) буд, ки ӯро бо унвони «симб» ва «муэне», яъне «шери осмон» ном мебурданд. Соли 1837 ӯ бо султони Занзибар Саид Саид дар бораи дастгирии намояндагони қисмати шимолии соҳил созишнома мебандад. Кимвери инчунин ба тоҷирони араб иҷозат дод, ки роҳи корвони Пангани –Моширо истифода баранд. Барои ин онҳо ба Шамбала боҷи муайян месупориданд.

Давлати Шамбала қаламрави калонро аз дарёи Умба- дар шимол то дарёи Пангани -дар ҷануб ва дар шарқ то соҳилҳои уқёнуси Ҳинд дар бар мегирифт. Ҳокимияти шоҳи Шамбала тавассути шӯрое, ки ба он нахуствазир, сарфармондеҳи артиш ва горди шахсии шоҳ дохил буданд, маҳдуд карда буд.

Дар ғарбии Танганьика дар натиҷаи ба Ванъямбези муттаҳид шудани як қатор қабилаҳо бо сардории Мирамбо иттифоқи ҳарбие ташкил меёбад. Масоҳати он аз кӯли Виктория, дар шимол то кӯли Танганьика ва дар ҷануб то Рукваро дар бар мегирифт. Сарвари ин иттифоқ Мирамбо муддати дуру дароз алайҳи ғулом-

фурӯшони араб мубориза мебурд. Соли 1871 ӯ қалъаи онҳоро дар Табор ба даст медарорад. Задухӯрд дар байни қӯшунҳои Мирамбо ва арабҳо бо ин ба охир нарасид.

Халқияти вахехе низ иттиҳоди давлатии худро ташкил дод. Он бо сардори Муюгумба дар ғарбтари Килва ташкил меёбад.

**Давлатҳои ҷанубу шарқии Африқо.** Ҳанӯз дар асри XVI Португалиҳо қад-қади дарёи Замбезӣ ҷойгир шуда, дӯконҳою корвонсаройҳои худро дар Сена, Тете, Келимане ва Софале сохта буданд. Онҳо дар қаламрави давлати Мономотапа дӯконҳою корвонсаройҳои Масанеро низ бунёд карданд. Португалиҳо ба ҳукумати Мономотапа боҷи тиҷоратӣ медоданд. Ҷангҳои байнихамдигарии дохилӣ дар ин мамлакат қариб беист давом мекарданд. Бинобар ин иқтидори ҳарбии Мономотапа заиф шуда буд. Аз ин рӯ, шоҳи Мономотапа маҷбур шуд, ки соли 1607 аз португалиҳо ёрӣ пурсад. Барои ин ёрӣ португалиҳо ҳамаи конҳои тилло, нуқра, оҳан ва қурғошими Мономотапаро ба даст дароварданд.

Дар асри XVII португалиҳо сиёсати истилогаронаи худро дар ин минтақаи Африқо давом доданд. Солҳои 1632-1652 онҳо ҳокими Мавуруро ба худ тобеъ карданд. Соли 1668 пешвои қабилаи розви Шангамира қисмати шимоли Мономотапаро ишғол мекунад. Дар ин ҷо ӯ соли 1693 дӯконҳою корвонсаройҳои португалиҳоро ба даст медарорад. Аз Мономотапа португалиҳо ба Сена ва Тете фирор карданд. Шангамира дар ҷойҳои ишғолкардаи худ иттиҳоди давлатии пурзӯреро ташкил кард, ки он то оғози асри XIX вуҷуд дошт.

Дар шимолтари дарёи Занбези давлати Малави ташкил ёфт. Ин давлат нисбат ба португалиҳо муносибати душманона дошт. Дар асри XVII халқи малави қаламрави давлати худро қад-қади дарёи Замбези ба масофаи 250 км ба шимол васеъ мекунад. Ин давлат солҳои 30-юми асри XIX аз байн меравад.

**Мадагаскар.** Аз охирҳои асри XVIII ба Мадагаскар Англия ва Фаронса сар медароранд. Дар ин вақт муттаҳидшавии қабилаҳои малгаш ва давлатҳои хурд-хурд оғоз ёфта буд. Дар нимаи дуюми асри XVII дар ғарбии Мадагаскар федератсияи қабилаҳои сакалава ба вуҷуд меояд. Давлати Имерин, ки дар қисмати марказии ҷазира дар миёнаҳои ин аср ба вуҷуд омада буд, дар нимаи дуюми асри XVIII ҳолати парокандагиро аз сар мегузаронид. Аз нав барқарор шудани давлати марказонидашуда дар маркази ҷазира бо номи Андриенампуинимерина (1784-1810) алоқаманд аст. Дар натиҷаи лашкаркашиҳои музаффарона ба ӯ муяссар шуд, ки сарҳадҳои давлати худро аз ҳисоби қаламрави

сукунати як қатор қабилаҳои шимолӣ, шарқӣ ва ҷанубии ҷазира васеъ кунад. Ӯ федератсияи давлатҳои Сакалаваро низ ба давлати худ ҳамроҳ мекунад.

Валиаҳди Андриенампуинимерина – Радами I хост, ки аз зиддиятҳои Англия ва Фаронса истифода барад. Ба Радами I муяссар шуд, ки аз Англия ёрии ҳарбӣ гирифта, ба муқобили қабилаҳои дар зери таъсири Фаронса буда мубориза барад ва онҳоро ба худ тобеъ кунад. Тавассути силоҳҳои оташфишон Радами I Таматаверо забт намуда, роҳи ба баҳр баромаданро кушод. Радами I шӯриши Сакалаваро шикаст дода, онҳоро аз базаҳои шимол ва маркази соҳилҳои шарқӣ пеш мекунад. Соли 1825 ӯ Дофинро, ки он дар ҷануби ҷазира истеҳкоми асосии фаронсавиҳо буд, ишғол мекунад. Баъди вафоти Радами I ба ҷои ӯ ҳамсараш –Ранавалона менишинад. Ӯ ҷидду ҷаҳди зиёд кард, ки таъсири англисҳоро дар ҷазира суст намояд. Вай нисбат ба Фаронса низ мавқеи оштинопазир дошт.

Фаронса барои ишғол кардани бандари Тамативе ва пойгоҳҳои ҳарбии собиқи худ ба ин ҷо экспедитсияи ҳарбӣ ташкил мекунад. Лекин он шикаст мехӯрад. Ранавалона ба королҳои Англия ва Фаронса номаи шахсии худро ирсол намуда, таъкид карда буд, ки ин давлатҳо бояд бо Мадагаскар танҳо муносибатҳои тиҷоратӣ дошта бошанд. Вале баъд аз ин ҳам Англия ва Фаронса ба корҳои дохилии Мадагаскар дахолат мекарданд. Экспедитсияҳои ҳарбии сершумори Англия ва Фаронса чандин бор аз тарафи лашкари Ранавалона торумор карда шуданд.

Соли 1857 фаронсавиҳо ба муқобили Ранавалона сӯиқасд ташкил карданӣ мешаванд, то ки ба ҷои ӯ шоҳзода Ракотаро, ки тарбияи фаронсавӣ гирифта буд, ба сари қудрат биёранд. Вале аз нақшаи сӯиқасд бохабар шуда, Ранавалона тамоми амволи фаронсавиҳоро мусодира намуда, онҳоро аз ҷазира пеш кард.

Соли 1861 Ранавалона вафот мекунад ва ба ҷои ӯ Ракота бо унвони Радами II ба тахти шоҳии Мадагаскар менишинад. Ӯ дарҳои мамлакатро барои хориҷиён кушода, барои Фаронса шароити беҳтаринро фароҳам меоварад. Хиёнаткориҳои Радами II халқро ба шӯриш бархезонд. Шӯришгарон шоҳ ва наздикони ӯро ба қатл расонданд. Ба ҷои ӯ занаш Разохерина (1863-1868) шоҳмаликаи Мадагаскар интихоб мешавад. Ӯ ҳамаи созишномаҳои бо давлатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла бо Англия ва Фаронса бастаи Радами II-ро бекор ва робитаҳои дипломатии Мадагаскарро бо Фаронса қатъ мекунад.

***Ҳуҷҷат***

***Аз муроҷиатномаи маликаи Мадагаскар Ранавалона ба ҳамаи аврупоён, англисҳо ва фаронсавиҳо (26.02.1835)***

*...Ман инчунин ба шумо, аврупоён хабар мерасонам, ки дар мамлакати ман зиндагӣ карда, шумо метавонед ба ҳамаи урфу одатҳои динии ниёгонатон содиқ бошед; ин корро шумо натарсида иҷро карда метавонед, чунки ман бар зидди урфу одатҳои ниёгонатон, ё ки ба урфу одатҳои шахсии шумо сӯиқасд намекунам.*

*...Ва ғайр аз ин, ман ба шумо возеҳу равшан изҳор менамоям, ки маро аз ҳад зиёд фикре ба нафрат меоварад, ки халқи ман бояд урфу одатҳои ниёгони худро тағйир диҳад; ман наметавонам ба тағйири он чӣ ки ниёгонамон муқаррар намудаанд, иҷозат диҳам; мақсадҳои шумо чӣ хеле ки набошанд, ман ба несту нобуд шудани урфу одатҳои ниёгони худ роҳ дода наметавонам.*

*Аз ин рӯ, нисбати урфу одатҳои динии шумо, онҳо хоҳ таҷаддуди Масеҳ бошад, хоҳ одати ғусли таъмид, ман эълон менамоям, ки ҳамаи ин расму таомулро раияти мамлакати ман иҷро намекунад; нисбати шумо, аврупоён бошад, бояд гӯям, ки онҳоро мувофиқи урфу одатҳои худ иҷро кардан гиред. Шиносоӣ бо илм ва санъат гапи дигар аст, донистани онҳо барои раияти ман нафъовар мебошад. Барои ҳамин ба онҳо илм ва санъатро омӯзонидан гиред...*

**Савол ва супоришҳо:** **1**. Мардуми соҳилҳои Африқои Шарқӣ бар зидди португалиҳо чӣ тавр мубориза мебурданд? **2**. Муборизаи шаҳр-давлатҳои соҳили шарқии Африқоро шарҳ диҳед. **3**. Дар бораи ташаккулёбии давлати пурқуввати Занзибар маълумот диҳед. **4**. Англия чӣ тавр ба Занзибар сар медарорад? **5**. Қаламрави давлати Буганда чӣ тавр васеъ мешавад? **6**. Давлатҳои Руанда ва Бурундӣ чӣ тавр идора карда мешуданд? **7**. Саид Саид кӣ буд? **8**. Португалиҳо ба ҷанубу шарқии Африқо кай сар даровarда буданд? **9**. Давлати Малавӣ кай ташкил ёфт? **10**. Дар Мадагаскар муттаҳидшавии қабилаҳо ва давлатҳои хурд чӣ тавр сурат мегирад? **11**. Хизмати Андриенампуинимерина ва писари ӯ Радами I-ро дар мубориза бар зидди сиёсати истилогаронаи Англия ва Фаронса дар Мадагаскар муайян кунед. **12**. Ранавалона бар зидди дахолати Англия ва Фаронса ба корҳои дохилии Мадагаскар ва истилогариҳои онҳо чӣ тавр мубориза мебурд? **13**. Чаро халқи Мадагаскар бар зидди Ракота (Радами II) шӯриш бардошта, ӯро қатл карданд? **14**. Оид ба мавзӯъ хулосаи ҷамъбастии худро баён кунед.

# САНАҲОИ МУҲИМ

1492. Сафари Христофор Колумб ба Ғарб.
1494. Тақсимоти мустамликавии нимкураи Ғарбӣ.
1502. Сафари Америго Веспуччи ба Ғарб.
1519. Лашкаркашии Кортес ба Мексика.
1526-1761. Солҳои мавҷудияти империяи Муғулҳои Бузург.
1529. Тақсимоти мустамликавии нимкураи Шарқӣ.
1532-1535. Лашкаркашии Писарро ба Перу.
1566-1609. Инқилоби буржуазии Нидерландия.
1599. Оғози ҳукмронии сулолаи Ҷониён.
1600. Дар Ҷопон ба сари қудрат омадани хонадони Токугава.
1640-1649. Инқилоби буржуазии Англия.
1644-1911. Солҳои ҳукмронии сулолаи манҷурӣ дар Чин.
1700-1721. Ҷанги Русия ва Шветсия.
1703. Оғози бунёд карда шудани шаҳри Санкт-Петербург.
1709. Муҳорибаи Полтава.
1719. Аз тарафи Даниел Дефо таълиф карда шудани «Робинзон Крузо».
1726. Аз тарафи Ҷонатан Свифт таълиф карда шудани «Саёҳати Гулливер».
1730. Шӯриши Патрон Халил дар Туркия.
1761. Ғалабаи ширкати англисии Ост-Индия бар Фаронса.
1776. Эълон карда шудани истиқлолияти ИМА.
1784. Ҳаракатдиҳандаи дарунсӯзро ихтиро кардани Ҷ. Уатт.
1787. Қабул карда шудани Конститутсияи ИМА.
1789. Президенти ИМА интихоб шудани Ҷорҷ Вашингтон.
1789. Оғози инқилоби буржуазии Фаронса.
1791. Инқилоби ғуломон дар Гаити.
1792-1793. Ислоҳоти «Низоми ҷадид» дар Туркия.
1799. Табаддулоти Наполеон дар Фаронса.
1804. Худро император Фаронса эълон кардани Наполеон.
1805. Шӯриши яничарҳо дар Истамбул.
1806-1812. Ҷанги Русия ва Туркия.
1812. Ҳуҷуми Наполеон ба Русия.
1814-1815. Конгресси байналхалқии Вена.
1814. Қатораи аввалинро сохтани Ҷорҷ Стефесон.

**1819.** Соҳибистиқлол эълон карда шудани Венесуэла.
**1821.** Соҳибистиқлол эълон карда шудани Мексика.
**1822.** Аз Португалия ҷудо шудани Бразилия.
**1821-1823.** Ҷанги Эрон ва Туркия.
**1825.** Таъсиси ҷумҳурии соҳибистиқлоли Боливия.
**1825.** Шӯриши декабристон дар Петербург.
**1825.** Сохта шудани роҳи оҳани Лондон-Манчестер.
**1826.** Ба амал омадани бӯҳрони аввалини иқтисодӣ.
**1827.** Оғози Алҷазоирро забт кардани Фаронса.
**1829.** Ба Мадагаскар омадани артиши Фаронса.
**1828-1829.** Ҷанги Русия ва Туркия.
**1831-1853.** Ислоҳоти Маҳмуди II дар Туркия.
**1836-1848.** Ҳаракати чартистон дар Англия.
**1839-1841.** Ҷанги якуми Англия бар зидди Афғонистон.
**1839.** Оғози татбиқи ислоҳоти танзим дар Туркия.
**1848-1849.** Инқилобҳои буржуазӣ дар Фаронса, Олмон, Австрия, Италия.
**1848-1852.** Шӯриши Бобиён дар Эрон.
**1849.** Анҷоми Ҳиндустонро забт кардани Англия.
**1853-1856.** Ҷанги Қрим дар байни Русия ва Туркия.
**1854.** Баста шудани шартномаи Эрон ва ИМА.
**1856-1857.** Ҷанги Эрон ва Англия.
**1856-1859.** Шӯриши сипоҳиён дар Ҳиндустон.
**1860.** Ба Ҳабашистон таҷовузи ҳарбӣ ташкил намудани Фаронса.

Мукаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .3

## ФАС
## МАМЛАКАТҲОИ АВРУП... Р АСРИ XV-НИМАИ АВВАЛИ АС...

**БОБИ I. Пойдор шудани сохти сармоядорӣ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .5
§1. Пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .—
§2-3. Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .11
§4. Оқибатҳои кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . .20
§5-6. Инқилоби буржуазии Нидерландия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .25
§7. Инқилоби буржуазии Англия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .34
§8-9.Ташкилёбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико . . . . . . . . . . . . . . . . . .44
§10. Ғалабаи инқилоби буржуазии Фаронса . . . . . . . . . . . . . . . . . . .58
§11. Бархӯрдҳои шадиди неруҳои инқилобии Фаронса ва хатари беруна . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .68
§12. Фаронса дар аҳди Бонапарт Наполеон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .79
§13-14. Русия дар аҳди Пётри I . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .89
§15-17. Русия дар чоряки аввали асри XIX . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .97
§18. Тараққиёти сармоядорӣ ва оқибатҳои он дар давлатҳои Аврупо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .118
§19-20. Ҳаракати сотсиалистӣ ва коммунистӣ . . . . . . . . . . . . . . . . .130
§21-22. Ташкилёбии давлатҳои соҳибистиқлол дар Америкаи Лотинӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .138
§23-24. Америкаи Лотинӣ баъд аз ҷанги истиқлолиятхоҳӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .148

**БОБИ II. Инқилобҳои бурж... ҳои 1848-1849 дар мамлака...ҳои Аврупо** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .163
§25. Инқ...оби буржуазии соли ...48 дар Фаронса . . . . . . . . . . . . .—
§26-27. Инқ...оби буржуазии сол...ои 18...-1849 дар Олмо... ...толиё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .169
§28. Инқилоби буржуазии солҳои 1...8-1849 дар империяи Австрия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .177

**БОБИ III. Маданияти Аврупо ва Америкаи Шимолӣ** . . . . . . . . . . . . . . . . .184
§29. Маданияти Аврупо ва Америкаи Шимолӣ дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .—

## МАМЛ[illegible] АФРИҚО ДАР АСРИ
## [illegible]ЛИ АСРИ XIX


**БОБИ IV. Мамлакатҳои Осиё** ........ 196

§30. Чин ........ —

§31. Корея ........ 205

§32. Мугулистон ........ 211

§33. Ҷопон ........ 219

§34. Ветнам ........ 227

§35. Бирма ........ 233

§36. Индонезия ........ 238

§37-38. Ҳиндустон ........ 245

§39. Афгонистон ........ 255

§40. Эрон ........ 261

§41. Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ........ 271

§42-43. Туркия ........ 279

**Боби V. Мамлакатҳои Араби Осиё ва Африқо** ........ 290

§44-45. Мамлакатҳои Араб ........ —

**Боби VI. Мамлакатҳои Африқо** ........ 300

§46. Ҳабашистон ........ —

§47-48. Давлатҳои Африқои Ғарбӣ ва ҳавзаи дарёи Конго ........ 305

§49. Давлатҳои Африқои Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ ........ 315

Санаҳои муҳим ........ 322


1725


1764


1784


1736-1748


1854


1848-1849


1703


1851-1864


1861


1757


1757-1759


1795


1813


1747


1808


1833


1851


1889


МАТБУОТ